Маркази омӯзиш, таҳқиқ, тарҷума ва нашри адабиёти ҷаҳон

СИЛСИЛАИ “ШОҲКОРИҲОИ АДАБИЁТИ ҶАҲОН”

Орҳан ПАМУК

НОМИ МАН СУРХ АСТ

Тарҷумаи
Муҳаммадшариф Рустамзода

Душанбе
«Ирфон»
2017

ББК 84. 5 (Туркия 2)
УДК 894. 35
П – 22

Муҳаррири масъул

Шодӣ Шокирзода

Памук, Орҳан. **Номи ман Сурх аст.** Тарҷумаи Муҳаммадшариф Рустамзода. -Душанбе: «Ирфон», 2017, 616 саҳ.

Орҳан Памук нависандаи маъруфи Туркия, барандаи чандин ҷоизаҳои миллӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла, Ҷоизаи адабии Нобел дар соли 2006 мебошад. Романи «Номи ман Сурх аст» яке аз асарҳои машҳури ӯ ба ҳисоб рафта, аз давраи гулгулшукуфӣ ва таназзули ҳунари рассомии Туркияи усмонӣ дар охири асри XVI нақл мекунад ва бисёр рӯйдодҳои таърихию сиёсӣ ва ҳунарии Эрон, Афғонистон ва Осиёи Марказиро низ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, барои хонандаи тоҷик хеле завқбахш аст.

ISBN 978- 99975- 0- 681- 8

$$П\frac{0401000000}{М501(12)}-2017$$

© М. Рустамзода

ШАРҚУ ҒАРБ АЗ ОНИ ХУДОСТ

ё муҳтавои як асари башардӯстона

Нависандаи маъруфи турк ва ҷаҳон Орҳан Памук соли 1952 дар шаҳри Истанбул таваллуд шуда, баъди хатми мактаби миёнаи усули амрикоӣ бо нишондоди падараш, ки муҳандис буд, ба факултаи меъмории Донишгоҳи техникӣ дохил шуда, онро ба охир нарасонда, ба факултаи журналистӣ дохил шуда, онро бомуваффақият хатм намуд ва ба корҳои адабиву рӯзноманигорӣ пардохт. Аммо муҳим он аст, ки аз кӯдакӣ ба ҳунари рассомӣ шавқ дошта, ҳашт сол расмкашӣ ҳам кардааст ва то имрӯз меҳри расму наққошӣ аз дилаш нарафтааст. Омӯзиши беш аз чилсолаи ин ҳунар ӯро ба навиштани романи «Номи ман Сурх аст» ҳидоят намуд ва он ба нависанда шуҳрати ҷаҳонӣ овард ва яке аз аввалинҳо шуда дар байни адибони Туркия соҳиби Ҷоизаи адабии Нобел гардид.

Нахуст, бояд гуфт, ки овардани се оят аз Қуръони карим ҳамчун эпиграф дар романи Орҳан Памук «Номи ман Сурх аст» бесабаб нест. Дар мавриди эпиграфи аввал – *«Ва (ёд кунед) он вақтро, ки шахсеро куштед; пас дар вай низоъ кардед»,* метавон гуфт, ки сюжети асар дар атрофи ҳодисаи кушта шудани яке аз чор нафар наққоши моҳир давр мезанад ва барои муайян кардани қотил аз усули дар байни наққошон машҳури пайи даст истифода мебаранд. Аммо ин кор танҳо ба нафаре имконпазир аст, ки эҳсоси биноӣ дорад, ҳадафи эпиграфи дуюм – *«Ва оҷизу бино баробар нестанд»* аз ин бармеояд. Дар мавриди ҳадафи эпиграфи сеюм – «*Машриқу мағриб аз они Худост*» васеътар бояд истода гузашт. Мақсади асосии

асар, ки тасвири алоқамандӣ, фарқият, наздикӣ ва ҳамбастагии фарҳангу маданияти Шарқу Ғарб дар мисоли ҳунарҳои хаттотӣ ва рассомӣ мебошад, дар ин маънӣ ифода ёфтааст. Аммо вақте ки ҳам усулҳои шарқӣ ва ҳам ғарбии рассомӣ дар натиҷаи таҳоҷуми унсурҳои иртиҷои ҷомеаи охири асри XVI дар Туркия аз байн мераванд, хулосаи муҳим бармеояд, ки ҳарчанд шарқ Шарқ мемонад ва ғарб Ғарб, дар асл онҳо назди Худо баробаранд.

Воқеаҳои роман дар чанд рӯзи башумор, байни қаҳрамони на он қадар зиёд дар шаҳри бузурги ҳам шарқию ҳам ғарбии Истанбул ба вуқуъ мепайвандад. Аслан макони баргузории рӯйдодҳои тамоми асарҳои Орҳан Памук Истанбул аст. Ин шаҳр зодгоҳи ӯст, бо неку бадаш аз ӯст. Маҳз ба ин сабаб адабиётшиносони намоёни Ғарб Памукро яке аз воқеанигорони асосии ин шаҳри пурмоҷарову аҷиб шуморидаанд. Роман ба масъалаи хеле муҳим – ташаккул ва инқирози ҳунари рассомӣ бахшида шудааст. Чаро нависандаи маъруфи турк ба ин мавзӯъ таваҷҷуҳ зоҳир кард? Нахуст, ин таваҷҷуҳи ӯ ба ҳунари рассомӣ ба даврони бачагӣ ва наврасиаш бармегардад, баъдан, мавзӯи мазкур – бархӯрдҳои ҷаҳонбинии шарқиву ғарбӣ яке аз масъалаҳои калидии баҳсбарангези донишмандону адибони Туркия, кишваре, ки дар байни Осиёву Аврупо ҷой гирифтааст, буд ва мебошад.

Ногуфта намонад, ки ҳарчанд солҳои охир таваҷҷуҳи адибони тоҷик ба яке аз хусусиёти барҷастаи насри куҳан, аз ҷумла, услуби дилнишини китобиву шифоҳии ҳикоят андар ҳикоят кам гаштааст, ин услуб дар асарҳои баъзе адибони турк чун Орҳан Памук ва Элиф Шафақ («Чил қоидаи муҳаббат») барҷаста ба назар мерасад. Аз ҷумла дар «Номи ман Сурх аст» ҳар боб аз номи яке аз қаҳрамонҳо бо махсусиятҳои рӯҳию равонӣ, забониву

услубии онҳо омадааст. Теъдоди қаҳрамонҳо кам буда, нақл монанди «Чор дарвеш» муъҷаз ва дилчасп аст. Ҳис мешавад, ки муаллиф аз достонҳои шифоҳию китобии мардуми Шарқ чун «Ҳазору як шаб», «Чор дарвеш», «Синбоднома», «Калила ва Димна» хуб бархурдор буда, баъзе махсусиятҳои онҳоро бо услубу тарзи нав ба хонанда пешкаш намудаанд.

Нахуст махсусиятҳои забонии асар қобили таъкид аст. Нависанда аз калимаву ибора ва мазмунҳои тоҷикӣ зиёд истифода мебарад, ифодаҳои ширини тоҷикӣ забону услуби асарро хушоҳанг гардондаанд. Аз ҷумла, наққошхона, хаёл, азоб, ҷонҳавлак, хазинадор, китобдор, дафтардор, ҷаҳонпаноҳ, олампаноҳ, пурдиққат, чора, бечора, сархуш, парешон, падар, ҳунарнома, марҳабо, чӯрӣ, чӯроб, ёрӣ, асрорангез, ҳайрон, ҷайб, киса, давот, анҷир, бодом, ханҷар, пештахта, шамъдон, буғча, испанох, ҷомашӯй, сандуқ, наҳр, канор, тарафдор, ҳавуч, мурдор, обдаст, дард, шоҳзода, корхона, сарпӯш, шиканҷа, ҳанӯз, ҷаллод, дарҳол, андеша, заргар, фурсат, ҳила, фитна, фасод, азбар, тарафдор, ҷоноҷон, ҷавонмард, мерос ва даҳҳои дигар. Махсусияти дигари асар аз он иборат аст, ки дар он лаҳзаҳои таъсирбахшу ҳаяҷоновар хеле зиёданд ва онҳо бо лафзу суханҳои обдори тоҷикӣ тасвир шудаанд. Вақте дар мактуби муҳаббатомези қаҳрамон ҳаяҷони дили ошиқ тасвир мешавад, ба он беихтиёр ҷумлаи тоҷикӣ ворид мегардад: «Агар як бори дигар туро медидам»-и ба форсӣ навишташуда ӯро хеле хушҳол гардонд». Ин бесабаб нест. Нависандаи аз санъату ҳунари Шарқ бохабар медонад, ки вақте сухан дар бораи шеъру ҳунар, санъат, хаттотию наққошӣ меравад, ручӯъ ба ифодаи тоҷикӣ, иқтибос аз шоирони форсигӯ ногузир аст. Ин аст, ки ошиқ дар ҷойи аз ҳама пурэҳсоси мактубаш аз шеъри

шоири тоҷик ёрмандӣ мехоҳад: «Чеҳраи ту саъди барин аст маро», –гуфта шеъри шоирро мехонд Ҳасан».

Қиссаи ишқи Хусрав ва Ширин, чӣ тавр расми Хусравро дар шохи дарахт дида, ба ӯ ошиқ шудани Ширин аз саҳифаҳои шавқовар, дилнишини роман маҳсуб меёбанд. Ҳангоми тасвири ҳаяҷономези аз тарафи писараш Шерӯя кушта шудани Хусрав нависанда аз достони шоири бузурги тоҷик Низомии Ганҷавӣ мадад ҷуста, илова мекунад, ки даҳони Шерӯя ин лаҳза чун даҳони шер бӯйи хун мекард ва мазмуни ин мисраъҳоро меорад: «*Фуруд омад зи равзан девчеҳре, Набуда дар сиришташ ҳеч меҳре, Чу қассоб аз газаб хунинишоне, Чу наффот аз бурут оташфишоне*».[1]

Дар саҳифаҳои китоб наққошӣ бо шеър пайвандӣ дорад. Расмҳои наққошони пешин мазмуни ашъори шоиронро ифода мекардааст. Аз ин рӯ, ба қавли донандаи ин ҳунар Эниште рассом то асарро нахонад, ба маънии он сарфаҳм наравад, расми зебо ва дилнишин кашида наметавонад. Мегӯяд: «Ба ҳоли он рассомоне механдидам, ки асарҳои Низомиро нахонда, ба он расм кашиданро ба зимма мегиранд; чунончи, лаҳзае, ки чӣ тавр Хусрав дар зери нури маҳтоб дар ҳавз оббозӣ кардани Ширинро тамошо мекунад. Дар натиҷа чӣ ҳосил шудааст? Аспҳо ва либоси ошиқон ба рангҳои сохта кашида шудаанд. Илова кардам, ки рассом агар ба асаре, ки ба он расм мекашад, ҳавас надошта бошад, ҳатто онро бо диққат нахондааст, маълум мешавад, ки танҳо барои пул қалам ба даст гирифтааст».

Бале, рассомӣ нахуст чун як намуди ороиши китоб ба вуҷуд омад, сипас ба он тасвири мазмуни достонҳои эпикӣ илова гашт. Қайд мешавад, ки вақте чашми хонанда аз мутолиаи китоб монда мешавад, ба наққошӣ

---

[1] *Низомии Ганҷавӣ. «Хамса». – Душанбе: «Адиб», 2012, с.423.*

рӯй меорад, расм оромии тану рӯҳ аст. Далели дигар ҳам аҷиб аст: «То даврони муғул дар Табрез, Бағдоду Ҳирот наққошӣ ба он услубе, ки баъдтар бо номи услуби ҳиротӣ машҳур гашт, набуд, вақте ки лашкари Ҳалокухони муғул Бағдодро сӯзонду китобҳояшро ба оташ ва ба дарё рехт, ба андозае, ки ранги кабуди дарё аз хуни сиёҳқалам сиёҳ гашт, хаттоти машҳури замон Ибни Шокир ҳамаи ин даҳшатро аз болои манора ба мушоҳида гирифт ва ба тасвир кашид, баъд поён шуду роҳеро, ки аз он тараф муғулҳо омада буданд, пеш гирифт; аз Самарқанду Бухорову мамлакати чиниҳо услуби расмкашии онҳоро омӯхт ва ба услуби рассомии ҳиротӣ асос гузошт».

Ҳамин тавр, таъсирпазирӣ, истифодаи усулҳои гуногун дар санъату ҳунар, умуман, дар кору зиндагӣ яке аз ғояҳои асосии асар ба ҳисоб меравад. Агар Расул Ғамзатов бисёрзабониро ба осмони пурситораи зебо монанд кунад, қаҳрамонони Орҳан Памук бар онанд, ки ҳунар аз баҳамоии усулҳои гуногун зебо, пурнур мегардад. Аз ин рӯ, қавли Эниште дуруст аст, ки: «Ҳеч чизи бутун дар ин дунё вуҷуд надорад. Вақте ки дар наққошхонае аз дидани наққошие чашмонат гирён мешаванд, соатҳо болои он рост истода мемонӣ, ба хулоса меоӣ, ки дар ҳақиқат расм рамзи зебоист. Асрори ин шоҳкорҳо аз он иборат аст, ки наққошҳо дар кашидани онҳо аз усулу сабкҳои гуногун истифода мебаранд, аммо ҳеч гоҳ онҳоро паҳлуи ҳам гузошта, дар муқоиса истифода намебурданд. Аз сабки Беҳзод ва соири наққошиҳои Аҷам сар карда, то ин наққошиҳои чинӣ ва муғулиро ба ҳам муқоиса намоӣ, мефаҳмӣ, ки чаро наққошиҳои давраи шоҳ Таҳмосп аз дигарҳо фарқ мекунад? Дар ин давра ҳассосият ва зарофати наққошиҳои туркман ба зебоии наққошиҳои Аҷам изофа шуд. Медонӣ, чаро овозаҳои наққошхонаи дарбори Акбаршоҳ аз Ҳиндустон ба ин ҷо расид? Зеро ошкоро

наққошҳоро ташвиқ мекунад, ки усулҳои фарангиро ҳам истифода баранд. Шарқ ва Ғарбро Худованд халқ кардааст. Худовандо, худат моро аз шарри ононе, ки дар алоҳидагӣ зиндагӣ кардан мехоҳанд, ҳифз намо!».

Дар илми санъатшиносии тоҷик баъзе масъалаҳое ҳастанд, ки то имрӯз пурра шарҳу баён наёфтаанд, аз ҷумла, дар бораи рассоми бузурги тоҷик, асосгузори услуби ҳиротии рассомӣ Камолиддин Беҳзод асарҳои гуногуни илмӣ ва бадеӣ ба вуҷуд омада бошанд ҳам, кофӣ нестанд, аз ин рӯ, далелҳое, ки дар асари нависандаи турк омадаанд, муфид ва аҷоиб менамоянд. Оид ба сабаби дар Истанбул ҷамъ омадани аксари намунаҳои олии ҳунари хаттотию рассомӣ, аз ҷумла «Шоҳнома»-и бузургтарин бо дусаду панҷоҳу нуҳ расми аҷиб, таърихи сӯзане, ки бо он Беҳзод худро нобино кардааст, нақлҳои ҷолиб оварда шудаанд: «Устоди устодон Беҳзоди бузургвор ҳаштод сол пеш, баъди он ки Ҳирот аз даст рафт, фаҳмид, ки бепаноҳ монд, барои он ки ӯро ба кашидани расме ба усули дигар маҷбур накунанд, бо ин сӯзан худро мардона кӯр кард. Баъди он ки ӯ аввал ба як чашм, баъд ба чашми дигараш ин сӯзанро халид, Худованд ба бандаи дӯстдоштаи худ, наққоши мониқалам торикии муҳташамро бахшид. Беҳзоди акнун оҷиз сӯзанро аз Ҳирот ба Табрез овард, баъд онро шоҳ Таҳмосп ба падари подшоҳи мо ҳамроҳи «Шоҳнома»-и афсонавӣ туҳфа кард».

Дар мавриди муносибати Туркия бо мамолики Аврупо баъзе печидагиҳое ҳастанд, ки то имрӯз кушода нашудаанд. Масъалае, ки ба он қаҳрамонони асар зиракона таваҷҷуҳ намудаанд, аз ҷумлаи он аст: «Агар Эниште-афандӣ китобашро ба охир мерасонд ва онро ба Рум мефиристод, рассомони он ҷо ва қайсар ба расмҳои мо механдиданд, ҳамааш ҳамин. Усмониҳо акнун усмонӣ будан намехоҳанд, гуфта фикр мекарданд ва аз мо наметарсиданд…».

Ҳарчанд наққошони куҳан дар расмҳо имзо намегузоштанд, аз рӯйи нуқси беихтиёр содир кардаашон шахсияташон муайян карда мешавад. Ҳамчуноне ки зани бесаводе бо номи Эстер аз рӯйи сохти ҳарфҳо, шакл, бӯйи коғаз, қиёфаи хонандаи мактуб дар он чӣ навишта шуданашро муайян мекард. Бо ин роҳ, ки усули надима ном дорад, қотил фош карда шуд. Дар бораи изи гузоштаи қотил, ки ин ҷо бинии буридаи асп аст, сарнаққош устод Усмон мегӯяд: «Буридани бинии асп, барои он ки нафаскашиаш осон шавад ва зиёд давад, анъанаи қадими муғулист. Аспҳои ҷанговарони Ҳалокухон, ки тамоми мамолики Араб, Аҷам ва Чинро ишғол карданд, чунин буданд. Вақте ки урдуи онҳо ба Бағдод ворид шуда, ҳамаро кушт, шаҳрро ғорат кард, китобҳоро ба дарё партофт, Ибни Шокир, ки хаттоти номӣ буд, баъд наққош ҳам шуд, гурехт, аммо чун ҳама на ба ҷануб, балки ба шимол – ба тарафе, ки аз он ҷо муғулҳои ваҳшӣ омада буданд, рафт. Дар он замон дар китобҳо наққошӣ намекарданд, зеро Қуръони азимушшаън кашидани расми одамон, ҳайвонотро манъ кардааст ва наққош эътиборе дар ҷомеа надошт». Вобаста ба ин дар зеҳни хонанда суоле ба миён омаданаш мумкин аст, ки агар дар «Номи ман Сурх аст» тасодуфан имзо гузошта намешуд, оё мо бо ин усули надима метавонистем муаллифро муайян созем? Пеш аз ҳама аломатҳо, нишонаҳои асосии асарҳои Памукро пеши назар меорем, ки аз истифодаи рангу зебоӣ ва фалсафаи зиндагӣ иборат аст, чунончи, унвони тамоми асарҳояш дорои ибораҳои сифатӣ, ягон намуд ранг мебошанд: «Номи ман Сурх аст», «Қалъаи сафед», «Ба рангҳои дигар», «Китоби сиёҳ», «Ҳаёти нав», «Хонаи торик»…, бо ин роҳ метавон муаллиф муайян карда шавад.

Ҳамин тавр, баромади ҳунари рассомӣ, ҳатто ранги сурх аз Чин дониста шудааст: «Дар бораи он гап задем,

ки агар муғулҳо асрори ранги сурхро аз чиниҳо наомӯхта, ба Хуросон, Бухорову Ҳирот намеовардand, мо дар Истанбул ҳеч хабаре аз он надоштем ва ҳоло ҳунари наққошиамон тамоман дигар буд». Аммо ба андешаи мо, он, ки ҳунари рассомиву хаттотӣ, ранги сурх ба Осиёи Марказӣ бо ҳуҷуми муғулҳо ворид гаштааст, дуруст нест, зеро дар Вароруд ин ҳунар барвақт маълум буд. Агар ҳуҷуми муғулҳо асри XII ба вуқӯъ пайваста бошад, ҳанӯз дар асрҳои V-VI деворнигораҳои Самарқанд, Панҷакент, Ҳулбук мувофиқ ба достонҳои «Шоҳнома», афсонаи тухми тиллоӣ ва ғайра ба вуҷуд омада буданд, ки дар онҳо чеҳраи одамон ба чиниҳо монанд кашида шудааст. Аз ин мебарояд, ки алоқаи мо бо Чин барвақт шурӯъ шудааст ё сарҳадҳои Суғд то худи Чин мерасид.

Тасвири психологӣ яке аз хусусиятҳои барҷастаи асар ба ҳисоб меравад. Ҳангоми тасвири ҷаҳони ботинии қаҳрамонҳо хислатҳои фарқкунандаи инсон, андешаҳои омӯзанда, ифодаҳои ҷолиб баён мешаванд. Аз зеҳни қотил мегузад: «Ба ҳар ҳол, ба қотил будан одат кардан душвор. Дар хона нишаста наметавонам, ба кӯча мебароям, дар як ҷо истода наметавонам, саргардон мегардам, ба чеҳраи инсонҳо менигарам, мебинам, ки бисёрашон чун ҳанӯз фурсати ҷиноят содир кардан надоранд, худро бегуноҳ меҳисобанд. Бовар кардан душвор аст, ки ба хотири як чизи хурд, нобарории кор аксарияти ин одамон худро аз ман хушаҳлоқ ва беҳтар меҳисобанд. Аз он ки то ҳол ҷиноят содир накардаанд, чеҳраашон аблаҳона аст ва аз ин сабаб, онҳо чун ҳамаи аблаҳон боодоб менамоянд. Чор рӯзе, ки баъди куштани он аҳмақ дар кӯчаҳои Истанбул мегардам, басанда буд, ки бифаҳмам: ҳар касе, ки дар чашмҳояш шароараи ақл барқ мезанад ва дар чеҳрааш ғами дарунӣ соя андохтааст, қотил аст. Танҳо аблаҳон бегуноҳанд». Ин сатрҳо андешаҳои ботинии қаҳрамони достонҳои «Ҷиноят ва

ҷазо», «Бародарон Карамазовҳо»-и Ф. Достоевскийро ба хотир меоранд. Орҳан Памук дар яке аз китобҳояш – «Ба рангҳои дигар» ба асарҳои ин нависандаи рус таваҷҷуҳи зиёд доштанашро баён кардааст. Дар мавриди дигар қотил ба хулосаи муҳим меояд: «Нобиноӣ ин олами шодист, ки дар он барои шайтон ва гуноҳ ҷой нест».

Романи «Номи ман Сурх аст» – ин шоҳкори бузурги ҷаҳон ба бисёр забонҳо тарҷума шудааст. Мо ин асарро аз забони русӣ (Орхан Памук. «Имя мне – Красный».– Санкт-Петербург: «Азбука», 2014) тарҷума намуда, пасон, бо матни аслии китоб ба забони туркӣ (Orhan Pamuk. «Benim Adım Kırmızı».- Istanbul: "YKY", 2013) ва тарҷума ба забони форсӣ (Урҳон Помук. «Номи ман Сурх». – Теҳрон: «Чашма», 1388, аз туркӣ тарҷумаи Айнуллоҳ Ғариб) муқоиса намудем. Аз ҷумла, дар бораи баргардони форсии асар метавон гуфт, ки ҳарчанд он ба таври озод тарҷума шуда, хонданбобу равону шевост, дар ин кор ба зиёдаравӣ роҳ дода, ихтисораҳои зиёд ва баъзе иштибоҳҳо мазмун ва мақсади асарро коста гардондаанд, то андозае, ки аз ду нафар писарбача якеаш духтар унвон шудааст.

Бо камоли эҳтиром ба дӯсти азизам донишманди пухтакор, номзади илми филология Шодӣ Шокирзода барои маслиҳату машваратҳои судмандаш дар таҳриру такмили китоби мазкур изҳори ташаккур менамоям. Боварӣ дорем, ки мутолиаи романи маъруфи Орҳан Памук «Номи ман Сурх аст» дар ниҳоди хонанда ҳисси ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, санъатдӯстӣ, маърифатпарвариро бедор мекунад.

Муҳаммадшариф РУСТАМЗОДА

Ба Рӯъё[2]

«Ва (ёд кунед) он вақтро, ки шахсеро куштед; пас дар вай низоъ кардед».
Қуръони карим, сураи «Бақара», ояи 72.

«Ва оҷизу бино баробар нестанд».
Қуръони карим, сураи «Фотир», ояи 19.

«Машриқу мағриб аз они Худост».
Қуръони карим, сураи «Бақара», ояи 115.

1. Мақтуле ҳастам ман

Ҳоло ман мурдае ҳастам, мурдае дар зери чоҳ. Хеле вақт гузашт, ки нафас намекашам, қалбам аз таппиш монда, аммо аз ин касе хабар надорад, ғайр аз қотили пастфитрат. Барои он ки ба мурданам бовар кунад, нафаскашиамро гӯш дод, набзамро санҷид, баъд, ба гурдаам як мушт фаровард, сари чоҳ кашондам ва партофт ба қаър. Сари бе ин ҳам аз зарби санг кафидаам дар қаъри чоҳ тиккаву пора гашт, аз рухсору ҷабин чизе намонд, устухонҳо шикастанд, даҳонам лахти хун.

Чор рӯз боз хона нарафтаам. Зану фарзандонам мекобанд. Духтарчаам аз гиря оби чашмонаш хушк шуда, ба дарича менигарад; ҳамаашон чашм ба роҳ.

Аммо нигарон набошанд-чӣ? Фаромӯш карда бошанд? Инаш бад. Одам танҳо баъди ба ин ҷо афтидан

[2] *Рӯъё* – номи духтари муаллиф.

гумон мекунад, ки дар дунёи гузашта ҳама чиз чун пешина идома дорад. Пеш аз таваллудамон як замони беинтиҳо мавҷуд буд. Баъди мурданамон ҳам ин замон беохир идома меёбад. Вақти барҳаёт буданам чунин фикрҳо ҳеч ба хотирам намерасид, дар рӯшноии байни ду торикӣ зиндагӣ мекардаму бас.

Як зиндагии хуб доштам, акнун инро медонам, ки хушбахт будам: дар наққошхонаи[3] подшоҳамон аз ман тазҳибгари беҳтар набуд, аз иҷрои корҳои берун низ моҳе то нуҳсад акча[4] даромад мегирифтам. Чунин имкониятҳо дошта бошию мурӣ, аламовар нест?!

Корам танҳо аз наққошию тазҳибгарӣ иборат буд: ҷадвалкашию сохтани чорчӯбаҳои зарандуд дар ҳошияи саҳифаҳо, дар дохили онҳо кашидани шоху барг, гулу себаргаҳо, парандаҳо, ба усули чинӣ кашидани абрҳои парешон, гулу буттаҳои рангин ва ғизолони дар он пинҳон, ошёну айвон, қасри подшоҳон, дарахтон, аспҳо ва сайёдон… Замоне табақ, чумча, чорчӯбаи оина, сарпӯши сандуқ, сақфи ял[5] ва саробӯстонҳои соҳили халичро[6] низ оро медодам… Солҳои охир асосан ба ороиши саҳифаҳои китоб машғул будам, зеро подшоҳамон барои китобҳои наққошӣ пули нағз медод. Гуфта наметавонам, ки бо марг дучор шуда, фаҳмидам, ки пул дар зиндагӣ аҳамият надорад. Мурда ҳам қадри пулро медонад.

Медонам, гап заданам барои шумо як муъҷиза аст; фикратонро ҳам дарк мекунам: мон, таърифи

---

[3] *Наққошхона* – дар асли туркӣ низ наққошхона.

[4] *Акча* –сиккаи нуқра, воҳиди пули майдаи даврони Туркияи усмонӣ.

[5] *Ял* –қаср, саробӯстон дар соҳили баҳр, ки дорои бандари хусусӣ аст.

[6] *Халиҷ* - ин ҷо ва минбаъд халиҷи Шохи зарин дар назар дошта шудааст, ки баҳрҳои Сиёҳ, Мармар ва Миёназаминро ба ҳам мепайвандад, дар канораш шаҳри Истанбул ҷойгир аст.

пулдориатро! Ба мо дар бораи он ҷой гап зан. Баъди марг чӣ мешавад, рӯҳат дар куҷост, ҷаннат ва дӯзах чӣ гунаанд, дар он ҷо чиро дидӣ? Мурдан чӣ маънӣ дорад? Саволҳоятон дуруст. Медонам, барои одамон донистани асрори ин ҷо аҷиб аст. Дар бораи як нафар, ки аз фарти кунҷковӣ дар майдони ҷанг мегашт, ҳикояте шунидаам… Вай захмиеро мечустааст, ки баъди мурдан зинда гаштааст, то аз ӯ асрори он дунёро пурсад. Вақте ки яке аз аскарони роҳгузари Темур он бечораро душман ҳисобида, бо шамшер ду ним мекунад, ба хулосае меояд, ки дар он дунё одамро ду пора мекардаанд.

Ҳеч гоҳ! Баръакс, ҳатто гуфта метавонам, ки ин ҷо тақсимшудаҳоро якҷо мекунанд. Бар хилофи иддаои кофирон, зиндиқиён, роҳкумкардагон олами дигар, шукр, ҳаст. Далел? Гап заданам гувоҳ нест? Мурдам, аммо, нопадид нашудам. Ҳарчанд, мутаассифона, дар ин ҷо, ҳамон тавре ки дар Қуръони карим, сураи «Воқеа» омада, қасрҳои зарину нуқрагини биҳишт, дарахтони сарсабзи баргҳояшон калон-калону меваҳояшон арғувонӣ, ҳурони ҳамеша бокираи шаҳлочашм, бару дӯшашон зеборо надидам; аммо дар зеҳнам сару сурати он ҳурони шаҳлочашм, ки худам борҳо дар манзараҳои тахайюлии биҳишт кашидаам, ҳаст. Ҳамчунин, чор наҳри машҳури равонро бо шир, шароб, оби ширин, асал, ки дар Қуръони карим набошад ҳам, дар навиштаҳои Ибни Арабӣ[7] барин хаёлпарастон зикраш рафта, надидам. Аммо намехоҳам, ононеро, ки дар бораи он дунё хаёлҳои ширин ба сар доранд, ба шакку шубҳа водорам, ҳамаи ин натиҷаи ҳолати рӯҳии бо ман рӯйдода аст. Ҳар муъмини комил, ки дар бораи зиндагии пас аз марг тасаввуроте дорад, медонад, ки барои рӯҳи саргардоне чун рӯҳи ман

[7] *Ибни Арабӣ* (1165–1240) – шоир ва файласуфи араб.

хушиҳои биҳиштро ёдовар шудан душвор аст, зеро аслан дар биҳишт қарор надорам.

Хулласи калом, аз байни рассомони машҳур ва устодони номӣ ман, ки Зариф-афандӣ ном дорам, мурдам, аммо ба хок супурда нашудам. Ба ин сабаб рӯҳам ҷисмамро тарк накардааст. Барои ба ҷойи аслӣ – ҷаннат ё дӯзах ворид шудани рӯҳ вайро зарур аст, ки нахуст аз ҷисми фонӣ раҳо ёбад. Ин ҳолати истисноӣ, ки бо дигарон ҳам рӯй доданаш мумкин аст, рӯҳамро ба азият мондааст. На, кафидани косаи сар, пӯсидани тани озурдаамро, ки нима дар сардоб мондааст, дар назар надорам, аммо эҳсос менамоям, ки чӣ тавр рӯҳам дар талоши бесамари баромадан аз тани ба лоша табдилёфта азоб мекашад. Гӯё тамоми олам ба ман фишор меорад, то дар ягон гӯшаи танам ҷой бигирад.

Ин фишорро танҳо бо ҳиссиёти ҳайратоваре, ки дар лаҳзаи ғайриодии марг аз сар гузарондам, метавон муқоиса кард. Вақте он разил ногоҳон бо санге сарамро кафонд, нияташро зуд дарк кардам: маро куштанист. Аммо бовар надоштам, ки амалӣ гардонда метавонад. Маълум мешавад, ки одами бисёр хаёлпараст бошам ҳам, ғайр аз беҳбудии рӯзгор, рафтуомади муқаррарии байни наққошхонаву хона дар бораи чунин иттифоқе фикр накардаам. Аз домани рӯзғор бо дандону нохун медоштам. Чӣ зарбаҳо хӯрдам, дардҳо кашидам, бо нақли инҳо шуморо маъюс намегардонам.

Вақте ки бо ҳасрат пай бурдам мемирам, маро ҳисси ғайриодии фароғат фаро гирифт. Бо ин ҳиссиёти фароғат ба олами дигар гузаштам, чунин ҳолат вақти хоббинӣ рӯй медиҳад. Охирин чизе, ки ба чашмам афтод, пойафзоли чиркини қотили разил буд. Баъд чашмонамро пӯшидам ва орому сабук аз сарҳади зиндагию марг гузаштам.

Аз он шикоят надорам, ки дандонҳои шикастаам чун нахӯди бирён даҳони пурхунамро пур карданд, рухсораам

тамоман дигар шудааст ва танам зери чоҳ аст, балки рӯҳи нооромамро он чиз азоб[8] медиҳад, ки наздиконам маро то ҳол зинда мешуморанд, баъзеашон хаёл[9] мекунанд, ки дар ягон гӯшаи Истанбул ба корҳои беҳуда машғулам, ҳатто бо зани дигаре алоқа пайдо кардаам. Кош, ҷасадамро зуд меёфтанд, ҷаноза мекарданд, ба хок месупурданд. Аз ҳама асосиаш қотилро пайдо кунанд. Медонед, агар ӯро наёбанд, дар оромгоҳи баобрӯ гӯронанд ҳам, мурдаам дар қабр ором намегирад, бо бетоқатиам шуморо ба дод меорам. Ёбед, саги ҳаромзодаро, он вақт дар бораи чизҳое, ки дар олами дигар дидам, нақл мекунам. Аммо қотилро, ки ёфтед, сахт шиканҷа кунедаш, ҳашт адад устухони қафаси синаашро паиҳам шиканед, баъд, мӯйҳои равғанолуди чиркинашро бо пӯсти сараш қабза-қабза биканед, бигзор, доду фиғонаш ба осмон печад.

Қотили разил, ки он қадар нафраташ дорам, кист? Чаро маро кушт? Инро муайян кунед. Мегӯед, ки дар олам бадкору палид зиёд аст, чӣ фарқ дорад, ки кадомаш туро кушта? Агар масъаларо ин тавр мегузоред, шуморо огоҳ мекунам: Дар паси ин куштор ба дин, анъана, ҷаҳонбинии мо таҳдиди хатарнок истодааст. Чашматонро калон кушоед ва ба дарки ин бирасед: душманони ислом, урфу одатҳои писандидаамон, ки маро куштанд, рӯзе бо ин ҳадафҳои разилашон шуморо ҳам мекушанд. Пешгӯиҳои воизи бузурги эрзурумӣ Нусрат Хоҷа рӯй дода истодаанд, ҳарфҳои ӯро ман гириста-гириста гӯш кардаам. Боз чӣ гӯям? Замоне дар бораи чизҳое, ки бо мо рӯй медиҳанд, ҳикояе нависанд, ягон наққош ба он расм кашида наметавонад. Чуноне ки дар саҳифаҳои Қуръони карим (маро дуруст фаҳмед), наметавон расм кашид,

[8] *Азоб* – дар асли туркӣ низ азоб.
[9] *Хаёл* – дар асли туркӣ низ хаёл.

қувваи бузурги ин китоби раббонӣ дар ҳамин аст. Маро фаҳмидед? Ба гумон.

Дар даврони наврасӣ ман ба овои ҳақиқат, ки гӯё аз паси парда меомад, гӯш намедодам, метарсидаму бас, натиҷааш чӣ шуд? Дар қаъри ин чоҳи матрук хобидаам. Ба сари ҳар кас ин рӯз омаданаш мумкин, чашматонро калон кушоед. Акнун чӣ чора? Фақат нигоҳ карда нишастан, ки ба гандидан медарояму маро аз бӯйи бад меёбанд. Ҳамчунин, бисёр орзу дорам, ки ягон одами нек қотили разилро меёбад ва ба шиканҷа гирифтор мекунадаш.

2. Номи ман Кара[10] аст

Ба Истанбул, зодгоҳам баъди дувоздаҳ сол баргашта, худро чун дар хобу хаёл эҳсос кардам. Фавтидагонро хок мекашад, маро – марг. Нахуст дар шаҳр дар зеҳнам фақат фикри марг буд, баъд ишқ ҷояшро гирифт. Аммо ишқ лаҳзаи ба Истанбул ворид шуданам чизи дуру дастнорас буд. Дувоздаҳ сол пеш дар Истанбул ба духтарчаи холаам ошиқ шуда будам.

Баъди тарки Истанбул, фақат баъди чор соли дар дашту саҳрои беканор, кӯҳҳои пурбарф ва шаҳрҳои андӯҳовари кишвари Аҷам[11] мактуб кашонда, андоз ҷамъ карда гаштан оҳиста-оҳиста чеҳраи духтари дӯстдоштаи дар Истанбул гузоштаамро фаромӯш кардам. Ба талвоса афтода, барои ба ёд овардан бисёр кӯшиш кардам, аммо фаҳмидам, ки ҳар қадар дӯст дорӣ, муддати зиёд набинӣ, чеҳрааш оҳиста-оҳиста аз ёдат меравад. Дар соли шашуми дар Шарқ дар хизмати котибӣ ва раҳнамоии пошоҳо гаштан акнун медонистам, чеҳрае, ки дар хаёлам

---

[10] *Кара* –сиёҳ, дар туркӣ бештар сиёҳро сиёҳ мегӯянд.

[11] *Аҷам* –ин ҷо ва минбаъд мамолики ғайриараби Шарқ, аз ҷумла Эрон, Афғонистон ва Осиёи Марказӣ дар назар дошта шудааст.

мекашам, ба рухсори дӯстдоштаи истанбулиам монанд нест. Чеҳраеро, ки дар соли шашум дар хотирам дигаргун гашта буд, вақте ки дар соли ҳаштум ба ёд ованданӣ шудам, тамоман симои дигар пеши назарам ҳувайдо гашт. Инак, баъди дувоздаҳ сол, дар сию шашсолагӣ ба шаҳри худ баргашта, бо алам дарк кардам, ки чеҳраи дӯстдоштаамро кайҳо фаромӯш кардаам.

Дар ин дувоздаҳ сол бисёр хешовандон ва дӯсту шиносҳои маҳаллагиам аз дунё гузаштаанд. Оромгоҳи назди халичро зиёрат кардам, ба рӯҳи поки модар ва амаконам, ки дар набуданам аз дунё гузаштаанд, дуо хондам. Хоки нам тазйиқовар аст; касе дар канори қабри модарам зарферо шикастааст, барои чӣ бошад, ба пораҳои он нигариста, домани гиряро сар додам. Намедонистам, ки барои чӣ гиря дорам: барои мурдаҳо ё худам, ки баъди ин қадар сарсониҳо зиндагӣ аз сар мегирам, ё барои ба охир расидани зиндагиам. Барфи нарм ба боридан сар кард. Бархостам ва ба роҳ даромадам, ба зарраҳои парешони барф нигариста, дар бораи чун парвози онҳо тасодуфӣ будани зиндагиам фикркунон ба охири оромгоҳ расидам ва дар торикӣ саги сиёҳе аз пешам баромад.

Оби чашм ва биниамро пок кардам. Саги сиёҳ дӯстона дум ликонд, аз мазор баромадам. Баъди хеле вақт ба маҳаллаамон рафта, хонаеро, ки дар он замоне яке аз хешовандони падарам мезист, ба иҷора гирифтам. Ба қавли соҳибхоназан ба писараш, ки дар ҷанги сафавиён кушта шудааст, монанд будаам. Рӯбучини хона, хӯрокпазиро ба зимма гирифт.

Ба Истанбул не, балки гӯё ба шаҳри дури арабӣ омадаам, аз ин рӯ, барои шиносоӣ ба кӯчаҳо баромада, оҳиста-оҳиста хеле гаштам. Магар кӯчаҳо танг шудаанд ё ба назарам чунин аст? Дар баъзе кӯчаҳо аз ду тараф хонаҳо чунон ҳамдигарро ба оғӯш гирифтаанд, ки барои

ба аспони пурбор роҳ додан ба дару деворҳо мечаспам. Сарватмандон зиёд шудаанд ё ба назарам чунин менамояд? Аз пешам аробаи бошукӯҳе баромад, ки назирашро дар Арабу Аҷам надидаам: монанди қалъаи оҳанӣ, ҳафт-ҳашт аспи пурқувват ва танӯманд мекашидаш. Дар Чамбарлитош ба Мурғбозор даромадам. Мисли солҳои пеш бӯйи бад ҳама ҷоро фаро гирифтааст, чун ҳамеша чанд гадои ҷулҳундипӯши беҳаё ба девор такя дода, роҳгузарони содаро мепоянд. Якеашон, ки кӯр буд, бо косахонаи чашми холӣ ба барф нигариста, барои чӣ бошад, механдид.

Агар мешунидам, ки Истанбул фақиру хурд, аммо хушрӯзгор гаштааст, шояд бовар намекардам, аммо ҳоло, ки бо чашмонам дидам, ҷойи шакку шубҳа нест. Рафтам суроғи хонаамон. Хонаи азизи мо, чун пешина, замоне ки маҳалларо тарк кардам, дар иҳотаи дарахтони кочу булут буд. Аммо вақте бо таппиши дил дарро кӯфтам, одами бегонае дарро кушод, гуфт, ки соҳибони хона кайҳо рафтаанд. Модари духтари дӯстдоштаам, холаам аз дунё гузаштааст, язнаам, Эниште[12] бо духтараш аз ин ҷо кӯчидааст, соҳибхонаи аз дили ман бехабар дарро ба рӯям боз карда, фалокатҳои ба сари оилаамон омадаро якояк нақл кард. Кадом бадбахтиҳо, номбар кардан шарт набудагист, фақат гуфта метавонам, ки шӯшаҳои баробари ангушт дар шохҳои булут ва боғи куҳнае, ки дар рӯзҳои гарми тобистон дар оғӯши гулу сабза ва нури офтоб мемонд, акнун беназорат ва зери кӯрпаи барф буда, беихтиёр манзараи маргро ёдрас мекард.

Воқеан, аз сари хешонам чиҳо гузаштанашро қисман аз мактуби дар роҳи Табрез навиштаи язнаам медонам. Ӯ дар номааш маро ба Истанбул даъват мекард, барои китобе, ки ба подшоҳамон тайёр мекардааст, ёрӣ мехост.

---

[12] *Эниште* – дар забони туркӣ, язна, шавҳари хоҳар, хола, амма.

Дар Табрез барои сарватмандони турк (пошоҳои усмонӣ), валиҳо ва хоҳишмандони дигари истанбулӣ китоб омода карданам ба гӯши язна расидааст. Рост, чунин корҳо аз дастам меояд. Аз харидорони турк пешакӣ маблағро гирифта, дар Табрез рассом ва хаттотони фақирро, ки аз ҷанг ва фишори сарбозони усмонӣ ба танг омада, имкони ба Қазвин ва дигар шаҳрҳои Аҷам гурехтан надоштанд, пайдо мекардам; ба онҳо, ки аз бепулӣ ва паст шудани қадри ҳунарашон ба ҷон расидаанд, навиштан ва наққошию муқовабандӣ кардани китобҳоро супориш дода, баъд, китоби тайёркардаашонро ба Истанбул мефиристодам. Рости гап, агар язнаам дар вақташ меҳри наққошӣ ва китобҳои зеборо дар дилам ҷой намекард, ҳеч гоҳ ба чунин корҳо даст намезадам.

Дар охири кӯчае, ки замоне язнаам зиндагӣ мекард, сартарошхонае буд – бо ҳамон оина, ришгирак, кӯза, порчаи собун. Усто ҳамон. Маро шинохтанаш ба гумон. Бо дидани кӯзаи оби гарм барои шустани сар, ки дар шифти хона бо занҷир кашол буд ва чун пешина монанди ақрабаки соат алвонҷ мехӯрд, хандаам омад.

Баъзе маҳаллаву кӯчаҳо, ки дар бачагӣ бозигоҳамон буданд, дар ин дувоздаҳ сол ба харобазору партовгоҳ табдил ёфтаанд; дар ҷойҳое, ки хонаҳо меистоданд, акнун хокистартӯда боқӣ мондааст, агар хоҳед, ки ба сагони дайду ё ба ягон девонаи бадхӯ рӯбарӯ нашавед, беҳтараш аз ин ҷойҳо дуртар бошед. Дар паҳлуи ин, дар ҳар ҷой қасрҳое қомат афрохтаанд, ки бо ҳашаматашон мусофири аз раҳи дур омадаро ба ҳайрат меоранд. Дар тирезаҳои баъзеашон шишаҳои қимати рангаи румиро мебинам. Ғайр аз ин дар ин дувоздаҳ сол дар Истанбул иморатҳои бошукӯҳи дуошёна қомат рост кардаанд, ки ошёнаи дуюмашон аз болои деворҳои баланд менамоянд.

Чун дар дигар шаҳрҳо дар Истанбул пул бекурб шудааст, то сафарам ба Шарқ дар нонвойхонаҳо ба як

акча як нони калони вазнаш баробар ба чорсад дирҳамро[13] харидан мумкин буд, акнун ба ин пул нони ду баробарро хурдро мефурӯшанд ва таъмаш ҳам монанди нони даврони бачагӣ не. Модари раҳматиам агар медид, ки дувоздаҳ дона тухм се акча шудааст, мегуфт, ки аз ин шаҳр ба диёри дигар кӯчидан лозим аст, вагарна, мурғҳо аз ҳадд гузаронда, ба саратон ахлот мекунанд. Аммо ҳоло медонам, ки пул дар ҳама ҷо беқурб гаштааст. Киштиҳои тиҷоратие, ки аз Ҳолланд ва Венетсия меоянд, сандуқ-сандуқ пулҳои қалбакиро ба ин тараф мекашонанд. Агар пеш дар зарробхонаи давлатӣ аз сад дирҳам нуқра панҷсад акча сикка мезаданд, ҳоло аз сабаби ҷанги дурудароз бо Сафавиҳо ҳаштсад акча сикка мезананд. Вақте ки яничарҳо чанд акчаи маош гирифтаашонро барои санҷиш ба оби халиҷ партофтанд ва диданд, ки тангаҳо монанди лӯбиёи хушк рӯйи об шино мекунанд, моҷаро бардошта, қасри подшоҳамонро чун қалъаи душман муҳосира карданд.

Дар чунин замони фасод, қиматӣ, ҷиноёт, роҳзанӣ дар масҷиди Боязид[14] воизе бо номи Нусрат пайдо шуд, ӯ худро аз авлоди Ҳазрати Муҳаммад (с) эълон кард. Ин воизи эрзурумӣ сабаби ҳамаи бадбахтиҳои дар даҳ соли охир ба сари Истанбул омада: сӯхторҳои Бағчекапа ва маҳаллаи Казанчилар, вабои пайиҳам, ки сари даҳҳо ҳазор танро мехӯрд, ҷанги дурудароз бо сафавиён, ки новобаста аз марги ҳазорон кас тамом шуданӣ надорад, пешравии масеҳиён дар Ғарб ва аз дастамон додани чанд қалъаи хурдро натиҷаи аз роҳи пайғамбар Муҳаммад (с) ва Қуръони карим дур шудани мусулмонон донистааст; гуфтааст, ки дарвешҳо дар току хонақоҳо бемалол мусиқӣ

---

[13] *Дирҳам* – ченаки вазн баробар ба 3,12 грамм.

[14] *Боязид* –раъду барқ; ҳамчунин, номи султони Туркия (1354 ё 1360–1403).

менавозанд, бепарвоиро бинед, ки ба насрониён барои дар шаҳр шароб фурӯхтан иҷозат дода шудааст.

Дар ин бора аз кабудифурӯше шунидам, ӯ масъалаи пулро ҳам хотиррасон кард: ин пулҳои қалбакие, ки бозорро пур кардаанд, дукатҳои нави румӣ, флоринаҳои расми шердори қалбакӣ, акчаҳое, ки нукраашон торафт кам мешавад, паҳнкунандаи фасоданд; черкасҳо, абхозҳо, мингрелҳо, босниягиҳо, гурҷиву арманиҳо кӯчаҳоро пур кардаанд. Фасодкорон ва исёнгарон, мегуфт ӯ, то саҳар дар қаҳвахонаҳо мелаққанд. Ҷулҳундипӯшҳои бегона, нашъамандон, норасидҳои тариқати қаландария[15] то субҳ дар токҳо мерақсанд, чӣ номаъқулиҳое, ки намекунанд, ба ҳамдигар марҳам мешаванд, бачабозӣ мекунанд.

Баъд, шояд аз он ки ҳарфҳои заҳролуди савдогар аз ҷонам безор карданд, ҳамчунин, садои хуши уд ба гӯшам расид ва майнаи хастаамро бо хотироту хоҳишҳо пур кард, ки ақлам маро ба роҳи рост ҳидоят намуд. Акнун равшан дарк мекардам, ки агар шаҳри худро дӯст дорӣ, баъди солҳои зиёд бошад ҳам, он на танҳо рӯҳан, балки ҷисман бо ту пайванд мегардад ва дар хастагиву маъюсӣ, вақте барф дар ҳаво ба таври ҳузнангез тоб мехӯрад, пойҳоят туро ба ҷойи даркорӣ мебаранд.

Аз бозори Наългарон ба масҷиди Сулаймония баромадам. Нигоҳ мекардам, ки чӣ тавр барф ба халиҷ ва атрофи он мерезад, аллакай гӯшаи бому гумбазҳоро, ки ба пойраз[16] менигаранд, пӯшондааст. Бодбонҳои киштиҳои ба бандар воридшуда, ки монанди оби халиҷ ранги тираву сурбфом доштанд, ҷонибам даст меафшонданд. Маҳзунии сарву чинорҳо, боми хонаҳо, ғавғое, ки аз маҳаллаҳои поёнӣ ба гӯш мерасид, садои

---

[15] *Қаландария* – ин тариқати дарвешонро давлати Усмонӣ дар асри 16 таъқиб ва манъ кард.

[16] *Пойраз* –ба туркӣ шамолеро мегӯянд, ки аз шимолу шарқ, дар Истанбул аз баҳри Мармар мевазад.

савдогарон ва бачаҳое, ки дар ҳавлии масҷид бозӣ мекарданд, маро ба ҳайрат меовардand, дарк кардам, ки ба ғайр аз шаҳри худам дар ягон ҷойи дигар зиндагӣ карда наметавонам. Лаҳзае гумон кардам, ки баъди чанде чеҳраи фаромӯшкардаи дӯстдоштаамро ба ёд хоҳам овард.

Аз бароз поён шудам, бо мардум омехта гаштам. Баъди намози шом ба дӯкони холие даромада, бо ҷигарбирён нағзакак шикамамро сер кардам. Дар ин ҷо бо муносибати хуб рӯ ба рӯ шудам, дар бораи қаҳвахонае шунидам, ки таваҷҷуҳамро бедор кард. Роҳашро пурсида, ба кӯчаи торик баромада, ба тангкӯчаи паси бозори Ғуломон тоб хӯрдам.

Ҷойи гарм ва серодаме будааст. Чун қаҳвахонаҳои Табрез ва шаҳрҳои дигари Аҷам маддоҳе, ки ӯро дар он кишвар пардахон мегӯянд, дар суфачаи назди оташдон нишаста буд ва ба пардаи бузурге, ки пушти сараш дар девор часпонда шуда буд, ишора карда, қисса мехонд. Дар варақи коғаз ба таври саросема, аммо ҳунармандона расми саге кашида шудааст. Маддоҳ расми сагро нишон дода, ҳикояашро аз номи вай нақл мекард.

3. Ман – саг

Мебинед, дандонҳои ашкам чунон тезу бузурганд, ки дар даҳонам намеғунҷанд. Медонам, даҳшатнок аст ин, аммо ба худам маъқул. Боре қассобе гуфт:

«Ин саг не, хуки ваҳшӣ!»

Барои ин гапаш чунон газидам, ки дандонҳоям аз рони сергӯшташ гузашта, ба устухон расид. Барои саг лаззатовартар чизе аз газидани душмани бадбахт бо як нафрату ғазаби бепоён нест. Вақте чунин имкон мешавад, қурбонии сазовори газидан аз наздам бепарво мегузарад, аз шавқ чашмонам барқ ва дандонҳои омодаам ғиҷиррос

мезананд, оби даҳанам мешорад, аз гулӯям беихтиёр ғурроси даҳшатовар мебарояд.

Бале, ман саг. Аммо мебинам, шумо ҳам он қадар махлуқи бошуур нестед, мепурсед, ки магар саг гап мезанад? Вале худатон-ку ба гап задани мурда гӯш додед, мурда ҳарфҳоеро ба забон овард, ки сарфаҳмаш намеравед. Бале, саг ҳам гап мезанад, аммо на бо ҳама.

Буд-набуд, дар замоне дар пойтахти кишваре масҷиди ҷомее буд бо номи Боязид. Аз як ҷойи дур ба он воизе омад. Номи ҳақиқиашро гуфтан шарт набудагист, бигзор Хоҷа Хусрат бошад, аммо инаш рост аст, ки як одами каллааш холӣ буд. Ақлаш ҳамон қадар кам бошад, забонаш ҳамон қадар дароз буд, мошоллоҳ! Ҳар ҷумъа давраро чунон метасфонд, ки… баъзеҳо аз гиристан беҳуш мешуданд. Агар баъзе воизон худашон ҳам гирянд, ӯ намегиряд, баръакс, вақти гиристани одамон онҳоро шерак мекунад. Донистааст, ки ҳар қадар бо доду фиғон сухан кунад, иродаи мардумро тобеи худ мегардонад. Аз он ки мо – мардум ҷафокаш ҳастем ва озор кашиданро дӯст медорем, ҳамаи боғбонҳо, ҳалвогару кабудифурӯш, посбонҳо, мардуми одӣ, ҳатто баъзе воизон ғуломаш шуданд. Бале, ӯ саг набуд, фарзанди ҳақиқии даврон буд; аз эҳтироми мардум сараш ба осмон расида, пай бурд, ки аз гирёндани ҷамоат тарсондан осонтар, аз ин рӯ, андозаро ҳам фаромӯш карда, эълон кард, ки:

– Ҳама қиматӣ, вабо, мағлубиятҳоямон аз сабаби дур шуданамон аз исломи замони ҳазрати Пайғамбарамон (с), рӯ овардан ба китобҳои дигар ва дурӯғҳо аст. Оё дар замони ҳазрати Муҳаммад (с) мавлудхонӣ буд? Барои фавтидагон чил, ҳавлову нон медоданд?! Дар замони ҳазрати Муҳаммад (с) магар Қуръони каримро мисли тарона бо оҳанг мехонданд?! Оё ба манораҳо баромада, овозам зебо, арабиам дилрабо, гӯён азонро бо ҳазор мақом мехонанд? Ҳоло дар мазорот дуо мехонанд, аз

мурдагон мадад мепурсанд, сари турбатҳо худашонро партофта, чун бутпарастон[17] ба санг саҷда менамоянд, фолбинӣ мекунанд, латта мебанданд. Дар замони ҳазрати Муҳаммад (с) оё буданд тариқатҳое, ки чунин амалҳоро ташвиқ мекарданд? Ба қавли мураббии гӯё боақли ин тариқат Ибни Арабӣ, Фиръавн пеш аз маргаш имон овардааст. Гунаҳкор аст ӯ. Тариқатҳои мазкур, мавлавия, хилватия, қаландария, ҳамаи онҳое, ки Қуръони каримро бо ҷаҳр мехонанд, ин ҳам дуохонӣ гӯён бо писарбачаҳо ба рақс медароянд, билҳақ, кофиранд! Токҳоро ба хок яксон кунед, замини зери онҳоро ҳафт оршин канед, хокашро ба баҳр партоед, танҳо он вақт дар он ҷо намоз гузоридан ҷоиз аст.

Хоҷа Хусрат бештар ба ғазаб омада, оби даҳонашро паронда, мегуфт, ки ба қавли ҳазрати Пайғамбар (с) қаҳва ҳаром аст, зеҳнро мекоҳонад, барангезандаи захми меъда аст, ба дарди миён ва безурётӣ меорад. Қаҳва васвасаи шайтон аст. Ҳоло қаҳвахона ба макони бекорхӯҷаҳо, сарватмандони маишатпараст табдил ёфтааст, он ҷо исрофкорӣ ва беҳаёӣ ҳукмрон аст. Қаҳвахонаро ҳатто пештар аз хонақоҳ бастан зарур! Оё мусулмони фақир барои қаҳва пул дорад? На! Баъзеҳо дар қаҳвахона ҷамъ омада, он моеъи шайтониро мехӯранд, ақл аз сарашон мепарад ва шуурашонро, ки аз даст доданд, бовар мекунанд, ки саг бо онҳо гап мезанад, ин саг бошад, дар ҳаққи ман ва дини мо куфр мегӯяд.

Агар иҷозат диҳед, мехоҳам ба он ҷумлаи охирини воиз-афандӣ эрод гирам. Шумо, албатта, медонед, ки ҳамаи ҳоҷиён, воизон ва имомҳо мо, вафодоронро дӯст намедоранд, бад мебинанд. Ба назарам, ин сабаби аслиаш бармегардад ба тафсири нодурусти як ҳадис. Тибқи он ҳазрати Муҳаммад (с) барои он ки гурбаи хобро бедор

[17] *Бутпарастон* – дар матни туркии китоб низ чунин аст.

накунанд, лаби ҷомаи худро, ки гурба хоб будааст, буриданд. Бо назардошти ин ҳама мушкилот, ки байни мо, сагҳо ва гурбаҳо мавҷуд аст, инҳо фикр мекунанд, ки ҳазрати Муҳаммад (с) сагро дӯст намедоштанд. Ин тавр нест. Шарт мебандам, ки қурбони номашон шавам, агар он вақт ба ҷойи он гурбаи ношуд яке аз мо дар абои ҳазрати Муҳаммад (с) хоб мебуд, он кас боз чунин рафтор мекарданд. Ин масъаларо саҳл нагиред ва дар тавзеҳ саросема нашавед. Ба хотири ин тафсири ғалат ҳазор сол инҷониб ходимони масҷид моро ба он ҷо роҳ намедиҳанд, вузӯамон нашиканад гуфта, бо дастаи ҷорӯб пешамон мекунанд.

Аз шумо хоҳиш мекунам, яке аз сураҳои зебои Қуръони карим «Ал-каҳф»–ро ба хотир ored. Манзурам ин нест, ки шумо, муштариёни ин қаҳвахонаи зебо сураи мазкурро нахондаед. На, фақат барои ба ёдатон овардан ва андаке рӯҳатонро тоза кардан мегӯям. Дар ин сура дар бораи ҳафт ҷавон сухан меравад, онҳо байни бутпарастон зиндагӣ кардан намехоҳанд. Дар ғор пинҳон шуда, хоб мераванд. Худованд гӯшҳои онҳоро баст ва чунон кард, ки онҳо сесаду даҳ сол хобиданд. Вақте ки онҳо бедор шуданд, яке аз онҳо ба шаҳр рафт ва баъди он ки дид, пули дасташон аз муомилот бозмондааст, фаҳмид, ки онҳо солиёни зиёд хобидаанд; ҷавонон аз ин ба ҳайрат афтиданд. Ва шарт нест, ки инро ба хотири шумо орам, ки дар ояти ҳаждаҳуми сураи мазкур, ки дар бораи садоқати инсон ба Худованд, муъҷизаҳои Худованд, гузарон будани дунё, ширинии хоби ором сухан меравад, саге ёдовар мешавад, ки дар даромадгоҳи ғори машҳуре, ки он ҳафт ҷавон хуфтаанд, хоб аст. Албатта, ҳар кас метавонад аз он ки дар Қуръони азимушшаън ёдовар шудааст, ифтихор кунад. Инак, ман чун саг аз ин сура ифтихор дорам ва умедворам, ки Худованд он аҳли

Эрзурумро, ки душманонашонро саги бедум меноманд, ба сари инсоф орад ва онон гапашонро дониста гӯянд.

Пас, сабаби асосии нафрати одамон ба саг чист? Чаро сагро ифлос мешуморанд? Барои чӣ агар саг ба хонаатон дарояд, зуд аз пайи тоза кардани дару тиреза мешавед? Агар одами вузӯдошта дасташ ба саг расад, аз нав таҳорат карданаш зарур будааст. Агар домани ҷомаатон ба ягон ҷойи саг расад, чун занакҳо фиғон мекашед ва мефармоед, ки ҷомаатонро ҳафт бор шӯянд, барои чӣ? Ва агар саг ногаҳон зарферо даҳон занад, онро партофтан лозим меояд ё аз нав сафедкорӣ кардан, ба назарам, ин қоидаро сафедгарон баровардаанд, то кор пайдо кунанд. Ё шояд гурбаҳо?

Вақте ки одамони кӯчӣ муқимӣ гашта, ба шаҳрҳо омаданд, сагҳои чӯпониашон дар деҳот монданд, шояд баъди ин онҳоро нопок номиданд? Дар даврони тоисломӣ яке аз моҳҳо ба номи мо буд, акнун нопок будаем. Воқеан, шуморо, ки ин шом меҳмони моед, бо чанд қиссаи аҷиб, ҳикоёти ғамангези худ маҳзун карданӣ нестам. Аз шумо не, аз воиз-афандӣ қаҳриам, ки ба қаҳвахона ҳуҷум овардааст.

Агар гӯям, ки касе намедонад, ки падари ин Хоҷа Хусрати эрзурумӣ кист, дар ҷавоб чӣ мешунавам? Албатта: «Эҳ, ту сагбача! Хӯҷаини ту, маддоҳ, суратеро рост кардааст ва ҳар гуна афсона мехонад, инак, ту барои ҳифзи ӯ воиз-афандиро бадном мекунӣ». Худо нигаҳ дорад, касеро наҳ заданӣ нестам. Қаҳвахонаамонро хеле дӯст медорам. Медонед, маро он чиз ин қадар хафа намекунад, ки саг ҳастам ва дар чунин коғази арзонбаҳо кашида шудаам, балки аз он ки наметавонам паҳлуи шумо нишинам ва қаҳва нӯшам – чун одамон. Мо, сагҳо, барои қаҳвахонаю қаҳва ҷонамонро дареғ намедорем. Ӯ бошад, қаҳвахонаро… Эҳ, нигаред, соҳиб бароям қаҳва

меорад. Напурсед: оё саги коғазӣ нӯшида метавонад, хайр, бинед, чӣ тавр лаб мелесам.

Оҳ, дарунам гарм шуд, чашмонам рӯшан, майнаам низ, инак, гӯш кунед, чӣ ба хотирам расид. Медонед, қайсари Рум боре ба духтари ҳазрати подшоҳи мо Нурҳаёт-султон ба болои тӯбҳои абрешими чинӣ, зарфҳои чинии гулдор чӣ туҳфа кард? Сагчаи таннози фарангӣ пашмаш нарм чун абрешим ё пашми самур. Вай чунон нозпарвард буд, ки аз матои абрешими сурх либос дошт, бе либос ҳатто ҷуфт намешуд – инро ба ман як дӯстам гуфт, ки бахти бо вай ҳамхоба гаштан насибаш гаштааст. Рости гап, дар Фаранг сагҳо либос мепӯшанд. Нақл мекунанд, ки як бонуи хушодоби фарангӣ сагеро бе либос дида, шояд чашмаш ба аврати вай бархӯрдааст, ки дод задааст: «Оҳ, ҳайвони луч!» ва беҳуш шуда афтодааст.

Оё медонед, дар мамлакати куффори Фаранг ҳар саг соҳиби худро дорад? Ба гардани сагҳои бадбахт арғамчин мебанданд ва чун ғулом дар кӯчаҳо кашола карда мегарданд. Баъд, ин бадбахтҳоро ба зӯрӣ ҷониби хона мекашанд ва ҳатто маҷбур мекунанд, ки дар рахти хоби онҳо бихуспанд. Ба саг на танҳо бӯйгирӣ бо ҳамзоташ, мулоқот манъ аст, балки паҳлуи ҳамдигар гаштугузор кардан мумкин нест. Вақте ин бечораҳои занҷирбанд дар кӯча бо ҳамҷинсашон вомехӯранд, ҳамдигарро аз дур бо нигоҳи ҳасратомез мегуселонанд. Ин кофирон ҳатто тасаввур карда наметавонанд, ки сагҳо дар кӯчаҳои Истанбул ҷамъ шуда, озодона мегарданд. Мо соҳиб надорем, агар зарур шавад, пеши роҳи ҳар касро мегирем; дар куҷое хоҳем, қазои ҳоҷат мекунем ва касеро, ки хоҳем, мегазем; хоҳем, дар офтобак гарм мешавем, хоҳем, дар ҷойи салқин ба хоби ширин меравем. Шояд барои ин бошад, ки пайравони воизи эрзурумӣ намехоҳанд муъминон дар кӯчаҳои Истанбул ба пеши сагҳо устухон партоянд. Агар ин рафторашон на танҳо барои бадбинии

ҷинси саг, балки барои пайравӣ накардан ба одати кофирон бошад, ба шумо гӯям, ки душманӣ ба саг бадтарин куфр аст. Умедворам, дур нест, ки ин бадтиннатонро ба қатл мерасонанд ва дӯстамон – ҷаллод маро барои чашидани гӯшти онҳо даъват мекунад, охир, баъзан бо ҷасади мақтулон барои ибрати дигарон чунин мекунанд.

Инак, дар охир бароятон чӣ гуфтаниам: соҳиби пешинаам бисёр одил буд. Вақте ки шабҳо роҳзанӣ мебаромадем, вазифаҳоро тақсим мекардем: лаҳзае, ки ӯ гулӯи касеро медаронд, ман аккос мезадам, то фиғони қурбониро касе нашунавад. Ба ивази ин соҳибам гӯшти нокасони мақтулро пухта медод ва ман мехӯрдам. Гӯшти хомро нағз намебинам. Умедворам, ҷаллоде, ки воизи эрзурумиро ба қатл мерасонад, инро ба назар мегирад ва меъдаам аз хӯрдани гӯшти хоми он палид осебе намебинад.

4. Қотил меноманд маро

Агар ақаллан то куштани он аблаҳ мегуфтанд, ки ба одам куштан қодирам, ҳеч бовар намекардам. Аз ин рӯ, баъзан ин ҳодисаи рӯйдода ба назарам авроқи дар уфуқ пинҳон шуда истодаро ба хотир меорад. Ҳатто баъзан ҳис мекунам, ки ҷиняте ҳам накардаам. Танҳо баъди чор рӯзи бадбахти Зариф-афандиро куштанам гуфта метавонистам, ки қотил ҳастам.

Бисёр мехостам, масъалаи душвор бе одамкушӣ ҳал шавад, аммо ҳамоно дарк кардам, ки роҳи дигар нест. Он гоҳ тамоми масъулиятро ба зимма гирифта, ин корро анҷом додам. Роҳ надодам, ки як нодон ҳамаи мо, нақкошонро ба ташвиш гузорад.

Ба ҳар ҳол, ба қотил гуфтанам забонам намегардад. Дар хона нишаста наметавонам, кӯча мебароям, он ҷо ҳам қарор истода наметавонам, ҳар тараф мегардам, ба

чеҳраи инсонҳо диққат мекунам: бисёрашон азбаски бароямон ҳанӯз фурсати ҷиноят кардан пайдо нашудааст, худро бегуноҳ меҳисобанд. Бовар кардан душвор аст, ки ба хотири як чизи хурд – нобарории кор аксарияти ин одамон худро аз ман хушахлоқ ва беҳтар меҳисобанд. Аз он ки то ҳол ҷиноят содир накардаанд, чеҳраашон аблаҳона аст ва аз ин сабаб, онҳо чун ҳамаи аблаҳон боодоб менамоянд. Чор рӯзе, ки баъди куштани он аҳмақ дар кӯчаҳои Истанбул мегардам, кофӣ буд, ки бифаҳмам: ҳар касе, ки дар чашмҳояш шарораи заковат барқ мезанад ва дар чеҳрааш ғами дарунӣ соя андохтааст, қотил аст. Фақат аблаҳон бегуноҳанд.[18]

Имшаб, масалан, вақте ки дар қаҳвахонаи паси бозори Ғуломон бо финҷоне қаҳва танамро гарм мекардам ва баробари дигарон ба ҳикояти саги дар коғаз тасвиршуда гӯш медодам, ногаҳон аз фикрам гузашт, ки шахси дар паҳлуям нишаста чун ман қотил аст. Ҳарчанд ӯ ҳам ба нақли маддоҳ механдид. Намедонам, аз он ки дастҳояш айни дастони мананд, ё он ки ангуштонаш дар рӯйи финҷони қаҳва меларзанд, боварам қавӣ гашт: ӯ ҳамсони ман аст. Якбора тоб хӯрда, рост ба чашмонаш нигаристам. Даступо хӯрд, тарсид, рангаш парид, қаҳвааш рехт, шиносаш аз банди дасташ дошт.

– Одамони Хоҷа Нусрат хоки ин ҷоро ба бод хоҳанд кашид, –гуфт.

Бо ишораи чашм яке ба дигаре фаҳмонд, ки хомӯш бошад. Тарси онҳо маро ҳам фаро гирифт. Аҷаб замоне! Ҳеч кас ба якдигар бовар намекунад, ҳар лаҳза хиёнат дар камин истодааст.

Ҳаво торафт сард мешавад, зери деворҳо ва кунҷи хонаҳо барф кӯрпа шудааст. Дар торикии шаб дар

---

[18] Ин маънӣ бардоштест аз достонҳои «Ҷиноят ва ҷазо», «Бародарон Карамазовҳо»-и Ф. Достоевский. Муаллиф ба асарҳои ин нависанда таваҷҷуҳи зиёд дорад. (Мутарҷим).

кӯчаҳои танг деворҳоро даст-даст карда роҳ гаштан мумкин асту бас. Гоҳо як нури заиф аз хонаҳое, ки ҳанӯз чароғашон равшан аст, аз роғи дару тирезаҳои баста рӯйи барф меғалтад; аммо асосан ҳама ҷо торик ва чизе дида намешавад. Садои ба сангфарши кӯча задани кӯбаки тозиёнаи посбон ва ак-аки сагҳо, ки аз дур ба гӯш мерасад, бо садои хираи одамон, ки аз баъзе хонаҳо меояд, омехта, касро ба ҳарос меандозад. Нисфишабӣ тангкӯчаҳоро нури барф пурҳавл гардондааст. Дар чунин ҳолат, вақте ки аз канори харобаҳо мегузарам, хусусан, агар дар ҳавлиашон дарахт дошта бошанд, ба назарам менамояд, ки байни дарахтон шабаҳҳоеро мебинам, ки садҳо сол инҷониб дар ин гӯшаи Истанбул бехабар аз мо зиндагӣ доранд. Баъзан аз хонаҳо садои оҳу нола ё атса ва сурфа меояд – он ҳам дар чунин вақти шаб, ҳатто боре садои гиряву зорӣ ҳам баромад; баъзеҳо аз рӯйи одат дар хобашон ҳарф мезананд ё бинӣ мекашанд; аз баъзе хонаҳо фиғони зану шавҳар мебарояд, ки ба сари ҳам дод мезананд, бачаҳо дар канорашон гиря доранд.

Як-ду шом ба ин қаҳвахона даромада, маддоҳро гӯш кардам, то вақтам хуш шавад, замони хушбахтии то қотилиро ба ёд орам. Бисёр бародарони наққошам, ки умрам бо онҳо гузаштааст, ҳар шом ин ҷо меоянд. Аммо аз вақте ки яке аз онҳо, он аблаҳеро, ки аз бачагӣ бо ҳам расм мекашидем, куштам, намехоҳам бинамашон. Бисёр чизҳо дар ин вақтгузарониҳои беҳуда, умуман, дар зиндагии ҳамкасбон маро писанд нест, онҳо ягон вохӯриашонро бе ғайбати ҳамдигар намегузаронанд. Барои он ки маро ғайбат накунанд, мағрур нагӯянд, барои маддоҳ чанд расм кашидам, аммо бовар намекунам, ки ин пеши ҳасодаташонро гирифта бошад.

Воқеан, рашки онҳо бесабаб нест. Зеро дар рангомезӣ, ҷадвалкашӣ, саҳифагузорӣ, тасвиргарӣ, чеҳрасозӣ, кашидани саҳнаҳои ҷангу шикор, ҳайвонҳо, подшоҳон,

киштиҳо, аспҳо, ҷанговарон, ошиқон касе ба ман баробар шуда наметавонад, расмҳоям шеърро монад, дар тазҳибгарӣ устоди касб ҳастам. Инро барои таъриф намегӯям, балки барои он ки маро дуруст фаҳмед. Бо гузашти айём рашк чун ранг ба ҷузъи асосии зиндагии рассом табдил меёбад.

Гоҳо ҳангоми гаштугузор, ки касро аз тарсу изтироб дур мекунад, нигоҳам ба чашми ягон роҳгузари хуб ва боимон меафтад, дар ин лаҳза ба сарам фикри аҷиб меояд: ҳозир агар аз дил гузаронам, ки қотил ҳастам, одами дар муқобилам истода ин фикрро аз дафтари рӯям мехонад.

Ва ҳамоно худро маҷбур мекунам, ки дар бораи чизи дигар фикр кунам, монанди даврони ҷавонӣ, ки ҳангоми намозхонӣ шарм дошта-шарм дошта, худро маҷбур мекардам, дар бораи занҳо фикр накунам. Аммо ҳар қадар саъй кунам ҳам, фикри муҷомиатро аз сар дур карда наметавонистам, ҳоло бошад, қудрати аз сар дур нигоҳ доштани фикри ҷинояти анҷомдодаамро дорам.

Албатта, маро мефаҳмед, ҳамаи инро барои он мегӯям, ки ҳолатамро дарк карда тавонед. Дар бораи чизе, ки фикр кунам, онро зуд аз чеҳраам мехонед. Он вақт аз қотили номаълум, беному нишон ба қотили маълум табдил меёбам, ки ҳама мешиносанд, дастгираш мекунанд ва ҷазо медиҳанд. Аз ин рӯ, иҷозат диҳед, ҳама чизро фикр накунам, баъзе чизҳоро дар зеҳнам нигаҳ дорам. Бигзор, одамони зираку ҳушёр ва мутахассис монанди шумо, чуноне ки дуздро аз рӯйи изи дасту пояш ошкор мекунанд, маро аз гапзаниам, ҳаракату рафторам ва ранги наққошиҳоям маълум созанд. Воқеан, ин моро ба сари масъалаи хеле муҳимми рӯз меорад: оё рассом усули шахсӣ дошта метавонад, усуле, ки танҳо ба ӯ хос бошад?

Барои мисол як расми устоди устодон, пири наққошон Беҳзодро[19] мегирем. Ин расмро дар китоби олиҷанобе, ки навад сол пеш дар Ҳирот тартиб дода шудааст ва замоне дар китобхонаи як шоҳзодаи Аҷам, ки дар дасисаҳои дарборӣ кушта шуд, дида будам. Ин расме, ки дар бораи ҷиноят нақл мекунад, ба ҳолати рӯҳии имрӯзаи ман мувофиқ аст, зеро дар он кушторе тасвир гаштааст, ки ба қиссаи Хусрав ва Ширин иртибот дорад. Хотимаи ин достонро шумо медонед. Достони ҳамноми Низомиро дар назар дорам, на достонҳои қаҳрамонии Фирдавсиро.

Ду ошиқ баъди хеле моҷарою санҷиш хонадор мешаванд. Аммо зиндагии ором насибашон нагардид. Писари ҷавони Хусрав аз зани аввал Шерӯя бо раъйи шайтон ба орзуи ба даст даровардани тахти падар ва зани ҷавони шуд. Шерӯя, ки ба қавли Низомӣ даҳонаш бӯйи баде мекард: «*Фуруд омад зи равзан девчеҳре, Набуда дар сиришташ ҳеч меҳре, Чу қассоб аз ғазаб хунинишоне, Чу наффот аз бурут оташфишоне*»[20], илоҷи корро дар ин мебинад, ки шабона ба хонае, ки падар ва Ширин хоб буданд, медарояд, дар торикӣ даст-даст карда, ҷогаҳи онҳоро меёбад ва хунсардона ба ҷигари Хусрав ханҷар мезанад. Падари ба хун оғӯшта дар канори Ширини зебову ором ҷон ба ҷаббор месупорад.

Расми кашидаи устоди бузург Беҳзод, ин қисса маро солҳо боз метарсонад. Ба он нигоҳ карда, чун одаме метарсидам, ки нисфи шаб бедор мешавад ва дар торикӣ пай мебарад, ки дар хона касе ҳаст. Акнун тасаввур кунед, ки ин ношинос дар як даст ханҷар дорад, бо дасти дигар гулӯи шуморо мефишорад. Ҳама чиз ба як нукта, ба як мақсад равона шудааст: тарҳи ноаёни девор,

---

[19] *Беҳзод* – Камолиддин Беҳзод (1455–1535/36, устоди рассомони мактаби Ҳирот.

[20] Низомии Ганҷавӣ. «Хамса».- Душанбе: «Адиб», 2012, с. 423.

тирезаи якранг ва фарёди ба он монанди бесадо, ки аз гулӯи ҷафидаи шумо роҳи баромад меҷӯяд; раху ҳалқаҳои мутаносиби рӯйи гилеми сурх, рангҳои зарду арғувонии рӯйҷои гаронбаҳо, ки ба болояш қотил бо пойҳои касифаш бепарво қадам мезанад, ҷаззобияти мусавваераро, ки менигаред, меафзояд ва дар як вақт ба хотиратон мерасонад, ки ин олам, ки онро тарк мекунед ва хонае, ки дар он мемиред, чӣ қадар зебоянд. Зистан ҳам зебосту мурдан ҳам. Аммо чизи аз ҳама муҳим, ки пай мебаред, ин аст: ин олами зебо ва расми зебо бар марги шумо бепарвоянд, дар ин лаҳза билкулл танҳоед, ҳарчанд паҳлуятон ҳамсаратон қарор дорад. Ба назарам, ба маънии ҳақиқии зиндагӣ танҳо дар чунин ҳолат метавон расид.

Устоди пиронсолам бист сол пеш, вақте ки бо дастони ларзон китобро варақ мезадам, бо итминони комил гуфт: «Ин кори Беҳзод аст!» Чеҳрааш нур гирифт – на аз рӯшноии шамъ, балки аз ҳайрату мафтунӣ ва идома дод: «Ҳамон қадар аз Беҳзод буданаш маълум аст, ки ҳоҷати имзо гузоштанащ нест».

Худи Беҳзод ҳам инро медонист, аз ин рӯ, дар ягон гӯшаи номаълуми кораш имзо нагузоштааст. Ба андешаи устодам, сабаби ин шарм ва хоксории Беҳзод буд, зеро ҳунари асил дар офаридани асари зебою беназир аст, на дар гузоштани имзо, ки шахсияти рассомро муайян месозад.

Ман ҳам қурбониамро дар як вазъи ҷонҳавливу[21] тарс ва бе усули хос анҷом додам. Ҳамон вақтҳое, ки шабҳо ба он ҷойи беодам мерафтам, то муайян кунам, аз худ изе гузоштаам ё на, ки муайянкунандаи шахсиятам бошад, дар майнаам фикри услуб пайдо шуд. Услуб, ки дар бораш ин қадар гап мезананд, худаш чист? Магар ҳамон

---

[21] *Ҷонҳавлӣ* – дар асли туркӣ низ ба ҳамин шакл ва маънӣ.

нуқс нест, ки ногаҳон аз худ нишона мегузорем ва он моро дар ҷойе, ки зарур нест, фош месозад?

Рӯшании барф ҳам агар намебуд, хоҳ-нохоҳ он ҷоро меёфтам, ҷойеро, ки дӯсти ҳамкори биступанҷсолаамро ба қатл расондам. Барф ҳамаи изҳоеро, ки метавонист имзои ман бошад, пӯшондааст. Ин далели он аст, ки Худованд дар боби услуб ва имзо дастгири ману Беҳзод аст. Агар қавли он аблаҳ, ки гӯё бо наққошӣ кардан дар китобҳо гуноҳ карда бошем, рост мебуд, Худованд ҳеч гоҳ дасти мо, рассомонро намегирифт.

Он шабе, ки бо Зариф-афандӣ ба ин ҷойе, ки хокистартӯда гашат буд, омадем, ҳанӯз барф намеборид. Аз дур садои ак-аки сагҳо ба гӯш мерасид.

– Барои чӣ ба ин ҷо омадем? –пурсид бадбахт. –Дар ин вақт чиро ба ман нишон доданӣ ҳастӣ?

– Дар пеш чоҳеро мебинӣ? Аз он дувоздаҳ қадам онсӯтар пулҳоямро пинҳон кардаам, –гуфтам. –Агар ту он гапҳоятро ба касе нагӯӣ, ман ва Эниште-афандӣ он пулҳоро ба ту мебахшем.

– Яъне, ту аз амалҳои кардаат пушаймон ҳастӣ? – пурсид.

– Бале, –ночор дурӯғ гуфтам.

Софдилона пурсид:

– Оё медонӣ, ки чизи кашидаатон гуноҳ аст? Куфр аст, зиндиқист, касе ба ин кор ҷуръат нахоҳад кард! Мукофоташ ҷаҳаннам. Шумо, ҳама дар оташи дӯзах месӯзед! Дарду ғами шумо беинтиҳост. Боз маро ҳам ба ин кор ҳамроҳ кардед.

Иддаои ӯ маро ба даҳшат овард, албатта, ба гапи ӯ бисёриҳо бовар хоҳанд кард. Чаро? Зеро дар суханони ӯ ҳамон қадар боварӣ ва нерӯ буд, ки беихтиёр ҳисси кунҷкобии одамонро бедор мекард ва ба донистанаш ҳаракат менамуданд. Бе ин ҳам дар бораи Эниште-афандӣ овозаҳо зиёд буданд ва инро сабабгор асрори

атрофи китоб ва подоши хубе, ки медоданд, буд. Ғайр аз ин, саррасом, устод Усмон Эништеро бад мебинад. Дар сарам фикри дигар пайдо шуд: шарикам боз ҳиллагарӣ накарда истода бошад? Оё суханҳояш самимианд?

Хоҳиш кардам, ки баъзе масъалаҳои баҳснокро аз нав бароям шарҳ диҳад. Боз ҳамон гап. Солҳои шогирдиамон ҳам самимияташро медонистам, вақте ягон гуноҳамонро аз устод Усмон пинҳон карданӣ мешудем, моро аз дурӯғ гуфтан барҳазар медошт. Он вақт ҳам агар маро ба чизе бовар кунонданӣ шавад, ҳамин хел чашмонашро калон кушода нигоҳ мекард, аммо он вақтҳо чашмонаш чун ҳозира аз тазҳибкории зиёд танг намешуданд. Умуман намехоҳам, ки пайванди пешинаамро бо ин одам, ки тайёр аст сиррамонро фурӯшад, нигоҳ дорам.

– Нигар, –гуфтам худро андаке бепарво гирифта, –мо тазҳиб мекунем, саҳифаҳоро ранг медиҳем, оби тилло медавонем. Манзараҳои зебо мекашем, ҷевону сандуқҳоро оро медиҳем, то ба чашм хушрӯ намоянд. Солҳо аз пайи ин кор нон мехӯрем. Ин ҳунарамон аст. Ба мо супориш медиҳанд, мегӯянд, ки: дар ин чорчӯба киштӣ, ғизол, сурати подшоҳро ҷой диҳед; парандагонро ин тавр кашед, одамонро он тавр, ана, дар ин ҷо фалон саҳнаро бояд кашид. Мо ичро мекунем. Боре Эниште-афандӣ ба ман гуфт, ки расми аспро ҳар тавре ки дилам мехоҳад, кашам. Барои он ки аспи дилхоҳамро пайдо кунам, дар се рӯз расми садҳо аспро кашидам, устодони пешин низ чунин мекарданд.

Ва аз бағалам расми хомакии аспҳоро, ки дар коғази дурушти самарқандӣ кашидаам, бароварда, ба Зариф нишон додам. Шавқаш афзуд, коғазро гирифт, ба чашмонаш наздик бурда, дар рӯшноии хираи маҳтоб ба расми сиёҳу сафеди аспҳо назар дӯхт. Гуфтам:

– Устодони қадими Ҳирот ва Шероз мегуфтанд, ки агар рассом расми ҳақиқии аспро кашиданӣ шавад, яъне,

ҳамон тавре ки Худованд халқ карда, бояд панҷоҳ сол муттасил расми аспро кашад. Ба қавли онҳо расми беҳтарини асп танҳо дар торикӣ кашида мешавад. Бе ин ҳам рассоми ҳақиқӣ дар панҷоҳ соли кор биноиашро аз даст медиҳад. Дар ин муддат дастонаш ба кашидани расми асп одат мекунанд.

Зариф бо ҳамон маъсумияти бачагона, ки ҳамеша дар чашмонаш мавҷ мезад, ба тамошои аспҳо машғул буд ва ба ҳарфҳоям гӯш медод.

– Ба мо супориш медиҳанд ва мо саъй мекунем, ки беҳтарин расми аспро монанди пешиниён кашем. Ҳамааш ҳамин. Ҳамин тавр, азбаски иҷрокунандае беш нестем, моро ба чизе айбдор кардан нашояд.

– Намедонам, –дудила буд Зариф. –Бо вуҷуди ин, аз масъулият озод нестем. Охир ирода дорем. Ман аз касе наметарсам ба ҷуз Худованд. Ӯ ба мо ақл додааст, то ба фарқи байни хубу бад бирасем.

Ҷавобаш хуб ва дуруст буд. Аммо ман ҳам кундзеҳн нестам, ба забони арабӣ ҷавоб додам:

– «Худованд бинову доност», –лаҳзае сокит мондам, як нафаси амиқ кашидам ва гуфтам: –Манзурамон бад кардан нест. Аслан ту ин гапҳоро фаромӯш кун. Оё мехоҳӣ, ки аз болои Эниште-афандӣ хабар диҳӣ? Магар намедонӣ, ки ин супориши худи ҳазрати подшоҳамон аст?

Хомӯш монд, ҳеч нагуфт.

Фикр мекардам: ин қадар майнаи пӯсида дорад ӯ. Ё аз тарс пеши Худованд қобилияти оромона фикр карданро гум кардааст?

Сари чоҳ истодем. Лаҳзае дар торикӣ ба чашмонаш нигаристам ва фаҳмидам, ки азоб мекашад. Дилам ба ҳолаш сӯхт. Аммо тир аз камон ҷаста буд. Аблаҳу тарсу буданаш аниқ. Аммо барои он ки дар мавриди пастфитрат ва баднафс буданаш иштибоҳ накунам, як бори дигар дар дил дуо кардам ва гуфтам:

– Аз ҳамин ҷо дувоздаҳ қадам бишмор.

– Баъд чӣ?

– Ба Эниште-афандӣ мегӯям, ки расмҳоро нобуд созад. Аз дасти мо дигар чӣ кор меояд?! Охир, ин гапҳое, ки ту мегӯйӣ, агар ба гӯши муридони Хоҷа Нусрат расад, онҳо ҳамаи моро зинда пӯст мекананд, наққошхонаро месӯзонанд. Байни онҳо шиносҳо дорӣ? Ман боварӣ дорам, ки агар ту ин пулҳоро гирӣ, аз болоямон ба онҳо хабар намекашӣ.

– Пул дар куҷост?

– Дар як зарфи куҳнаи сабзиҷот, ҳафтоду панҷ дона дукати тиллои румӣ.

Хайр, дукати румӣ дурӯғ аст, аммо зарфи сабзиҷотро аз куҷо ёфтам? Намедонам. Ин гапи бемаънӣ сари вақт садо дод, фаҳмидам, ки Худованд дар ин маврид ёварам аст. Зеро дӯсти ҷавониамон, ки бо гузашти айём торафт ҳаристар гашта буд, ба қадамшуморӣ сар кард.

Он вақт дар сарам ду андеша давр мезад: аввал ин ки он ҷо тилло несту ин аблаҳ агар пул надиҳем, даст аз гиребонамон барнамедорад, нобудамон месозад. Лаҳзае ба хаёлам омад, ки ӯро чун дар бачагиҳо оғӯш гираму бибӯсам, аммо аз он даврон солҳои зиёд гузаштаанд. Фикри дуюмам аз он иборат буд, ки ҳоло заминро бо чӣ меканда бошад? Бо даст, ки намешавад? Албатта, ҳамаи ин фикрҳо, агар фикр номида шаванд, фақат як лаҳза ба ёдам расиданд.

Бо ҳаяҷону изтироб бо ду даст санги калонеро аз канори чоҳ бардоштам. Зариф қадамҳои ҳафтум ё ҳаштумро мешуморид, ки расондамаш ва бо тамоми қувват аз қафо бо санг ба сараш задам. Зарба чунон сахт буд, ки тани худам ба ларза даромад, гӯё зарбаро ба сари худам зада будам.

Аммо вақти пушаймонӣ набуд, ҳарчи зуд корро бояд ба анҷом расонд. Ӯ чунон рӯйи замин печутоб мехӯрд, ки нигоҳ кардан даҳшатовар буд.

Танҳо баъди хеле вақт, баъди он ки ҷасадро ба чоҳ партофтам, аз дилам гузашт, ки ҳамаи ин корро бисёр дағалона, бе назокати хоси касби рассомӣ анҷом додам.

5. Ман – Эниште, язнаи шумо

Ба Кара шавҳари хола мешавам, яъне, язна-афандӣ, аммо инро бинед, ки барои дигарон ҳам Эниште шудам. Замоне модари Кара аз писараш талаб кард, ки маро чунин номад, баъд, на танҳо Кара, дигарон ҳам маро чунин меномидагӣ шуданд, гӯё ба ҳама язна мешуда бошам). Кара бори аввал ба хонаи мо сӣ сол пеш меомадагӣ шуд, он вақт мо дар канори Оқсарой[22], дар тангкӯчаи тангу тор, ки дар паноҳи дарахтони коҷу булут пинҳон буд, хона харидем. Он хонаи пешинаи мо буд. Тобистонҳо, баъзан вақте ки сафарҳои ҳарбии Маҳмуд-пошоро ҳамроҳӣ мекардам, тирамоҳ ба Истанбул баргашта, модари Карарo даъват мекардам, ки бо писараш омада, дар хонаи мо зиндагӣ кунад. Модари марҳумаш хоҳари калонии завҷаам буд. Баъзан шабҳои зимистон ба хона баргашта, медидам, ки ҳар ду хоҳарон ашк дар чашм дарди дил мегӯянд. Падари Кара як одами бадхулқу номусо буд. Дар мадрасаҳои хурд муддате дарс медод ва дар ягон ҷо зиёд кор намекард, зиёд менӯшид. Он мавқеъ Кара шашсола буд, модараш гиряд, мегирист, хомӯш шавад, хап мешуд, ба ман, язнааш бо ҳарос менигарист.

Ҳоло хурсандам, ки дар наздам одами баркамол, ботаҷриба, бовиқореро мебинам. Ӯ бо эҳтиром

---

[22] *Оқсарой* –яке аз ноҳияҳои қисмати аврупоии Истанбул.

дастонамро бӯсид, рангдони муғулиеро туҳфаам кард ва гуфт: «Инро беҳтараш барои рангҳои сурх истифода бурд» ва рӯ ба рӯям боодобона пойҳояшро ҷамъ карда нишаст. Мушоҳидаи ин ҳолат на танҳо ба ёдам оварда, ки ӯ як ҷавонмарди ҷиддиву баркамол гаштааст, балки аз дилам гузашт, ки худам ҳам як пири баобрӯи чор кас медидагӣ шудаам.

Кара ба падараш, ки як-ду бор дида будам, монандӣ дошт: қоматбаланд, хароб, ҳаракатҳояш тунду тез, аммо ба худаш мезебад. Боодобона, дастонашро болои зонувон дошта менишаст, агар ягон чизи муҳим гӯям, ба чашмонам менигарад, бо тамоми вуҷудаш мефаҳмонад, ки маро бодиққат гӯш мекунад, сарашро бо аломати тасдиқ болову поин мекард, хуллас, ҳамааш мувофиқи қоида, ҳамин тавр ҳам бояд бошад. Дар ин синну сол ниҳоят дарк кардам, ки эҳтироми ҳақиқӣ на танҳо аз самимият, балки то андозае аз риояи қоидаҳои одоб ва эҳтиром вобаста аст.

Дар он солҳо, ки модари Кара ояндаи писарашро ба оилаи мо пайванд медонист ва ӯро аз рӯйи имкон зуд-зуд назди мо меовард, пай бурдам, ки ба китоб таваҷҷуҳ дорад. Ин моро наздик кард, ӯ, ба қавли аҳли хона, тавре шогирд, дастёрам шуд. Чӣ тавр рассомони Шероз усули навро ба вуҷуд оварданд, барояш фаҳмондам: хатти уфуқро ба гӯшаи аз ҳама болои расм баровардан; нақл кардам, ки то он вақт Маҷнуни дар ишқи Лайлӣ девонагаштаро дар биёбон дар ҳоли парешонӣ тасвир мекарданд, баъд устоди бузург Беҳзод ин вазъиятро тавонист дар шароити маъмули хона тасвир созад: занҳо хӯрок мепазанд, байни хаймаҳо мегарданд, дар оташдонҳо алов, аммо то чӣ андоза танҳо будани Маҷнун дар ин ҳолат ҳам аз расмҳои дигарон дида, беҳтар тасвир шудааст. Ба ҳоли он рассомоне механдидам, ки асарҳои Низомиро нахонда, ба он расм кашиданро ба зимма

мегиранд; чунончи, лаҳзаеро, ки чӣ тавр Хусрав дар зери нури маҳтоб дар ҳавз оббозӣ кардани Ширинро тамошо мекунад. Дар натиҷа чӣ ҳосил шудааст? Аспҳо ва либоси ошиқон ба рангҳои сохта кашида шудаанд. Илова кардам, ки рассом агар ба асаре, ки ба он расм мекашад, ҳавас надошта бошад, ҳатто онро бо диққат нахондааст, маълум мешавад, ки танҳо барои пул қалам ба даст гирифтааст.

Бо камоли қаноатмандӣ эҳсос мекардам, ки Кара ин қоидаи муҳимро азбар намудааст: агар хоҳӣ, ки дар санъат ноумед нагардӣ, онро ихтисос надон, ҳамон қадар ҳунарманд ва боистеъдод бошӣ ҳам, пул ва ҳокимиятро аз он маҷӯй ва ба ҳунарат баҳои сазовор надиҳанд ҳам, аз санъат дилмонда машав.

Кара нақл кард, ки чӣ тавр рассомону хаттотони маъруф дар Табрез зиндагии фақирона ва бепаноҳ доранд, бо ҳамаи онҳо шинос аст, зеро ба онҳо барои пошоҳо ва сарватмандони Истанбулу вилоёти дигари Усмонӣ китоб супориш медиҳад. На танҳо дар Табрез, балки дар Машҳаду Ҳалаб бисёр рассомон аз бепулӣ ва хор шудани ҳунарашон аз баҳри наққошии китоб баромада, барои диққати сайёҳони фарангиро ҷалб намудан ба кашидани расмҳои ҷудо аз китоб сар кардаанд, ҳар гуна расмҳои бемаъниву фаҳш мекашанд. Кара шунидааст, ки гӯё китоби ҳангоми имзои шартномаи сулҳ ба подшоҳи мо додаи шоҳ Аббосро[23] аллакай қисм-қисм кардаанд ва саҳифаҳои онро барои тартиб додани китоби дигар истифода мебаранд. Аммо подшоҳи Ҳиндустон Акбар[24] супориш додааст, ки китоби нави бузурге таҳия намоянд ва барои он чунон маблағи зиёд ҷудо намудааст, ки ҳамаи наққошони беҳтарини

[23] *Аббос* (1571–1629) –шоҳи Эрон аз соли 1587.
[24] *Акбар* (1542–1605) –подшоҳи сулолаи Муғулони Бузург аз соли 1556.

Табрез ва Қазвин корашонро партофта, ба дарбори ӯ рӯй овардаанд.

Миёни нақлҳо дар бораи касбу корамон Кара воқеаҳои дигарро низ ба хотир меовард: масалан, оид ба таърихи як маҳдии дурӯғин ё дар бораи он ки чӣ тавр сафавиҳо барои ба дили хонҳои ӯзбек роҳ ёфтан шоҳзодаи хаставу камақлро ба гаравгонӣ супурданду вай аз беморӣ баъди се рӯз аз дунё гузашт ва он ҷо ташвиши зиёд ба бор овард. Инҳоро нақл карда механдид, аммо дар чеҳрааш ғаме соя андохта буд, ҳис мекардам, ки масъалаи душворе, ки дар борааш ҳарф бояд занем, ҳоло аз байн нарафтааст.

Чун ҳамаи мардҳои ҷавоне, ки ба хонаи мо рафтуомад мекарданд ё ҳатто аз рӯйи нақлҳо дар бораи оилаи мо хабаре доштанд, Кара ҳам ба духтари ягонаам, Шакураи зебо ошиқ шуда буд. Дилбохтагони хушрӯдухтарам, ки аксарияташон ҳатто рӯйи ӯро надидаанд, зиёд буданд ва аз ин боиси хавотирӣ намешуд. Аммо Кара узви хонадонамон буд, ӯро дӯст медоштанд ва ӯ метавонист Шакураро ҳар рӯз бинад, дар натиҷа шавқи бачагонааш ба муҳаббати сахт табдил меёфт. Гумон мекардам, ки ӯ муҳаббати худро пинҳон дошта метавонад, аммо ба иштибоҳи бузург роҳ дод – оташи муҳаббаташро бо баёни он ба духтарам паст кардан хост.

Ба хотири ҳамин иштибоҳ аз рафтуомад ба хонаамон маҳрум шуд.

Баъди се соле, ки ӯ Истанбулро тарк кард, духтарам дар айни камолот ба як сипоҳии каммағз расид. Фарзанди дуюмаш, ки таваллуд шуд, он сабукфикр ба сафари ҳарбӣ рафт ва барнагашт, инак, чор сол боз аз ӯ хату хабаре нест. Ба фикрам, ҳамаи инро Кара медонад. Дар ҷойҳои мо, Истанбул ба ин монанд овозаҳо зуд паҳн мешаванд, аммо гап дар бораи ин ҳам нест: аз чашмони Кара, чӣ тавр ба ман нигаристанаш вақте ки мо лаҳзае

хомӯш мемонем, пай мебарам, ки ба ӯ ҳама чиз маълум аст. Ҳатто ҳоло ҳам, ӯ «Китобу-р-рӯҳ»-и[25] рӯйи лавҳро варақ зада, кӯшиш мекунад ба садои бачаҳои дар хонаи дигар дар давутоз гӯш диҳад, медонад духтарам ду сол боз бо кӯдаконаш дар зери қаноти ман аст.

Дар бораи ин хонаи навамон, ки дар набудани Кара бунёд кардем, ҳарфе ба миён наовардем. Эҳтимол барои ҷавонмарди иззатталабе монанди ӯ, ки орзуманди сарватманд шудан ва соҳибэҳтиром гаштанро дорад, дар ин бора гап задан ногувор бошад. Аммо вақти омаданаш, ҳанӯз дар зинаҳо хотиррасон кардам, ки ошёнаи дуюмро интихоб кардаам, зеро ҳавояш хушктар аст, дар намӣ устухонҳоям дард мекунанд. Дар вақти баёни ин гапҳо андаке хиҷолат кашидам, аммо инро фаромӯш накунед, ки андаке баъд одамони аз ман фақиртар ҳам, ҳатто баъзе сипоҳиёне, ки тимори[26] кам доранд, хонаи дуошёна сохта метавонистагӣ шуданд.

Ҳамин тавр, дар хонаи наққошии зимистона, ки дар ошёнаи дуюм аст, нишастаем. Пай мебарам, ки Кара дар хонаи дигар будани Шакураро эҳсос мекунад. Ҳамоно ба сари мақсад омадам – дар бораи ба Табрез мактуб навишта даъват кардани ӯ.

– Чи тавре ки ту дар Табрез ба хаттотон ва наққошон супориш медодӣ, ҳоло ман ҳам як китоб омода мекунам, – гуфтам. –Супоришгар – олампаноҳ, ҳазрати подшоҳанд. Азбаски ин китоби махфист, подшоҳамон маблағи онро пинҳонӣ, тавассути сархазинадор[27] мерасонанд. Бо рассомони беҳтарини наққошхонаи подшоҳамон алоҳида-алоҳида шартнома дорам. Ба яке кашидани

---

[25] *«Китобу-р-рӯҳ»* –асари рӯҳонӣ Ибн ал-Қайим ал-Ҷизвия (вафоташ 1350).

[26] *Тимор* –қитъаи замин, ки сипоҳӣ барои хизмати ҳарбӣ аз фонди заминҳои давлатӣ мегирифт.

[27] *Сархазинадор* – дар матни асл хазинадарбошӣ.

расми саг, ба дигаре дарахт, ба сеюмӣ ороиши ҳошияи саҳифаҳо, ба чорумӣ расми аспро месупорам. Мехоҳам, ки дар ин расмҳо чун дар манзараҳои офаридаи рассомони румӣ олами иҳотакардаи подшоҳамон ба таври тамсил тасвир ёбад. Аммо агар барои румиён пул ва моликият муҳим бошад, барои мо ифодаи дороии зеҳнии подшоҳамон, ки дар дунёи шодиву ғами ӯ мавҷуданд, зарур аст. Агар кашидани расми пулро супориш дода бошам, ҳадафам ночиз нишон додани он аст; Шайтон ва Маргро бошад, барои он ки мо аз инҳо метарсем. Дар ин бора баъзе овозаҳо кардаанд, намедонам. Мехоҳам, ки ҳама чиз: устувории дарахт, афтодагии аспон, ҷакидани саг ба таври тамсил дар бораи подшоҳамон ва ҷаҳони ботинии он кас ҳикоят кунад. Ба Лаклак, Зайтун, Зариф ва Парвона ном наққошони маъруфамон супоридам, ки мавзӯи расмҳояшонро худашон интихоб кунанд. Дар шабҳои сардтарин ва дилгиртарини зимистон ҳам яке аз онҳо пинҳонӣ барои нишон додани расми китоб наздам меояд. Алҳол гуфта наметавонам, ки расмҳо чӣ гунаанд ва ҳадафамон чист, на барои он ки аз ту пинҳон дорам. Гап дар бораи он аст, ки шояд худам ҳам аниқ намедонам, ки дар бораи чиҳоянд онҳо. Аммо медонам, ки чӣ гуна бояд бошанд.

Дар бораи он ки Кара баъди чор моҳи мактубам ба Истанбул баргашт, аз устои сартароши маҳаллаи пешинаамон шунидам, ман ӯро ба хона даъват кардам. Медонистам, ки нақлҳоям моро наздик хоҳад кард, зеро дар он дард ҳам ҳаст, ваъдаи хушбахтӣ ҳам.

– Ҳар расм қиссае дорад, –гуфтам. –Наққоше, ки китобро хонда, барои он расм кашиданист, лаҳзаҳои ҷолибро интихоб мекунад. Мулоқоти аввалини ошиқон; сари махлуқи шайтонмонандро аз тан ҷудо кардани Рустами Дастон; нолиши Рустам дар сари писари аз дасти

худаш кушташуда; Маҷнуни аз ишқ девона, ки дар биёбони бекас байни шеру палангон ва ғизолону шағолон сарсон мегардад; Искандаре, ки пеш аз муҳориба ба ҷангал рафта, аз рӯйи парвози парандагон пешомади худро фаҳмиданист, аммо аз он ки уқоби бузурге шоҳини ӯро медарад, маъюс мегардад... Вақте ин ҳикояҳоро мехонем, чашмонамон ба дард медароянд, аммо ба расмҳо нигариста, чашмонамон истироҳат мекунанд. Агар ақлу заковат барои фаҳмиши ҳикоя камӣ кунад, расм ба ёрӣ меояд. Расм дар ҳикоят ба ҳукми рангест, ки онро рӯшан месозад. Расме нест, ки қиссае надошта бошад.

«Расме нест, ки қиссае надошта бошад», –гуфтаму пушаймон шудам.

– Аммо будааст чунин расм. Ду сол пеш подшоҳамон маро ба сифати сафир ба Рум фиристод. Он ҷо ҳазорҳо адад расмҳои устодони итолиёвиро дидам. Намедонистам, ки расме кадом маҷлисро ифода мекунад, аммо кӯшиш мекардам инро худам ёбам ва ҳикояте барояш созам. Аммо боре дар девори қаср расмеро дида, дар ҷоям шах шуда мондам.

Он аз ҳама ҷиҳат хуб буд, аз ҳама муҳимаш тасвири одаме монанди худам. Не, ман барин не, албатта, аз аҳли насоро. Бо вуҷуди ин, ба он нигариста, ҳис мекардам, ки ба ман монанд аст. Дар асл монандие надорад. Рӯйи пурраи гирд, пӯсти рӯяш тунук, рухсораҳо ҳамвор, манаҳаш ҳам монанд не. Пас, барои чӣ вақте ки ба расм менигарам, маро ҳаяҷон фаро мегирад гӯё расми худам бошад?

Аз соҳиби қаср, ки роҳбаладиам мекард, фаҳмидам, ки ин расми яке аз рафиқони ӯст, монанди худаш сарватманд. Ӯ аз наққош хостааст, ки аз ҳар кадом чизе, ки ба ӯ маъқул аст, яктоӣ кашад: аз тирезаи нимабози болои саҳифа манзараи воқеии як бандар бо тамоми

ҷузъиёташ дида мешуд; рӯйи мизе, ки дар поёни пойи мард аст, соат, чандто китоб оид ба занҳо, замон ва зиндагӣ, чандто қалам, харита, як дафтарчаи ёддошт, қуттичаи тангаҳои тилло, ҳар гуна майда-чуйдаҳое, ки таъйиноташонро намедонам, дида мешуд. Дар сақф бошад, чанд соя метофт, ки агар иштибоҳ накунам, рамзе аз шайтон, ҷину парӣ, ноҷӯриҳои зиндагӣ бояд бошад. Ниҳоят, дар паҳлуи падар акси духтаре зебо чун дар рӯъё.

Барои кадом ҳикоя кашида шуда ин расм ва онро пурра мегардонад? Ба расм нигариста, фаҳмидам, ки он ба сари худ ҳикоят аст. Он расми ягон ҳикоят нест, худ ҳикоят аст.

Расме, ки ин қадар мутааҷҷибам кард, ҳеч аз хаёлам дур намешуд. Аз қаср баромада, ба мусофирхона омадам, тамоми шаб дар бораи он фикр кардам. Мехостам, ки маро низ чунин кашанд. Э, не, ба чунин эҳтиром сазовор нестам. Балки подшоҳамон чунин кашида шаванд? Аммо ин ҳам имконпазир нест, зеро олиҷоҳи моро бо тамоми чизҳое, ки он кас дӯст медоранд, дар як саҳифа ҷой кардан душвор аст. Агар тамоми саҳифаҳои як китоби бузургро истифода барем, он вақт чизҳои дӯстдоштаи подшоҳи моро ҷой додан мумкин аст. «Аз чунин расмҳо як китоби бузург сохтан метавон», – аз дил гузарондам.

Устоди итолиёвӣ расми румимардро чунон кашидааст, ки ҳамааш зуд маълум мешавад: дар расм кӣ кашида шудааст. Агар ӯро дар умрат надида бошию ёфтанаш зарур бошад, дар даст расмаш дар миёни тӯдаи мардум чунин одамро ба осонӣ хоҳӣ ёфт. Ҳунармандони итолиёвӣ чунон усули тасвирро ёфтаанд, ки дар он одамонро на аз рӯйи сару либос, балки мувофиқи қиёфа фарқ кардан мумкин аст. Чунин усулро «портрет» меноманд.

Агар боре чеҳраи туро чунин офаранд, ин чеҳра ҳеч гоҳ фаромӯш намешавад. Ту барҳаёт набошӣ ҳам, ҳар кас метавонад бо як нигоҳ ба он туро ба ёд биёрад, гӯё ту дар муқобилаш истодаӣ. Ҳатто касоне, ки туро надидаанд, баъди солҳои зиёди аз дунё гузаштанат, агар онро бубинанд, гумон мекунанд, ки ту дар паҳлуяшон ҳастӣ.

Муддате хомӯш мондем. Ба тирезачаи хурде, ки рӯ ба кӯча аст, чашм давондам; чорчӯбаи поёниашро мо ҳеч гоҳ намекушоем, чорчӯбаи болоро бошад, бо матои мумзада маҳкам кардаам. Аз паси парда рӯшное чун ҳавои паси тиреза борику шикананда ворид мегардид.

– Як наққошамон буд, –гуфтам, –аз рассомони беҳтарини подшоҳамон, пинҳонӣ ба наздам омада, то саҳар кор мекард. Тазҳибгари беҳтарин. Ин бечораи Зариф-афандӣ як шаб аз ин ҷо баромада, ба хонааш рафта нарасид. Метарсам, ки ин устоди тазҳибгарамонро кушта бошанд.

6. Ман – Орҳан

– Кушта бошанд? –гашта пурсид Кара.

Қоматбаланд, хароб ва бадвоҳима аст ин Кара. Нав ба хона медаромадам, ки бобоям ба ӯ мегуфт: «кушта бошанд» ва дид маро:

– Ту ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

Аммо ба меҳр менигарист, бе ҳеч андеша тарафаш давидам ва ба сари зонуяш баромадам, аммо ӯ ҳамоно маро ба замин фароварда.

– Дасти Кararo бибӯс, –гуфт.

Дасташро бӯсидам, бӯйе надошт.

– Бачаи дӯстрӯяк, –гуфт Кара ва аз рухсорам бӯсид: – Калон шавад, паҳлавон мешавад.

– Ин Орҳан, шашсола. Аз ин калонаш ҳаст – Шавкат, ҳафтсола. Чунон гарданшах, ки…

Баъд, Кара ба бобоям гуфт:

– Дар кӯчаи пешинаи шумо, дар Оқсарой будам. Хунук, ҳама ҷоро барфуях, ба назарам намуд, ки чизе тағйир наёфтааст.

– Ҳама чиз тағйир ёфтааст, валангор аст, –эътироз кард бобоям, –ва хеле зиёд, –ба ман рӯй гардонд: –Акаат куҷост?

– Дар назди усто.

– Чаро ту ин ҷо?

– Усто ба ман офарин, ту метавонӣ равӣ гуфт.

– Худат танҳо омадӣ? –пурсид бобо. –Ту бояд бо акаат меомадӣ, –баъд ба Кара рӯй овард: –Ҳафтае ду бор баъди таълими Қуръон инҳо ба назди як ҷилдсози дӯстам мераванд ва муқовабандиро ёд мегиранд.

– Монанди бобоят кори наққоширо дӯст медорӣ? –ба ман рӯй овард Кара.

Гап назадам.

– Хуб, –гуфт бобоям, –акнун бирав.

Аз оташдон ҳамон қадар гармии форам мебаромад, ки аз он дур шудани одам намеомад. Лаҳзае бӯйи ранг ва ширешро шамида истодам. Бӯйи қаҳва ҳам меомад.

– Ба таври дигар кашидан оё маънои ба таври дигар дидани зиндагиро дорад?! –пурсид бобоям. –Тазҳибгари бечора аз ин сабаб кушта шуд. Охир, ӯ тазҳибро бо усули куҳна ба ҷо меовард. Кушта шуданашро аниқ намедонам, дуруста ҷойиб аст. Ҳоло онҳо бо амри сарнаққош, устод Усмон расмҳои як «Сурнома»-ро[28] мекашанд. Ҳама дар хонаҳояшон кор мекунанд. Устод Усмон бошад, дар наққошхона. Мехостам, ки нахуст ба он ҷо равӣ ва ҳама чизро бо чашми худ бубинӣ. Метарсам, ки ин кушторро

[28] *«Сурнома»* – китоби ороишёфта бо тасвири ҷамъомадҳо ва маросимҳои тантанавӣ.

ягон нафари дигар анҷом додааст. Устодони рассом бо лақабҳое, ки хеле пеш сарнаққош Усмон ба онҳо гузоштааст: Парвона, Зайтун, Лаклак машҳуранд… Ба наздашон рав, онҳоро ту дар хонаҳояшон меёбӣ…

Пуштнокӣ худро қафо кашида, ба зинаҳо баромадам. Аз хонае, ки дар девори байнаш ҷевон дошт ва он ҷо Ҳурия мехобид, садое ба гӯшам расид, нигаристам. Ҳурия набуд, модарам буд. Маро дида, изо кашидагӣ барин шуд. Дар назди дари кушодаи ҷевон меистод.

– Ту дар куҷо будӣ? –пурсид.

Аммо медонист дар куҷо буданамро. Дар пушти ҷевон сӯрохе буд, ки аз он хонаи наққошии бобоям баҳузур менамуд, агар дари хонаи бобоям кушода бошад, даҳлез, ҳатто аз даҳлез хонаи хоби бобоямро ҳам дидан мумкин буд.

– Пеши бобо будам, –гуфтам. –Очаҷон, ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

– Нагуфта будам, ки меҳмон дошта бошад, ба наздаш надаро? –дод зад модарам, аммо на бо овози баланд, чунки намехост меҳмон шунавад. –Чӣ кор мекарданд? –пурсид акнун меҳрубонона.

– Шиштаанд. Аммо расм намекашанд. Бобоям гап мезад, меҳмон гӯш мекард.

– Чӣ тавр менишаст?

Даррав ба замин нишастам ва меҳмонро тақлид кардам: нигар, очаҷон, ман чӣ хел одами ҷиддӣ ҳастам; абрӯвонамро хам карда, боборо гӯш мекунам ва худамро чун он меҳмон ҷиддӣ гирифта, ба оҳанги дуохонии рӯзи мавлуд сарамро ин тарафу он тараф такон медиҳам.

– Поён фаро! –гуфт модарам, –Ҳурияро ба назди ман фарёд кун. Зуд.

Нишаст, ба сари зонуяш тахтачаи хатнависиро гузошт ва дар порчаи коғаз ба навиштан даромад.

– Очаҷон, чӣ менависӣ?

– Зуд рав, Ҳурияро даъват кун, нагуфта будам ба ту?

Ба ошхона фаромадам. Бародарам омадааст. Ҳурия аз палаве, ки барои меҳмон тайёр кардааст, ба табақчааш як кафгир гузошт.

– Фиребгар! –дод зад бародарам. –Маро пеши усто партофта рафтӣ. Ҳама корҳоро ман кардам. Аз варақгардонӣ дастонам сиёҳ шуданд!

– Ҳурия, модарам туро фарёд дорад.

– Хӯрокамро хӯрам, нишонат медиҳам, –таҳдид кард бародарам. –Барои танбалӣ ва фиребгариат ҷазо мегирӣ.

Ҳурия баромаду бародарам палавашро партофта, ҳуҷум кард. Гурехта натавонистам. Аз дастонам дошта, тоб додан гирифт.

– Накун Шавкат, дард мекунад!

– Боз як бори дигар аз кор мегурезӣ?

– Намегурезам!

– Қасам хӯр!

– Қасам!

– Ба Қуръон қасам хӯр!

– Ба номи Қуръон…

Аммо сар надод. Ба назди худ кашола карда, ба зону нишонд. Бо як дасташ чумчаи ошро ба даҳонаш мебурд, бо дигараш бошад, он қадар бақувват аст, ки маро ба замин зер мекард.

– Боз додаратро азоб медиҳӣ, золим! –Ҳурия, ки ба сар саргирак гирифта баромаданӣ буд, Шавкатро мазаммат кард. –Сар деҳ вайро!

– Кори ту набошад, чӯрӣ! –дод зад акаам дасти маро сар надода. –Ба куҷо?

– Лимӯхарӣ, – ҷавоб дод Ҳурия.

– Дурӯғгӯй! Ҷевон пури лимӯ, –дод зад бародарам.

Дастонамро андаке раҳо карду бо поям задамаш, шамъдонро бардошта, бо он ба ҷанг даромаданӣ шудам,

аммо бародарам худро ба болоям партофт. Шамъдон афтид, табақчаи палав чаппа шуд.

– Худозадаҳо! –ин овози модарам. Меҳмон нашунавад гуфта, паст мегуфт. Чӣ тавр аз даҳлез гузашта, ба зинаҳо поён шудааст, ки Кара надидааст ӯро. Моро аз ҳам ҷудо кард: –Разилон, одамро шарманда мекунед!

– Орҳан имрӯз дурӯғгӯйӣ кард, –шикоят намуд Шавкат. –Маро назди усто танҳо партофта гурехт.

– Бас! –модарам як тарсакӣ ба рӯяш фаровард.

Сахт назад, бародарам нагирист, аммо ҷигот андохта, дод зад:

– Падарамро мехоҳам. Падарам бо шофи сурхи амаки Ҳасанам меояд ва мо дар хонаи амаки Ҳасан мемонем.

– Бас кун, мегӯям! –дод зад модарам. Вай чунон асабӣ шуд, ки аз дасти Шавкат гирифта, тарафи дари анбор кашола кард. Ман аз пасашон. Модарам дарро кушод, маро дида гуфт:

– Ҳардуят дароед.

– Очаҷон, ман ягон кор накардаам, –эътироз кардам, аммо ба дарун даромадам.

Модарам дарро аз болоямон пӯшид. Хона торик набуд, аз роғи чорчӯбаи тирезачаи рӯбарӯи дарахти анор равшании хира медаромад, аммо тарс маро фаро гирифт.

– Очаҷон, дарро кушо! –гиристам. –Хунук хӯрдам.

– Дод назан, тарсончак! –ҳуҷум кард Шавкат. –Ҳозир мекушояд.

Модарам дарро кушод ва гуфт:

– То рафтани меҳмон беодобӣ накунед? Хуб, то он вақт дар ошхона назди оташдон мешинед, берун набароед.

– Дар он ҷо одам зиқ мешавад, –абрӯ чин кард Шавкат. –Ҳурия куҷо рафт?

– Ҳама чизро донистани ту даркор, –гуфт модарам.

Аз охур садои шиҳаи асп баромад. Боз як бор шиҳа кашид. Садои аспи бобоям набуд, аспи Кара буд. Як навъ шиҳа мекашид, ки гӯё намоише сар мешавад ё субҳи рӯзи ид аст. Модарам ханда кард, гӯё мехост, мо ҳам ба ӯ шарик шавем, аммо мо нахандидем. Баъд, модарам ҷониби аспхона рафт, дарро боз кард ва ангушт ба лаб бурд: «Тсс!» ва боз хандид.

Баргашт ва моро ба ошхонае, ки бӯйи равған дошт ва макони ҳамешагии Ҳурия ва мушон аст, бурд.

– То рафтани меҳмон ором бошед, аз ин ҷо набароед. Ҷанг накунед, боз гумон накунад, ки бачаҳои шум ва бетарбия ҳастед.

– Очаҷон, –фарёд кардам то баста шудани дар, –онҳо мегуфтанд, ки тазҳибгари бечораи бобоямро куштаанд.

7. Номи ман Кара аст

Ҳамин ки Орҳанро дидам, фаҳмидам, ки он чеҳраи Шакура, ки хаёлан мекашидам, хеле нодуруст аст. Тарҳи рӯйи Орҳан ва ҳам Шакура дар асл нозуктар, манаҳаш аз он ки тасаввур мекардам, дарозрӯятар буд. Даҳони дӯстдоштаам низ мувофиқ ба ин чеҳра бояд хурдтар бошад. Ҳол он ки дар ин дувоздаҳ соли саргардониҳо дар тасаввурам даҳони Шукрия торафт калонтару лабонаш пургӯшту обдор чун олуболуи калон-калон мегаштанд.

Агар аз Шакура бо усули устодони итолиёвӣ расме медоштам, дар ин дувоздаҳ сол аз он ки қудрати дар ёд доштани чеҳраи маҳбубаамро надорам, худамро чунин хору нотавон ҳис намекардам. Зеро агар дар зеҳнат нақши чеҳраи як дӯстдоштаро дошта бошӣ, тамоми дунёро хонаат меҳисобӣ.

Вақте ки писари Шакураро дидам, бо ӯ гап задам ва бӯсидамаш, ҳамоно ҳисси беқарории аҷибе дастам дод, ҳиссе, ки шарики ҳамешагии бадбахтон, қотилон ва

гунаҳгорон аст. «Худи ҳозир бихез ва ба дидани Шакура рав!» –мегуфт садое аз қаъри дил.

Лаҳзае фикр мекардам, ки ба язнаам, ки дар паҳлуям нишастааст, чизе нагуфта, аз ҷоям мехезам, ба даҳлез мебароям ва ҳамаи дарҳоро кушода мебинам, то замоне, ки Шакураро наёбам; ман аллакай ҳама чизро тайи чашм карда мондаам – панҷ дари торик якҷоя бо даре, ки ба зина мебарояд. Аммо боз ба фикрам зад: боре чунин саросемагӣ ва беандешагӣ карда будам, дар натиҷа дувоздаҳ сол аз дӯстоштаам ҷудо шудам. Аз ин рӯ, дар ҷоям ором нишаста, ба болиштакҳое, ки дар онҳо эҳтимол чандин бор Шакура нишастааст ва ашёе, ки шояд ба онҳо дасташ расидааст, нигариста, язнаамро гӯш медиҳам.

Мегуфт, ки подшоҳамон мехоҳад ин китоб то ҳазорсолагии тақвими ҳичрӣ тайёр гардад. Ҷаҳонпаноҳ[29] подшоҳамон дар солонаи ҳазорсолагии тақвим нишон доданист, ки ӯ ва мамлакаташ усули фарангиро на кам аз онҳо метавонад истифода барад. Азбаски рассомон ҳоло ба «Сурнома» банданд, бо изни подшоҳамон ба онҳо супориш шудааст на дар наққошхонаи серғавғои дарбор, балки дар хонаҳояшон кор кунанд. Ба хонаи язнаам рафтуомад кардани онҳо, албатта, ба подшоҳамон маълум аст.

– Саррасом устод Усмонро бубин, –гуфт язнаам. – Мегӯянд, ки кӯр шудааст ё ақлашро хӯрдааст. Ба фикрам, ҳам кӯр шудааст, ҳам ақлашро хӯрдааст.

Ҳа, чӣ ҷойи пинҳон кардан: муносибаташон мисли сагу гурба аст. Охир, шавҳари холаам рассом нест, ҳунари хуб надорад, аммо таҳияи китобро подшоҳ ба ӯ супоридааст. Албатта, ин ба пири кор, сарнаққош Усмон писанд нест.

---

[29] *Ҷаҳанпаноҳ*-дар матни аслӣ низ чунин аст.

Ба ашёи хона диққат дода, даврaҳои бачагиро ба ёд овардам. Баъди дувоздаҳ сол ҳам гилеми дастбофи кабуди кулӣ[30], офтобаи мисин, лайливу пиёлаҳои қаҳванӯширо, ки ба қавли холаи раҳматиам аз Чин тавассути Португалия овардаанд, фаромӯш карда наметавонам. Ҳамаи ин ашё: китобмонак, ки канораҳояш садафкорӣ шудааст, таҳмон барои қавуқ[31], болишти сурхи махмалӣ, ки барои фаҳмидани нармиашон ба он даст расондам, ба ин ҷо аз хонаи собиқи маҳаллаи Оқсарой оварда шудаанд – ҷойе, ки бачагии ману Шакура гузаштааст ва ёди он рӯзҳое, ки хушбахт будаму наққоширо ёд мегирифтам, дар он абадӣ нақш бастааст.

Хушбахтӣ ва расм. Аз ҳамаи шумо, азизон, ки қиссаи зиндагии маро мехонед, хоҳиш дорам фаромӯш накунед, ки бахт ва расм нуқтаи асосии ҷаҳони маънавии мананд. Замоне дар байни ин китобҳо, қаламҳо ва расмҳо хушбахт будам. Баъд ошиқ шудам ва аз ин биҳишти барин ронда шудам. Давоми солҳои дур аз ватан дар ин бора фикр мекардам, ки чӣ қадар барои муҳаббати Шакура дар назди ӯ қарздорам, охир, маҳз тавассути ӯ дар ҷавонӣ чашмам ба зиндагӣ, олам кушода шуд. Бо содагию самимияти бачагона наметарсидам, ки ишқам бечавоб мемонад, ба оянда хушбин будам, аз ин сабаб, дунё ба назарам зебо буд, ин хонаро беҳтарин ҷой меҳисобидам, ҳама чиз маро ба ин сӯй мекашид: бо иштиёқ китобҳоеро, ки язнаам медод, мехондам, аз таҳти дил дар мадраса таҳсил мекардам, расмкаширо омӯхтам. Аммо ба ҳамон андоза, ки барои фаҳмиши гарм, фараҳангез ва пурқимат – ишқи Шакура худро қарздор медонам, баробари он барои фаҳмишҳои дигари торик, мағшуш – рад гаштани муҳаббатам худро қарздор меҳисобам. Буданд рӯзҳое, ки дар шабҳои сард дар

[30] *Кул* –шаҳр дар ҷанубу ғарби Туркия.
[31] *Қавуқ* –каллапӯше, ки дар он салларо мебанданд.

иҷорахонаҳо нишаста, ба шуълаи ларзон менигаристам ва мехостам, ки баробари он умрам ба поён расад; бисёр вақт баъди хомӯш гардондани оташи шаҳват хоб медидам, ки бо зани паҳлуям ба вартаи бетаг равонам; фикре мағзамро мехоид, ки чӣ тавр одами ношуд, беҳуда ҳастам… Барои ин аз Шакура миннатдорам.

– Ба ту маълум аст, ки, – баъди хеле вақт гуфт язнаам, – баъд аз марг рӯҳ метавонад ба ин дунё баргардад ва бо ҷасадҳое, ки ором хобидаанд, вохӯрад?

– Намедонам, –ҷавоб додам.

– Баъд аз марг роҳи дурударозе дар пеш аст, бинобар ин, аз марг наметарсам. Аз он метарсам, ки китоби подшоҳамонро ба итмом нарасонда мемирам.

Ба назарам ман акнун аз язнаам пурқувват ва баақлтарам. Барои чӣ бошад, ҳамеша дар хотир доштам, ки ба назди ин одаме, ки дувоздаҳ сол пеш ба издивоҷи ману духтараш розӣ нашуд, бо камзӯли қимате, ки маҳз ба ин муносибат харидам ва бо аспи дорои абзоли нуқракӯб омадаам, аспе, ки ҳоло аз зинаҳо фаромада, онро аз охур мебарорам.

Ваъда додам, ки дар мавриди наққошон пурсуков хоҳам кард. Дастонашро бӯсидам, аз зинаҳо фаромадам, ба ҳавлӣ баромадам, сардии барф ҳоламро беҳтар кард, ба хотирам расид, ки акнун кӯдак нестам, пир ҳам не: ҳамаи хушбахтиҳои дар пеш истодаро гӯё эҳсос мекардам. Вақте дари саисхонаро мепӯшидам, шамол вазид. Дар рӯйи ҳавлӣ баробари худам аспи сафедам, ки лаҷомаш дар дастам буд, ба ларза даромад. Бесабрии ӯ, қувваи бемонанди ӯро дар танам эҳсос кардам. Ба кӯча баромада, мехостам, ки бо як хез худро ба сари зин гирам ва дар тангкӯчаҳо монанди бод бипарам, монанди он шаҳсувори афсонавӣ, ки мегӯяд: «Дигар ҳеч гоҳ ба ин ҷо нахоҳам баргашт», аммо ногоҳ намедонам аз куҷо дар муқобилам зани фарбеҳе, ки дар даст бастае дошт,

баромад, либоси рангоранг яҳудӣ буданашро маълум месохт. Чун ҷевон бузургчусса. Аммо серҳаракат, чолок, ҳатто бо ишваву ноз.

– Ой, шери ҷаҳон, ширинак, ҳақиқатан зебо будаӣ, – гуфт. –Оиладорӣ ё муҷаррад? Барои маҳбубаи зебоят аз савдогари машҳури Истанбул рӯймоли шоҳӣ намехарӣ?

– Не.

– Миёнбанди сурхи атлас-чӣ?

– Не.

– Гапашро бинед-а: не, не! Худат наррашерию наход маҳбубаи пинҳонӣ надошта бошӣ? Кӣ медонад, чанд тан духтари ҷавон дар орзуи ту ашки ҳасрат мерезанд?

Дар як лаҳза ӯ монанди дорбозҳо тоб хӯрда, бо як назокат аз пеши рӯям баромад. Худи ҳамон лаҳза чун ҳунармандони чашмбанд дар кафаш мактубе пайдо шуд. Онро зуд ба даст гирифта, ба зери миёнбандам хастам – чунон бо ҳаракати тез ва номаълум, ки гӯё солҳо ин амалро машқ карда бошам. Мактуб калон буд ва гармии онро дар миёни фӯта ва пӯсти тани сардам эҳсос кардам.

– Ба аспат шин, ба ихтиёраш гузор, –пичиррос зад савдогар Эстер. –Дар охири девор тарафи рост гард ва роҳатро давом деҳ, аммо ба дарахти анор, ки расидӣ, ба иморате, ки аз он баромадӣ, нигар – ба тирезаи рӯ ба рӯят.

Роҳашро давом дода, дар як лаҳза нопадид шуд. Ба асп савор шудам, аммо монанди навшогирд. Қалбам мезаду аз сина баромадан мехост, худро гум карда будам, дастонам чӣ тавр нигоҳ доштани лаҷомро фаромӯш карданд, аммо вақте ки пойҳоям ба тани асп расиданд, ақлам ба ҷояш омад ва мо, бо ҷонвари доно, ҳамон тавре ки Эстер нишон дод, лукказанон то охири девор расидем ва ба рост тоб хӯрдем.

Айнан монанди афсонаҳо! Яъне, ҳамон тавре ки ин зан гуфт, ман хушқиёфаам? Бонуе аз паси панҷараи

тиреза маро менигарад? Мисле, ки дар алангаи оташ месӯхтам. Сактаи қалбаш ҳамин бошад? Гӯё ин дарди куҳнаи ошиқонро медониста бошам? Наход боз хато кунам? Аз байни абрҳо нури офтоб намоён шуд, худро гум кардам.

Дарахти анор куҷост? Наход ҳамин ниҳолаки назарногири бесаробон? Бале, худи худаш! Дар болои асп тоб хӯрдам: рост дар муқобилам як тиреза намуд, аммо касе нест он ҷо. Наход аҷуза маро фиреб дод?!

Ногоҳон чорчӯбаи яхкарда шараққосзанон кушода шуд ва дар назди тиреза дар офтоби нурполо дӯстдоштаамро дидам, аз байни шохчаҳои яхбаста чеҳраи зебои ӯ менамуд, ки дувоздаҳ сол боз надидаам. Оё чашмсиёҳакам ба ман менигарист ё аз канорам ба дуриҳо, ба олами дигар? Нафаҳмидам: ӯ механдид ё хафа буд, шояд ҳар ду: хандаи ғамолуд дошт? О, аспи нодон, оҳистатар, корвон нарафтааст. Чӣ ҷойе хубтар аз ин меёбӣ? Ҳадаҳа боз дар зин тоб хӯрда нигаристам, то замоне, ки он чеҳраи зебо ва асроромез дар паси шохҳои аз барф сафеди дарахт нопадид гашт.

Ман рӯйи асп, ӯ дар назди тиреза. Чӣ қадар монандӣ дошт ин саҳна ба расме, дар мактуби ба ман баргардонида тасвир шудааст: Ширин дар назди тиреза ва Хусрав рӯйи аспаш дар зери он. Ҳатто он дарахти ғамолуди нор чизи зиёдатӣ набуд, баръакс, ҳолатамро ифода мекард. Бале, ин ҳамон наққошӣ буд! Ба он менигаристаму ёди ишқе мекардам, ки Хусрав ба Ширин дошт. Ё акнун дар оташи ишқ месӯхтам.

8. Номи ман Эстер аст

Медонам, дар мактуби ба Кара додаам чӣ навишта шуданашро фаҳмиданиед. Ба худам ҳам аҷиб буд ва ҳамаашро дониста гирифтам. Агар донистан хоҳед,

тасаввур кунед, ки чанд саҳифаи ин ҳикояро пас мегардонед – пеш аз мактубро чиҳо шуданашро гуфта медиҳам.

Ҳоло шом, мо, ду пиракӣ, ману шавҳарам Насим дар хонаамон, ки дар маҳаллаи яҳудиён, соҳили халиҷ аст, нишастаем ва афу пуфкунон ба оташдон чинга мепартоем, то гарм шавем. Ба пир гуфтанам эътибор надиҳед: метавонам тамоми Истанбулро ба қаду бар бо буғчаи калон давр занам; дар он дар байни рӯймолчаҳои шоҳӣ, дастпӯшак, фаранҷӣ ва газворҳои бо киштиҳои португалӣ оварда ҳалқа, гӯшвор, шадда ва дигар майда-чуйдаҳои қимату арзон, ки аз диданашон дили бонувон ба тапиш медарояд, гузошта шудаанд; ягон тангкӯчае намондааст, ки нагашта бошам. Ҳамчунин, аз хона ба хона, аз кӯй ба кӯй мактуб, хатча ва ҳар гуна гапу хабар мебараму меорам; дар омади гап, таърифаш нест, нисфи духтарони ин шаҳрро ман ба шавҳар додаам. Ҳоло инҳоро як сӯ гузорем, ҳамон тавре ки гуфтам, шом канори оташдон менишастем, ки дарро кӯфтанд, хестаму кушодам, дар муқобилам хидматгори гаранги Шакура Ҳурия. Дар дасташ як мактуб. Аз сардӣ ё ҳаяҷон чунон меларзид, ки мақсадашро аввал дуруст нафаҳмидам.

Гумон кардам, ки мактуб барои Ҳасан аст. Ҳайрон шудам. Шавҳари Шакураи зебо ба ҷанг рафта, се-чор сол боз гумном аст; ба фикрам, ӯро кайҳо куштаанд. Ин шавҳари аз ҷанг барнагаштаи Шакура бародари девонаавзое дорад, номаш Ҳасан. Аммо фаҳмидам, ки мактуб на ба Ҳасан, балки ба каси дигар аст. Шакура дар мактуб чӣ навиштааст, Эстери шумо аз кунҷковӣ ҷойи нишаст намеёфт. Ниҳоят, имкони мактубро хондан пайдо кардам.

Шуморо, хонандаи азиз, ҳоло аз наздик намешиносам. Аз ин рӯ, рости гап, хиҷолат мекашам. Мактубро чӣ тавр хондам, ба шумо намегӯям. Шояд

кунҷковиам назди шумо кирдорест ношоиста ва нафратомез, гӯё ки худатон кунҷков набошед монанди ҳамон устои сартарош. Ба шумо танҳо он чизеро, ки аз мактуб хонда доданд, мегӯям. Ана, чӣ навиштааст Шакураи ширин:

«Кара-афандӣ, бо истифодаи ошноӣ бо падарам ба хонаи мо меоӣ. Аммо ба ягон хел ишораи ман умедвор нашав. Баъди рафтанат оби зиёд аз сар гузашт. Ҷаноб, аслан ман ду кӯдак дорам. Якеаш Орҳанро мешиносӣ, ишора кардаӣ, ки худи ҳозир дидаӣ. Чор сол боз шавҳарамро интизорам ва дигар андешае ба сар надорам. Шояд бо ду кӯдак ва падари пир монда, худро заифу бечора ҳис мекунам, ба қувва ва ҳимояи як мард эҳтиёҷ дорам, аммо фикр накун, ки касе аз ин вазъам истифода бурда метавонад. Бинобар ин, лутфан, дари моро накӯб. Аслан як маротиба қадами ноҷо гузошта будӣ ва он вақт маро зарур омад, ки ранҷи зиёд кашида, худро дар назди падар сафед кунам. Бо ин мактуб расми зебоеро,ки дар вақти дар сар хаёлҳои хом доштанат бароям кашидӣ, мефиристам. Ягон чиз умедвор набош ва дигар фиреб нахӯр. Роҳи хонаи моро фаромӯш кунӣ, беҳтар».

Бечора, Шакура, ӯ як мард, бей, пошо нест, ки дар мактуб муҳр гузорад. Танҳо дар зери варақ ҳарфи аввали номашро навиштааст, ба парандаи хурдакаки ларзон монанд.

Ҳа, муҳр гуфтам. Муҳри мактубҳоро чӣ тавр мекушоям, шояд кунҷковӣ мекунед шумо? Мактубҳо аслан муҳр надоранд. Азизи ман Шакура гумон мекунад, ки Эстер як яҳудии ҷоҳил аст, хатамонро балад нест. Дуруст, хатти шуморо хонда наметавонам, аммо ба дигарон мехононам. Ғайр аз ин, мактубҳоятонро худам ҳам хонда метавонам. Чӣ тавр, нафаҳмидед?

Хуб, ҳозир эзоҳ медиҳам, аз ҳама кундфаҳматон ҳам мефаҳмед.

Мактуб танҳо аз он иборат нест, ки дар вай ягон чиз навишта шавад. Мактуб монанди китоб бӯйида, ламс карда, хонда мешавад. Бо ҳамин усул одами баақл мактубро мехонад ва мегӯяд, ки дар он чӣ навишта шудааст. Ин аҳмақон мегӯянд, ки хонам, чӣ навишта шудааст. Ҳамин тавр, ҳаматарафа хондани нома ҳунар аст. Ана, тавақҷуҳ намоед, Шакура чӣ мехоҳад гӯяд.

1. Мактубро махфӣ мефиристам, тавассути Эстери ботачриба, яъне, мақсадам пинҳон доштани асрор нест.

2. Нома мисли хамири самбӯсаи варақӣ гаштаву баргашта печонда шудааст, ки аломати сирро дорад. Аммо мактуб дар ягон чиз гузошта нашудааст. Дар он расми калоне ҳам ҳаст. Яъне, сиррамонро ба касе ошкор накун. Ин мактуб радди ишқ нест, даъват ба ишқ аст.

3. Бӯйи мактуб аз чӣ дарак медиҳад? Одами мактубро гирифта ба ҳайрат меафтад (аҷабо, чаро хушбӯй аст?); чунон хушбӯй, ки боварнокарданӣ (ин бӯйи ягон атр бошад ё бӯйи даст); ин бӯй бечораеро, ки мактубро ба ман хонда дод, девона кард. Фикр мекунам, Кара низ айнан ба ҳамин ҳол афтода, ақл аз сараш паридагист.

4. Ман, Эстер як одами бесавод, аммо хатро мешиносам, нома гӯё саросема ва беэҳтиёт навишта шудааст, аммо ҳарфҳо муназзам, гӯё ба таъсири насими саҳарӣ чунон меҷунбанд, ки аён мегардад: бо аҷала навишта нашудааст. Навиштааст, ки Кара «*худи ҳозир*» Орҳанро дидааст, бигзор, аммо маълум аст, ки мактуб сиёҳнавис дорад, диққат кунед, ҳар сатр чунин маънӣ медиҳад.

5. Дар расме, ки дар мактуб гузошта шудааст, қиссаи ба мани Эстери яҳудӣ ҳам маълум тасвир ёфтааст: духтари зебое бо номи Ширин бо дидани расми ҷавони барное бо исми Хусрав ошиқаш мешавад. Ҳамаи

бонувони орзуманди Истанбул аз ин қисса бехуд гаштаанд, аммо бори аввал мебинам, ки онро ба касе фиристодаанд.

Ба шумо, хуштолеъҳо, ки хонда метавонед, гоҳ-гоҳ бесаводон муроҷиат мекардагистанд, ки мактуби ба онҳо омадаро хонда диҳед (бисёр вақт духтарон). Нома баъзан чунон муҳимму ҳаяҷоновар аст, ки ҳарчанд духтар аз он хиҷил аст, сурх гашта, хоҳиш мекунад, бори дигар хонда диҳед. Шумо мехонед, боз ва боз, то замоне, ки ҳар ду мазмуни онро азёд накунед. Баъди ин, бону мактубро ба даст гирифта, аз шумо мепурсад, ки дар ин бора дар куҷо навишта шудааст, дар бораи он чӣ? Бо ангуштонатон ҷойи даркориро нишон медиҳед ва духтарак ба он ҷо менигарад, ба пастию баландии ҳарфҳо, ба калимаҳое, ки хонда наметавонад, аммо азёд кардааст. Баъд, бесаводиашро фаромӯш карда, мешинад ба сари коғаз ва ашк мерезад, гӯё хонда метавониста бошад. Ба риққат меоӣ, мехоҳӣ бечораро ба оғӯш гирифта бӯсӣ.

Аммо ҳастанд бефаросатҳое, ки мактуби хондаашонро гардонда намедиҳанд, илтимос, чунин накунед. Духтарак мехоҳад номаашро боз як бор ба даст гирад, нигарад, ҳарчанд дар ёд надорад, ки дар куҷо чӣ навишта шудааст, аммо ба ӯ мегӯянд: «Ба ту чӣ зарур? Будагӣ гап, хонда наметавонӣ!» Баъзан дар чунин ҳолатҳо сар халондан, мактубро аз дасти чунин нохалафон кашида гирифтанам зарур меояд. Ҳамин хелам ман Эстери ғамхори шумо. Агар маъқулам мешавед, дӯстатон медорам, ёрӣ мерасонам.

9. Ман, Шакура



Вақте ки Кара бо аспи сафед мегузашт, чаро назди тиреза пайдо шудам? Чаро маҳз ҳамон лаҳза панҷараро кушодам ва аз паси ӯ аз байни шохҳои барфолуди дарахти анор хеле нигаристам? Аниқ гуфта наметавонам. Бо дасти Ҳурия хабарро ба Эстер худам расонда будам; он ҷо пайдо шудани Кararo ҳам медонистам. Ба хонаи ҷевондор, ки рӯ ба дарахти нор аст, даромада, малофаҳоро ба сандуқ ҷо мекардам. Ногоҳ хоҳише пайдо шуд, ки тирезаро кушоям, бо тамоми қувва онро тела додам ва хона аз нури офтоб пур гашт. Чашмонамро офтоб бурд ва бо Кара чашм ба чашм афтодам; ӯ хеле зебо буд.

Қоматбаланд, мардсифат, шарму хиҷолати бачагиаш аз байн рафтааст, ба ҳисобе зебо. Нигар, Шакура, мегуфт дилам, Кара на танҳо зебост, ба даруни чашмонаш нигар, дили кӯдаконае дорад, чӣ қадар тозаву пок. Ба ӯ бирас. Аммо дар мактубам тамоман чизи дигар навиштам ман.

Бигзор, ӯ аз ман дувоздаҳ сол калон, аммо дар дувоздаҳсолагӣ ҳам медонистам, ки аз ӯ бузургтарам. Дар он замонҳо ба ҷойи ин ки чун ҳамаи писарон наздам ояд ва ором гӯяд, ки имрӯз ин корро кардам, пагоҳ он корро мекунам ва мехоҳам ба болои ин бароям, аз болои он бипарам ва ғайра, вақте маро наздаш медид, хиҷолат мекашид, даступо мехӯрд, ҳамеша сараш болои китоб ё

расме, ки мекашид, хам буд. Баъд, ба ман ошиқ шуд. Расме кашида, муҳаббаташро изҳор кард. Он ҳам чӣ навъ гӯед?! Дар дувоздаҳсолагӣ пай бурдам, ки Кара ба чашмам нигариста наметавонад, фикр кунам, аз он метарсад, ки ба чашмонам нигарад, сирраш фош мешавад. Масалан, агар «Ҳамон корди дастааш устухониро деҳ», –гӯям, фақат ба корд нигоҳ мекард, на ба ман. Ё агар мепурсидамаш, ки: «Оё ин афшураи олу бамазза аст?», ба ҷойи он ки чун ҳар одами даҳонаш банд табассум карда, оромона ҷавоб диҳад, гӯё, ки бо ягон бачаи ятим ё кар гап мезада бошад, оби даҳонашро фурӯ бурда, бо овози баланд дод мезад: «Бале!» Чунки аз нигоҳ кардан ба ман метарсид. Бисёр зебо будам он вақт! Ҳамаи мардҳо аз дур, аз зери парда, пушти дар, аз ҳар ҷо маро бинанд, ба як бор ошиқ мешуданд. Инро барои худтаърифкунӣ не, барои он мегӯям, ки ба маънии ҳикояти ҷигарсӯз ва ғамборам расед.

Ҳама ҳикояти Хусрав ва Ширинро хуб медонанд, дар он порае ҳаст, ки ману Кара дар бораш зиёд ҳарф мезадем. Шопур ният дошт, ки Хусраву Ширинро ба ҳам расонад. Боре, вақте ки Ширин бо надимаҳояш савори асп аз шаҳр берун меравад, Шопур аз пасашон рафта, номаълум дар сари роҳашон дар шохи дарахте расми Хусравро овехта мемонад. Ширин расми Хусрави барноро дар он боғчаи зебо дар шохи дарахт дида, ба вай дил мебандад. Ин лаҳзаро, ба қавли худи наққошон маҷлисеро, ки Ширини ҳайратзада ба Хусрав менигарист, дар бисёр расмҳо тасвир кардаанд. Ҳангоми бо падарам кор кардан Кара чунин расмҳоро борҳо дидааст ва як-ду маротиба нусхабардорӣ кардааст. Баъди ба ман ошиқ шудан ӯ боз як бор чунин расм кашид. Аммо ба ҷойи Хусраву Ширин моро гузошт: Кара ва Шакура. Агар имзо ҳам намегузошт, пай мебурдам, ки дар расм моем, зеро то он вақт ҳам гоҳо расмамонро мекашид ва

медонистам, ки ҳар дафъа як хел рангро истифода мебарад: маро кабуд, худро сурх мекашад. Аммо магар ин кам буд, ки дар зери расмҳои Хусраву Ширин номҳоямонро навиштааст. Расмро дар ҷойи ба ман намоён гузошта, худаш ҷиноятқор барин гурехт. Баъд аз дур пинҳонӣ мушоҳида мекард, ки чӣ тавр расмро менигарам ва чӣ кор мекунам.

Медонистам, ки ҳеч гоҳ монанди Ширин ба ӯ ошиқ намешавам, бинобар ин, мижаам хам нахӯрд. Яке аз бегоҳиҳои гарми тобистон, ки илоҷи ягонаи раҳоӣ аз гармо афшураи олуболу буд ва мегуфтанд онро аз Улудоғ овардаанд, баъди рафтани Кара ба ман ошиқ шуданашро бо падарам гуфтам. Кара он вақт нав мактабро хатм карда, дар маҳаллаи атроф муаллимӣ мекард ва бо исрори падарам интизори ба мадрасаи баэътибори Наим-пошо ба кор гузаштан буд. Ба қавли падарам ҳоло дар майнаи ӯ бод давр мезад. Падарам кӯшиш мекард, ӯро дар паҳлуи Наим-пошо ҷойгир кунад, дар аввал бигзор котиб бошад, аммо худи Кара дар ин бобат коре намекард, «ақлашро хӯрдааст», мегуфт падарам. Он бегоҳ падарам гапи маро шунида гуфт: «Чашми ин ҷияни фақирамон ба дуриҳост», баъд ба гапи модарам гӯш надода, илова кард: «Аз он ки мо гумон мекардем, донотар».

Ин ки падарам рӯзи дигар чӣ карду чӣ тавр ман Караро ба назди худ наздик шудан нагузоштам; чӣ хел пойи Кара аввал аз хонаамон ва баъд аз маҳаллаамон канда шуд, ҳарчанд ҳамааш дар ёдам ҳаст, дар ин бора ба шумо чизе намегӯям. Барои он ки намехоҳам дар бораи ману падарам гумони бад кунед. Бовар кунед, дигар илоҷ надоштем. Дар чунин вазъ ҳатто одами якрав ҳам мефаҳмад, ки ишқаш бефоида аст, шахси боақл ба хулоса меояд: «Мо ба ҳамдигар мувофиқ не» ё «Тақдир чунин будааст». Аммо ман дар ин маврид ҳеч чизи гуфтанӣ

надоштам ва ҳоло ҳам надорам. Ёдам ҳаст, ки як маротиба модарам гуфт: «Қалби бачаро нашиканем». Бачае, ки модарам мегуфт – Кара, бисту чаҳорсола, ман аз ӯ ду баробар хурд будам. Изҳори ишқ кардани Карароба мани кӯдак падарам густохӣ ҳисоб кард, аз ин рӯ, ба ҳарфҳои модарам эътибор надод.

Вақте шунидем Истанбулро тарк кардааст, шояд гуфта нашавад, ки мо куллан ӯро фаромӯш кардем, вале дигар ӯро ба ёд намеовардем. Бо вуҷуди он ки солҳои зиёд аз шаҳре хабаре аз ӯ набуд, бинобар ин, фикр мекунам, ягон бадие надошт, ки расми кашидаи ӯро ҳамчун ёдгорӣ ва шоҳиди дӯстии даврони наврасӣ бо худ нигоҳ доштам. Барои он ки падар ё шавҳарам он расмро дида, хафа нашаванд, дар болои калимаҳои «Шакура» ва «Кара» аз рангдони падарам ранг рехтам, баъд, зӯр зада, қатраҳоро ба гул табдил додам. Агар байни шумо онҳое бошанд, ки дар назди тиреза пайдо шуданамро дигар хел маънидод мекунанд, шояд баъди он ки мефаҳманд расмро ба ӯ баргардондам, шарм мекунанд ва фикрашон дигар мешавад.

Баъди дувоздаҳ сол бори аввал дидамаш, то хунук хӯрдан назди тиреза истодам ва бо вақд ғуруби офтобро, ки ба боғ ранги сурху кабуд мебахшид, мушоҳида кардам. Шамоле набуд. Наметарсидам аз он ки роҳгузаре, ҳатто падар, ки назди чоҳ вузӯ дошт ё Кара, ки шояд аспашро гардонда ояд, маро назди тиреза дида, гумоне мекунанд. Яке аз духтарони Зевар-пошо, ки ҳафтае як бор бо онҳо ба гармоба рафтанро дӯст медорам – Масрура, ҳамоне ки ҳамеша механдад ва хушгӯйӣ мекунад, баъзан ҳарфҳое ба забон меорад, ки ҳайрон мешавӣ, боре нақл кард, ки одам баъзан худаш намедонад, ки дақиқан чӣ фикр дорад. Дар бораи ман бошад, метавон гуфт, ки гоҳо мешавад, ки чизе мегӯям, ҳамон лаҳза мефаҳмам, ки дар ҳақиқат чунин

фикре доштам, аммо ҳоло боварӣ дорам, ки тамоман чизи дигар гуфтанӣ будам.

Хабари чун шавҳарам гум шудани яке аз наққошоне, ки падарам ба хона даъват мекард, маро ғамгин сохт. Зариф-афандӣ дар байни онҳо аз ҳама назарногир ва фақир буд (пинҳон намекунам, ҳар яки онҳоро номаълум тамошо мекардам).

Чорчӯбаи тирезаро баста, аз хона баромадам ва ба ошхона фаромадам. Орҳан гуфт:

– Очаҷон, Шавкат туро гӯш накард. Вақте ки Кара аз охур аспашро бароварда, аз ошхона баромад ва аз сӯрохӣ нигарист.

– Хайр чӣ?! –даст афшонд Шавкат. –Модарам ҳам аз сӯрохии даруни ҷевон ӯро нигоҳ карда буд.

Ба Ҳурия гуфтам:

– Ин шом барои инҳо аз бодом ва шакару орд хӯрок паз, серавған нашавад.

Орҳан аз шодӣ ба ҷастухез даромад, Шавкат – ором. Дар зинаҳо онҳо бо доду фарёд, якдигарро тела дода, зинаҳоро тап-тапкунон боло мешуданд.

– Оҳиста, оҳиста! –фарёд кардам хандакунон. «Беадабҳо!» –гӯён барои зебаш ба тахтапушташон зада мондам.

Эҳ, чӣ хуб шом бо бачагон! Падар ба китобаш банд.

– Меҳмонатон рафт, –пурсидам. –Шуморо хаста накард?

– На, –ҷавоб дод. –Маро машғул дошт. Чун пешина шавҳари холаашро ҳурмат мекунад.

– Ин хуб аст.

– Аммо бисёр эҳтиёткор ва дурандеш.

Манзураш аз ин ҳарф, он ҳам бо лаҳни таҳқиромез, он буд, ки мавзӯи гапро дигар кунад, то аз худ вокунише нишон надиҳам. Бо вуҷуди ин, агар вақти дигар мебуд, аз забони тунду тезам касеро халосӣ набуд. Аммо ҳоло, ки

савораи аспи сафедро дидам, ҷилави даҳонамро нигоҳ доштам ва чизе нагуфтам.

Чунон ба андеша ғӯтавар будам, ки ёдам нест баъд чӣ шуд. Фақат дар хотирам ҳаст, ки дар хонаи ҷевондор меистодам, дар бағалам Орҳан, баъд, Шавкат ба мо ҳамроҳ шуд. Ҳар яке барои он ки худро ба ман часпонанд, хуб теладиҳӣ карданд, фиғонашон баланд буд, ин корашонро дӯст медорам. Онҳоро чун сагчаҳо навозиш кардам, аз тори сарашон бӯсидам ва ба сари синаам пахш карда, задани дилашонро эҳсос намудам. Сару танашон арақ карда буд ва бӯй медод, барои ҳамин гуфтам:

– Эҳ, чӣ қадар мӯйҳоятон чиркин. Пагоҳ ҳатман бо Ҳурия гармоба равед.

– Намехоҳам дигар бо Ҳурия ҳаммом равам, –эълон кард Шавкат.

– Наход ҳамин қадар калон шудаӣ?

Шавкат бошад, пурсид:

– Оча, чаро ин куртаи бунафши зебоятро пӯшидӣ? Маъқул аст?

Зуд ба хонаи дарунӣ рафтам ва куртаи бунафшро кашидам ва он пероҳани рангпаридаи сабзи хонапӯширо ба бар кардам. Вақти либоскашӣ хунук хӯрдам, аммо гармии хосе дар баданам буд ва эҳсос мекардам, ки аз пешина дида ҷавонтару хушҳолтарам. Саргардони бачаҳо сурхии барии рӯям паҳн шудааст, бо кафи дастам онро равондам. Дар омади гап, бештари занҳое, ки дар гармоба мебинамашон, ҳатто ағлаби хешовандон, ҳамсояҳо бовар намекунанд, ки як зани беваи бисту чаҳорсола, бо ду бача ҳастам ва агар аз онҳо пурсед, ҳатман мегӯянд, ки ман як духтари ҷавони шонздаҳсолаам. Ҳам аз онҳо, ҳам аз шумо хоҳиш мекунам, ки бовар кунед, ман як зани беваи бисту

чаҳорсола бо ду бачаам. Фаҳмидед, агар не, дигар ба шумо чизеро нақл нахоҳам кард.

Ҳайрон нашавед, ки бо шумо чунин гап мезанам. Чанд сол боз расмҳои китобҳои падарро тамошо мекунам ва духтарони зеборо мечӯям. Кам бошанд ҳам, ҳастанд. Онҳо ҳамеша хиҷолатзада ва шармгинанд, нигоҳашон ба зер ё ба якдигар дӯхта шудааст, гӯё шармандаанд. Барои чӣ?! Нашудааст, ки боре бо сари боло ба дунё нигаранд – чун мардҳо: ҷанговарон ва подшоҳҳо. Аммо дар китобҳои одӣ, расмҳое, ки саросема кашида шудаанд, баъзан нигоҳи бонувон аз беэҳтиётии рассом на ба замин ва ҳатто ба чизе (масалан, ба ҷом) ва касе (масалан, дӯстдошта) аз ҳамон расм, балки ба бинанда равона шудааст. Ба худ суол медиҳам: кист он бинанда?

Вақте ба хотирам мерасад, ки чӣ тавр дусад сол пеш кофирони илмдӯсту ҳунарпарвар китобҳои замони Темурро бо нархи тилло харида, ба кишварҳояшон бурданд, танамро ларза фаро мегирад: шояд замоне касе аз он кишварҳои дур ба қиссаи ман ҳам таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Бале, ҳар кас мехоҳад ба китоб ворид шавад. Магар подшоҳу вазиронро чунин ҳаяҷон фаро намегирад, вақте ки ба сари шоирону нависандагоне, ки дар китобҳояшон қаҳрамониҳои онҳоро васф мекунанд, тангаву тилло мепошанд? Вақте дар ин бора фикр мекунам, чун он зебосанамҳое, ки дар як вақт ҳам ба дунёи атрофашон дар қисса ва ҳам ба берун менигаранд, мехоҳам бо шумо, ки аз дуриҳои макону замон маро гӯш мекунед, суҳбат кунам. Ман ҳам зебову боақлам, бинобар ин, аз он ки менигаредам, хушам меояд. Аз ин рӯ, ба назар гиред, ки агар баъзан аз рӯйи зарурият дурӯғ гӯям, барои он аст, ки дар бораам ба ягон гумони бад наравед.

Шояд аллакай пай бурдед, ки падар маро хеле дӯст медорад, дар ин бора худатон ба хулоса омадед. То ман ӯ се писар дошт, аммо Худованд онҳоро пайиҳам ба

наздаш хонд, ягона мани духтарро нигаҳ дошт. Ҳарчанд падар бароям чун барги бед меларзид, дар масъалаи шавҳар ба даҳони ӯ нигоҳ карда нанишастам. Низомиеро хуш кардам. Агар ба гапи падар медаромадам, бояд ба касе, ки одами аз ҳама донишманди ҷаҳон, аз наққошиву ҳунар баҳраманд ва ба андозаи Қоруни афсонавӣ сарватманд ва соҳибмансаб бошад, издивоҷ мекардам, ки назири чунин одам ҳатто дар китобҳои ӯ пайдо намешавад, он гоҳ бояд пирдухтар шуда, наздаш мемондам.

Аз ин рӯ, тавонистам ин масъаларо худ ҳал кунам. Дар бораи ин шавҳаршаванда гап бисёр буд, ҳуснаш овозаю дарвоза. Аз рӯйи маълумоти ба даст овардаам рӯзе ҳангоми бозгашт аз гармоба ба таври ногоҳонӣ аз пешаш баромадам. Чашмонаш оташбор. Ҳамин ки дидам, ошиқ шудам.

Андак сабзина буд, аммо пӯсташ сап-сафед, чашмонаш сабз; дастони дарозу пурқувват дошт, аммо худро ором мегирифт, ба назар мерасид, ки монанди кӯдак беозор аст. Шояд тамоми қувваашро дар майдони ҷанг барои куштани одамон ва ҷамъ кардани ғанимат сарф мекард, ки хона омада, ором ва боодоб мешуд. Ба назарам, аз ӯ андаке бӯйи хун меомад. Ҳарчи набошад, дар хона хеле беозор буд. Падарам аввал розӣ нашуд, мегуфт, сипоҳиён фақиранд. Ҳарчанд таҳдид кардам, ки қабул накунад, худамро мекушам, сар нафароварда. Аммо соле нагузашта, ин низомии бепул дар ҷангҳо диловариҳо карда, сарвате ғундошт, ки ба даҳ ҳазор сиккаи нуқра меарзид ва ҳаваси ҳамаро овард.

Чаҳор сол пеш лашкаре, ки ба ҷанги сафавиҳо рафт ва давоми ин чаҳор сол балои зиёд ба сари он бандаҳои Худо овард, пирӯзмандона баргашт ва вориди Истанбул шуд, аммо бидуни шавҳарам. Аввал бовар намекардем, охир, давоми солҳое, ки дар ҷанг буд, тачрибааш бештар

шуд, дараҷааш боло гашт, ғаниматҳои бештар овард ва ба зиммааш сарбозҳои бештарро супурданд. Баъзе аз сарбозҳои омада гуфтанд, ки ӯ бо сарбозҳои наздикаш аз лашкар ҷудо шуда, ба самти кӯҳ равон шуд ва дигар барнагашт. Соли аввал ба худам мегуфтам, ки шояд меояд, ду сол гузашт, наомад, одат кардам. Баъдҳо вақте фаҳмидам, ки дар Истанбул монанди ман занҳое, ки шавҳаронашон беному нишон шудаанд, зиёданд, боварам қавӣ гашт.

Шабҳо дар рахти хоб бо бачаҳо ҳамдигарро бағал карда, гириста, мехобидем. Барои тасаллиашон мегуфтам, ки нафаре падарашонро дидааст ва ӯ баҳор меояд. Ин дурӯғҳо аз даҳони онҳо ба кӯча паҳн мешуд ва ҳамчун «хабари хуш» боз ба худам бармегашт: яке меомад ва мегуфт, ки мужда деҳ, шавҳарат баҳор нашуда бармегардад ва мани аблаҳ ба он бовар мекардам.

Он вақт мо дар ноҳияи Чорсӯкаппа дар хонаи иҷора бо падарарӯсам, абхозии пир, ки дар зиндагӣ рӯзи некро надидааст, аммо бисёр одами меҳрубон аст ва бародари шавҳарам Ҳасан, ки чун ӯ чашмони сабз дорад, зиндагӣ доштем. Вақте ки мутаккои ягонаи хона – шавҳарам беному нишон шуд, зиндагӣ душвор гашт. Падарарӯсам, новобаста ба пиронсолӣ ба шуғли пешинааш – ойинагарӣ баргашт (ин касбро баъди аз ҷангҳо бадавлат шуда баргаштани писараш бас карда буд). Аммо харочоти асосии оиларо бародари шавҳарам мебароварда, ӯ дар идораи гумрук кор мекард. Барои ин оҳиста-оҳиста забонаш дароз шудан гирифт, тамоми аҳли оила бояд ба ӯ итоат мекардаанд. Мо хидматгорзани ғулом доштем, ки тамоми кори хонаро анҷом медод. Боре зимистон, ки додани пули иҷораи хона кашол ёфт, падару писар канизро ба бозори Ғуломон бароварда фурӯхтанд ва аз ман хоҳиш карданд, ки корҳоеро, ки он зан анҷом медод: хӯрокпазӣ, ҷомашӯйӣ, бозорравиро ба зимма гирам.

Метавонистам бигӯям: «Магар ман канизам?!» ва коре накунам, аммо нагуфтам ва дандон ба дандон монда, ҳамаи ин корҳоро ичро мекардам. Ҳамаи ин ҳеч гап набуд, агар Ҳасан, ки муҷаррад буд ва гоҳо хизматгорзанакро ба ҷогаҳаш мекашид, акнун ба ман часпид, шабҳо дари моро мекӯфтагӣ шуд, токатам тоқ гашт, тоб наовардам.

Албатта, метавонистам ҳамоно ба ин ҷо, хонаи падар баргардам, аммо шавҳарам ҳоло расман барҳаёт буд ва ин маънои онро дошт, ки агар қаҳри Ҳасану падарашро орам, метавонистанд ба қозӣ мурочиат карда, на танҳо ба хона баргардонанд, балки моро шарманда сохта, ба ҷазо гирифтор кунанд (падарамро барои пинҳон кардани ман). Аз тарафи дигар, метавонистам ба Ҳасан, ки назар ба шавҳарам меҳрубон ва боақлтар буду маро девонавор дӯст медошт, сар фарорам. Аммо ин қадами беандешаам маро на ба зани ӯ, балки метавонист (Худоё, маро аз ин гуноҳ нигоҳ дор!) ба канизаш табдил диҳад. Зеро Ҳасан ва падараш ҳеч ба як қарор намеомаданд, ки ба қозӣ мурочиат карда, шавҳари маро ҳалокшуда шуморанд, чунки метарсиданд, ки ҳиссаи мероси худро талаб мекунам ва ҳатто мумкин аст бо бачагон ба хонаи падарам баргардам. Табиист, ки то замоне, ки қозӣ ҳалок шудани шавҳарамро тасдиқ карда, маро бева эълон накунад, ба Ҳасан ё ягон каси дигар ба шавҳар баромада наметавонистам. Бинобар ин, барои падару писар беҳтар буд, ки шавҳарам «бедаракшуда» дониста, вазъи ман дар ҳолати номуайянӣ боқӣ монад, ин маро бе ресмон дар хонаашон баста мемонд. Аз ёдатон набарояд, обу таомашонро тайёр мекардам, яке аз онҳо бошад, сахт ба ман ошиқ шуда буд.

Беҳтарин роҳ барои падарарӯс ва Ҳасан он буд, ки Ҳасан маро ба занӣ гирад. Барои ин шоҳидони ҳалокати шавҳарамро ёфтан даркор буд, то қозиро бовар

кунонанд. Албатта, бо назардошти он ки наздиктарин одамон: падар ва писар розианд, ки писарашон мурда дониста шавад, норозиҳо нестанд, қозӣ метавонист ба ивази чанд танга шаҳодати шоҳидони қалбакиро дар бораи он ки ҳалокати шавҳари маро бо чашмони худ дидаанд, дуруст ҳисобад. Аммо падарарӯс ва писараш ба он бовар надоштанд, ки баъди бева эълон шудан дар хонаи онҳо мемонам ва ҳиссаи мерос талаб намекунам, аз ҳама асосиаш бо хоҳиши худ ба Ҳасан ба шавҳар мебароям. Агар ӯро бовар кунонам, ки ба ҳеч куҷо намеравам, бояд бо ӯ қаробат карда, тани худро ба ӯ бубахшам.

Албатта, агар хоҳам метавонистам Ҳасанро дӯст дорам. Ӯ аз шавҳарам ҳашт сол хурд аст, то ба ин вақт бо ман чун бародар буд, нисбаташ меҳру муҳаббат доштам. Бо бачагонам бозӣ карданро дӯст медошт. Баъзан ӯ ба ман чунон менигарист, ки одами аз ташнагӣ ҳалқаш қоқ ба пиёлаи пури афшураи олуболу менигарад. Ин ба ман мефорид. Аммо ба касе, ки маро баробари хизматгор ҷомашӯйӣ, бозорравӣ мефармояд, муҳаббат доштан аз қувваи иродаам боло буд. Ҳасан аз бовари ман баромада буд. Дар ҳамон рӯзҳои аламовар, ки бисёр вақт ба хонаи падар мегурехтем, ба дегу косаву табақи ношуста нигариста мегиристам ва ба ёд меовардам, ки чӣ тавр бо кӯдакон часпида тарсону ҳаросон мехобидем ва мутаккое меҷустем, Ҳасан ба худу ба мо, ба ягона роҳе, ки шояд моро бо ҳам ҳамхона мегардонд, бовар накарда, дағалона ва бешармона рафтор кард. Чанд бор хост маро ба девор часпонда бибӯсад, мегуфт, ки шавҳарам ҳеч гоҳ барнамегардад, метарсонд, ки мекушад, чун кӯдак мегирист. Аз саросемагӣ ва бетоқатӣ имкон надод, ки дар дилам оташаки муҳаббат (дар ин бора дар китобҳо менависанд) пайдо шавад, акнун фаҳмидам, ки наметавонам ба ӯ ба шавҳар бароям.

Боре, шабона вақте ки бо бачаҳо хоб будем, дари моро кушоданӣ шуд, тарси бачаҳоро фикр накарда, бо тамоми овоз дод задам, ки ба хона ҷинҳои бадкор даромадаанд. Аз фиғонам падарарӯс бедор шуда, давида омад ва Ҳасани дар оташи шаҳват сӯхтаистодаро дида, баъди гӯш кардани лақиданҳои беҳудаи ман дар бораи кадом як ҷинҳо бо шарм бошад ҳам, ҳақиқати талхро дарк кард, фаҳмид, ки писари масташ шарм надошта, ба болои зани бародари худ, модари ду кӯдак тохт овардааст. Вақте ки эълон кардам, нахобида, то саҳар кӯдаконамро аз ҷинҳо посбонӣ мекунам, пирамарди рамузфаҳм хомӯш истод. Саҳарӣ эълон кардам, ки ба хонаи падарам меравам, ӯ бемор аст ва ба нигоҳубин эҳтиёҷ дорад. Падарарӯс ночор розӣ шуд. Аз ҳаёти оилавӣ нишона гӯён ин ашёи аз ҷанг ғанимат овардаи шавҳарамро бо худ гирифтам: соати зангӯладори маҷорӣ, тозиёнаи аз мӯйи аспи арабӣ бофташуда, шоҳмоти табрезии аз устухони фил сохташуда, ки бачаҳо бо он аскарчабозӣ мекарданд, шамъдони нуқрагини нахичеванӣ; онҳоро борҳо фурӯхтанӣ буданд, аммо намондам.

Ҳамон тавре ки тахмин мекардам, баъди рафтанам эҳтироси дилбазан ва дағали Ҳасан ба муҳаббати ноумедона, аммо сазовори эҳтиром табдил ёфт. Дигар ба дастгирии падар умед набаста, дӯғу пӯписаро бас кард, ба ҷойи он мактубҳои ошиқона мефиристод, ки дар канорҳояш расми парандагон, шерону оҳувони ғамгин кашида шуда буд. Мумкин аст, ороишҳоро яке аз дӯстони наздики Ҳасан, ки дили нозук дошт, ба ҷо меовард, аммо агар онҳоро Ҳасан кашидааст, пай мебарам, дунёи ботинии ӯ назар ба замоне, ки дар як хона мезистем, фарохтар будааст. Чӣ ҷойи руст кардан, чанд вақт боз номаҳояшро мехондагӣ шудам. Дар мактуби охирин мегуфт, ки акнун маро метавонад аз кори хона озод

кунад, зеро маошаш зиёд шудааст; номаҳояш оҳанги муҳаббат, шӯхӣ ва эҳтиром доштанд. Мазмуни ин номаҳо аз ёдам намеравад, ба болои ин бачаҳо ҳамеша байни ҳам ҷанг мекунанд ва чизҳои нав металабанд, падарам шикоят дорад, ғур-ғур мекунад – шояд маҳз барои ҳаминҳо чорчӯбаи тирезаро кушодам, гӯё хостам оҳамро тамоми олам шунавад.

Шом, пеш аз он ки Ҳурия дастархон ороят, барои падарам аз гулҳои беҳтарини хурмои арабӣ шарбати гарм тайёр кардам, ба он як чумча асал, каме афшураи лиму ҳамроҳ намудам. Беовоз, чун шабаҳе, падар чунин мехоҳад, ба хонааш даромадам ва пиёларо наздаш гузоштам. «Китобу-рӯҳ»-ро мехонд.

– Барф меояд? –пурсид ӯ ва садояш он қадар ҳузн дошт, ки лаҳзае эҳсос кардам, ин барфи охиринест, ки бечора падарам мебинад.

10. Ман як дарахтам

Як дарахтам, хеле танҳоям. Борон борад агар, мегирям. Ба ризои Худо, ба гапам гӯш диҳед. Қаҳваатонро нӯшед, хобатонро паронед, чашмонатонро кушоед, ба ман нигаред, то сабаби танҳо буданамро гӯям.

1. Гӯё расми маро дар як коғази оҳарнашуда саросема кашидаанд, то зудтар пушти сари устоди маддоҳ овезанд. Дуруст аст, ки дар паҳлуям на дарахти дигари анор ҳаст, на алафҳои даштӣ, на харсангҳои сиёҳ, ки тарҳашон шайтонро монад, баъзан одамро, аммо на абрҳои фатилаи чиниро. Танҳо замин, як осмон, як ман ва як хатти уфуқ. Аммо саргузаштам он қадар одӣ нест.

2. Агар дарахти одӣ мебудам, шарт набуд, ки бахше аз китоб бошам. Аммо дарахти кашидашуда мебошам, бинобар ин, дар саҳифаи китобе набуданам маро ба ташвиш овардааст. Баъзан фикр мекунам, ки агар дар

китобе набошам, шояд дар девор овезон буда метавонам ва иддае чун бутпарастон ва кофирон ба ман саҷда меоранд. Боз муридони воизи эрзурумӣ инро нафаҳманд, ҳарчанд баъзан пинҳонӣ ифтихор мекунам, аммо баъд хиҷолат мекашаму хеле ҳам метарсам.

3. Ниҳоят сабаби аслии танҳоиам он аст, ки худам намедонам, порчае аз кадом қиссаам. Агар вараке, ки тасвири маро дошт, аз он намеафтид, шояд порае аз ҳикоя мебудам. Чунин буд он:

Ҳикояти канда шудани ман аз як қисса монанди канда шудани барге аз дарахт

Шоҳи Аҷам Таҳмосп[32], ки ҳам душмани асосии давлати усмонӣ буд ва ҳам подшоҳи аз ҳама ҳунарпарвари ҷаҳон, чил сол пеш аз ин, дар айёми пирӣ вақте ки ақлашро гум мекард, кори аввалинаш он буд, ки аз машғулиятҳои зерин: шароб, мусиқӣ, шеър, наққошӣ даст кашид. Қаҳванӯширо, ки бас кард, комилан ақлашро хӯрд, аз тарсу шубҳа, ки хоси пирамардони дарундору маюс аст, пойтахташро аз Табрез, ки он вақт мулки Аҷам буд, ба Қазвин кӯчонд, то аз аскарони усмонӣ дуртар бошад. Баъди он ки боз пиртар шуд, ҷин аз бағалаш гирифт ва шоҳ тавбаву надомат карда, аз шароб, писаракони барно ва наққошӣ низ пурра даст кашид, ин ҳам исботи он аст, ки баъди тарки қаҳва одам охирин нишонаи ақлу заковатро аз даст медиҳад.

Баъди ин устодони намоён, ҷилдсозон, хаттотон, тазҳибгарон, наққошоне, ки тайи бист сол дар Табрез эҷодгари намунаи олии ҳунар буданд, чун мурғакон ҳар тараф парида рафтанд. Ба дунболи ин Султон Иброҳим Мирзо, ки бародарзода ва домоди шоҳ Таҳмосп ва волии Машҳад буд, беҳтарини онҳоро ба наққошхонаи

---

[32] *Таҳмоспи 1* (1514–1576) –подшоҳи дуюми сулолаи сафавиҳои Эрон, аз с. 1524.

дарбораш хонд, ки маснавиҳои «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ, бузургтарин шоири ҳиротии аҳди темуриро барояш хаттотӣ, наққошӣ, тазҳиб ва ҷилдсозӣ кунанд. Подоши хуб ваъда дод. Шоҳ Таҳмосп ҳарчанд ҷияни доно ва боақли худро дӯст медошт, ба ӯ рашк мекард, аз додани духтараш ба вай пушаймон буд. Вақте қазияи китобро фаҳмид, оташи рашку ҳасадаш боло гирифт, чунон ба ғазаб омад, ки Иброҳимро аз вазифаи волии Машҳад барканор кард, ба дуртар ба Қоон, баъд боз ба ҷойи дуру хурд – Сабзавор табъид намуд. Наққошу хаттотони Машҳад ба шаҳру кишварҳои дигар, наққошхонаҳои подшоҳони дигар рафтанд.

Аммо китоби фармудаи Султон Иброҳим Мирзо новобаста ба мушкилот нотамом намонд. Он муъҷизавор бо заҳмати китобдори[33] вафодоре, ки ба ин кор вобаста буд, анҷом пазируфт. Ӯ савори асп ба Шероз рафт, то беҳтарин тазҳибгарро ёбад, аз он ҷо барои китобати саҳифае, ки бояд бо хатти настаълиқ хаттотӣ шавад, ба Исфаҳон рафт, баъд аз кӯҳҳо гузашт ва роҳи дури Бухороро пеш гирифт, то аз рассоми машҳури дарбори хонҳои ӯзбек хоҳиш кунад, ки таркиббандии саҳифа ва кашидани қаҳрамонҳои асосии қиссаро анҷом диҳад, пасон, озими Ҳирот шуд то яке аз он наққошони хирачашму куҳнакорро пайдо карда, аз ӯ хоҳиш кунад, ки барояш баргу алафҳои печидаи саҳифаро ба усули руқъа[34] нақш созад ва ҳамон ҷо аз як хаттоти ҳиротӣ хоҳиш намояд унвони саҳифаро рӯйи лавҳе, ки болои дари он саҳифа наққошӣ шуда буд, бо оби тилло нависад. Ҳамаи ин корҳоро, ки анҷом дод, вақти он расида буд, ки баргардад ба шимол, ба шаҳри Қоон ва саҳифаеро, ки дар

---

[33] *Китобдор* –ин калима дар матни туркӣ ба ҳамин шакл омадааст.

[34] *Руқъа* –усули махсуси китобат, ки дар он нуқтаҳо дар зеру забари ҳарфҳо ба ҳам мепечанд.

ин шаш моҳ корашро анҷом дода буд, ба Иброҳим Мирзо нишон диҳад ва подошашро бигирад.

Бо вуҷуди ин, маълум гардид, ки бо ин роҳ кори китоб ба дарозо мекашад. Он вақт тоторҳои човандозро киро карданд, ба дасташон як варақӣ коғаз ва номае доданд, дар нома оварда шуда буд, ки аз рассом чӣ хоҳиш карда мешавад. Инак, бо роҳҳои Ачам, Хуросон ва мамлакати ӯзбекҳо ходимон бо сафҳаҳои китоби оянда дар даст асп медавонданд. Ҳарчи теъдодашон зиёд мешуд, суръати кор боло мерафт. Баъзан мешуд, ки дар ягон шаби зимистон сафҳаи панҷоҳу нуҳум бо шасту дуюм дар корвонсаройе, ки пушти девораш нӯлаи гургон ба гӯш мерасад, бо ҳам дар як вақт омада мерасид; ходимон ба ҳам ошно шуда, пай мебурданд, ки сафҳаҳои дасташон аз як китоб аст, онҳоро аз назар гузаронида, зӯр мезаданд бифаҳманд, ки ин расм аз кадом маснавӣ аст ва ба кадом ҷойи қисса мувофиқ.

Ман ҳам қарор буд дар яке аз сафҳаҳое бошам, ки имрӯз шунидам кораш ба охир расидааст, хеле нороҳат шудам. Бадбахтиро бинед, ки як рӯзи сарди зимистон ходиме, ки маро мебурд, дар ағбаи баланд бо роҳзанон рӯ ба рӯ омад. Бечора тоторро аввал хуб заданд, баъд, тибқи одати роҳзанон лублуч карданд, дасти зӯрӣ намуданд ва бераҳмона куштанд. Инак, намедонам, дар куҷои китоб бояд бошам. Аз шумо илтиҷо мекунам, ба ман нигариста гӯед: шояд дар сояам Маҷнун дам мегирифт, то баъд ба хаймаи Лайлӣ дар сарулибоси шубонӣ дарояд? Ё шояд ман инъикосгари маъюсиям, ки дар рӯҳи одами умеду бовариро аздастдода ҷой гирифтааст ва мақоми асосиаш зулмоти шаб аст, ки бояд бо он якҷоя шавад. Агар аз ман пурсед, мехостам ба дӯстдоштагоне мақом диҳам, ки аз оламиён гурехта, баҳрҳоро гузашта, дар ҷазирае, ки макони парандагони зиёд ва меваҳои гуногун аст, ҷой гирифтаанд ё соягоҳи Искандар дар соати охирини

умраш бошам – ӯро дар роҳи Ҳиндустон офтоб зада чанд рӯз аз биниаш хун омад ва ҷон ба ҷаббор супурд. Ё метавониста бошам ҳамчун рамзи неруи заковати падари насиҳатхони писар хизмат кунам? Дар кадом достон ҳамчун равшангари маънӣ ва зебоибахш даркор шуда метавонам?

Яке аз роҳзаноне, ки ходимро кушт ва маро аз шаҳр ба шаҳр гирифта мегашт, мехост ба умқи маънии ман расад, аммо фаҳмиши расми дарахт аз дарахти ҳақиқӣ душвортар аст; баъди он ки надонист ман аз кадом қиссаам, аз баҳрам баромад. Воқеан, ин ҷаллоди соҳибам, хушбахтона, маро даронда напартофт. Боре ба як ҷом шароб иваз кард. Соҳиби навам ба қадри ҳунар мерасид. Шабҳо дар рӯшноии шамъ ба ман нигариста мегирист. Вақте аз ғаму ҳасрат мурд, молу мулкашро ба фурӯш гузоштанд. Маро маддоҳ харид; тавассути ӯ ба ин ҷо, Истанбул омадам, барои ин бисёр шодам, охир, бароям шараф аст, ки шабро байни рассомон ва хаттотони машҳури подшоҳи усмонӣ мегузаронам. Дастонашон гул аст, чашмонашон монанди уқоб тез, иродаашон чун пӯлод устувор, аммо дилашон ҳассосу мушфиқ. Ба номи Худо, ба онҳое бовар накунед, ки мегӯянд, маро яке аз инҳо дар коғази бадсифат саросема кашидааст то дар девор овезанд.

Чаро мардуми мо ин қадар дурӯғгӯ, каззоф, буҳтонгаранд! Ёдатон ҳаст, дирӯз хӯҷаинам дар девор расми сагро часпонда, дар бораи гузаштаҳои ин ҳайвони ноҷинс нақл карда, дар омади гап, найрангҳои Хоҷа Хусрат ном касеро аз Эрзурум ёдовар шуд? Инак, муридони эрзурумии дигар, муридони ҳазрати Хоҷа Нусрат моро дуруст нафаҳмиданд ва ҳамаро ба номи худ кашиданд, аммо мо дар бораи ин шахс ягон гапи нодуруст намегӯем. Магар мо метавонистем гӯем, ки чунин як одами муҳтарамро падар номаълум аст? Ҳеч

гоҳ! Ҳатто инро ба хаёл овардан нодуруст аст. Чаро иғвогарон чунин туҳматҳо мебофанд, намедонам. Воқеан, вақте ин ду эрзурумиро (Хоҷа Хусрат ва Хоҷа Нусратро) ба ҳам омехта мекунанд, ба шумо қиссаи сеюмӣ – Хоҷа Нудрати олуси сиваширо нақл карданиам, ки он бо дарахт алоқамандие дорад.

Ин хоҷаи олусчашм илова бар ин ки ба наққошҳое, ки тасвири писарони ҷавонро мекашанд, лаънат мефиристад, мегуфт, ки қаҳва фиреби шайтон аст ва касе, ки аз он нӯшад, ҷояш дӯзах аст. Эй сивашӣ, инро фаромӯш кардӣ, ки чаро як навдаи калонам хам шудааст?! Ҳоло бо иҷозат ин қиссаро ба шумо, азизон ҳам нақл мекунам, албатта, ба шарте, ки қавл бидиҳед, ба касе намегӯед, Худо моро аз туҳмати ноҳақ нигаҳ дорад! Як саҳар мебинам як барзангӣ, ки мошоллоҳ, қадаш мисли манор ва панҷаҳояш монанди панҷаи шер ва шармгоҳаш монанди мояи дев, бо яке, бубахшед, рӯям сиёҳ – агар дурӯғ гӯям, пушти баргҳои ҳамин шохаи поён, ки лаҳзае пеш гап сари он буд, ба коре машғул шуданд – ғайришаръӣ. Он барзангие, ки шабеҳи дев буд, баъд фаҳмидам шайтон будааст, ин рафиқи ҳоҷии моро чун бача истифода мебурд, мебӯсид ва навозиш мекард, Аллоҳу акбар… Бигзоред, охирашро гӯям, худам бо гӯшҳоям шунидам, ки дар гӯши ҳоҷӣ мегуфт: «Қаҳва ҳаром аст, нӯшиданаш гуноҳ аст…». Дар дини мубини мо ҳаром будани қаҳва зикр нашудааст, аз ин мебарояд, ки касе, ки қаҳваро зарарнок эълон мекунад, ба фармудаи дини азимушшаъни мо не, балки ба гапи шайтон даромадааст.

Дар охир оид ба рассомони фарангӣ нақл карданиам, агар дар байни шумо хоҳишмандони ба онҳо тақлид кардан ҳастанд, гуфтаҳоям барояшон дарс шавад. Ин фарангиҳо симои подшоҳонашон, рӯҳониён, одамони машҳур ва ҳатто бонувонашонро чунон мекашанд, ки ба

расм нигоҳ карда, баъд он одамро дар кӯча дида, мешиносед. Ҳа, он ҷо занҳо дар кӯча озод гаштугузор мекунанд. Аммо ин ҳам барои онҳо кам, ин ҷо на дар бораи бадахлоқӣ, балки дар бораи расм гуфтаниам.

Яке, ки бо чашмҳои худаш дидааст, бароям нақл кард, ки боре ду рассоми намоёни фарангӣ дар марғзоре гаштугузор карда, дар бораи ҳунар ва ҳунармандӣ суҳбат доштанд; вақте ки ба канори беша мерасанд, нафаре, ки ботачриба будааст, мегӯяд: «Ин усули ҷадиди мо чунон қудрате дорад, ки агар расми яке аз ин дарахтҳоро кашӣ ва баъд бо он расм дар чунин як бешаи анбӯҳ гардӣ, ҳамон дарахти кашидаатро пайдо мекунӣ».

Мани фақир, ин як расми дарахт, ки мебинед, Худоро сад бор шукр, ки бо ин усул кашида нашудаам. Боз фикр накунед, аз ин метарсам, ки агар бо усули фарангӣ кашида мешудам, сагҳои Истанбул маро дарахти воқеӣ пиндошта, ба зерам мешошиданд. Гап дар сари он аст, ки намехоҳам дарахти одӣ бошам, ман маънои он будан мехоҳам.

11. Номи ман Кара аст

Барф аз дирӯз то саҳар борид. Мактуби Шакураро тамоми шаб гаштаву баргашта хондам, бетоқатона дар ҳуҷра ва хонаи холӣ қадам зада, гоҳ-гоҳ дар назди шамъдон меистодам, мехостам бинам, ки чӣ тавр дар рӯшноии ларзону хираи шамъ ҳарфҳо қаҳролуд аз рост ба чап ларзида тоб мехӯранд, то ба ман дурӯғ гӯянд. Ба онҳо нигариста, кушода шудани тиреза ва дар назди он пайдо шудани чеҳраи дӯстдоштаам ва табассуми ғамолудашро медидам. Баъди он ки Шакураи ҳақиқиро дидам, чеҳраеро, ки давоми шаш-ҳафт соли охир бо лабони ғафси ранги олуболудошта дар зеҳнам кашида будам, фаромӯш кардам.

Миёнаҳои шаб дар бораи ҳаёти оилавӣ ба фикр кардан даромадам. Дар хаёлам ба ишқи хеш, ки ин ишқи тарафайн ҳам буд, шубҳае надоштам. Инак, мо хонадор шудем ва оилаи хушбахтем, аммо дар хонаи дуошёнаамон тамоми орзуҳоямон ба боди фано рафтанд. Зеро касбу коре надорам, аз уҳдаи таъмини зиндагӣ намебароям.

Баъд фаҳмидам, ки асоси ин фикрҳои мағшуш китоби Ғаззолӣ «Эҳё-ул-мавт», хусусан, он қисматаш, ки дар бораи зиёнҳои зиндагии оилавӣ нақл мекунад, мебошад. Ман ин китобро шабҳои танҳоӣ дар Арабистон хондаам. Албатта, дар он дар бораи манфиатҳои зиндагии оилавӣ ҳам сухан меравад, аммо ҳар қадар фикр кунам, аз он китобе, ки борҳо хондаам, оид ба фоидаи зиндагии оилавӣ фақат ду чиз ба хотирам меояд: Бо будани зан дар хона тартибот ҷорӣ мешавад, ҳарчанд дар хонаи дуошёнаи хаёлии ман аз низому тартиб нишоне набуд. Дуюм, мард аз шарри сиюяк хостаи гунаҳолуд, ки муҳимтаринашон машғул шудан ба ҷалақ, давутоз аз паси фоҳишаҳо дар кӯчаву паскӯчаҳои тангу торик мебошанд, раҳо мешавад.

Ин ҳисси раҳоӣ дар он бевақтии шаб ҳамаи он сиюяк хостаи гунаҳолудро пеши назарам овард, барои он ки аз ин ҳис ба зудӣ халос шавам, чун ҳамеша гӯшаи хонаро иҷора гирифтаму хостам ба худтаъминкунӣ машғул шавам. Аммо дере нагузашт, ки фаҳмидам, ҳеч яке аз он гунаҳҳоро намехоҳам. Маълум гардид, баъди дувоздаҳ сол боз ошиқ шудам.

Ин далели собит дар дилам чунон ҳаяҷон ва тарси аҷибро ба вуҷуд овард, ки боз дар хона чун ҳамон сояи ларзони шамъ дар оташ сӯхта, ба қадамзанӣ даромадам, орому қарор надоштам. Шакураро ҳадаф чист, аз як тараф, меояд назди тиреза ва лабханд мезанад, аммо аз тарафи дигар, номае мефиристад, ки мазмунаш баръакси рафтораш аст? Ин ҳеч ба ҳамдигар мувофиқат намекунад.

Агар духтараш маро намехоҳад, пас, чаро падараш ба хона даъват кард? Онҳо бо ман шӯхӣ карданианд? Хонаро бо қадам мешумурдам ва интизор мешудам, ки ин фарши чӯбии зери пойҳоям бо садои ғарч-ғурчи худ ва дари оҳании сокити рӯ ба рӯям ва девори гиландова, ки маро иҳота кардааст, ба суолам ҷавоб мегӯянд.

Ба наққошие, ки солҳои пеш кашида будам, менигаристам: Ширин дар ҳоле тасвир шудааст, ки ба акси овезони Хусрав дар шохи дарахт нигоҳ карда, ошиқ мешавад. Ёд дорам, ки ин наққоширо аз китобе, ки аз Табрез барои шавҳари холаам фиристода буданд, нусхабардорӣ карда будам. Бо нигоҳ кардан ба ин наққошӣ, мисли тамоми солҳои пешин аз он ки чӣ қадар содаву аблаҳона ибрози ишқ кардам, хиҷолат мекашидам. Бо вуҷуди ин, он маро ба ёди хотироти хуши ҷавонӣ бурд, ин кофӣ буд, ки то худи субҳ онро пеши чашмонам нигоҳ дорам ва тамошо кунам. Қариби субҳ, ки ақлам ба ҷояш омад, ба хулосае расидам, ки Шакура бо бозгардондани расм дар шатранҷи ишқ гашти моҳиронае кардааст. Ин аст, ки нишастам ва зери нури ларзони шамъ ба номаи Шакура ҷавоб навиштам.

Баъд андаке ғанаб кардаму субҳ дамидан замон мактубро дар бағал гузошта, ба кӯча баромада, хеле роҳ гаштам. Барф кӯчаҳои танги Истанбулро гӯё фарохтар кардааст, шаҳр ба назарам серодам буд. Ҳар чиз чун дар замони бачагии мо хомӯшу ором метофт. Он вақт, дар шабҳои барфии зимистон ба назарам чунон менамуд, ки дар Истанбул боме, гумбазе, боғе нест, ки зоғ хона намонда бошад, ҳоло низ чунин. Тез-тез қадам мепартофтам, садои ғиҷҷироси барфро мешунидам, ҳаври даҳонамро мушоҳида мекардам ва бо ҳаяҷон аз дил мегузарондам, ки оё дар наққошхонаи дарбор низ, ки бо хоҳиши шавҳари холаам бояд дароям, чунин оромӣ ҳукмфармо бошад? Тарафи маҳаллаи чуҳудон тоб

нахӯрдам, ба он ҷо бачаякеро фиристодам ба назди Эстер, то бипурсад кай ва дар куҷо (пеш аз намози пешин) бо ӯ метавонам вохӯрам ва мактубро тавассути ӯ ба Шакура фиристам.

Вақте ки Айя-Софияро[35] гузашта, ба назди бинои наққошхона омадам, ҳанӯз барвақт буд. Дар бачагиам як вақтҳо ин ҷо бисёр меомадам, муддате шогирд будам, баъд бо супоришҳои гуногуни язна меомадам, дар бинои наққошхона агар шӯшаҳои овезони тарновҳояшро ба ҳисоб нагирем, дигар тағйироте набуд.

Аз паси шогирди ҷавони барно ба роҳ даромадам, коргоҳи ҷилдсозҳои пиронсолро бӯйи ширеш ва самғи арабӣ, ки сари касро гирд мегардонд, фаро гирифтааст, аз паҳлуи рассомоне, ки на синну сол, балки касбу кор миёнашонро кӯз кардааст, ҷавононе, ки чашмони ғамолуд доштанду ранг меомехтанд, аммо на ба косаи сари зонувонашон, балки ба забонаҳои алови оташдон менигаристанд, гузаштем. Дар як кунҷ пире бо диққат тухми шутурмурғро ранг мекард, дар паҳлуи ӯ марди миёнсол бо шавқу завқ қаламдон пардоз медод; кори онҳоро шогирди ҷавон бо эҳтиром мушоҳида мекард. Аз дари боз дида мешуд, ки чӣ тавр устод чанд талабаро танбеҳ медиҳад, онҳо бо ранги рӯйи аз шарм сурх чунон ба рӯйи коғаз хам шудаанд, ки биниашон қариб ба коғаз мерасад, саъй мекарданд, бидонанд дар куҷо хато кардаанд, чаро ин тавр шудааст. Дар ҳуҷраи дигар ҷавони маҳзуне танҳо менишаст; рангу коғазро фаромӯш карда, аз тиреза ба кӯчае менигарист, ки чанде пеш ман дар он бо ҳаяҷон қадам мезадам. Дар дигар дарҳои кушода рассомон нақшҳоро нусха мебардоштанд, ранг дуруст мекарданд, қаламҳояшонро тоза менамуданд;

---

[35] *Айя-София* –калисои асосии Рум (Византия) (асри 6); баъди ишғоли Константинопол аз тарафи туркҳо соли 1453 ба масҷид табдил дода шудааст; ҳоло осорхона аст.

мани бегона, ки аз пешашон мегузаштам, душманона менигаристанд.

Ба зинаҳои яхкарда боло шудем. Аз зери равоқе, ки тамоми чор гӯшаи ошёнаи дуюми бинои наққошхонаро пӯшидааст, гузаштем. Аз боло саҳни ҳавлии пурбарф дида мешуд, ки ду бача – шогирдпеша, ҳарчанд дар ҷомаҳои ғафси пахтагӣ печидаанд, аз хунукӣ меларзиданд ва чизе –шояд ҷазоро интизор буданд. Ба хотирам расид, ки чӣ тавр дар давраи бачагиамон моро ҳам барои танбалӣ ё беҳуда сарф кардани рангҳои қимат бо чӯб ба кафи поямон чунон мезаданд, ки хун ҷорӣ мешуд.

Ба хонаи гарме даромадем. Рассомон бароҳат чорзону нишастаанд – ҷавонони навкор, на он рассомоне, ки дидан мехостамашон. То ба ин вақт беқаророна интизор будам, ки он устодони асил, онҳоеро, ки барояшон устод Усмон номҳои мустаор гузоштааст, мебинам, аммо азбаски чанд вақт боз бо дастури подшоҳамон онҳо дар хона кор мекунанд, надидамашон, бинобар ин, толори боҳашамати наққошхонаи як подшоҳи бузурги усмонӣ ба корвонсаройи кӯҳистони Шарқ монанд буд, ки назирашонро зиёд дидаам.

Ҳамин вақт аз паси як наққошии бузург, ки дар тарафи рост гузошта шудааст, раиси наққошхонаи

дарбор, устод Усмон намоён шуд. Баъд аз понздаҳ сол ин аввалин бор буд, ки медидамаш. Ҳангоми сафарҳо ҳар гоҳ оид ба расму наққошӣ фикр мекардам, устодони бузурге чун Беҳзод ба ёдам мерасиданд. Устод Усмон аз қабили онҳо буд. Зери нури сап-сафеде, ки аз инъикоси барфи ҳавлича аз тирезаи рӯ ба ҷониби Айя-София ворид мешуд, бо он либоси сафеде, ки ба тан дошт, гӯё кайҳо ба шабаҳ табдил ёфта буд, ки худаш хабар надошт. Дастони пур аз доғҳои рангашро бӯсидам ва худамро шиносондам. Хотиррасон кардам, ки дар бачагӣ чанд муддат шарафи шогирдиашро доштам, ҳамон мавқеъ, ки шавҳари холаам маро барои наққош шудан ба он ҷо супурда буд. Аммо қаламро аз мӯқалам афзал донистам ва рафтам паси хаттотӣ. Рост ё дурӯғ гуфт, ки дар ёд дорад. Баъд нақл кардам, ки тайи солҳои охир фақат дар сафар будам ва дар шаҳрҳои Машриқзамин китобат ва дафтардорӣ мекардам, дар Табрез ҳамроҳи Сарҳат-пошо ва чанд нафари дигар хаттотҳо ва наққошҳои машҳуру номашҳурро киро карда китоб таҳия менамудем, аммо дар Бағдод, Ҳалаб, Ван ва Тифлис фақат хаттотӣ мекардам, ҳатто ҷангҳоеро, ки дар онҳо иштирок доштам, барояш нақл кардам.

– Эҳ, Тифлис! –нидо бароварда устоди бузург ва баъд ба торҳои нур, ки аз зери пардаи тирезаи рӯ ба боғчаи пурбарфи наққошхона ворид мешуд, нигоҳе андохта, идома дод: –Он ҷо, ба фикрам барф меборад?

Рафтораш ба рассомони куҳани бузурги Аҷам монанд буд, ҳамонҳое, ки дар бораашон ривоятҳо бофтаанд: он қадар наққошӣ мекунанд, ки оқибат кӯр мешаванд, он қадар дар олам зиндагӣ мекунанд, ки дигар аниқ гуфта намешавад – зиндаанд ё мурда ва сабабгори ба вуҷуд омадани афсонаҳои боварнакарданӣ дар мавридашон мегарданд. Аз аввалин нигоҳ ба чашмонаш, ки ба таври аҷиб барқ мезаданд, пай бурдам, ки шавҳари холаам –

Эништеро бад мебинад, аз ин рӯ, аз ман шубҳа дорад. Аммо ба ҳар ҳол, дубора ба нақли ҳодисоти дидаам сар кардам, аз ҷумла дар бораи он ки дар регистонҳои Арабистон барферо, ки гунбазҳои Айя-Софияро мепӯшад, дар хобашон ҳам намебинанд, вақте дар қалъаи Тифлис барф меборад, занон мераванд зери барф ва оғоз мекунанд ба шустани либос ва хондани таронаҳое дар васфи гулҳои даштӣ, бачагон бошанд, аз чашми модарҳояшон пинҳон гули сиягӯшро зери болиштҳояшон мегузоранд то хуршед натавонад обашон кунад.

– Ба ман бигӯй, дар он кишварҳое, ки ту будӣ, наққошҳо ва рассомҳо ба чӣ кор машғуланд? Чӣ мекашанд? –пурсид устод Усмон.

Рассоми ҷавоне, ки дар кунҷе бо симои андешаманд ба фикр фурӯ рафта буд, дар саҳифа аломате гузошта, сарашро бардошт ва ба ман нигарист, гӯё мехост пурсад: «Бояд аз аввал аз ҳамин сар мекардӣ, канӣ, бигӯй, афсонаи ростмонандатро!». Дигарон ҳам ба мо рӯй оварданд. Ҷойи шакк нест, ки ин ашхос намедонанд, ки баққоли сари кӯчаашон кист ва кабудифурӯш чаро бо ҳамсояаш қаҳрӣ аст ва як окка[36] нони нонвойи маҳалаашон чанд пул аст, аммо хуб медонанд, ки наққошҳои Табрез, Қазвин, Шероз ва Бағдод чӣ мекашанд ва фалон хон, шоҳ, подшоҳ ё шоҳзода барои ҳар саҳифа китоб чӣ қадар подош медиҳад, зеро хабарҳо ва овозаву ғайбатҳо дар чунин доираҳо бо суръат паҳн мешаванд. Бо вуҷуди ин, чизҳои медонистаамро ба онҳо нақл кардам, чунки аз он ҷо, аз Машриқзамин, аз кишвари Ачам, ки он ҷо сарбозҳо ҳамеша дар ҳоли ҷанганд, шоҳзодаҳо ҳамдигарро буғӣ карда мекушанд, подшоҳҳо шаҳрҳои ободи ҳамдигарро оташ мезананд, рӯзе нест, ки хабаре дар бораи ҷангу сулҳ набошад, ҷойе,

[36] *Окка*- ченаки вазн, баробари 1,28 кило (400 дирҳам).

ки асрҳо боз беҳтарин шеърҳо суруда мешаванд ва беҳтарин расмҳо кашида мешаванд, омадаам.

– Шоҳ Таҳмосп, ки панҷоҳу ду сол подшоҳӣ кард, дар охири умр робитаашро куллан аз китоб, наққошӣ, расм канд ва ба ҷамеъи шоиру хаттот ва наққош пушт гардонда, ба ибодат гузашт ва ниҳоят соле пеш ҷон ба ҷаббор супурда, тахтро ба писараш Исмоил вогузошт, – гуфтам. –Ӯро падараш барои гарданшахӣ ва худсариҳояш бист сол назарбанд карда буд. Шоҳи нав ҳанӯз ба тахт нанишаста, дастур дод, ки бародаронашро сар бизананд ва ба чашми амакбачаҳояш мил кашида, онҳоро кӯр кунанд. Ба хотири ҳамин бадфеълиаш падар ӯро ҳабси хонагӣ карда буд. Ба хотири ҳамин ахлоқаш душманон ӯро амон надоданд. Заҳр дода куштанд ва аз шарраш халос шуданд. Ба ҷояш бародари калонии камақли ӯ Муҳаммад Худобандаро нишонданд. Дар даврони ӯ хешовандони зиндамондааш дар ҳар як гӯшаи мамлакат даъвои подшоҳӣ карданд. Барои ба даст овардани қудрат байни ҳам ба ҷанг даромаданд ва доманаи ин ҷанг ҳатто ба марзҳои мо ва ӯзбекҳо ҳам расид. Хулосааш ҳамин, ки кулли мамлакати Аҷам зери оташи ҷангҳои дохилӣ ба хок яксон шуд. (Маҳз дар ҳамин ҷангҳо Сарҳат-пошои мо ҳам шарик шуда буд.). Ҳоло ин подшоҳи хирачашму нимдевона на барои китобат ва наққошӣ дар хизонааш сиккае дорад, на дар дилаш заррае завқ. Мамлакати Аҷам пурра хароб гардид. Шоҳи камақл ва хирачашм, хазинааш холӣ на китоб супориш дода метавонад на расм. Ҳамин тавр, рассомони фавқулодаи Қазвин ва Ҳирот, ки дар устохонаҳои шоҳ Таҳмосп муъҷизаҳо меофариданд, аз сеҳри қаламашон аспҳо чорнаъл ба тохт медаромаданд, парвонаҳо бошанд, ҷон гирифта, аз саҳфаи китоб ба парвоз медаромаданд, соҳирони ранг, муқовабандон, хаттотон, тазҳибгарон, устодони пиронсол ва шогирдони онҳо бекасбу кор ва бе қутти

лоямут, баъзе ҳатто бе ҷойи зист монданд. Онҳо чор тараф пароканда шуданд: баъзе ба шимол ба назди Шайбониҳо, баъзе ба Ҳиндустон, сеюмиҳо ба ин ҷо – Истанбул. Якчанд нафар он ҷо монданд, пеши он шоҳзодаҳо, ки ба хуни ҳамдигар ташнаанд. Корашон иборат аз он аст, ки дар китобе ба андозаи кафи даст сечор гул ва буттае бикашанд ва ба ҷойи оби тилло бо шираи гандум он расмҳоро ҷило бахшанд. Боқимондаҳо дунболи касбҳои дигарро гирифтанд. Дар натиҷаи поён рафтани сатҳу эътибори ҳунар бо супориши ҳамон шоҳзодаҳои бемор ё ҳар каси дигаре, ки андаке пул дошт, ҳатто сипоҳиёни безавқу салиқа ва пошоҳои бесавод ва ашрофони булҳавас ҳама ҷо пур шуд аз китобҳои сустмояе, ки як зарра арзиши ҳунарӣ надоранд.

– Барои ин корҳо чанд пул медиҳанд? –пурсид устод Усмон.

– Мегӯянд, ки устоди бузург Содиқбой барои як сипоҳии ӯзбек ба ивази фақат чил тангаи тилло тамоми китоби «Аҷоиб-ул-махлуқот»-ро бо расм оро дод. Дар атрофи Эрзурум худам дар хаймаи як пошо, ки аз ҳунар ористу аз юриши Шарқ баргаштааст, мураққае[37], маълумоти нақшҳоеро дидам пур аз тасвирҳои аҷоиб, ки зери чандтоашон имзои устод Сиёвуш ҳаст. Баъзе рассомони номӣ аз касби худ дур нагашта, расмҳои алоҳидаи ба ягон китоб дахлнадошта мекашанд ва ба фурӯш мебароранд. Ба ин расмҳо нигариста, намефаҳмед, ки дар онҳо кадом лаҳза аз кадом қисса тасвир шудааст: ин расмҳоро барои он мехаранд, ки дар он, масалан, расми зебои асп кашида шудааст ва ба он нигаристан фараҳафзост. Ба ин сабаб саҳифаҳои размӣ ва базмӣ то андозае тарафдорон пайдо кардаанд. Барои кашидани як саҳифаи размӣ бо тамоми ҷузъиёташ фақат сесад акча

[37] *Мураққаъ* –расмҳо ва намунаи хаттотиҳое, ки дар варақҳои сахт ширеш карда, ба шакли маълумоте дароварда шудаанд.

медиҳанд, он ҳам агар хушиқбол бошӣ ва онро касе бароят пешакӣ супориш дода бошад. Баъзеҳо барои он ки корашонро арзонтар анҷом диҳанд ва он харидор пайдо кунад, маҷбур мешаванд корашонро дар коғазҳои берангу бӯйи оҳорнадодаи бечилд бо сиёҳқалам анҷом диҳанд.

– Рассоме тазҳибгар доштам, бисёр моҳир, хушбахт,– гуфт устод Усмон. –Кораш ба қадре зарофат дошт, ки номашро Зариф-афандӣ гузошта будем. Аммо ӯ ҳам моро тарк карда рафт. Шаш рӯз гузашт, дар бораш хабаре нест. Гӯё ба қаъри замин рафт.

– Одам чӣ тавр мешавад, ки наққошхона, хонаи муқаддаси падарро партофта равад? –изҳори ҳайронӣ кардам.

– Чор рассоми ҷавон, ки тарбияашон кардаам – Парвона, Зайтун, Лаклак ва ҳамин Зариф-афандӣ бо иродаи подшоҳамон чанд вақт боз дар хонаҳояшон кор мекунанд, –гуфт устод Усмон.

Чунин ба назар мерасид, ки ин дастур барои он содир шудааст, ки ин наққошҳо фориғ аз ташрифоти дарбор дар хонаҳои худашон оромтар ба кори «Сурнома», ки ҳоло тамоми устохона ба дуруст кардани он вазифадор шудааст, машғул шаванд. Ин бор подшоҳамон барои рассомони беҳтарин, ки болои китоби хос кор мекунанд, дар қаср ҷой ҷудо накард, супориш дод, ки дар хона кор кунанд. Барои ҳар дуи мо комилан равшан буд, ки ин дастур ба хотири китоби язнаи ман содир шудааст, то рассомон барои китоби шавҳари холаам вақт ҷудо карда тавонанд, бинобар ин, дар ҷавоби устод чизе нагуфтам. Оё суханони ӯ зери коса нимкоса надошт?

– Нурӣ-афандӣ, –муроҷиат кард ба як наққоши рангпаридаи кӯзпушт, –барои Кара Челебӣ як зиёрат омода кун.

Ин ба ном «зиёрат», зиёрати сурату вазъият маросимеро дар назар дошт, ки ҷиҳати ироаи дастовардҳои наққошхона ба подшоҳ, ки ҳар ду моҳ як бор, махсусан, он мавқеъ, ки ба далелҳои мухталиф подшоҳамон аз наздик ба раванди кор назорат мекард, воқеъ мешуд. Дар он сархазинадор Ҳазим, шоҳномачибошӣ[38] Луқмон ва саррассом устод Усмон ба подшоҳ тавзеҳ медоданд, ки дар рӯзҳои сипаришуда чӣ саҳифаҳое аз кадом китоб кор шудааст, кӣ наққошӣ карда, кӣ тазҳибгариро анҷом дод, рангкаш кист, дар маҷмуъ, наққошҳо, ҷадвалкашҳо, тазҳибгарҳо, ҷилдсозҳо, умуман, ҳамаи ҳунармандони наққошхонаи дарбор, ки аз ҳар ангушти ҳар кадом даҳ ҳунар меояд, машғули чӣ коранд.

Нақли Нурӣ-афандӣ маро бештар ғамгин сохт. Шоҳномачибошӣ, раиси китобхонаи дарбор Луқмон-афандӣ, ки бештари китобҳоеро, ки дар наққошхонаи дарбор тайёр мешуданд, китобат мекард, аз дасту по монда, тамоман хонашин шудааст, саррасом Усмон аз олам дилхунук гашта, асабониву нороҳат аст ва рассомони беҳтарин Парвона, Зайтун, Лаклак ва Зариф бо дастури подшоҳ хонакор шуданд; подшоҳамон ҳам, мисли пештара ба устохона омада, чун кӯдак шодмонӣ намекунад, аз ин рӯ, расми зиёрати олӣ кайҳо боз гузаронда намешавад. Ин вазъи ноҳинҷор маро рӯҳафтода кард. Нурӣ-афандӣ чун аксари рассомон дар дунё чизеро надида, дар касби худ ба қуллаи мурод нарасида, пир шудааст; аммо солҳое, ки болои тахтаи рассомӣ хам шуда, кӯзпушт гаштааст, беҳуда нарафтанд: ӯ ҳамеша аз ҳама кори устохона хабардор аст, аз болои рассомон бодиққат назорат мекард, аниқ медонист, ки кӣ рӯйи кадом саҳифаи кадом китоб машғули чӣ кор аст.

---

[38] *Шоҳномачибошӣ* –айни туркӣ, воқеанависи дарбори усмонӣ.

Бад-ин тартиб, саҳифаҳои афсонавии «Сурнома»-ро, ки ба маросими хатнасури фарзандони подшоҳамон бахшида шуда буд, бори аввал бо ҳаяҷон дида, ба ҳайрат афтодам. Суре, ки дар он намояндагони тамоми касбу кори Истанбул иштирок карданд, панҷоҳу ду рӯз давом кард; қиссаҳои онро, ки то Аҷам расида буд, дар ҳамон ҷо шунида будам ва ҳатто медонистам, ки дар робита ба ин ҷашн бояд китобе сохта шавад.

Дар аввалин наққошие, ки дидам, шоҳи олам дар айвони қасри марҳум Иброҳим-пошо нишаста, бо нигоҳи фохир ҷашнеро, ки дар поён, дар майдони аспдавонии Ат-майдон[39] мегузашт, тамошо дошт. Чеҳраи ӯро, ҳарчанд ба шакле, ки аз дигарон бартарӣ дошта бошад, накашидаанд, ба ҳисобе дар он саликаю маҳорати бештар кор фармудаанд. Аз самти чапи наққошии подшоҳамон китобро, ки варақ мезадӣ, як наққошии дусаҳифаӣ мебаромад, дар расми тарафи росташ зери равоқи тирезаҳо ва айвонҳо вазирону пошоҳо, ҳамчунин, сафирони Аҷам, Тотор, Фаранг ва Рум кашида шудаанд, ки бар хилофи расми подшоҳамон саросема ва ба таври муқаррарӣ мебошанд. Чашмҳои ин ашхос ба нуқтаи хосе мутамарказ нашуда, нигоҳи ҳар яке бо тарзи худ ба майдон дӯхта шудааст. Мушоҳида кардам, ки ин манзара дар дигар расмҳо низ, ҳарчанд нақшҳо дар дару девор, бомҳо ба таври гуногун кашидаву ранг карда шудаанд, такрор омадааст. Ҳамин тавр, вақте ки рассомон ва хаттотон корро тамом мекунанд ва «Сурнома»–ро муқова мебанданд, хонанда онро варақгардон карда, подшоҳ ва атрофиёнашро дар ҳамон як шакли нигарон ба майдон, он ҷо бошад, ҳар дафъа чизи наверо бо дигаргунӣ, бо рангҳои дигар хоҳад дид.

---

[39] Ат-майдон -майдон дар пойгаҷойи даврони императории Рум.

Агар диққат кунед, дар поён, дар майдон садҳо нафарро медидӣ, ки табақҳо болои сар дар равуо буданд то аз он буққачаи бирёншуда саҳме ба даст оранд, вақте ки аз шиками гови бирён парандаву харгӯшҳои кабобшударо берун мекашиданд, бо тарсу тааҷҷуб худро як тараф мекашиданд. Дар яке аз аробаҳое, ки ҳар кадомашон ба синфу табақа ва касбу кори алоҳида вобаста буданду аз назди подшоҳ гузар мекарданд, мисгаронеро дидам, ки чакушҳои бузургашонро рӯйи синаи лучи шогирдон, ки рӯйи аробаҳо дароз кашида буданд, болову пойин мекарданд ва чунон вонамуд месохтанд, ки рӯйи сандонҳои сахти филизӣ мис мекӯбанд. Чакушҳо ба синаи шогирдон наздик мешуданд, вале ба онҳо осебе намерасонданд. Аробаи баъдӣ ба шишагарон дахл дошт, ки ҳини ҳаракати ароба машғули кашидани дарахтҳои санавбар ва гулҳои мехак рӯйи ҷомҳои шишаӣ буданд. Қаннодон пеш-пеш бо шутурҳои пури халтаи шакар, дар дастҳо тӯтиҳои қандин, дар даҳон суруди шакарин мегузаштанд. Аробаи охирин анвои қуфлҳои гуногуни дарунӣ, берунӣ, забонакдор, бо дандона ва бедандонаро ба намоиш гузошта буд ва он моли қуфлсози пире буд, ки аз дасти ин дарҳои нав, ки ниёзе ба қуфлу калид надоштанд, шикояткунон роҳ мерафт. Аз паси аробаҳо онҳое мегаштанд, ки дар даст қафасҳои тӯтии Ҳиндустон доштанд, шутурбонҳо овоз меандохтанд ва парандагони қафас бо онҳо ҳамовоз мешуданд. Расме, ки шуъбадабозҳоро нишон медод, ҳунари дасти се наққоши номӣ - Парвона, Лаклак ва Зайтун буд, дар он яке аз шуъбадабозон тухмеро болои як сарнайза чунон медавонд, ки кас натавонад болои санги мармар чунин кунад, аз паҳлуяш шогирд дафзанон равон буд. Сарлашкари баҳрнавардон, нохудо Алӣ-пошо ғуломони кофирро, ки дар ҷангҳои баҳрӣ асир гирифтааст, маҷбур кард, ки рӯйи яке аз аробаҳо аз хок

кӯҳи бузурге, мисли кӯҳҳои мамлакати худашон созанд ва лаҳзае, ки аз назди подшоҳамон мегузаранд, ба василаи боруте, ки дар зери он гузошта шудааст, кӯҳро битарконанд, то бо ин ба подшоҳамон чӣ тавр бо тӯбҳо мамлакати ин кофирҳоро бо тӯб мунфаҷир карданашонро нишон бидиҳанд. Ҳамаи ин ҳодиса дар як саҳифа бо тафсилоти пурра тасвир гаштааст. Дар саҳифаи дигар қассобонро бо кордашон медидӣ, ки ранги либосашон сурх буда, мисли занон беришу мӯйлабанд ва ба танаи гӯсфандони пӯсткандаи ба чангакҳо овезон бо лабханд менигаранд. Дар расми дигар шерҳои занҷирбандро ба ҳузури подшоҳ овардаанд, ки ромкунандаҳо онҳоро махсус асабонӣ мекарданд, то наъра зананд. Онҳо ба қаҳр меомаданд, чашмонашон пурхун гашта буд, аммо аз наъра хабаре нест. Намедонам, аз чӣ бошад, тамошобинон ҳам ба ваҷд омада, ромкунандаро ташвиқ мекарданд. Дар расми дигар ҳамон шерҳо, ки дуруст рамзи исломанд ва бо ҳайбати бузург кашида шудаанд, хукҳои сурх ва хокистариро, ки аз қазо намоди куфранд, дунбол карда медариданд. Дар наққошии баъдӣ як ароба шабеҳи дӯкони сартарошӣ музайян шуда буд, ки бо рақсу бозӣ аз назди подшоҳамон мегузашт, худи устои сартарош аз шифти ин дӯкони ба истилоҳ сартарошӣ рӯ ба поён аз пойҳояш овезон истода, сари муштариро метарошид; шогирдпешаи либоси сурхдор бошад, ба умеди бахшиш дар назди мизоҷ оина ва зарфи нуқрагинро бо собуни хушбӯй нигоҳ медошт. Баъди он ки ин расмро бодиққат тамошо кардам, пурсидам, ки ин асари олӣ шоҳкори кадом наққош аст?

– Ҳар наққошӣ бо зебоиаш бояд ба инсон аз ишқу вичдон ва имон ба Худованд ёдовар шавад, бо рангҳои зариф ва дақиқ олами қудрати лоязоли Худовандро

нишон диҳад. Муҳим ин аст. Шахсияти рассом бошад, аҳамияте надорад, –ҷавоб дод.

Дуруст фикр кунам, ӯ фаҳмида буд, ки шавҳари холаам –Эниште-афандӣ маро барои кашфи кадом чиз фиристодааст, аз ин рӯ, чунин сарбаста ва маънодор ҳарф мезад. Шояд, воқеан, одами зариф ва нуктафаҳм, аз он ки ман фикр мекунам, донотар буд ин Нурӣ-афандӣ. Ё шояд суханони раиси наққошхона устод Усмонро такрор мекард? Намедонам. Бо вуҷуди ин пурсидам:

– Тазҳиби ҳамаи инҳоро оё Зариф-афандӣ анҷом додааст? Минбаъд кори ӯро кӣ мекунад?

Ҳоло ба саволам ҷавоб нагирифта, аз дари нимабозе, ки ба ҳавличаи дарун кушода мешуд, садоҳое омад монанди фарёду гиряи бачагон. Дарро боз кардам ва дидам, ки яке аз саргурӯҳҳо ду шогирд, шояд ҳамон ду танеро, ки дар ҳавлича аз хунукӣ ларзида меистоданд, барои он ки агар иштибоҳ накунам, аз ҷайби якеашон хокаи лоҷувард ва аз дигарашон байни варақҳои муқаррарӣ варақе, ки бо оби тилло рӯйкаш карда шудааст, ёфтаанд, ё барои ягон гуноҳи дигар, инро дуруст муайян кардан душвор, ба фалақ кашида буд. Пойҳои урёни он бачаҳо аз сармо меларзид. Ҷавонрассомҳои дигар имконияти мазоҳи бачаҳоро аз даст надода, тарафи дари берунӣ медавиданд.

Нурӣ- афандӣ эҳтиёткорона гуфт:

– Шогирдон алҳол майдони ин ду саҳифаро бо ҷузъиёте, ки устод Усмон мефармояд, ранг мекунанд, Худо хоҳад, бародарамон Зариф-афандӣ ҳам бармегардад ва тазҳибашро анҷом медиҳад. Устод Усмон аз Зариф-афандӣ хоста буд, ки замини майдони аспдавониро дар ҳар саҳифа бо ранги комилан мутафовут кор кунад: яке сурх, дигаре – сабзи ҳиндӣ, сеюм – зарди заъфаронӣ, чорум – хокистарии гарданғозӣ. Барои он ки бинанда ҳанӯз аз саҳифаи аввал мефаҳмад, ки ин ҷо майдону

заминаш хокӣ аст, баъдан, ивази ранг касро шавқманд сохта, чашмро истироҳат медиҳад. Охир, расмро барои он ранг мекунанд, ки ба дилҳо сурур бахшад.

Ногоҳ чашмам андаке онтарафтар, ба расми нимколае афтид, ки ҳамоно маълум мешуд ҳунари дасти наққоши моҳирест. Он тасвири ба майдони ҷанг сафарбар шудани як нерӯи баҳрӣ буда, барои яке аз зафарномаҳои маъмул омода мешуд. Яке аз шогирдоне, ки ин манзараро мекашид, бо шунидани фиғони ҳамроҳони ба фалақ кашида корашро партофта давид ба самти дар, ки онҳоро тамошо кунад. Чунон менамуд, ки киштиҳои аз рӯйи намуна кашида ба баҳр мувофиқат намекунанд, аммо на банду басти нодуруст, на норасоии шамол дар бодбонҳо аз сифати пасти намунаҳо вобаста буданд, балки ин ҷо беҳунарии рассом сабабгори асосӣ буд. Намунаҳо бошанд, ҳамон тавре ки бо дарди дил пай бурдам, бераҳмона аз ягон китоби куҳан ё муррақаъ канда гирифта шудаанд. Маълум мешавад, ки устод Усмон акнун ба бисёр чизҳо эътибори зарурӣ намедиҳад.

Вақте навбати кори худи Нурӣ-афандӣ омад, ӯ бо ифтихор гуфт, ки худи ҳозир корро дар болои туғро[40] ба охир расонд, ки се ҳафта давом кардааст. Ба кӣ ва ба кадом муносибат фиристода шудани он маълум набуд, сатҳи боқимондаи саҳифаи зарандуд холӣ буд, ба ҳар ҳол, ба он бо эҳтироми зиёд нигаристам. Медонистам, ки бисёр пошоҳои худпарасти Шарқ баъди дидани туғрои подшоҳамон, аз ҳисси эҳтиром ба зебоию шавкати он фикри исёнро аз сар дур мекунанд.

Баъд, охирин шоҳкорҳои хаттоти номӣ устод Ҷамолро, ки ба наққошхона супорида буд, дидем, аммо болои он зиёд наистодем, то бо душманони рангу наққошӣ ҳамақида набошем, зеро онҳо мегӯянд, ки

---

[40] *Туғро* – паёми султон, ки дар он ному унвони ӯ бо услуби махсуси хаттотӣ сабт мегардад.

ҳунари аслӣ хаттотӣ аст ва наққошӣ фақат барои пур кардани ҳошияи саҳифаҳои хаттотӣ зарур аст, ҳарчанд хаттотиҳо беназир буданд, зуд аз онҳо дур шудем.

Дар гӯшаи ҷадвалкашҳо ва ҳошиябандҳо устод Носири ҷадвалкаш гӯё саҳифаҳои бо гузашти айём зарардидаи «Хамса»-и Низомӣ (китоб дар даврони писари Темур омода карда шудааст)–ро, ки лаҳзаи тамошо кардани Хусрав Ширини оббозикардаистодаро тасвир мекард, барқарор месохт, аммо, дар асл чунон дар болои расм хобида, пойҳои урёни духтарро навозиш менамуд ва хавфи он буд, ки расм бештар зарар бинад.

Дар назди зинаҳои ошёнаи поён устоди чашмонаш хираи наваду дусолае, ки ба ғайр аз нақл кардани он ки шаст сол пеш дар Табрез дастҳои устод Беҳзодро бӯсида, нобино шудани устоди бузурги афсонавиро дидааст, дигар гапе надошт, бо дастони ларзон қаламдонҳои хотамкоришудаеро, ки то моҳи дигар баъди тамом шудан ба унвони идӣ бояд ба подшоҳ ҳадя фиристанд, ба ман нишон дод.

Ҳуҷраҳои тангу торики ошёнаи аввалро, ки дар он қариб ҳаштод нафар машғули заҳмат буданд, хомӯшии мармуз фаро гирифт, хуб медонистам, ки ин хомӯшии баъди танбеҳ мебошад, зеро чунин саҳнаҳоро зиёд дидаам. Ин хомӯширо танҳо баъзан заҳрханде ё шӯхие, баъзан биникашӣ ва нолаи пасти шогирдони шаллоқхӯрда, хандаҳои пасту дарунакии чанд шогирде, ки ба ёдашон воқеае расидааст, вайрон мекард. Устоҳои умрдида ба ёд меоварданд, ки чӣ тавр онҳоро дар овони шогирдӣ мезаданд; хотираҳои худам ҳам зинда гаштанд. Устоди навадудусолаи хирачашм ба нуктаи бисёр муҳимме ишора карда гуфт:

– Чунин сукут новобаста ба ҷангу ҷидолҳо, нооромиҳо барқарор аст. Пеш аз Қиёмат чунин як сукут ин дунёро фаро мегирад. –Баъд сарашро то имкон дошт

ба ҳар тараф такон дод ва идома дод: –Наққошӣ сукути ақл ва мусиқӣ барои чашмҳост.

Вақте боз ба назди устод Усмон баргаштам, то барои хушбошӣ дасташро бӯсам, на танҳо эҳтиром, балки чизи дигареро эҳсос мекардам, ки рӯҳамро мефишорид: ҳамчун гунаҳгоре дар назди фаришта, назди рӯҳи пок, монои азоби виҷдон, ҳисси якҷояи мафтунӣ якҷоя бо раҳмро дарк мекардам, шояд тақсир аз шавҳари холаам буд, ки барои рақобат бо устод Усмон хуфияву ошкор аз услуби фарангиён тақлид мекард.

Якбора аз дилам гузашт, ки устоди бузургро шояд бори охир мебинам ва аз рӯйи дилҷӯйӣ ва шодмонии хотираш чунин суол додам:

– Устоди бузург, шумо, ки муаллими ҳамаи мо ҳастед, бигӯед, аломати асосии фарққунандаи рассоми ҳақиқӣ аз наққоши муқаррарӣ чист?

Гумон доштам, ки саррассоми ба чунин саволҳои лутфомез одаткарда барои ҳарчи зуд халос шудан ва ҳамон лаҳза маро фаромӯш кардан ягон ҷавоби рӯякӣ медиҳад. Аммо ӯ бо оҳанги ҷиддӣ гуфт:

– Ҳеч чиз ба танҳоӣ наметавонад як рассоми ҳақиқиро аз рассоми беистеъдоду беэътиқод фарқ кунонад. Меъёрҳо бо гузашти замон дигар мешаванд. Имрӯз, ки фарҳанги моро хатар дар камин аст, муҳим он аст, ки бидонем, рассом кадом муқаррароти маънавиро тарафдорӣ мекунад ва истеъдодаш ба манфиати чӣ ва кӣ равона шудааст. Агар мехоҳам, дар бораи рассоми ҷавон тасаввуроти комил ҳосил кунам, ба ӯ се суол медодам.

– Кадомҳо?

– Оё ӯ мехоҳад, ки монанди чиниҳо ва фарангиҳо услуби хос дошта бошад? Оё мехоҳад, ки услубе таҳия кунад, ки ӯро аз рассомони дигар фарқ кунонад, оё барои он ки кораш фаҳмо бошад, монанди фарангиён кӯшиши ба он имзо гузоштан дорад? Агар ҷавобаш «оре» бошад,

аз вай мепурсидам, ин услуб ва имзо ба назари ӯ аслан чист.

– Баъд? –бо эҳтирому тавозуъ пурсидам.

– Баъди марги шоҳу подшоҳҳо китобе, ки бо супориши онҳо тайёр шудааст, ба дасти каси дигар меафтад, он вақт варақҳои онро канда наққошиҳояшро барои китобҳои дигар истифода мебаранд. Чӣ илоҷ?! Мехостам донам, ки муносибати ин рассоми ҷавон ба ин масъала чӣ гуна аст: тарафдорӣ ё нигаронӣ? Ин ҳис хеле муҳим аст. Ман ба наққош дар бораи вақт мепурсидам. Вақти наққош ва вақти Худованд. Ту маро фаҳмидӣ, писарам?

Нафаҳмидам. Аммо иқрор нашуда пурсидам:

– Сеюм?

– Саволи сеюмам дар бораи нобиноист! –дарҳол гуфт устоди бузург – саррассом Усмон ва гӯё, ки ин масъала чунон возеҳ ва равшан буд, ки чизеро шарҳ надода, сукут варзид.

Бо тарсу ҳарос изҳори ҳайрат кардам:

– Нобиноӣ?

– Нобиноӣ шарҳ надорад. Агар ҳар ду саволи аввалро якҷоя кунӣ, мешавад тавзеҳи нобиноӣ. Олитарин нақшҳо замоне, ки аз тарафи Худованд торикӣ ҳадя мешавад, офарида мешаванд.

Хомӯш монда, берун шудам. Саросема нашуда, аз зинаҳои яхбаста фаромадам. Ба қароре омадам, ки ин се суоли муҳимми устоди бузургро ба Парвона, Зайтун ва Лаклак медиҳам, на барои суҳбати холӣ, балки барои ин ки воқеан, мехостам дар бораи ин наққошоне, ки дар бораашон афсонаҳо бофтаанд, бештар донам.

Алҳол мулоқот бо Лаклак, Зайтун ва Парвонаро ба баъд гузоштам. Аввал дар наздикии маҳаллаи яҳудиён, рӯйи як теппа, ки аз он ҷо намои ҳам халиҷ ва ҳам тангии Босфор кушода мешуд, дар як бозори нав Эстерро пайдо

кардам. Дар байни занҳое, ки хариду фурӯш мекарданд, занҳое, ки бо саргиракҳои кушоди рангпаридаашон маълуманд, ки аҳли маҳаллаҳои фақирнишин ва поёнии шаҳранд, аз байни тӯдаҳои сабзӣ, пиёз ва турб, Эстери бузургчусса бо либоси нилфоми яҳудиаш, бо синаҳои овезони ларзонаш, монда нашуда лақиданҳояш, ҳаракатҳои абруву даст, ки тарафам мекунаду меояд, зуд ба назар расид.

Гӯё тамоми бозор ба мо нигоҳ мекарда бошад, ӯ зуд чобукона ва номаълум хатчаро аз дасти ман гирифта, ба кисаи шалвораш хаст. Бахшишро қабул карда, маро бовар кунонданӣ шуд, ки Шакура фақат дар бораи ман фикр мекунад. Қабл аз он ки мисли дафъаи гузашта бигӯяд: «Ё, Аллоҳ, бирав пайи корат», буғчаашро ба даст гирифт ва гуфт, ки новобаста ба он ки кори зиёд дорад, ҳаракат мекунад, то намози аср номаро ба Шакура расонад. Аз ӯ хоҳиш кардам, ба Шакура расонад, ки ба мулоқоти он се наққош меравам, то супориши падарашро ба ҷо орам.

12. Маро Парвона меноманд

Қариби намози пешин дарро кӯфтанд. Кушодам. Бинам, Кара Челебӣ – ҳамсабақи собиқам. Ҳамдигарро ба оғӯш кашида бӯсидем. Аз шавҳари холааш хабаре овардааст гуфта фикр кунам, гуфт, ки ба хотири дӯстӣ омадааст, саҳифаҳои наққошӣ ва расмҳои навамро диданист ва аз номи подшоҳамон як саволи озмоишӣ доданист.

– Хеле хуб! –гуфтам, –чӣ гуна савол будааст? Бигӯй, марҳамат!

Суолашро матраҳ кард:

– Дар бораи услуб ва имзо.

Услуб ва имзо

– Ҳар қадар рассомоне, ки корашонро ба хотири завқ ва имон не, балки барои пул ва тамаъ иҷро мекунанд, зиёд шаванд, –гуфтам, –ҳамон қадар услуб ва имзо барин амалҳои номатлуб пайдо шудан мегиранд.

Аслан худам ба ин гапҳоям он қадар бовар надорам. Аммо барои он ки баҳси усулӣ ва муназзамеро шурӯъ кунам, чунин гуфтам. Зеро истеъдод ва ҳунари ҳақиқӣ аз тиллову шуҳрат вобаста нест. Баробари ин, рости гап, ба фикрам, одамони боистеъдод меарзад, ки пулу шуҳрат дошта бошанд, зеро ин чизҳо боиси рушди ҳунарашон мешавад. Аммо агар рӯйирост чунин ин ҳарфҳоро изҳор кунам, ҳамкасбонам ба ман ҳасад мебаранд, он гоҳ барои исботи истеъдоди худ маҷбурам, дар рӯйи донаи биринҷ расми дарахтро кашида гардам. Бале, таҳти таъсири фарангиҳо аз Ғарб ва ҳамчунин аз Шарқ, аз он ҷойҳое, ки рассомони бадбахти чинӣ фиреби расмҳои овардаи рӯҳониёни яҳудимазҳаби Ғарбро хӯрда, аз роҳи рост дур шудаанд, ин се чиз: услуб, имзо ва ҳавасҳои шахсӣ ба мо ҳам омада расиданд. Вобаста ба ин мавзӯъ мехоҳам се ҳикояти кӯтоҳи пандомӯзро бароятон қисса кунам:

Се ҳикоят оид ба услуб ва имзо

Алиф

Замоне дар қалъаи кӯҳистони шимоли Ҳирот ҷавони хушсурате ҳумронӣ мекард, ки ҳаводори нақш ва расм буд. Ӯ аз занҳои ҳарам якеро ниҳоят дӯст медошт. Он ғизоли зебои тотор низ ошиқи хон буд. То субҳ аз оғӯши ҳамдигар ҷудо намешуданд, чунон хушбахт буданд, ки ягон тағйиротро дар ҳаёташон намехостанд. Дарёфтанд, ки роҳи ягонаи расидан ба ҳадаф китобҳои наққошии устодони куҳанро кушода нигаристан ба шоҳкорҳои беайбу нуқс аст. Ҳар қадар ба ин расмҳои такрори

китобҳои гуногун менигаристанд, ҳамон қадар ба назарашон мерасид, ки аспи вақт дар як ҷой пойкӯбӣ дорад ва бахти онҳо бо қиссаҳои муҳаббати он китобҳо тавъам мегардад. Дар нақққошхонаи шоҳ рассоми боистеъдоде буд, ки нақққошиҳои рассомони гузаштаро айни худашон нусха мебардошт. Вақте ҷудоии дардноки Фарҳод аз Ширин, нигоҳҳои рамузомез ва пурмуҳаббати ба ҳамдигар дӯхтаи Маҷнун ва Лайлӣ, ё чӣ тавр дар чаҳорбоғи афсонавӣ сайркунон ба ҳам нигоҳҳои пурмаъно дӯхтани Хусраву Ширинро тасвир мекард, ҳамеша ба ҷойи қаҳрамонон расми хони ҷавон ва тотордухтари ӯро мегузошт. Хон ва дӯстдоштаи ӯ ба ин тасвирҳо нигариста, бовар мекарданд, ки бахташон бепоён аст ва рассомро таъриф карда, аз сараш зар мепошиданд. Ниҳоят тавсифу давлат корашро кард, охир, дар ин мавридҳо шайтон ҳамеша дар камин аст. Рассоми ҷавон барои расмҳои олӣ назди устодони пешин қарздор буданашро фаромӯш карда, ба расмҳои онҳо чизи нав илова намуда, ба таърифи бештар ноил гардиданӣ шуд. Аммо навоварии ӯ, ки услуби шахсӣ ном дорад, сабабгори бадбахтӣ шуд. Хон ба расми нав бо диққат нигариста, пай бурд, ки муҳаббаташ мисли пешина нест, маъшуқааш ӯро мисли пешина дӯст намедорад. Барои он ки дар замири духтар ҳисси рашкро бедор кунад, боре шабро ба бонуи дигар рӯз кард. Ин навигариро занони ғайбатчии ҳарам ба тотордухтари зебо расонданд, вай аз зиндагӣ дилсард гашт ва худро дар шохи дарахт овехта кушт. Хон хатояшро фаҳмид ва пай бурд, ки сабабгори ин услуби шахсӣ пайдо кардани рассом аст, фармон дод, ки худи ҳамон рӯз чашми рассоми ба гапи шайтон даромадаро кӯр кунанд.

Бе

Дар яке аз мамлакатҳои Шарқ подшоҳе буд дӯстдори наққошӣ, пиронсол, бо духтари зеботарини чинӣ издивоҷ карда, хушбахтона бози давлат меронд. Писари барное, ки аз зани собиқаш дошт, ба модархонди ҷавонаш дил баст, ӯ ҳам нисбат ба ҷавон бетавофут набуд. Писар аз шарм ва тарси иҳонат ба падар худро ба наққошхона зад ва вақташро ба расмкашӣ мегузаронд. Азбаски таҳрикдиҳандаи мӯйқалами ҷавон ишқу ғам буд, маҳсули дасташ чунон зебо мебаромад, ки аз ҳунари рассомони куҳан камӣ надошт, сари падар боло гашт. Зани зебо ба расмҳо нигариста гуфт: «Бале, хеле зебо! Аммо агар ӯ имзо нагузорад, баъди гузашти солҳо касе намедонад, ки ин расмҳоро ӯ кашидааст». Подшоҳ гуфт: «Агар писарам ба зери расмҳо имзо гузорад, оё ин маънои онро надорад, ки ӯ расмҳоеро, ки дар тақлиди устодони куҳан кашидааст, азхуд карданист? Дар расмҳо имзо гузоштан маънои нишон додани нуқси худ нест?» Зани ҷавон фаҳмид, ки шавҳари пирро бовар кунондан душвор, ба қароре омад, ки бо ҳар роҳе бошад, ин фикрро ба писари ҷавон, ки дар паси дари бастаи наққошхона пинҳон аст, бояд маъқул кунонд. Ниҳоят ба мақсад расид. Ҷавон, ки бе ин ҳам аз пинҳонкории муҳаббат дар азоб буд, ташвиқоти модарандари ҷавони зеборо дуруст шуморид, ҳамчунин, ин ҷо гӯшакии шайтон ҳам кори худро кард, дар яке аз расмҳояш дар як ҷойи ба назар нонамоён, байни девору майсазор имзо гузошт. Ин расме буд, ки лаҳзаеро аз маҷлиси Хусрав ва Ширин ифода мекард. Шумо, албатта, медонед: баъди он ки Хусраву Ширин хонадор шуданд, писари Хусрав аз зани аввал Шерӯя ба Ширин дил баста, як шаб ба хобгоҳи падар даромада, ба ҷигари падари хобидааш ханҷар зад. Ба ин тасвир, ки ҳунари дасти писараш буд, подшоҳ нигариста, нуқсеро пай бурд, ҳатто имзоро дида бошад ҳам, ба он эътибор

надод, охир, ин ҳодиса бисёр мешавад, ки ақл ба чизе, ки чашм дидааст, эътибор намедиҳад. Аз дил гузаронд: «Ин расм нуқсе дорад». Устодони куҳан ба ин роҳ намедоданд, аз ин андеша дилаш ба такопӯ даромад. Чунки дар муҷалладе, ки ӯ менигарист, ҳикояте, афсонае набуд, балки чизе буд, ки дар китоб набояд бошад –он ҳақиқат буд. Бо дарки ин ба худ ларзид. Маҳз дар ҳамин лаҳза писари рассоми ӯ, ҳамон тавре ки дар расм тасвир шудааст, аз тиреза ворид гардида, ба чашмони аз тарс калон кушодаи падар нигоҳ накарда, бо ханҷаре, ки дар расм нишон дода шудааст, ба синаи ӯ зад.

Ҷим

Рашиддудини Қазвинӣ дар таърихаш бо хушнудии зиёд менависад, ки дусаду панҷоҳ сол пеш ҳунари хаттотӣ ва наққошӣ дар Қазвин аз ҳама боэътибор ва писандида буд. Он вақт дар тахти Қазвин подшоҳе менишаст, ки чил кишвар аз Рум то Чин зери ҳукмаш буд (шояд сирри қувваташ ҳамин муҳаббат ба наққошӣ бошад). Бадбахтона, шоҳ писар надошт. Барои он ки баъди вафот мамлакати бузургаш пароканда нашавад, бояд валиаҳд медошт ва подшоҳ қарор дод, ки ҳарчи зуд духтари зебояшро ба рассоми боақле ба шавҳар диҳад. Барои ин аз наққошхонааш се тан рассомони боистеъдоди ҷавон ва муҷаррадро интихоб карда, байнашон озмун эълон кард. Ба қавли Рашиддудин шарти озмун одӣ буд: расми кӣ беҳтарин, ғолиб дониста мешавад. Бо супориши Рашиддудин ҳар се рассоми ҷавон бехабар аз ҳамдигар дар мавзӯи дӯстдоштаи устодони куҳан қувваозмоӣ намуданд: чаҳорбоғе биҳиштосо, байни сафедорону дарахтони чалғӯза, харгӯшони тарсуву парастуҳои парвозӣ паридухтаре ғамгину сархам. Ҳар се ин лаҳзаро бо услуби қадима кашиданд. Танҳо яке аз онҳо бо худнамоӣ ноаён дар барги наргис имзо гузошт.

Аммо барои ин беэътиноӣ нисбат ба услуби устодони гузашта ӯро дарҳол аз Қазвин ба Чин бадарға карданд. Байни ду рассоми дигар озмуни нав таъйин шуд. Ин бор ҳар ду ҷавон чаҳорбоғи зебоеро офариданд, дар болои аспи сафед духтари зебое бо чашмони мешӣ. Ҳар ду расм чун шеър зебову обдор. Аммо яке аз рассомон шояд қасдан ё нафаҳмида (дастонаш ларзида), бинии аспро ба таври ғайримуқаррарӣ кашид. Падару духтар дарҳол ин фарқиятро мушоҳида карданд. Бигзор, рассом имзо нагузоштааст, имзо нуқс аст, аммо бо ин расми устодона ва зебо кашидашуда таваҷҷуҳи касро бедор мекунад. «Аз нуқс услуб сар мешавад»,– хулоса бароварда подшоҳи доно ва рассомро ба Рум бадарға кард. Рассоми сеюм имзо нагузошт, ба нуқсон роҳ надод, ӯ расмҳоро айнан чун устодони куҳан кашид. Омодагӣ ба арӯсии духтари подшоҳ шурӯъ шуд. Баъди ин, агар ба таърихи муфассали Рашиддудин бовар кунем, воқеа ба ин ранг анҷом ёфт: дар арафаи тӯйи арӯсӣ духтар бо андӯҳ тамоми рӯз расми кашидаи ҷавонеро, ки пагоҳ бо ӯ бояд издивоҷ кунад, тамошо кард. Шом ба назди падар даромад ва гуфт: «Устодони қадим дар расмҳояшон духтарони зеборо ҳамеша монанди чинидухтарон мекашиданд. Ин анъана аз Шарқ ба мо гузашт ва онро набояд вайрон кард. Аммо агар одами ошиқ, албатта, аз худ нишоне мегузорад – шояд дар абрӯ, чашм, лабон, мӯй, ханда. Ин нуқси пинҳонӣ танҳо ба чашми рассом ва дӯстдоштааш аён мешавад. Падар! Ман тамоми рӯз ба расми духтараки аспсавор нигаристам, аммо дар он заррае нишони худро наёфтам. Ин рассом бешак, устоди бузург аст, ҳамчунин, ҷавон асту зебо, аммо маро дӯст намедорад…» Бо шунидани ин суханон подшоҳ ҳамоно арӯсиро боздошт ва духтар умри боқимондаашро бо падар гузаронд.

– Аз ҳикояти сеюм бармеояд, ки услуб аз нуқс сар мешавад, –бо як лаҳни эҳтирому тавозуъ ба сухан даромад Кара. –Аз он ки наққоши ошиқ ҳангоми тасвири рухсори зебо, чашмҳо ва табассуми дӯстдоштааш бо чизе ба ӯ ишора мекунад?

– На! –гуфтам қатъӣ ва мағрурона: –Он навоварие, ки устод мекунад, минбаъд нуқс ҳисоб намешавад, ба қоида табдил меёбад. Зеро баъди чанд вақт дигарон ба ӯ тақлид карда, чеҳраи духтаронро монанди вай мекашад.

Каме хомӯшӣ. Ҳис кардам, Кара, ки ҳар се ҳикояи маро пурдиққат[41] гӯш мекард, акнун ба садоҳои пушти девор гӯш меандозад: дар ҳуҷраи дигарӣ садои фарши хонаро бароварда, зани ҷавону хушрӯякам қадам мезад, баъди ин рост ба чашмонаш нигаристам.

– Ҳикояти аввал як нуқсон будани услубро нишон медиҳад, –гуфтам. –Ҳикояи дуюм, ин ки расми нуқсондор имзо намехоҳад, зеро нуқс худаш имзо аст. Ҳикояти сеюм бошад, дарси ҳикояти якум ва дуюмро муттаҳид мекунад ва он ифодагари ин аст, ки имзо ва услуб як густохӣ ва ҷаҳолат аст.

Ин одаме, ки дарсаш медиҳам, наққоширо то чӣ андоза медонад? Пурсидам:

– Аз ҳикояҳоям кӣ буданамро фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам, –ҷавоб дод Кара, аммо лаҳнаш боварибахш набуд.

Хонандаи азиз, бо нигоҳ ва ченакҳои ӯ дар бораи ман қазоват накунед, худам дар бораи хеш ба шумо нақл мекунам, ки кӣ ҳастам. Аз дастам ҳар кор меояд. Кашидан ва нақшбандиро ба дараҷаи устодони куҳнаи Қазвин медонам, ранг мезанам. Бо итминони комил мегӯям: аз ҳамаи онҳо беҳтарам. Агар тахминам дуруст бошад, сабаби дар ин ҷойҳо пайдо шудани Кара нопадид

[41] *Пурдиққат*– ин калима дар асли туркӣ низ ба ҳамин маънист.

гаштани Зариф-афандист, ки ба ин масъала алоқае надорам.

Кара суол дод, ки оиладориам оё ба корам халал намерасонад?

Ман ҳам зиёд кор мекунам, ҳам ба ишқбозӣ шавқ дорам. Ба қарибӣ ба духтари аз ҳама хушрӯи маҳалла хонадор шудам. Агар наққошӣ намекунам, донед, ки машғули кори дигарам. Баъд аз нав ба кор мечаспам. Нагуфтам дар ин бора. «Ҳамаи ин осон нест», –гуфтам. Агар қалами рассом дар коғаз муъҷиза офарад, ӯро дар бистар имкони муъҷиза офаридан нест. Ва дуруст мегӯянд, ки агар найқалами мард нағз кор кунад, мӯйқаламаш рӯйи коғаз сарду хомӯш аст. Чун ҳар одами ҳасуд Кара ба ин дурӯғ бовар кард ва хурсанд шуд.

Баъд ӯ гуфт, ки саҳифаҳои охирини наққошии маро диданист. Ӯро ба сари тахтаи корам, байни зарфҳои рангу мӯйқаламҳо, муҳраҳо, парҳо ва асбоби оҳордиҳии коғаз шинондам. Вақте ки Кара наққошии дусаҳифагиро, ки ҳоло болояш кор мекунам («Сурнома» – бахшида ба ҷашни хатнасури шоҳзодаамон), тамошо мекард, дар канораш бафурҷа дар болиштаки махмалии сурх нишастам, гармии он ба ёдам овард, ки лаҳзае пеш дар он зани зебою ҷононаам нишаста буд. Он вақт бо найқалам маҳкумони бадбахтро, ки пеши подшоҳамон маҳзун саф кашидаанд, мекашидам, зани баақлакам бошад, найқалами маро бозӣ медоронд.

Мавзӯи он расми дусафҳагӣ, ки болояш кор мекардам, ба лутфу эҳсони подшоҳамон, озодии маҳкумоне бахшида шудааст, ки қарзашонро баргардонда натавониста, ба ин сабаб, ба зиндону зиллат афтодаанд. Подшоҳамонро тавре кашида будам, ки худам дар яке аз ҷашнҳо дидаам, бо халта-халта сиккаи нуқраву тилло дар канорашон. Каме дуртар аз он кас

дафтардорбоширо[42] гузоштам, ки дар даст дафтари калоне дорад, ки дар он асноди қарздории маҳкумин сабт аст. Давродаври онҳо аз маҳкумини базаҳкор пур буд, дар дасту пояшон банд, дар гарданашон занҷир, онҳо дар рӯбарӯйи подшоҳ бо хиҷолату шармзадагӣ сархам меистоданд, сураташонро овезон, абрувонашонро гирифта ва чашмонашонро ашколуд тасвир кардаам. Дар пушти сари подшоҳамон маҳкуминеро кашида будам, ки бо лутфу эҳсони он кас аз ҳабс озод шуда, аз хурсандӣ ба зери пойи подшоҳамон афтодаанд ва барои бақои тану ҷон, тахту тоҷашон дуо мекарданд, баъзеҳо бо навохтани уду танбӯр ва хондани таронаву қасида изҳори шодӣ менамуданд, онҳоро дар либоси сурх кашида будам. Барои он ки то чӣ андоза эҳсоси шармандагӣ ва азоби рӯҳӣ кашидани одами қарздорро тасвир созам, ҳарчанд ин дар нақша набуд, дар паси маҳкумшудагон зани яке аз онҳоро дар либоси кабуд ва духтараки зебояшро дар фаранҷии сурх кашидам, ки милаҳои дароз ва чеҳраи пурғусса дошт. Мехостам сабаби дар ду сафҳа кашидани қарздорони занҷирбандро ба шумо пурра баён кунам, маънии пӯшидаи ранги сурхро фаҳмонам, чизеро нишон диҳам, ки то ин вақт дар устодони куҳан дида нашудааст: бо занам хандида истода, дар гӯшае сагчаеро кашидам ва онро ҳамранги хилъати подшоҳамон ранг кардам. Мехоҳам, ки ин Караи туршрӯ бидонад, ки расм кашидан маънои дӯст доштани зиндагиро дорад. Аммо ҳамин асно ӯ саволи ногаҳонӣ дод.

Оё тифоқо намедонам, ки бечораи Зариф-афандӣ дар куҷо бошад?

Чаро бечора?! Як муқаллиди беҳунар, ки ба як пули пучак намеарзад ин Зариф-афандии ту! Фақат барои пул

---

[42] *Дафтардор* –айнан, мансабдоре, ки ба молиёт, хазина машғулӣ дорад.

шуда тазҳибҳои дурӯғ карда мегардад, намедонад, ки илҳом чист ин девона.

– На, –гуфтам. –Намедонам.

Оё фикр намекунам, ки тарафдорони шайхи эрзурумӣ ба сари Зариф-афандӣ метавонистанд ҳучум кунанд? Худамро нигоҳ доштам ва нагуфтам, ки худат яке аз онҳоӣ.

– На! –ҷавоб додам. –Барои чӣ?

Камбағалӣ, вабо, бадахлоқӣ ва дигар норасоиҳои ҷомеа, ки шаҳри мо, Истанбулро фаро гирифтааст, натиҷаи он аст, ки исломи замони расули Худо (с)-ро фаромӯш карда, ғайри одатҳои бад, усули фарангӣ чизи дигарро ёд нагирифтаем. Дар ин бора воизи эрзурумӣ огоҳ мекунад моро, аммо душманонаш овоза паҳн кардаанд, ки муридони Хоҷа Нусрат токҳоеро, ки аз онҳо садои мусиқӣ мебарояд, мазори шайхонро вайрон мекунанд, ин гапи дурӯғро ба гӯши подшоҳамон расондаанд. Акнун ҳарчанд ба худашон маълум аст, ки ман ба ҳазрати эрзурумӣ душмание надорам, боз донистан мехоҳанд, ки оё ман Зариф-афандиро куштаам?

Якбора ба ёдам расид, ки ба ин монанд овозаҳо дар байни рассомон кайҳо паҳн шудааст. Худозадаҳо, ин ҷамоати беҳунар ва беистеъдод корашон ҳамин аст, ки туҳмат бизананд, обрӯи ину онро пеши мардум резонанд, аз ман қотил созанд. Шайтон мегуфт, ки барои ба туҳмати бахилон бовар карданаш ин рангдони нукрагиро бардор ва ба сари ин черкасӣ, Караи девона бизан.

Барои он ки чизи дидаро дар ёдаш нигоҳ дорад, Кара ҳама анҷоми хонаи наққошиамро бо диққат аз назар мегузаронд: қайчиҳои бузурге, ки бо он коғаз мебурам; деги пур аз зарних, ки болои оташдон мечӯшид; косаҳои ранг ва себе, ки пеш аз омаданаш як газ гирифта будам; офтобае, ки дар пешгаҳи хона дар канори оташдон меистод; пиёлаҳои қаҳванӯшию болиштакҳои махмалӣ;

шохаи нуре, ки аз тирезаи нимабоз медарояд; оинае, ки барои санҷидани дурустии банду баст дар коғаз истифода мебарам; чанд пероҳани худам ва миёнбанди сурхи занам, ки зери девор ҳамчун аломати гуноҳи мо мехобиданд ва ӯ баъди шунидани садои дар саросема мехост онҳоро ғундорад, аммо имкон наёфта буд.

Ҳарчанд андешаҳои хешро аз Кара пинҳон медорам, расмҳо ва хонаеро, ки дар он зиндагӣ мекунам, аз нигоҳи густохонааш пинҳон насохтам. Медонам, ғурури ман ҳамаи шуморо ҳайрон мекунад, аммо воқеан, ҳар чизе, ки ҳаст-ҳаст: ман аз ҳамаашон бештар пул кор мекунам, ин маънои онро дорад, ки корам аз ҳама беҳтар аст. Зеро Худованди мутаол дунёро барои он офарида, ки бандагонаш дар он бо шодиву масаррат зиндагӣ карда тавонанд, наққошӣ ҳам василае барои шод кардани мардум аст.

13. Маро Лаклак меноманд

Вақти намози пешин. Дарро заданд, бинам, шиноси даврони бачагиам Кара. Ҳамдигарро ба оғӯш гирифтем. Хунук хӯрдааст, ба хона даровардам, ҳатто напурсидам, ки чӣ тавр роҳи хонаро ёфт. Эниште фиристода будааст, чаро Зариф-афандӣ ғоиб аст, дар куҷост, дар куҷо буданаш мумкин. Ғайр аз ин, дуруст аст, ки аз устод Усмон хабар гирифтааст; мегӯяд, ки ба ман як суол ҳам дорад: устод Усмон гуфтааст, ки наққоши ҳақиқиро аз дигарон чизе, ки фарқ мекунонад, замон аст – замони наққош. Ман чӣ фикр дорам? Гӯш кунед:

Расм ва замон

Ҳама медонанд, ки дар замонҳои қадим наққошҳои кулли олам, масалан, аз устодони куҳани дунёи Араб сар карда, то рассомони кофари фарангӣ ба дунё як хел назар

мекарданд, аз ҳамон ҷойи истодаашон ҳам саги дайдуи кӯча ва ҳам дӯкони сабзавотфурӯшро бо фурӯшандаву ҳамаи алафҳои карафси фурӯшиаш дида мекашиданд. Аз он чизе, ки имрӯзҳо устодони фарангӣ мағрурона усули перспектива меноманд, хабаре набуд, диди ҳама ба дунё ба гунае буд, ки сагу бандчаи карафсро дар як замон дида, дар як сатҳ мекашиданд. Баъд чизе рӯй дод, ки дунёи нақҷоширо ба куллӣ тағйир дод. Нақли худро аз ҳамин чиз сар мекунам.

Се достон дар бораи нақш ва замон
Алиф

Дар Бағдод, ки сесаду панҷоҳ сол пеш дар як рӯзи сарди зимистон аз дасти муғулон забт ва ба хок яксон гардид, хаттоти бузург Ибни Шокир зиндагӣ мекард. Мавсуф новобаста ба ҷавонӣ на танҳо дар дунёи Араб, балки дар тамоми кишварҳои исломии рӯйи дунё машҳур буд. Дар китобхонаи дар ҷаҳон машҳури Бағдод бисту ду ҷилд дастнависи ӯ нигоҳдорӣ мешуданд, ки аксарашон Қуръони карим буданд. Ибни Шокир бовар дошт, ки китобҳояш то рӯзи қиёмат боқӣ мемонанд, аммо пай мебурд, ки замон беинтиҳост. Лашкари хони муғул Ҳалоку[43] дар чанд рӯз чун дигар дастовардҳои фарҳангӣ тамоми китобҳои пурқиматеро, ки мо ҳоло дар бораашон чизе намедонем, даронду сӯзонду нест кард, ба Даҷла партофт, аммо дар арафаи забти Бағдод Ибни Шокир қаҳрамонона дар болои китоби охиринаш кор мекард, тамоми шаб дар рӯшноии хираи шамъ заҳмат кашид ва субҳи содиқ ба манораи масҷиди Халифа баромад, то

---

[43] *Ҳалокухон* – набераи Чингизхон, асосгузори сулолаи муғулии ҳалокуҳо, ҳукмрониаш солҳои 1256–1265.

пушт ба шарқ дода, ба ғарб, ба хатти уфуқ нигарад, зеро давоми панҷ қарн хаттотони араб, ки ба анъанаҳо содиқ буданд ва ба абадияти китобҳо боварӣ доштанд, барои чашмашонро истироҳат додан ва пешгирӣ аз оқизӣ чунин мекарданд. Аз айвони манора оқибати фоҷиаовари анъанаҳои панҷасраи санъати китобнависиро мушоҳида кард: ӯ аввалин шуда дид, ки чӣ тавр аскарони бераҳми Ҳалоку ба Бағдод ворид шуда, онро зери суми асп гирифтанд, аммо дар манора истодан гирифт. Ӯ медид, ки чӣ тавр шаҳрро ғорату вайрон мекунанд, ҳазорҳо одамро бо шамшер сар мезананд, чӣ тавр халифаи охирини мусулмононро, ки панҷсад сол боз қисми халқи оламро таҳти назорат дошт, куштанд, занонро таҷовуз карданд, ба китобхона ҳуҷум оварданд, даҳҳо ҳазор китоби пурқиматро ба дарёи Даҷла андохтанд. Хаттоти пир ба оби Даҷла, ки аз ранги сиёҳи китобҳо сиёҳ гашта буд, нигариста, ба ҳайрат афтод, ки чаро ин қадар китобҳои динии маъруф қудрати онро надоранд, ки пеши роҳи ин кирдори ғайриинсониро бигиранд. Китобҳои бо хатти зебо наққошикардаи ӯ аз байн рафтанд. Ибни Шокир қасам хӯрд, ки дигар хаттотӣ намекунад. Фоҷиаву дарди аз сар гузарондаашро хост бо санъати расм ифода намояд, ҳарчанд то ба ин вақт ин ҳунарро эътироф намекард, онро кори шайтон, муқобилият алайҳи Худованд медонист. Инак, дар варақи коғазе, ки ҳамеша ҳамроҳ дошт, он чизеро, ки аз боло медид, тасвир кард. Ҳамин тавр, баъди ҳуҷуми муғул аввалин ҳунари рассомии исломӣ ба вуҷуд омад, ки ба расмкашии бутпарастон ва насрониён монандӣ надошт. Дар ин услуби рассомӣ олам аз боло, бо ишораи ҳатмии хатти уфуқ, ҳамон тавре ки Худованд мебинад, тасвир мегардад, дар он расми аввалин дарди дили рассом ифода ёфт. Баъд, ин боиси таъкид аст: баъди куштори Бағдод Ибни Шокир бо хоҳиши ҳарчи бештари омӯзиши

рассомӣ пиёда тарафи шимол, ҷонибе, ки муғулон омада буданд, роҳ пеш гирифт ва услуби рассомии устодони чиниро омӯхт. Аз ҳамон вақт маълум гардид, ки ғояи беинтиҳоии замон, ки панҷсад сол боз дар замири хаттотони араб зинда буд, бояд на дар ҳарф, балки дар расм ифода гардад. Дар ҳақиқат, агар дуруст андеша кунем, ҳамин тавр аст: китобҳо куҳна мешаванд, онҳоро медаронанд ва нест мекунанд, аммо варақҳои расмдорро дар китобҳои дигар нигоҳ медоранд. Онҳо абадӣ мемонанд ва олами худовандиро намоиш медиҳанд.

Бе

Ҳама чиз такроршаванда аст, аз ин рӯ, агар инсон пир намешуд ва намемурд, гузашти замонро намефаҳмид. Мо қиссаеро такроран нақл мекунем ва онро бо расмҳои ба он мувофиқ тафсир менамоем, гӯё вақт мавҷуд нест. Ҳамин тавр, дар як замоне дур ё наздик, ҳамон тавре ки Салими самарқандӣ дар таърихи мухтасараш овардааст, урдуи хурди Фоҳиршоҳ лашкари бузурги Салоҳиддинхонро зада «парешон»[44] кард. Музаффар Фоҳиршоҳ баъди он ки Салоҳиддинхони асирро қатл кард, чун анъана барои он ки ҳукмашро раво созад, аз китобхона ва ҳарами шахсии мақтул зиёрат кард. Дар китобхона ҷилдсози ботаҷриба китобҳои пешинаро кушода, ба иваз кардани саҳифаву матнҳо ва тартиб додани китобҳои нав оғоз намуд: хаттотон ҳар ҷо катибаи «Салоҳиддинхони ғолиб»-ро ба «Фоҳиршоҳи музаффар» иваз намуданд, рассомон бошанд, расмҳои марҳум Салоҳиддинхонро, ки нақши дасти рассомони моҳир буданд, тарошида, ба ҷояш чеҳраи нисбатан ҷавони Фоҳиршоҳро гузоштанд. Дар ҳарам Фоҳиршоҳ бонуи аз ҳама зеборо таги чашм кард, аммо ҳамчун

[44] *Парешон* – дар асли туркӣ низ чунин омадааст.

шахси бомаърифат, дӯстдори китобу нақққошӣ ба зӯрӣ ба ӯ даст ёфтанро ба худ муносиб надониста, тавассути калом дилашро ёфтанӣ шуд. Ҳамсари Салоҳиддинхони марҳум - зебосанам Наримон Султон ашк дар чашм ба шоҳи нав, ки бояд шавҳари ӯ шавад, танҳо бо як илтимос муроҷиат кард: дар китобе, ки дар бораи муҳаббати Лайлӣ ва Маҷнун аст, расме, ки дар он Лайлӣ ҳамчун Наримон Султон ва дар канори ӯ Маҷнун дар симои шавҳари шаҳиди ӯ кашида шудааст, нигоҳ дошта шавад. Мақсади худро бону ин тавр шарҳ дод: бо дастури шавҳари ӯ, ки зиндагии ҷовидониро мехост, ҳунармандон расмҳои зиёд кашидаанд, хуб мебуд, яке аз онҳо нигоҳ дошта шавад. Шоҳи ғолиб ин хоҳиши ӯро олиҳимматона қабул кард, нагузошт, ки ходимонаш ба он расм даст расонанд. Наримон ва Фохиршоҳ бо гузашти айём ҳамдигарро дӯст доштанд, гӯё он фоҷиа набуд. Аммо баъзан Фоҳиршоҳро он расми китоби «Лайлӣ ва Маҷнун» ором намегузошт. Ӯ на аз он ки дар расм Наримон дар паҳлуи шавҳари мақтулаш кашида шудааст ва на аз ҳисси рашк ғам мехӯрд, балки аз он дар азоб буд, ки дар он достони қадимаи китоби зебо расми ӯ нест ва ӯ ҷовидон нахоҳад монд. Панҷ сол кирми ҳасад тани ӯро хӯрд, ниҳоят, шабе монанди дузд, пинҳон ба китобхона роҳ ёфт, китоби «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро кушод ва саъй кард, ба ҷойи шавҳари марҳуми Наримон расми худро кашад. Аммо чун ҳамаи подшоҳони ошиқи санъату нақққошӣ ӯ дар расмкашӣ истеъдоди камтар дошт. Китобдор ҳангоми ташхис пай бурд, ки ба ҷойи Салоҳиддинхон дар канори Лайлӣ (Наримон) шахси дигар пайдо шудааст; эълон кард, ки ин одами нав душмани ашшадии Фоҳиршоҳ–ҳокими кишвари ҳамсоя Абдуллоҳи ҷавону зебост. Ин овоза ба гӯши Абдуллоҳ низ расид, вай ба муқобили Фоҳиршоҳ лашкар кашид, дар муҳорибаи аввалин ғолиб омада, ӯро асир гирифт ва

нобуд сохт ва аз рӯйи анъана китобхонаву ҳарамро соҳиб гашт. Наримон Султони ҳамешаҷавон соҳиби шавҳари нав шуд.

Ҷим

Миёни ҷомеаи наққошон вақте сухан аз умри дароз ва оҷизӣ меравад, ин қиссаро ба ёд меоранд. Истанбулиҳо ин шахсро устод Узун Меҳмет мегӯянд, дар кишвари Аҷам, агар иштибоҳ накунам, бо номи устод Муҳаммади Хуросонӣ машҳур аст, аммо ин ҷо гап дар бораи расм ва замон аст. Агар аз нуҳсолагӣ, ки шогирд буд, сар кунем, дар ин саду даҳ соле, ки қабл аз оҷизиаш рассомӣ кард, муҳимтарин фарқияти ин шахс дар кори наққошӣ надоштани услуби шахсӣ дар кори худ буд. Боз гумон накунед, ки ин суханбозӣ аст, балки ҳақиқати маҳз аст. Ӯ чун дигарон кор мекард ва усули рассомони қадимаро айнан такрор мекард ва маҳз ба ин сабаб устоди бузург буд. Узун Меҳмет марди хоксор ва ба касбаш содиқ буд, расмкаширо хидмат дар роҳи Худованд медонист. Бо касе душманӣ намеварзид, аз низоъ ва ғайбат ҳазар мекард. Дар наққошхонае, ки ӯ ин қадар сол заҳмат кашид, метавонист саррассом таъин шавад, аммо инро ба гӯшаи хаёл ҳам намеовард, ҳарчанд ба ин арзанда буд. Шахси хушбахт ва камгап буд. Намехост услуби худро дошта бошад. Ҳар як наққошхонаи шоҳ ё валиаҳди навро, ки он ҷо заҳмат кашиданаш зарур буд, хонаи худ меҳисобид, худро бошад, моликияти он хона медонист. Хону шоҳон якдигарро мекуштанд, рассомон чун ҳарами подшоҳ аз шаҳр ба шаҳр мегаштанд, дар ҷойи нав, дар устохонаи нав ба зудӣ усули нав зуҳур мекард. Вақте синнаш ба ҳаштод расид, ҳеч кас ба миранда будани ӯ бовар надошт, чунон менамуд, ки ӯ дар расмҳои худ абадӣ зинда хоҳад монд. Аз ин рӯ, шояд гумон доштанд, ки ӯ берун аз вақт зиндагӣ дорад. Онро, ки ӯ шабу рӯзашро дар устохона

гузаронда, оҷиз намешавад, бо он шарҳ медоданд, ки замон ба таври муъҷиза дар назди ӯ беҳаракат истодааст. Баъзеҳо мегуфтанд, ки дар асл ӯ нобино шудаасту аз ҳофиза мекашад. Устоди бузург ягон бор оиладор нашуда буд ва касеро ҳам дӯст намедошт. Инак, вақте синнаш ба яксаду нуздаҳ расид, дар наққошхонаи шоҳ Таҳмосп шогирдпешаи шонздаҳсола, нимачинӣ, нимабулғорӣ, намунаи ҳақиқии зебоӣ, ҷавони маҳҷабин, маҳз ҳамонеро, ки намунаашро сад сол боз ӯ мекашид, пайдо шуд. Устод бо як нигоҳ ба ӯ ошиқ шуд ва барои он ки ишқи шогирди барноро сазовор гардад, ба мубориза барои ба даст овардани мақоми баланд дар наққошхона ҳамроҳ шуд, акнун аз дурӯғ, низоъ рӯй намегардонд. Вай ба ташвишҳои ҷомеа, ки сад сол аз онҳо дур буд, акнун бемалол ҳамроҳ мешуд, дигар ӯ намунаи инсони хоксору одил набуд. Боре, вақте ки аз назди тирезаи боз, рӯ ба боди сард истода, шогирди зеборо наззора мекард, шамол хӯрда, рӯзи дигар ба сулфазанӣ даромад, чашмонаш кӯр шуданд, баъди ду рӯз аз зинапояи сангини баланди устохона пояш лағжида афтод ва ҳалок шуд.

– Номи Узун Меҳмети Хуросониро шунидаам, аммо қиссаашро бори аввал мешунавам, –гуфт Кара.

Ӯ инро барои он гуфт, ки фаҳмид қиссаам ба охир расидааст, акнун дар сари маънии он фикр мекард. Андаке хомӯшӣ ихтиёр кардам, имкон додам, ки маро ба наззора гирад. Аслан бекор истоданро дӯст намедорам, аз ин рӯ, пеш аз оғози нақли дуюм ба расме, ки пеш аз омадани Кара машғулӣ доштам, рӯй оварда будам. Дар поёни поям, чун ҳамеша хомӯшу ором шогирдам, зебописар Маҳмуд ба нақлам гӯш дода, ҷунбуҷӯл дошт: ранг омехта мекард, қалам тез менамуд, агар хатое кунам, бо хоҳиши ман пок месохт. Шунида мешуд, ки занам дар хонаи паҳлуӣ ҷубуҷӯл дорад.

– Э, э, подшоҳ рост истодааст! –нидо баровард Кара.

Сабаби ҳайрати ӯро пай бурда бошам ҳам, чунон вонамуд кардам, ки намедонам. Аммо ба шумо мегӯям, барои чӣ: расм лаҳзае аз «Сурнома» буд – ҳангоми сури хатнаи валиаҳд дар атрофи подшоҳи мо панҷоҳу ду рӯз савдогарон, ҳунармандон, ҷанговарон, дуздон ва ҳама гуна одамон тоб мехӯрданд, шоҳ дар токи айвон нишаста тамошо дошт. Бале, дар ҳамаи дусад расм подшоҳамон дар ҳоли нишастан тасвир шудааст. Танҳо дар расми ман подшоҳамон рост истода, ба сари одамон аз халтаҳои пур танга мепошид. Барои ин чунин кардам, ки ҳисси ҳайрат ва шодии мардумро, ки барои гирифтани танга талош доштанд, бо мушт ба сари якдигар мекӯфтанд, рӯйи замин дароз кашида, ба пушт хобида мехазиданд, инъикос намоям.

– Агар расм дар бораи ишқ нақл кунад, бо муҳаббат бояд тасвир кард, –гуфтам. –Агар он ғаму ҳасратро ифода карданӣ бошад, шарт нест, ки вазъи ғамолуд, дарёи ашк тасвир шавад, балки оҳанги ботинии дар назари аввал ба чашм нонамоён бояд онро ифода кунад. Садҳо рассом барои ифодаи оҳанги тааҷҷуб одамро бо ангушти ишоратӣ дар лаб тасвир мекарданд. Ман чунин накардам, зеро ҳайрат аз худи ин расм ҳувайдост. Ин маъниро бо рост истодани подшоҳ ифода кардам.

Кара бо диққат асбобу анҷоми корамро мушоҳида мекард, гӯё аз онҳо чизе пайдо карданӣ мешуд, худам ҳам дар ҳамин андеша бо чашми ӯ хонаи худро аз назар гузарондам.

Замоне дар Табрез ва Шероз чунин расм буд, ки қалъаю қасрҳо, гармобаҳоро чунон тасвир мекарданд, ки гӯё чашми Худованди ҳамабину ҳамашунав ба онҳо нигаронда шудааст. Рассом гӯё бо покуи бузурги муъҷизанок қасрро ду тақсим мекард ва чизеро, ки дар даруни он ҳаст: косаву пиёла, наққошиҳои аз берун

номаълуми девор, пардаҳо, тӯтии дохили қафас, ҷойҳои аз ҳама марҳами хонаро, ки духтаракони зебо дар болиштакҳои махмалӣ дар офтоб нишастаанд, мекашид. Чун тамошобине, ки чунин расмро бо ҳайрат аз назар мегузаронад, Кара ҳам китобҳо, рангҳо, варақҳои коғаз, қиёфатномаҳо[45] ва мураққаъ, ки онҳоро барои сайёҳони шавқманди хориҷӣ тайёр кардаам, расмҳои саросемавор бо супориши як пошо тайёркардаам, ки аз лаҳзаи шаҳват ва беодобӣ иборат аст, рангдонҳои гуногуни шишагӣ, нуқрагӣ ва сафолӣ, кордчаҳои қаламтезкунии дастааш устухони фил, қаламҳои оби тилло давондашуда, шогирди барнои маро, ҳатто нигоҳҳои ҷониби ман партофтаи ӯро бехато ба мушоҳида мегирифт.

– Баръакси рассомони пешин ман ҷангҳои зиёдро дидаам, –гуфтам барои он ки хомӯширо барҳам диҳам. – Ҷиҳози ҳарбӣ, тӯбҳо, лашкар, мақтулонро дидаам. Ин ман маҷмӯи хаймаҳои сафарии подшоҳамон ва пошоҳоро тасвир кардаам. Баъди бозгашт ба Истанбул размгоҳҳоеро, ки касе ба хотир овардан намехоҳад, бо танҳои дунимшуда, лашкари ба ҳам омехта, аскарони бадбахти кофирро, ки аз қалъаҳои муҳосирашуда бо тарс ба тӯбу лашкари мо, исёнгарони кушташуда ва ҳуҷуми барқвори аспсаворони мо менигаранд, кашидам. Ҳамаашро дар ёд дорам: қаҳвапазаки нав, дастаки навсохти тиреза, тӯб, куланги милтиқи нави фарангӣ, дар ҷашн кӣ чӣ гуна либос дошт, кӣ чӣ мехӯрд, кӣ дасташро дар кучо гузошта буд…

– Маънии ин се қиссаи нақлкардаи ту чист? –пурсид Кара ба тарзе, ки суҳбатамонро тамомшуда меҳисобид, ҳатто андак инодкорона.

– Алиф, –гуфтам, –аз ҳикояи нахустин дар бораи манора бармеояд, ки мондагории кори рассомро

---

[45] *Қиёфатнома* – китоб бо тасвири сару либос ва урфу одати мардумони гуногун.

новобаста ба истеъдодаш вақт нишон медиҳад. Бе, ҳикояи дуюм дар бораи ҳарам ва китоб маънои онро дорад, ки аз маҳдудаи вақт танҳо ҳунари баланд ва расм берун баромада метавонанд. Аммо маънии қиссаи севумро, агар медонӣ, худат бигӯй.

– Ҷим, –гуфт бо дили пур Кара, –дар бораи рассоми яксаду нуздаҳсола маънии ҳар ду қиссаи аввал: алиф ва беро муттаҳид месозад ва баёнгари он аст, ки ҳар рассоме, ки аз ҳаёт ва ҳунари бенуқсон фосила мегирад, ба замони худ хотима мебахшад ва мемирад.

14. Номи ман Зайтун аст

Пас аз намози пешин бо аҷала, аммо бо завқ чеҳраи бачаякони зеборо мекашидам, ки дарро кӯфтанд. Аз ҳаяҷон дастам ларзид, қалам афтид. Тахтаи кориамро, ки сари зонуям буд, бо эҳтиёт канор гузоштам ва гӯё бол бароварда, ба тарафи дар шитофтам, пеш аз он ки дарро кушоям, зери лаб дуо хондам. Худовандо… Азбаски шумо, онҳое, ки нақли маро аз ин китоб мехонед, ба Худованд наздиктаред – назар ба ин дунёи касиф ва ночиз ва ба ғуломони ҳақиқии подшоҳамон, ҳамаашро ба шумо нақл мекунам, ки гап дар чист: Подшоҳи Ҳиндустон, сарватмандтарин шоҳи ҷаҳон Акбархон дастур додааст китобе созанд, ки дар забонҳо достон шавад ва ин хабарро ба тамоми чор гӯшаи олами ислом фиристода, аз беҳтарин рассомони ҷаҳон хоҳиш кардааст, ки ба дарбораш марҳамат намоянд. Одамони ба Истанбул ташрифовардаи ӯ дирӯз назди ман буданд, ба диёри Ҳинд даъват карданд. Дарро кушодам, ин сафар онҳо набуданд, балки Кара – шиноси даврони бачагиам. Як вақтҳо аз ҷумлаи мо шудан мехост, ба мо ҳасад мебурд. Хуб?

Суҳбат кардан мехостааст ҳамчун дӯсти қадима, омадааст наққошиҳоямро бинад. Марҳамат гуфтам, ҳама чизамро бинад. Дар хизмати саррассом устод Усмон будааст, дасташро бӯсидааст. Устоди бузург панди аҷибе гуфтааст: Наққоши ҳақиқиро бе баррасии масъалаи нобиноӣ ва ҳофиза муайян кардан мумкин набудааст. Расидани чунин як замонро бароятон шарҳ медиҳам:

Нобиноӣ ва ҳофиза

Пеш аз наққошӣ як торикӣ буд ва баъди наққошӣ ҳам як торикӣ ҳукмрон мешавад. Бо ёрии рангҳо, ҳунар ва муҳаббатамон сухани Худованд «нигоҳ кунед»-ро мо дар ёдамон ҳифз мекунем. Ҳифз кардан донистани чизи дида аст. Донистан ба ёд овардани чизи дида аст. Дидан ба ёд овардани чизи дар хотир надошта аст. Аз ин мебарояд, ки кашидан ба хотир овардани торикист. Ба устодони бузург маълум аст, ки муҳаббати онҳо ба расм, ранг ва қобилияти дида тавонистани торикӣ маънии бозгашт ба торикии Худованд тавассути рангро дорад. Касе, ки ҳофиза надорад, на Худовандро ба хотир дорад, на торикии онро. Ҳамаи устодони бузург дар расмҳояшон дар дохили рангҳо ин торикии чуқури берун аз замонро меҷустанд. Устодони бузурги куҳани Ҳирот онро ёфтанд, барои он ки шумо ҳам чӣ будани ба хотир овардани торикиро фаҳмед, ин қиссаҳоро бароятон нақл мекунам:

Се достон дар бораи нобиноӣ ва ҳофиза

Алиф

Дар «Нафаҳот-ул-унс»-и шоир Ҷомӣ, ки дар бораи авлиё ва зоҳидон аст ва ба туркӣ аз тарафи Ламии Челебӣ[46] баргардон шудааст, аз рассом Шайх Алии Табрезӣ нақл мешавад. Ин наққоши машҳур ва моҳир дар

[46] *Ламии Челебӣ* (1472–1531) – шоир ва рӯҳонии равияи сӯфия.

наққошхонаи дарбори яке аз фармонравоёни сулолаи Каракойюнлу[47] Ҷаҳоншоҳ[48] кор мекард. Дар ҳамон китоби ба туркӣ тарҷумашуда омадааст, ки охирин нусхаи қиссаи «Хусрав ва Ширин» дар наққошхонаи мазкур аз тарафи он устоди номдор наққошӣ шудааст. Мегӯянд, ки дар ин китоби афсонавӣ, ки кораш ёздаҳ сол идома ёфт, Шайх Алӣ тамоми ҳунарашро кор фармуда, ки назирашро дар вақташ танҳо Камолиддин Беҳзод – устоди бузурги рассомони куҳан анҷом дода буд. Аз ин рӯ, ҳоло китоб тайёр нашуда Ҷаҳоншоҳ пай мебарад, ки ӯ соҳиби ганҷе беназир хоҳад шуд, ки аз он шуҳрати ӯву иқтидораш меафзояд. Бояд гуфт, ки Ҷаҳоншоҳ, фармонравои Каракоюнлу ҳамеша аз ҳамсояш ҳукмрони ҷавони Аккойюнлу[49] Узун Ҳасан[50] метарсид, ба ӯ кина дошт, аз ин рӯ, Узун Ҳасанро душмани қотили худ меҳисобид. Инак, Ҷаҳоншоҳ аз дил гузаронд, ки баъди ба охир расидани ин заҳмати бузург шояд Узун Ҳасан дар фикри тайёр кардани китоби аз ин ҳам зебо афтад? Ин корро ӯ ба кӣ месупорад ба ғайр аз Шайх Алӣ, ки бешак, метавонад кори худро такрор кунад ва шояд аз он беҳтарашро офарад? Чунин андешаҳо шабу рӯз

---

47 *Каракойюнлу* – Қарохониён, омехтаи қабилаҳои турку туркман дар шимолу шарқи нимҷазираи Анатолия.

45 *Ҷаҳоншоҳ* (1405–1467) –ҳукмдори Каракойюнлу, дар даврони ӯ давлат ҳудуди аз ҳама бештарро дар бар мегирифт.

46 *Аккойюнлу* –омехтаи қабилаҳои турку туркман дар шимоли нимҷазираи Анатолия.

47 *Узун Ҳасан* (1423–1478) – ҳукмдори Аккойюнлу.

Ҷаҳоншоҳро ба андеша водор карданд, ҳеч тоб намеовард, ки касе аз ӯ хушбахту доро бошад. Ва, ниҳоят, ба қароре омад, ки набояд касе дорои чунин китоби бузург бошад, нақшаи онро кашид, ки баъди итмоми китоб ҳамоно рассоми номиро бикушад. Аммо зебодухтари раҳмдили черкас, ки дар ҳарами подшоҳ буд, маслиҳат дод, ки рассом кӯр карда шавад, басанда аст. Ҷаҳоншоҳро ин маслиҳат писанд омад ва ба наздиконаш дар ин бора дастур дод. Ин қарордод ба гӯши Шайх Алӣ низ расид, аммо ӯ корро напартофт ва аз Табрез нагурехт. Ҳатто дар кор сустӣ накард, то соати кӯр гаштанашро қафо партояд, кӯшиши бад кашидан ҳам накард. Баръакс, бо шавқу шӯри бештар ба кор часпид. Ӯ танҳо умр ба сар мебурд, коргоҳаш хона буд. Баъди намози бомдод қаламро ба даст мегирифт ва дарахтони сарв, аспҳо, аждар, шоҳзодаҳои зебо ва ошиқонро мекашид то нисфи шаб – замоне, ки дар рӯшноии хираи шамъ чашмонаш ба дард меомаданд. Ӯ метавонист ба ягон нигораи устодони куҳани Ҳирот дурудароз нигариста, баъд ба он нигоҳ накарда, айнан монанди онро кашад, аксар вақт чунин ҳам мекард. Ниҳоят, китоб омода шуд. Ҳамон тавре ки рассом интизор буд, аввал ӯро зиёд таъриф карданд, аз сараш тиллову танга рехтанд ва баъд, ба чашмаш мил кашида (аниқтараш бо чуволдӯз) кӯраш карданд. Дарди чашм поён нарафта, устод Ҳиротро тарк кард ва ба назди Узун Ҳасан рафт. «Бале, ман нобиноам, –гуфт ӯ, –аммо тамоми ҳунарам, ки дар ороиши китоб дар ёздаҳ сол сарф кардам, ҳатто неши ҳар қаламу мӯқалам ба хотирам нақш бастааст, дастонам метавонанд аз рӯйи ҳофиза ҳамон расмро аз нав бикашанд. Аълоҳазрат, барои ту китобе ороиш медиҳам, ки аз он беҳтар бошад. Акнун бадию нотавонии мардуми ин ҷаҳонро дигар бо чашми сар дида наметавонам, аммо аз ҳофиза бароят китобе месозам, ки тамоми чизҳои беҳтарини офаридаи

Худовандро ифода кунанд». Узун Ҳасан ба рассоми бузург бовар кард ва ӯ барои ҳокими Аккоюнлу китоби беҳтарини замонҳоро офарид. Аз ин қазия ду сол гузашта буд ва аз ҳашамати чунин як китоб Узун Ҳасан илҳом гирифта, бар Ҷаҳоншоҳ ситезид, лашкари ӯро дар назди кӯли Ҳазорчашма шикаст дод ва ин шоҳи бедодгарро бикушт. Аммо баъди чанд муддат Узун Ҳасани диловар дар ҷанги назди Отлукбели[51] аз Фотеҳ Султон Маҳмуд[52] шикаст хӯрд, дар натиҷа ҳар ду китоби қиматбаҳо ба хазинаи подшоҳи мо гузашт. Касе дида бошад, медонад.

Бе

Ҷаннатмакон, Султон Сулаймонхон Қонунӣ[53] ба хаттотӣ нисбат ба рассомӣ бештар арҷ мегузошт. Бинобар ин, рассомони бебахте, ки дар даврони вай зиндагӣ мекарданд, нақл кардани қиссаи зерро дӯст медоштанд; аммо агар ба ин қисса бо диққат гӯш диҳед, пай мебаред, ки дар асл он дар бораи нобиноӣ ва ҳофиза аст. Баъди марги ҳокими ҷаҳон амир Темур[54] фарзандону наберагонаш бо ҳам созиш накарданд, байнашон ҷангҳои хунин ба амал омада, онҳо шаҳрҳоро аз дасти якдигар ба зӯрӣ кашида гирифта, дар навбати аввал аз номи худ танга сикка мезаданд, ба номи худ хутба мехонданд, сипас китобҳои ба дасташон афтидаро аз назар

---

[51] *Отлуқбели* –шаҳр дар шимолу шарқи нимҷазираи Анатолия

[52] *Фотеҳ Султон Маҳмуд* (1432–1481) – султони турк.

[53] Сулаймон 1 Қонунгузор (дар Аврупо–Бошукӯҳ) (1494–1566) – султони усмонӣ (аз с.1520), дар даврони ӯ империяи усмонӣ ба рушди баландтарин расид.

[54] *Темур (Темурланг*) (1336–1405) – ҳокими Осиёи Марказӣ, сарлашкар.

гузаронда, медаронданд, саҳифаҳоро иваз мекарданд, аз нав ҷилд мебастанд, дар натиҷа китобҳои нав ба вуҷуд меомаданд, ки дар онҳо дар васфи эшон шеърҳо суруда шудаанд ва бо ин ташнагии шуҳрат ва хоҳиши дар таърих монданашонро мешикастанд. Вақте писари Улуғбек[55] Абдулатиф Ҳиротро ишғол кард, ба қароре омад, ки ба номи падар китобе созад, барои ин рассомон, хаттотон, муқовасозонро ҷамъ овард ва онҳоро саросема барои ҳарчи зуд ба охир расондани кор сафарбар кард, дар натиҷа парешонӣ ба миён омад: расмҳо ва матн ба ҳам мувофиқ наомаданд. Абдулатиф ба падари шуҳратманди худ, дӯстдори китоб чунин як маҷмӯаи ноқисро, ки дар он расмҳо ба ҳикоёт мувофиқ намеоянд, фиристода наметавонист. Бинобар ин, тамоми ҳунармандони Ҳиротро ҷамъ овард, то дар аввал муайян кунанд кадом расм ба кадом таърих созгор аст. Аммо фикри устодон ба ҳам мувофиқ наомад ва масъала печидатар гардид. Он вақт рассоми пиреро пайдо карданд, ки панҷоҳу чор соли охир барои ҳокимони Ҳирот ва ворисони онҳо китоб тайёр мекард, баъди пир шудан аз ёди ҳама рафтааст. Пирамард нобино буд ва вақте ӯро аз дасташ дошта оварданд, баъзеҳо ҳайрон шуданд, баъзеҳоро ханда гирифт. Устод ба онҳо эътибор надода, хоҳиш кард, ки бачаеро ҳозир кунанд, ки аз ҳафтсола поён бошад ва хонда натавонад. Кӯдакро оварданд. Пирамард китобро кушод, расмҳоро нишон медод ва мепурсид, ки чиро мебинад. Кӯдак нақл мекард, пирамард бошад, чашмони нобиноящро ба осмон дӯхта, бо диққат ба гапи кӯдак гӯш меандохт ва ҷавоб медод: «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ,

---

[55] *Улуғбек* (1394–1449) –олим, маорифпарвар, набераи Темур.

Искандар Дорои мақтулро ба оғӯш кашида… «Гулистон» –и Саъдӣ, ҳикоёти устоде, ки ба шогирд ошиқ шудааст… инаш, «Махзан-ул-асрор»-и Низомӣ, мусобиқаи табибон…

Наққошони дигар ҷавобҳои рассоми пиру кӯрро шунида, ба қаҳр омаданд:

– Ҳа, инҳоро мо ҳам медонем!

Он гоҳ наққоши пиру нобино хоҳиш кард, ки ба назди кӯдак расмҳои аз ҳама душвор ва номаълумро гузоранд ва худ бо диққат ба гапи кӯдак гӯш меандохту ҷавоб медод:

– «Шоҳнома»–и Фирдавсӣ, Ҳурмуз хаттотонро заҳр дода мекушад… –гуфту боз гӯш дод. –«Маснавӣ»-и Мавлоно, ҳикояти нохуше оид ба марде, ки занашро дар шохи дарахти нок бо ошиқаш дидааст ва расм ҳам бесифат…

Ҳамин тавр, аз рӯйи нақли кӯдак рассоми пир ба кадом китоб дахл доштани ҳамаи расмҳоро муайян кард, ҳарчанд онҳоро дида наметавонист, дар натиҷа, китобро тартиб дода, аз нав саҳифабандӣ карданд.

Вақте Улуғбек бо лашкараш ба Ҳирот даромад, ӯ хост аз пирамард фаҳмад, ки чӣ тавр ӯ расмҳоро надида, ба кадом ҳикоят мувофиқ буданашонро муайян кард, ҳол он ки наққошони бино ин корро карда натавонистанд.

«Сабаб танҳо дар он нест, ки дар ман чун ҳама оҷизон ҳисси ҳофиза хеле мустаҳкам аст, –гуфт пирамард.– Достонҳо на танҳо бо дидан –аз рӯйи расм ба хотир гирифта мешаванд, балки бо муоина кардан ҳам дар ёд нақш мебанданд».

Улуғбек боз пурсид, ки пас чаро дигар рассомоне, ки ин ҳикоятҳоро медонистанд, наққошиҳоро аниқ карда натавонистанд.

«Сабаб дар он аст, ки онҳо танҳо дар бораи расм, санъат, ҳунаре, ки худ доранд, фикр мекунанд, –гуфт

пирамард, –аммо онро фаромӯш кардаанд, ки устодони куҳан ин расмҳоро вобаста ба мазмуни қиссаҳое, ки бо иродаи Худованд навишта шудаанд, кашидаанд».

Он гоҳ Улуғбек пурсид: Чӣ тавр кӯдак метавонад ба фаҳми ин бирасад?

«Кӯдак дар ин бора тасаввурот надорад, –ҷавоб дод пири ҳунарманд. –Фақат мани рассоми пиру оҷиз медонам, ки Худованд оламро ҳамон тавр офаридааст, ки кӯдаки донои ҳафтсола дидан мехоҳад. Зеро Худованд аввал оламеро офарид, ки дида мешавад. Баъд ба мо барои он ки ба якдигар дар бораи чизҳои дидаамон нақл карда тавонем, сухан дод. Мо аз калимаҳо қисса сохтем ва ба худ чунин қарор додем, ки расм барои шарҳу иловаи ин қиссаву таърихҳост. Дар асл, наққошӣ бевосита муроҷиат кардан ба хотираи Худованд ва дидани олам ба чашми Ӯст».

Ҷим

Рассомон ҳамеша аз оҷизӣ метарсанд ва бо роҳҳои гуногун онро пешгирӣ кардан мехоҳанд: чунончи, рассомони араб пагоҳирӯзӣ дурудароз ба ғарб, ба уфуқ менигаристанд; аксарияти ҳунармандони Шероз дар шиками холӣ кӯфтаи якҷояи чормағзу барги садбаргро истеъмол мекарданд. Дар ҳамон солҳо ҳунармандони пиронсоли Исфаҳон гумон мекарданд, ки оҷизӣ аз таъсири нурҳои офтоб аст, бинобар ин, дар ҷойҳои торике, ки нури офтоб намерасид, асосан, дар зери шуои шамъ кор мекарданд. Дар байни ӯзбекон дар Бухоро одате буд, ки бегоҳиҳо чашмашонро бо обе, ки шайх дам андохтааст, мешустанд. Инҳо ҳама чораҳои пешгирианд. Усули аз ҳама одиро Саид Мираки Ҳиротӣ – муаллими устоди бузург Беҳзод кашф кардааст. Ба қавли ӯ нобиноӣ бадбахтӣ нест, балки туҳфаи Худованд аст ба рассом, барои тамоми умрашро ба офаридаҳои зебои Ӯ

бахшидан. Зеро расм ин кӯшиши фаҳмидани он аст, ки Худованд оламро чӣ тавр мебинад; аммо ба ин ҳадаф, дидани тимсоли беназир рассом танҳо дар охири заҳмати чандинсола, вақте ки пиру оҷиз мегардад, ноил мегардад, яъне, он тимсолро ба хотир меорад. Ба таври дигар, танҳо ҳофизаи рассоми пир метавонад ба мо ошкор намояд, ки Худованд оламро чӣ тавр мебинад. Тамоми умр наққош дастонашро кор мефармояд, то дар пирӣ, вақте ки аз хотира ва торикӣ ин тимсол пайдо мешавад, худи дастон тавонанд расми аҷибро ба вуҷуд ованд. Ҳамон тавре ки муаррих Мирзо Муҳаммад Ҳайдар Дуглат, ки зиндагиномаи рассомони ҳиротии он давронро навиштааст, дар китобаш меорад, устод Саид Мирак таъкид мекард, ки рассоми беҳунар ҳам аз ҳофизааш метавонад расме кашад. Масалан, рассоми каллааш холиеро гирад; ӯ расми аспро бо нигоҳ кардан ба аспи ҳақиқӣ, ҳамон тавре ки дар ин мавридҳо рассомони фарангӣ мекунанд, мехоҳад кашад, аммо вай дар як вақт ҳам ба аспу ҳам ба коғазе, ки ба рӯйи он мекашад, нигариста наметавонад. Нахуст, рассом ба асп менигарад, баъд тимсолеро, ки дар хотира нигоҳ доштааст, дар коғаз сабт месозад. Бигзор, дар байни ин ду амал: нигоҳ ба асп ва назар ба коғаз лаҳзаи як мижа задан мегузарад, аммо дар ин маврид ҳам, рассом на асперо, ки ба он назар дӯхтааст, балки асперо, ки дар зеҳн дорад, мекашад. Ин исботи он аст, ки ҳарчанд рассом беҳунар аст, расм танҳо тавассути хотира ба вуҷуд меояд. Ҳамин тавр, дар он замон рассомони Ҳирот чунон меҳисобиданд, ки тамоми фаъолияти дар айёми ҷавонӣ ва камолот анҷомдодаашон омодагӣ ба оҷизии хушбахтона ва кор аз рӯйи хотира аст; аз ин рӯ, ҳамаи расмҳои барои шоҳу валиаҳдон, дӯстдорони китоб анҷомдодаашонро санҷиши қалам, машқ меҳисобиданд. Онҳо бе истироҳат заҳмат мекашиданд, шабу рӯз кор мекарданд, ба нури шамъ ва

саҳифаи наздашон менигаристанд, ин буд имкони хушбахтии расидан ба кӯрӣ. Устод Мирак баъзан дар болои нохун, донаи биринҷ ё ҳатто тори мӯй дарахти анбӯҳро бо баргҳояш мекашид, бо ин дониста оғози оҷизиро тезондан мехост, баъзан, онро оҳиста дуртар мегузошт ва дар коғаз боғҳои зебои бо анвори нури Хуршед оғӯштаро меофарид, гӯё бо ин кӯшиш мекард вақти муносиби оғози торикии гувороро муайян созад. Вақте устод Мирак ҳафтодро пур кард, султон Ҳусайн Бойқаро[56] ба мукофоти заҳматаш ба ӯ иҷозат дод, ки ба хазинаи подшоҳӣ, ки дар он ҳазорҳо китоби пурқимат мавҷуд буданд, дарояд. Се шабу се рӯз устод Мирак дар рӯшноии шамъ дар китобҳои афсонавӣ расмҳои аҷиби ҳунари дасти устодони куҳани Ҳиротро тамошо кард. Дар рӯзи чорум нобино шуд. Устоди бузург вазъи нави худро бо шикебоӣ ва итоат қабул карда, дам ба дарун гашт, акнун вай на ҳарф мезад, на расм мекашид. Мирзо Муҳаммад Ҳайдар Дуглат инро чунин шарҳ медиҳад, ки рассоми замони беинтиҳои Худовандро мушоҳидакарда ба саҳифаҳое, ки барои инсонҳои фонӣ дар назар дошта шудаанд, барнахоҳад гашт; ва мегӯяд: «Ҷойе, ки наққошҳои нобино ба хотироти Илоҳии худ мерасанд, чизе наметавонад бошад ба ҷуз як сукути мутлақ, як торикии беназир ва фазои лоинтиҳо, як саҳифаи холӣ ва дастнарасида».

Албатта, мефаҳмидам, ки Кара суоли устод Усмонро дар бораи кӯрӣ ва ҳофиза дода, на танҳо ҷавоби маро шунидан мехоҳад, балки мехоҳад хонаам, асбобу расмҳои маро бинад. Бо вуҷуди ин, ба ман писанд буд, ки ӯ чунин бодиққат ба нақлам гӯш медиҳад. Ба ӯ гуфтам:

---

[56] *Султон Ҳусайн Бойқаро* (1438–1506) – охирин ҳукмрони сулолаи Темуриён.

– Нобиноӣ ин олами шодист, ки дар он барои шайтон ва гуноҳ ҷой нест.

– Дар Табрез рассомоне ҳастанд, ки бо услуби куҳна кор мекунанд, –хотиррасон кард Кара. –Онҳо бо таъсири қиссаи устод Мирак оҷизиро доди худовандӣ ва бахти баланди рассом мешуморанд. Аз он шарм медоранд, ки ба синни пирӣ расида, оҷиз нагаштаанд ва барои он ки инро аломати беҳунарии онҳо нашуморанд, худашонро кӯр нишон медиҳанд. Баъзеашон бошанд, зери таъсири ин достоне, ки нақл кардӣ (ё назаре дӯхтан ба Ҷамолиддини Қазвинӣ), барои оламро бо чашми оҷиз дидан ҳафтаҳо бе обу таом дар торикӣ байни оинаҳо мешинанд ва дар рӯшноии нимторики шамъ нигораҳои устодони куҳани Ҳиротро тамошо мекунанд.

Ҳамин лаҳза дарро кӯфтанд. Кушодам ва дар остона яке аз шогирдони барнои наққошхонаро дидам. Баъд аз салом ва адои эҳтиром чашмони зебояшро калон кушода гуфт, ки ҷасади бародарамон Зариф-афандии тазҳибгар дар зери як чоҳи бекорхобида ёфт шудааст ва қарор аст имрӯз дар намози дигар ҷанозаашро дар масҷиди Меҳрмоҳ хонанд. Барои он ки ин хабарро зуд ба дигарон расонад, худоҳофизӣ карда, тохта рафт. Худо ҳамаамонро нигаҳдор бошад!

15. Номи ман Эстер аст

Ишқ аст, ки инсонҳоро девона мекунад, агар не, фақат девонагон ошиқ мешаванд? Солҳост, ки нома мекашонам, арӯсиҳо месозам, аммо ҷавоби инро намедонам. Одамеро нишон диҳед, ки ошиқ шуда, боақлтару донотар шудааст, хусусан, аз байни мардҳо. Медонам, агар мард ба ҳилагарӣ сар кунад, дом гузорад, дурӯғ гӯяд, заррае ошиқ нест. Аммо Кара-афандӣ, аллакай худро идора карда

наметавонад, ҳатто вақте ки дар наздам дар бораи Шакура гап мезад, худро аз даст дод.

Дар бозор, вақте ки вохӯрдамаш, пушти гӯшаш задам, ки Шакура фақат дар бораи ту мепурсад, ҷавобатро интизор – хуллас, монанд ба ҳамаи он чизҳое, ки ҳамеша ба ҳар кас мегӯям, ба ҳоле афтид, ки ҳеч вақт чунин надидамаш, чунон менигарист, ки дилам ба ҳолаш сӯхт. «Таъҷилӣ» ба Шакура супурдани мактубро хоҳиш кард. Ошиқони аҳмақ! Гумон мекунанд, ки ишқ шитоби махсусро мехоҳад, шиддати эҳсосашонро ошкор сохта, бо ин ба дасти маъшуқа аслиҳае медиҳанд ва ӯ агар доно аст, ба ҷавоб додан саросема намешавад. Аблаҳҳо! Шитобкорӣ дар ишқ ҳамаро хароб мекунад, агар инро намедонед, бидонед!

Бинобар ин, Кара-афандӣ ташаккур гӯяд, ки ба «таъҷилӣ» гуфтанаш эътибор надодам, аввал мактубро ба ҷойи дигар бурдам. То ин вақт ӯро дурудароз интизор шуда, хунук хӯрда будам. Биё, сари роҳ ба назди ягон духтарам даромада гарм шавам, аз дил гузарондам. Духтаронам гуфта, онҳоеро мегӯям, ки ба онҳо мактуб бурдаам ва оиладор кардаам. Ин арӯсаки нозанини химчамиён чунон миннатдор аст, ки вақте наздаш дароям, ҷойи шинондан намеёбад, парвона барин даври сарам мегардад, ба кафам чанд акча ҳам мегузорад. Ҳоло ӯ интизори кӯдак аст, чунон хурсанд, ки… Бо иштиҳо чойи зирфунӣ менӯшам. Андак, ки ҳушам ба худ омад, тангаҳоеро, ки Кара додааст, шумурдам, эҳе, бист акча!

Аз нав ба роҳ даромадам. Кӯчаҳо баъди борон чунон ях бастаанд, ки эҳтиёт накунӣ, афтода поят мешиканӣ. Ба таги дари хонаи даркорӣ расида, шӯхиам омад:

– Бори нав, бори нав! –дод задам. –Рӯймоли шоли кашмирӣ, матои махсуси шоҳона! Миёнбанди махмалӣ аз Бурса! Суфи мисрӣ бо ҳошияи абрешимӣ, аз ин беҳтар

матои куртаворӣ аз куҷо меёбӣ?! Рӯйҷойи батистӣ, рӯймолҳои ҳар намуд…

Дарро кушоданд, дарун даромадам. Аз дарун чун ҳамеша бӯйи наму бӯйи бади бистари ноғундошта, равғани сӯхта ва бӯйи ҳаросовари марди муҷаррад ба димоғ мезад.

– Зоғи ало, чӣ ин қадар шақ-шақ дорӣ?! –ҳуҷум овард Ҳасан.

Ҳеч чиз нагуфтам, мактубро дароз кардам. Дур шудам. Аз дастам зада гирифта, аз даҳлези нимторик ба хонаи чароғдор гузашт. Дар остонаи дар истодам.

– Падарат нест? –пурсидам.

Ҷавоб надод, саргарми хондан буд. Бигзор хонад. Чароғ дар пушти ӯ меистод, аз ин рӯ, рӯяшро дида наметавонистам. Хонданро ба охир расонда, аз нав ба хондан даромад.

– Хайр, чӣ навиштааст? –пурсидам.

Ҳасан хонд:

«Шакура-хонуми азиз! Ман ҳам солҳои зиёд дар хаёли танҳо як кас зиндагӣ дорам, бинобар ин, шавҳаратро интизор будан ва ғайри ӯ дар бораи касе фикр накардани туро дуруст мешуморам. Аз ту барин бонуи дурусткор ва боиффат дигар чиро интизор шудан мумкин аст? (Ин ҷо Ҳасан қаҳқаҳа зада хандид***). Аммо барои наққошӣ ба дидани падарат омадам, мақсадам ташвиши ту набуд. Ин ҳеч ба хаёлам наомадааст. Ба хотирам нарасидааст, ки аз ту ишорае мунтазир бошам, ҳоло чунин ҷасорате пайдо накардаам. Вақте ки чеҳраат аз тиреза ба ман нур бахшид, инро танҳо мехрубонии Худованд донистам, дигар чизе на! Зеро ки: Чеҳраи ту саъди барин аст маро! («***Инро аз Низомӣ бардоштааст», –гуфт бо асабоният Ҳасан***). Аммо вақте ки ту навиштаӣ, наздикат нашавам, ба ман бигӯй: Ё ту малакӣ, ки изни ҳузур намедиҳӣ касеро?!***

Маро гӯш кун, гӯш кун: шабҳо дар корвонсаройҳои даҳшатнок ва холӣ, ки ба ғайр аз ман, хӯҷаини туршрӯй ва чанд роҳзан, ки кайҳо сазовори куштананд, ҷондоре нест, аз тиреза ба қуллаҳои холии кӯҳҳо, ки аз нури маҳтоб рӯшан аст, таҳти оҳанги нӯлаи гурги танҳо, ки чун ман оҳанги хобидан дорад, менигарам ва орзу мекардам, ки рӯзе мерасад, ки туро мебинам, мисли ҳамон рӯзе, ки назди тиреза дидамат. Гӯш кун: ҳоло, ки барои кори китоб ба назди падарат даромадам, ту расми дар даврони бачагӣ кашидаамро бармегардонӣ. Медонам, ин барои ман ширатест, туро боз дарёфтам. Аломати марг нест ин. Яке аз писаронат, Орҳанро дидам. Сагираи бечора! Падари онҳо мешавам!»

– Мошоллоҳ! –хитоб кардам. –Шоир шудааст.

– «Ё ту малакӣ, ки изни ҳузур намедиҳӣ касеро?!»– гуфтааст, ин мисраъро аз Ибни Зархонӣ[57] дуздидааст,– ғурид Ҳасан. –Ман аз ин беҳтар менависам. –Аз киса номаеро баровард: –Инро бигир, ба Шакура бар.

Бо мактуб якҷоя пул дароз кард, бори аввал аз гирифтани пул худро ноҳинҷор ҳис кардам. Дар якравии харонаи ин одам, ки ҳеч намехоҳад фаҳмад, ки байни онҳо ҳамдигарфаҳмӣ ба вуҷуд нахоҳад омад, як чизи нафратовар ҳис карда мешавад. Гӯё ин эҳсоси маро мустаҳкам карданӣ шуда, Ҳасан бори аввал ҳусни одобро, ки нисбати Шакура нигоҳ медошт, аз даст дода, дағалона гуфт:

– Ба ӯ бигӯй: коре накунад, ки бо ҳукми қозӣ ба зӯрӣ ба хона биёремаш.

– Ҳамчунин бояд гуфт?

Ҳасан лаҳзае хомӯш монд, баъд гуфт:

– Не, чунин нагӯй.

---

[57] *Ибни Зархонӣ* –шахсияти тахаюлии эҷоди муаллиф.

Чеҳраашро, ки баргардонд, нури чароғ ба сурататаш афтод, дидам, ки ӯ чун кӯдаки гунаҳгор сурх шудааст, гӯё хатояшро фаҳмида, сарашро хам карда буд. Бале, чун ин ҳоли онҳоро мефаҳмам, номаҳояшонро мекашонам. На танҳо барои пул.

Аз хона мебаромадам, ки Ҳасан дар остона нигоҳ дошт:

– Ба Шакура мегӯйӣ, ки ман чӣ қадар ӯро дӯст медорам? –бо ҳаяҷон ва як навъ аблаҳона пурсид.

– Инро дар мактубҳоят наменависӣ?

– Бигӯй, чӣ тавр ӯ ва падарашро аз худ розӣ кунонам?

– Як инсони хуб бош, –гуфта аз дар баромадам.

– Дар ин синну сол дигар дер шуда…, –гуфт бо алам.

– Ту, акнун пули калон кор мекунӣ, Ҳасан Чавуш. Ин хуб аст, –гуфтаму баромадам.

Хонаи Ҳасан чунин торик ва ғамангез буд, ки ба кӯча баромада, гумон кардам, ки ба гармӣ расидам. Офтоб чашмро мебурд. Дилам ба Шакура сӯхт: бигзор, хушбахт шавад. Аммо ҳоли ин бадбахти дағал, соҳиби он хонаи сарду нам ва торик низ раҳми касро меорад. Ҳеч ба хаёлам набошад ҳам, ба сӯйи бозори қаннодию хӯшбӯиҳо дар Лалели тоб хӯрдам, ба умеди он ки аз бӯйи дорчин, заъфарон ва қаланфур димоғам кушода ва асабам ором шавад, нашуд, ки нашуд.

Дар хона Шакура хатро гирифтан замон дар бораи Кара пурсид. Ҷавоб додам, ки дар кӯраи ишқ месӯзад, ин ифода ба ӯ маъқул шуд.

– Ҳама, ҳатто занҳои хонашин ҳоло дар бораи сабаби марги бечора Зариф-афандӣ гап мезананд, –мавзӯъро дигар тараф кашидам.

– Ҳурия, ҳалво бипаз ва ба Қалбия, беваи марҳум Зариф-афандӣ бибар, –супориш дод Шакура ба хидматгораш.

– Ба ҷаноза тамоми эрзурумиҳо ҳам меоянд, мардум зиёд мешавад, –идома додам. –Наздикони марҳум мегӯянд, ки қотил бечазо намемонад.

Аммо Шакура ба хондани мактуб сар кард. Бо диққат ва ҷиддӣ ба тарҳи рӯяш менигаристам. Ин занак дар зиндагӣ камтаҷриба нест, бинобар ин, намегузорад, ки эҳсосоташ ошкор шавад. Хомӯш будам, мефаҳмидам, ки ин ба ӯ маъқул аст, хомӯшиам ҳам барои он аст, ки мактуби Караро пураҳамият мешуморам. Вақте ки хонданро ба итмом расонд ва бо табассум нигарист, ҳамту барои хурсанд карданаш пурсидам:

– Чӣ мегӯяд?

– Чун дар бачагӣ… Ошиқам аст.

–Ту чӣ фикр дорӣ?

– Шавҳар дорам, вайро интизор.

Фикр мекунед, ки хафа шудам – охир, ӯ худаш ёрӣ пурсид, аммо дурӯғ мегӯяд, ки зани шавҳардор асту ӯро интизор. Аз ин рӯ, баръакс, хотирҷамъ гаштам. Агар ҳамаи дӯшизаҳо ва бонувоне, ки мактубҳояшонро мекашонам ва маслиҳати зиндагӣ медиҳам, чун Шакура эҳтиёткор мебуданд, чӣ қадар корам осон мешуд, ҳатто баъзеашон дар хонадоршавӣ бахташон бештар омад мекард.

– Дигараш чӣ менависад? –боз суол додам.

– Хати Ҳасанро ҳоло хонданӣ нестам, –ҷавоб дод. – Ҳасан ба Истанбул баргаштани Караро медонад?

– Дар бораи баргаштанаш хабар надорад.

– Ту бо Ҳасан ҳамсуҳбат ҳастӣ? –зебоякам чашмони сип-сиёҳашро тарафам дӯхт.

– Барои ту шуда…

– Хайр, чӣ тавр мебинӣ ӯро?

– Азоб мекашад. Ӯ ҳам туро хеле дӯст медорад. Ҳатто агар майли ту ба дигар бошад ҳам, аз Ҳасан халос шудан душвор. Баъди он ки дид, ту мактубҳои ӯро қабул мекунӣ,

умедвориаш бештар гаштааст. Аз ӯ эҳтиёт бош. Ӯ на танҳо баргардонданатро мехоҳад, балки омода аст, мурдани бародарашро қабул карда, туро ба занӣ гирад.

Ба суханам андак оҳанги шӯхӣ даровардам, табассум кардам, то он ки оҳанги таҳдидеро, ки дар сухани охирини шунидаам буд, нармтар созам ва ҳамчун тарафдори он сарсахт ба назар нанамоям.

– Хайр, дигарӣ чӣ мегӯяд? –пурсид Шакура. Аммо нафаҳмидам манзураш кадом?

– Кӣ, наққош?

Гӯё аз чизе тарсида бошад, гуфт:

– Эҳ, сару калобаамро гум кардаам. Минбаъд аз ин ҳам бадтар мешудагӣ барин. Падарам пир. Моро чӣ интизор, ҳоли кӯдакони сағирам чӣ мешавад? Ман ҳис мекунам, ки ба сари мо бадбахтие меояд, шайтон дар камин. Эстер, ягон сухани хуш бигӯй, маро хурсанд кун.

Аз таҳти дил ба ӯ гуфтам:

– Натарс, азизам Шакура. Ту духтари доно ва хушрӯӣ. Рӯзе мерасад, ки бо шавҳари барноят дар як болин сар мемонӣ, дар оғӯши ӯ ҳамаи ғамҳоятро фаромӯш мекунӣ ва хушбахтарини хушбахтҳо мешавӣ. Ин аз чеҳраат аён аст.

Чунон эҳсосе дар дилам рӯ зад, ки дар чашмонам ашк ҳалқа зад.

– Агар рост мегӯйӣ, кадоми онҳо шавҳари ман?

– Ту духтари боақлӣ, дилат намегӯяд?

– Дилам чӣ мегӯяд, намедонам, барои ҳамин хушбахт нестам.

Хомӯшӣ ба миён омад. Лаҳзае ба назарам намуд, ки Шакура то андозае ба ман боварӣ надорад ва инро моҳирона пинҳон карданист, дар айни ҳол, раҳмамро оварда, мехоҳад, ки аз ман гапи наве шунавад. Баъди он ки фаҳмидам, ба мактуб ҷавоб навиштанӣ нест, буғчаамро бардошта, дар анҷом сухане гуфтам, ки ба

ҳамаи дӯшизагон, ҳатто духтарони чашмолус онро такрор мекунам:

– Нигарон набош, азизам, агар чаҳорчашма худатро эҳтиёт кунӣ, ягон балое ба сарат намеояд.

16. Ман – Шакура

Пештарҳо ҳар дафъа, ки савдогар Эстер меомад, умедвор мешудам, ки ниҳоят ҷавонмарди орзуҳоям ҷуръат намуда, нома навиштааст, ки аз он дили зане ҳамчун ман оқила, зебо, асилзода, бева, аммо баномус ба тапиш медарояд. Ҳар бор номае меорад, намедонам, ба хотири шавҳари собиқам бошад, ё чизи дигар сабру таҳаммулам афзун мегардад. Вале акнун баъд аз ин номаҳо андешаҳо дар сарам парешон гаштанд ва худро бештар бадбахту бечора эҳсос кардам.

Ба садоҳои атроф гӯш медиҳам. Аз ошхона садои ҷӯшидани об, бӯйи пиёзу лимӯ меояд, медонам Ҳурия тарак мепазад. Шавкат ва Орҳан дар рӯйи ҳавлӣ, зери дарахти анор шамшербозӣ мекунанд, доду фарёдашон баланд аст. Падарам хомӯш, дар хонаи канорӣ. Мактуби Ҳасанро кушодам ва хондам, гапи наве нест. Фақат аз ӯ бештар метарсидагӣ шудаам, худро ситоиш кардам, ки замонҳои зери як бом зистан тавонистам худамро аз шилқиниҳои ӯ ҳифз намоям. Сипас мактуби Кararo боэҳтиёт, монанди чизи нозуке, ки афтад мешиканад, ба даст гирифтам, бодиққат хондам ва ҳушу хаёламро аз даст додам. Мактубҳоро як борӣ хондам, офтоб баромад ва ҳамин вақт ба сарам зад, ки агар шабе Ҳасанро ба рахти хобам роҳ медодам, касе инро намедонист, Худо шоҳид. Ӯ ба шавҳари ғойибам чунон монанд аст, ки як себи дукафон. Эҳ, баъзан ба каллаи кас чунон фикрҳои бемаънӣ ва аҷиб меоянд?! Нурҳои офтоб, ки аз роғи дар медаромаданд, баданамро гарм карданд, тасфи танам,

пӯстам, ҳатто синаҳои сахт шудаамро эҳсос намудам. Орҳан даромад.

– Очаҷон, чӣ мехонӣ?

Ба фикрам, аз ин пеш шуморо бовар кунонданӣ шуда будам, ки дигар қувваи хондани мактубҳои овардаи Эстерро надорам, ин нодуруст, ба шумо дурӯғ гуфтам. Аз нав хондам. Аммо ин бор мактубҳоро қат кардам, пинҳон намудам ва ба Орҳан гуфтам, ки:

– Биё, ба бағали ман даро, –омад, –уфф, мошоллоҳ, чӣ қадар калон шудаӣ, мардаки калон шудаӣ, –гуфтам ва бӯсидамаш. – Аммо хунук хӯрдаӣ.

– Очаҷон, ту бошӣ, ин қадар гарм, –инро гуфта, пушташро ба сари синаҳоям фишор дод.

Ба ҳардуямон чунин ба якдигар сахт часпида, хомӯш мондан маъқул буд. Биниамро ба пушти гарданаш часпондам, бӯсидам. Сахттар ба оғӯш кашидам. Дар торикӣ хеле хомӯш мондем.

– Қитикам меояд, –гуфт ниҳоят.

– Канӣ, бигӯй, –гуфтам ҷиддӣ, –агар подшоҳи ҷинҳо ояд ва ваъда диҳад, ки хоҳишҳоятро ичро мекунад, дархости аввалинат чӣ хоҳад буд?

– Мехостам, ки Шавкат бо мо набошад.

– Боз чӣ мехостӣ? Ту барои худ падар намехостӣ?

– Не. Калон шавам, худам ба ту хонадор мешавам.

Пиру безеб шудан, ҳатто бешӯву бекас мондан дар ҳаёти инсон чизи бадтарин нест, фикр кардам. Бадтарин он аст, ки касе ба ту рашк накунад. Орҳани тасфидаро аз зонувонам ба замин гузоштам. Ба ман барин як зани бад бо марди нағз издивоҷ кардан зарур аст, ин фикрро аз дил гузаронда, ба назди падар даромадам.

– Ҳазрати подшоҳамон вақте ки тамом шудани китобро мебинанд, ҳатман ба шумо мукофоти шоиста медиҳанд, –гуфтам. –Боз ба Рум хоҳед рафт.

– Намедонам, –андешаманд гуфт падар, –ин ҷиноят маро хеле тарсонд. Душманонамон гӯё пуркувват шудаанд.

– Вазъияти имрӯзаи ман ҳам онҳоро далер кардааст, ба ҳар гуна гапҳои дурӯғ, умедҳои беҳуда роҳ мекушояд.

– Барои чӣ?

– Вақти издивоҷ карданам расида.

–Чӣ? –фарёд зад падар. –Ба кӣ? –пурсид. –Аммо ту шавҳар дорӣ, –гуфт. –Ин фикр чӣ гуна ба сарат омад? –пурсид боз. –Кӣ ба ту хостгор шудааст? Ҳатто агар чунин одами маъқул ва боақл пайдо шавад, –гуфт падари боақли ман, –фикр намекунам, ки зуд ӯро қабул кунем, –эълон кард падари дурандешам ва хулосаашро баён кард: –Оё ту медонӣ, ки пеш аз он ки ба шавҳар бароӣ, чӣ қадар масъалаҳоро ҳал кардан зарур аст. –Баъди хомӯшии дурударозе боз ба сухан даромад: –Ту, чӣ мехоҳӣ маро партофта равӣ, ҷонам?

– Мурдани хӯҷаинамро дар хоб дидам, –аммо монанди он занҳое, ки дар ҳақиқат чунин хоб дидаанд, нагиристам.

– Ҳамон тавре ки барои фаҳмидани расм онро хонда тавонистан даркор, хобро бояд хонда тавонист.

– Хоби дидаамро ба шумо гуфта додан лозим аст?

Муддате ҳар ду хомӯш мондем ва ба ҳамдигар табассумкунон нигаристем, монанди он одамоне, ки аз гуфтаҳояшон аллакай хулосаи даркорӣ баровардаанд.

– Шояд хобатро бо он таъбир кунам, ки шавҳарат дар ҳақиқат мурдааст, аммо падарарӯс ва додарарӯсат[58], ҳамчунин, қозӣ, ки бояд фикри онҳоро ба назар гирад, далоили дигар мехоҳанд.

– Аз омаданамон ду сол мегузарад, аммо падарарӯсу додарарӯсам барои баргардонданам ҳаракате накарданд.

---

[58] *Падарарӯс, додарарӯс* –дар асли туркӣ ба шакли кайинпедер ва кайинбирадер.

– Чунки айб аз худашон гузашт, кори хуб накарданд, –гуфт падарам. –Аммо ин маънои онро надорад, ки онҳо ба бешавҳар будани ту розӣ бошанд.

– Агар мо дар мазҳаби моликӣ ё ҳанбалӣ мебудем, – гуфтам, –қозӣ талоқамро медод, зеро аз гумном шудани шавҳарам чор сол гузаштааст, ҳамчунин, ҳаққи нафақаамро ҳам муайян мекард. Аммо мо, шукри Худованд, ҳанафӣ ҳастем ва аз ин имконият маҳрум.

–Танҳо қиссаи ноиби қозии шофеии Ускюдарро[59] ёдовар нашав. Онҳо корҳои шубҳаовар мекунанд.

– Ҳамаи занҳои истанбулие, ки шавҳарашон дар ҷанг беному нишон шудаанд, бо шоҳидонашон ба назди вай мераванд, ӯ – шофиӣ, намепурсад, ки хӯҷаинат кай гум шуд, ягон мушкилӣ дорӣ, шоҳидонро медонӣ ё на, ҳамоно бева эълон мекунад.

– Кӣ ба сари ту ин қадар фикрҳои беҳударо ҷой кард, ҷонам? –пурсид. –Ақлатро кӣ аз сарат паронд?

– Бигзор, аввал сари маро озод кунанд, баъд, агар одаме пайдо шавад, ки ақлу дили маро мебурда бошад, бешубҳа, чунин одамро шумо нишон медиҳед, бидуни иҷозати шумо ба касе ба шавҳар намебароям.

Падари зиракам дид, ки духтараш аз ӯ зиракtар аст ва медонад, чӣ тавр ҳарф занад, ба чашмакзанӣ даромад. Дарвоқеъ, дар се ҳолат чунин ба чашмакзанӣ медарояд: 1. Вазъаш душвор асту ҳарчи зуд тадбире пайдо карданист; 2. Дар ҳақиқат аз бечорагӣ ва ғам тайёр аст бигиряд; 3. Чунон вонамуд карданист, ки ҳоло мегиряд, то аз вазъи душвор раҳо ёбад.

– Хуб, ту мехоҳӣ, кӯдаконро гирифта барӣ ва падари пиратро танҳо гузорӣ? Медонӣ, барои ин китобамон, – бале, ҳамин тавр гуфт: «китобамон», –метарсам, ки маро

[59] *Ускюдар* –ноҳияе дар қисмати осиёии Истанбул.

мекушанд, аммо ҳоло, ки бачаҳоро бо худ гирифта, маро партофта рафтанӣ ҳастӣ, дар ҳақиқат мурдан мехоҳам.

– Падарҷон, худатон як вақт нагуфта будед, ки то маро расман бева эълон накунанд, аз шилқиниҳои додарарӯсам халос намешавам?

– Намехоҳам, ки маро тарк кунӣ. Хӯҷаинат шояд рӯзе бармегардад. Барнагардад ҳам, шавҳардор буданат чӣ зарар дорад?! Муҳимаш ту дар ин хона бо ман зиндагӣ мекунӣ.

– Ман ҳам хоҳиш дорам, ки дар ин хона бо шумо зиндагӣ кунам, дигар ҳеч.

– Ҷонам, худи ҳоло нагуфтӣ, ки мехоҳӣ ҳарчи зуд шавҳар кунӣ?

Ҳамеша ҳамин хел: бо падар баҳс мекунем, баъд худам бовар мекунам, ки ҳақ нестам.

– Гуфта будам, –ҷавоб додам сарамро хам карда. Базӯр худро аз гиристан нигоҳ дошта, баъд, аз он ки дарк кардам ҳақ ҳастам, ҷасорат пайдо карда пурсидам:

– Хуб, чӣ, дигар ҳеч гоҳ шавҳар намекунам?

– Ба шарте, ки тую домод ба ман наздик бошед. Толиб кист, ӯ розӣ аст бо мо дар як хона зиндагӣ кунад?

Хомӯш мондам. Мо, ҳарду, хуб медонистем, домоде, ки ҳозир бошад, дар хонаи мо зиндагӣ кунад, дар камтарин муддат ба таънаву маломат ва киноя падарам гирифтор мешавад. Падарам хонадомодро маккоронаву ҳиллагарона чунон аз ҷон безор кардаву паст хоҳад зад, ки худам ҳозир нестам бо чунин одам зиндагӣ кунам.

– Ту, ақаллан, медонӣ, ки дар ин вазъу ҳол бе ризоияти падар шавҳар карда наметавонӣ? Намехоҳам, ки издивоҷ кунӣ, бароят иҷозат намедиҳам.

– Ман ҳам шавҳар карданӣ нестам, сарамро озод кунам шуд.

– Мабодо ба дасти ягон ҳайвонтабиат наафтӣ мегӯям, вай туро ғаму азият диҳад. Туро чӣ қадар дӯст медорам,

намедонӣ, ҷонам, духтарҷонам. Ин китобро ҳам тамом кардан лозим.

Хомӯш мондам. Чунки агар боз гап мезадам, чунон шайтониам боло мегирифт, ки метавонистам ба рӯйи падарам давам ва ҳама чизро дар бораи он ки чӣ тавр вай шабҳо Ҳурияро бо ҷогаҳи худ мекашад, ба ӯ гуфта диҳам, аммо магар ман – духтар ҳақ дорам чунин гапҳоро ба рӯйи падари пирам гӯям?!

– Кӣ бо ту хонадор шуданист?

Ба фарши хона нигариста, сукут кардам, аммо на аз шарм, балки аз асабоният, ҳар қадар саъй мекардам ғазабамро фурӯ нишонам, асабониятам бештар мешуд аз он ки ҳарфе гуфта наметавонам. Ин лаҳза дар хаёлам манзараи хандаовар ва нафратангез ҳувайдо шуд: падар бо Ҳурия дар як болин. Дар чашмонам донаҳои ашк пайдо шуданд, аммо нагиристам, гуфтам ки:

– Рӯйи оташдон каду гузоштагӣ, насӯзад.

Ба зинапоя расида, зуд худро ба хона гирифтам, хонае, ки тирезаҳои пӯшидааш рӯ ба чоҳи рӯйи ҳавлианд, дар торикӣ даст-даст карда, бистарамро ёфта, ҷобаҷо кардам ва худро ба он партофтам. Оҳ, чӣ қадар аҷиб буд дар кӯдакӣ, вақте туро меранҷонданд, худро ба ҷойгаҳ партоию дар оғӯши гиря ба хоб равӣ! Ҳеч кас ба ҷуз худам ба фикри ман нест, касе маро дӯст намедорад. Ман танҳоям ва ин танҳоӣ чунон дарднок аст, ки боварӣ дорам, агар шумо садои ҳиқ-ҳиқи маро мешунидед, ҳатман ба ёриам мешитобидед. Аммо ҳамаи ин дар бачагӣ буд…

Баъди андаке пай бурдам, ки дар паҳлуям Орҳан сарашро ба синаам гузошта, дароз кашидааст ва мегиряд. Ӯро сахт ба оғӯш кашидам.

– Гиря накун, очаҷон, –гуфт баъди чанде. –Падарам аз ҷанг бармегардад.

– Ту аз куҷо медонӣ?

Гап назад. Аммо ӯро ба синаи худ маҳкамтар пахш карда, чунон меҳру муҳаббатам афзун гашт, ки ҳама мушкилот фаромӯш шуданд. Ман, албатта, ҳоло тани харобу майдачаи Орҳанро ба оғӯш гирифта, ба хоб меравам, аммо пеш аз ин, мехоҳам ба шумо як дардамро гӯям: ман ҳозир ба шумо дар бораи падарам ва Ҳурия як чиз лақидам. На, дурӯғ нагуфтаам, аммо ба ҳар ҳол, хиҷолат мекашам. Кошки, намегуфтам. Ҳоло намешавад, ки инро шумо нашунида гиред ё фаромӯш кунед? Гӯё ба шумо чизе нагуфтам? Фикр кунед, ки падарам ва Ҳурия ҳеч коре накардаанд ва ба онҳо бад нагиред, хуб?

17. Ман – язнаатон (Эниште)

Душвор, хеле душвор духтари қадрас доштан. Мефаҳмидам, ки дар хонаи худ мегиряд, аммо дар дастам китоб ба саҳифаҳои он нигариста, ҳеч чора андешида наметавонам. Дар як саҳифаи «Китобу аҳвол-ил-қиёмат», ки мехондам. омадааст, ки баъди се рӯзи марг рӯҳ изни Офаридгорро гирифта, ба дидани ҷисме, ки дар он буд, мерафтааст. Вай ҷисми худро дар лаҳад дар ҳоли ғамовар, олуда ба хуну хунобаи гандида дида, беҳад хафа мешавад. «Эй колбуди бечораам, эй вуҷуди дӯстдоштаам!» –гуфта мегиряду азо медорад. Сипас тақдири ҳузнангези Зариф-афандӣ ёдам расид: чӣ қадар ғамгин шуда бошад рӯҳи ӯ, вақте ба дидани ҷисм рафту на дар қабр, балки дар чоҳи партов ёфташ.

Гиряи Шакура бас шудан замон китоби маргро як сӯ гузоштам. Боз як пироҳани пашмиамро пӯшидам, шалвори пашми харгӯшиамро ба бар кардам, аз болояш миёнбанди пашми бузиро таранг бастам, то миёнамро гарм нигоҳ дорад ва аз хона баромадам, ки тайи дар Шавкат:

– Бобо, куҷо?

– Ба хона даро. Ҷаноза.

Аз кӯчаҳои барфзеркардаи беодам, пурхокистар, аз паҳлуи хонаҳои шикаставу вайрона ва яклабае, ки дар он фақирон зиндагӣ мекунанд, гузашта, тарафи девори шаҳр равон шудам. Аз маҳаллаҳои канорӣ, бӯстонҳо, байни дӯконҳои сарроҷон, зингарон, оҳангарон, афзоли асп, наългарон бо эҳтиёт қадам гузошта мерафтам, то девори шаҳр роҳи дарозеро тай кардан лозим буд.

Нафаҳмидам, ки чаро намози ҷанозаро дар масҷиди Меҳрмоҳ, ки наздикии дарвозаи Эдернекаппе аст, таъин кардаанд. Ба масҷид расида, бо бародарони марҳум, ки ҷиддӣ, асабониву парешонҳол менамуданд, китф ба китф карда, изҳори тасаллият намудам. Бо наққошон ва хаттотон низ гардани ҳамдигарро гирифта гиристем. Вақте саф оростем, ҳама ҷоро пардаи туман пӯшонд, дуои «Аллоҳума борик»–ро ба забон оварда, чашмам ба тобути рӯйи тахтасанг афтод, ғазабам нисбат ба қотили бадкирдор чунон боло гирифт, ки идомаи дуоро фаромӯш кардам.

Баъди намоз, вақте ки мардум тобутро ба дӯш гирифтанд, ҳанӯз байни рассомон ва хаттотон будам. Лаклак, ки баъзе шабҳо то субҳ зери нури чароғ бо ман менишаст, вақте дар мавриди китоб ҳарф мезадем, мегуфт, ки тазҳибҳои Зариф- афандӣ хуб нестанд, рангро дуруст интихоб намекунад, ҳама ҷоро бо ранги лочувардӣ пур кардааст, хулоса, тазҳибгари хуб нест ва росташро гӯям, ба ӯ ҳамфикр будам, мегуфтам, ки: «охир, ба ҷойи ӯ одам нест», ҳамаи он гапҳоро фаромӯш карда, маро ба оғӯш гирифт ва домани гиряро сар дод. Баръакси ин, Зайтун, ки бо ӯ рафоқате доштем ва ҳамеша эҳтироми маро бачо мегузошт, наздам омад ва бо як эҳтиром даст дароз кард, ки аз ин хеле хушам омад, зеро, умуман, он мардҳоеро, ки аз уҳдаи даст додан мебароянд, дӯст медорам. Бори дигар ба ин натиҷа расидам, ки аз байни

ҳамаи наққошҳо ва хаттотон маҳз ӯ бештар китоби маро қабул дорад.

Дар назди дари масҷид дар зина бо саррассом, устод Усмон паҳлу ба паҳлу афтодам, ҳар ду намедонистем ба ҳам чӣ гӯем, ҳолати аҷиб ва мағшуше буд. Яке аз бародарони раҳматӣ ҳой-ҳой ба гиря даромад, нафари дигар, ки калонсолтар буд, аз вазъият истифода бурда, ба такбиргӯйӣ сар кард.

– Дар кадом мазор? –барои он ки хомӯш наистад, пурсид.

«Намедонам» гӯям, душманона садо медиҳад, ҳаяҷон пахш кард, беихтиёр ба одаме, ки аз зина мефаромад, муроҷиат кардам:

– Дар кучо дафн мекунанд? Эдирнекаппе?

– Айюб[60], –ҷавоб дод ҷавони ришакӣ хашмгинона.

– Айюб, –баргашта ба устод рӯй овардам, аммо маълум буд, ки ҷавоби он ҷавони ришакиро хуб фаҳмидааст. Ба ман чунон нигарист, ки гӯё мехост гӯяд: «шунидам», намехост суҳбатамон идома ёбад.

Навиштан, наққошӣ ва рассомии китоберо, ки «махфӣ» номидаам, подшоҳамон ба камина супоридааст, албатта, ин устод Усмонро асабонӣ кардааст. Ҳамчунин, бо таъсири ман подшоҳамон ба усули фарангии наққошӣ таваҷҷуҳ пайдо кард. Боре ӯ ҳатто устод Усмонро маҷбур кард, ки аз рӯйи портрете, ки рассомони итолиёвӣ барояш кашидаанд, нусхае бардорад. Хуб медонам, устод Усмон, ки тақлид ба корҳои итолиёиҳоро «шиканҷа» меномид, ин супориши подшоҳро бо дили нохоҳам ба ҷо оварда, дар дилаш маро айбдори асосӣ шуморид ва ба ин ҳақ ҳам дошт.

---

[60] *Айюб*– ноҳияи Истамбул, ки дар хоричи девори Феодосия, дар соҳили халиҷ воқеъ аст, оромгоҳи Айюб-ал-Ансорӣ, аламбардори Муҳаммад (с) дар он ҷост.

Дар мобайни зинаҳо истодам ва рӯ ба осмон овардам. Баъд боварӣ ҳосил кардам, ки дар охири қофила мондаам, бо зинаҳои яхбаста эҳтиёткорона поён шудам. Акнун ду зина поён фаромадам, ки касе аз зери дастам гирифт, Кара.

– Бисёр сард аст, –гуфт ӯ. –Шумо хунук нахӯрдед?

Шубҳае нест, касе, ки Шакураи маро безобита карда, ҳамин аст. Бо дили пур аз зери дастонам доштанаш гувоҳи аст. Тамоми вуҷудаш мегуфт: нигоҳ кунед, дувоздаҳ сол кор карда, одам шудам. Зинаҳо ба охир расиданд. Дар наққошхона чиро дидааст, баъд гӯяд ҳам мешавад.

– Ту пештар рав, –гуфтам. –Аз ҷамоат қафо намон.

Ҳайрон шуд, аммо аён накард. Бо тамкини хос дасти маро сар дода, пеш рафт, ҳатто роҳгардиаш писандам омад. Агар Шакураро ба ӯ диҳам, дар хонаи мо зиндагӣ мекарда бошад?

Тавассути дарвозаи Эдирнекаппе аз шаҳр баромада, дар дуриҳо, дар поён байни туман базӯр қофиларо дидам, болои сарҳо тобут лангаркунон мерафт, наққошон, хаттотон, шогирдҳо аз бароз ба соҳили халиҷ мефаромаданд. Чунон босуръат ҳаракат мекарданд, ки аллакай нисфи роҳро аз водии пурбарф ба қабристони Айюб тай карданд. Дар чапи роҳ аз мӯрии устохонаи шамъсозии вақфи Хонум Султон дуд печутоб хӯрда, ба ҳаво мерафт. Дар пояи девори шаҳр дари қассобиҳое, ки дӯконҳои румиёни Айюбро бо гӯшт таъмин менамуданд ва дӯконҳои пӯст кушода буд. Бӯйи гӯшту хун аз он ҷо паҳн шуда, то гумбазҳои масҷиди қабристони Айюб ва ҳатто дуртар, то сари сарвҳои баландқомати оромгоҳ рафта мерасид. Каме дигар роҳ гаштам, ки аз маҳаллаи нави яҳудон, Балат шавқуни бачагон ба гӯш расид.

Вақте ки ба ҳамвории Айюб фаромадем, ба наздам Парвона омад. Чун ҳамеша бо ҳарорат ба гап сар кард:

– Ин кори Зайтун ва Лаклак! Ба онҳо чун ба дигарон аён аст, ки ман бо марҳум робитаи хуб надоштам. Дар ин авохир дар мавриди он ки баъди устод Усмон кӣ лаёқати раёсати наққошхонаро дорад, байнамон душманӣ сар зад, дафъаи охир хеле тезутунд шуда будем, бинобар ин, чанд вақт боз қаҳрием. Инак, ин ҳар ду ин корро ба гардани ман бор карданианд. Ҳадди ақалл, аз вазъият истифода бурда, бо ёрии сархазинадор ва тарафдоронашон коре мекунанд, ки дили подшоҳамон на фақат аз ман, балки аз ҳамаамон монад.

– Ту ин мо гуфта, киро дар назар дорӣ?

– Мо, онҳое мебошем, ки тарафдори риояи бечунучарои анъана, ахлоқ ва расму русуми қадими устодони куҳани Аҷамем. Набояд таҳти таъсири фарангиҳо монда, аз усули наққошии бузурги Аҷам дур шавем. Ба хотири пул ҳар чизеро наққошӣ кунем. Мехоҳем, ки дар китобҳоямон ба ҷойи аслиҳа, сарбоз ва асирон, ё ғолиб ва мағлуби ҷангҳо, ки имрӯзҳо ба ҳукми анъана даромадааст, мисли китобҳои қадимӣ қалъа ва афсонаю ривоятҳои пешинро тасвир кунем. Дари ин дӯконҳои наққошӣ, ки баъзе наққошҳо дар бозорҳо кушодаанд ва ба хотири ду-се сикка барои ҳар касу нокас ҳар чизи камарзишро мекашанд, бояд баста шавад. Ҳатто ҳазрати подшоҳамон дар ин бобат моро дастгирӣ хоҳанд кард.

– Ба ғайбати беҳуда дода нашав, –барои он ки суҳбатро ба охир расонам, гуфтам. –Боварӣ дорам, ки дар байни мо, наққошҳо чунин пастфитрате, ки ба ин роҳ равад, нест. Шумо ҳамкор ҳастед, бародаред. Агар яке ба тарзи нав чанд расм созад, чӣ ҷойи воҳима кардан?! Хуб, пеш чунин расм набуд, ин далели он нест, ки ба ҷони ҳам биафтед, ба ҳамдигар душманӣ кунед.

Ва якбора чун ҳамон вақте ки хабарро шунида будам, ин фикр ба сарам омад, ки қотили Зариф-афандӣ,

албатта, яке аз устодони наққошхонаи дарбор бошад даркор, яъне, яке аз ҳамин рассомонест, ки ба оромгоҳ омадааст. Ҳатто шояд бадкории худро идома хоҳад дод, вай на танҳо ба китобам мухолиф аст, балки яке аз ҳамин наққошҳо ё хаттотҳое мебошад, ки ба хонаам рафтуомад дошта, дар болои китоб кор мекунад. Парвона ҳам чун аксарияти наққошон ва хаттотоне, ки ба хонаам меоянд, ба духтарам ошиқ шуда бошад? Магар фаромӯш кардааст, ки баъзан ба ӯ супоришҳое медодам, ки ба дидгоҳаш мувофиқ набуд? Ё маро масхара карданист, манзураш чист?

Не, ин тавр шуданаш мумкин нест. Фикр кунам, ин гапҳоро ҳамту дар омади гап гуфт. Парвона чун бештари ҳунармандон аз ман розист, зеро бо сабаби ин ҷанги охир, камтаваҷҷуҳии подшоҳамон маоши наққошон аз хазинаи давлат ба нестӣ расида, даромади ягона аз ҳамин китобамон аст. Мефаҳмам, ки дар масъалаи рафтуомад ба хонаам, робита бо ман ба ҳамдигарашон ҳасад мебаранд, ба ин сабаб (на танҳо бо ин), рафтуомадашонро ба хонаам ба танзим даровардаам, тавре, ки ҷудо-ҷудо, дар замони мухталиф наздам меоянд, бо ин даъвоҳояшон кам мешавад, замоне маро гунаҳгор нахоҳанд кард. Аз ин рӯ, чаро душманӣ мекардаанд? Одамони болиғ ҳастанд, агар шахсеро, ки ба онҳо кор ёфта додааст, бад дидан зарур бошад, сабабҳои дигари муҳимми эҳтиром кардан ҳам ҳаст.

Барои он ки хомӯшӣ дурудароз нагардад ва дубора ба мавзӯи ногувор барнагардем, ба тобут ишора кардам.

– Мошоллоҳ! –гуфтам. –Бо ҳамон суръате, ки аз баландӣ фаромаданд, бо ҳамон суръат боло мераванд-э.

Парвона табассуми фарох кард, дандонҳояш пурра намоён шуданд:

– Ба сабаби хунукӣ.

«Оё ин одам қотил буда метавонад? –аз дил гузарондам. –Масалан, аз рӯйи ҳасад. Агар оре, маро ҳам кушта метавониста бошад? Баҳона ҳамеша ёфт мешавад, масалан: Эниште бо корҳояш ба динамон тавҳин кард. Аммо ӯ устоди касбаш аст, ҳунарманд аст, куштан ба ӯ чӣ даркор? Дар омади гап, аломати пирӣ на танҳо аз баромадан ба боло, балки дар тарс аз марг низ аён мегаштааст. Пир, ки шудӣ хоҳиш кам мешавад, ана, ба ҷойгаҳи хидматгорзанак на бо ҳаяҷон, балки гӯё аз гӯшат кашола карда медароранд». Бо чунин андешаҳо ногоҳ ба қароре омадам ва онро зуд ба Парвона бо садои баланд эълон намудам:

– Дигар рӯйи ин китоби лаънатӣ кор намекунам.

Ӯ баргашта, бо тааҷҷуб нигарист:

– Чӣ гуфтед?

– Аз вақте ки ин корро шурӯъ кардам, ҳолам бад аст. Баъдан чанд вақт боз подшоҳамон ҳам маблағ намедиҳад. Инро ба Зайтуну Лаклак ҳам бирасон.

Мехост боз чизе пурсад, ки дидам, кайҳо ба қабристон расидаем ва дар канори сангҳои қабрҳо истодаем. Сари ҳар қабре як дарахти сарв қомат рост карда. Дар сари қабр гурӯҳи одамон рост истодаанд, аз «Бисмиллоҳ, эй, уммати Расуллуллоҳ!»–гӯиҳо ва садои баланди гиряҳои наздикон фаҳмидам, ки ҷасадро ба қабр мегузоранд.

– Рӯяшро кушоед, мехоҳем, бори охир бинем, – баромад садое.

Маълум мешавад, ҳоло як гӯшаи кафанро мекушоянд; агар чашмони майит зарар надида бошанд, мумкин аст баъзе аз атрофиён бо ӯ чашм ба чашм зананд; аммо ман чизеро нахоҳам дид, зеро дар қафо истодаам. Бо марг ман як бор, ҷойи дигар чашм ба чашм афтодаам, аммо дар қабристон не.

Як хотира: сӣ сол пеш дар дили амаки раҳматии подшоҳи вақтамон хоҳиши аз юнониҳо зада гирифтани

Кипр пайдо шуд. Шайхулислом Абӯсаид-афандӣ ёдовар шуд, ки дар вақташ султони Миср ба ҳокими Кипр супориш додааст, ки Маккаву Мадинаро бо хӯрокворӣ таъмин кунад, аз ин фатво бароварда, ки ҷазирае, ки шаҳрҳои муқаддасро бо хӯрокворӣ таъмин кардааст, дар дасти насрониҳои кофир набояд бошад. Аз ин рӯ, супориши нахустини ман ба сифати сафир кори душворе буд: ба румиҳо талаб пеш овардан, ки ҷазираи ҳоло ба онҳо дахлдорро ба мо баргашта диҳанд. Баъди рафтан ба Рум, дидани қасру маъбадҳо, иморатҳои сарватмандон, тамошои расмҳои аҷиб ва таассуроти бузург аз меҳмондориҳои хуб боварам бештар гашта, мактуби пур аз таҳдиди подшоҳамонро ба онҳо супоридам ва мағрурона эълон кардам, ки подшоҳ хоҳишманди гирифтани Кипр аст. Румиҳо сахт ба қаҳр омаданд, шӯро оростанд ва ба қароре омаданд, ки масъала кирои гап намекунад. Дар даромадгоҳ одами зиёд ҷамъ омад то маро ҷазо диҳад: шаҳриён ба сангпартоӣ сар карданд, агар ду нафар наздикони қайсари Рум маро бо роҳҳои зеризаминӣ ба қафои қаср намебурданд ва бо роҳи обие берун намебароварданд, шояд бо ҳамин умрам ба охир мерасид. Чун имрӯза тумани сахт меистод, қаиқрони сафедпӯшро чун тимсоли марг қабул кардам. Дар чашмонаш аксамро медидам.

Оҳ, агар боз ба Рум рафтан имкон медошт! Шояд баъди анҷоми китоб? Ба қабри хокпартофта наздик шудам. Ҳозир фариштагон аз майит мепурсанд: аз кадом ҷинсӣ, аз кадом миллат, кист пайғамбари ту? Марги худро ба хотир овардам.

Дар зери поям зоғ ба нӯл задан даромад. Бо меҳру муҳаббат тарафи Кара нигаристам, аз ӯ хоҳиш кардам, ки аз зери дастам гирад ва дар бозгашт ҳамроҳӣ намояд. Ба ӯ гуфтам, ки пагоҳ саҳарӣ интизораш мешавам, дар болои китоб кор мекунем. Зеро вақте марг ба хотирам расид,

ҳамоно фаҳмидам, ки бояд нахуст кори китобро ба охир расонам.

18. Қотил меноманд маро

Вақте ки ҷасади тиккаву пораи Зариф-афандии бадбахтро бо хоки сард мепӯшиданд, аз ҳама баланд ман мегиристам. Дод мезадам, ки: «Маро бо ӯ якҷо гузоред, роҳ диҳед», аз миёнбандам доштанд, то ба лаҳад наафтам. Вақте аз гиря беҳол гаштам, сарамро дошта, ба қафо тела доданд, то нафасгириам осон шавад. Аз нигоҳҳои наздикони марҳум фаҳмидам, ки аз ҳад гузаронда истодаам, худро ба даст гирифтам. Ин бадгӯёни наққошхона ҳар чизро фикр карданашон мумкин: беҳуда ғам намехӯрад, байни ӯву Зариф-афандӣ ягон гапе ҳаст – муносибати маҳрамона.

Барои он ки дигар диққати ҳамаро ба худ ҷалб насозам, пушти яке аз дарахтони сарв гузаштам, он ҷо то анҷоми маросими гӯру чӯб рост истодам. Яке аз наздикони аблаҳи он аҳмақ, ки ба ҷаҳаннам фиристодамаш, аз он ҷо маро ёфт ва чунон ба чашмам нигоҳи маънидорона дӯхт, ки ба даҳшат афтодам. Баъди дурудароз маро дар оғӯш нигоҳ доштан он аҳмақ пурсид:

– Ту Шанбе будӣ ё Чоршанбе?

– Як вақтҳо Чоршанбе раҳматиро меномиданд, – ҷавоб додам ва ӯ рафт.

Қиссаи ин лақабҳое, ки ҳанӯз моро ҳамчун сирри умумӣ муттаҳид мекунад, ҳикояти алоҳида аст. Аввалҳои давраи шогирдӣ ҳамаамон ба наққош Усмон, ки нав ба устодӣ расида буд, меҳри зиёд доштем. Ба ӯ Худованд ҳам ақли расо ва ҳам чӣ қадар хоҳӣ, истеъдод дода буд, ҳар чизеро, ки медонист ва метавонист, ба мо ёд медод. Ҳар пагоҳӣ якеамон бояд ба хонаи устод мерафт ва

қаламдон, ҷузвдон, ҷилди коғазҳояшро то наққошхона бардошта меомад. Мо чунон ба ӯ наздик шудан мехостем, ки «ин кори ман»- гӯён байни ҳам ҷанг мекардем.

Устод Усмон, албатта, байнамон шогирди писандида дошт, аммо агар ҳар пагоҳ як кас ба назди ӯ равад, боиси хандаву истеҳзои бешармонаи дигарон мегашт, ба ин сабаб, устоди бузург қарор дод, ки ҳар яки мо дар рӯзи муайяни ҳафта ба хонаи ӯ меравад. Устоди бузург рӯзҳои ҷумъа кор мекард, рӯзҳои шанбе ба наққошхона намеомад. Писари бисёр дӯстдоштаи ӯ, ки чун мо шогирд буд ва минбаъд ба ҳамаи мо иҳонат карда, санъатро пушти по зад, ҳар рӯзи душанбе чун шогирд падарашро ҳамроҳӣ мекард. (Воқеан, ӯ баъдҳо намедонам чӣ шуд, ки на суроғи наққошхона кард, на мо.) Дар байни мо аз ҳама боистеъдод Панҷшанбеи харобу дароз буд, ки бемор шуда, дар оташи таб сӯхта, барвақт аз олам гузашт. Раҳматӣ Зариф-афандӣ рӯзҳои чоршанбе навбат дошт, бинобар ин, Чоршанбе ном дошт, аммо баъдҳо устоди бузург номҳоямонро аз Сешанбе ба Зайтун, аз Ҷумъа ба Лаклак, аз Якшанбе (Бозор[61]) ба Парвона табдил кард, ин номҳо муҳаббату маъниеро ифода мекарданд: ана, ин Чоршанбе барои зарофату нафосати тазҳибҳояш номи Зарифро гирифт. Аммо мешуданд ҳолатҳое, ки устод пагоҳиҳо бо ӯ вохӯрда мегуфт: «Хуш омадӣ, Чоршанбе, ҳолат чӣ тавр аст?»

Чӣ тавр бо ман вохӯрдӣ карданҳояш ба хотирам расида, чашмонам нам гирифтанд. Дар кӯдакиамон, новобаста ба шаллоқ, чун дар биҳишт зиндагӣ мекардем, устод Усмон моро дӯст медошт; вақте ки нақшҳоямонро мекашид, чашмонаш нам мегирифтанд, дастонамонро мебӯсид, ҳунари мо аз таърифу муҳаббати ӯ меафзуд. Дар

[61] *Бозор* –дар туркӣ айнан– Пазар (Якшанбе).

он солҳои хушбахтӣ ҳатто ҳасад, ки ситораи бахтамонро хира мегардонад, ба ранги дигар метофт.

Ҳоло худро чунон тасаввур мекунам, ки ба ду тақсим шудаам, монанди тасвири одаме, ки сару дасташро як устод, тану сару либосашро рассоми дигар кашидааст. Шахсеро, ки дар ҳарос зиндагӣ мекунад ва Худо нахоста одам куштааст – монанди ман осон нест одат кардан ба ин ҳолати нави худ. Барои он ки чун пешина, беҳарос зиндагӣ кунам, барои худам садои нав, хоси қотилон – заҳрнок ва қабеҳро кашф кардам. Ҳаёти пешинаам ба сари худ, садои наве, ки ҳоло гап зада истодаам, алоҳида. Албатта, баъзан овози пешинаи маро то замоне, ки қотил набудам, мешунавед, он гоҳ лақаби ман «Ман – қотил» набуд. Бигзор касе аз шумо кӯшиши ин ду овозро якҷоя кардан накунад, зеро ман ягон услуби худӣ ва нуқсони шахсӣ надорам, ки маро фош созад. Услубро, ки баъзеҳо онро тавсиф мекунанд, умуман, ҳар чизеро, ки як рассомро аз дигараш фарқ мекунонад, айбу нуқс меҳисобам, на аломати гуногунрангӣ.

Ба ман осон нест. Зеро намехоҳам, ки шумо фаҳмед кистам: Парвона, Зайтун ё Лаклак – агар аз рӯйи лақабҳое гирем, ки бо ин қадар муҳаббат устод Усмон баҳрамон гузошта ва Эниште меҳрубона ба забон меорад. Агар донед, ки ман кистам, эҳтимол ҳамон замон маро ба дасти ҷаллодони сардори посбонон (бӯстончибошӣ)[62] месупоред.

Аз ин сабаб, ҳар он чизеро, ки фикр мекунам, наметавонам бигӯям. Зеро вақти бо фикрам танҳо мондан ҳам пай мебарам, ки маро мушоҳида доред. Аз ин рӯ, наметавонам ҳамеша роҳҳои пӯшидани андешаҳо ё эҳсосотамро дарёбам. Ҳатто ҳангоми нақли қиссаҳои

[62] *Бӯстончибошӣ* - фармондеҳи корҳои дохилии давлати усмонӣ.

«Алиф», «Бе» ва «Ҷим» як гӯшаи ҳушам аз шумо нигаронӣ дошт.

Ҳамаи ҷанговарон, шоҳзодагон, ошиқон ва қаҳрамонони қиссаҳо, ки даҳҳо ҳазор нафарашонро давоми зиндагӣ кашидаам, на танҳо ба дунёи офарида ва замонҳои афсонавӣ, ки дар он зиндагӣ мекунанд, меҷанганд, бар аждаҳо ғолиб меоянд, дар ишқи духтарони зебо ашк мерезанд, нигаронда шудаанд, балки қисман ба дӯстдорандагони китобҳои хуб равона шудаанд, ки пайи ҳам расмҳои аҷоибро тамошо мекунанд. Агар ман услуб ва махсусияти худро медоштам, маро на танҳо дар расмҳо, балки дар кушторе, ки содир кардам, дар суханҳоям ошкор кардан мумкин буд. Канӣ, аз рӯйи рангҳои калимаҳоям ёбед, кистам!

Ба назарам, агар маро ёбед, рӯҳи нооромии бечораи Зариф-афандӣ ором мешавад. Ҳоло, ки дар байни дарахтон истодаам, суруди парандагонро мешунавам, ба оби халиҷ ва гумбазҳои масҷидҳои Истанбул менигарам ва ба зебоии зиндагӣ боварам бештар мегардад, ҷасади ӯро бо бел хокпӯш мекунанд. Вақтҳои охир, бо муридони воизи ҷоҳили эрзурумӣ алоқа пайдо карда, бечораи Зариф-афандӣ маро бад дида монд, аммо дар он бисту панҷ соле, ки мо якҷоя дар наққошхонаи дарбор дар болои китобҳо кор кардем, буданд лаҳзаҳое, ки дӯст будем. Ошноии мо бист сол пеш, вақте ки «Шоҳнома»–ро барои падари подшоҳи имрӯза тайёр мекардем, сар шуда, дӯстии ҳақиқиамон он вақт шурӯъ шуд, ки ҳашт саҳифа нигораҳоро барои «Девон»–и Фузулӣ[63] омода мекардем. Он вақт ҳам Зариф-афандӣ ба кадом як ғояи адолатхоҳӣ, аммо бесубот гаравида буд, ки рассом бояд рӯҳан маънии сатрҳоро бифаҳмад, то онро дар расм ифода кунад. Барои ин боре шоми тобистон ба боғи ӯ рафтем ва ӯ бо оҳанги

---

[63] *Фузулӣ* –(тақрибан 1494–1556), шоири асри 16, ба форсӣ, озарбойҷонӣ ва арабӣ эҷод кардааст.

дабдабанок ба хондани шеърҳои Фузулӣ пардохт. Босаброна гӯш кардам, болои сарамон парастуҳо парвоз доштанд. Аз он шаб ба хотирам ба ин мазмун чизе мондааст: «Ман ин ман нестам: чизе, ки ман меҳисобам – ту ҳастӣ» ва боз дар ёд дорам, ки фикр мекард, мазмуни ин мисраъро чӣ тавр бо расм ифода кунад.

Ҳамин ки ёфтани ҷасади Зарифро фаҳмидам, ба хонааш шитофтам. Боғчаи хурд, ки як вақтҳо дар он шеър мехондем, зери барф монда, ба назарам, чун ҳама чизҳое, ки баъди солиёни зиёд мебинӣ, хурд метофт. Хона ҳам. Аз ҳуҷраи канорӣ садои сохтаи гиря, занҳои хонанда ва ноланда ба гӯш мерасид, ки ҳар яке аз дигарӣ гӯё гузарондан мехост. Нақли бародари калонии раҳматиро бо диққат гӯш додам: ба гуфти ӯ аз бечора Зарифи мо гуфтан мумкин аст, чизе боқӣ намондааст, сар кафидагӣ. Бародарон вақте мурдаро аз чоҳ баровардand – баъди чор рӯзи дар он ҷо хобидан, Зарифро нашинохтанд; ночор дар торикии шаб ҳамсараш Қалбияро аз хона оварданд ва ӯ аз рӯйи пораҳои либоси дарида шавҳарашро шинохтааст. Пеши чашмам саҳнаи аз чоҳ баровардани Юсуфи гумгашта ҷилвагар шуд: бародарони бадрашк ӯро ба он ҷо партофтанд, аммо тоҷирони мидӣ халос карданд. Бисёр дӯст медорам кашидани ин саҳнаро аз «Юсуф ва Зулайхо», зеро он яке аз ҳиссиёти сӯзандаи зиндагӣ – рашки бародаронро тасвир мекунад.

Оромии нисбӣ ба вуҷуд омад. Ҳис кардам, ки ҳама ба ман менигаранд. Чӣ, гирям? Аммо ногоҳ чашмам ба Кара афтид. Ин шайтони лаин ба ҳама ҷо биниашро мехалонад, бӯй мекашад ва худро чунон вонамуд мекунад, ки гӯё Эниште-афандӣ маҳз ба ӯ таҳқиқи ин масъаларо супоридааст, то ҳаллашро ёфта, ҳақиқатро ошкор созад.

– Кори дасти кадом нобакор аст ин, –дод мезад бародари калонии марҳум. –Кӣ ба бародари мо, ки дар зиндагӣ пашшаро озор надодааст, даст бардошт?!

Дар ҷавоб ҳама гиристанд, ман ҳам аз таҳти дил ба гиря шарик гаштам, аммо аз дил мегузарондам: оё дар ҳақиқат Зариф душман дошт? Фарз кардем, агар ӯро намекуштам, пас, кӣ ин корро анҷом доданаш мумкин буд? Дар ёд дорам, як вақтҳо (ба назарам он вақт дар болои «Ҳунарнома»[64] кор мекардем) баъзе рассомон нисбат ба Зариф эрод гирифтанд, ки ӯ ба услуби рассомони қадим беэътиноӣ мекунад ва барои он ки ороиши расмҳоро зудтару арзон анҷом диҳад, рангҳои камарзишро истифода мебарад ва канораи расмҳоеро, ки дар онҳо дигарон заҳмати зиёд ба кор бурдаанд, нозебо месозад. Кӣ буданд онҳо, шахсоне, ки он вақт бо ӯ баҳс мекарданд? Воқеан, баъд овоза шуд, ки сабаби баҳс дигар, ҳисси меҳромез ба шогирди муқовабанд аз ошёнаи поён будааст. Аммо ин қисса хеле куҳна аст. Буданд онҳое, ки назокат, табъи латиф, ҳалимии занонаи Зарифро намеписандиданд. Худи ҳамон одамон ӯро барои он бад медиданд, ки услуби куҳанро ғуломвор тақлид намуда, қоидаҳои мутобиқати рангҳоро дар расму ороишҳо дақиқ риоя мекард, ҳамчунин, дӯст медошт, ки дар пеши устод Усмон худро доно нишон дода, албатта, аз доираи одоб берун нашуда, камбудҳои гӯё дар кори ҳамкасбон, хусусан, ман ҷойдоштаро нишон диҳад. Харҳашаи охирин, ки ӯ дар он ширкат дошт, ба масъалаи бисёр ҳассос барои устод Усмон – супоришҳое, ки рассомони устохонаи дарборӣ пинҳонӣ аз берун мегирифтанд, дахл дошт. Солҳои охир, вақте ки подшоҳамон аз устохона дилхунук гашт ва сархазинадор пул ҷудо намекард, рассомон пинҳонӣ ба иморатҳои

[64] *«Ҳунарнома»* – айнан, китоб дар васфи ҳодисаҳои муҳимми даврони усмонӣ ва амали султонҳои он.

дуошёнаи пошоҳои навбаромади бесавод мерафтанд, беҳтаринҳо ба Эниште муроҷиат мекарданд.

Маро бо баҳонаи хосияти бад доштанаш кори китобро хотима бахшидани Эниште он қадар музтариб накард. Албатта, ӯ фаҳмид, ки каллаи бемағзи Зариф-афандиро яке аз мо, ороишдиҳандагони китоб ба ҷаҳаннам фиристодаем. Ана, шумо оё метавонед ҳар ду ҳафта як бор шабона қотилро ба хонаатон барои расмкашӣ даъват кунед? Ё аввал мехоҳед, ки қотилро рӯйи об бароред ва рассоми беҳтаринро муайян кунед? Бовар дорам, ки Эниште ба наздикӣ мефаҳмад, ки кадоме аз мо маҳорати баланд дорем, рангро аз ҳама беҳтар омезиш медиҳем, саҳифаҳоро нишона мегузорем, баъди ин танҳо бо ман кор хоҳад кард. Ҳеч ба хотирам роҳ дода наметавонам, ки маро камистеъдод ва қотили муқаррарӣ шуморад.

Бо қирраи чашм ин ҳафтафаҳми Кара-афандиро, ки Эниште, шавҳари холааш бо худ овардааст, мушоҳида мекунам. Аз мазор ҳамроҳ баромаданд, бо гурӯҳи ками ҷанозахонҳо ба бандари Айюб фаромаданд. Ман аз пасашон. Ба заврақи чорбела нишастанд, ман бо шогирдони ҷавоне, ки аллакай ҷанозаро фаромӯш карда, шӯхиҳо доранд, бо қаиқи шашбела. Вақте ки дар муқобили Фенеркаппе қаиққҳои мо ба ҳам наздик шуданд, дидам, ки Кара ба Эниште чизеро бо шавқ нақл мекунад, якбора ба хотирам расид, ки чӣ қадар осон аст куштани одам. Ё Аллоҳ, ту ба мо чунин қувваи бузург додаӣ, аммо дар диламон ҳаросро ҳам ҷой кардаӣ!

Аммо одам боре ин ҳаросро дар дили худ мағлуб карда, дигар мешавад. Пеш на танҳо аз шайтон, балки аз мавҷудияти камакак бадӣ дар рӯҳам меҳаросидам. Акнун ҳис мекунам, ки бо бадӣ зиндагӣ осон аст, он ҳатто ба рассом фоида мерасонад. Агар он чанд рӯзи аввалро, ки дастонам меларзиданд, ба ҳисоб нагирем, акнун беҳтар

расм мекашам, рангҳои равшанро ҷасурона истифода мебарам, аз ҳама муҳим, ҳис мекунам, ки тасаввуротам комил гаштааст ва муъҷизаҳо меофарад. Воқеан дар Истанбул одамони зиёд ҳастанд, ки ба қадри муъҷизаҳои офаридаам мерасанд?

Вақте ки дар муқобили Ҷибали, ҳама мобайни халиҷ қарор доштем, бо ғазаб ба Истанбул нигаристам. Гумбазҳои яхбастаи масҷидҳо дар зери нури офтоби ногаҳон рухнамуда медурахшиданд. Ҳамон қадар шаҳр васеъ ва зебо бошад, гӯшаву канорҳое, ки дар он гуноҳу айбро пинҳон кардан мумкин аст, бештар мешавад, шаҳр ҳамон қадар сернуфуз бошад, дар он ҷинояткор номаълум мемонад. Агар шаҳрҳоро муқоиса кунем, ки кадомаш бештар бошуур аст, он гоҳ боақл на он аст, ки дар онҳо китобхона, мадраса, олимон, рассомон, хаттотон бештаранд, балки он шаҳр бояд бошад, ки дар кӯчаҳои ҳазорҳо сол боз торики он аз ҳама бештар ҷинояти вазнин содир мешавад. Аз ин нуқтаи назар, шубҳа надорам, Истанбул шаҳри аз ҳама бошууртарини олам аст.

Дар бандари Ункапани Кара ва Эниште ба соҳил баромаданд, ман ҳам. Онҳо рӯ ба боло, ба баландӣ равон шуданд, ман аз пасашон. Аз масҷиди султон Маҳмуд гузашта, дар назди хокистартӯда истоданд, чанд ҳарфе гуфтанд ва ҷудо гаштанд. Эниште-афандии танҳо дар кӯча лаҳзае ба чашмам мӯйсафеди тамоман фарсуда намуд. Хоҳише пайдо шуд, ки расонамаш, гӯямаш, ки аҳмақи гузарое, ки аз ҷанозааш меоем, моро туҳмат мезад, ман ӯро куштам барои он ки ҳамаамонро халос кунам… Боз мехостам пурсам: оё Зариф-афандӣ рост мегӯяд, ки боварии подшоҳамонро аз даст додаем? Магар ба касбамон хиёнат мекунем, динамонро таҳқир менамоем? Оё расми калони охирин тайёр шудааст?

Дар мобайни кӯчаи барфпӯш истода мондам, бачагону волидонашон хона рафта, кӯчаро ба ихтиёри ҷину парию роҳзанҳою дуздон ва ман гузоштанд. Дар охири кӯча байни шохҳои урёни дарахти анор боми иморати зебои дуқабатаи Эниште метофт. Он ҷо дар хонае бонуи аз ҳама зебои олам зиндагӣ дорад. Аммо ҳоло ман ақламро нахӯрдаам.

19. Ман – пул

Тиллои бистудуиёраи императории усмонӣ мебошам. Дар рӯям туғрои шоҳии ҷаҳонпаноҳ, ҳазрати подшоҳамон ҳак шуда. Дар ҳамин ҷо, баъди ҷаноза дар ин қаҳвахонаи ғуссаовар ва зебо аз тарафи устоди бузурги подшоҳамон Лаклак кашида шудаам, азбаски шаб аст, бо тилло рӯйкаш нашудаам, инро худатон тасаввур кунед. Суратам ин ҷост, аммо худам дар кисаи устоди бузург наққош Лаклак, бародари шумо. Ана, худаш аз ҷо мехезад, маро аз киса баровард ва ба шумо нишон медиҳад. Марҳабо, марҳабо,[65] салом, устодони ҳунарманд, меҳмонони азиз! Аз партавам чашмонатон кушода шуданд, аз алови паҳлуҳоям ҳаяҷонатон боло гирифт ва ба соҳибам устод Лаклак ҳасад мебаред. Рост мегӯед, чунки дар баҳодиҳии ҳунари наққошӣ ба ғайр аз ман дигар чизе нест.

Дар се моҳи охир устод Лаклак расо чилу ҳафт адад тиллои монанди ман кор кард. Ҳамаи мо дар ин ҳамёнем ва ҳамон тавре ки мебинед, Лаклак Челебӣ аз ҳеч кас онҳоро пинҳон намекунад, медонад, ки дар Истанбул дар байни наққошон касе ин қадар кор накардааст. Дар байни рассомон ҳамчун ченак қабул гаштаам ва аз он ки ба ҳар гуна баҳси нолозим хотима мебахшам, фахр

[65] *Марҳабо*- ба туркӣ ба маънои дуруд, салом.

мекунам. Пештарҳо, то он вақте, ки ба қаҳва одат кардед, майнаатон тоза шуд, бегоҳиҳо байни наққошон баҳс мешуд, ки на шумо ҳунармандед, на ман рангбози ҳақиқиам, дарахтро ман аз ҳама хуб мекашам, абрро ман; кор ҳар шаб ба занозанӣ оид мешуд, дандонҳо мешикастанд. Акнун ба ҳама чиз мантиқи ман ҳоким аст, дар наққошхонаҳо низом ва ҳамоҳангие ба вуҷуд омад, ки лоиқи устодони куҳани Ҳирот аст.

Бо ин оҳанги мантиқӣ ва пайвастагӣ гуфтаниам, ки бо ин пул кадом чизҳоро харида метавонам: кафи пойи як чӯрии[66] ҷавону зебо, яъне, аз панҷоҳ як ҳиссаи ӯ; як оинаи хуби сартарошхона, ки канораҳояш устухонӣ ва аз чӯби чормағз сохта шудааст; як сандуқи хуби бо навад акча нуқракӯбшуда, бо нақши офтоб ва ғалладонҳои ҷудошаванда; яксаду бист дона нони гарм; се ҷой дар қабристон ва тобут; як бозубанди[67] нуқракӯб; аз даҳ яки асп; пойи як чӯрии калонсол ва фарбеҳ; як гӯсола; ду табақи хуби чинӣ; маоши якмоҳаи наққоши аҷамӣ Дарвеш Муҳаммади Табрезӣ, ки дар наққошхонаи подшоҳамон кор мекунад; як шоҳини хуби шикорӣ бо қафасаш; даҳ кӯза шароби Панайота; соате бо ҷавони дар дунё аз ҳама барно Маҳмуд ва боз бисёр имконоти дигар.

То ба ин ҷо омадан даҳ рӯз дар даруни ҷӯроби[68] чиркини як шогирди камбағали пойафзолдӯз будам. Бечора ҳар шаб пеш аз хоб маро ба кафи дасташ гирифта, чизҳои бо ман харида метавонистаашро номбар мекард. Ин аллаи дурударози ширини ӯро гӯш карда, ба хулоса омадам, ки пул ба ҳама чиз қодир аст.

Сар кардаму ба ёдам омад. Агар воқеоти ба сари ман омадаро нависанд, ҷилд-ҷилд китоб мешавад. Хайр, акнун, ки сар кардам, ба охир мерасонам. Мо ин ҷо ҳама

---

[66] *Ҷӯрӣ* - дар асли туркӣ «чарӣ», канизак.
[67] *Бозубанд* – дар туркӣ низ бозубанд.
[68] *Ҷӯроб* - дар туркӣ ҳам ба ин шакл.

одамҳои худӣ, агар қавл диҳед, ки ба касе намегӯед ва Лаклак-афандӣ ҳам хафа намешавад, як сирро ба шумо мекушоям. Ваъда медиҳед?

Хеле хуб. Эътироф мекунам. Ман аслан як сиккаи бистудуиёраи императории усмонӣ, ки дар зарробхонаи Чамбарлитош зарб шудааст, нестам. Пули қалбакиам. Маро аз тиллои нохолис дар Рум тайёр карда, ба ин ҷо оварда, тиллои усмонӣ номиданд. Ташаккур барои тезхушиатон!

Дар зарробхонаи Рум то андозае, ки хабар ёфтам, солҳои зиёд ба ин кор машғуланд. Аммо то вақтҳои охир кофирон ба Шарқ дукатҳои румии аз ҳамон тиллои нохолис тайёркардаашонро мефиристоданд. Усмониҳои ба ҳар чизи навишта хушбовар гумон доштанд, ки агар дар болояш дукати румӣ навишта шуда бошад, тангаи асил аст, санҷидани он ба хотирашон намерасид, дар натиҷа тамоми Истанбул аз дукати қалбакӣ пур шуд. Баъд озмоиши тангаро дар зери дандон ёд гирифтанд, ҳамоне, ки тиллояш кам, мисаш зиёд аст, сахт. Масалан, агар ту дар оташи шаҳвати бачаяки барно Маҳмуд, ки ҳуснаш дар ҷаҳон машҳур аст, сӯхта, ба қабулаш равӣ, ӯ аввал на як чизи дигари туро, балки тангаи туро ба даҳон гирифта месанҷад, агар бифаҳмад, ки қалбакист, дар ҷаннати ӯ ба ҷойи як соат фақат ним соат хоҳӣ буд. Румиҳои кофир баъди он ки аз қисмати талхи дукаташон воқиф гаштанд, гуфтанд: биёед, ба ҷойи сиккаҳои худамон тиллои қалбакии усмонӣ мебарорем, онҳо, ки чунин корҳоро балад нестанд, ба фарқаш намерасанд.

Баъзан ба сарам як фикр меояд: Имрӯз ин кофирони румӣ вақти расмкашӣ гӯё расм намекашанд, балки ҳақиқатро тасвир мекунанд; аммо вақте кор ба сари пул омад, ҳақиқиашро не, сохтаашро месозанд.

Дар Рум ба сандуқҳои оҳанӣ гузоштанд, ба заврақҳо бор карданд, солона-солона ба Истанбул омадем. То ба

худ омадам, худамро дар дӯкони саррофӣ, дар даҳони бӯйи саримсоқмекардаи соҳиби он дидам. Лаҳзае пас барои ивази тиллояш рустоии камақле даромада омад. Саррофи шайтон, бинам тиллоат қалбакӣ набошад, гӯён, тангаи рустоиро ба даҳонаш андохт.

Дар даруни даҳон дидам, ки тангаи он рустоӣ асили усмонист. Дар он даҳони бӯин бо ман вохӯрда: «Ту қалбакӣ» –гуфт. Рост гӯяд ҳам, оҳанги мағруронаи гапаш қаҳрамро оварду дурӯғгӯ баровардамаш: «Қалбакӣ худат!» –гуфтам.

Дар ин байн марди рустоӣ:

– Наход тиллои ман қалбакӣ бошад?! Онро бист сол пеш дар таги хок руст карда будам, он замон магар чунин номаъқулиҳо буд? –гуфта эътироз кард.

Дар тааҷҷуб мондам, вақте ки сарроф аз даҳонаш тангаи рустоиро не, маро баровард:

– Бигир, тангаатро, –гуфт, –пули қалбакии кофирони румӣ ба ман лозим нест. Шарм намедорӣ?!

Ягон ҷавоб гуфта натавонист, маро гирифту рафт. Аз дигар саррофон низ чунин ҳарфҳоро шунида, хеле нороҳат шуд ва ниҳоят маро ба навад акча иваз кард, ба ҳар ҳол, андаке тилло доштам. Ҳамин тавр, саргардониҳои ҳафтсолаам сар шуд, аз даст ба даст, аз киса ба киса.

Ифтихор мекунам, ки чун як пули боақл дар Истанбул, аз ҳамён ба ҳамён, аз миёнбанд ба миёнбанд сайр карда гаштам. Бештар аз ҳама аз он метарсидам, ки касе маро мисли он марди рустоӣ дар боғчае зери санг ё ҷойи дигаре пинҳон накунад, ин ҳолат ду бор рӯй дода бошад ҳам, шукри Худо, дер давом накард. Бештари одамон баъди он ки қалбакӣ буданамро мефаҳмиданд, кӯшиш мекарданд зуд аз ман халос шаванд. Одамеро надидам, ки соҳиби навамро огоҳ карда бошад, ки қалбакиам. Ҳар касе, ки аҳмақ шуда, маро ба яксаду бист

акча мехарид, баъди он ки мефаҳмид, қалбакиам, асабонӣ, нороҳат ва беқарор мешуд ва зуд дунболи бадбахти дигар мегашт, ки гӯлаш занад, аксар вақт одами дигар инро пай мебурд ва муомила баргузор намешуд, ҳатто баъзе вақт вазъ муташанниҷ мегашт, шахсе аз рӯйи саросемагӣ, асабоният, нороҳатӣ ва хушнудии ҳарчи зуд аз ман халос шудан нафаҳмида мемонд, ки маро ба сиккаҳои нуқраи қалбакӣ фурӯхтааст. Дору гир! Дуздро қарақчӣ зад.

Дар ҳафт соле, ки дар Истанбул будам, панҷсаду шаст бор соҳибам дигар шуд, ҳеч хона, дӯкон, бозор, масҷид, калисо, каниса намонд, ки дар он набошам. Ҳар боре, ки касе маро мехарид ва мефаҳмид, ки қалбакиам, садто дашному фаҳшу ҳақоратро ба сарам бор мекард. Ҳар касе, ки маро мехост фурӯшад, дар бораам сад дурӯғ мебофт, дар натиҷа, ҳеч фарқе надошт, ки қалбакиам, бадбахтам, ба чирку касофат ғӯтидаам. Фақат хаёлам ба он банд буд, ки ба чанд пул фурӯхта мешавам, ба чанд пул харида мешавам. Дунё бароям фақат аз гардиш иборат буд. Ба ҳар ҳол, новобаста ба шубҳаҳои беасос ва туҳматҳои ноҳақ, умедвор будам, ки аксари одамон маро самимона дӯст медоранду ҳурмат мекунанд. Ба назарам, дар ин замон, ки нишонаи дӯстиву муҳаббат кам аст, шод бояд шуд, ки дар дили одамон заррае муҳаббат мондааст.

Кӯча ба кӯча, маҳалла ба маҳалла тамоми кунҷу канори Истанбулро гаштам, ба дасти яҳудӣ, масеҳӣ, абхоз, араб ва арманӣ афтодам. Аз Истанбул фақат як бор хориҷ шудам. Ин ҳам дар ҷайби як ҳоҷа-муаллими Эдирне, ки тарафи Манис мерафт. Ин қиссаи аҷиб аст. Хулласи калом, дар роҳ бо фарёди «Ё мол ё ҷон!» роҳзанҳо ба мо ҳуҷум оварданд. Ҳоҷаи тарсончаку бадбахт саросема маро ба як ҷойи хеле бад, мақъадаш пинҳон кард, ки бӯяш аз бӯйи даҳони он саррофи саримсоқхӯр бадтар буд ва ҳам ҷояш тангтар. Аммо

охири кор аз ин ҳам бадтар шуд: яке аз дуздон, ки аз аҳли корҳои ғайришаръӣ будааст ва ҳоҷа ҳам як ҷавони барно буд, ба ҷойи «Ё мол ё ҷон!» талаби дигар гузошт: «Ё тан ё ҷон!». Як вақт бинам, аз қафои ҳоҷа чанд нафар навбат гирифтанд. Намедонам, дар он ҷойи тангу торик чӣ балоҳое ба сарам омад. Беҳтараш, тамоми ин қиссаи бади дар он сӯрохи маҳшар гузарондаамро ба шумо нагӯяму шумо нашунавед! Ана, барои чӣ аз Истанбул намехоҳам равам.

Вақте ки ба Истанбул баргаштам, бахт ба рӯям хандид. Замоне фақат дар дасти духтарони ҷавону зебо будам. Роҳ ба роҳ мебӯсиданд, ба чашмонашон мемолиданд, дар халтачаҳои махмалӣ нигоҳ медоштанд, ҷоям дар хона зери болишҳои абрешимӣ буд, берун, ки баромаданд, байни пистонҳои гармашон ҷой мекарданд, баъзан, дар вақти хоб ҳам месанҷиданд, ки ҳастам ё на. Дар бухории гармоба, шишача (ин дар дӯкони атторӣ буд, оҳ, чӣ қадар бӯйи хуш мекард), дар махфигоҳҳои гуногун: ошпазе дар халтаи наск аз дарун кисача дӯхта буд, пинҳон мекарданд. Дар Истанбул дар миёнбанди пӯсти шутур, дар тагбанди мисрии занона, дар патаки моҳутии зери пойафзол, зеркисаи пинҳонии шалворҳо саёҳат кардам. Соатсоз Петро маро дар даруни соати ақрабакдор, аттори юнонӣ дар панири бузӣ пинҳон карданд; дар порчаи моҳут бо муҳру ҷавоҳирот ва калидҳо якҷоя, даруни дудкашҳо, болишҳои пахолдор, махфигоҳи ҷевонҳою сандуқҳо ҳам будам. Падаронеро медонам, ки аз сари дастурхон хеста, рафта месанҷанд, ки дар махфигоҳашон ҳастам ё на; модарони ширдеҳро ёд дорам, ки бе ҳеч зарурат маро гӯё пораи қанд бошам, ба даҳон меандозанд; кӯдаконеро, ки бӯида, ба сӯрохи бинӣ ҷой мекунанд; мӯйсафедони як по ба лаби гӯрро, ки албатта, дар як рӯз ҳафт маротиба аз халтачаи чармӣ бароварда диданашон зарур аст. Як занаки черкесии аз

ҳад озода аз саҳар то бегаҳ хона мерӯбад, мешӯяд, тоза мекунад, баъд маро аз халтача бароварда бо чӯткача тоза мекард. Саррофи якчашма аз мо манора сохтанро дӯст медошт, аробакаше, ки аз вай бӯйи мушол меомад, бо ҳамсараш ба мо чун чаҳорбоғи биҳишт менигаристанд; рассоме бошад, ҳоло дар байни мо нест (номашро гуфтан шарт нест), шабҳо моро ба ҳар шакл мегузошт. Дар қаиқҳои аз тахтаи сурх сохташуда сайр кардам, дар қасрҳо будам; маро дар китобҳои устодони ҳиротӣ, дар пошнаи пойафзоли бонуҳо, зери тагчармӣ пӯсти шутурии зинҳо нигоҳ доштаанд. Садҳо кафи дасти чиркин, пашмин, нарм, равғанӣ, ларзон, доғдорро дидаам. Аз бӯйи нашъа, шамъ, равғани моҳӣ, арақи бадани мардуми Истанбул сер шудам. Вақте ки баъди ҳамаи ин ҳаяҷону изтироб дузди шабгарди гулӯи хӯҷаини навбатиамро бурида дар ҳуҷрааш маро аз ҳамён берун карду ба рӯям туф кард ва гуфт: «Эҳ, ҳамаи ин аз барои ту!» –чунон аламам омад, ки хостам замин кафаду дароям.

Аммо агар ман намебудам, ҳеч кас наққоши ҳақиқиро аз суст фарқ карда наметавонист, дар натиҷа, ин наққошҳо ба ҷони ҳам дармеафтоданд, ки кадоме аз онҳо боҳунар асту кадоме беҳунар. Аз ин рӯ, ба зери замин нарафтам, зиндагиро идома додам, ба ҳамёни наққоши аз ҳама моҳир ва боақл даромадам ва ба хизмати шумо ҳозир шудам.

Агар наққоши беҳтаринед, маро ба даст ored.

20. Номи ман Кара аст

Падари Шакура дар бораи мукотиботи мо ягон чиз бӯй бурда бошад? Аз рӯйи он ки Шакура дар номаҳояш худро духтари аз падар хеле дар ҳарос вонамуд мекунад, ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба гумон аст дар бораи

ман ҳарфе ба миён оварда бошанд, аммо ҳис мекунам асоси гап дар дигар ҷост. Нигоҳи муғамбиронаи савдогар Эстер, дар назди тиреза ба таври аҷиб пайдо шудани Шакура, ҷиддияте, ки язнаам дар интихоби ман дар кори таҳқиқи наққошҳо дорад, дармондагии чеҳрааш, ки имрӯз ҳангоми суҳбатамон аён шуд, маро ба изтироб оварда.

Субҳ дар паҳлуяш нишастаму ба шарҳи портретҳои дар Рум дидааш сар кард. Ба сифати сафири ҷаҳонпаноҳ подшоҳамон дар қасрҳои зиёд, хонаҳои сарватмандон, калисоҳо будааст. Ҳар рӯз ҳазорҳо портрет, чеҳраҳоро тамошо кардааст, ки дар тахтаҳо ва деворҳо кашида, дар чорчӯбаҳо гирифта шудаанд.

– Ҳеч кадомашон ба якдигар монанд нестанд, чеҳраи ҳар одам аз якдигар фарқ мекунад! –хитоб кард язнаам.

Гуногунии портретҳо, рангҳояшон, тобишҳои нури чеҳраҳо, нармӣ, ҳатто ҷиддияти симоҳо, ифоданокии нигоҳҳо ӯро ба ҳаяҷон оварданд.

– Дар Рум расм шудааст, ҳар яке ҳадди ақал як портрети худашро дошта бошад, –ба хотир меорад язнаам. –Ҳар як марди румӣ бо дорой, ба маҳзи он ки аз худаш хотира ва ёдгорӣ боқӣ гузорад ва ҳам барои он ки сарват ва қудрат ва мавқеи иҷтимоии худро нишон диҳад, барои худ портрет супориш медиҳад. Илова бар ин, бо портретҳояшон нишон медиҳанд, ки чӣ қадар аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ин барояшон муҳим ҳисоб меёбад.

Вақте ӯ дар бораи ҳирс, худпарастӣ, нафс барин хислатҳо гап мезад, калимаҳоеро истифода мебурд, ки шаъни инсонро паст мезад, аммо вақте портретҳои румиёнро ба ёд меовард, чашмонаш мисли кӯдакон нур мегирифт.

Сарватмандони дӯстдори расм, шоҳзодаҳо, оилаҳои машҳур аз ҳар фурсат истифода бурда, дар ҳама ҷо чеҳраи худро ба тасвир гузоштан мехостаанд, ҳатто

ҳангоми наққошии девори калисоҳо талаб мекарданд, ки рассомон дар саҳнаҳои Инҷил чеҳраи онҳоро низ дохил кунанд.

– Барои мисол ба наққошие, ки мавзӯяш азодории Стефани муқаддас аст, дар байни одамони гирён шоҳзодаеро мебинам, ки дар қаср ба ман расмҳои зебои худро нишон медод ва шоду хурсанд буд. Дар як расми дигар, ки саҳнаи табобати беморон аз тарафи ҳаворӣ Пётри муқаддасро тасвир кардаанд, дар симои одами ранҷур бародари соҳиби меҳрубони хонаро, ки дар асл аз хук ҳам бардаму бақувват буд, дида, дар ҳайрат мондам. Рӯзе ба наққошии растохези мурдаҳо дар рӯзи қиёмат нигоҳ мекардам, ки дидам яке аз мурдаҳо ҳамон касест, ки дар наҳор паҳлуям менишаст ва чун гов кафша мекард.

– Баъзеҳо ба дараҷае расидаанд, ки, –мегуфт язнаам бо оҳанги тарс гӯё гап дар бораи шайтон мерафта бошад, – розианд дар симои хидматгоре бошанд, ки шароб мекашад, ё ба ҷойи одами бераҳме, ки ба зани бадкора санг мезанад ё нақши қотилеро бозанд, ки дастонаш то оринҷ хунолуд, танҳо барои он ки дар расм тасвир шаванд.

– Фаҳмидам, –гуфтам ҳарчанд нафаҳмида будам. –Ин ба он монанд аст, ки ба китобҳои қадимаи Аҷам шоҳ Исмоилро медароранд. Ё ба ҳикояҳои «Хусрав ва Ширин» расми Темурро, ки баъди солҳои зиёд ҳукмронӣ кардааст.

Дар хонаи дигар садое баромад ё ба назарам намуд?

– Аммо фарангиён ин расмҳоро асосан барои тарсу ҳароси мо ба намоиш мегузоранд, –андаке пас гуфт язнаам. –На танҳо барои нишон додани қудрат ва давлати худ. Бо ин расмҳо исбот карданӣ мешаванд, ки дунёи инсон, мавҷудияти ӯ як чизи бисёр махсус ва

асрорангез[69] аст. Бо офаридани чеҳраҳое, ки ҳеч шабоҳате бо ҳам надоранд ва бо он либосе, ки ҳатто як рахаш мисли дигараш нест, рассомони фарангӣ мехоҳанд бигӯянд, ки дар наздамон як махлуқи асрорангез истодааст ва бо ин ба дили мо тарсу ҳарос ҷой карданӣ мешаванд.

Боре дар соҳили кӯли Комо меҳмони кардинали румие, ки дилбохтаи санъат буд, шуда, маҷмуи муҳташами портретҳоро дидааст, дар он ҷо портрети тамоми шахсиятҳои машҳури фарангӣ: шоҳон, кардиналҳо, аскарон ва шоирон ҷамъ оварда шуда буданд.

– Кадхудои меҳмондӯст бо ифтихор ҳуҷраҳои хонаро нишон дода, баъд маро танҳо гузошт, то ба осудагӣ тамошо кунам, –ба хотир меовард. –Вақте ки он портретҳоро, ки хеле воқеианд, медидам, хусусан, онҳоеро, ки ба шахсиятҳои воқеӣ дахл доштанд ва рост ба чашми тамошобин менигаристанд, ба ин натиҷа расидам, ки мо, одамон, аслан шабеҳи ҳам нестем, балки ҳар касе барои худ ҳувияти комилан фарқкунанда дорад. Ин портретҳо он қадар воқеӣ ва бекаму кост ҳувияти ҳар касро нишон медоданд, ки як лаҳза эҳсос кардам, то вақте як портрет аз худ надошта бошам, на танҳо ин румиён, балки худам ҳам намефаҳмам, ки кӣ ҳастам ва аслан барои чӣ дар ин дунё вуҷуд дорам.

Бо вуҷуди ин, язнаам мефаҳмид, ки суннати портретнигорӣ боиси аз байн рафтани усули комил ва беайби наққошии Шарқ, ки аз замони наққошиҳои Ҳирот то имрӯз вуҷуд дорад, метавонад шавад, аз ин рӯ, мегуфт:

– Дар дилам хоҳише пайдо шуд, ки бо як портрет аз худ нишон диҳам, ки чӣ қадар ман ҳам махсус, мутафовут

[69] *Асрорангез*- дар асли туркӣ ҳам чунин аст.

аз дигаронам, на танҳо шабеҳи касе нестам, балки ҳеч касе монанди ман нест.

Аммо ӯ мисли ҳамаи онҳое, ки шайтони маккор барои анҷоми гуноҳе ба дилаш васваса меандозад, эҳсос мекард, ки бо кадом қуввае ба самти маъсият кашида мешавад, ки наметавонад алайҳаш муқовимат кунад.

– Инро чӣ тавр метавон баён кард? Мисли эҳсоси гуноҳ буд, –андешаҳояшро идома медод язнаам, гӯё худ ба худ гап мезад: –Фикр мекардам, ки бо ин корам ба муқобили Худованд қад алам кардаам ва мехоҳам гӯям, ки ман ҳам ҳастам. Эҳсос мекардам, ки бо ин кор раванди кулли коинотро барҳам заданиам.

Баъд ба хулоса омадааст, ки агар битавонад ин усули устодони фарангиро, ки мисли бозичаи дасти кӯдаки нозпарвард аст, ёд бигирад ва бо иҷозати подшоҳи бузургамон бо сеҳру ҷодуи ин усул нишон бидиҳад, ки ҳувияти воқеии инсон чист, хидмати бузурге ба динамон хоҳад кард.

Фикри сохтани ин китоб ҳам, ки аҳамияташ аз соири нақшҳо дида, ба хотири подшоҳамон аст, аз ин ҷо сарчашма мегирад. Вақте ки язнаам ба Истанбул бармегардад ва ба ҳазрати подшоҳамон аз бартариҳо ва аҳамияти усули фарангии нақшӣ сухан мегӯяд, дар оғоз шоҳи ҷаҳон эътироз мекунанд.

«Чизи асосӣ ҳикоя аст, –мегӯянд, – аммо расми зебо бо як назофат онро пурра мекунад. Вақте расмеро пеши назар меорам, ки ҳикояеро ба анҷом намерасонад, гумон мекунам он расм ба бут табдил ёфтааст. Зеро мо ба ҳикояе, ки нест, бовар намекунем, пас, маълум мешавад ба расм, ба ашё бовар дорем. Магар ин бутпарастӣ нест?! Бутҳое, ки дар Каъба буданд ва онҳоро Пайғамбарамон (с) нобуд карданд. Масалан, ана, он мехчагул ё он паканаи густох агар ҷузъи ҳикоя набошанд, ту онҳоро чӣ тавр мекашӣ?»

«Зебоии бемонанди мехчагулро мекашам».

«Баъд он мехчагулро дар маркази дунё мегузорӣ?»

–Тарсидам, –мегуфт язнаам ба ман. –Вақте ки фаҳмидам андешаҳои подшоҳамон ба куҷо ишора мекунанд, лаҳзае маро ҳарос фаро гирифт.

Ман ҳам фаҳмидам, ки язнаам аз он ки дар маркази расм на иродаи Худованд, балки чизи дигарро мегузорад, ба ҳарос афтидааст.

«Сипас, расмеро, ки дар марказаш он пакана кашида шудааст, дар девор меовезӣ, –идома додааст подшоҳамон ва язнаамро бештар тарсондааст. –Аммо расмро дар девор овехтан мумкин нест. Зеро бо кадом мақсаде, ки расмеро дар девор меовезӣ, дар ниҳоят, ба он саҷда мекунӣ. Агар монанди кофирон бовар мекардам, ки ҳазрати Исо дар як вақт Худо аст (Худованд маро нигаҳдор бошад!) ва чунон ҳисоб мекардам, ки Худованд дар ин дунё як шайъ асту ба шакли инсон пайдо хоҳад шуд, он вақт дар девор овехтани расми инсонро қабул медоштам. Магар ту намедонӣ, ки дар ниҳоят худамон ғайриихтиёр ба расми дар девор овезон саҷда хоҳем кард?!»

– Ман инро хуб мефаҳмидам, – гуфт ба ман язнаам. – Пай мебурдам, ки мо, ҳар ду дар бораи чизҳои хеле хавфнок фикр карда истодаем.

«Аз ин рӯ, розӣ нестам, ки расмам дар девор овехта шавад», –хулоса кардааст подшоҳамон.

– Аммо дар асл инро мехост, –пичиррос зад язнаам бо нимтабассум.

Акнун навбати тарсидани ман буд.

«Аммо мехоҳам бо усули устодони фарангӣ як расм дошта бошам, –аз нав гуфтааст подшоҳамон. –Ин расмро дар байни саҳифаҳои китоб пинҳон кардан даркор аст. Ин китоб чӣ гуна мешавад, ту ба ман мегӯйӣ».

– Дар як вақт маро ҳам ифтихор ва ҳам ҳайрат фаро гирифт, –гуфт язнаам ва боз бо ҳамон табассуми маккорона ба ман нигарист, ба назарам чунон намуд, ки дар рӯбарӯям на язнаам, балки каси дигар нишастааст. – Ҳазрати подшоҳамон дастур дод, ки ҳамоно ба кор сар кунем. Аз хушҳолӣ дар пӯстам намеғунҷидам. Подшоҳамон илова кард, ки ин китоб ба қайсари Рум ҳадя мешавад ва онро ман бояд бурда расонам. Подшоҳамон мехоҳад, ки ин китоб ба муносибати ҳазорсолагии тақвими ҳичрӣ ба охир расонда, нишондиҳандаи қудрати фотеҳи халифаи аҳли ислом, подшоҳи бузургамон гардад. Аммо барои он ки нияти он кас дар бораи бастани сулҳ бо румиҳо пеш аз муҳлат овоза нашавад, ҳамчунин, барои пешгирии нифоқ дар наққошхона он кас дастур доданд, ки китоб ба таври махфӣ омода карда шавад. Бо камоли мамнуният ва ба таври махфӣ ба супориш додани расмҳо сар кардам.

21. Ман – язнаи шумо

Ҳамин тавр, субҳи рӯзи чумъа ба ӯ дар бораи чӣ тавр дар китоб ба таври устодони фарангӣ кашидани расми подшоҳамон нақл кардам. Аз он сар кардам, ки чӣ тавр ба подшоҳамон сафарамро нақл кардам ва чӣ тавр ӯро ба тайёр намудани чунин китоб моил намудам. Аммо ҳадафи аслиам розӣ кунондани Кара барои навиштани ҳикояҳо ба матни расмҳо буд, ки ҳоло худам наметавонистам ба ин кор сар кунам.

Гуфтам, ки расмҳои китоб қариб тайёр шудааст, расми охирин низ ба наздикӣ тамом мешавад.

– Расми марг ҳаст, –гуфтам, –дар китоб чӣ тавр тасвир намудани олами ороми подшоҳамонро ба Лаклаки хушақл фаҳмондам, расми дарахт ҳаст; расми шайтон ҳаст, расми аспе, ки омодааст моро ба дуриҳо барад, саги

маккору доно, пул ҳаст… Онҳо бо дасти рассомони беҳтарини наққошхона чунон зебо кашида шудаанд, ки, – муроҷиат кардам ба Кара, –як бор бинӣ, ҳамоно ба онҳо чӣ навиштанатро медонӣ. Шеър ва расм, рангу калима бародаранд, худат медонӣ.

Духтарамро ба ту медиҳам гӯям? Ногоҳ ба сарам чунин фикр омад. Дар ин хона бо мо зиндагӣ мекарда бошад? Ҳозир ӯ туро бо диққат чун кӯдаке гӯш мекунад, хараш аз об, ки гузашт, бо Шакура мегурезаду меравад. Аммо барои китобро ба охир расондан ба ғайр аз Кара каси дигар надорам.

Баъди баргаштан аз намози ҷумъа дар бораи кашфиёти бузурги устодони итолиёвӣ дар расм – соя сухан сар кардам.

– Агар мо, –гуфтам, –касеро, ки аз кӯча суҳбаткунон мегузарад ва истода дунёро менигарад, ба таври устодони фарангӣ кашиданӣ шавем, бояд худамонро он ҷо тасаввур кунем ва чизеро дар расм тасвир намоем, ки дар кӯча аз ҳама зиёд аст, яъне, сояро.

– Сояро чӣ тавр кашидан мумкин аст? –бо ҳайрат пурсид Кара.

Маро гӯш медоду баъзан дар чашмонаш бесабриро пай мебурдам. Бо рангдони муғулии туҳфакардааш бозӣ мекард. Гоҳо оташкоби сохтаи маро гирифта, аловро мекофт. Баъзан хаёл мекардам, ки ӯ марги маро мехоҳад, бо он белчаи оҳанӣ ба сарам мекӯбад. Барои он ки оламро на он тавре ки Худованди ӯ мебинад, мехоҳам кашанд. Барои он ки ба анъанаҳои устодони Ҳирот, расмҳои гӯё аз хоб эҳёгаштаи онҳо иҳонат мекунам. Подшоҳамонро низ ба ин роҳ даровардам. Баъзан дар оромии пурра қарор мегирифт ва чашмашро аз ман намеканд. Ба фикрам, дар ин вақт аз дил мегузаронд: «Барои духтаратро ба ман доданат ғуломат мешавам…» Як маротиба монанди замони бачагиаш, ки шогирдам

буд, чун падар аз дасташ гирифта, ба ҳавлӣ баровардам, дарахтҳо ва нури тулӯи хуршедро дар рӯйи баргҳо, об шудани барфро нишон додам ва сабаби онро фаҳмондам, ки чаро вақте, ки хонаҳои кӯча ҳар қадар аз мо дур бошанд, хурдтар мешаванд. Аммо акнун иштибоҳ мекардам, дигар аз он муносибатҳои пешинаи падарию писарӣ заррае боқӣ намондааст. Ҷойи кунҷковӣ ва алоқа ба ёдгирии замони бачагиро фикри сабр ва таҳаммул ба лақиданҳои як мӯйсафеди камақл барои ба даст овардани духтараш гирифта буд. Ғурбати чандинсола дар шаҳру мамлакатҳои бегона ба рӯҳияи Кара бетаъсир намондааст. Ҳис карда мешуд, ки аз зиндагӣ дилмонда аст, дилам ба ӯ сӯхт. Ҳис мекардам, ӯ на танҳо аз ман барои он ки дувоздаҳ сол пеш Шакураро ба ӯ надодам, ки ин аслан имконнопазир буд, балки боз аз он ки аз чорчӯбаи нишондодаи устодони афсонавии Ҳирот берун шуда, ба усули наққошии фарангӣ рӯ овардаам ва зӯр мезанам, ки ӯро ҳам дунболи худ барам, норозист. Ба ин хулоса омадам, ки ӯ метавонад барои ҳамаи ин бо он белчаи дасташ худи ҳозир маро зада кушад. Аз ин рӯ, хаёл мекардам, ки аҷалам ба дасти ӯ хоҳад буд.

Аммо аз ӯ наметарсам, худам ӯро метарсонам, зеро фаҳмидам, ҳарчи тарсад, матни китобро беҳтар менависад. Одам бояд худро дар маркази дунё қарор дода тавонад, гуфтам ва илова кардам:

– Яке аз рассомон ба ман расми маргро ба шакли хеле зебо кашид. Мехоҳӣ бинӣ?

Ба нишон додани расмҳое, ки устодони ҳунарманд дар як соли охир ба таври махфӣ барои ман кашидаанд, сар кардам. Дар аввал Кара ба изтироб омад ва ҳатто тарсид. Баъди дидани он ки рассом ҳангоми кашидани расми марг аз саҳнаҳои «Шоҳнома» илҳом бардоштааст (Афросиёб сари Сиёвушро мебурад, Рустам Сӯҳробро ба қатл мерасонад, нафаҳмида, ки ӯ писараш аст), зуд пай

бурд, ки гап дар бораи чист, шояд ҳадафи китоби ояндаи моро фаҳмид, забонаш кушода шуд. Расме, ки маросими ҷанозаи марҳум Султон Сулаймонро тасвир мекард, ба оҳанги азо ва ором, ба таври фарангӣ офарида шуда буд, ҳамчунин, кӯшиш карда будам, бо нӯги мӯйқалам ба он сояҳоро ворид созам. Диққати Кararo дар нақққошии шайтон, ки дар ҳоли ҳаракат додани абрҳои рӯйи уфуқ буд, ба умқи майдон равона кардам, сипас бо нишон додани нақққошии марг тамоми фарқиятҳои услуби румиҳоро, ки нотакрор будани портретро таъкид месозанд, ёдовар шудам. Илова кардам:

– Онҳо мехоҳанд, ки ба касе монанд набошанд, ба ин масъала ҷиддӣ муносибат мекунанд, –гуфтам. –Ин ҷо, ба чашмҳои марг нигар! Одам аз марг наметарсидагӣ мешавад, балки аз ин танҳоӣ ва тафовут ва истисноӣ буданаш метарсад. Ба ин расм нигар ва барояш ҳикоя навис. Ҷасадро ба забон ор, бигир, коғаз, давотро[70]. Навишта тамом кунӣ, ҳамоно ба хаттот месупорам.

Кара чанде хомӯш ба расм нигарист.

– Инро кӣ кашид? –пурсид баъд.

– Парвона. Аз ҳама баистеъдод ӯст. Устод Усмон солҳо боз мафтун ва ҳайрони[71] ӯст.

– Расми ба ин монанди сагро дар қаҳвахона, дар назди маддоҳ дидам, аммо андак нокомил, –гуфт Кара.

– Рассомони ба кор ҷалб кардаам асосан ҳоло ҳам рӯҳан побастаи устод Усмон ва сабки нақққошхонаанд, бинобар ин, ба кори ман эътиқод надоранд. Боварӣ дорам, ҳар шаб, ки корашон тамом шуд, ба қаҳвахона мераванд ва саросема нақққошиҳои арзонбаҳоро ба ҷо меоранд ва дар ҳаққи ман ҳарфҳои пасту баланд мегӯянд. Боре подшоҳамон бо исрорам иҷозат дод, ки як рассоми ҷавони румӣ, ки меҳмонамон буд, расмашро кашад.

---

[70] *Давот* - дар туркӣ «дивит».

[71] *Ҳайрон* - дар асли туркӣ низ ҳайрон.

Сипас, устод Усмонро маҷбур кард, ки бо усули худамон яке аз он наққошиҳои равғаниро нусха бардорад. Устод Усмон ночор супоришро иҷро кард, аммо ҳамон тавре мебинӣ, ҳоло аз тақлид карданаш ба як наққоши ҷавони румӣ нороҳат буда, дар ин бобат маро айбдор меҳисобад ва ба ин ҳақ ҳам дорад.

Тамоми рӯз ба Кара ҳамаи расмҳоро, ба ғайр аз оне, ки ба охир нарасидааст, нишон додам. Далолат намудам, ки барои ҳар расме ҳикоя нависад. Барои ин кор хеле таҳрикаш кардам. Дар бораи хислатҳои рассомон нақл кардам, гуфтам, ки чӣ қадар ба онҳо маблағ мепардозам. Мо дар бораи усули перспектива[72] ҳам суҳбат кардем: оё услуби устодони румӣ, ки ашёи ҳар қадар дар қафо бударо хурдтар мекашанд, бо таълимоти дини ислом мухолиф аст? Сухан дар бораи бечораи Зариф-афандӣ низ ба миён омад; гуфтам, ки пулро дӯст медошт, шояд аз ин сабаб кушта шуд.

Вақти рафтан Кара ваъда дод, ки субҳ бармегардад, шубҳа надоштам, ки ӯ дар болои ин китоб кор хоҳад кард. Бо ӯ худоҳофизӣ карда, дар назди дари боз истодам, садои торафт пасти қадамҳояшро мешунидам, дар ҳавои сарди шаб шабаҳе мегашт, ки қотили эҳтимолии маро пурзӯртару маккортар мекард.

Дари ҳавлиро маҳкам бастам, баъд аз рӯйи одат тубаки куҳнаи сафолиро, ки акнун дар дарунаш райҳон мерӯид, дар пасаш гузоштам, сипас ба хонаам баргаштам, оташи оташдонро баланд кардам ва хобиданӣ будам, ки дар дили сиёҳи торикӣ Шакура бо либоси сафеди кушод монанди як рӯҳ болои сарам пайдо шуд.

– Барои ба ин одам ба шавҳар баромадан қарорат қатъист? –пурсидам.

---

[72] *Перспектива* – яке аз услубҳои рассомии фарангӣ, тағйири ашё бо назардошти масофаи байни он ва бинанда тасвир меёбад.

– На, падарҷон. Шавҳар кардан намехоҳам. Ман ҳоло шавҳардор ҳисоб мешавам.

– Агар бо ӯ издивоҷ кардан мехоҳӣ, акнун метавонам розӣ шавам.

– Ба ӯ ба шавҳар баромадан намехоҳам.

– Чаро?

– Чунки шумо намехоҳед. Одаме, ки ба шумо маъқул нест, ба ман ҳам маъқул нест.

Лаҳзае шуълаи хомӯшшудаистодаи оташдон дар чашмонаш инъикос ёфтанд. Ашки чашмонаш аз ғам не, аз ғазаб буд, аммо дар садояш ягон хел алам ҳис намешуд.

– Кара туро зиёд дӯст дорад, –гуфтам монанди он ки сирреро ифшо мекарда бошам.

– Медонам.

– Тамоми рӯз гапҳоямро на ба хотири ишқи наққошӣ, балки ба хотири муҳаббати ба ту доштааш гӯш медод.

– Китобатонро тамом мекунад, муҳим ин аст.

– Шавҳарат рӯзе бармегардад, –гуфтам.

– Намедонам, чаро, аммо шояд ин хомӯшӣ дарак медиҳад, ки вай ҳеч вақт барнамегардад, имшаб ба ин хулоса омадам. Хобам шояд дуруст бошад: Ӯро куштаанд. Устухонҳояш туъмаи ҳайвонҳо гаштаанд. – Ҳарфи охирашро барои он ки кӯдакони хобидааш нафаҳманд, пичирросзанон гуфт, аммо бо ғазаб.

– Агар маро кушанд, –идома додам, –мехоҳам, бо ҳар роҳ ин китобро ба охир расонӣ. Ба ман қавл бидеҳ.

– Қавл медиҳам. Аммо кӣ ба охир мерасонад?

– Кара. Ба ӯ ин корро ту месупорӣ.

– Зотан шумо супоридед, падарҷон, –гуфт. –Ба таъкиди ман эҳтиёҷ нест.

– Дуруст. Аммо барои ту шуда маро гӯш мекунад. Маро кушанд, тарсида китобро партофтанаш мумкин.

– Он вақт наметавонад маро ба занӣ гирад, –лабханд кард духтараки донои ман.

Чаро гуфтам, ки лабханд кард? Дар тамоми рафти суҳбат ба ғайр аз дурахши рӯшноӣ дар чашмонаш чизеро мушоҳида намекардам. Дар мобайни хона муқобили ҳам сари по меистодем.

– Аз ҳамдигар хабардор шуда меистед, байнатон ишорае ҳаст? –тоқат накарда пурсидам.

– Чӣ тавр чунин фикрҳо ба саратон меояд?

Хомӯшии дурударози дарднок ба миён омад. Аз дуриҳо як саг аккос зад. Ба худ ларзидам, хунук хӯрдам. Хона он қадар торик буд, ки ҳамдигарро намедидем, фақат ҳис мекардем, ки рӯ ба рӯи ҳам истодаем. Баъд худро ба тарафи ҳамдигар партофтем, сахт ба оғӯш гирифтамаш. Ба гиря даромад, гуфт, ки модарашро ёд кардааст. Аз мӯйҳояш, ки бӯйи мӯйи модарашро мекард, бӯсидам, сила кардам. Ба рахти хобаш бурда, дар паҳлуи кӯдаконаш, ки ба ҳам часпида мехобиданд, хобондам. Берун баромада, ду рӯзи гузаштаро ба ёд оварда, ба хулосаи қатъӣ омадам, ки Шакура ва Кара аз ҳоли ҳамдигар бохабаранд.

22. Номи ман Кара аст

Шаб ба хона расидан замон барои ҳарчи зуд аз дасти соҳибхона, ки маро торафт бештар ба ғамхории модарона фаро мегирифт, халос шудан худро ба ҳуҷра задам ва дар ҷогаҳ ба ёди Шакура даромадам.

Аз он шурӯъ мекунам, ки чӣ тавр бо шавқу завқ садоҳоро диққат медодам: Баъди дувоздаҳ сол бори дуюм ба хонаи онҳо рафта бошам ҳам, ӯро надидам. Аммо ҳузури ӯро ҳамеша ҳис мекардам, боварӣ доштам, ки ҳамеша маро наззора мекунад, ҳамчун шавҳари имконпазир пеши назар меорад ва аз чунин бозӣ ҳаловат

мебарад. Бинобар ин, ҳис мекардам, ки ҳамеша дар мадди назарам аст. Дар ин муддат ба маънии сухани Ибни Арабӣ сарфаҳм рафтам, ки чашми ишқ қудрати дидан ва ҳис кардани чизи ғоибро дорад.

Аз рӯйи садоҳои хона, ғичир-ғичири фарш мефаҳмидам, ки Шакура маро мушоҳида мекунад. Лаҳзаҳое буданд, ки ӯ аниқ бо кӯдакон дар ҳуҷраи паҳлуие, ки дараш ба даҳлез кушода мешавад, қарор дошт: Зеро мешунидам, ки чӣ тавр бачаҳо баҳс мекарданд, баъд якбора хомӯш мешуданд, шояд модарашон бо нигоҳҳои таҳдидомез ва ишораҳои чашму абрӯ сокиташон мекард, бидуни он ки ҳарфе ба забон орад. Чанд бор садоҳоеро шунидам, ки ба суҳбати пасти дигарон ҳангоми намозхонии касе монанд буд, ду нафар пичиррос заданд, баъд хеле паст хандиданд.

Боре вақте ки язнаам дар бораи муъҷизаҳои олам ва соя нақл мекард, Шавкат ва Орҳан ворид гаштанд ва ба мо дар лаълӣ қаҳва дароз карданд; ҳама ҳаракатҳои бодиққат ва хосашон маълум мекард, ки пешакӣ ба онҳо ёд дода шудааст. Ин корро бояд Ҳурия анҷом медод, аммо фикр мекунам модарашон бачаҳоро фиристода буд то бо касе, ки ба эҳтимоли қавӣ дар ояндаи наздик падарашон мешавад, аз наздик шинос шаванд, ҳамчунин, имкони дар оянда дар бораи ин одам гап задан пайдо шавад.

– Чӣ қадар чашмони зебо дорӣ, –гуфтам ба Шавкат, аммо абрӯ чин кардани хурдиаш Орҳанро дида. – Чашмони ту ҳам зебоянд, –гуфта илова кардам ва аз ҷайбам[73] шохчаи рангпаридаи гули мехакро бароварда, болои лаълӣ гузоштам ва баъд аз рухсори бачаҳо бӯсидам. Ҳамоно аз хонаи паҳлу садои ханда ва қиқиррос ба гӯш расид.

[73] *Ҷайб*- дар асли туркӣ «ҷеб».

Баъзан маро ҳисси кунҷковӣ фаро мегирифт: аз куҷо, аз кадом сӯрохии дар, девор ва ҳатто мумкин аст сақфи хона Шакура маро менигарад; сарҳисобамро гум карда, сӯрохе, чашми тахта, ё ҳамту доғеро ба мушоҳида мегирифтам ва Шакураи паси он пинҳонро пеши назар меовардам. Баъзан чунон тахминамро санҷидан мехостам, ки нисбат ба язнаам, ки ҳамоно чизе нақл мекард, беодобӣ шавад ҳам, аз ҷояш мехестам ва андешамандона бо ифодаи эҳтиром бе ягон мақсад ба қадамзанӣ медаромадам, сипас ногаҳон ба доғи шубҳанок наздик мешудам.

Баъди фаҳмидани он, ки вай сӯрохи назоратӣ нест ва паси он Шакураро намебинам, ҳисси ноумедӣ маро фаро мегирифт. Лаҳзае ҳисси аҷиби танҳоӣ ва беқарорӣ даст медод, ҳисси одаме, ки намедонад чӣ тавр зиндагӣ кунад.

Баъзан нигоҳи Шакураро чунон саҳеҳ эҳсос мекардам ва чун ҳар як марде, ки худро дар назди маҳбубааш одами обрӯманд ва пурзӯр нишон доданӣ мешавад, симои ба худ хос мегирифтам. Баъд ба сарам фикре меомад, ки Шакура ва кӯдаконаш маро бо шавҳар ва падари дар ҷанг гумшудаашон муқоиса мекунанд, он гоҳ беихтиёр фарангиҳои машҳури дар портретҳо тасвиршударо, ки язнаам дар бораашон нақл мекард, пеши назар меовардам. Мехостам ба ин одамон монанд шавам, аммо на чун авлиёҳои муқаддас, ки азоби сахт кашидаанд, на чун шавҳари гумноми Шакура, ки бо як зарби шамшер сари душманро аз тан ҷудо мекунад, балки тавассути китобҳои навишта ва расмҳо шуҳрат пайдо хоҳам кард; ба онҳо монанд шудан мехостам, маҳз барои он ки язнаам дар бораи онҳо ба духтараш нақл кардааст. Бо тамоми қувва портрети он ашхосро пеши назар меовардам, ки муаллифонашон, ба қавли язнаам аз гӯшаҳои торик ва сеҳрноки олам илҳом ва қувваи эҷодӣ пайдо кардаанд; мехостам ин муъҷизаҳои оламро, ки дар бораашон

язнаам бо шавқ нақл мекард, тасаввур намоям, аммо қувваи илҳомам камӣ карда, худро ҳақиру нотавон эҳсос мекардам.

Ногоҳ ба хона Шавкат даромад, бо як ҳаракати ҷиддӣ тарафам омад. Аз дилам гузашт, ки дастамро бӯсиданист. Хайр чӣ, дар Мовароуннаҳр, байни баъзе қабилаҳои араб ва черкасҳои Қафқоз одат шудааст, ки писари калонии соҳибхона дасти меҳмонро на танҳо вақти ташрифи ӯ, балки ҳангоми ба кӯча баромадан ҳам мебӯсад. Дастамро дароз кардам, бигзор бӯсад ва ба пешониаш гузорад, худи ҳамон лаҳза аз наздикиҳо садои хандаи Шакура ба гӯшам расид. Яъне, ба ман? Худамро гум кардам, барои он ки аз вазъ раҳоӣ ёбам, аз китфони Шавкат дошта, аз ҳар ду бари рӯяш бӯсидам, мумкин инро мехостанд? Дар як вақт ҷониби язнаам табассум мекардам, то суханаш қатъ нагардад, ҳамчунин, имкон пайдо кардам бачаякро бӯй кашам, ба умеде, ки бӯйи модараш ба машомам расад. Шавкат аллакай тоб хӯрда берун мебаромад ва пай бурдам дар кафам як порча коғазро гузоштааст.

Коғазро монанди ҷавҳаре ба ҳавучам[74] сахт фишурдам. Вақте дарк кардам, ки коғаз номае аз Шакура аст, маро чунон эҳсоси хушбахтӣ фаро гирифт, ки қариб буд, саросема ба язнаам бихандам. Магар ин далели пуршиддати алоқамандии Шакура бо ман нест? Лаҳзае намедонам, чаро худам ва Шакураро дар ҳоли ҳамдигарро дӯстдорӣ кардан тасаввур намудам. Ногаҳон пай бурдам, ки сабилмонда, чизе миёни пойҳоям беихтиёр сахт шудан дорад, боз дар вазъи ноқулай, дар рӯ ба рӯйи язнаам. Аҷиб, Шакура инро дида истода бошад? Барои он ки аз чунин андешаҳо дур бошам, бодиққат ба нақли язнаам гӯш додам.

[74] Ҳавуч – айнан, ҳавуч ба маънои кафи панҷаи даст.

Баъди хеле вақт, замоне ки язнаам барои нишон додани саҳифаи навбатии китоб даст дароз кард, коғазеро, ки бӯйи шамшод мекард, кушодам ва дидам, ки дар рӯяш чизе навишта нашудааст. Бовар накарда, коғазро дар дастам давр занондам.

– Чун аз тиреза, –сухани саркардаашро идома дод язнаам, –дар усули перспектива оламро гӯё аз тиреза мебинанд... Ин чӣ коғаз аст?

– Ҳеч чиз нест, Эниште-афандӣ, –ғурунгос задам, аммо баъд коғазро дурудароз бӯридам.

Баъди таоми пешин барои он ки аз зарфаки нишастгоҳи язнаам истифода набарам, иҷозат пурсида, ба ҳоҷатхонаи рӯйи ҳавлӣ баромадам. Сармои сахт буд. Барои он ки хунук назанад, зуд корамро анҷом дода баромаданӣ будам, ки рӯ ба рӯям чун роҳзане Шавкат баромад. Дар дасташ зарфаки бобояш буд, ки ҳавраш мебаромад. Онро холӣ кард. Берун баромада, дар дасташ зарфи холӣ, лунҷҳои бе ин ҳам лундаи худро варам кунонда, бо чашмони зебояш ба ман нигарист.

– Ту ягон бор гурбаи мурдаро дидаӣ? –пурсид.

Биниякаш худи бинии модараш барин. Аҷиб, модараш моро дида истода бошад? Баргашта нигоҳ кардам, дидам, ки тирезаи ошёнаи дуюм, ки баъди солҳои зиёд бори аввал Шакураро дида будам, баста аст.

– Не.

– Дар хонаи яҳудии овехтагӣ гурбаи мурдаро нишонат диҳам?

Ҷавобамро интизор нашуда ба кӯча баромад. Аз пасаш равон шудам. Бо кӯчаи яхбаста чил-панҷоҳ қадам роҳ гашта, ба боғчаи партове расидем. Атроф аз хазонҳои пӯсида пур буда, бӯйи наму мағор ба димоғ мерасид. Чунон ба назар мерасид, ки дар паси дарахтони ғамноки

анҷир ва бодом[75] хоначаи зарди куҳнае гӯё аз чашми тамоми олам худро пинҳон карданӣ шуда истодааст, бача чун одами на як бору ду бор ба ин ҷо омада тарафи он тап-тап равон шуд.

Хона холӣ, аммо монанди он ки касе дар ин ҷо зиндагӣ мекарда бошад, тоза ва бисёр гарм буд.

– Хонаи кист? –пурсидам.

– Яҳудиҳо. Баъди соҳибаш мурдан бачаҳояш ба паноҳгоҳи Йемиш-Искелеси, ба маҳаллаи яҳудиҳо кӯчиданд. Ҳоло ба хона савдогар Эстер харидор мекобад. –То як кунҷи хона рафта баргашт. –Гурба рафтааст, нест, – гуфт.

– Гурбаи мурда роҳ гашта наметавонад.

– Мурдаҳо мегарданд, мегӯяд бобо.

– Аммо худашон не, –гуфтам. –Рӯҳашон мегарданд.

– Аз куҷо медонӣ? –пурсид бо қиёфаи ҷиддӣ зарфаки нишастро маҳкамтар бағал карда.

– Ҳамин тавр. Ту ба ин ҷо зиёд меоӣ?

– Модарам бо Эстер меояд. Шабҳо шабаҳҳо меомадаанд, аммо ман наметарсам. Ту оё одам куштаӣ?

– Бале.

– Чандто?

– Зиёд не, ду нафар.

– Бо шамшер?

– Бо шамшер.

– Рӯҳашон мегарданд?

– Намедонам. Ба қавли китобҳо гаштанашон даркор.

– Амаки Ҳасанам як шамшери сурх дорад, ҳама чизро мебурад. Боз ханҷаре[76] дорад дастааш ёқутӣ. Падари маро ту куштӣ?

Сарамро ба маънои на ҳа, на не ҳаракат додам.

– Мурдани падаратро аз куҷо медонӣ?

---

[75] *Анҷир ва бодом* - дар асли туркӣ низ анҷир ва бодом.

[76] *Ханҷар* - дар асли туркӣ низ «ҳанчар».

– Модарам дирӯз гуфт. Дигар барнамегаштааст. Дар хобаш дидааст.

Ҳамаамон мехоҳем, ки рафторҳои нодурустамонро, ки ба хоҳишҳои нописанд, шаҳватомез ё даво бахшидани дили шикаста вобастаанд, бо ичрои ҳадафҳои нек алоқаманд намоем, инак, ман ҳам қарор додам, ки ба ин ятимакон ба ҷойи падар мешавам, бо ин андеша ба хона баргашта, нақли бобояшонро оид ба китоб бо таваҷҷуҳи бештар гӯш додам.

Дар бораи расмҳои нишондодаи язнаам чӣ метавон гуфт, масалан дар бораи аспҳо: Дар ин расм одам нест, фақат асп аст, аммо гуфта намешавад, ки ин расми танҳо асп аст. Асп ин ҷо, аммо савор ҳам шояд дар наздикиҳост: каноре рафтааст, ҳозир аз паси буттаҳо, ки бо усули қазвинӣ дар пасманзар кашида шудааст, мебарояд. Ҳамаи инро аз рӯйи зини ороишёфтаи омодаи сафар ҳам метавон пай бурд. Ва шояд ҳоло ба назди асп одамони шамшербадаст ҳозир мешаванд.

Чӣ тавр офарида шудани ин расмро хуб тасаввур мекунам. Шабона пинҳонӣ ба назди язнаам рассом меояд; вай барояш кашидани аспро мефармояд. Рассом тасвири дар зеҳнаш мавҷудаи аспро ҳамчун қисмате аз ҳикоя мекашад. Яъне, ӯ аспро аз ягон саҳнаи ҳарб ё ошиқӣ, ки ҳазорҳо дафъа дидааст, ба хотир оварда ба кашидан медарояд ва ҳамин вақт язнаам аз расмҳои устодони фарангии дидааш илҳом бардошта, чунин гуфтанаш мумкин аст: «Саворро накаш, ана, дар ин ҷо як дарахтро гузор. Аммо дар пасманзар ва ҳам хурдтар каш».

Шабона наққош бо язнаам дар сари пештахта[77] нишаста, дар рӯшноии шамъ ба кашидани чизи ба назари ӯ аҷиб ва ғайриодӣ, ки ба ягон саҳнаи дар ёд доштааш монанд нест, медарояд; аммо бо ҳавас кор мекунад, зеро

[77] *Пештахта*- дар асли туркӣ низ «пештахта».

язнаам барои ҳар расм пули хуб медиҳад, рости гап, чизи бад набаромадааст. Аммо на язнаам ва на наққош медонанд, ки ин расми асп ба кадом ҳикоя мувофиқ аст. Язнаам аз ман мехоҳад, ки барои ин расмҳои бо тарзи ҳам румӣ ва ҳам аҷамӣ офаридашуда ҳикоя нависам, ки онҳоро дар саҳифаҳои китоб дар паҳлуи он расмҳо гузоштан мумкин бошад. Барои он ки Шакураро тамоман фаромӯш накунам, маро ҳатман зарур аст, ки ин ҳикояҳоро нависам, аммо ба ғайр аз чизҳои дар қаҳвахона нақл кардаи маддоҳ чизе ба сарам намеояд.

23. Қотил меноманд маро

«Тик-тик»-и соат аз расидани шом хабар медиҳад, ҳоло азон садо надодааст, аммо шамъдони[78] канори тахтаи наққоширо равшан кардам. Мӯйқаламро ба ранги сиёҳи ҳасан-пошоӣ хаста, бо ҳаракати чобукона дар рӯйи коғази хуби қимати оҳордода аз рӯйи ҳофиза расми як афюнкашро[79] мекашидам ва аз болояш ҷило медодам, ки боз ҳам овоеро, ки ҳар шом маро ба кӯча даъват мекард, шунидам. Аммо ба он таваҷҷуҳ накардам. Шом ба кӯча набаромада, дар хона кор карданро афзалтар медонистам, мехостам дари хонаро ба чорчӯбаш мехкӯб кунам.

Китоберо, ки болояш ин қадар таъҷилӣ кор мекардам, як арманӣ, ки субҳи барвақт аз Галата[80], вақте ки ҳама дар хоб буданд, омада супориш додааст. Ин одам новобаста ба он ки забонаш мегирад, вазифаи тарҷумонӣ ва роҳбаладиро низ ичро мекунад, вақте ягон сайёҳи фарангию итолиёвӣ аз ӯ дастрас намудани

[78] *Шамъдон* - дар туркӣ низ «шамъдон».
[79] *Афюнкаш* – дар туркӣ низ афюнкаш.
[80] *Галата* –ноҳияи Истанбул дар соҳили шимоли халиҷи Шохи зарин.

қиёфатномаеро[81] хоҳиш менамояд, ҳамоно назди ман омада, ба савдо мепардозад. Субҳ мо дар бораи тайёр кардани қиёфатномаи андозаи миёна, ки дорои бист саҳифа аст, ба ивази яксаду бист акча муомила карда будем, аз ин рӯ, то азони шом дар як нишаст қиёфаи одамони машҳури Истанбулро бо диққат додан ба сару либосашон кашидам: шайхулислом, сарпосбон, имом, яничар[82], дарвеш, сипоҳӣ, қозӣ, ҷигарфурӯш, ҷаллод (мақбул он аст, ки ҳангоми иҷрои вазифааш бошад), гадо, зани равонаи гармоба, афюнкаш. Ба хотири чанд танга бештар ба даст овардан он қадар аз ин китобҳо тартиб додаам, ки ҳоло барои зиқ нашудан бозиҳое барои худ фикр карда мебарорам: қаламро аз коғаз набардошта кашидани расми қозӣ, бо чашми пӯшида кашидани расми гадо.

Ҳамаи дуздон, шоирон, афтодарӯҳҳо медонанд, ки баробари садо додани азони шом кулли ҷину шайтонҳои дар ботинашон буда мешӯранд, девонагӣ мекунанд, аз роҳи рост берун месозанд: Ба берун, ба берун, ба ҷойе баро, ки одамон дигаранд, торикӣ, палидиҳо, разолат ҳукмрон аст. Солҳо лозим шуданд то ин ҷину шайтонҳоро ба худ тобеъ созам. Расмҳое, ки муъҷизаи дастонам ҳисоб мешаванд, бо ёрии ин ҷину шайтонҳо нақкошӣ шудаанд. Аммо ҳафт рӯзи охир баъди куштани он касофат онҳоро идора карда наметавонам, шабҳо вазъро чунон муташанниҷ мегардонанд, ки ба худ мегӯям: Як бароям, балки ором мешаванд.

Инак, инро ба худ гуфтаму аз рӯйи одат нафаҳмида мондам, ки чӣ тавр ба кӯча баромадам. Кӯчаҳои хоку лойолуд, майдонҳои пурбарф, пайраҳаҳои якбаста, ки ҳеч кас аз онҳо нагузаштааст, бароям фарқе надоранд, фақат роҳ меравам. Вақте ки дар торикӣ ва сармои шаб дар

---

[81] *Қиёфатнома* - дар асли туркӣ низ «қиёфатнома», маҷмӯаи расмҳо.
[82] *Яничар* - сарбози даврони Туркияи усмонӣ.

кӯчаву паскӯчаҳои шаҳр бо суръат меравам, гуноҳҳоям дар қафо мемонанд ва бо ҳар қадаме, ки дар ин тангкӯчаҳо, канори деворҳои сангии масҷиду мактабҳо мегузорам, гӯё тарсам кам мешавад.

Чун ҳамеша пойҳоям маро ба канори шаҳр, ба маҳаллаи беодам оварданд, ки дар он ҷо ҳатто ҷину шабаҳҳо бе ларзиши андом гузашта наметавонанд. Аз рӯйи шунидам, нисфи мардуми ин ҷо дар ҷанги Аҷам кушта шудаанд, боқимондаҳо, азбаски дар ин ҷо бӯйе аз хушбахтӣ намондааст, рафтаанд, аммо ба ин гап бовар намекунам. Ҷанги Аҷам, дар ҳақиқат, ба ин маҳаллаи шукуфон таъсири бад расонд, аммо ба таври дигар. Дар қадим ин ҷо токи қаландарон амал мекард, баъди оғози ҷанг, чил сол пеш ба дари он қулф заданд.

Буттаҳои марминҷон ва дарахтони ғорро пас гузоштам, ки бӯйи хушашон дар ин сармо низ ба димоғ мерасид; аз рӯйи хислати эҳтиёткориву интизоме, ки дорам, тахтаи байни дудкаши афтида ва тирезаро, ки чорчӯбаш шикаста аст, дуруст кардам ва ба хона даромадам. Аз бӯйи садсолаи хуш ва нам чуқур шамида, қариб гиристам, худро дар ин ҷо хеле хуб эҳсос мекунам.

Агар то ҳол нагуфта бошам, акнун мегӯям: ман ба ғайр аз Худованд аз касе наметарсам, ҷазои дар ин дунё шояд бароям муайяншударо бошад, ҳеч чиз намеҳисобам. Аз азобҳое, ки дар Қуръони шариф, аз ҷумла, дар сураи «Ал-Фурқон» дар бораи ҷазои қотилон дар қиёмат зикр ёфтааст, метарсам. Ҳамин ки дар ин бора фикр мекунам, пеши назарам тасвирҳои одӣ, андаке сода, аммо хеле пурдаҳшати дӯзах, ки устодони ҳунари куҳани араб анҷом додаанд (онҳоро дар саҳифаҳои чармии хеле куҳна, фарсудаи китобҳо, ки баъзан ба дастам меафтанд, дидан мумкин аст), ё расмҳои саҳнаҳои ҷазодиҳии пурдаҳшати рассомони чинӣ ва муғулӣ пеши назар меоянд. Вақте маро аз тасаввури ин саҳнаҳои пурдаҳшат ҳарос пахш

мекунад, худро маҷбур мекунам, ки ба нақши шореҳи Қуръон дароям ва чунин андешаронӣ намоям. Дар ояти сию сеюми сураи «Ал-Исро» чӣ гуфта мешавад? Магар дар бораи он не, ки Худованд куштани одамро бе сабаб манъ кардааст? Инак: он нобакоре, ки ман ба дӯзах фиристодам, муъмини ҳақиқӣ набуд, маҳз куштани муъминҳоро Худованд манъ кардааст; дигар, барои шикастани сари вай бурҳони қотеъ дорам.

Ин зот ҷуръат карда, эътибори мо, онҳоеро, ки дар болои китоби махфии подшоҳамон кор мекунем, паст зад. Агар даҳони ӯро намебастам, ӯ Эниште-афандӣ, ҳамаи ҳамкасбон ва ҳатто устод Усмонро зиндиқ эълон карда, ба дасти ҷаллодони ин хоҷаи девона аз Эрзурум медод. Ин муридони ваҳшӣ имкони нишон додани қувваашонро ҷустуҷӯ доранд, ҳамин ки касе садо барорад, ки рассомон алайҳи дин рафтор мекунанд, на танҳо моро ҷазо медиҳанд, балки наққошхонаро ба хок яксон менамоянд, ҳатто подшоҳамон пеши роҳашонро гирифта наметавонанд.

Ҳар гоҳ ба ин ҷо оям, рӯбучин мекунам, инак, аз пинҳонгоҳ ҷорӯб ва латтаро баровардам. Аз кор андаке баданам гарм шуд, худро бандаи ҳақиқии Худованд эҳсос намудам. Барои ин ки ин ҳиссиёт аз байн наравад, дурудароз ибодат кардам, хунукӣ асар кард, гулӯям ба дард даромад. Ба кӯча баромадам.

Баъд намедонам, чӣ маро ба ҷойи дигар овард, ҳолати намафҳуме доштам. Бо кадом роҳ аз маҳаллаи беодаму токи дарвешон берун шудам, дар чӣ фикр будам, намедонам, аммо ниҳоят, ба кӯчаи шиносе баромадам, ки дар ду тарафаш дарахтони сарв рӯидаанд.

Ҳар қадар кӯшиш накунам, маро аз ин андеша дур шудан имкон нест, он мағзи маро чун кирм мехӯрад; шояд баъди бо шумо гап задан сабук шавам. Муддате пеш аз маргаш ин хабаркаши нобакор, бадбахти Зариф-афандӣ,

ҳар тавре ки хоҳед номед, дар ҳаққи Эниште зӯр зада бадгӯйӣ мекард. Масалан, мегуфт, ки ӯ ҳама расмҳоро бо усули перспектива мекашад. Ба суханҳояш эътибор надодам, баъд, он разил гуфт: «Боз як расми дигар ҳаст, нотамом. Вай тамоми бовару эътиқоди моро аз байн мебарад. Ин на танҳо даҳригист, балки кофирии мутлақ аст!» То се ҳафтаи ин гуфтугӯ, дар ҳақиқат, Эниште-афандӣ аз ман хоҳиш карда буд, ки дар як қисми варақи калон чанд расм кашам – тасвири асп, пул, марг ва ҳамаашон ба андозаҳои гуногун, ҳамон тавре ки дар услуби фарангиҳо ҷоиз аст. Қисми калони варақро, ки дар он бадбахти Зариф-афандӣ аллакай кори тазҳиброанҷом дода буд, Эниште-афандӣ бо коғаз мепӯшид, гӯё чизеро аз ману дигар рассомон пинҳон доштан мехост.

Мехоҳам, аз Эниште-афандӣ бипурсам, ки дар он расм чӣ кашида шудааст, аммо маро бисёр чиз нигоҳ медорад. Аввал, ӯ гумон карданаш мумкин аст, ки Зарифро ман куштаам ва дар ин бора метавонад ба дигарон нақл кунад. Дуюм, ногоҳ ӯ бигӯяд, ки Зариф-афандӣ ҳақ аст. Баъзан, гумон мекунам, ки дар гуфтор Зарифро ёдовар нашавам, аммо бо ин ҳаросам кам намешавад. Агар одам ғайриихтиёр зидди ҳақиқат амал кунад, на он қадар рӯзи сахт аст, аммо ман ҳамаи инро эҳсос мекунам.

Дар ҳақиқат, пойҳоям аз ақлам гиротар будааст, онҳо маро ба кӯчае, ки Эниште-афандӣ зиндагӣ мекунад, оварданд. Дар кунҷе пинҳон шудам ва дурудароз хонаро мушоҳида кардам, дар торикӣ, миёни дарахтон базӯр менамуд ин иморати дуошёна, манзили аҷиби шахси сарватманд. Дар куҷои он Шакура зиндагӣ мекунад, намедонам. Баъзан, аз хаёл мегузаронам, ки агар монои рассомони табрезии даврони шоҳ Таҳмосп иморати мазкурро дар зеҳн бо корд ду тақсими баробар кунед, ин духтари хушрӯ дар куҷо мемонда бошад.

Дарича кушода шуд, Кара баромад. Эниште ӯро бо нигоҳи пурмеҳр гусел кард ва даричаро баст.

Вақте ин саҳнаро мушоҳида кардам, дар сари пуроруям се фикр пайдо шуд.

Якум, Эниште-афандӣ кори итмоми китобро ба Кара супоридааст, барои он ки кори вай аз ҳар яки мо арзонтар меафтад ва аз тарафи ӯ хатаре ҷой надорад.

Дуюм, Шакураи зебо ба Кара ба шавҳар мебарояд.

Сеюм, бадбахти Зариф-афандӣ ҳақ буд ва ман ӯро беҳуда куштам.

Дар чунин лаҳзаҳо, ки ақли сахтгир ба хулосае меояд, ки дил онро қабул надорад, инсон бо тамоми ҷисму ҷонаш қиём хоҳад кард. Инак, ҳоло як ҳиссаи ақлам бовар надорад, ки беҳуда одам куштам. Аммо пойҳоям боз аз ақлам гиротар баромаданд ва маро аз паси Кара-афандӣ кашола карда бурданд.

Мо кӯчаҳоро паси ҳам мегузаштем, фикр мекардам, ки чӣ тавр осон аст бароям куштани ин одами аз зиндагиву аз худ розӣ Кара. Он гоҳ ду хулосаи аввалamро метавон фаромӯш кард. Ҳамчунин, чунон мебарояд, ки беҳуда Зариф-афандиро накуштаам. Ана, даҳ қадам пеш рафт, Карароро расонд ва ба сари вай зарбаи сахт зад – он гоҳ олам гулистон, Эниште барои ба охир расондани китоб маро даъват хоҳад кард. Аммо ҳиссаи ростқавл ва эҳтиёткори майнаи сар (ростқавлӣ бошад, рости гап, тарсончакист) маро боз ҳам огоҳ кард, ки нокасе, ки корашро тамом карда, ба чоҳ партофтам, дар ҳақиқат, туҳматгар буд. Агар чунин аст, ӯро беҳуда накуштаам ва Эниште, ки дар китобаш ягон чизи зарарнок нест, боз маро ба хонаи худ даъват хоҳад кард.

Аммо ба тахтапушти Кара нигоҳ кардан замон дарк намудам: чунин нахоҳад шуд. Орзуи нораво. Ана, Кара одами дигар. Бо ҳама чунин мешавад: орзуҳои ширин, ҳафтаҳо, солҳо онҳоро интизорӣ мекашӣ, гӯё

иҷрошавандаанд, аммо ҳамин ки як чеҳраи дигар, инсони хушбахти дигар пеши назар пайдо мешавад, ба бахти ту соя меафканад, духтари дӯстдоштаатро ба ту намедиҳанд, мансаби дилхоҳро соҳиб намешавӣ.

Бо душмании беҳад ба Кара менигаристам: ба пушти сараш, ҳаракати китфонаш. Чӣ нофорам роҳгардӣ дорад, гӯё бо қадаммониаш заминро миннатдор мекарда бошад. Чунин одамон, ки азоби виҷдон намекашанд ва ҳамеша дар пешашон хушбахтии абадиро мебинанд, ҳар як хонаю дилро чун султони дилҳо мекушоянд ва мо, сокинони ин хона ҳамоно худро ҷабрдида меҳисобем. Базӯр худро нигоҳ доштам, аз бардоштани санге ва бо он ба сари Кара фаровардан.

Мо, ду марди ошиқ ба як зан: пеш-пеш Кара, ки аз будани ман бехабар аст ва аз қафо ман; гоҳо барозро мебаромадем, гоҳ фарозро мефаромадем, дар кӯчаҳои Истанбул, ки ба ихтиёри сагҳои дайду гузошта шудааст, дуртар аз махлуқҳои ношиноси монанд ба роҳзан, ки ҳар роҳгузари шабмондаро тайёранд хафа карда кушанд; аз канори хокистари макони ҷинҳо, масҷидҳо, ки дар гумбазашон фариштаҳо хона мондаанд, оромгоҳҳое, ки дарахтони саврашон бо рӯҳи мурдагон пичир-пичир суҳбат доранд, байни қабрҳо шабаҳҳо мегарданд, аз канори дӯконҳои зиёд, аспхонаҳо, токҳо, устохонаҳои шамъпазиву сарроҷӣ мегузаштем, ба назарам чунон менамуд, ки Кararo на таъқиб дорам, балки тақлид мекунам.

24. Номи ман Марг аст

Мебинед, ман марг ҳастам, аммо тарсидан лозим нест, чунки ман як расмам. Бо вуҷуди ин, тарсиданатонро аз чашмонатон мебинам. Ба назари шумо монанди кӯдаконе, ки зиндагиро бо бозӣ омехта мекунанд, дар ман

аз марг чизе ҳаст, аз ин ба даҳшат меафтед. Маъқулам аст, ки шумо ба ман нигариста, пешакӣ ҳис мекунед, чӣ тавр дар соати бебозгашти охирини умр аз тарс поҷомаатонро тар мекунед. Ин ба гуфтан осон; ҳангоми вохӯрӣ бо марг аксарияти одамон, аслан мардони диловар ҳам худро аз даст медиҳанд. Аз ин рӯ, дар майдони ҷанг, ки шумо бисёр тасвир мекунед, на бӯйи борут ва филиз, балки ахлот ва гӯшти бӯйгирифта ба машом мерасад.

Медонам, дафъаи аввал расми як маргро мебинед.

Соле пеш пирамарди асрорангезу қоматбаланд ва лоғаре наққоши ҷавонеро ба хонааш даъват кард. Пирамард наққоши ҷавонро ба ошёнаи дуюм бароварда, ӯро бо қаҳваи хушбӯй, нарму оромбахш зиёфат кард. Вақте майнаи рассом равшан шуд, мӯйсафед дар паси дари кабуд ҳуҷраи нимторикеро нишон дод, ки дар он ҷо тамоми чизҳои зарурии рассом мавҷуд буд: коғази беҳтарини ҳиндӣ, қаламмӯ аз мӯйи санҷоб, варақҳои тилло, ҳар гуна қаламҳо, қаламтароши дастааш марҷон. Бо дидани ҳамаи ин ва аз он ки илова кард, маблағи хуб ҳам пардохт менамояд, дили устои наққош аз шодӣ ба тапиш даромад.

– Бароям расми маргро каш, –гуфт сипас.

– Дар ҳаётам ҳеч гоҳ маргро надидаам, кашида наметавонам, –гуфт наққоши ҳунарманд, ки баъд ба ҳар ҳол расми маро кашида буд.

– Расми як чизро надида, онро кашидан мумкин аст, – эътироз кард мӯйсафед.

– Бале, шояд дидан шарт нест, –ҷавоб дод устоди рассом, ки баъд маро кашид, –аммо монанди расми устодони куҳан мукаммал намешавад, агар ҳазорҳо маротиба накашида бошанд. Наққош ҳар қадар устод бошад ҳам, як чизи навро бори аввал шогирдона мекашад, ин барои ман ҳам ғайриимкон аст. Барои

кашидани расми марг ҳунари худро намефурӯшам, зеро ин бароям як навъ марг аст.

– Шояд марг ба ту ба ин кор ёрӣ расонад, –изҳор кард пирамард.

– Ин ба синну сол вобаста нест, устод касест, ки чизи аз сар нагузарондаашро кашад.

– Ин тавр бошад, устод касест, ки бо марг шинос набошад.

Ҳамин тавр, байни онҳо суҳбате ба миён омад хоси ду тан рассоме, ки ба устодони куҳан ва ҳунари онҳо эҳтироми баланд қоиланд, суҳбати пурмаъно, пур аз кинояву талмеҳ. Азбаски гап дар бораи ман буд, бо диққат гӯш кардам, аммо бовар надорам, ки нақли пурраи он ҳамаи ин наққошҳои мумтозеро, ки дар ин қаҳвахона ҷамъ омадаанд, дилбазан набошад. Як дафъа суҳбат дар ин маврид буд:

– Ҳунари наққошӣ чист? Ҳар чизро монанди устодони куҳан мукаммал[83] кашидан ё тасвири он чизе, ки касе дида наметавонад? –пурсид наққоши ҷавони панҷ ангушташ ҳунар, чашмонаш зебо ва боақл.

– Ба қавли наққошони румӣ рассоме бузург аст, ки чизи нав ва усули нав пайдо мекунад, –ҷавоб дод пирамарди якрав.

– Румиҳо ҳамчун румӣ мемиранд, –ҷавоб дод наққоши маро кашида.

– Аммо ҳама ба як ранг мемиранд, –ҷавоб дод пирамард.

– Афсона ва наққош ҳамаро баробар шуҳрат намебахшанд, балки ягонаҳоро, –гуфт наққоши боақл. – Наққоши ҳунарманд касест, ки аз қаҳрамони афсонаҳо ба мо монандро созад.

---

[83] *Мукаммал* - дар асли туркӣ низ чунин аст.

Баъд суҳбат дар бораи чӣ тавр мурдани румиҳо ва аҳли ислом, Азроил ва дигар фариштаҳои Худо, дар бораи он ки ҳеч гоҳ онҳоро бо фариштаҳое, ки кофирон мекашанд, монанд набояд кард, идома ёфт. Рассоми ҷавони чашмонаш зебо, ки бояд расми маро мекашид ва ҳоло дар ин қаҳвахонаи бароҳат нишаста, ба ман бо эҳтироси зиёд менигарад, аз чунин ҳарфҳои бодабдаба хаста гашт, мехост маро расми кашад, аммо намедонист чӣ тавр кашад, охир, маро надидааст.

Мӯйсафеди маккор зуд инро пай бурд ва дар он ҳуҷраи ниматорик бо чашмони оташангез ба ҷавон нигарист.

– Румиҳо маргро чун як одам мекашанд, монанд ба Азроили мо, як малоика, –гуфт. –Танҳо дар шакли инсон. Ҷабрайил ба ҳамин монанд шакли инсонро гирифт вақте ки Қуръони каримро ба Пайғамбари мо (с) нозил кард. Фаҳмидӣ?

Пай бурдам рассоми ҷавон, ки ба ӯ Худованд истеъдоди баланд ато кардааст, мехоҳад ҳарчи зуд маро кашад. Зеро пирамарди маккор ин фикри шайтониро ба сари ӯ ҷо кард, ки дар асл ҳар кас на чизи ба ҳама равшан ва возеҳ, балки он чизеро, ки дар торикист ва ношинохта мехоҳад кашад.

– Ман, ки аслан намедонам марг чист, –гуфт наққош, ки баъди чанде расми маро кашид.

– Ҳамаамон маргро мешиносем, –рад кард пирамард.

– Аз вай метарсем, аммо намешиносем.

– Ана, ин тарсатро бикаш, –ҷавоб дод пир.

Акнун ба хулоса омадам, ки расми маро хоҳанд кашид. Аз он пай бурдам, ки чӣ тавр устоди бузурги наққош диққаташро ба як ҷо ҷамъ кард, мушакҳои дасташ таранг шуданд, ангуштонаш аллакай қаламро меҷустанд. Аммо ҳарчанд устоди касб буд, худро ба даст мегирифт, медонист, ки ҳамон қадар лаҳзаи шиддатноки

эҳсосотро идома бахшад, муҳаббаташ ба расм бештар мегардад.

Мӯйсафеди маккор ҳам ин ҳолати эъҷозро дар ҷавон пай бурда, бо овози баланд ба хондани порчаҳо дар бораи марг аз китобҳои дар наздаш истодаи Ҷизвия «Китобу-р-рӯҳ», Ғаззолӣ «Китобу аҳвол-ил-қиёмат» ва навиштаҳои Суютӣ[84] сар кард, то ҷавон аз онҳо илҳом гирад.

Ҳамин тавр, устоди наққош ба кашидани сурати ман шурӯъ намуд, ҳамоне, ки шумо ҳоло бо тарс бо қираи чашм менигаред, пирамард бошад, дар ин вақт ба ӯ дар бораи он мехонд, ки вақте фариштаи марг меояд, ҳазорҳо бол хоҳад дошт, он аз фарш то ба арш, аз шарқ то ба ғарб ҳамаро ба зери боли худ мегирад; муъминонро ин болҳо нарму гарм ба оғӯш мегиранд, барои гунаҳгорон ва исёнгарон бошад, ҳар яки онҳо пур аз мехи пӯлодинанд. Азбаски ҷойи аксари шумо, рассомон дӯзах аст, устоди наққош маро бо мехи зиёд гулкорӣ кард. Баъд ба гӯши устоди наққош расид, ки малоикае, ки барои гирифтани ҷонҳои шумо аз тарафи Худованд фиристода мешавад, дар дасташ дафтаре дорад, ки дар он номи ҳамаи шумо зикр ёфтааст: дар саҳифаҳои он номи баъзеҳо ба доираи сиёҳ гирифта шудааст, аммо вақти фарорасии маргро танҳо Худованд худаш медонад. Вақте ки вай меояд, аз дарахте, ки дар осмони ҳафтум мерӯяд, барге бо хости Худованд меафтад, одаме, ки онро ба даст гирифта, дар он чӣ навишта шуданашро мехонад, мефаҳмад, ки навбати кӣ расида. Наққош маро даҳшатовар, аммо андешаманд кашид, зеро махлуқе, ки маънии навиштаи китобҳоро дарк мекунад, бояд чунин тасвир шавад. Пири мағзаш холӣ аз китоб мехонд, ки вақте фариштаи марг дар симои одамӣ ба тарафи касе, ки навбаташ расидааст,

---

[84] *Ҷалолиддини Суютӣ* (1445–1505) –рӯҳонии араб.

даст дароз мекунад ва ҷонашро мегирад, ногаҳон ҳама атроф равшан мешавад монанд ба равшании офтоб, аз ин рӯ, наққоши боақл маро дар хиргаҳи нур кашид, зеро медонист, ки барои одамони дар атрофи мурда ҷамъомада ин равшании ноаён аст. Ниҳоят, ба ҳамон ҷойи китоб расид, ки дар «Китобу-р-рӯҳ» шаҳодати дуздони қабристон навишта шудааст, онҳо бовар мекунонанд, ки мурдаҳоеро ёфтаанд мехкоришуда, дар косахонаи сарашон сурб рехта, ҳатто ҷойе ба ҷойи мурда ба забонаи оташ вохӯрдаанд. Инҳоро аз пирамарди якрав шунида, наққоши моҳир дар ман ҳамаи он чизҳоеро, ки одамро метарсонанд, тасвир кард.

Аммо баъд ӯро ҳисси пушаймонӣ фаро гирифт. На аз он ки расмро ба таври даҳшатовар кашидааст, балки аз он ки чаро ин корро умуман ба зимма гирифт. Аз ин рӯ, худамро чун одаме эҳсос мекунам, ки падараш дар бораи фарзандаш бо шарм ва пушаймонӣ ёд меорад. Чаро устоди моҳири наққош пушаймон шуд, ки маро кашид?

1.Дар расми марг, яъне, ман норасоии маҳорат ҳаст. Чи тавре ки мебинед, ба он камолоти устодони бузурги румӣ ё шояд устодони куҳани ҳиротӣ намерасад. Дар натиҷа як чизи миёна ба вуҷуд омадааст, ки ба моҳияти чизи муҳимме чун марг мувофиқ нест. Аз ин шарм мекунам.

2. Ба маслиҳатҳои шайтонии пирамард гӯш карда, устоди наққош, ки маро мекашид, ногаҳон пай бурд, ки ба усули устодони фарангӣ тақлид намуда, бо ин ба устодони куҳан беэҳтиромӣ зоҳир кардааст ва беихтиёр онҳоро паст задааст. Ин фикрҳо ӯро ором намегузоранд.

3. Бад набуд, инро ба ҳафтафаҳмҳое, ки ба диданам одат карда, дандонҳояшонро гиз доранд, гӯшрас кард: бо марг шӯхӣ накунед.

Ҳоло устоди наққоше, ки маро кашидааст, шабҳо дар кӯчаҳо саргардону пушаймон мегардад ва монанди баъзе

устодони чинӣ гумон мекунад, ки ба чизи кашидааш табдил ёфтааст.

25. Номи ман Эстер аст

Субҳи барвақт буғчаамро[85] ҷамъ овардам, рӯйҷойҳои кабудфом ва сурхи билеҷикиро[86], ки бонувони Қизилманора ва Каракедӣ супориш додаанд, аз ҳама поён гузоштам. Шоҳии тозаи чинии сабзи ба қарибӣ бо киштӣ аз Португалия омадаро як сӯ гузоштам, кабудашро дар буғча ҷой кардам. Барфҳои зимистон ҳеч тамомшавӣ надоранд, аз ин рӯ, чизҳои пашмиро фаромӯш накардам: ҷӯроб, миёнбанд ва нимтанаҳои ранг ба ранг, чунон онҳоро зебо дар мобайн гузоштам, ки вақте буғчаро мекушоям, соҳибхонаи сангдил ҳам нарм мегардад. Барои он занҳое, ки харидро не, ғайбатро дӯст медоранд, чизҳои сабук, аммо қиммат – рӯймолҳои шоҳӣ, ҳамёнҳои махмалӣ ва кисаҳои[87] гулдӯзии ҳаммомравиро гирифтам ва бардоштам, оҳ, ин буғча хеле вазнин шудааст, миёнам дард кард. Ба замин гузоштам. Аз буғча чиро гирам гӯён фикр мекардам, ки дарро заданд, Насим онро кушод.

Дар таги дар бо тарсу ҳарос Ҳурияи чӯрӣ. Дар дасташ мактуб.

– Шакура-хонум фиристод, –пичиррос зад. Чунон бо талвоса, ки гӯё худаш ошиқ шуда бошад ва ба шавҳар баромаданист.

Номаро бо ҷиддият гирифтам, духтари аҳмақро танбеҳ додам, ки ба чашми касе нанамуда рост ба хона баргардад. Насим суоломез нигарист. Буғчаи сохта, аммо

---

[85] *Буғча*- дар туркӣ низ буғча.

[86] *Билеҷик*–шаҳр дар ғарби Туркия.

[87] *Киса* - дастакҳое, ки дар гармоба барои молиши тан истифода мебаранд, дар Туркия нафаронеро, ки ин вазифаро иҷро мекунанд, кисачӣ меноманд.

сабукро ба даст гирифтам, замони мактубкашонӣ онро мебардорам.

«Духтари Эниште Челебӣ Шакура дар ишқ сӯхта-сӯхта кабоб мешавад, –аз дил гузарондам. –Бечораро[88] ақл аз сар парида».

Қаҳқаҳае задаму берун баромадам, аммо ҳамон лаҳза хиҷолат кашидам. Дар асл ба моҷарои ба сари Шакура омада хандидан намехоҳам, балки барои ҳаёти ғамангезаш мехоҳам бигирям. Чӣ қадар зебост чашмсиёҳак, духтари қадрдони ман!

Дар сардии сабоҳ маҳаллаи яҳудинишини мо бо хонаҳои фақиронааш хеле танҳо ва бечора менамуд, зуд аз он ҷо гузаштам. Хеле вақт баъд ба кӯчае, ки Ҳасан зиндагӣ мекунад, расида, гадои кӯрро дидам, ки дар кунҷе нишаста, аз раҳгузарон пул металабид.

– Дастифурӯш! –дод задам.

– Қарғаи буққа! –фишшос зад гадо. –Дод назанӣ ҳам, аз садои поят мешиносам.

– Кӯри ифлос! –ман ҳам қарздор намондам. –Тотори худозада! Худованд онеро, ки бад мебинад, кӯр месозад, Илоҳо, ба сарат балоҳои бештарро орад!

Пештарҳо аз ин чизҳо чунин ба қаҳр намеомадам. Дари Ҳасанро падараш[89] кушод. Ӯ як абхозист, марди меҳрубон ва хушмуомила.

– Ба мо ин сафар чӣ овардӣ, бинем, –гуфт.

– Писари танбали ту хоб аст?

– Хоб аст? Чашмаш ба роҳ. Хабарҳои туро нигарон аст.

Ин хона он қадар торик аст, ки ҳар сафар гумон мекунам ба қабристон медароям. Шакура ягон бор дар бораи вазъи ин хона намепурсад, аммо ҳамеша ба ӯ мегӯям, то вай дигар бор ба ин мазор ёди баргаштан

---

[88] *Бечора* - дар асли туркӣ низ бечора.

[89] *Падар* - дар матн низ падар.

накунад. Душвор аст фикр кардан, ки як вақтҳо Шакураи зебо бонуи ин хонадон буд, бачаҳои шӯхаш дар ин ҷо зиндагӣ мекарданд. Дохилаш бӯйи марг мекунад. Аз даҳлез ба ҳуҷраи аз ин ҳамториктар гузаштам.

Чашм ба чашм намерасад. Ҳанӯз мактубро набароварда будам, ки Ҳасан аз торикӣ пайдо шуд ва номаро аз дастам зада гирифт. Чун ҳамеша хомӯш истодам, бигзор ором хонад ва ҳисси кунҷкобиашро хомӯш гардонад. Сарашро ҳамоно аз коғаз бардошт.

– Дигар чизе нест? –пурсид, аммо худаш медонист, ки чизи дигар нест. –Як мактуби мухтасар, –гуфт ва хонд:

«Кара-афандӣ, ба хонаамон меоӣ, рӯзи дароз мешинӣ. Аммо китоби падарамро, фаҳмидам, як сатр ҳам нанавиштаӣ. Агар китоби падарамро тамом накунӣ, айби худат, ба чизе умедвор нашав».

Мактуб дар даст чунон қабоҳатомез ба ман нигарист, ки гӯё гунаҳгор бошам. Дӯст надорам, дар ин хона хомӯшии мудҳиш ҳукмрон бошад.

– Дар бораи оиладориаш, аз ҷанг баргаштани шавҳарашро интизор буданаш ин бор чизе нест. –Чаро?

– Ман инро аз кӯчо медонам? –гуфтам. –Ин мактубҳоро ман нанавиштаам.

– Баъзан дар дилам шубҳа пайдо мешавад, –гуфта мактубро бо понздаҳ акча ба ман баргардонд.

– Баъзе мардҳо пулдор шаванд, хасис мегарданд, ту чунин нестӣ, –гуфтам.

Ин одамро шарорataш болост, беақл ҳам нест, ҳайратовар аст, ки бо вуҷуди ин то ба ҳол Шакура номаҳои ӯро қабул мекунад ва мехонад.

–Он китоби падари Шакура чӣ хел аст?

– Намедонӣ магар?! Мегӯянд, ки тамоми пули онро подшоҳамон медиҳад.

– Наққошҳое, ки расмҳои он китобро мекашанд, ба ҷони якдигар дарафтодаанд, –гуфт. –Барои пул бошад ё шояд барои он ки корашон куфр аст? Он расмҳоро як бор бинӣ, кӯр мешудаӣ.

Ин гапҳоро бо як истеҳзо ба забон оварда, нишон доданӣ шуд, ки ҷиддӣ гирифтанаш шарт нест, агар ҷиддӣ қабул кунам ҳам, парвое надошт. Ин монанд ба он буд, ки бештари мардоне, ки дар расондани мактуб ба ман муҳтоҷ буданд, чунин рафтор мекарданд, ҳоло Ҳасан низ вақте ки ғурурашро пастзада меҳисобид, ба ҳуҷум гузаштан мехост. Дар ин ҳолатҳо вонамуд мекунам, ки хафаам, то онҳо шод шаванд. Духтарҳо бошанд, вақте ки ба иззати нафси онҳо мерасед, худро ба оғӯшам мепартоянд ва мегирянд.

– Ту зани боақлӣ, –гуфт Ҳасан барои дилбардориам, гумон кард, ки дар ҳақиқат ба иззати нафсам расидааст. – Зудтар бибар инро. Бароям тааҷҷубовар аст ҷавоби он девона.

Аз дилам гузашт, ки «Кара он қадар девона нест». Дар ин ҳолатҳо бедор кардани рашки мардони рақиб фоидаовар аст, ин ба манфиати ман. Аммо ин бор тарсидам, ки сахт ба қаҳр омаданаш мумкин аст.

– Дар охири кӯча тотори гадо ҳаст, –гуфтам баромада истода, –бисёр беадаб.

Барои он ки боз бо кӯр рӯ ба рӯ нашавам, ба тарафи дигар тоб хӯрда, даромадам бозори мурғ. Ҳайрон мешавам, чаро ин мусулмонҳо сару почаи мурғро намехӯранд? Аҷиб одамон? Бибии ман, ҷояш ҷаннат шавад, нақл мекард, ки баъди аз Португалия ба ин ҷо омадан қариб ҳар рӯз обҷӯши почаи мурғ мехӯрданд, ҳамон қадар арзон будааст он вақтҳо.

Дар Кемераралӣ занеро дидам болои асп дар иҳотаи хизматгорон, ӯ монанди мардон чунон мағрур нишаста буд, ки гумон мекардӣ, ҳамсари пошое, духтари

сарватмандест, оҳ кашидам. Агар падараш дар ҳавои китобҳо фурӯ рафта камақл намешуд ва шавҳараш аз ҷанги сафавиҳо бо ғаниматҳо бармегашт, Шакура ҳам монанди он бонуи мағрур зиндагӣ мекард. Ӯ аз ҳар кас дида ба зиндагии шоиста лоиқтар аст.

Ба кӯчаи Кара даромада, таппиши қалбам бештар гашт. Ба ӯ ба шавҳар баромадани Шакураро оё мехоҳам? Аз Ҳасан ҳам ба Шакура мактуб мебарам ҳам намегузорам ба ӯ наздик шавад, аммо бо Кара чӣ кунам? Ба ғайр аз ишқи Шакура дар ӯ ҳама кораш дуруст аст.

– Беҳтарин мо–ол!

Ҳеч коре бароям лаззатбахштар аз он нест, ки номаҳоро бидиҳам ба касоне, ки аз танҳоӣ ва беҳамсарӣ ба девонагӣ расидаанд. Ҳатто боварӣ дошта бошанд, ки дар нома хабари муҳимме барояшон нест, боз бо умеду орзу онро боз мекунанд ва мехонанд. Хуш ба ҳолашон!

Аз ин ки Шакура дигар ҳарфе аз шавҳари собиқаш нагуфтааст, Кара ҳақдор аст, ки умедвор шавад, ҷумлаи «*умедвор нашав*»-аш бошад, баръакс, умедворӣ ӯро бештар мекунад, зеро ба шарте вобаста кардааст. Мактуб хонданашро бо завқ наззора кардам. Хушбахт буд, ҳатто метарсид. Вақте ки Кара ба хонаи худ гузашт, то ҷавоб нависад, чун савдогари дастфурӯши моҳир ба зудӣ буғчаи қалбакиамро кушодам ва аз он ҳамёни сиёҳро бароварда, ба соҳибхонаи кунҷков нишон додам.

–Аз махмали беҳтарини аҷамӣ дӯхта шудааст, – гуфтам.

– Писарам дар ҷанги Аҷам кушта шудааст, –ҷавоб дод вай. –Ту аз кӣ ба Кара мактуб меорӣ?

Аз чеҳрааш бармеомад, ки ӯ, албатта, пирдухтари худ ё ягон духтари безеби дигарро ба ин иҷорашини далер хонадор карданист. Гуфтам:

– Аз кӣ мешуд?! Аз беморхонаи Байрампошо як хешованди камбағалаш, ки дар бистари марг аст, пул мепурсад.

– Вой, вой, –гуфт, аз ваҷоҳаташ аён буд, ки ба ягон ҳарфам бовар накардааст. –Кист он бадбахт?

– Писари ту дар ҷанг чӣ тавр кушта шуд? –суолашро гӯё нашунида бошам пурсидам.

Мисли душман ба чашмони ҳамдигар менигаристем ва ҳеч чиз намегуфтем. Албатта, зиндагӣ барои зани бева ва танҳо сахт аст. Агар шумо ҳам монанди Эстер солҳо мактубкашонӣ ва дастфурӯшӣ мекардед, мефаҳмидед, ки дар ин зиндагӣ одамонро танҳо қиссаҳои аҷоиб дар бораи сарвати бепоён, ҳокимият ва муҳаббати афсонавӣ саргарм нигоҳ медорад. Дигар ҳама: бадбахтӣ, ҷудоӣ, рашк, душманӣ, ашк, ғайбат ва қашшоқӣ, ки ниҳояташ нест, дар ҳама як аст чун асбобу ашёи ин хона: гилеми куҳнаи рангпарида, кафлеси рӯйи лайлӣ, зарфи мисин, қуттии хокистарковӣ ва оташкови паҳлуи оташдон, ду сандуқи куҳнасохт – яке калон дигаре хурд, таҳмон барои нигаҳдории кавук (каллапӯши сабук), ки намегирандаш то беваи танҳо будани соҳибхона маълум нашавад ва шамшери куҳна барои тарсондани дуздон.

Кара шоду масрур дар даст як ҳамён баргашт ва гуфт:

– Гӯш кун, холаи савдогар, –махсус баланд садо баровард то соҳибхона шунавад, –ин пулро ба бадбахти бемор бибар. Ҷавобашро зуд гирифта биёр. Ман тамоми рӯз дар хонаи Эниште Челебӣ мешавам.

Ин бозӣ барои чӣ даркор? Чаро аз соҳибхона метарсад? Чӣ ҷойи айб аст агар ҷавонмард аз маъшуқааш номае гираду дар ҷавоб ба вай хатчае ё рӯймолчае ирсол намояд? Ё шояд духтари соҳибхонаро таги чашм кардааст? Баъзан, тамоман ба Кара бовар намекунам ва метарсам, ки бечораи Шакураро рӯзе фиреб медиҳад.

Охир, рӯзи дароз бо Шакура дар як хона мешинад, аммо наметавонад ба ӯ ишорате кунад.

Дар кӯча ҳамёни додаи Карарро кушодам, дар дохилаш дувоздаҳ акча ва як мактуб. Ҳисси кунҷковиам боло гирифту зуд ба манзили Ҳасан шитофтам. Дар назди дӯкони сабзавотфурӯш карам, сабзӣ, пиёзи калон-калон маро бихар-бихар мегуфтанд, аммо ман, Эстери шуморо ҳоло фикри сабзавот дар сар набуд.

Ба кӯча тоб хӯрда, боз тотори кӯрро дидам, ки тайёр аст даҳони дашном кушояд. «Туфф!» гуфта ба ҷонибаш аз ӯ пешдастӣ кардам ва роҳамро давом додам. Ҳайронам, Худованд чаро дар ин сармо ҷони ин касофатро намегирад?!

То Ҳасан номаро кушода дар дил мехонд, аз бетоқатӣ дарун-дарун месӯхтам. Токат накардам:

– Хуб? –гуфта пурсидам ва ӯ хонд:

«Ҷонам Шакура-хонум, ту мехоҳӣ, ки ман китоби падаратро тамом кунам. Бидон, ки гайри ин ман дигар хоҳише надорам. Ба хонаи шумо ба ҳамин ният меравам, на барои он ки чи тавре ки пештар гуфтаӣ, бо ҳузурам туро ноором созам. Хуб медонам, ки ишқи ту ягона дарди ман аст. Аммо маҳз ба хотири ин ишқ ҳанӯз натавонистам калимае барои китоби язнаам нависам. Ҳамин ки будани туро дар хона эҳсос мекунам, дастам ба қалам намеравад. Бисёр дар ин бобат андеша кардам ва фаҳмидам, ки инро сабаб яктост: Баъди дувоздаҳ сол ман фақат як бор чеҳраи туро дар назди тиреза дидам. Ҳоло аз ин хаёл, ки ин дидорро аз даст медиҳам, сахт метарсам. ***Агар як бори дигар туро медидам****, ин қадар бетоқат намешудам ва ба осонӣ кори китобро шурӯъ менамудам. Шавкат дирӯз хонаи холии яҳудии овехтаро нишонам дод. Дар он хонаи холӣ моро касе намебинад. Имрӯз ба он ҷо кадом вақте тавонӣ биё, ман туро интизор. Шавкат*

гуфт, ки ту дирӯз дар хоб дидаӣ, ки шавҳарат нобуд шудааст».

Ҳасан вақте ки номаро мехонд, гоҳе садои нозуку андаке димоғии занона – ин Шакура ва гоҳе шабеҳи садои ларзон ва самимии марди ошиқ – Кararo тақлид мекард. Хусусан, чумлаи «Агар як бори дигар туро медидам», ки ба форсӣ навишта шуда буд, хеле димоғашро чоқ кард.

– Шакура ҳанӯз ба ӯ умедворие набахшида, ин мардак аллакай ба савдо пардохтааст. –мегуфт. –Ошиқони ҳақиқӣ чунин ҳисобу китоб накунанд.

– Дар ҳақиқат Кара Шакураро дӯст медорад, –эътироз кардам содадилона.

– Ҳа, ба назарам ту тарафдори ӯ? –гуфт. –Аҷиб, агар Шакура дар хоб дида бошад, ки шавҳараш мурдааст, дигар хулоса бояд кард, ки вай барнамегардад?

– Ин ҳамту як хоб, –гуфтам бо як содагӣ.

– Ҳа, ман медонам, ки Шавкат бачаи доною боақл аст, охир, мо чӣ қадар сол якҷоя зиндагӣ кардем. Беиҷозат, илова ба ин, бе дархости модар Шавкат ҳеч гоҳ Кararo ба хонаи яҳудии овехта намебурд. Аммо Шакура беҳуда ману бародарам, оилаи моро аз зиндагиаш хат заданист. Бародарам барҳаёт аст ва аз ҷанг бармегардад.

Суханонашро ба охир нарасонда, Ҳасан ба хонаи дигар гузашт. Шамъро гирифт, хост аз оташи оташдон даргиронад, аммо дастонашро сӯзонда фарёд кард. Ангуштони сӯхтаашро лесида, бо дасти дигар ниҳоят шамъро гиронд, онро дар болои тахтаи китобмонӣ гузошт. Баъд аз қуттичаи ашёи хатнависӣ қаламе бароварда, дар давот хаста, дар порчаи коғази хурд зуд-зуд ба навиштан даромад. Пай бурдам: ба ӯ маъқул аст, ки мушоҳида дорамаш, аммо барои он ки нишон диҳам, чӣ қадар нотарсам, то метавонистам табассум кардам.

– Он яҳудии овехта кист, ту медонӣ?

– Хонааш дар наздикии хонаи падари Шукрия аст. Мегӯянд, ки номаш Моше Хамон будааст, табиби номии подшоҳи қаблиамон будааст, аз яҳудиёни сарватманди ин гирду атроф. Ӯ дар хонааш солҳои зиёд бародари худ ва маъшуқаи яҳудии ӯро, ки аз Амасия[90] гурехтааст, пинҳон мекард. Чандин сол пеш дар арафаи иди яҳудии Писҳо дар маҳаллаи яҳудинишини Амасия ҷавони румие гум шуд. Овоза карданд, ки ӯро яҳудиҳо куштанд, то аз хунаш маса (кулча) пазанд, шоҳидони қалбакӣ ҳам пайдо карданд. Вақте ҷангу қасосгириҳо шурӯъ шуданд, табиби хоси дӯстдоштаи подшоҳ бо иҷозати ӯ зебодухтар ва бародари худро аз он шаҳру маҳал гурезонд ва баъд дар хонаи худ пинҳон кард. Вақте подшоҳи замон аз дунё гузашт, душманони Моше Хамони танҳо зебодухтарро пайдо накарда, худи ӯро дастгир карда, ба дор кашиданд.

– Агар Шакура баргаштани бародари маро интизор нашавад, ӯ низ ба ҷазо гирифтор мешавад, –инро гуфта, Ҳасан мактубро баргардонд.

Аммо дар чеҳрааш на осори ғазабу рашк, балки танҳо дарду ғам, чун ошиқони ҳақиқӣ дида мешуд. Ба чашмони ӯ нигариста, пай бурдам, ки ишқ дар муддати кӯтоҳ ӯро ба одами пир табдил додааст ва пулҳое, ки ӯ дар гумрук ба он соҳиб мешавад, барои ҷавон шуданаш ёрӣ намерасонанд. Чунон афтодарӯҳ менамуд, ки аз дилам гузашт: оё баъди ин қадар таҳдид ӯ боз аз Шакура марҳамате интизор бошад. Аммо намешуд аз чунин одами ахлоқаш фасод инро пурсид. Агар одам ботинан ба бадии худ иқрор аст, ишқи яктарафа ба ин мусоидат мекунад, ба ҳар гуна ваҳшигарӣ омода аст. Ба ёдам шамшери дастааш сурхе расид, ки бачаҳо дар бораш нақл карданд ва гӯё ба чизе расад, мебуррад, аз ин

[90] *Амасия* – шаҳр дар Туркия дар соҳили Баҳри Сиёҳ.

фикрҳо чунон ба ҳарос афтодам, ки хоҳиши зуд аз ин ҷо гурехтан пайдо кардам. Ба кӯча зада баромадам.

Дашноми гадои кӯр якбора ба гӯшам расид. Аммо зуд худро ба даст гирифтам, аз замин сангеро бардошта, ба рӯймолча печондам ва дар паҳлӯи гадо гузошта гуфтам:

– Ма, гир, гаргин!

Заррае нахандида менигаристам, ки чӣ тавр вай бастаро тарафи худ мекашад, ба умеде, ки тангае ба даст меорад. Баъд дашномҳои боқимондаи ӯро гӯш карда наистода, ба хонаи яке аз духтарони шавҳар додаи худам равон шудам.

Духтараки меҳрубон маро бо самбӯсаҳои гарми испанохӣ[91], ҳарчанд дирӯза, аммо нарму гарм зиёфат кард. Барои таоми пешин ӯ яхнӣ аз гӯшти гӯсола тайёр кардааст, хӯроки дӯстдоштаи ман бо тухм ва олуи нордон. Барои он ки духтарчаамро наранҷонам, истода мондам ва ду кафлеси пур аз онро бо нони гарм хӯрдам. Соҳибхона афшураи ангур ҳам омода карда буд, аз он ҳам рӯй нагардондам, ҳатто изо накашида, мураббои садбаргӣ пурсида, аз он як чумчача ба афшура ҳамроҳ кардам. Онро нӯши ҷон кардам ва номаҳои Шакураи азизамро бардошта, равон шудам.

26. Ман – Шакура

Вақте ки Ҳурия омадани Эстерро хабар дод, ҷомашӯйиҳои[92] дирӯзаамро, ки хушк шуда буданд, ба сандуқ ҷой мекардам… Чаро ба шумо дурӯғ гӯям? Бале, то омадани Эстер аз сӯрохи ҷевон падараму Кароро

---

[91] *Испанох* –яке аз алафҳои табиии дӯстдоштаи туркҳо, ки онро тамоми фасли сол истеъмол мекунанд, бо ҳамин ном дар қисмати шимоли Тоҷикистон мерӯяд ва танҳо дар баҳор мавриди истеъмол аст.

[92] *Ҷомашӯйӣ, сандуқ*- дар асли туркӣ низ чунин аст.

менигаристам ва аз Кара ва Ҳасан омадани мактубро бесаброна интизор будам, маҳз ба ин сабаб дар бораи Эстер фикр мекардам. Чунки аз мурдан тарсидани падарам бесабаб нест, медонам, ки Кара то охири умр аз қафои ман овезон намешавад. Ошиқ аст ӯ, аммо асосаш хонадор шуданист. Бо ман нашавад, бо каси дигар хонадор мешавад ва то арӯсӣ ӯро дӯст ҳам хоҳад дошт.

Дар ошхона Ҳурия Эстерро ба курсие нишонд, ба дасташ як истакон шарбати гулоб дод, ба ман тарсида-тарсида нигарист. Метарсам Ҳурия ҳар чизи дидаашро як ба як ба падарам хабар мекашад, аз вақте ки падарам ӯро ба ҷогаҳаш мекашад.

– Чашмсиёҳакам, сиёҳбахтакам, хушрӯтаринам, дер омадам, чунки хӯҷаинам, ҳайвони Насим маро нагузошт бароям, –булбулвор хонд Эстер. –Хуб аст, ки туро болои сар хӯҷаин нест, касе тангат намекунад.

Мактубҳоро аз дасташ зада гирифтам. Ҳурия то зери пой намонад, худро канор кашид, аммо ҳама чизро баҳузур шунида метавонист. Рӯямро гардондам, то Эстер набинад ва аввал мактуби Кararo хондам. Фикр дар бораи хонаи яҳудии овехта маро лаҳзае ба ларза оварда. Натарс, Шакура, ҳама кор ҳал мешавад, гуфтам ба худ ва ба хондани номаи Ҳасан сар кардам. Ӯ дар сарҳади девонагӣ буд.

«Шакура-хонум, дар ишқат месӯзам, аммо медонам туро аз ин парвое нест. Шабҳо дар хобам ман аз паси сояи ту хаёлан дар теппаҳои холӣ медавам. Ҳарчанд медонам мактубҳои маро мехонӣ, ҷавоб наменависӣ ва ин чун тири тез қалби маро шикоф мекунад. Балки ин дафъа ҷавобам медиҳӣ, барои ин навиштам. Ин гап аз даҳон ба даҳон гаштааст, гӯё ба кӯдаконат гуфтаӣ: дар хоб дидам шавҳарам мурдааст, акнун сарам озод шуд. Дуруст ин, намедонам. Медонам, ки ҳоло ту ҳамсари бародари ман

ҳастӣ, барои ин дар хонаи мо бояд зиндагӣ кунӣ.Ҳоло падарам ба ҳақ будани ман бовар кардааст, имрӯз барои ба хона баргардондани ту ба назди қозӣ меравем. Одамонро ҷамъ карда меравем, инро ба падарат ҳам расон. Бугчаатро ҷамъ кун, ба хона бармегардӣ. Ҷавобашро ҳамоно бо Эстер фирист».

Мактубро ду маротиба хонда, хотирамро ҷамъ кардам ва суоломез ба Эстер нигаристам. Аммо ӯ дар бораи Ҳасан ва Кара ҳарфи наве нагуфт.

Аз ҷевони ошхона қалами пинҳонкардаамро баровардам, коғазро ба рӯйи тахтаи нон гузоштам ва ба Кара мактуб навиштанӣ шудам, аммо бозистодам.

Ба хотирам чизе расид. Баргашта ба Эстер нигаристам: Вай бо чунон як кайфияти кӯдакона шарбати гулоб менӯшид, ки шубҳаам ҳамоно аз байн рафт, на, мумкин нест, ки Эстер андешаҳои маро донад. Коғазу қаламро ба ҷояш гузоштам ва ба Эстер табассум кардам.

– Чӣ тавр ширин механдӣ, зебояки ман, –ба хониш даромад. –Хавотир нашав, ҳар чизро оқибаташ бахайр аст. Бо ту барин хушрӯтарини хушрӯҳо ва духтари бомаърифат хонадор шуданро бисёр сарватмандон ва пошоҳои Истанбул орзу мекунанд.

Медонед: гоҳо чизеро мегӯем, ки аслан набояд гӯем, баъд, мепурсем: чаро чунин шуда? Ман ҳам, ки намехостам чунин гӯям, аз даҳонам баромад:

– Эстер, аҷаб гапҳое мезанӣ?! Кӣ бо як зани бева, ки ду то бача ҳам дорад, хонадор мешавад? Ё Аллоҳ!

– Агар ба ту монанд бошад, хелеҳо мехоҳанд, –гӯён Эстер дастонашро бо ифодаи хеле зиёд калон кушод.

Ба чашмонаш нигаристам. Аз дилам гузашт, ки ӯро дӯст намедорам. Хомӯш истоданам ба ӯ мефаҳмонд, ки ягон мактуб намешавад, ҳатто беҳтар аст ӯ биравад.

Баъди рафтани Эстер, ба шумо чӣ тавр фаҳмонам, эҳсос мекардам, ки хомӯшӣ дар тану ҷонам хона андохта.

Аслан наметавонам бароятон тавзеҳ диҳам, ки он мавқеъ чӣ ҳоле доштам. Ба девор такя карда, дасту дилам ба коре намерафт, фақат фикр мекардам, ки дар ин вазъи пурҳарос чӣ метавонам кард. Тамоми ин муддат аз боло садои Шавкат ва Орҳан ба гӯш мерасид, ки бозӣ мекарданд.

– Ту монанди Кара тарсончак ҳастӣ, –дод мезад Шавкат. – Аз пас ҳуҷум мекунӣ.

– Дандонам ликқонак шудааст, –ин Орҳан.

Як гӯшаи хаёлам ба ҳуҷраи наққошӣ ба дари кушодаи кабуд банд буд ва суҳбати онҳоро баҳузур мешунидам. «Ба портретҳои устодони итолиёвӣ нигариста одам метарсад, –мегуфт падарам. –Дар расмҳояшон чашмҳо ҳама ба якдигар монанд, мисли як сӯрохии гирд нест, балки тамоман ба чашми мо монанд, инъикосгари равшанӣ, монанди ойина, чун чоҳи амиқанд. Лабҳо мисли шикофие дар мобайни рухсори ҳамвор чун варақи коғаз нестанд, дар ҳар кас онҳо дорои тобиши хоси сурхӣ, шиддатнокӣ ё оромӣ мебошанд, илова ба ин вазъи рӯҳӣ, ғаму шодии моро ифода мекунанд. Бинӣ дар мобайни чеҳра як девори безеби ба ду қисм ҷудокунандаи рӯй нест, балки дар ҳар яки мо шакли хос дорад ва як узви аҷибу шодибахш аст.

Ба расмҳои бойҳои кофир нигариста, онҳоро аз ҷумлаи «мо» донистани падарам оё Караро мисли ман ба ҳайрат намеорад? Аз сӯрохӣ ба Кара нигариста, чеҳраашро афсурда мебинам ва лаҳзае ба ҳарос меафтам. Ҷони ширинам, дӯсти қадрдонам, магар аз он ки маро фикр карда - фикр карда, шаби дароз нахобидӣ, чунин ранги рӯят паридааст?

Балки шумо ӯро намедонед: Кара қадбаланд, хароб ва барност. Пешониаш васеъ, бодомчашм аст, бинии

пурқувват ва борику зарифе дорад. Панҷаҳои дастонаш чун дар бачагӣ дарозу борик, ангуштонаш серҳаракат, чобук. Вақте қомат алам кунад, айни як сутунро мемонад, андомаш рост, бе ҳеч хамидагию афсурдагӣ, китфонаш васеъ, аммо на ба монанди ҳаммолҳои бозор. Дар бачагӣ ҳам андомашу чеҳрааш номутаносиб менамуд. Баъди дувоздаҳ сол аз ин торикии пинҳонгоҳам ӯро дидан замон пай бурдам, ки ба камол расида, зебо шудааст.

Ҳоло аз сӯрохии ҷевон хуб нигариста, дар чеҳраи Кара ҳамон ғамеро мебинам, ки бори аввал дувоздаҳ сол пеш дида будам. Вақте ки фикр мекунам, чӣ қадар бечора барои ман азоб кашид, дар як вақт ҳам эҳсоси гуноҳ ва ҳам ғурур мекунам. Вақте Кара ба расми навбатии китоб менигарад ва шарҳи падари маро гӯш медиҳад, чеҳраи ӯ симои бегуноҳу маъсуми кӯдакро мегирад. Андешаҳоям ба охир нарасида, вақте ӯ лабҳои пахтамонандашро чун лабони кӯдак боз кард, якбора хоҳише пайдо кардам, ки пистонҳоямро ба даҳонаш гузорам. Ба назарам чунон намуд, ки чӣ тавр сари Кararo сила мекунам, бо ангуштонам мӯйҳояшро парешон месозам, ӯ бошад, сарашро байни пистонҳоям пинҳон мекунад, баъд монанди бачаҳоям нӯги мамаҳоямро ба даҳон мегирад, аз хушбахтӣ чашмонашро мепӯшад ва чун кӯдаки танҳову камқувват мефаҳмад, ки танҳо меҳрубониам метавонад ба ӯ гармиву оромӣ бахшад ва тамоми умр бо ман мемонад.

Ин фикр он қадар ҳушамро бурд, ки баданам сабук нам гирифта, хаёл мекардам, ки Кара ба расми кашидаи шайтон, ки падарам ба ӯ нишон медод на, балки ба синаҳои тарангшудаи ман бо ҳайрат ва диққат менигарад. На, танҳо ба пистонҳо не, балки ба гесӯвон, баёзи гардан, аз рону паймон то сару сомонам менигарад. Чунон ба ӯ писанд мегардам, ки ҳамаи он ҳарфҳои ширинеро, ки дар ҷавонӣ гуфта натавониста буд, ба забон меорад, аз ифодаи рӯй, чашмонаш ошкор мегардад, ки ӯ аз андоми

бовиқорам, ақлу тамиз, ҷасорат, аз он ки сабурона бозгашти шавҳарро интизор мешавам, аз ҳарфҳои пурмаънои номаҳоям ҳисси ифтихору шавқ мекунад.

Ногоҳ нисбат ба падар ғазабам боло гирифт, ки бо ҳар роҳ мехоҳад ба шавҳар набароям. Ба дилам задааст ин расмҳое, ки ӯ ба наққошон дар тақлиди устодони фарангӣ супориш медиҳад, хотираҳои Венетсия!

Такроран чашмонамро пӯшидам, Худованд шоҳид, инро намехостам, ин худ аз худ ба вуҷуд омад, тасаввур кардам, ки Кара акнун тамоман дар паҳлуям аст; намебинамаш, аммо буданашро эҳсос мекунам. Ба пушти сарам, гарданам, гӯшҳоям бӯсаҳо мезанад. Эҳсос мекунам, ки чӣ тавр ӯ таҳамтан, пурқувват ва шахси дилпур аст, ба ӯ такя кардан мумкин аст, аз ин рӯ, худро бехавф эҳсос мекунам. Қитиқам меояд, нӯги синаҳоям меларзанд. Ногоҳ сарам чарх мезанад: ҳис мекунам, ки ҷонибам андоми мардинаи ӯ ҳаракат дорад – чӣ қадар калон, ғафс. Аҷиб, ин чизи Кара чӣ андоза дошта бошад?

Баъзан, дар хоб шавҳарамро дар майдони ҷанг мебинам. Ӯ ярадор асту тирҳои аскарони сафавӣ дар баданаш овезон, мехоҳад ба ман наздик шавад, аммо байни мо наҳрест.[93] Аз он тарафи наҳр дар тобу таб ба ман чизе мегӯяд, як вақт мебинам, ки байни пояш чизе бархоста. Агар ба сухани гурҷидухтари арӯсшуда, ки дар гармоба қисса кард ва аҷузаҳое, ки «Бале, ин қадар ҳам мешавад» –гуфта ӯро тасдиқ карданд, бовар кунем, аз ин мебарояд, ки он чизи шавҳарам на он қадар калон буда. Агар аз они Кара калонтар, калон монанди он чизе, ки аз зери матои шалвори ӯ, вақте, ки Шавкат коғази маро дароз мекард, ҷаста баромад, дар ҳақиқат, ҳамоне бошад, ки фикр мекунам (боз дар зери шалвор дар байни пой чӣ буданаш мумкин?!), он гоҳ мумкин аст андоми ман онро

[93] *Наҳр*- дар туркӣ низ наҳр.

қабул карда натавонад ё агар ҷой гирад ҳам, шояд сахт дард кунад, метарсам аз ин.

– Очаҷон, Шавкат маро масхара мекунад.

Аз ҷевони торики пинҳоншудаам баромадам, оҳиста ба ҳуҷраам ворид гаштам, аз сандуқ нимтанаи моҳути сурхамро бароварда пӯшидам. Бачаҳо кӯрпачаи маро кашола мекарданд, ба он савор шуда, доду фиғон мекарданд.

– Магар ба шумо нагуфтам, ки вақте Кара ба хона меояд, фиғонатон набарояд?!

– Очаҷон, чаро ту нимтанаи сурхатро пӯшидӣ? –ин Шавкат.

– Очаҷон, очаҷон, Шавкат маро масхара мекунад, – такрор кард Орҳан.

– Шавкат, ба ту чанд бор гӯям?! Ин чизи ифлос чаро ин ҷост?

Дар канори кӯрпача як чизи ифлос меистод.

– Ин лоша. Шавкат аз кӯча гирифт, –хабар дод Орҳан.

– Канӣ, зуд аз куҷое гирифтӣ, бурда парто!

– Шавкат барад.

– Зуд, гуфтам!

Лабонамро газидам, ҳамон вақт чунин мекунам, ки якеашонро заданӣ шавам, диданд, ки сахт дар қаҳрам, тарсида аз пайи ичрои супориш шуданд. Худо хоҳад, хунук нахӯрда зуд бармегарданд.

Аз байни наққошон ба ман бештар аз ҳама Кара маъқул аст, зеро аз ҳар кас дида маро зиёд дӯст медорад ва меҳрубон аст. Коғазу қалам гирифтам ва бе андеша инро навиштам:

«Хуб, пеш аз намози хуфтан дар хонаи яҳудии овехта туро интизор мешавам. Китоби падарамро ҳарчи зуд ба охир расон».

Ба Ҳасан ҷавоб нанавиштам, чунки бовар намекардам, ки ӯ ва падарарӯс ҳатто агар имрӯз назди қозӣ раванд ҳам, одамонро ҷамъ карда, ҳамоно ба хонаи мо ҳуҷум карда тавонанд. Вагарна мактуб нанавишта, ҷавоб надода, ҳамоно зада меомад ба хонаи мо. Ҳозир мактуби маро интизор аст, нагирифта, қаҳраш меояд ва баъд одам ҷамъ карда, ба сари мо меояд. Мабодо фикр накунед, ки тамоман аз вай наметарсам. Рости гап, умедворам, ки Кара маро тарафдорӣ кунад. Аммо медонед дилам ба ман чӣ мегӯяд, инро ба шумо изҳор мекунам: шояд барои он аз Ҳасан он қадар сахт наметарсам, ки ӯро низ дӯст медорам.

Агар пурсед, ин чӣ тавр аст, хафа намешавам, ҳақ ба ҷониби шумост. Дар ин солҳое, ки шавҳарам дар ҷанг буду бо Ҳасан дар зери як бом мезистем, ман, албатта, чӣ гуна кас будани ӯро фаҳмидам: пасттиннат, ночиз, маккор. Аммо ба қавли Эстер, ҳоло вай пулдор шудааст, Эстер дурӯғ намегӯяд, зеро вақте дар бораи пул гап мезанад, абрӯвонаш боло мепаранд. Пулдор шудан ба Ҳасан боварӣ бахшидааст ва он чизе, ки одамро аз ӯ дур мекард, акнун кам ба чашм мерасад, аммо тарафи дигари ботинаш, ки сиёҳ асту нофаҳмо ва ӯро ба ҷин монанд мекунад, бештар ҳувайдост ва ин маро хавотир месозад. Инро аз мактубҳое, ки пайиҳам мефиристад, пай мебарам.

Ҳам Кара ва ҳам Ҳасан ба ман ошиқ шуда, азобҳои зиёд кашидаанд. Кара дувоздаҳ сол мусофир шуд, гумном гашт, зиқ шуд. Ҳасан ҳар рӯз мактуб навишта, канорҳояшро[94] бо расмҳои парандагон ва ғизолон оро медиҳад. Мактубҳоро хонда, аввалҳо метарсидам, баъд ҳамаи ин бароям шавқовар гашт.

---

[94] *Канор* - дар асли туркӣ низ канор.

Ҳасан низ аз он ки аз ҳама чизи бо ман алоқаманд хуб хабардор аст, ҳайрон нестам, ки дар бораи хоби ман медонад. Аммо ин чиз шубҳаовар ҳам аст, Эстер магар номаҳои ба Кара навиштаамро ба Ҳасан барои хондан медиҳад? Аз ин рӯ, ҷавобро тавассути ӯ нафиристодам.

– Ин қадар ҳаял кардед? –пурсидам вақте бачаҳо баргаштанд.

Аммо онҳо ҳамоно фаҳмиданд, ки он қадар дар қаҳр нестам. Аз Орҳан пинҳонӣ Шавкатро ба як тараф, ба ҳуҷраи ҷевондор кашидам. Ӯро ба даст бардоштам. Аз биниш, мӯйҳояш, дастаконаш бӯсидам.

– Хунук хӯрдӣ, ҷонам? –Биё, модарат дастакони зебоятро дар дасташ гарм кунад, бӯсад…

Дастонаш бӯйи лоша мекарданд, аммо инро нагуфтам. Сарашро ба рӯйи синаҳоям зер карда, сахт ба оғӯш кашидам. Лаҳзае пас гарм шуда, монанди гурбачаҳое, ки мефорадашон ширин-ширин ба хурроккашӣ даромад.

– Бигӯ, анаҷонро зиёд дӯст дорӣ?

– Хурр-хурр.

– Бигӯ.

– Ҳа.

– Аз ҳама беш?

– Ҳа.

– Ин тавр бошад, ба ту чизе мегӯям, –эълон кардам монанди он ки сирре дар миён бошад. –Фақат ту ба касе нагӯй, хайр? –ва ба гӯшаш пичирос задам: –Ман туро аз ҳама бештар дӯст медорам, фаҳмидӣ?

– Аз Орҳан ҳам бештар?

– Аз Орҳан ҳам. Орҳан бачаи хурдсол, нодон, ҳеч чизро намефаҳмад. Ту хеле боақл, бофаҳм, –мӯйҳояшро бӯсида бӯидам. –Бинобар ин, ҳозир аз ту як хоҳиш дорам. Дирӯз ту ба Кара-афандӣ коғазчаи холиро пинҳонӣ дода будӣ. Ҳоло ҳам метавонӣ чунин кунӣ?

– Ӯ падарамро куштааст.

– Чӣ гуфтӣ?

– Вай падарамро куштааст. Дирӯз худаш инро дар хонаи яҳудии овехта гуфт.

– Чӣ гуфт?

– Падари туро куштам, гуфт. Бисёр одамро куштам гуфт.

Лаҳзае чизе рӯй дод. Ҳамон лаҳза Шавкат аз зонувонам фаромад ва гирист. Барои чӣ мегиряд ин бача? Ҳа, худи ҳозир худамро дошта натавониста, беихтиёр як шаппотӣ задам. Намехоҳам, ки маро ба сангдилӣ гунаҳгор созед. Аммо қаҳри маро овард, дар ҳаққи шахсе, ки барои ӯю бародараш шуда ба шавҳар баромаданиам, ин ҳарфҳоро гуфт.

Бечора сағираам чунон мегирист, ки дилам сӯхта, қариб худам ҳам гириста будам. Мо ҳамдигарро ба оғӯш гирифтем, аммо ӯ ҳоло ҳам фиқ-фиқ мекард. Наход барои як тарсакӣ ҳамин қадар гирянд? Сараки Шавкатро сила кардам.

Медонам, сабаби ин гапҳо чист. Дирӯз, ки бо падарам суҳбат кардам, ёдатон ҳаст, ки барояш гуфтам, ки дар хоб дидам шавҳарам мурда. Рости гап, дар ин чор соле, ки омадани ӯро аз ҷанги Ачам интизорам, борҳо дар хоб дидамаш, мурдаҳоро ҳам, аммо кадоме аз онҳо шавҳарам буд, намедонам.

Хобҳоро дар ҳар замон ҳар хел таъбир мекарданд. Дар Португалия, ки бибии Эстер аз он ҷо бо киштӣ омадааст, дар хобашон зиндиқиён бо шайтон алоқа мекардаанд. Дар он замон гузаштагони Эстер португалиҳоро бовар кунонданӣ мешуданд, ки динашонро инкор карда, ба монанди насрониҳои католик шуданд, португалиҳои инквизитор бошанд, бо мақсади он ки онҳо – яҳудиёнро фош сохта, саросар нест кунанд, онҳоро ба шиканҷаи сахт гирифтор карда, талаб

мекарданд, ки ҷавоб диҳед дар хоб чиро дидед, яҳудиён ба шиканҷа тоб наоварда, ҳама иқрор шуданд, ки дар хоб ҷину шайтонро дидаанд, ҳатто онҳое, ки чунин хоб надидаанд. Яъне, он вақт хобҳо зарур шуданд, ки одамонро бо алоқа бо шайтон айбдор карда, дар оташ сӯзонанд ва аз мамлакат берун созанд.

Хоб дар се ҳолат зарур шуда мемонад:

Алиф. Чизе мехоҳӣ. Аммо ба ту хостанро ҳам изн намедиҳанд. Он вақт дар хоб дидам мегӯйӣ. Чунин мебарояд, ки ту чизеро, ки ҳатто алайҳи иродаат аст, орзу дорӣ.

Бе. Мехоҳӣ ба касе бадӣ кунӣ. Масалан, ба касе туҳмат карданӣ ҳастӣ. Он вақт мегӯӣ, ки дар хоб дидам, ки фалонӣ зино мекунад; ё ба хонаи фалон пошо кӯзаҳои шаробро мекашонанд, дар хоб дидам, мегӯйӣ. Ҳатто ба ин бовар накунанд ҳам, туҳмат садо дод ва дар хотираҳо нақш мебандад.

Ҷим. Чизе мехоҳӣ, аммо аниқ намедонӣ чиро. Он вақт чӣ кор мекунӣ? Як хоби дарҳам- барҳамро нақл мекунӣ дар бораи шубҳаҳоят, ки сару нӯг надоранд. Ҳамон замон одамон онро тафсир мекунанд, ки ба ту чӣ лозим ва оё он ичрошаванда аст. Масалан, мегӯянд, ки: як шавҳар, як бача, як хона ба ту лозим аст…

Аздусар ин на ҳамон рӯъёҳоеанд, ки ҳақиқатан дар хобамон дидаем. Ҳар кас он чизеро нақл мекунад, ки дар рӯзи равшан ба сараш задааст, аммо чунон нақл мекунад, ки гӯё дар хоб дидааст. Ин таъсираш бештар ва дуруст ҳам менамояд. Ба назарам танҳо аблаҳон ҳамон чизеро, ки хоб дидаанд, нақл мекунанд. Натиҷаааш чунин мешавад, ки ё дар ҳаққашон механданд ё ин ки мисли ҳамеша хобашонро барқасд тафсир мекунанд: «Вой, чӣ таъбири баде дорад ин хобат!» Рости гап, одами оқил набояд хобро ҷиддӣ гирад. Ё шумо ҷиддӣ мегиред?!

Вақте ки дар омади гап ба падар гуфтам, ки шавҳарам шояд мурдааст, зеро ӯро дар хоб дидам, вай аввал эълон намуд, ки хобро далели боварибахш намеҳисобад, аммо баъдтар, аз ҷаноза баргашта, онро боварибахш ҳисобид. Чунин мебарояд, ки чор сол зинда буд, аммо акнун мурд – ҳама на танҳо бовар карданд, балки ба фикре, ки мурдааст, розӣ шуданд, гӯё он пурра исбот шуда бошад. Бачаҳо танҳо баъди он ки ба фаҳми он расиданд, ки ятим монданд, гиристанд ва маҳзун гаштанд.

– Ту ҳам хоб мебинӣ? –пурсидам аз Шавкат.

– Бале, –хандид ӯ. –Падарам барнамегардад ва ман бо ту хонадор мешавам.

Бинии борик, чашмони сиёҳ, китфони фарохи ӯ ба падараш монанд нест, балки ба ман. Баъзан худамро гунаҳгор меҳисобам, ки ба писаронам пешонии васеи падарашонро дода натавонистаам, каллаи инҳо пачақ.

– Хайр, бирав, бо бародарат шамшербозӣ кунед.

– Бо шамшери куҳнаи падарам?

– Бале.

Садои шамшеру тахтаро гӯшкунон дурудароз нишастаму чашмонамро ба сақф дӯхта, кӯшиш мекардам, ки ҳисси афзояндаи ҳаяҷон ва тарсро фурӯ нишонам. Ба ошхона фаромадам ва ба Ҳурия гуфтам:

– Падар кайҳо боз моҳишӯрбо мехоҳад. Туро шояд ба Кадирга рафтан лозим меояд. Он қиёми мевагии нағз медидагии Шавкатро куҷо пинҳон кардаӣ, барор ва ба бачаҳо бидеҳ.

Шавкат ба ошхона фаромад ва ману Орҳан боло баромадем. Орҳанро бағал кардам, аз гарданаш бӯсидам.

– Ин қадар арақ кардаӣ? –пурсидам. –Ин ҷоят чӣ шуда?

– Шавкат бо шамшери сурхи амакам зад.

– Захм шудааст, –гуфта ба ҷойи зарбхӯрда оҳиста даст бурдам. –Дард мекунад? Ин Шавкат ин қадар дағал аст.

Нигар, ба ту чӣ мегӯям. Ту бисёр боақл ҳастӣ ва кордон. Аз ту як хоҳиш дорам. Ба ту сирреро мекушоям, ки на Шавкат на каси дигар нахоҳад донист.

– Чӣ будааст?

– Ин коғазро мебинӣ? Ба назди бобоят медароӣ. Инро ба вай нишон надода, ба дасти Кара-афандӣ мегузорӣ. Фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам.

– Ичро мекунӣ?

– Кадом сирро мегӯйӣ?

– Аввал коғазро бар, –гуфтам. Боз як бор аз гарданаш, ки бӯйи хуше мекард, бӯсидам. Хушбӯй дар омади гап гуфтам. Чанд вақт боз бачаҳо бо Ҳурия ба ҳаммом намераванд. Шавкатро дар ҳаммом дар назди занони урён дингилчааш сахт мешавад. –Сирро баъд ба ту мегӯям. – Бӯсидамаш. –Доноякам, зебоякам. Шавкат бераҳм аст, ҳатто ба модараш даст мебардорад.

– Намебарам, –гарданшахӣ кард Орҳан. –Аз Кара-афандӣ метарсам, вай падарамонро куштааст.

– Шавкат нагуфтааст? –гуфтам. –Зуд рав, вайро ба ин ҷо даъват кун!

Чеҳраи ғазаболудамро дида, тарсида аз зонуҳоям фаромада гурехт. Шояд гумон кард, ки ғазабам ба сари Шавкат хоҳад буд, хурсанд шуд. Ба зудӣ ҳар ду аз давидан монда шуда расида омаданд. Дар як дасти Шавкат пораи қиём, дар дасти дигараш шамшер.

– Ба додарат гуфтӣ, ки Кара-афандӣ падаратонро куштааст? –итоб кардам. –Бори дигар ин гапи беҳударо нагӯй! Кара-афандиро шумо бояд дӯст доред, ҳурмат кунед! Фаҳмидӣ? Тамоми умр бепадар будан намехоҳедку?

– Ман ӯро намехоҳам. Ба хонаи худамон, ба назди амаки Ҳасан баргардам, падарамро интизор мешавам, – сахт карда гуфт Шавкат.

Чунон қаҳрам омад, ки сахт шаппотӣ задамаш. Шамшере, ки партофтан намехост, аз дасташ афтод.

– Падарамро мехоҳам, –гирякунон гуфт.

Аммо акнун аз ӯ сахттар мегиристам.

– Падаратон нест, барнамегардад, –байни гиря гуфтам. –Бепадар мондед, фаҳмидед, сағираҳои шум. – Чунон баланд мегиристам, ки тарсидам дар он ҷо мефаҳманд.

– Мо сағираи шум не, –боз ғурунгос зад дар байни гиря Шавкат. Дурудароз то тамом шудани оби чашмамон гиристем. Ба назарам менамуд, ки барои он мегирям, ки ашк диламро нарм созад, меҳрубон ва ғамхор шавам. Гиряамон дар болои кӯрпача идома дошт. Шавкат сарашро ба бағалам андохта буд. Баъзан ӯ худашро сахт ба ман мечаспонд, гумон мекардам хоб нест. Худам ҳам нимхобу нимбедор будам. Аз поён аз ошхона бӯйи хуши норинҷ омад. Ниҳоят бо як ҳаракати тез аз болои кӯрпача бархостам, бачаҳо бедор шуданд.

– Ба поён равед, Ҳурия хӯрокатон диҳад.

Дар хона танҳо мондам. Дар паси тиреза барф меборид. Ба Худованд нолидам, аз Ӯ мадад пурсидам. Баъд, Қуръони каримро кушода, ба арвоҳи шавҳари раҳматиам аз сураи «Оли Имрон» оятҳоеро, ки дар он дар бораи онҳое, ки дар роҳи Худованд кушта мешаванд, биҳиштианд, хонда, андаке ором гирифтам. Падарам ба Кара расми нимбуди подшоҳамонро нишон дода бошад? Падарам гуфта буд, ки расми олампаноҳ чунон ҳақиқӣ кашида шудааст, ки касе ба вай нигарад, гумон мекунад, подшоҳамон рост ба ӯ нигариста истодааст ва аз тарс нигоҳашро мегурезонад.

Орҳанро ба наздам хондам, бағал нагирифтам, фақат аз рухсораш дурудароз бӯсидам:

– Ҳозир аз чизе натарс, бояд бобоят набинад, ҳамин коғазро ба Кара медиҳӣ. Фаҳмидӣ?

– Дандонам ликқонак шудааст.

– Баргардӣ, меканам, –гуфтам. –Ба наздаш рав, ҳайрон мешавад ва туро ба оғӯш мегирад. Он вақт номаълум коғазро ба дасташ мегузорӣ. Фаҳмидӣ?

– Метарсам.

– Аз ҳеч чиз натарс! Медонӣ агар Кара набошад, кӣ мехоҳад падаратон шавад? Амакат Ҳасан! Мехоҳӣ, Ҳасан-амак падарат шавад?

– Намехоҳам!

– Ин хел бошад, бирав, бачаяки хушрӯ, донояки ман Орҳан, –гуфтам ӯро торафт ба ин кор моил карданӣ шуда. – Вагарна қаҳрам меояд… Гиря кунӣ, бештар қаҳрам меояд.

Орҳан ночор ва гапгирона дастаконашро тарафам дароз кард ва ман ба кафаш коғази чандбора қаткардаро тиқондам. Оҳ, Худованд, ба мо мадад кун, ҳамааш барои хушбахтии ин сағираҳо! Аз дасти Орҳан гирифта, ӯро ба назди дар бурдам. Дар остона ӯ боз як бор бо чашмакони ҳаросомез ба ман нигарист.

Ба махфигоҳи худ баргашта, дидам, ки чӣ тавр Орҳан бечуръатона хонаро аз назар гузаронд, ба назди падарам ва Кара рафт, парешонҳол монд, ба сӯрохаки назоратиам чашм дӯхт – гӯё дастгирии маро мехост ва гирист, аммо якбора қуввае пайдо карду худро тарафи Кара партофт. Кара аҳли фаҳм аст – вагарна чӣ тавр ҳуқуқи падари кӯдаконам шуданро пайдо мекард?! Дид, ки Орҳан барои чӣ бошад, худашро ба ӯ ҷафс карда мегиряд, саросема нашуд, балки номаълум зуд дастаконашро санҷида дид, ки магар чизе дорад.

Падарам бо ҳайрат ба онҳо чашм дӯхта буд, аммо Орҳан аллакай ба тарафи дар метохт ва ҳамин ки ба ҳуҷраи ҷевондор даромад, ба бағал гирифта, дурудароз бӯсидамаш ва ба ошхона равон шудем, мавизи дӯстдоштаашро додам ва гуфтам:

– Ҳурия, бачаҳоро гир, ба Кадирга равед, барои шӯрбои падарам моҳии кефал харед. Ана, ин бист акчаро гир, ба бақияи моҳӣ дар бозгашт барои Орҳан анҷири зарди дӯстдоштааш ва хушкмева харед. Барои Шавкат нахӯди бирён ва суҷуки[95] чормағздори дӯстдоштаашро гир. То намози хуфтан дар ҷойҳои мехостаашон гардиш кунед, аммо эҳтиёт кун, хунук нахӯранд.

Вақте ки Ҳурияю бачаҳо либосашонро пӯшида рафтанд, хонаро хомӯшии форам фаро гирифт. Берун баромадам, оинаи дар байни болиштҳои хушбӯй пинҳонкардаро, ки ҳунари дасти падарарӯсам буда, онро шавҳарам туҳфа кардааст, кашида баровардам ва дар девор устувор намудам. Агар дур истода, худро ҳар тараф тоб диҳӣ, худатро пурра дидан мумкин. Нимчаи моҳути сурх ба танам хеле шинам афтод, аммо аз таги он куртаи бунафши меросии модарамро пӯшиданиам. Аз сандуқ камзӯли сабзи баланди модаркалонамро, ки худаш гулдӯзӣ кардааст, баровардам, аммо ба танам дуруст наомад. Ҳангоми чизпӯшӣ аз хунукӣ меларзидам ва баробарам нури шамъ ҳам меларзид. Аз болояш, албатта, фаранҷии сурхро, ки рӯяш пашми рӯбоҳ дорад, пӯшиданиам, аммо дар лаҳзаи охир аз фикрам гаштам ва аз сандуқ дигараш, туҳфаи модарам – пашмини осмониранги кабуд, васеъ ва дарозро гирифтам. Аммо ҳамин вақт аз паси дар садоҳоро шунида, ба талвоса афтидам: Кара меравад. Ҳамоно фаранҷии модарамро партофтам ва пашмини худамро, ки ҳарчанд дар сари сина танг аст, пӯшидам, ба ҳар ҳол ба худам маъқул. Ба сарам рӯймоли навро партофтам ва ба рӯям рӯбанди нахи зағириро фаровардам.

Ҳоло Кара-афандӣ нарафтааст, аз ҳаяҷон ба хато роҳ додаам. Фаромада истода аз дил гузарондам, ки ба

---

[95] *Суҷук* – ҳамели чормағз ва мавиз.

падарам мегӯям, бо кӯдакон барои моҳӣ рафта будам. Аз зинаҳо чун гурба бесадо поён шудам.

Дарро бо эҳтиёт кушодам. Ҳавлиро бесадо гузашта, ба кӯча баромада лаҳзае истодам, рӯбандро яктарафа карда ба қафо нигаристам: хонаамон ба назарам бегона намуд.

Дар кӯча касе набуд, ҳатто гурбаҳо. Ягон-ягон барф меборид. Ба боғчаи матруке, ки гӯё ранги офтобро надидааст, даромадам. Бӯйи хазони пӯсида, нам ва марг мекард, аммо дар хонаи яҳудии овехта худро ором ва чун дар хонаи худамон эҳсос кардам. Мегӯянд, ки шабона дар ин ҷо ҷинҳо ҷамъ меоянд, алов мегиронанд ва хурсандӣ мекунанд. Он қадар сокит ва тарснок буд, ки аз садои пойи худ ҳам меҳаросидам. Орому сокит дар гӯшае шах шуда мондам, ки аз тарафи боғ садои хишширос баромад ва зуд қатъ шуд. Дар кучое на он қадар дур саге аккос зад: нӯлаи тамоми сагони маҳалларо мешиносам, аммо инаш кадом саги ғариб буд.

Боз оромӣ, аммо акнун ба назарам намуд, ки дар хона касе ҳаст, дар ҷоям шах шуда мондам, то худро аён насозам. Аз кӯча гапзанон одамон гузаштанд. Ба ёдам Ҳурия, бачаҳо расиданд, иншооллоҳ, хунук нахӯранд. Хомӯширо гӯш карда шиштан ҳам ба дилам зад, аллакай аз омаданам ба ин ҷо пушаймон шудам. Кара намеояд, хато кардам, акнун маро ҳарчи зуд ба хона баргаштан зарур аст, то хорию зорӣ аз ин ҳам нагузарад. Тасаввур кардам, ки маро Ҳасан наззора дорад, аммо ҳоло пурра ба қароре наомада, дар боғ садои по баромад. Дар боз шуд.

Зуд ҷоямро иваз кардам. Чаро чунин кардам, худам ҳам намедонам, аммо зуд фаҳмидам: акнун вақте ки тирезаи рӯ ба боғча аз тарафи рост аст, Кара маро дар бозии муъҷизаноки нур ва торикӣ, яъне, соярӯшан хоҳад дид – ҳамон тавре ки падарам ба ӯ аз усули наққошии Рум

нақл мекард. Рӯйбандро фаровардам ва ба садои шарфаи пой гӯш дода, интизор истодам.

Кара остонаро гузашта, маро дид, каме пеш омад ва қарор гирифт. Акнун аз масофаи панҷ-шаш қадам ба ҳамдигар нигоҳ карда меистодем. Назар ба он ки аз сӯрохӣ медидамаш солимтар ва бақувваттар менамуд. Хомӯшие ба миён омад.

– Рӯйбандро гир, –пичиррос зад Кара. –Илтимос.

– Ман зани шавҳардор. Шавҳарамро интизорам.

– Рӯйбандро кушо, –боз ҳамон пичиррос. – Вай ҳеч вақт намеояд.

– Барои ҳамин гапро гуфтан маро ба ин ҷо даъват кардӣ?

– На, барои дидани ту. Тамоми дувоздаҳ сол туро ёд мекардам. Рӯйбандатро кушо, ҷонам, як маротиба туро бинам.

Рӯйбандро гирифтам. Гап назада, рост ба чашмонам дурудароз нигаристанаш маъқулам шуд.

– Оиладор, соҳиби фарзандҳо шуданат ба ту зебидааст, хушрӯтар шудаӣ. Чеҳраат аз оне, ки тасаввур мекардам, тамоман фарқ мекунад.

– Чӣ тавр ба хотират мерасидам?

– Бо дард. Чунки ҳар гоҳ симои туро пеши назар меовардам, ҳар дафъа фикр мекардам: ин ту нестӣ, чеҳраат аз ёдам рафтааст. Дар ёд дорӣ, дар бачагиамон аз қиссаи Хусраву Ширин ҳарф мезадем. Ширин расми зебои Хусравро дар шохи дарахт дида, чаро дар ҳамон бори аввал диданаш ба ӯ дил набастааст, чаро барои ошиқ шуданаш се маротиба диданаш лозим шуд? Ту мегуфтӣ, ки дар афсонаҳо ҳама чиз се маротиба такрор мешавад. Ман мегуфтам, ки ишқ дар нигоҳи аввал шарора мезанад. Аммо пурсида мешавад: оё касе метавонад симои ҳақиқии Хусравро кашад, ошиқ шудан як тараф истад. Дар ин бора гап намезадем. Дар ин

дувоздаҳ сол агар бо ман тасвири ҳақиқии чеҳраи зебои ту мебуд, шояд ин қадар азоб намекашидам.

Ӯ ба ин маъно боз бисёр чизҳои зебо гуфт, дар бораи он ки чӣ тавр аз рӯйи расм ошиқ шудан мумкин аст, чӣ тавр аз ҷудоӣ дар азоб будааст. Ҳарфҳояш мисли ҳамеша ором, бамулоҳиза ва хуб буданд. Аммо ӯро на он қадар бодиққат гӯш мекардам, ҳушу хаёлам ба он буд, ки чӣ тавр қадам ба қадам наздик мешавад, маънии ҳарфҳояшро нафаҳмам ҳам, саъй мекардам, ҳамаашро ҳифз намоям, то баъд дар танҳоӣ болои ҳар калимааш фикр кунам. Алҳол фақат қувваи афсунгарии ин ҳарфҳоро эҳсос мекардам, ки чӣ тавр бо риштаҳои ноаён маро ба ӯ сахттар пайванд месохтанд. Азоби вичдон мекашидам, ки дувоздаҳ сол маро ёд мекардааст. Чӣ қадар зебо ҳарфҳо мезанад, чӣ қадар инсони хуб аст ин Кара. Аз чашмонаш нури покӣ ва садоқат мерехт. Монанди як кӯдак аст. Инро аз чашмонаш мехонам. Муҳаббати ӯ чунон пурқувват аст, ки боварӣ мебахшад. Аз он ки як ҳамчунин одаме ошиқам аст, ифтихор мекунам.

Ҳамдигарро ба оғӯш кашидем. Ин чунон маъқул буд, ки заррае гуноҳро дар рафтори худ намедидам. Эҳсоси лаззати ширине маро фаро гирифт. Иҷозат додам бӯсад, худам ҳам бӯсидам ӯро. Муддати тӯлонӣ дар ҳамин вазъ дар оғӯши ҳамдигар сокиту бесадо мондем ва ҳамдигарро танг фишурдем. Ба назарам чунон менамуд, ки тамоми олам дар торикии нарму гуворо ғарқ аст, мехостам ҳама ҳамдигарро чунин ба оғӯш гиранд. Забони ӯ маззаи қанду наботро дошт ва торафт дарунтари комам мерафт. Фикр мекардам, дар беҳтарин ҷойи дунё қарор дорам ва беҳтарин кори дунёро анҷом медиҳам. Наход муҳаббати пешинаам баргаштааст? Маззаи забони ӯро бо тамоми вуҷудам эҳсос мекардам. Чунон хушбахт будам, ки фикр мекардам баъди ин рӯйи бадиро нахоҳам дид.

Агар замоне китобе аз зиндагиам навишта шавад, қарор шавад, ки як устоди наққош мисли ҳамон устодони қадими нотакрори Ҳирот онро наққошӣ кунанд, ин саҳнаро чӣ тавр тасвир мекарда бошанд?! Сабабашро ҳозир мегӯям. Баъзе вақтҳо падарам бо чашмони аз ваҷд дурахшон саҳнае аз китобҳоро нишон медод ва мегуфт: «Бубин, ин ҷо таркиббандӣ, ҷадвалкашӣ, наққошӣ, хаттотӣ ва тазҳибу ороиш чӣ қадар ба ҳам омадаанд». Дар ин наққошиҳо аз табу тоби ҳарфҳо то ларзиши баргҳо, аз нақшҳои девор то ороиши канораҳои манзара ва парвози парастуҳо бо оҳанги ишқ офарида шудаанд. Аммо дар ҳамаи он саҳнаҳо ошиқон даври ҳам истода, бо ҳам нешу киноя мезаданд, шояд аз гулу булбул ҳарф мезаданд, шеър мехонданд. Илова бар ин, ҳамаи он дар як гӯша, чунон хурду нонамоён кашида шуда буд, ки бинанда гумон мекард, қисса қиссаи онҳо набуда, дар бораи қасри боҳашамат, чаҳорбоғи зебо, ки ҳар барги дарахту гул ва ситораҳои осмонаш бо муҳаббат офарида шудаанд, мебошад. Бинанда бояд сайъ кунад, ки аз рӯйи таркиббандию рангомезиҳои асрорангези ин саҳифаҳо бифаҳмад, ки мавзӯъ ишқ асту бас. Гӯё ишқ нури заифест, ки ҳарчанд дар кулли саҳифаҳо пахш шуда, бояд бо диққати тамом ва неруи заковат пайдояш кунем. Ҳамин тавр, агар таваҷҷуҳро ба ҳамоҳангии ниҳонии рангҳо, ки танҳо рассоми хориқулода ба ин қодир аст, ба равшании асроромези ҳар кунҷи саҳифа равона созед, асрори ин наққошиҳоро пай мебаред. Ишқ аст он. Аз рӯйи ошиқон нуре шаъшаъапошӣ мекунад, ки ба қаъри олами тасвиршуда рафта мерасад. Ҳамчунин агар шумо мехоҳед, ману Кararo чунин наққошӣ кунед, беҳтараш накашед. Чун фикр мекунам, ишқи ману Кара он қадар нур дорад, ки метавонад кулли оламро равшан созад.

Албатта, он қадар таҷриба ва шуур доштам, ки мефаҳмидам, ин лаҳзаҳои сеҳрангез наметавонанд то

охири дунё давом дошта бошанд. Охираш ё ман мегузарам ё ӯ. Вале барои ман ҳоло ин чиз муҳим набуд, муҳим он буд, ки мо ҳамдигарро дӯст доштем. Ба назарам, ҳатто лаҳзае аз он лаҳазот барои ҳар одам то абад кофист.

Акнун Кара пистонҳои бузургамро ба кафи дастонаш гирифт. Ин барои ман чунон гуворо буд, нӯги синаҳоям таранг гаштанд, мехостам, ки ӯ ҳамаро фаромӯш карда, онҳоро ба даҳон гирифта бимакад. Аммо ӯ чунин накард, зеро худро пурра ба даст гирифта наметавонист. Ӯ, умуман, намефаҳмид, ки чӣ кор карда истодааст, баробари ин, дилаш чизи бештар мехост. Дарди хоҳиш баданашро тарангу об кардан дошт. Вақте ки ба ҳамдигар хеле сахт часпидем, ногаҳон ҳисси тарсу шарм моро фаро гирифт. Дар аввал чӣ тавр аз ронҳоям сахт доштанаш, ба шикамам халидани шармгоҳаш ба ман маъқул буд; ман шарм намекардам, ҳатто бо ифтихор фикр мекардам, ки чунин шуданаш зарур аст – вақте ки туро чунин ба оғӯш мегиранд. Баъд, вақте ки ӯ шимашро фаровард, аввал хостам рӯй гардонам, аммо натавонистам. Чӣ тавр калон аст!

Андаке баъд, Кара маро ба кори беадабонае моил карданӣ шуд, ки ҳатто занҳои қипчоқ на ҳама вақт ба он розӣ мешаванд (қиссаҳояшонро дар гармоба шунидаам), дар ҷоям шах шуда мондам, намедонистам, чӣ кор кунам.

– Абрӯ чин накун, ҷонам! –зора кард.

Қоматамро рост гирифтам, ӯро тела додам ва ба чеҳраи маҳзуни ӯ эътиборе надода, ба сараш борони маломат рехтам.

27. Номи ман Кара аст

Дар хонаи торики яҳудӣ Шакура ҳар ду камони абрӯвони зебояшро таранг кашида, аз чашмони

шарарбораш ҷониби ман тир андохта, зери таънаву маломат гирифт, ки метавонам ҳар чизеро, ки хоҳам ба даҳони маъшуқаҳои черкаси тифлисиам, фоҳишаҳои кипчоқ, арӯсони фақир, ки дар меҳмонхонаҳо танфурӯшӣ мекунанд, бевақҳои туркман ва аҷамӣ, фоҳишаҳои кӯчаҳои Истанбулро пуркарда, духтарони вайроншудаи мингрелӣ ва аҷузаҳои абхозиву арманӣ, ҷодугарзанҳои генуягиву суриёнӣ, мардҳои зинокор, бачаякони чашмносер гузорам, аммо ҳақ надорам ба Шакура пешниҳод кунам. Торафт оташ гирифта, менавохт, ки ман аз пасткӯчаҳои тасфидаи шаҳракҳои Арабистон то соҳилҳои баҳри Хазар, аз кишвари Аҷам то Бағдод ба беҳудагардӣ шуғл варзида, бо ҳар гуна фоҳишаҳои берӯ алоқа карда, тамоман шарму ҳаёро фаромӯш кардаам, намедонам, ки дар олам ҳоло ҳам ҳастанд бонувоне, ки шарафи худро нигоҳ медоранд! Аз ин рӯ, ба лофзаниҳои ман барин одаме дар бораи ишқ ҳеч гоҳ набояд бовар кард. Дуруст мегӯяд, дар он ҷоҳо будам, аммо ҳеч вақт ба касе дил набастаам, зеро тамоми ин вақт як бону дар зеҳнам буд – Шакура.

Ҳарфҳои ҳархелаи қаҳролуди дӯстдоштаамро бо иззати бепоён гӯш мекардаму асбоби дар даст доштаам торафт дарҳам кашида мешуд, аз ноомади кор ҳисси шарму пушаймонӣ маро фаро мегирифт, аммо ду чиз буд, ки маро мамнун мекард: 1. Ҳатто кӯшиши ба Шакура дағалона ҷавоб додан накардам, ҳол он ки вақтҳои пеш дар ин мавридҳо ба занон муносибати дағалона доштам; 2. Шакура дар кадом кишварҳо будани маро дуруст номбар кард, пас, назар ба оне, ки гумон мекардам, дар бораам бештар фикр мекардааст.

Баъдан Шакура аз ноомади кор маҳзун гаштани маро пай бурда, нарм гардид ва дилаш сӯхт.

– Агар ин қадар бетоқат шуда бошӣ, –гуфт гӯё изҳори таассуф мекарда бошад, –бояд ҳамчун мард ба шарафу

нафси худ ҳоким бошӣ, ба ҳайсияти зане, ки бо ӯ хонадор шуданӣ ҳастӣ, ҷиддӣ муносибат кунӣ. Хоҳишманди хонадоршавӣ бо ман танҳо ту нестӣ. Ту бояд чун мард худро идора карда тавонӣ ва занеро, ки мехоҳӣ, таҳқир насозӣ. Одамоне ҳастанд, ки ту барин фикр намекунанд… Ҳа, вақти ба ин ҷо омаданат касе туро надид?

– На.

Чеҳраи зебои ӯро, ки дувоздаҳ сол боз ба хотир оварданӣ мешудам, ҳамон замоне ки гӯё шарфаи пойеро дар замини яхбастаи боғча шунида бошад, ба тарафи дар тоб хӯрд, хубтар дидам. Лаҳзае аз берун дар ҳақиқат садое ба гӯш расид, мо шах шуда мондем, аммо касе надаромад. Ҳамин вақт ба хотирам расид, ки Шакура дар дувоздаҳсолагиаш аз ман баақлтар буд ва аз ӯ шарм медоштам.

– Ин ҷо шабаҳи яҳудии овехта мегардад, –пичиррос зад.

– Қаблан ба ин ҷо меомадӣ?

– Аҷинаҳо, шабаҳу арвоҳҳо… Вақте шамол мевазад, онҳо ба ин ҷо меоянд, ба ашёҳо ворид мегарданд ва дар хомӯшӣ бо ҳам гап мезананд. Дар ҳар бора. Ба ин ҷо омадан шарт нест. Онҳоро мешунавам.

– Шавкат маро ба ин ҷо овард, ки гурбаи мурдаро нишон диҳад, аммо вай ғайб задааст.

– Ту ба вай гуфтӣ, ки падарашро куштӣ?

– Чунин нагуфтаам. Наход чунин фаҳмидааст? Куштани падараш ба хотирам наомадааст, мехоҳам падараш шавам.

– Ба ҳар ҳол, чаро падаратро куштам гуфтӣ?

– Ӯ пурсид, ки оё ҳеч одам куштаам. Рост, ду одамро куштам, гуфтам.

– Худатро таъриф карданӣ шудӣ?

– Ҳам таъриф, ҳам барои он ки ба бачае, ки модарашро дӯст медорам, маъқул шавам. Чунки

шунидам, модарашон ҳар гоҳ дар хона барои дилбардории кӯдаконаш ба онҳо аз ғаниматҳои гӯё дар ҷанг гирифтаи падарашон, қаҳрамониҳояш нақл мекардааст.

– Ин тавр бошад, таъриф кун! Чунки туро дӯст намедоранд.

– Шавкат дӯст намедорад, аммо Орҳан нағз мебинад, –гуфтам хурсандона аз он ки иштибоҳи дӯстдоштаамро ислоҳ кардам. –Аммо ба ҳар дуяшонро падар мешавам.

Лаҳзае як садо омад. Ба ларза даромадем. Вақте ба худ омадам, дидам, ки Шакура пастакак фиқ-фиққунон мегиряд.

– Шавҳари марҳумам бародаре дорад –Ҳасан. Баъди бедаракшавии шавҳарам ду сол бо ӯ ва падараш дар як ҷо зистем. Ба ман ошиқ аст. Ҳоло ӯ чизеро пай бурдааст, гумон мекунад, ки ба каси дигар ба шавҳар баромаданиам, эҳтимол дар бораи ту ҳам медонад, баъди ин, девона шудааст. Таҳдид кард, маро ба зӯрӣ хона бурданист. Мегӯяд, ки назди қозӣ меравад ва бо ҳукми ӯ зӯран наздашон бармегардонад, зеро қонунан марги шавҳарам исбот нашудааст. Ҳар лаҳза ҳуҷум карданашон мумкин. Падарам ҳам намехоҳад, ки қозӣ маро бева эълон кунад, чунки метарсад, ки шавҳари нав ёфта, ӯро тарк мекунам. Баъди марги модарамон дилхушии ягонаи ӯ ман ва бачаҳоям мебошем. Ту бо мо зиндагӣ мекунӣ?

– Чӣ тавр?

– Баъди хонадор шудан бо падарам, бо мо якҷо зиндагӣ мекунӣ?

– Намедонам.

– Зудтар фикр кун. Вақт кам, бовар кун. Падарам расидани бадбахтиеро эҳсос кардааст, фикр мекунам, ҳақ аст. Агар Ҳасан бо одамонаш, яничарҳо ба хонаамон ҳуҷум оранд, дар ҳузури қозӣ ту шаҳодат дода метавонӣ,

ки кушта шудани шавҳари маро дидаӣ? Ту аз кишвари Аҷам баргаштаӣ, бовар мекунанд.

– Мегӯям, аммо ӯро накуштаам.

– Хуб! Ба мо боз як шоҳид даркор, ҳар дуи шумо мегӯед, ки дар кишвари Аҷам дар ҷанг ҷасади хунолуди шавҳарамро бо чашми худ дидаед, ту инро дар назди қозӣ гуфта метавонӣ?

– Надидаам, ҷонам, аммо барои ту шуда мегӯям.

– Кӯдаконамро дӯст медорӣ?

– Дӯст медорам.

– Кадом ҷиҳаташонро?

– Дар Шавкат – қувват, қатъият, ростқавлӣ, якравӣ ва ақлашро дӯст медорам, Орҳан бачаи нағз, ширинак, нозукак ва боақл аст. Онҳоро барои бачаҳои ту буданашон дӯст медорам.

Акнун механдид, ҳарчанд дар чашмони сиёҳаш ашк ҳалқа мезадад. Бо талвосаи одаме, ки бисёр корҳоро бояд анҷом диҳад, ба масъалаи дигар гузашт:

– Кори китоби падарамро бояд анҷом дод ва зудтар ба подшоҳамон пешниҳод намуд. Ҳамаи бадбахтиҳое, ки ба сарамон омадааст, аз дасти ин китоб аст.

– Ба ғайр аз кушта шудани Зариф-афандӣ боз кадом бадбахтие ҳаст?

Ин суол маъқулаш нашуд. Ҳангоми ҷавоб кӯшиш мекард, дурустии суханонашро тасдиқ намояд, аммо дар оҳанги гуфтораш сохтакорӣ дида мешуд.

– Тарафдорони[96] Нусрат-хоҷаи эрзурумӣ овоза кардаанд, ки китоби падарам тухми бединӣ ва бадкорӣ мекорад. Шояд ин наққошоне, ки ба хонаи мо меоянд, дар ҳаққи ҳамдигар дурӯғ паҳн мекунанд? Ту бо онҳо рафтуомад доштӣ, беҳтар медонӣ.

---

[96] *Тарафдор* - дар асли туркӣ низ ин калима истифода шудааст.

– Ин бародари шавҳари раҳматиат, –гуфтам, –оё бо наққошони китоби падар, тарафдорони Нусрат-хоҷа алоқае дорад, ё ба чизе ҳамроҳ намешавад?

– Алоқае надорад, аммо тайёр аст ҳар лаҳза ба онҳо ҳамроҳ шавад.

Хомӯшии аҷиб ва пурасрор ба вуҷуд омад.

– Вақте ки бо Ҳасан дар як хона зиндагӣ мекардед, рӯятро чӣ тавр аз вай пинҳон доштӣ?

– Хонае буд бо ду ҳуҷра.

Ҳамин вақт на он қадар аз дур зӯзаи як-ду саг баромад.

Мехостам, пурсам, ки чаро шавҳарат бо он ҳама қатлу ғорат ва ғанимати фаровон ҳамсарашро дар як хонаи хурди духуҷрагӣ бо падару бародараш ҷой кардааст, аммо тарсидам, ки нороҳат мешавад, дар ин бора даҳон накушодам. Ба ҷойи ин гуфтам:

– Чаро ба ӯ ба шавҳар баромадӣ?

– Албатта, рӯзе бояд шавҳар мекардам, –ҷавоб дод ӯ. Рост мегуфт, ҷавоби боақлона ҳам буд, ба таърифи шавҳараш ҳам надаромад, то маро нороҳат накунад. –Ту рафтӣ ва барнагаштӣ. Шояд касе озорро аломати ишқ ҳисобад, аммо муҳаббати озурда ҳам дилгиркунанда аст ва ҳам оянда надорад. –Ин гапаш ҳам дуруст, аммо ба шавҳари каллабураш ҳам на барои ин хонадор шудааст. Танҳо аз чашмони нимбози айёронааш, ки барқ мезаданд, фаҳмидан душвор набуд, ки ӯ баъди муддати кӯтоҳи Истанбулро тарк карданам зуд маро фаромӯш кардааст. Медонистам, ки ин дурӯғҳоро бадоҳатан мегӯяд, то дили маро нашикаста бошад, ақаллан бо сухани андаке захмҳои равонии маро малҳам бахшад, аз ин рӯ, маро зарур аст, ки ин дурӯғи ӯро бо шукргузорӣ қабул намоям. Медонистам, ки хуб нест, ин гапҳоро ба рӯяш гӯям. Бо ҳамаи ин ба нақли он пардохтам, ки дар муддати сафари дурудароз ҳамеша дар бораи ӯ фикр

мекардам, шабҳо сурати ӯ пеши назарам ҳувайдо буд. Инҳо ҳарфҳое буданд, ки ҳеч гоҳ пеши касе нагуфта будам, ҳеч фикр намекардам, ки ба касе ошкор мекунам; ҳарчанд ҳақиқатро мегуфтам, бо тааҷҷуб эҳсос мекардам, ки оҳанги суханам самимона садо намедиҳанд.

Дар зиндагиам ин бори аввал буд, ки дар бораи масъалаи самимият ба андеша рафтам. Пеш фикр мекардам, агар ду нафар ҳамеша ба ҳам рост гӯянд, яъне, айни ҳақиқатро гӯянд, самимианд. Аммо ҳоло пай мебарам, барои нигаҳдории самимият баъзан маҷбур дурӯғ гуфтан лозим мешавад. Ман, ки ҳеч вақт дар дурӯғгӯйӣ таҷрибаи кофӣ надоштам, беҳтар набуд, ки мисли ҳамеша ҳақиқатро гӯям? Вале он вақт масъалаи самимият чӣ мешавад? Шояд беҳтарин мисоли ин масъала ҳамин наққошҳое бошанд, ки дар байнашон эҳтимол як қотил ҳам ҳаст. Ҳатто расми бенуқсоне, масалан, расми асп, ҳарчанд тасаввури Худованди холиқ ва анъанаҳои устодони бузургро пурра инъикос мекунад, мумкин аст ҳиссиёти ҳақиқии наққошро ифода накунад. Самимияти рассом ё одамони монанд ба мо – бандагони муқаррарии Худованд, на дар лаҳзаҳое, ки устодӣ ва такомули олиро нишон медиҳем, балки баръакс, замоне, ки забонамон мегирад, вақте ки хато мекунем, даступо мехӯрем ва сахт хафа мешавем, маълум мегардад. Инро

барои он занҳое мегӯям, ки ноумед шудаанд. Вақте ба Шакура гуфтам, ки дар ин дувоздаҳ сол ҳеч вақт аз дидори зане розӣ набудам, дурӯғ нагуфтам. Чун манзурам шуур ва ҳаё ва бартариҳои Шакура буд. Вагарна, чи тавре ки худи Шакура ҳам инро дарк кард, рағбатам ба ӯ нисбат ба эҳсосоте, ки дар ҳамин ҳолатҳо ба дигар бонувон, чун зебодухтарони мешчашми қазвинӣ бо он пӯсти обдору гулгун, лабу даҳани зарифу олуболуранг, ки аз Шакура зеботар буданд, доштам, болотар аст. Шакураи азизам, ки Худованд ба ӯ ақли расо додааст, зуд фаҳмид, ки баъди дувоздаҳ соли ҷудоиҳо, азобҳои ҷисмонии ғурбат бо ӯ танҳо монда, натавонистам ҷараёни сиёҳи шаҳватро боздорам ва худро чун пасттарин фосиқ нишон додам. Охир, Низомӣ ҳангоми тасвири даҳони ширини Ширин онро ба рангдони сурхи пур аз дур ташбеҳ мекунад.

Садои зӯзаи сагҳо боз баланд шуд. Шакура бетоқатона гуфт:

– Беҳтар аст, равем.

Танҳо баъди он ки рӯйи ҳавлӣ баромадем, пай бурдем, ки аз шаб хеле гузаштааст. Маро боз хоҳиши ба оғӯш гирифтани Шакура ғалаба кард, беихтиёр тарафаш майл кардам, аммо вай чун гунҷишк як тараф парид.

– Ман ҳоло ҳам хушрӯ? Зуд ҷавоб деҳ.

Тамоми ҳунарамро кор фармуда, тавсифаш кардам, бодиққат гӯш кард, маълум буд, ки писандаш омад.

– Либосам? Зебидааст?

Таъриф кардам.

– Бӯйи атр хуш аст?

Чунин шатранҷи ишқро ҳар ду борҳо аз Низомии бузургвор хондаем ва хуб дар ёдамон ҳаст. Аммо он чунон мураккаб аст, ки ҳатто вақти аз китоб иқтибос овардан ба иштибоҳ роҳ додан мумкин аст. Аммо Шакураи ман дар ин бобат устухон надорад.

– Музди корат чӣ қадар аст? –пурсид. –Ятимчаҳои маро нигоҳубин карда метавонӣ?

Сахт ба оғӯш кашидам ва фаҳмондамаш, ки дар ин дувоздаҳ сол аз дидани шикасту пирӯзӣ, ҷангу ҷасадҳо, подшоҳу шоҳзодаҳо таҷрибаи зиёд андӯхтаам. Метавонад ба ман такя кунад, ҳамаи мушкилотро барояш ҳал хоҳам кард.

– Дар ҳамон навбати аввал чӣ қадар ҳамдигарро хушрӯ ба оғӯш кашида будем, –асроромез гуфт Шакура. – Ҳоло он сеҳр аз байн рафта.

Барои он ки самимияти эҳсоси худро исбот созам, ӯро боз сахттар ба оғӯш гирифтам. Мехост биравад, ки пурсидам, чаро он наққошиеро, ки дар бачагиҳоямон барояш кашида будам, тавассути Эстер пас гардонд? Чизе нагуфт. Шояд аз бефаҳмиам изҳори ҳайрат кард. Дар чашмонаш чунон меҳри самимона ҷӯшид, ки моро боз ҳам ба оғӯши ҳамдигар партофт. Аз ин ҷавоби беҳтарин набуд бароям. Аммо ин бор аз ҷӯши эҳсос ақламро набохтам, оғӯши мо акнун пур аз меҳру муҳаббат буд. Имкони ба оғӯш гирифтани дӯстдошта доруи беҳтарин аз азоби рағбат аст.

Дастонамро болои синаҳояш бурдам, аммо ӯ бо меҳр, аммо қатъият дасти маро дур кард ва гуфт, ки ман чунон одами баркамоле нестам, ки бо зани пеш аз тӯй бо ӯ алоқабаста оилаи мустаҳкам сохта тавонам ва он қадар ботаҷриба ҳам нестам, вагарна фаромӯш намекардам, ки саросемагӣ кори шайтон аст, то хонадоршавӣ бояд сабр кард ва азоб кашид. Аз оғӯши ман раҳо ёфта, ба рӯяш рӯйбанди нахи зағириро фаровард ва ба баромадгоҳ равон шуд. Вақте дарро кушод ва маълум гардид, ки дар нимторикии зуд расида барф мерезад, фаромӯш кардам, ки тамоми ин муддат мо пичиррос зада гап мезадем (шояд барои он ки рӯҳи яҳудии мурдаро ташвиш надиҳем), якбора бо овози баланд пурсидам:

– Акнун мо чӣ кор мекунем?

– Намедонам, –гуфт Шакура.

Пай бурдам ин ҳарфро ҳам ба ҳамон усули шатранҷи ишқ ба забон овард ва сабуку нарм аз боғи куҳна берун баромад ва барф изи пояшро бо аҷала мерӯфт.

28. Қотил мономанд маро

Аминам бо шумо ҳам рӯй додааст он чизе, ки мегӯям. Дар кӯчаҳои бесарунӯги Истанбул печутоб хӯрда гашта, дар ошхонае бодинҷонбирён хӯрда ё ба ҳалқаҳои нақшу нигори ба усули як найи печида кашида бодиққат нигоҳ карда, ногоҳон пай мебарам, ки имрӯзро чун дирӯз қабул мекунам. Чунончи дар кӯча рӯйи барф мегардаму гумон мекунам дар ин кӯча аллакай гашта будам.

Он чизе, ки ҳоло ба шумо нақл мекунам, гӯё ҳам дар замони ба ҳамаамон маълуми ҳозира ва ҳам замони гузашта рӯй додааст. Шом буд, пардаи торикӣ мефаромад, барфи реза меборид ва ман дар кӯчае, ки Эниште-афандӣ зиндагӣ мекард, қадам мезанам.

Дар муқоиса бо шабҳои қабл ба ин ҷо бо қатъияти комил омадам, зеро чӣ хостанамро аниқ медонам. Бар хилофи баъзе шабҳои дигар, ки пойҳоям худашон маро ба ин ҷо меовардану дар бораи чизҳои дигар, масалан, китобҳои даврони Темур, ки муқоваашон сурати Офтоб дорад аз ҷилдкашии ҳиротӣ орист ё дар бораи он ки чӣ тавр ба модарам барои китоб ҳафтсад акча гирифтанамро бори аввал нақл кардам ё вақте ки гуноҳон ва корҳои аблаҳонаамро фикр мекардам, акнун хавосам ҷамъ буду медонистам куҷо мераваму чӣ кор мекунам.

Чун метарсидам, касе дарро бароям боз накунад ва аз ин ки ба дари қадимии он ҳавлӣ даст бурдаму дар такони аввал боз шуд, инро фоли нек шуморидам, фаҳмидам, ки

Худованд дастгирам аст. Рӯйи ҳаёти аз барф рӯшан чун шабҳое, ки барои нақққошии нави китоб меомадам, касе набуд. Дар самти рост чоҳи об, рӯйи он сатиле буд, ки шояд бо он об мекашанд, болои он гунҷишкаке аз сармо парво накарда нишастааст. Ҳанӯз чароғеро, ки ҳамеша васати ҳавлӣ овезон буд, рӯшан накардаанд, ҳарчанд ҳама ҷо комилан торик буд. Самти чап, аспхонаи холӣ, ки танҳо меҳмонон аспонашонро мебанданд. Хулоса, ҳама чиз чун пешина дар ҷояш. Ба дари кушода аз паҳлуи аспхона даромадам ва бо зинаҳои тахтагӣ тақ-тақкунон боло шудам ва чанд бор сурфа ҳам задам.

Ба шарфаю сурфаам ҷавобе нашуд. Пеш аз он ки ба даҳлез ворид шавам, кафшҳои лойолудамро кашида, барқасд сахт рӯйи фарш, канори пойафзолҳое, ки дами дари вурудии ҳуҷраҳо гузошта шуда буданд, партофтам, боз ҳам аз хонаҳо садое набаромад. Аз рӯйи одат кафшҳои таҳи девор қаторро аз назар гузаронда, вақте дидам, як ҷуфт кафши сабзи хеле зебо, ки эҳтимолан ба Шакура дахл дошт, низ намерасад, фаҳмидам, ки дар хона касе нест.

Дари аввалро аз тарафи рост боз намудам ва ба ҳуҷрае, ки ба назарам ҷойи хоби Шакураю фарзандонаш аст, даромадам. Бистари нармро даст-даст кардам, анҷомҳои даруни сандуқча ва ҷевончаро, ки дарҳояшон ба осонӣ бесадо кушода шуданд, аз назар гузарондам, ки чизи хосе надоранд, фақат бӯйи рӯҳафзои бодом мекард, ки аз дил гузарондам, эҳтимолан атри тани Шакура аст. Дари болои комоди девориро, ки боз кардам, аз болояш як болишт афтод болои сарам, баъд, болои кӯзаи мисӣ ва чанд қадаҳи рӯйи фарш. Дар ин мавридҳо ҳамаро эҳсоси тарс фаро мегирад, аммо ман хунук хӯрдаму бас.

– Ҳурия, –аз куҷое садои Эниште-афандӣ баромад. –Ё туӣ, Шакура?

Дар як чашмзанӣ аз ҳуҷра баромадам, роҳравро давида гузашта, дари кабуди хонаи нақққошии Эниште-афандиро, ки мо он ҷо шабҳои зимистон болои китоб кор мекардем, кушодам ва гуфтам:

– Манам, Эниште-афандӣ, ман.

– Ту кӣ?

Якбора ба хотирам расид, ки он исмҳои мустаоре, ки устод Усмон дар бачагӣ бароямон гузоштааст ва Эниште-афандӣ онҳоро маҳз барои пинҳонӣ тамасхур кардан истифода мебарад, ба забон наорам, роҳи дигарро пеш гирам. Аз ин рӯ, бе саросемагӣ, оҳиста-оҳиста бо услуби хушнависони Туркия, ки дар охири китоби хаттотиашон ному насаб, зодгоҳашонро менависанд ва ифодае монанди «бандаи ҳақир ва ғуломи даргоҳатон»–ро илова мекунанд, то номашонро абадӣ гардонанд, ба ҳамин тартиб ҷавоб додам. Эниште-афандӣ аввал:

– Ҳа? –гуфт, баъд: – Оҳо!

Инро гуфту хомӯш монд, монои он ки дар бачагӣ аз як қиссаи суриёнӣ хонда будам: «Пирамард вақте фаҳмид, бо марг рӯ ба рӯст, ҳеч нагуфт ва то лаҳзаи ҷон додан сокит ва бесадо монд». Хомӯшӣ дурудароз набуд, аммо ба назарам хеле давом кард.

Марг, ки гуфтам, ёдам омад: агар яке аз шумо фикр кард, ки ба ин ҷо ба қасди баде омадаам, пас, он нафари шумо аз ин қиссае, ки мехонад, аслан чизе нафаҳмидааст. Агар чунин қасд доштам, сурфа мекардам? Дарро мезадам? Кафшҳоямро мекашидам? Ё ақаллан худатон фикр кунед, магар бе корд меомадам?

Эниште-афандӣ ҳам монанди мӯйсафеди қиссаи суриёнӣ аввал гуфт:

– Пас, билохир, омадӣ?! –Аммо баъд лаҳнаш тағйир ёфта гуфт: –Хуш омадӣ, писарам! Коре доштӣ ба ман?

Берун тамоман торик шуда буд. Аз тирезаҳои кӯчаке, ки алҳол бо муми асал ва тахтачаҳо то баҳор маҳкам

карда шудаанд, баъд, баҳору тобистон субҳ то шом рӯ ба дарахтони чинору анор боз мешуданд, фақат ба андозае нур медаромад, ки монои наққошиҳои чинӣ имкон дошт фақат дар кучо қарор доштани ҳар чиз ташхис дода шавад ва наққошҳои мо ин манзарарo хуш доранд. Эниште-афандӣ дар ҷойи ҳамешагии одатиаш, паҳлуи рафи китобмонӣ менишаст, то рӯшноии шамъ аз тарафи чапаш бошад. Чун самти росташ будам, сураташро хуб намедидам. Орзу мекардам он ҳиссиёти наздикие, ки дар шабҳои то субҳ дар рӯшноии шамъ бо қаламмӯҳо, қаламҳо, рангдонҳо, қаламтарошҳо ҳангоми расмкашӣ суҳбат доштем, аз нав барқарор гардад. Аммо ҳоло худро бегона ҳис мекунам, шояд, аз ин рӯ, шубҳаи худро ба як бор баён карда наметавонам: яъне, вақте расм мекашам, маро эҳсоси тарс фаро мегирад, ки гунаҳкорам, гуноҳам ба покон аён аст. Қарор додам дарди диламро бо як қисса ба Эниште-афандӣ баён созам.

Шумо шояд қиссаи Шайх Муҳаммад, мусаввири исфаҳониро шунидаед. Шайх дар интихоби рангу таркиббандии саҳифа, кашидани расми инсон ва ҳайвон, хусусан, чеҳра, ба наққошӣ бахшидани рӯҳи латифи шоирона ва мантиқи қавии ҳандасӣ назир надошт. Баъд аз он ки дар синни хеле ҷавонӣ ба марҳалаи устодӣ расид, тайи се даҳсола ҷасорату шаҳоматеро, ки ӯ дар интихоби мавзӯъ ва услуби наққошӣ дошт, ҳеч як рассоми замон надошт. Ӯ буд, ки бо устодӣ ва риояи меъёр наққошии нозук ва латифи ҳиротиро бо ҳунари рассомии Чин пайванд сохт, бо сабки сиёҳқалам чизҳое кашид, ки аз Чину Муғулистон то мамолики Аҷам ҳеч кас ҷуръати кашидани онро надошт, маҳз тавассути ӯ тасвири шайтони сиёҳи даҳшатовар, деву аҷинаҳои шоху думдор, аспоне бо олати бузург, ҷонварҳое, ки нисфи сураташон одаму нисфашон ғӯл, париву ҳайвонҳои гуногун ба дигарон гузаштааст. Маҳз ӯ буд, ки нахустин шуда ба

портретҳое, ки тавассути киштиҳо бо дасти португалиҳо ва голландиҳо меомаданд, таваҷҷуҳ зоҳир карда, аз таъсири онҳо бархурдор шуд; азбаски бо тамоми усул ва ҷузъиёти наққошиҳои устодони қадими Ҳирот шинос буд, аз китобҳои куҳнаву даридаи замони Чингизхон усулҳои фаромӯшшударо пайдо карда, эҳё намуд; пештар аз ҳама наққошиҳоеро ба вуҷуд овард, ки мавзӯъашон зан аст ва аз дидани он мардҳоро шаҳваташон бедор мегардад, мисли: дар шаби маҳтоб оббозӣ кардани Ширини урён, ҳуҷраҳое, ки дар ҷазираи махсуси занона барои тамошои Искандар омода кардаанд; подшоҳҳоро вақти шаҳваташон бедор будан, сагҳоро вақте ки ҷуфт мешаванд, шайхҳоро вақте ки масту сархуш буданд, ҳамаи инро чунон мекашид, ки дигар ҳунармандонро ҷуръат пайдо мебахшид ва аз пайи ӯ мерафтанд. Албатта, баъзе чизҳое буданд, ки баъди кашидани ӯ ҳам, дигарон ҷуръати ба он даст ёфтан намекарданд, масалан, он наққошии шаби меъроҷи Ҳазрати Муҳаммад (с)-ро бо аспашон. Давоми сӣ соли кори боравнақ, ки бо илҳоми афзун наққошӣ мекард, субҳу шом, ҳама вақт ва ҳар ҷойе, ки дилаш мехост, аз шаробу май даст намебардошт, афюн мекашид то ба пирӣ. Ниҳоят бо як сӯфӣ ошно ва муриди ӯ шуд, бо иродате, ки ба пир дошт, тамоман дигар гашт ва эътироф кард, ки ҳамаи он наққошиҳое, ки давоми сӣ соли пеш кардааст, тавҳин ба дин ва муқаддасот буда, бояд аз баҳри онҳо барояд. Илова ба ин, дар сӣ соли умри боқимондааш Шайх Муҳаммади мусаввир шаҳр ба шаҳр, қаср ба қаср гашта, дар ҷилдҳои китобхонаҳо наққошиҳои худро ҷустуҷӯ кард, дар ҳар шаҳру қаср ва китобхонае, ки яке аз он наққошиҳоро пайдо мекард, ба ҳар роҳ соҳибашро мутмаину қонеъ месохт, ки кулли он китобҳоро аз байн барад, ё ҳадди ақалл, саҳифаи наққоширо аз он китоб биканад ва бисӯзонад ва агар наметавонист соҳиби китобро қонеъ кунад, китобро

медуздид ё китобхонаро оташ мезад ё дастикам рӯйи он наққошӣ об ё чизе мерехт, ки рангҳояш нобуд шавад ва дигар маълум нашавад, ки он чист.

Ин қиссаро барои Эниште-афандӣ барои он нақл кардам, ки мехостам гӯям: агар як наққош аз алоқа ва эътиқоди қаблиаш, ки номаълум ба куфр мебарад, даст накашад, чӣ қадар ба азият гирифтор мешавад ва ба заҳмат хоҳад афтид. Қиссаи Шайх Муҳаммадро медонед, ба чӣ анҷомид? Вақте ки ӯ дар китобхонаи бузурги Аббос Мирзо, шоҳзодаи Қазвин, ки садҳо ҷилд китоб дошт, он китобҳоеро, ки наққошиҳои ӯро дошт, наёфт, кулли китобхонаро оташ зад ва худаш дар ин миён аз ҳол рафта, аз по афтид ва сӯхту мурд. Ин афтодану сӯхтану мурдани Шайх Муҳаммади мусаввирро ба оташе, ки аз эҳсоси гуноҳи кашидаи наққошиҳо ба ҷону дили устод афтодааст, ташбеҳ кардам ва чунон барои Эниште-афандӣ таъриф кардам, ки ангор ин ҳодиса бо худам иттифоқ афтода.

Эниште-афандӣ бо меҳру муҳаббат ба ман рӯй оварад:

–Тарсидӣ писарам? Аз расмҳои кашидаи худат?

Ҳуҷра чунон торик буд, ки чеҳраи ӯро намедидам, аммо тахмин мекардам, ки лабханди аблаҳонаи ҳамешагиаш дар рӯяш нақш бастааст.

– Китобамон кайҳо чизи ба ҳама маълум аст, – гуфтам. –Балки ин муҳим нест. Аммо дар ҳама ҷо дар бораи он гап мезананд. Гӯё ба динамон тавҳин кардаем. Агар мегуфтанд, ки дастури худи подшоҳамон аст ё чизе монанд ба ин, дарди бахайр буд, аммо ин тавр намегӯянд. Мегӯянд, ки мо, чанд нафар бо алоқае, ки ба усули наққошиҳои кофарони фарангӣ дорем, рӯйи китобе кор мекунем, ки наққошиҳояш ҳам ба подшоҳамон ва ҳам ба дину мазҳаб ва фарҳангамон тавҳин аст. Ҳатто гапҳое ҳастанд, ки шайтон дар расмҳои мо махлуқи дӯстдошта аст. Дар бораи усули перспектива ҳарфҳое пайдо шуданд,

ки мо ба олам бо субъективият, бо чашми саги мурдор[97] менигарем, масҷидро ба андозаи пашша хурду ночиз мекашем – на барои он ки он дар пасманзари асп ё чизи дигар истодааст, балки ба ҳамон мақсад, ки ислом, масҷид ва муъминони он ҷоро таҳқиру масхара намоем. Бо ин андеша шабҳо хобам намебарад.

– Ин расмҳоро мо якҷоя кашидаем? –маломат карданӣ шуд Эниште-афандӣ. –Мо ягон кори бад накардаем, ту чаро ба дилат чунин фикрҳоро роҳ медиҳӣ?

– Ҳошо! –хитоб кардам қаҳру ғазабамро фурӯ нишонда. –Аммо намедонам, аз куҷо шунида бошанд, мегӯянд, ки расми охирин ҳам ҳаст, ки ба иловаи наққошиҳои дигари китоб, ки ҳар кадом ба таври махфӣ куфрро таблиғ мекунанд, ин расм ошкоро ва рӯирост динамонро тавҳин мекунад ва куфрро тарафдорӣ.

– Расми охирро ту дидаӣ.

– Танҳо канори коғази бузурги дусаҳифагиро, ки барои кашидан додед, дидаам, –ҷавоб додам эҳтиёткорона бо боварие, ки ба Эниште-афандӣ маъқул мешавад. –Аммо тамоми расмро надидаам. Агар онро пурра медидам, аз шарри азоби виҷдон халос мешудам ва ҷавобе барои туҳматҳои он аблаҳон пайдо мекардам.

– Чаро ту худро гунаҳгор медонӣ? –пурсид ӯ. –Чӣ ҷони туро дар азоб монда? Ӯ кист, ки ту ин қадар аз вай метарсӣ?

– Инсон вақте ки болои як китоб чанд моҳ бо ғайрати дучанд кор мекунад, аммо ногаҳон дар ҳаққаш туҳмат мезананд, ки муқаддасотро тавҳин кардааст, ҳис мекунад, ки дар азоби дӯзах мондааст. Ақаллан, агар он наққошии охиринро медидам...

– Ҳама дардат[98] ҳамин? –пурсид. –Ба ин ҷо барои ҳамин омадӣ?

---

[97] *Мурдор* - дар асли туркӣ ба ҳамин шакл.
[98] *Дард* - дар туркӣ низ дард.

Маро талвосае фаро гирифт. Магар дар бораи аз дасти ман кушта шудани бечораи Зариф-афандӣ чизе пай бурдааст?

– Дар байни онҳое, ки чунин овозаҳоро паҳн мекунанд, ҳастанд онҳое, ки мехоҳанд подшоҳамонро аз тахт афтонда, ба ҷояшон шоҳзодаро[99] нишонанд, дар асл ин китоби подшоҳамон ба онҳо дастак шуд, –гуфтам.

– Ба ин гапҳо кӣ бовар мекунад? –пурсид маҳзунона, ки аз оҳанги суханаш хастагӣ ҳис мешуд. –Ҳар як воизи ҳарис аз пешравиаш ҷон гирифта, ба доду фарёд сар мекунад, ки динамон дар хатар. Ин ҳам як роҳи ба даст овардани нон.

Аҷабо, ӯ чаро гумон мекунад, ки ба ин ҷо танҳо барои ин хабарҳоро расондан омадаам?

– Бечора Зариф-афандии марҳум, –бо садои ларзон илова кардам, –шунидам, ки расми охиринро дида, онро куфр ҳисобидааст ва барои ин гӯё мо ӯро куштаем. Инро яке аз устодони наққошхона, ки дӯсти наздикам аст, гуфт. Худатон хуб медонед шогирдону хизматгоронро, ҳамаашон ғайбатро дӯст медоранд.

Ҳарфҳоям бо ҳамин равиш торафт ҳаяҷоннок садо медоданд. Намедонам, чӣ қадари ин ҳарфҳоро аз ӯ шунида будам, чӣ қадари дигарашро дар ин муддате, ки туҳматгари нокасро куштам, аз худ бофтам ва чӣ қадари дигарашон дар он лаҳзаи мудҳиш ба ёдам расид. Фикр мекардам, баъди ин Эниште-афандӣ наққошии дусаҳифагии охиринро нишонам дода, маро ором мекунад. Агар оромам кунад, фикр мекардам, аз дасти он садоҳое, ки ҳар рӯз ба суроғам меоянд, халос мешавам.

Лаҳзае пас барои ин ки тавақҷуҳашро бедор кунам, ҷасурона пурсидам:

---

[99] *Шоҳзода* - дар асли туркӣ низ шоҳзода.

– Оё рассом метавонад нафаҳмида, яъне, бидуни он ки эҳсос кунад, як наққошии куфромез ба вуҷуд орад?

Аммо ӯ ба ҷойи ҷавоб гӯё аз будани кӯдаке дар он торикӣ маро огоҳ карданӣ бошад, дастонашро бо аломати «ором» боло кард; хомӯш мондам. Зери лаб оҳиста гуфт:

– Хеле торик шуда. Шамъдонро биёр.

Шамъро даргиронд, дар равшании он дар қиёфааш ғурури ғайриодиро мушоҳида карда, ба қаҳр омадам. Ё ин ифодаи дилсӯзиаш буд? Ҳама чизро шояд фаҳмид ва маро қотили бераҳм ҳисоб кард, аз ман метарсад – аз дилам гузашт. Нисбат ба ман чӣ эҳсос дошта бошад? Тарс ё танаффур? Андешаҳо аз идораам берун шуданд, намедонам, ки онҳоро ҳамин лаҳза фикр мекунам ё қаблан фикр кардааму акнун ба ёд меорам, ҳатто як лаҳза фикр кардам, ки ман на, дигар кас фикр мекунад ва ман фақат акси фикри ӯро эҳсос мекунам ё думболагирӣ дорам. Дар фикри ин чизҳо ё шояд ба ёди ин чизҳо дар гӯшаи гилем доғеро ба мушоҳида гирифтам монанди сурати гург, намедонам чаро то ҳол дар бораи он фикр накарда будам.

Чанд лаҳза ҳар дуямон хомӯш будем, баъд Эниште-афандӣ ба сухан даромад:

– Алоқаи ҳамаашон, шоҳ ва шоҳзода, подшоҳ ба нақш ва наққошӣ ва китоб аз се марҳала иборат аст. Дар давраи аввал зуд дилбастагӣ пайдо мекунанд, тасмим мегиранд ва ҷасорати бештар ба харҷ медиҳанд. Ё асари наққоширо фақат ба хотири чашм ва касби эътибораш мехаранд. Он чизҳое, ки дар марҳалаи аввал ёд мегиранд, барои дар марҳалаи дуюм соҳиб шудан ба салиқа ёрӣ мерасонад ва акнун кореро, ки шахсан дӯст медоранд, супориш медиҳанд. Дар ин марҳала низ аз ин кор, воқеан лаззат мегиранд ва ба фикри супориши корҳое меафтанд, ки илова ба даврони дар ҳаёт буданашон, ҳатто баъди

марг ҳам обрӯю эътиборашонро меафзояд. Дар охири умр аслан барояшон муҳим нест, ки дар ин дунё аз онҳо чизе боқӣ мемонад ё на, ки ин оғози марҳалаи сеюм аст. Дигар ҳатто барояшон ин ҳам муҳим нест, ки бачаҳо ё набераҳояшон исмашонро зинда нигоҳ медоранд, чӣ расад ба он, ки рӯйи китоб номашон ҳак шуда ё на. Дар охири марҳалаи сеюм фақат дар бораи он дунё фикр мекунанд ва бадбахтона, ҳамаашон ба ин натиҷа мерасанд, ки нақш ва наққошӣ дар он дунё барояшон дарди сар хоҳад овард. Дигар беҳтар аз шоҳ Таҳмосп намешаванд, ки худ як умр наққошӣ карда, устоде буд дар ин кор, аммо ҳамин ки ба марҳалаи сеюм расид, дари хонаҳои наққошӣ ва китобхонаи дарборро баст ва он китобҳои шоҳкориро ҳар ҷо тақсим кард ва аслан худашу устодони ҳунар аз Табрез бадар рафтанд. Намедонам, ин фикр ба сари инҳо аз куҷо омад ва чаро гумон мекунанд, ки нақш ва наққошӣ дари биҳиштро мебандад?

– Шумо сабаби инро медонед: ҳазрати Пайғамбар (с) фармудаанд, ки рӯзи қиёмат Худованд наққошҳоро ба азобҳои алим гирифтор хоҳад кард.

– Рассомонро не, –ҷавоб дод Эниште-афандӣ. – Мусаввиронро. Ин як ҳадис аст, аз Бухорӣ[100].

– Дар рӯзи қиёмат ба онҳо мегӯянд: ба ин чизҳое, ки халқ кардед, рӯҳ бидамед ва чун наметавонанд, ба ҷаҳаннам мебарандашон, – бо эҳтиёт илова кардам. – Медонем, ки мусаввир яке аз сифоти Худованд дар Қуръони карим аст. Танҳо Худованд метавонад аз ҳеч чиз чиз офарад, ба беҷон ҷон бахшад. Ҳеч махлуқ наметавонад бо Ӯ – холиқи олам мусобиқа кунад. Аммо магар наққошҳо иддао намекунанд, ки чизеро халқ мекунанд? Гуноҳе аз ин бузургтар мешавад?

---

[100] *Бухорӣ* – Имом Бухорӣ (810–870), донишманди бузурги ислом.

Сахт карда гуфтам, ангор ӯро ба муҳокима мекашидам, ки рост чашм андохт ба чашмам.

– Ба назари ту мо ҳам ҳамчунин коре кардем?

– Асло, –ҷавоб додам табассумкунон. –Аммо мардум мегӯянд, ки бечора Зариф-афандии марҳум он нақққошии охиринро дида, чунин фикр кардааст: ин усули фарангиҳо бо номи перспектива нест ба ҷуз килки ҷадиди шайтон барои гумроҳ кардани мо. Гуфтааст, ки дар нақққошии охирин бо усули фарангӣ расми марг кашида шуда, ки ҳар касе бинад, фикр мекунад, воқеан, мисли ҳамон нақққошиҳое, ки онҳо дар калисоҳояшон мекашанд, худашон аз он ба тарс меафтанд ва сақда мекунанд, хоҳиши сақда кардан пайдо мешавад. Ӯ ҳатто гуфта, ки бо ин усули перспектива нақққош дигар мавзӯъро бо нигоҳ ва нерӯе, ки Худованд дар дили бандагони хосаш ҷой кардааст не, балки мисли саги дайду мебинад. На танҳо ба ин сабаб, балки бо омезиши сабкҳо бо усулҳои фарангӣ тозагии худро аз даст дода, ғуломи кофирон мегардем. Инҳо ҳама кори шайтон аст.

– Ҳеч чизи бутун дар ин дунё вуҷуд надорад, –абрӯ чин кард Эниште-афандӣ. –Вақте ки дар нақққошхонае аз дидани як нақққошие чашмонат гирён мешаванд, соатҳо болои он рост истода мемонӣ, ба хулоса меоӣ, ки дар ҳақиқат расм рамзи зебоист. Асрори ин шоҳкорҳо аз он иборат аст, ки нақққошҳо дар кашидани онҳо аз усулу сабкҳои гуногун истифода мебаранд, аммо ҳеч гоҳ онҳоро паҳлуи ҳам гузошта, дар муқоиса аз онҳо истифода намебаранд. Аз сабки Беҳзод ва соири нақққошиҳои Ачам сар карда, то нақққошиҳои чинӣ ва муғулиро ба ҳам муқоиса кунӣ, мефаҳмӣ, ки чаро нақққошиҳои давраи шоҳ Таҳмосп аз дигарҳо фарқ мекунад? Дар ин давра ҳассосият ва зарофати нақққошиҳои туркман ба зебоии нақққошиҳои Ачам изофа шуд. Медонӣ, чаро овозаҳои нақққошхонаи дарбори Акбаршоҳ аз Ҳиндустон ба ин ҷо

расид? Зеро рӯирост наққошҳоро ташвиқ мекунад, ки усулҳои фарангиро ҳам истифода намоянд. Шарқ ва Ғарбро Худованд халқ кардааст. Худовандо, худат моро аз шарри ононе, ки дар алоҳидагӣ зиндагӣ кардан мехоҳанд, ҳифз намо!!

Ба ҳамон андозае, ки сурататаш зери нури шамъ равшан ва нарм ба назар мерасид, сояи он рӯйи девори торик ба ҳамон андоза сиёҳу тарснок ба назар бармехӯрд. Ҳарчанд ҳарфҳояш мантиқӣ ва маъқулам буданд, аммо ҳоло ҳам ба ӯ бовар намекардам, зеро ҳис мекардам, ба ман шакк дорад, метарсад, аз ин рӯ, худам ҳам ҳарос доштам, рафтораш шубҳаовар буд, ба ҷониби ҳавлӣ гӯш меандохт ва нигоҳ мекард, ки касе меояд ё на, ки наҷоташ диҳад.

– Қиссаи Шайх Муҳаммади мусаввири Исфаҳониро бароям нақл кардӣ ва гуфтӣ, оқибат аз оташи азоби вичдон ва оташи он китобхонаи бузург, ки дар он чанд китоб бо наққошиҳои ӯ буд, сӯхту мурд, –аз нав ба сухан даромад Эниште-афандӣ. –Аммо порае аз ин қиссаро шояд нафаҳмидаӣ, инро бароят нақл кунам: Бале, сӣ соли охири умраш ба думболи наққошиҳо мегашт, аммо ҳар китоберо, ки варақ мезад, аз наққошиҳои худ зиёдтар бо наққошиҳое рӯ ба рӯ мегашт, ки ба тақлиди наққошиҳои ӯ ба ҷо оварда шудаанд. Ду наққоши ҷавон, ки шефтаи ҳунари Шайх Муҳаммад буданд, наққошиҳои ӯро бо тамоми ҷузъиёташ ҳифз намуданд ва он ба рӯҳу ҷонашон ворид гардида буд. Дар натиҷа кор ба ҷойе расид, ки дигар суръати Шайх Муҳаммад дар нобуд кардани наққошиҳо аз суръати ҷавонҳо дар зинда гардондани онҳо қафо монд, пирамард дарк кард, ки наққошиҳои ӯ дар тамоми ҷаҳон паҳн мешаванд ва пешашонро гирифтан имкон надорад. Агар хуб диққат кунем ва он наққошиҳоро баррасӣ намоем, пай мебарем, шоҳкорҳои устод на танҳо дар зеҳни мо нақш бастаанд, балки илова ба ин, боиси тағйир ёфтани нигоҳи мо ба зиндагӣ,

салиқаи завқамон, ба таври дигар дидани олам гардидаанд. Чизе, ки Шайх Муҳаммадро азият медод, ин набуд, ки дигар баробари ҷавонҳои дилбохтаи услубаш имкони ҳаракат кардан надорад, чизҳои кашидаашонро аз байн бурда наметавонад, балки фаҳмидани он буд, ки рӯзе мерасад, ки ҳама дунёро ҳамон тавре мебинад, ки дар ҷавониаш медид.

Дигар натавонистам эҳсосотамро фурӯ нишонам, зеро ин одамро воқеан дӯст доштам, аз ин рӯ, афтодам зери пояш ва дасташро бӯсидам. Вақте дасташро мебӯсидам, ашкам ҷорӣ шуд ва ҳамон лаҳза эҳсос кардам, Эниште-афандиро аз устод Усмон ҳам бештар дӯст медорам.

– Рассом бо фармони вичдон, мутобиқи қоидаҳое, ки худ ба он бовар мекунад, расм мекашад ва аз чизе наметарсад, –бо боварӣ гуфт Эниште-афандӣ: –Ӯро ба он ки душманон, шогирдон ё ҳасудонаш чӣ мегӯянд, коре нест.

Вақте ки бо чашмони гирён дастҳои доғдор, ранголудашро мебӯсидам, як лаҳза ба андеша афтодам: «Эниште-афандӣ, ки аслан рассом нест», аммо ҳамон лаҳза аз ин фикр хиҷолат кашидам ва фаҳмидам, ки ин фикрро шайтон ба дилам ҷой карда, бо вуҷуди ин, васвасаи ҳар касе набошад, воқеият буд.

Дар ҳамин фикр будам, ки Эниште гуфт:

– Аз онҳо наметарсам. Барои он ки аз мурдан наметарсам.

Сарамро ба оҳанги ризоият такон додам, аммо дар дил пурсидам: «онҳо» киянд? Аслан ҳолам бад мешуд, қаҳрам меафзуд. Бо ин ҳол гирду гӯшаи ҳуҷраро аз назар гузарондам, рӯйи тоқчаи болои сари Эниште-афандӣ китоби «Китобу-р-рӯҳ»-и Ҷизвияро дидам. Пирамардҳои аблаҳе, ки аз марг хушашон меояд, ошиқи моҷароҳое ҳастанд, ки ин китоб дар мавриди рӯҳ мегӯяд. Миёни ашёи хатнависӣ, қалам, қаламмӯй, қаламтарош, рангдон,

зарфҳои парнигаҳдорӣ, ки рӯйи лаълиҳо ва сарпӯши сандуқ гузошта шудаанд, як ашёи наверо дидам, ки пеш дар ин ҷо набуд: рангдони биринҷӣ.

– Ба онҳо нишон медиҳем, ки наметарсем, –як навъ ҷасурона гуфтам: –Биёед, расми охиринро барояшон нишон медиҳем.

– Магар бо ин маълум намесозем, ки таҳдидҳояшонро ҷиддӣ мегирем? Коре накардаем, ки аз касе битарсем. Шояд барои тарс сабаби дигаре ҳам дорӣ?!

Инро гуфту бо даст мӯйҳоямро навозиш кард. Гумон кардам аз чашмонам боз ашк ҷӯшида мебарояд, тарсидам ва ба оғӯш кашидамаш.

– Медонам чаро музаҳҳиб Зариф-афандиро куштанд, –бо ҳаяҷон гуфтам. –Зариф-афандӣ бо туҳматҳое, ки ба ману шумо ва китоб мезад, шайх Нусрат ва тарафдоронашро бар зидди ҳамаи мо таҳрик намуд, зеро фикр мекард, китоби мо шайтонӣ аст, маҳз ба ин сабаб, ба чапу рост росту дурӯғ мегуфт, сайъ мекард ҳамаи наққошҳоро аз кор кардан дар болои ин китоб барҳазар гардонад. Намедонам, вайро чӣ бало зад. Шояд аз бахилӣ, ё шайтон ба гӯшаш хондааст. Ҳама наққошҳо фаҳмиданд, ки Зариф то китобро аз байн набарад, хомӯш намешавад. Медонам, ки онҳо аз ӯ метарсиданд. Ҳоло хуб маълум аст, шояд яке аз наққошҳо баъди бадгӯии навбатии Зариф шабона аз пасаш рафтааст ва он разилро, ки алайҳи мову шумо ва китоб ва нақшу наққошиҳо амалиёт сар кардааст, куштааст ва андохтааст ба чоҳ.

– Разилро?

– Зариф-афандӣ як ҳаромзодаи хиёнаткор буд, –гӯё, ки Зариф дар пешам нишаста бошад, бо нафрати тамом ба забон овардам. –Ӯ шири нопок хӯрдааст, аз зоти паст буд.

Пирамард сокит ва беҳаракат буд. Шояд аз ман метарсад? Аниқ, худам ҳам метарсидам, гӯё нақши

одамеро бозӣ мекардам, ки аз асабоният хунаш ба ҷӯш омадааст, рости гап, ин нақшро хуб ҳам мебозидам.

– Пас, кӣ буд он наққош, ки мисли ту, мисли наққоши исфаҳонӣ аз тарс ба талвосаи ҷон афтода? Кӣ куштааст ӯро?

– Намедонам, –гуфтам.

Аммо ҳарфам чунон садо дод, ки дурӯғ буданашро фош мекард. Аз дилам гузашт, ки омаданам иштибоҳест, аммо аслан эҳсоси пушаймонӣ намекардам, аз он ки Эниште-афандӣ аз ман метарсад, қувваам афзуд ва хушҳол гаштам. Ногоҳ ба сарам омад, ки ӯ ба қотил буданам пурра бовар ҳосил карда, шояд аз тарс расми охиринро, ки акнун ин қадар диданашро мехоҳам, нишон хоҳад дод. На аз барои он ки донистан мехостам ба дин тавҳин шудааст ё на, балки барои он ки кунҷковиам торафт меафзуд, ки он расм чӣ гуна аст.

– Чӣ фарқ дорад, ки кӣ он касофатро куштааст ва ҷомеаи ҳунармандонро аз вуҷуди нопокаш тоза кардааст?! –пурсидам.

Акнун Эниште-афандӣ наметавонист тарафам нигарад, чашмонашро поён андохт, ин бароям ҷасорат бахшид. Чун агар касе ба ин натиҷа бирасад, ки шумо одами пасту нобакоре ҳастед, ба чашматон наметавонад нигоҳ кунад, чашм поён меандозад ва фикр мекунад, ки бо ин аз шарр эмин гашт. Магар ҳамин тавр нест?!

Садои аккоси сагҳо баромад, чунон баланд буд, ки ангор пушти дар буд.

– Боз барф меборад, –гуфтам оҳе кашида. –Вақти шаб аст ва берун сармо, дар чунин ҳол бачаҳо куҷо шуданд? Чаро шуморо танҳо гузоштаанд? Ҳатто чароғи рӯйи ҳавлиро равшан накарданд?

– Оре, рост мегӯйӣ, худам ҳам ҳайрон, кадом гӯр рафта бошанд онҳо, –он қадар бо самимият гап мезад, ки ба хотирам лаҳзаҳое расиданд, ки бо бачаҳои рассом дар

наққошхона аз пасаш ғайбат мекардем, механдидем, аз ин фикр худ ба худ хиҷолат кашидам. Намедонам вазъамро фаҳмид ё на. Аммо бо муҳаббат сӯям нигарист ва чун падари дилсӯзе, ки писарашро баъди солҳои зиёд мебинад, сарамро боз сила кард. Ин лаҳза ба ин натиҷа расидам, ки бо идома додани наққошиҳо бо сабке, ки устод Усмон аз наққошиҳои ҳиротӣ бароямон ёд додааст, ояндаи нек нахоҳам дошт ва ин фикр хеле нороҳатам кард. Шояд бо шумо низ ин ҳолат рӯй дода, вақте ки ба балову фалокате рӯ ба рӯ мешавед, бо ҳазор умеду орзу даст ба домани Худованд ва касе, ки аз дасташ коре меояд, мебандед, то шароите ба миён ояду вазъи собиқ барқарор гардад.

– Иҷозат бидиҳед, ҳамаи ин ҳодисотро фаромӯш кунем ва кори китобро дубора идома диҳем, –гуфтам ниҳоят.

– Дар байни рассомон қотиле ҳаст. Бақияи корро бо Кара-афандӣ давом хоҳам дод.

«Мехоҳад, ки ӯро ҳам кушам? Маро ба ин таҳрик мекунад?»

– Куҷост ҳоло Кара? –гуфтам. –Духтар ва набераҳо куҷоянд?

Базӯр худамро нигоҳ медоштам, аз ин рӯ, ин гапҳои нолозимро ба забон меовардам, ки худро каме ором созам. Акнун ҳеч умеди идомаи кори китобро надоштам ва ин маро боз ҳам асабонӣ ва нороҳат мекард. Дар ин ҳолатҳо ду чине дорам, ки меоянд суроғам ва ба масхара карданам медароянд. Албатта, нақши шайтон низ ин ҷо назаррас аст, зеро сарвару раҳнамои ҷинҳост. Ба болои ин сагҳое, ки дар боғча буданд, гӯё бӯйи хунро фаҳмида бошанд, бо нолаву фиғонашон маро ба кори гӯшношунид даъват мекарданд.

Ба назарам мерасад, ки ба ин монанд ҳодиса бо ман рӯй додааст ё не? Хеле вақт пеш дар шаҳре дар паси

тиреза номаълум барф меборид, мани даҳсолаи шогирдпеша гирякунон мӯйсафеди фартути беақлро бовар кунонданӣ мешудам, ки рангро надуздидаам. Он вақт чун ҳозир паси дар садои зӯзаи сагҳо, ки гӯё бӯйи хунро фаҳмиданд, меомад. Чунин менамуд, ки Эниште-афандӣ ҳам чун он нигаҳбони пир ҳоло як ният дорад – чун гамбуск маҷақ карда куштани ман; ин аз манаҳи пешбаромада ва нигоҳаш, ки чашмонашро акнун бераҳмона рост ба ман дӯхта буд, фаҳмида мешуд. Ҳоло ин саҳна чун дар расм дар хаёлам ҳувайдо гашт, тарҳи ашёҳо равшан менамуд, айни ҳамон замон, аммо рангпарида ва сафед.

Ҳамчунин устод Усмон ба ёдам омад, ки ҳамеша мегуфт, фикр кунед, ки як наққоши дигар болои саратон аст, шояд манзураш ҳамон қувваи тахайюл ва халлоқият ё як чизе монанд ба ин буд, он гӯё гоҳо вақт ба ҷойи кас тасмим мегирад. Ба ин андешаҳо аз ҷоям бархостам, пушти сари Эниште-афандӣ рангдонҳои шиноси шишагӣ, сафолӣ, булӯриро, ки дар болои мизи корӣ меистоданд, аз назар гузарондам ва беихтиёр рангдони нави калону вазнини биринҷиро даст гирифтам. Мо, баъзан дар хоб худро аз канор мебинем ва ба даҳшат меафтем. Ман низ ба ин монанд ҳиссиётеро аз сар мегузарондам, вақте ки рангдони бузурги гарданборикро дар кафи даст фишурда мегуфтам:

– Аз даврони бачагиам чунинашро надидаам, фақат ҳангоми шогирдиам дида будам.

– Як рангдони муғулии сесадсола, –ҷавоб дод Эниште-афандӣ. –Онро Кара аз Табрез овардааст. Мегӯяд, ки махсус барои ранги сурх аст.

Як лаҳза ба худ гуфтам, ҳамин ҳоло бо тамоми қувват ин рангдони биринҷиро бизанам ба сари ин пиракии худписанд. Аммо худро ба даст гирифтам ва гуфтам: инҳо

ҳамааш кори шайтон аст, ба васвасаи вай гӯш намекунам. Ба ҷойи ин ногаҳонӣ ба таври аблаҳона иқрор кардам:

– Зариф-афандиро ман куштам.

Шояд шумо фаҳмидед, ки аз ин эътироф ба чӣ умед мебастам? Бале, фикр мекардам, Эниште-афандӣ шояд маро мебахшад, яъне, умедвор будам, маро мефаҳмад ва мебахшад ё ин ки ҳадди ақалл, аз ман метарсад ва аз ягон ҷиҳат ёрӣ мерасонад.

29. Ман – язнаи шумо

«Зариф-афандиро ман куштам» гуфту дар ҳуҷра хомӯшии тӯлонӣ ҳукмрон гашт. Фикр кардам маро ҳам мекушад. Таппиши қалбам афзуд. Ба ин ҷо барои куштани ман омадааст, ё куштори Зарифро эътироф карда, маро тарсонданист? Ё аслан намедонад, ки чӣ мехоҳад? Бо ҳароси бепоён ба дарки он расидам, ки дар ин солҳои зиёд ҳунар ва маъруфияти рассомии ӯро пай бурдам, аммо чӣ гуна одам буданашро тамоман намедонам. Ҳоло ҳис мекардам, ки ҳанӯз пушти сарам бо рангдони вазнин андаке болои тахтапуштам хам шуда рост истодааст, аммо баргашта ба рӯяш нигоҳ намекардам. Фаҳмидам, ки хомӯшиам ӯро бештар ба қаҳр меорад:

– Сагҳо хуб ҷакиданд, –гуфтам.

Дубора сокит шудем. Ин сафар медонистам, ки зинда монданам танҳо аз худам, аз чӣ гуфтанам вобаста аст. Ягона чизе, ки дар бораи ӯ медонистам, ба ғайр аз он ки наққоши хубест, одами баақл аст. Худи ҳамин сабаби ифтихор буда метавонад, аммо наққош бояд дар асараш аз шахсият нишоне нагузорад. Ба ҳар ҳол, чӣ тавр шуда монд, ки ӯ маро дар хона танҳо ёфт? Акнун чӣ кор карданист, чӣ ният дорад? Майнаи хароби пиронаам сайъ мекард, ба ин суол ҷавоб ёбад, аммо зеҳнам чунон кунд

шуда буд, ки намедонистам, аз ин вазъи хатарнок чӣ тавр раҳоӣ ёбам. Дар куҷо бошад Шакура?

– Барвақт донистӣ, ки ман ӯро куштам, ҳамин тавр не? –гуфта пурсид.

Нафаҳмида будам; ҳатто то замоне, ки иқрор нашуда буд, намедонистам. Аммо ҳоло ба сарам фикре омад, ки воқеан, кори хуб кард, ки Зариф-афандиро кушт, балки устоди музаҳҳиби раҳматӣ чунон тарсидааст, ки ба сари ҳамаамон балоҳоро[101] меовард?

Ҳоло дар хонаи холӣ бо қотил танҳо монда, ба сарам фикре зад, ки ба ӯ изҳори шукргузорӣ намоям.

– Аз он ки ӯро куштӣ, ҳайрон нашудам, –гуфтам. – Касе, ки монанди мо байни китобҳо зиндагӣ карда, саҳифаҳои китобро хоб мебинад, дар ин олам аз ҳар чиз метарсад. Мо илова ба ин, ба як кори манъшуда ва пуртаҳлука – расмкашӣ дар шаҳри мусулмонӣ машғулем. Ҳар наққош монанди Шайх Муҳаммади мусаввири исфаҳонӣ бо ҳисси гуноҳкории пинҳонӣ зиндагӣ мекунад ва бисёр вақт эҳсоси тавбаву надомат,[102] худро гунаҳкор эълон кардан ва аз Худованду бандагонаш бахшиш пурсидан пайдо мекунад. Мо чун ҷиноятқоре китобҳоямонро пинҳонӣ омода месозем ва ҳамеша омодаем, ки узр хоҳем. Ба ман хуб маълум аст, ки маҳз ин ҳисси ҳамешагии гуноҳ ва сархамӣ дар назди ҳуҷуму туҳматҳои шайху воиз ва қозиву ҳоҷиҳо, ки моро бедин меҳисобанд, завқу тахайюли бадеии ҳар яки моро кӯр мегардонад.

– Яъне, ту барои нест кардани Зариф-афандии беақл маро гунаҳкор намеҳисобӣ?

– Моро ба наққошӣ ва китоб чӣ водор мекунад, агар дар ин бора фикр кунем, боз ба ёд ҳамон ҳисси тарс мерасад. Ин ки ҳар рӯзи Худо худро машғули нақшу

---

[101] *Бало*- дар асли туркӣ низ бало.

[102] *Надомат* - дар асли туркӣ низ надомат.

наққошӣ ва хатту китоб мекунем, субҳ то шом ва шаб то субҳ, то вақте нобино нашавем ва дасту чашмамон аз кор намонад, ҳарфи пул ҷой надорад ва ҳатто аз ин корҳо лаззат ҳам намебарем, балки аз ҷамоаву зиндагӣ кардан бо мардум метарсем. Аммо аз тарафи дигар, ҳамин ки як корамон тамом шуд, зуд мехоҳем, онро ба ҷамоа нишон диҳем – ҳамон ҷамоае, ки аз дасташ мегурезем. Ҷиҳати бимноки кори мо ҳам дар ҳамин аст, дар он аст, ки худи ҳамин ҷамоа моро ба кофирӣ муттаҳам мекунад, ба дину фарҳанги мо тавҳин кардед мегӯяд. Аз азал, ки аз ҷамоа ҷудову танҳо будем, акнун ба худ ҳам шакк меорем. Чӣ қадар дарднок аст ин барои эҷодкор! Кӣ қодир аст дар тарси ҳамешагӣ зиндагӣ кунад? Мо, ки аз паси дигарон худамонро муттаҳам карда будем, чун Шайх Муҳаммади Исфаҳонӣ ё худамонро аз байн мебарем ё ба ин натиҷа мерасем, ки ба назди халқ биравем ва эътироф кунем, ки ҳамаи коре, ки кардем, ҷуз хобу хаёл чизе нест. Вақте ки кас эътироф мекунад, ки гунаҳгор аст, ӯро беҳтараш бандандду сӯзанд ё мисли ҳамон Шайх Муҳаммади Исфаҳонӣ худашро сӯзонад.

– Ту наққош нестӣ, –гуфт ӯ. –Ман вайро аз боиси тарсам накуштам.

– Барои он куштӣ, ки нотарсида ҳар чӣ хоҳӣ кашӣ.

Ин лаҳза бори аввал дар муддати тӯлонӣ наққоше, ки мехост қотили ман шавад, ҳарфи оқилона ба забон овард:

– Медонам, ту ин ҳарфҳоро барои ин мегӯйӣ, ки маро роҳгум занӣ, бифиребӣ ва ҷони худро халос кунӣ, –сукуте карду гуфт: –Аммо сухани охиринат дуруст аст. Мехоҳам инро бидонӣ. Ба ман гӯш кун.

Баргашта ба чашмҳояш нигаристам. Он одобу эҳтироме, ки қаблан дар суҳбат дошт, акнун риоя намекард, шояд барои он ки ба қарори қатъӣ омадааст. Аммо ба чӣ қарор?

– Фикр накун, ки дигар эҳтиромат намекунам, –гуфт. Ба пуштам гузашта, қоҳ-қоҳ зада хандид, аммо хандаи талхе буд: –Бо ман ҳолати аҷибе рӯй додааст. –гуфт. – Коре мекунам, аммо чунин ба назар мерасад, ки он шахс ман нестам. Дар рӯҳам кадом як қувваи бузурги дигар ҳулул кардааст, маро ба кори бад ҳидоят мекунад. Аммо ба он беҳад эҳтиёҷ дорам. Бо чунин ҳол наметавонам расм накашам.

– Монанди ҳарзагӯйиҳое, ки кампирҳо дар ҳаққи шайтон мебофанд.

– Яъне, дурӯғ мегӯям?

Ҳис мекардам, ки барои куштани ман ҷасорataш камӣ мекунад, аз ин рӯ, мехоҳад бештар ба қаҳр орамаш.

– Дурӯғ намегӯйӣ. Аммо намедонӣ бо ту чӣ рӯй дода истодааст.

– Не, хуб медонам бо ман чӣ рӯй медиҳад. Дар ин дунё азобҳои кабирро паси сар хоҳам кард. Мо худамон нафаҳмида мондем, ки чӣ тавр аз дасти ту то гулӯ ба гуноҳ ғӯтидем. Боз ба ман мегӯйӣ, ки ҷасур бош. Барои ту шуда қотил гаштам. Сагҳои девонаи ҳоҷӣ Нусрат ҳамаамонро нобуд месозанд.

Худ ба он чизе, ки мегуфт, боварӣ надошт, бинобар ин, торафт баланд дод мезад ва гулӯбанди рангдонро бо ғазаб сахт мефишурд. Шояд дар кӯчаи пурбарф касе овозамро мешунавад ва ба ёрӣ меояд?

– Чӣ тавр шуд, ки ӯро куштӣ? –пурсидам на аз рӯйи кунҷковӣ, балки барои кашол додани вақт. –Дар сари чоҳ чӣ тавр вохӯрдед?

– Он шаб Зариф-афандӣ аз назди ту пешам омад, –бо як хоҳиши ғайриинтизор ба нақл сар кард ӯ, –гуфт, ки он расми дусаҳифагии охиринро дидааст. Бисёр кӯшиш кардам ӯро водор намоям, ки ғавғо набардорад, гуфтам, ки дар наздикии чоҳ пул дорам. Пулро шунида нарм гашт. Ин исботи он аст, ки наққошон танҳо барои пул

кор мекунанд. Ин аст, ки ба ӯ дилам намесӯзад, ҳунарманди дуруст ҳам набуд, як наққоши одӣ. Ҳозир буд замини яхбастаро бо нохун канад. Агар воқеан дар канори чоҳ тиллои пинҳонӣ доштам, куштани ӯ ба ман чӣ зарур буд?! Барои кори тазҳиб як ноодамро интихоб кардаӣ. Дастонаш сахтанд, аммо тазҳибҳояш муқаррарианд, марҳум рангҳоро дуруст истифода бурда наметавонист. Аз худ ягон из боқӣ нагузоштам. Ба ман гӯй, услуб гуфта, чиро дар назар доранд? Ҳоло фарангӣ ва ҳам чиниҳоро ҳунари рассомиашон дигар шудааст, дар бораи услуб гап мезананд. Ҳар як рассоми хуб услуби алоҳида доштанаш зарур аст ё на?

– Гумон накун, ки ҳар услуби нав бо хоҳиши наққош ба вуҷуд меояд, –гуфтам. –Шоҳзодае мемирад, як шоҳ дар ҷанг мағлуб мешавад, даври онҳо гӯё абадӣ ба охир мерасад, наққошхона баста шуда, рассомони он ба кишварҳои гуногун ба ҷустуҷӯи ҳомиёни китобдӯст пароканда мешаванд. Наққошҳои саргардоне, ки аз Ҳирот ва Ҳалаб ба ҷойи нав омаданд, мумкин аст, пагоҳ мавриди таваҷҷуҳи подшоҳе қарор гирифта, вориди наққошхонаи ӯ шаванд. Рассомҳое, ки дар гӯшаҳои дури наққошхона нишаста, бидуни таваҷҷуҳ ба ҳам ҳар кадом бо услуби худашон наққошӣ мекарданд, баъди муддате мисли бачаҳое, ки аз субҳ то шом дар кӯча бозӣ мекунанд, пагоҳ бузург шаванд, корашон ба ҳам монанд мешавад. Ҳамаи ин кори осон нест. Солҳои зиёд лозим аст, то дар наққошхона услуби нав ба вуҷуд ояд. Чун қоида ин усулро яке аз наққошони аз ҳама ҳунарманд ва боистеъдод ба вуҷуд меорад, дигарон бошанд, услуби ӯро нусхабардорӣ менамоянд ва такмил медиҳанд.

Ӯ нигоҳашро аз ман гурезонд ва чун духтараки ҷавоне ларзону ҳаросон буд, гумон кардам ҳоло дар чашмонаш ашк ҳалқа мезанад, шояд ӯ аз ман на танҳо ҳақиқат, балки дилбардорӣ чашмдор буд.

– Оё ман услуби худамро дорам? –пурсид.

Лаҳзае дар чашмонам об чарх зад. Овозамро ҳамон қадар нарм ва бамеҳр карда, он чизеро, ки фикр мекардам, ба забон овардам:

– Аз ҳамаи рассомоне, ки дар ин шаст сол дидам, ту аз ҳама боҳунар, дастонат муъҷизаофар, чашмонат тезанд. Агар мусаввараеро нишонам диҳанд, ки дар он нақши дасти ҳазор рассом бошад, зуд ҷойеро, ки қалами муъҷизаноки ту расидааст, ёфта метавонам.

– Худам ҳам дар чунин андеша, аммо барои сирри ҳунари маро фаҳмидан ақли ту намерасад, –гуфт. –Ҳоло ту аз ман метарсӣ, барои ҳамин дурӯғ мегӯйӣ. Ба ҳар ҳол, ба ман дар бораи услуби худам нақл кун.

– Қаламат чунон зуд ҳаракат мекунад, ки ангор қалами ҷодуист. Чизе, ки мекашӣ, на мешавад гуфт воқеӣ, на мешавад гуфт ғайривоқеӣ, –ба пардоз даромадам. –Ба корҳои ту зиёд менигарам ва ҳар дафъа маънии нав пайдо мекунам, инро чӣ тавр бояд баён кард – гӯё расмро чун матни китоб аз нав мехонам. Маъниҳо қабат ба қабатанд ва хеле амиқ, фарангиён ба ин танҳо бо ёрии перспектива ноил гаштаанд.

–Хуб. Устодони фарангиро як сӯ гузор. Чизи нав гӯй.

– Дар қалами ту он қадар қувват ва халлоқият ҳаст, ки ҳар кӣ ба наққошиҳоят менигарад, дунёро ба ҳамон тарз мебинад, ки дар он кашида шудааст, на камтар ва на бештар. Бояд иқрор бишавам, ту бо ин қаламат метавонӣ ҳам одамони муъминро аз эътиқодашон баргардонӣ ва ҳам метавонӣ кофартарин одамро ба роҳи рост ҳидоят намоӣ – роҳи намозу рӯза ва масҷид ва Худо.

– Аҷиб. Аммо намедонам, ин таъриф бошад ё тамаллуқ. Хуб, давомаш…

– Ҳеч рассом хусусият, оҳанг ва асрори рангҳоро баробари ту намедонад. Рангҳои ту ҳама равшан, зинда, шаффоф ва табиианд.

– Хуб. Боз?

– Худат хуб медонӣ, баъди Беҳзод ва Мир Сайид Алӣ рассоми бузург набуд.

– Оре, медонам. Ту ҳам медонӣ, пас, чаро китобро ба Кара-афандии пойлуч додӣ, на ба ман?

– Барои кори ӯ ҳунари наққошӣ зарур нест, –гуфтам. – Ин як. Дуюм, ӯ монанди ту қотил нест.

Дар ҷавоби табассуми ман хандаи ширин кард. Умедвор будам, ки бо бофтаҳое, ки дар мавриди сабку услуби шахсӣ кардам, аз даҳшати дарпешистода халос мешавам. Барои ин ки сокит набошам, зеро хомӯш бошам, бештар асабонӣ мешавад, шурӯъ кардам ба суҳбат дар мавриди он рангдони бузурги муғулӣ. Ин бор оҳанги суханам мисли лаҳни ҳарфҳои навозишкоронаи падар ба писар набуд, балки монанд ба он пирамарди дунёдидае, ки мехоҳад бо касе дарди дил кунад - дар бораи вазнинии ин қаламдон, мустаҳкамӣ, дароз будани гарданаш, ки гувоҳӣ аз дарозии қаламҳои қадимӣ буд. Дар бораи ранги сурх ҳам ҳарф ба миён омад ва ӯ рангдонро афшонд то бифаҳмад ранг ғафс аст ё на, дар бораи он гап задем, ки агар муғулҳо асрори ранги сурхро аз чиниҳо наомӯхта, ба Хуросон, Бухорову Ҳирот намеовардand, мо дар Истанбул ҳеч хабаре аз он надоштем ва ҳоло ҳунари наққошиамон тамоман дигар буд. Як олам ҳарф задам. Ҳар қадар бештар ҳарф мезадам, сангинии фазоро чун таҳшини ранги наққошҳо ғализиаш камтар мешуд ва замон мегузашт. Бо ин ҳама ҳанӯз ҳеч кадом аз бачаҳо ба хона барнагашта буданд ва ин воқеан, асабонияти маро меафзуд. Бисёр мехостам, ки рангдони бузургро ба ҷойи худаш гузорад.

– Вақте китоб омода мешавад, ба расмҳо нигариста, оё истеъдоди маро дарк мекунанд? –пурсид ӯ оромона чун замонҳое, ки якҷоя кор мекардем.

– Иншоллоҳ, ба саломатӣ, рӯзе, ки китобамон омода шуд, ҳазрати подшоҳамон онро боз мекунад ва аввал назар меандозад ба наққошиҳое, ки аз чеҳраи худаш кашидаем ва баъд мисли ҳамаи подшоҳҳо ба ҷойи ин ки мутаваҷҷеҳи ҳунари мо шавад, шефтаи чеҳраи худаш мешавад. Ва агар Худо кунаду ба гӯшаҳое назар андозад, ки мо дар он аз усули шарқӣ ва ғарбӣ бо ҳазор бадбахтии худ – миннат ба ҷонамон, истифода бурдаем, хуб корест, вагарна, худат медонӣ, ки ин барояш аҳамияте надорад ва ҳамчунин, барои ӯ муҳим нест, ки наққоши ин китоб кӣ буда, хаттоташ кӣ. Баъд аз он ки подшоҳамон ба серӣ наққошиҳоро тамошо кард, ба раиси хазинадорӣ супориш медиҳад, ки баррасӣ намояд ва бубинад, ки ҳамаи он тиллоҳоеро, ки ба мо дода буд, дар китоб кор фармуда шудаанд ё на. Ҳамааш ҳамин. Аммо ҳамаи мо, ҳунардӯстон, медонем, ки рӯзе ин китоб ба муъҷиза табдил хоҳад ёфт.

Чанд лаҳза мо сокит будем, гӯё сабр мекардем.

– Ин муъҷиза кай фаро хоҳад расид? –гуфта пурсид. – Кай кори мо, расмҳои бешуморамон, ки аз барояшон нури чашм рехтаем, қадршиносӣ мешаванд? Кай моро мефаҳманд? Кай он муҳаббатеро, ки интизорем, ба даст меорем?

– Ҳеч вақт!

– Барои чӣ?

– Он чизе, ки мехоҳӣ, ҳеч вақт амалӣ нахоҳад шуд, – гуфтам. –Чӣ тавре ки мегӯянд: кулли явмин бадтар, бадтар мешаваду беҳтар не.

– Китобҳо асрҳо боқӣ хоҳанд монд, –гуфт бо ғурур ҳарчанд эътимодашро аз даст дода буд.

– Бовар кун, ҳеч як устоди итолиёвӣ он ҳиссу истеъдод, шеърият, боварӣ, ҳассосият ва завқу салиқаи туро надорад, аммо иқрор бояд шуд, ки наққошиҳои онҳо воқеитар, табиитаранд. Онҳо аз перспектива дурӣ

намечӯянд, дунёро на аз болои манора, балки ба таври воқеӣ, аз ҳамин поин ва аз рӯйи ҳамин замин, аз ҳамин кӯча, макони як сарватманд мебинанд: инак, худи давлатманд, ана, духтараш, ана, ин ҷо сару либос, палос, мизу курсӣ, пӯсти паланг, пулу ҷиҳоз, оина; медонӣ, онҳо ҳама чизро, чи тавре ки мебинем, мекашанд. Албатта, аз ҳама корашон хушам намеояд, зеро баъзе аз ин наққошиҳо айни дунёи воқеианд, аз рангу бӯй, тахайюл, халлоқият орианд. Аммо он наққошиҳое, ки бо усули ҷадидашон мекашанд, ҷозибаи хосе доранд, ҳар ашёро ҳамон тавр мекашанд, ки чашми одам мебинад, онҳо ҳар чизеро ҳамон тавре, ки мебинанд, яъне, чуноне, ки ҳаст мекашанд. Мо чӣ? Ҳамон тавр мекашем, ки бояд бошад. Ана, фарқ дар куҷост! Вақте ки ин наққошиҳои онҳоро мебинӣ, хусусан, портретҳоро, мефаҳмӣ, танҳо роҳи мондагор кардани чеҳраат то охири дунё маҳз истифода аз ҳамин усул аст, дигар на. Ин ҳақиқат чунон равшан аст, ки на танҳо дар Рум, балки дар тамоми мамолики фарангӣ ҳар касе мехоҳад, ки чунин як портрет аз худаш дошта бошад, бале, ҳама, ҳар касе ба ёдат бошад: хаётҳо, қассобҳо, сарбозҳо, баққолҳо, ҳатто кашишҳо чунин орзу доранд. Яке аз он портретҳоро бинӣ, мехоҳӣ дошта бошӣ, то бо нигоҳ кардан ба он бифаҳмӣ ва ба дигарон ҳам бифаҳмонӣ, ки монанди ту дигаре халқ нашуда ва на касе шабеҳи туст ва на ту шабеҳи касе ҳастӣ. Танҳо фарқашон аз наққошиҳои мо он ки бо ин усули ҷадид одамро тавре мекашанд, ки мебинед, на он тавре ки ақл мебинаду мефаҳмад. Рӯзе мерасад, ки ҳама чунин расм кашидан мехоҳанд. Вақте мегӯянд «наққошӣ», танҳо наққошиҳои сабки онҳо ба зеҳни мардум мехӯрад, ҳатто як бародари хайёти сари кӯча, ки ҳеч аз наққошӣ хабаре надорад, ба ин сабк мехоҳад барои худ портрете дошта бошад, то бо он бинии пучуқаш нишон диҳад, ки ӯ ҳам қиёфаи худро дорад ва ба касе монанд нест.

– Вақташ ояд, барояш чунин расм кашида медиҳем, – тамасхур кард қотил.

– Наметавонем, –гуфтам. –Магар надидӣ, ки тақлид аз фарангиҳо чӣ оқибати нохуш ба бор овард? Магар Зариф-афандии марҳумро барои ҳамин накуштанд, ин барои ту дарс нест? Ҳатто агар яке натарсад ва аз пайи ин кор шавад, ба чизе ноил намегардад. Баъд усули мо мемирад, рангамон хушк мешавад. Китобҳоямон, расмҳоямон ба касе даркор намешаванд. Касе ногоҳон таваҷҷуҳ зоҳир кунад ҳам, «чаро перспектива нест»- гӯён лабу лунҷашро кажу килеб мекунад, чунин шуданаш мумкин аст, ки худи китобро намеёбад. Зеро расмҳои моро на танҳо бепарвоӣ, балки вақт ва фалокатҳо оҳиста-оҳиста нест мекунанд. Китобҳои мо, муқоваҳои онҳо аз чӣ сохта шудаанд? Аз устухон, равғани моҳӣ ва асал, варақҳои китобамонро бо ношоиста ва тухми мурғ ҷило мебахшем. Оё медонӣ, мушҳо чиро дӯст доранд? Агар мушҳо набошанд, боз мӯр, кирмҳо, садҳо намуд канаҳо ҳастанд, ки муқоваи китобу худи онҳоро несту нобуд мекунанд. Ғайр аз ин, бачаҳоямон, ки китобҳоро ба ҷойи тӯб истифода мебаранд, ба наққошиҳои китоб «нақшҳои» худро зам менамоянд, худам боре бо чашмам дидам, ки шоҳзодаи ҷавоне бо мӯқалам ва як шиша ранг ба расмҳои одамони як китоб ришу фаш месохт; дар байни калонсолҳо ҳам пайдо мешаванд бонувоне, ки варақҳои гӯё нақшҳои беодобона доштаро канда месӯзонанд ё ба ҷойи ҳезум оташдонашонро гарм мекунанд ва падарону писароне ҳам ҳастанд, ки ба расмҳои занҳо нигариста, ба корҳои бемаънӣ машғул шуда, варақҳои китобро нобуд месозанд. Худи дирӯз, устоде, ки аз яке аз мамлакатҳои тоза мусулмоншуда омадааст, гуфт, ки чанд тан аз шайхҳоеро дидааст, ки китобҳоро наздашон гузошта, наққошиҳояшонро нигоҳ мекарданд ва дар ҳар ҷояш, ки гуноҳе меёфтанд, ё чизе рӯяш мечаспонданд ё бо қалами

сиёҳ ранг мекарданд. Рутубат, чангу хок, чирку чарби китобхонаҳо ба ту маълум аст. Китобҳо ва наққошиҳои онҳо аз чирку чарб, нам, ширеши бадсифат, равғанҳои таом низ сифаташонро гум мекунанд. Чизе, ки баъди ин мемонад, аз обу сел, боду борон несту нобуд мегардад. Ҳатто баъди ин ҳам, агар китобе дар зери сандуқи маҳкам бошаду аз нам ва аз офтоб задану аз дасти кирму кана эмин, боз рӯзе мумкин аст ба коми оташ фурӯ равад. Оё маҳаллаеро дар Истанбул медонӣ, ки дар бист сол як бор аз сӯхтор нобуд нашуда бошад? Албатта, танҳо тақдири наққошиҳои мо чунин нест, дунё ҳамин аст, гузарон. Ҳама чиз аз байн меравад: ҳам нигоҳи мағрури Ширин аз тиреза ба Хусрав, ҳам нигоҳи Хусрав ба оббозии Ширин дар шаби маҳтобӣ, нигоҳҳои пурмеҳри ошиқони дигар; кушта шудани деви сафед дар чоҳи сиёҳ ба дасти Рустам; Маҷнуне, ки овораи дашту биёбон ва ҳамнишини ҳайвонҳои ваҳшӣ шудааст; ҷасади овезони саге, ки бо модагург рафоқат карда, ҳар шаб барраеро мебурд ва барои ин хиёнат соҳибаш вайро дар шохи дарахт овехтааст; гулу фариштаҳо ва баргу парандаҳое. ки бо онҳо канори саҳифаҳоро оро додаанд; ҳунарнамоии уднавозон ҳангоми қироати ашъори дилошӯби Ҳофиз; деворнигораҳое, ки дар кашиданашон чашмони ҳазорҳо рассомони ҷавон аз кор баромада, даҳҳо устодони ҳунар оҷиз гаштаанд; ҷадвалҳо ва чорчӯбаҳои зарандуде, ки дар онҳо катибаҳо ва ҳазорон байт шеър бо хатти майдаву калон хаттотӣ шудааст; имзои хоксоронаю пинҳоние, ки дар пойдевор, кунҷу канори иморатҳо, дар байни буттаву барги гулу дарахтон, шаху шахпораҳо, гулҳои ҷойхоби дӯстдорон гузошта шудаанд; сарҳои буридаи кофирон, ҳуҷуми баркӯвори аскарони мо ба қалъаи душман ва вуруди амаки подшоҳамон баъди фатҳ ба он; вазирону сафирони мамлакати насоро, ки пойи ҳазрати подшоҳамонро мебӯсанд; ҳазорон саҳнаҳои ҷанг бо тӯбу

туфанг ва чодарҳои сӯхтаву ҷасадҳои тиккаву порашуда, ки дар пасманзар менамоянд ва ҳамаи онҳоро ту ҳам ҳангоми шогирди наққош буданат кашидаӣ; шайтонҳои шохдору бешох ва думдору бедум; кабӯтари номарасон, ҳудҳуди сухангӯ, аз симурғ гирифта то булбул, гурбаҳои мағрур, сагҳои беқарор, абрҳои парешон, майсазори нарм, шохаҳо, гулу буттаҳо, дарахтони анор ва чанор, сарву булут, қасру қалъаҳо, кохҳои замони Темур ва шоҳ Таҳмосп, садҳо ҳазор хиште, ки аз онҳо ин қасрҳо бино шудаанд; садҳо шоҳзодагон, ки дар чашмонашон осори интизориву ғам намоён аст ва рӯйи гилемҳои зебои рангоранг, ки болои майсазори ҷангалҳо ва канори чашмаҳо ва чаҳорбоғҳои хушҳаво, зери дарахтони шукуфони баҳорон густурда шудаанд, нишаста, ба овози созу навои ҷавонон ва бонувони барно гӯш медиҳанд; ҳазорон фаршу гилеми зебо, ки аз Чину Самарқанд то Бағдоду Истанбул бо зарби чӯб оварда шудаанд; он ҳама наққошиҳое, ки то имрӯз худи ту бо маҳорати баланд анҷом медиҳӣ: саҳнаҳои разму базм, ҳама ашхосе, ки кашидӣ, аз шоҳзодаҳои мағрур то асирони бадбахти ҷанг, подшоҳони дар ҳоли марг ва асирони душман, аз шерони даранда то оҳувони рамида, ҳама он рангҳое, ки ба кор гирифтӣ – аз сиёҳии пари зоғ гирифта то зард, аз сурхии шарму ҳаёи ошиқ то сурхии хуни куффори мақтул – инҳо ҳама то зарраи охираш нест мешаванд.

Бо тамоми қувват бо рангдон ба сарам зад.

Зарба чунон сахт буд, ки рӯ ба замин афтодам. Дарди бисёр сахтеро, ки тасвир карда намешавад, ҳис кардам. Лазҳае гӯё тамоми олам дар зери дард маҳв гашта, ба ранги заб-зард табдил ёфт. Қисми асосии мағзи сарам эҳсос мекард, ки он пастфитрате, ки маро куштан мехост, ба нияташ расид, бахши хурди мағзам бошад, ки баъди зарба хуб кор намекард, бо як самимият аз қотил амон

мехост, мехост ба ӯ фаҳмонад, ки кори хато, беҳудае мекунад, ҳадди ақалл зарбаи дигар назанад.

Аммо бо рангдони биринҷӣ ба сарам зарбаи дигар зад.

Ин дафъа ҳатто он бахши хурду аблаҳи мағзам, ки фикри зораву таваллоро дошт, ба ин натиҷа расид, ки кор дар хато нест, балки дар беақливу ғазаб аст, ки дар ҳақиқат ба марг анҷом ёфтанаш мумкин аст. Расидан ба ин натиҷа бароям чунон тарснок буд, ки бо ҳамаи дарду ранҷе, ки доштам, бо тамоми қувват шурӯъ кардам ба доду фарёд, агар ин саҳнаро наққоше тасвир кардан хоҳад, фарёдамро бояд бо ранги сабзи равшану баланд кашад. Аммо маълум буд, ки дар кӯчаҳои холӣ дар ин торикии шаб касе ин рангро нахоҳад диду шунид, дар танҳоӣ хоҳам мурд.

Фарёдам қотилро тарсонд ва дар ҷояш шах шуда монд. Лаҳзае чашмони мо ба ҳам бархӯрданд. Дар нигоҳи ӯ баробари тарс ва шарм қатъиятро барои анҷоми кори саркардааш ҳис кардам. Ин на устои рассоми шиносам буд, ки бо ӯ то ҳоло кор мекардам, балки махлуқи бегона, бадхашме буд, ки ҳатто забони ӯро намедонистам. Аз ин ҳолат танҳоиам ба беинтиҳоӣ мерасид. Аз дасташ доштан хостам, ангор аз дасти зиндагӣ медорам, вале беҳуда. Ӯро зора кардам ё шояд фикр кардам, ки илтимос мекунам: «бачаҷон, маро накуш, бо куштанам иштибоҳи бузург мекунӣ». Аммо вай тамоман маро намешунид, ҳамон тавре ки дар хоб рӯй медиҳад.

Ба сарам боз як зарба зад.

Ақл, хотира, ҳама чизе, ки пеши чашмонам буд омехта, якҷоя шуда, ба тарс табдил ёфтанд. Ягон рангро фарқ карда наметавонистам, ба назарам ҳамаи онҳо ба сурх табдил ёфтанд. Гумон кардам хуни танам аст, аммо ранги сурхи рангдон будааст. Ба назарам, дасти ӯ ба

ранги рангдон олудааст, аммо ин ранги сурхи ман буд, ки беист ҷорӣ мешуд.

Чӣ қадар ноҳақ, беинсофона, сахт аст чунин мурдан. Аммо сари хунолуди пиронаам оҳиста-оҳиста маро ҷониби марг мебурд. Сипас, мушоҳида кардам, хотираҳоям ба монанди барфи берун сафед шуданд. Дарди сарам, ҳама дардам ба даҳонам мегузашт.

Вақти он аст, ки чӣ тавр мурданамро бароятон тавзеҳ диҳам. Худатон бояд донед ва акнун пай бурдед, ки марг поёни ҳама чиз нест, аммо ҳамон тавре ки дар китобҳо хонда будам, дардноктарин чиз барои одам марг аст. Маро косаи сару мағз пора-пора гашта буд, вале ҳама ҷоям тавре дард мекард, ки гӯё кулли танамро қассобӣ карданд. Он қадар баданам дард дошт, ки аслан наметавонистам таҳмил кунам ва ҳамон бахши хурди мағзам сайъ мекард, коре кунад, ки лоақал ба хоби ширин равад.

Пеш аз он ки бимирам, як қиссаи суриёнӣ ёдам омад, ки дар бачагиву наврасӣ шунидаам. Мехоҳам онро барои шумо тавзеҳ диҳам. Як пирамарди танҳо нисфи шаб бедор мешавад ва мехоҳад ба ошхона рафта, обе нӯшида, ташнагиашро фурӯ нишонад. Вақте мехоҳад, зарфи холиро ба лаълича гузорад, мебинад, ки шамъе, ки дар токча гузошта буд, нест. Куҷо шуда? Ногоҳ ба ҷойи он мебинад, ки аз хонаи хобаш ламъаи нуре метобад, аз ошхона тарафи ҳуҷраи хоб меравад. Бо тааҷҷуб мебинад, ки дар рахти хобаш каси дигар дароз кашида ва дар дасташ шамъ. «Ту кистӣ?» –мепурсад. «Марг» – мешунавад дар ҷавоб. Пирамард як лаҳза сокит мешавад ва баъд мегӯяд: «Ниҳоят омадӣ?» Ҷавоб мешунавад: «Бале, омадам». Пирамард мегӯяд: «Аммо дурӯғ мегӯйӣ, чун ҳоло вақташ нарасида ва ту ҳам як хоби надидаи ман ҳастӣ» ва инро гуфта, шамъро хомӯш мекунад ва ба рахти хоб дароз мекашад ва боз бист соли дигар умр мебинад.

Аммо хуб медонистам, ки дар вазъи ман чунин рӯй нахоҳад дод. Зеро то ин қиссаро бароятон нақл мекардам, қотил боз як зарба ба сарам зад. Он қадар дард доштам, ки ҳатто аслан он зарбаи охирро нафаҳмидам. Намедонистам, рафтанӣ аст ё нури чашмамро ҳам аз даст медодам.

Вале ҳанӯз зинда будам. Инро аз он насими сарде, ки рӯйи ангуштони дасту поям мевазид ва ҳам аз он ки барои зинда мондан мубориза мебурдам, мехостам бо дастонам, сару рӯйи хунолудамро бипӯшам ва ҳатто лаҳзае хостам аз банди дасташ дорам ва ин бор қотил бо рангдон рост ба рӯям зад.

Каме байнамон даргирӣ ба амал омад, агар онро даргирӣ номидан мумкин бошад, вай хеле қавӣ ва асабонӣ ва ман пирамарди заифи ба пушт афтодаи дар ҳоли марг. Зонувонашро гузошта буд сари синаам ва ҳарфҳои беадабона ба забон меовард. Намедонам, аз он ки фикр кард, ба ҳарфҳояш гӯш намедиҳам ба сабаби он ки бо чашмони хунолудам ба чашмони хунбораш наметавонам нигарам ё ба сабаби чизи дигар, бештар асабонӣ гашт ва зарбаи дигаре зад, ки даҳони рангдон боз гашт ва ранги сурхаш рехт ба сару дасташ ва сару рӯйи ҳар дуямон аз ранги рангдону ранги хуни ман хунолуд гашт.

Аз он эҳсоси нороҳатӣ доштам, ки охирин лаҳзаи зиндагӣ, ки диданаш имконпазир мегардад, чеҳраи манфури хунолуди қотил аст ва акнун чашмонам баста мешуд, ҳамин лаҳза як нури зебо ва сабуку рӯҳбахш ҳама ҷоро фаро гирифт ва гумон мекардам хоб буд, чун эҳсос менамудам, дардам кам мешавад ва фикр мекардам касеро, ки пеши чашмонам зоҳир мешавад, дар хоб мебинам. Кӯдакона пурсидам:

– Ту кистӣ?

– Азроил, –ҷавоб омад. –Касе, ки ба зиндагии фарзанди Одам хотима мебахшад. Бачаҳоро аз модаронашон, занҳоро аз шавҳаронашон, ошиқонро аз маъшуқаҳояшон, падарҳоро аз писарҳояшон ҷудо мекунад. Ҳамаи одамон дер ё зуд бо ман мулоқот мекунанд, аз ин роҳи канорачӯӣ нест.

Набудани роҳи фирорро, ки гуфт, фаҳмидам, ки дигар мурдам ва якбора гиряам омад, чунки фақат гиря метавонист каме оромам кунад.

Аммо аз гиря ташнагиам бештар гашт. Албатта, аз он дарди сахте, ки девонаам карда буд, хабаре набуд. Вале аз вазъи тани хунолуду ҷигари бирён изҳори розигӣ ҳам надоштам. Акнун гӯё вориди дунёи дигаре мегаштам, ки бароям ношиносу аҷоиб менамуд. Ҳарчанд нуронӣ менамуд, азбаски Азроил маро ҳамроҳӣ мекард, медонистам, ки он ҷо дунёи мурдагон аст, метарсидам. Бо вуҷуди он умедвор будам, ки чун худи Азроил шоҳид аст, ки дар ин дунё азияти зиёд кашидам, маро шояд ин ҷо зиёд нигоҳ надоранд. Намедонам, барои чӣ гумон мекардам, ки дар дунёи мурдагон онҳоеро бештар нигоҳ медоранд, ки дар дунёи зиндагон кам ё тамоман ранҷу дард накашидаанд. Ҳамчунин, гумон мекардам, ки агар дар олами зиндагон бештар монам, азобу уқубатам бештар мегардад ва дар ин синни пирӣ ба ҳамаи ин тоб намеорам. Ин аст, ки ҳарчи зуд ба дунёи дигар гузаштанамро мехостам.

Ин аст, ки дар арафаи марг худам мехостам бимирам. Аз он розӣ будам, ки билохира, фаҳмидам, марг чӣ тавр меояд ва мурдан чист. Охир солҳост, ки дар китобҳои мухталиф дунболи ин суол мегардам, аз шайхони доно мепурсам, аммо ҷавоби қаноатбахш намегирам: ин чӣ тавр аст, ки ҳама бояд бо марг рӯ ба рӯ шаванд? Акнун хушҳолам, ки баъди мурдан чизи наве ёд гирифтам.

Ин монанд ба он аст, ки касе хоҳад биравад сафар, он ҳам сафари дурудароз. Аммо намехостам, якбора ба сафари дурудароз биравам, аввал мехостам бори дигар ҳама ҷойи хонаро бубинам ва агар шавад, як бори дигар бачаҳоро, аз ҳама асосӣ, духтарамро бубинам, хуб коре мешавад. Барои ҳамин дасту по мезадам, шояд то омадани онҳо битавонам ин ҷо монам, бо вуҷуди он ки ташна шудаам.

Аз ин рӯ, нури нарми марг, ки дар чашмонам медурахшид, оҳиста хира гашт ва дари эҳсосам ба рӯйи садоҳои олам кушода шуд. Намедонам, мағзам ҳанӯз кор мекард ё на, ба назарам, кор мекард, чун садои он қотилро ҳанӯз мешунидам, ки тамоми ҳуҷраи наққошиамро тагурӯ мекард, аз ҷевони деворӣ шурӯъ кард, ҳама лӯлаҳои коғазро ба фарш партофт ва рафт сароғи сандуқча. Ба хаёлам расид, ки дунболи он наққошии охирин мегардад ва чун наметавонист пайдо кунад, дашном медод ва ҳама чизро чошу пош менамуд. Ҳис кардам, ки ҳанӯзам нолаҳоям рӯ мезанад ва дасту пойи пиронаам ҳаракатҳои зӯракӣ доранд, ҳамон насими сард рӯйи дасту поям мевазад. Интизорӣ мекашидам.

Дубора дардам афзун гашт, аз ташнагӣ дандонҳоямро рӯйи ҳам фушурдам. Як лаҳза аз ёдам гузашт, ки духтарам хона ояд, бо қотили пастфитрат рӯ ба рӯ хоҳад шуд. Акнун орзу мекардам: кош, дертар ояд. Аммо боз фикр мекардам, ки агар дер ояд, дигар ӯро нахоҳам дид. Дар ин фикр будам, ки дидам, он лаънатӣ берун рафтанист. Магар наққошии охиринро пайдо кардааст?

Ташнагӣ дигар тоқатнопазир гашта буд, аммо ба ҳар ҳол, тоқат мекардам: «Биё, духтарам, духтари хушрӯям, Шакура!»

Наомад.

Намедонистам сабр кунам, аммо мутмаин будам, ки дигар намебинамаш. Ин қазия он қадр нороҳатам мекард, ки ба зуд мурдан тайёр будам.

Ҳамин лаҳза эҳсос кардам дар самти чапам касе нишаст, ношинос, Азроил, ки набуд. Дасташро меҳрубонона ҷонибам дароз кард. Дар дасташ пиёлаи об дошт. Ҳамон лаҳза дигар ҳама чизро фаромӯш кардаму дастамро дароз кардам, то оби ташнашиканро бигирам. Аммо дасташро қафо кашид ва гуфт:

– Бигӯ, ҳамаи ҳарфҳои Муҳаммад (с) дурӯғ аст ва аслан инчунин одам вуҷуд надошта.

Бале, вай шайтон буд. Ҷавобаш надодам ва намедонам, аз чӣ аз ӯ ҳисси ҳарос надоштам. Аслан шояд ба ин далел, ки ҳеч фикр намекардам, ки наққошӣ як кори шайтонист. Аз ин рӯ, ором гирифтам ва интизор шудам роҳи дурударозро.

Дубора он нури фариштаи пеши рӯям пайдо шуд ва шайтон нопадид гашт. Акнун он фариштаро мешиносам, Азроил буд. Ёдам расид, ки дар «Китобу аҳвол-ил-қиёмат» омадааст, ки Азроил ҳазор бол дорад, тӯли ҳар кадомаш аз Шарқ ба Ғарб ва дастонаш чунон дарозанд, ки кулли дунё зери як дасташ ҷой мегирад. Аммо ин Азроил, ки пеши назарам буд, чунин шакл надошт.

Ба ҳайрат афтодам, дар ин миён Азроил болои сарам буд ва эҳсос мекардам, ки ёрӣ доданист. Гуфт:

– Даҳонатро боз кун, то рӯҳат берун ояд.

Инро дар як китоби Имом Ғаззолӣ хонда будам. Гуфтам:

– Агар даҳонамро боз кунам, аз он ғайр аз хун чӣ берун омаданаш мумкин?!

Аммо ин ҷуз баҳонае набуд ва медонистам, ки вақташ расидааст. Хеле нороҳат аз он будам, ки вақте духтарам меояд, ҷасадамро дар ин ҳоли даҳшатнок хоҳад дид ва

метарсад. Сипас хостам аз ин дунё ҳарчи зуд биравам, гӯё аз танам либоси тангеро берун карданӣ будам.

Даҳанамро боз кардам ва дар як чашм ба ҳам задан ҳама ҷо равшан ва дурахшон шуд, чун дар наққошиҳои меъроҷи ҳазрати Муҳаммад (с), ки дар он оби тиллоро ҳеч дареғ намедоштанд. Фикр кунам, ҳанӯз ҳам гиря мекардам. Як нафаси амиқ кашидам, он қадар амиқ, ки баъди он ҳама ҷоро сукути форам фаро гирифт.

Чизеро Азроил рӯйи дасташ гирифт, хато накардам, он рӯҳи ман буд – ба андозаи занбӯри асал ва хеле нуронӣ, андаке нарму сабук монанди симоб меларзид, намедонам чаро. Ҳама ҷойи он дунёи ҷадид бароям тозагие дошт ва бо шавқ давру барашро назар мекардам, акнун рӯҳамро аз ёд бурда будам.

Баъд аз он қадар дарду ранҷ акнун ором гирифтам. Ҳеч мушкиле ҳам надорам, он қадар ҳам, ки фикр мекунем, мурдан сахт набуда ва ҳатто метавон гуфт, роҳат ҳам аст. Як ҳисси қаноатмандӣ маро фаро гирифт, гумон мекардам, акнун маро оромии дурудароз даст хоҳад дод. Ҳама хотираҳо, дунё пеши назарам буд, монанд ба наққошии охирини дусаҳифагии китобамон. Дар он ҳама чиз канори ҳам қарор доштанд ва бо ҳам мувофиқат мекарданд.

30. Ман – Шакура

Бориш чунон сахт буд, ки барф аз рӯйбанд гузашта, чашмонамро тар мекард. Боғча аз шоху барги лойолуд ва гулу барф пур буд, аз ин рӯ, роҳ гаштанро душвор мекард, аммо ба кӯча баромада, қадамамро тезондам. Медонам барои шумо донистани он аҷиб аст, ки ин вақт дар бораи чӣ фикр мекардам. Ба Кара то чӣ андоза бовар мекунам? Хуб, бароятон иқрор мешавам: бисёр дар тааҷҷубам, ки намедонам дар чӣ бора андеша дорам.

Магар нафаҳмидед андешаҳоям чӣ қадар парешонанд? Албатта, ин мисли рӯз равшан аст. Мисли ҳамеша худамро ба пухтупаз, рӯфтурӯби хона ва тару хушки бачаҳо ва расидагӣ ба падар машғул медорам, вақте ки аз он каме берун мешавам, дилам бе ин ки худам суоле диҳам, пичирросзанон мепурсадам, ки кадом корам дуруст ва кадом корам хатост ва бояд чӣ кор кунам, ки ин қазия зиёд тӯл накашад. Инак, тасмим гирифтам, ки то рӯзи дигар бояд муайян созам, ки бо кӣ издивоҷ мекунам.

Чизе ҳаст, ки то ба хона расидан мехоҳам онро бо шумо ҳаллу фасл намоям. На, ҷонам, гап дар бораи он чизе, ки Кара нишонам дод, намеравад, шумо даррав дар ин бора фикр кардед, агар иштиёқи донистани онро доред, баъдтар мегӯям. Ҳарфам дар бораи саросемагии Кара меравад. Рафторашро баъди дувоздаҳ соли ғарибӣ дидед-ку. Чунон менамояд, ки ин одам аслан дар бораи шаҳват тасаввурот надорад, мутмаинам, дар ин дувоздаҳ сол боре ҳам бо зане қаробат накардааст. Намехоҳам, зуд наздаш сар фуруд орам, ҳарчанд он покӣ ва маъсумияти кӯдаконаашро дӯст медорам, аз чашмонаш маълум мегардад, ки маро сахт нагз мебинад ва мехоҳад. Аммо магар намефаҳмад, ки ба шарафи ман бозӣ кардан метавонад натиҷаи баръакс диҳад. Наход баъди дувоздаҳ соли дуриву маҳрумият дувоздаҳ рӯзи дигар тоқат карда нашавад?

Медонед, нигоҳҳои монанди кӯдак бечораҳолона, маҳзунонаи Кара водор мекарданд, ки эҳсос кунам дӯсташ медорам. Ҳатто замоне, ки аз ӯ сахт қаҳриам, дилам ба ӯ месӯзад. «Ваҳ, бачаи бечораам! –аз қаъри дилам садое меомад. –Ин қадар ғам мекашад бечора!». Чунон ӯро ҳимоя кардан мехоҳам, ки омодаам кори хато кунам – номусамро фидояш намоям.

Бачагони бечораам ба ёдам расида, қадамамро тезондам. Лаҳзае ба назарам намуд, ки дар торикии шаби

барфолуд як нафар чун шабаҳ аз наздам баромад, сарамро пасттар гирифтам ва зуд аз канораш гузаштам.

Қадам ба ҳавлӣ гузошта, ҳамоно фаҳмидам, ки Ҳурияю кӯдакон барнагаштаанд. Воқеан, азони хуфтан ҳоло садо надодааст. Аз зинаҳо боло шудам, хонаро бӯйи мураббо фаро гирифтааст; ҳуҷраи падарам торик буд; пойҳоям хунук хӯрданд; бо чароғ хонаро дидам, ки дари ҷевон кушода, болиштҳо афтода, Шавкату Орҳан бетартибӣ кардаанд, аз дил гузарондам. Ҳама ҷо хомӯш, чун ҳамеша, ё чун ҳамеша не? Либосҳои хонагиро пӯшида, гӯшае нишастам то андаке ба хаёлоти худ дода шавам, ки аз поён, рост аз зери поям, яъне, на аз ошхона, балки аз устохонаи тобистонаи падарам садоеро шунидам. Наход, дар ин сардӣ ӯ ба он ҷо фаромадааст? Аммо ҳамин ки аз дил гузарондам, охир, вақти омадан дар он ҷо равшаниеро мушоҳида накардаам, ин сафар аз ҳавлӣ садои кушода шудани дарича баромад. Аз пайи он дар паси дарвоза садои аккоси сагҳо баланд гардид, сахт тарсидам.

–Ҳурия, –гуфта дод задам, – Шавкат, Орҳан...

Хунук хӯрдам. Оташдони падар гирон аст, он ҷо мешинам, гарм мешавам –хаёлам акнун ба Кара не, ба кӯдакон банд буд. Дар дастам чароғ.

Роҳравро гузашта истода, ба сарам зад, ки шояд ба поён фароям ва дар оташдон барои моҳишӯрбо об гузорам. Ба ҳуҷраи дараш кабуд – наққошхонаи падар нигаристам, бетартибии даҳшатнок ҳукмрон буд, ҳайрон шудам, падарам ин ҷо чӣ кор кардааст.

Баъд падарамро рӯйи фарш дидам.

Ба даҳшат омада, фарёд кашидам. Лаҳзае хомӯш мондам. Дар ҷоям шах шуда монда, ба ҷасад нигаристам.

Аз сукути хунсардонаатон бармеояд, ки ҳамаи он чиз, ки дар ин хона рӯй додааст, ба шумо кайҳо аён. Агар ҳамаашро не, бештарашро медонед. Аммо ҳоло шумо дар

фикри дигар чизед – чӣ эҳсосе ин лаҳза маро фаро гирифт? Беҳтараш аввал худатонро фикр кунед, худатонро ба ҷойи ман гузоред, ки агар падаратонро ин тавр ваҳшиёна мекуштанд, чӣ эҳсосе медоштед. Аз ин рӯ, дарди ман бароятон мафҳум нест.

Хайр, гӯш диҳед. Шаб ба хона меоям ва мебинам, ки касе падарамро кушта. Бале, аз доду фиғон мӯйҳои сарамро кандам, гиристаму сару рӯямро ханҷол кашидам. Бале, худро ба оғӯши ӯ задаму чун даврони кӯдакӣ бӯяшро ба машом кашидам. Бале, муддати зиёд дар ҳоли парешонӣ будам, нафаскашиам душвор гашт – аз тарс, ғам ва танҳоӣ. Ҳеч ба ҳодисаи рӯйдода бовар кардан мумкин набуд, ба Худо зорӣ мекардам, ки падар бихезад, дар ҷойи ҳамешагиаш ором нишинад ва ба китобҳояш машғул гардад. Бихез, падарҷон, бархез, намир, намир, падарҷон! Аммо сари хуншори ӯ пурра абгор гаштааст. Беш аз ҳама маро на он ки тамоми анҷоми хонаро парешон кардаанд, на китобу коғазҳои дарида, на рангҳои ба фарш рехтаю рангдони пора-порагашта, на он ки болиштҳо кафонда шудаанд, рафи китобмонӣ ва тахтаи корӣ шикастааст, ҳатто на ғазаби қотил, ки падарамро аз зиндагӣ маҳрум сохтааст, балки бадбинии беҳадди ӯ, ки ба тагурӯ кардани хона водор кардааст, ба даҳшат оварда. Акнун намехандидам. Дар кӯчаи торик гапзанон, хандакунон ду одам гузаштанд, аммо садои онҳо хомӯшии беинтиҳои оламро, ки бо ҳисси даруниам эҳсос мекардам, пароканда карда натавонист. Бо дастонам ашки чашмонамро пок кардам ва дурудароз ба андеша рафтам, ки акнун ману кӯдаконамро чӣ дар пеш аст.

Сипас бори дигар ба хомӯшӣ гӯш додам ва ба кор сар кардам. Аз пойи падар дошта, ба даҳлез кашидам. Дар он ҷо вазни ӯ аз чӣ бошад, бештар гашт, аммо ба ин диққат надода, ӯро бо зинаҳо ба фаровардан сар кардам. Дар

мобайни зинаҳо сахт монда шудам ва гиряам омад, аммо ҳамин вақт боз садое шунида шуд. Гумон кардам, Ҳурия ва бачагон омаданд, аз нав ҷасадро аз пояш доштам, таги каш гирифтам ва поён кашидам, ин бор саросема ва бо суръати бештар. Сари бечора падари дӯстдоштаам чунон шикаста ва хуншор буд, ки ҳангоми ба зинаҳо бархӯрдан садое мебароварад монои лухтаки латтагӣ. Дар поён вазн аз чӣ бошад, ки боз мисли пештара сабук гашт ва ҷасадро бе дамгирӣ аз канори саисхона ба дарозии ҳавлӣ кашида, ба хонаи наққошии тобистона расондам. Ин ҷо торик буд, барои шамъ ба ошхона тохтам. Вақте баргаштам, аз ғорати ба ин ҷо низ расонда ба даҳшат афтидам.

«Оҳ, Худоё! Ин кори кӣ бошад?»

Майнаам беист кор мекард, нақшаи амал мекашидам. Ҷасади падарро дар устохонаи тобистона гузоштам, дарро сахт пӯшидам, аз ошхона сатилро гирифта, аз чоҳ об овардам ва дар рӯшноии чароғ хуни даҳлез ва зинаҳоро шустам. Ҳамаи ин корҳоро ба таъҷил анҷом додам. Баъд, ба ҳуҷраи худ баромадам, сару либоси хунолудамро кашида, дигарашро пӯшидам. Акнун бо сатилу латта ба хонаи падар рафтанӣ будам, ки шунидам даричаи ҳавлӣ кушода шуд. Дар ҳамин вақт азон ҳам садо дод. Тамоми қувваи иродаамро кор фармуда, дар ҷоям дар зинаи болоӣ дар даст чароғ рост истода, омадагонро пешвоз гирифтам.

– Модарҷон, мо омадем, –садои хурсандонаи Орҳан буд.

– Ҳурия, шумо ин қадар куҷо гум шудед?! –гӯё дод задам бо тамоми овоз. Аммо ин ба назарам буд, ки бо тамоми қувва фарёд карда бошам. Дар асл, ман пичиррос задам.

– Очаҷон, худат гуфтӣ, ки мо метавонем то намози шом гардем, –гуфт Шавкат.

– Ҷим! –буридам ӯро.–Бобо хаста аст.

– Хаста аст? –гашта пурсид Ҳурия аз поён ва баъди он ки ба ӯ ҷавобе надодам, пай бурд, ки дар қаҳрам, бо оҳанги узрхоҳона давом дод: –Шакура-хонум, мо баргаштани заврақҳои моҳиро нигарон шудем, баъд аз аввалинаш моҳии кефал гирифтем, барои бачаҳо анҷир ва хушкмева харидем.

Мехостам поён шаваму пастакак ӯро ҷанг кунам, аммо аз дилам гузашт, ки дар рӯшноии чароғи дастам зинаҳои тар ва қатраҳои хун, ки шояд дар саросемагӣ тоза накардаам, намоён мешаванд. Бачаҳо тап-тапкунон ба зинаҳо давида баромаданд, кафшҳояшонро кашиданд ва рафтанд дарун.

– Ҷим-м,–ангуштамро ба лаб бурдам боз ва онҳоро тарафи хонаи худамон тела додам, –бобо хоб аст, ташвиш надиҳед.

– Ба ҳуҷраи дараш кабуд, ки оташдон дорад, меравам, –якравӣ кард Шавкат.–Ба хонаи бобо не.

– Бобоятон он ҷо хоб аст, –гуфтам, –агар хоҳед, ҷинҳое, ки ӯро мариз карданд, ба шумо ҳам таъсир расонанд, ба он хона равед, –гуфтам воҳимакунон. Бачаҳо дар ҷояшон истода монданд ва аз дасташон гирифта, ба ҳуҷраи худашон бурдам ва пурсидам: –Канӣ, бигӯед, то ин вақти шаб дар кӯчаҳо чӣ кор кардед?

– Арабҳои гадоро дидем, –хабар дод Шавкат.

– Дар куҷо? –пурсидам. –Ливояшон ҳам буд?

– Нуҳто. Ба Ҳурия як дона лимӯ доданд, Ҳурия ба онҳо пул дод. Сару рӯяшон барфолуд буд.

– Боз чӣ?

– Дар майдон ба нишон тир мезаданд.

– Дар чунин ҳавои барф? –пурсидам.

– Очаҷон, хунук хӯрдам, –нолид Шавкат. –Ба хонаи даркабуд равам?

– Шумо аз ин хона берун намебароед, –гуфтам.– Вагарна мемиред. Ҳозир оташдонро ин ҷо меорам.

– Чаро мемурдаем? –ҳайрон шуд Шавкат.

– Ҳозир ба шумо як чизро нақл карда медиҳам. – Аммо гап байни худамон монад, фаҳмидед?

Ваъда доданд, ки ба касе намегӯянд.

– Вақте, ки шумо дар кӯча будед, ба хона одаме омадааст аз мамлакати дур, бо либоси сап-сафед ва бо бобо суҳбат кардааст. Маълум мешавад, ҷин будааст.

Бачаҳо бо як овоз пурсиданд, ҷин аз куҷо омадааст.

– Аз он тарафи наҳр, –ҷавоб додам.

– Аз ҷойҳои падарам? –пурсид Шавкат.

– Бале, аз он ҷойҳо, –ҷавоб додам. –Он ҷин барои дидани расмҳои китоби бобоятон омадааст. Он расмҳоро агар одами гунаҳгор бинад, ҳамоно мемирад.

Хомӯшӣ ба миён омад.

– Гӯш кунед, ба поён назди Ҳурия меравам, –аз нав ба гап даромадам. –Манқал ва ба шумо таом меорам. Ин ҷо сокит бошед, мабодо аз хона набароед, вагарна мемиред. Чунки ҷин ҳоло дар хона аст.

– Оча, оча, нарав! –хоҳиш кард Орҳан.

Ба Шавкат муроҷиат кардам:

– Додаратро нигоҳ кун. Аз хона бароед, аз ҷин пештар худам адабатонро медиҳам! –чеҳраам оташин буд чун вақтҳои шаппотӣ заданам. –Дуо хонед, ки бобоятон шифо ёбад. Агар бачаҳои боодоб бошед, Худованд дуоятонро мустаҷоб мегардонад. Касе ҳам ба шумо зарар намерасонад.

Бачаҳо ба дуохонӣ сар карданд, аммо дида мешуд на он қадар аз таҳти дил. Поён фаромадам.

– Касе, мурабборо чаппа кардааст, –хабар дод Ҳурия. –Гурба чунин накунад, саг ба ин ҷо намедарояд. –Ин вақт ӯ ифодаи ваҳшатноки чеҳраи маро мушоҳида карда, пурсид: –О, Худо, чӣ гап шуд? Бо падар-афандиам ягон воқеа шудааст?

– Ӯ мурдааст.

Фиғоне баровард. Аз дасташ пиёзу кордро афтонд, моҳие, ки пора мекард, парида рафт. Баъд истоду боз баланд дод зад. Як вақт бинам, хуне, ки рӯйи дастонаш буд, на аз моҳӣ, балки аз худаш аст, аз ангуштони буридааш мечакад. Ба боло тохтам ва то замоне, ки дока мекофтам, мешунидам, ки бачаҳо доду фиғонкунон бозӣ мекунанд. Пораи докаро бурида гирифтаму ба наздашон даромадам. Шавкат Орҳанро хар карда савор шуда буд ва пойҳояшро аз паҳлуи ӯ овезон карда, «их–их» мегуфт.

– Чӣ кор мекунед шумо?! –фарёд кардам.

– Орҳан аз хона баромад, –хабар дод Шавкат.

– Дурӯғ мегӯяд, –гиряро сар дод Орҳан. –Худаш дарро кушод, гуфтам, ки набаро.

– Агар ором наистед, ҳардуятонро мезанам!

– Очаҷон, нарав, –боз илтимос кард Орҳан.

Дар поён ангушти Ҳурияро бастам ва хун бозмонд. Вақте ки гуфтам, ки падар на бо аҷали худ мурдааст, ӯро ваҳшиёна куштанд, гирякунон ба дуохонӣ даромад: «Худоё, Худовандо, моро дар паноҳат нигаҳ дор!», баъд боз ба гиря даромад ва ба ангушти буридааш менигарист. Аз дилам гузашт, ки наход ӯ падарамро ҳамин қадар дӯст доштааст, ки ҳеч ором шуда наметавонад? Ниҳоят ӯ изҳор кард, ки мехоҳад ба боло, ба ҳуҷраи падар рафта, ӯро нигоҳ кунад.

– Дар он ҷо нест, –аз роҳ боздоштамаш, –дар хонаи пас.

Духтархона бо шубҳа ба ман нигарист, фаҳмид, ки ҳамроҳаш рафтанӣ нестам, кунҷковиаш ба тарсу ҳарос ғалаба карду чароғро бардошт ва берун шуд. Медидам, ки чӣ тавр ӯ ҳавлиро давида гузашт, дарро кушод, чароғро боло бардошта, ба зулмоти хонаи сард чашм давонд. Ҷасади падарамро ӯ аввал надид ва чароғро торафт боло бардошта, ба ҳар тарафи хонаи бетартиб чашм давонд.

Баъд Ҳурия падарамро дар пеши пойи худ дида, фиғон бароварда, охир, ҷасадро дар дами дар гузошта будам. Духтархона ба ҷасади падарам шах шуда нигоҳ мекард, зеро медидам, ки сояаш дар замини сангфарши рӯйи ҳавлӣ ва дари аспхона ҳаракат намекунад. Ман бошам, тасаввур мекардам, ки ӯ чиро медида бошад. Баргашта омад, акнун намегирист. Маълум буд, ки худро ба даст гирифтааст ва метавон ҳамаро ба ӯ нақл кард. Ин маро ором сохт.

– Гӯш кун, Ҳурия, –гуфтам ман корди моҳибуриро аз чӣ бошад, ба даст гирифта, тоб дода истода, –дар боло низ ҳама чиз парешон, гӯё шайтон ҳама чизро тагурӯ кардаву шикастааст. Қотил он ҷо сару рӯйи падарамро зада шикаста, ӯро куштааст. Барои он ки бачаҳо набинанд ва натарсанд, ҷасадро ба ин ҷо овардам. Аз паси шумо аз хона баромада будам. Падар дар хона танҳо буд.

– Аҷиб! Шумо дар куҷо будед? –пурсид вай бо киноя.

Шарм доштам, баъд иқрор шудам:

– Бо Кара будам. Мо дар хонаи яҳудии овехта мулоқот доштем. Аммо ту дар ин бора ба касе чизе нахоҳӣ гуфт. Ҳамчунин алҳол ба касе намегӯйӣ, ки падарро куштаанд.

– Кӣ ӯро кушт?

Ӯ ё тамоман девона аст, ё барқасд барои алами маро овардан чунин суол мекунад.

– Медонистам, мурданашро пинҳон намедоштам, –ҷавоб додам. –Намедонам. Ё ту медонӣ?

– Ман аз куҷо медонам? Акнун мо чӣ кор мекунем-а?

– Худатро бояд чунон нишон диҳӣ, ки гӯё ягон ҳодиса нашудааст, –гуфтам.

Ашк гулӯгирам мекард, мехостам ба сараш дод занам, аммо худро нигаҳ доштам. Ниҳоят бо овози паст гуфтам:

– Моҳиятро алҳол бигзор, ба бачаҳо ягон чиз тайёр карда деҳ.

Ҳамин лаҳза Ҳурия ба гиристану нола кардан даромад ва ман аз китфаш дошта, ором карданӣ шудам, баъд якдигарро ба оғӯш гирифтем. Бори аввал дастам ба ӯ расида буд, аз дилам мегузашт, ки ба ӯ дасти падарам ҳам расида. Ин аст, ки ҳоло на танҳо ба худу ба бачаҳо, ба ӯ низ дилам сӯхт. Аммо боз ба хотирам расид, ки худам ҳам дуруст одаме нестам, эҳсоси шубҳаву шарм маро фаро гирифт. Оё шумо дарк кардед, ки вақте падарамро мекуштанд, дар куҷо будам, барои чӣ Ҳурия ва бачаҳоро ба кӯча рафтан ташвиқ кардам? Охир, ки шумо медонед! Ҳамчунин мефаҳмед, ки ҳамаи ин тасодуфан ба амал омад. Аммо магар Ҳурия бо ақли кӯтоҳаш инро мефаҳмида бошад? Агар ҳама чизро ба ӯ фаҳмонам, мефаҳмад? Ба гумон. Агар фаҳмад ҳам, шубҳааш аз байн намеравад. Охир, ману Кара ба кадом кор машғул будем, инро ба шумо гӯям ҳам, шояд шубҳаатон аз байн намеравад. Байни мо чизе нагузаштааст. Духтарҳонаро ба оғӯш гирифтам, аммо ҳамоно аз дилам гузашт, ки аз сари беақли ӯ хоҳад гузашт, ки ҳамаи инро барои ба ӯ хушомад задан мекунам то шубҳаро аз байн барам, дар асл бошад, дурӯғ гуфта истодаам. Бале, вақте падарро мекуштанд, бо Кара мулоқот доштам, ҳамдигарро навозиш мекардем. Оҳ, агар танҳо ба Ҳурия шубҳанок менамуд, дарди бахайр буд, аммо шумо ҳам чӣ фикрҳоеро аз дилатон мегузаронед. Ҳатто, пинҳон накунед, аз дилатон мегузарад, ки ҳама чизро бароятон нагуфтам. Ман фоҳиша нестам. О, Худоҷон, чаро ба сарам ин қадар бадбахтиҳо овардӣ?! Акнун аз таҳти дил ба гиряи Ҳурия ҳамроҳӣ мекардам.

Бачаҳо дар ҳуҷраи худашон ба хӯрокхӯрӣ даромаданд. Ман ҳам бо онҳо будам, аммо чунон нишон

доданӣ мешудам, ки хӯрда истодаам. Ҳар сари лаҳза бо баҳонаи он ки падарро хабар мегирам, ба долон мебаромадам ва аз таҳти дил гириста, диламро холӣ мекардам. Баъди таом бачаҳоро ба хобидан ташвиқ намудам, аммо онҳо хеле тарсида буданд, бинобар ин, ночор паҳлуяшон дароз кашидам. Онҳо ба ман ҷафс шуда буданд, аммо то дер хобашон набурд, гӯш фаро медоданд, ки ҷин меояд ё не, хавотиромез ҳар чиз мегуфтанд. Барои он ки оромашон кунам, ваъда додам, ки афсона мегӯям. Гуфтам, ки афсона дар бораи муҳаббат аст. Аммо суолҳо худ аз худ пайдо мешаванд.

– Очаҷон, ба ҳеч кас ба шавҳар набаро, хуб? – тавалло кард Шавкат.

– Гӯш кунед, –сар кардам. –Буд-набуд, як подшоҳ буд, писаре дошт. Ана, ҳамин писар ба як духтари зебо ошиқ шуд, ки дар мамлакати дур зиндагӣ мекард. Чӣ тавр? Ана, ин тавр: ӯ сурати кашидаи духтарро дида…

Ҳамон тавре ки бо ман ҳамеша рӯй медиҳад, дар рӯзҳои бадбахтӣ ва ғаму ғусса қисса бефикр худ аз худ мебаромад. Нақл мекардаму ба овози дили худ гӯш медодам, ин аст, ки қисса бо хотираҳои ғамангез омезин ёфта, ба нақли ҳақиқии дарднок табдил ёфт.

Вақте ки Шавкат ва Орҳанро хоб бурд, аз ҷогаҳи гарм бархостам ва бо Ҳурия ба кори ғундоштани хонаҳо, ки он шайтони лаин бетартиб кардааст, сар намудем. Аввал сандуқҳоро ба тартиб даровардем, сару либос, матоъ ва палос, рангу коғазҳоро ба ҷояшон гузоштем, пораи зарфҳо, кӯзаҳо, рангдон, чӯбҳои китобмонак, коғазпораҳо, варақҳои даридаи китобҳоро ҷамъ меовардему ҳар замон мегиристем. Шояд аз марги падарамон дида, бетартибии хона, таҷовузи он зоти паст ба ҳаётамон бештар аламамонро меовард. Хуб медонам, бисёриҳо асбобу анҷоми мурдаро дар шакли пештарааш, ботартиб нигоҳ медоранд, то хотираашро нигоҳ доранд,

аммо фаромӯш мекунанд, ки Азроил кайҳо ҷони ӯро гирифтааст. Мо аз чунин имконият маҳрумем, зеро қотили бераҳм тамоми асбоби хонаро, ки худи падарам бо меҳру муҳаббат ҷобаҷо кардааст, чунон вайрону валангор карда буд, ки чун пешина гузоштани онҳо ғайриимкон буд. Ёдовардии ин манзара бештар моро ба даҳшат меовард.

Қарор додем, вузӯ гирем. Барои ин поён шудем ва аз чоҳ оби тоза овардем. Вузӯ гирифтем. Як лаҳза чунон ба гӯш расид, ки пушти дари ҳаёт чизе такон хӯрд, аммо баъд боз хомӯшӣ баррқарор шуд. Албатта, ҳамин андозааш ҳам басанда буд, ки ҳароси мо бештар гардад. Боло, ки шудем, Қуръони дӯстдоштаи падарро, ки кори хаттотони Ҳирот буд, гирифта, сураи «Оли Имрон»–ро, ки ӯ хеле дӯст медошт ва вақте сухан дар боби умедвориву марг мерафт, ҳамеша мехонд, қироат кардам. Нисфи шаб, ки шуд, ҳар ду поён шудем, то дари боғчаро қулф занем. Баъд он гулдони бузурги сафолиро, ки падарам тобистонҳо дар он райҳон мекишт, кашола карда, ба пушти дар гузоштем. Ба хона, ки бармегаштем, аз чароғе, ки Ҳурия рӯйи замин гузошта буд, дар девор сояҳои бадвоҳима пайдо шуданд, ки хеле тарсидем. Аммо аз ин ҳам бештар аз он тарсидем, ки мехостем сару либоси падарро иваз кунем ва сару тани доғдорашро шӯем.

Вақте ки либосашро мекашидем, бештар аз ҳама ранги баданаш моро тарсонд. Дар рӯшноии чароғ баданаш аз пештар сафедча метофт. Мо ҳар ду аз тарс меларзидем, аз ин рӯ, аз дидани тани урёни доғи пириву ҷароҳатбардошта эҳсоси шарм намекардем. Вақте ки Ҳурия барои овардани либоси тоза, куртаи шоҳии сабзи ӯ боло рафт, тоқат накарда, ба он ҷойи андоми падар, ки нигоҳ кардан манъ аст, нигаристам. Ҳамоно шарму ҳаё маро фаро гирифт. Вақте падарро либосҳои тоза

пӯшондем ва доғҳои хуну ҷароҳатро аз сару рӯй, мӯй, дасту пояш равондем, худро ба болои ҷасади ӯ партофта, рӯямро ба сараш гузошта, дурудароз гиристам.

Барои онҳое, ки маро гунаҳгори бевиҷдон меҳисобанд, гуфтаниам, ки ҳангоми шустушӯ ва тоза кардани сару либоси падар боз ду бор гиристам. Вақте нақҚошхонаи болоро ба тартиб медаровардем, дидам, ки як садафи дарёиеро, ки дар он коғазу ашёи дигарро мегузоштанд ва ман вақтҳои хурдсолӣ онро дар гӯшам гузошта, меларзондам ва садои баҳрро мешунидам, он қотили разил пора-пора кардааст ва боз вақте дидам, болиштаки махмалиеро, ки дар он падарам тамоми солҳои охир нишаста кор карданро дӯст медошт, тиккаву пора кардааст, талх гиристам.

Аз рӯйи имконият тартибро барқарор намудем, бисёр чизҳоро чун пештара барқарор кардан имкон надошт, хоҳиши Ҳурияро, ки мехост ҷойгаҳашро бо мо партояд, рад кардам. «Субҳ бачаҳо шубҳа мекунанд», –ҷавоб додам. Аммо дар асл мехостам бо бачаҳо танҳо бошам ва барои кирдорҳои пешинаш Ҳурияро ҷазо диҳам. Сарамро гузошта, то дер хобам набурд, на аз даҳшатҳои имрӯз ба сарамон омада, балки аз он ки ояндаам чӣ мешуда бошад.

31. Номи ман Сурх аст

Вақте ки холиқи «Шоҳнома» Фирдавсӣ ба Ғазнӣ омад ва шоирони дарбори шоҳ Маҳмуд ӯро деҳотӣ гуфта, масхараву хор доштанд, вақте ки мисраи чоруми рубоиро, ки хеле душвор буду касе ёфта натавонист ва ӯ зуд гуфта дод, ман он ҷо будам – дар камзӯли Фирдавсӣ. Дар тирдони қаҳрамони достони «Шоҳнома» Рустам вақте ки ба суроғи аспи гумшудааш ба кишварҳои дур мерафт, дар ҷӯйи хуни деви афсонавӣ вақте ки бо шамшери обгинаш вайро дуним кард, дар чини рӯйҷойи

духтари зебои шоҳ вақте ки баъдтар меҳмони ӯ шуда, шабона бо ӯ айш меронд, будам. Ҳама ҷо будам, ҳама ҷо ҳастам. Вақте ки Тур сари бародараш Эраҷро бо шамшер мебурид, вақте ки чун дар хобу хаёл диловарони саҳро асп медавонданд ва аз бинии зебои Искандари офтобзада оҳиста-оҳиста хун мечакид, он ҷо будам. Ҳар як рӯзи ҳафта подшоҳи Сосонӣ Баҳроми Гӯр барои рафъи хастагӣ аз рӯйи одат шабро бо зеборухи нав афсонаи ӯро гӯшкунон рӯз мекард ва ҳар дафъа қуббаи хиргоҳро ба монанди иқлими он кишвар ранг мекарданд ва вақте ки шаби сешанберо бо духтаре, ки дар расм дида ошиқаш шуда буд, мегузаронд, дар куртаи он зебосанам будам; дар он расме, ки Ширин ба он нигоҳ карда, ошиқ шуд, тамоми сарулибоси Хусрав аз ҷомаи танаш то нӯги тоҷаш бо ман ранг карда шуда буд. Дар парчамҳои аскарони қалъаро муҳосиракарда, дар дастурхони зиёфат, дар ҷомаҳои сафирони ба пойбӯсии подшоҳ омада, дар ҳикояҳое, ки дорои расми шамшеранду шунидашонро бачаҳо дӯст медоранд, ҳастам. Вақте ки дар коғазҳои нафиси аз Ҳиндустон ва Бухоро оварда зери назорати устоҳои наққош шогирдони ҷавони чашмонашон зебо бо қаламмӯҳои борик муъҷизаҳо меофаранд, ман ба ёриашон мешитобам: гилемҳои ушакӣ,[103] наққошиҳои ислимии девор, пироҳани духтарони зебои ғамгине, ки аз тиреза ба кӯча менигаранд, тоҷи хурӯсҳои ҷангӣ, нор ва дигар меваҳои афсонавии кишварҳои афсонавӣ, даҳони шайтон, хатти борики ҷадвал, нақшунигори ислимии чодарҳо, гулҳои хурдтарин, ки ба чашми оддӣ дида намешавад ва онро наққошон барои лаззати худ кашанд, чашмҳои олуболумонанди парандагон, ҷорӯбҳои чӯпон,[104] шафақҳои афсонавӣ ва ҳазорҳо, даҳҳо ҳазор захмҳо дар тани ҷанговарон, шоҳон ва ошиқонро бо

[103] *Ушак* – шаҳр дар ғарби Туркия.
[104] *Ҷорӯбҳои чӯпонӣ* – дар асли туркӣ ба ҳамин шакл.

ранги ман меофаранд. Вақте ки хунро монанди гули шукуфон дар саҳнаҳои ҷанг мекашанд, писандам меояд, вақте ки ҷавонони зебо ва шоиронро дар кир[105] бо шаробу мусиқӣ тасвир мекунанд, мехоҳам дар камзӯли шоири аз ҳама тавоно бошам, дар боли фариштагон, лабони бонувон, дар хуни сарҳои бурида буданро дӯст медорам.

Мешунавам суолатонро: «Чӣ маънӣ дорад ранг будан?!»

Ранг монанди расиши чашм, мусиқии оҷизон, калимае дар торикист. Даҳҳо ҳазор сол боз мешунам, ки чӣ тавр рӯҳҳо дар китобҳо ва ашё суҳбат мекунанд, ин монои ғурриши бод аст ва аз ин рӯ, гуфта метавонам, ки расиши ман монанди расиши фариштаст. Аз ду буъд таркиб ёфтаам: якеро шумо дар ин ҷо бо чашматон мебинед, он вазнин аст, дигараш дар ҳаво бо нигоҳи шумо парвоз мекунад, вай сабук аст.

Хушбахтам, ки сурх ҳастам. Аз худам розӣ ҳастам, пурқувватам, медонам, ки ба чизе шабоҳат надорам, ба ман чизеро муқобил гузошта наметавонанд.

Пинҳон намешавам: барои ман нафосат, сустӣ ва камқувватӣ не, балки қатъият ва ирода зарур аст. Ман ҳамеша ошкорам. Аз рангҳои дигар, сояҳо, шӯру мағал ва ҳам танҳоӣ наметарсам. Чӣ тавр зебост: рӯйҳои интизорро бо оташи ғолибияти худ пӯшидан! Бо пайдо шуданам чашмон барқ мезананд, ҳавасҳо меафзоянд, абрувон боло мечаҳанд, дилҳо ба таппиш медароянд. Ба ман нигаред: зиндагӣ зебост! Бо ман нигаред: чӣ қадар зебост дида тавонистан. Зиндагӣ кардан дидан аст. Ҳама ҷо дидашавандаам. Ҳаёт аз ман сар мешавад ва ҳама чиз ба ман бармегардад, ба ман бовар кунед.

---

[105] *Кир* - саҳро, дар тоҷикӣ «кир» - теппа, баландӣ.

Гӯш кунед, қиссаи зода шуданам чӣ гуна аҷиб аст: Як устоди наққош нахуст панҷ дирҳам хокаеро, ки аз ҳашараҳои суп-сурхи хушки минтақаи гармтарини Ҳиндустон дар ҳован кӯфта тайёр кардааст, бо як дирҳам алафи собунак ва ним дирҳам як алафи даштӣ омехта кард. Ба зарф чанд дӯлча об рехта, алафи собунакро ҷӯшонд. Ба он алафро илова карду хуб омехта намуд. Дар оташ гузошта, то замони нӯшидани пиёлае қаҳваи хуб, ки ақлро равшану нури чашмро афзун менамояд, ҷӯшонд. Устод қаҳва менӯшиду ман дар ҳоли беқарорӣ, монанди бачае, ки акнун таваллуд мешавад, будам. Вай ба зарф хокаи сурхро андохт ва бо чӯбчаҳои тозаву борики махсус баҳузур омехта намуд. Акнун ранги сурхи ҳақиқӣ ҳосил мешавад; муҳим он ки маҳлул аз меъёр зиёд наҷӯшад. Устод бо чӯбча қатрае рангро гирифта, ба рӯйи нохуни ангушти калон (дигар ангуштон ба ҳеч вақҳ кор намедиҳанд) мечаконад. Оҳ, чӣ тавр хуб аст ранги сурх будан! Нохунро ба сурхӣ ранг кардам, чун об ба канораҳои нохун нарехтам: маҳлул бад нест, аммо миқдоре таҳшин дорад. Усто зарфро аз оташ гирифт, маро аз матои тоза гузаронд, соф шудам. Аз нав ба оташ гузошт, ду бор ҷӯшонд, оҳиста кафкҳои бархостаро ором намуд ва дар гӯшае гузошт – барои сард гаштан.

Чанд рӯз дар дег, дар тозагӣ ва танҳоӣ мондам. Аз бекорӣ зиқ мешавам, ҳол он ки метавонам саҳифаҳо, ҳама чизро ранг кунам. Боз чӣ ранге? Сурх! Дар оромӣ дар ин бора андеша кардам: Сурх будан, яъне, чӣ?

Замоне дар як шаҳри Аҷам наққоши пире машғули аз рӯйи ҳофиза кашидани расми асп бо зину абзораш буд, лаҳзае пас ранг кардани ҷули аспро ба шогирдаш вогузор кард. Вақте ки аз нӯги мӯйҳои зарифи қаламмӯҳои он шогирд ба ҷули асп мерехтам, наққоши пир бо наққоши дигар, ки вай ҳам оҷиз буд, ба суҳбат пардохт. Диққат кунам, мавзӯи баҳсашон ман. Бале, дар бораи ман ҳарф

мезаданд. Аммо ҳар ду на ба ман, балки ба тарафи дигар менигаристанд, зеро ҳар ду нобино буданд.

Оне, ки аспро кашида буд, мегуфт:

– Мо, ки тамоми умр бо завқу рағбати беш наққошӣ кардем ва ниҳоят оҷиз шудем, хуб медонем, ки ранги сурх чист ва чӣ эҳсосе ба кас мебахшад. Аммо агар оҷизи модарзод мебудем, чӣ тавр моҳияти ранги сурхро, ки шогирд рӯйи коғаз мекашад, медонистем?

– Масъалаи аҷиб, –ҷавоб дод дигарӣ: –Аммо рангро намешиносанд, ҳис мекунанд.

– Аз одаме, ки боре ранги сурхро надидааст, пурс, ки чӣ тавр онро ҳис мекунад.

– Агар тавонем, ки бо нӯги ангушт ранги сурхро ламс кунем, монанди расидани филизро эҳсос кардан аст, як навъ байни оҳан ва мис. Агар ба даст гирем, месӯзонад. Дар масза гӯшти намакиро монад. Ба забон гузоред, даҳонро пур мекунад. Бӯйе дорад мисли бӯйи аспи араққарда. Агар бо бӯйи гул муқоиса кунед, ба бобуна монанд аст, на ба садбарги сурх.

Он мавқеъ, яксаду даҳ сол пеш, хавфи нигораҳои фарангӣ мавҷуд набуд, зеро шоҳони мо ба он ҳавас надоштанд ва рассомони бузургамон, ки ба услуби худ чун ба худовандашон боварӣ доштанд, механдиданд, ки фарангиён барои тасвири захми шамшер ё матои муқаррарӣ тобишҳои гуногуни ранги сурхро истифода мебаранд. Он ду устоди пиру оҷиз низ аз чӣ бошад, ки ба он механдиданд, ки наққошҳои фарангӣ ҳар захмро дар наққошӣ бо ранги сурх нишон медиҳанд, ранги сурхро зиёд истифода мебаранд, масалан, гули пероҳани як шахсиятро бо ранги сурх мекашанд. Он ҳар ду кори баъзе наққошони Аҷамро ҳам қабул надоштанд, кори онҳоеро, ки дар ҳар маврид ранги сурхи тобиши дигарро истифода мебурданд. Зеро он ду устоди пир мегуфтанд, ки мо як

сурх бештар надорем, сурх ҳаст ё нест. Яъне, фақат манро доред шумо, ман, фақат ман!

– Пас, маънии ранги сурх чист? –саволи нав дод наққоши нобино, ки расми аспро кашида буд.

– Маънии рангҳо дар он аст, ки пеши ҳастанд ва мо онҳоро мебинем, –ҷавоб дод дигарӣ. –Ба касе, ки ранги сурхро надидааст, фаҳмондан имкон надорад.

– Мункирон, зиндиқиён, беимонҳо барои он Худовандро инкор мекунанд, ки мегӯянд ба чашм ӯро дида натавонем, –гуфт рассоми нобино –оне, ки расми аспро кашида буд.

– Аммо барои касе, ки дида метавонад, дидашаванда аст, –ҷавоб дод дигарӣ. –Дар Қуръони карим омадааст: бинову нобино баробар нестанд.

Шогирди барно оҳиста-оҳиста бо ман рӯйи абзоли аспро пӯшонд. Чӣ қадар хуб аст вақте рӯйи хатҳои сиёҳу сафедро пур мекунӣ, ба онҳо қуввати ҷон мебахшӣ. Эҳсоси бисёр гуворост ин. Аввалҳо, вақте нӯги зарифи мӯйқалам, ки аз мӯйи гурба сохта шудааст, ба танам мерасид, нороҳат мешудам, қитиқам меомад, вале баъд одат кардам. Аслан наққошие, ки дар он ҳузур надошта бошам, берӯҳ аст. Вақте оламро равшан месозам ва гӯё мегӯям, «гир», он ранги хунини маро қабул мекунад, ҷон мегирад, зинда мешавад. Касе инро намебинад, инкор мекунад, аммо ман дар ҳама ҷо ҳастам!

32. Ман – Шакура

Субҳи барвақт, бачаҳо аз хоб нахеста, аз ҷойгаҳ бархостам ва ба Кара хатчаи кӯтоҳ навиштам, ки ҳарчи зуд ба хонаи яҳудии овехта ояд ва ба дасти Ҳурия додам, ки таъҷилан ба Эстер расонад. Номаро гирифта истода, рост ба чашмонам нигарист, вале чун падарам акнун набуд, ки аз ӯ тарсам ё хиҷолат кашам, ман ҳам теғ

кашида ба чашмонаш нигаристам то фаҳмад, ки аз ин ба баъд вазъ тағйир меёбад. Акнун ман хӯҷаини ӯям, на ӯ соҳиби ман. Охир, дар ин ду соли охир, ки падарам бо ӯ муносибати марҳамона дошт, метарсидам, ки ин рӯсабӣ боз ҳомила нашавад. Вақтҳои охир, ба як ҳисоб маҳмаддоно шуда буд. Ҳозир дар ин бора фикр карда, ба як хулоса омадан даркор аст, ки муносибатҳои байни мо минбаъд чӣ гуна бояд бошад, мо дар як хона аз рӯйи кадом қоидаҳо умр ба сар мебарем ва оё, умуман, будани Ҳурия зарур аст? Бачаҳо аз хоб нахеста, назди падари бечораам даромадам ва дастони он раҳматиро, ки сард шуда бошанд ҳам, барои чӣ бошад, нармиашон нарафта буд, бӯсидам, сурхии рухсораш ҳам аз байн нарафтааст. Пойафзол, кулоҳ ва пӯстини бунафшашро ҷойе пинҳон кардам, то баъди он ки бачаҳо бедор шаванд, вақти онҳоро ба оғӯш гирифтан гӯямашон, ки бобо сиҳат шуда, субҳи барвақт ба хонаи дӯсташ Мустафо-пошо рафт.

Ҳурия баргашта, суфраи пагоҳиро омода мекард. Вақте ӯ боқимондаи мураббои норанҷиро ба мобайни миз мегузошт, аз дилам гузашт, ки ҳамин лаҳза шояд Эстер дари хонаи Кararo мекӯбад. Барф монд, офтоб тулӯъ мекард.

Дар боғчаи яҳудии овехта низ айни ҳамин чизро мушоҳида кардам: шӯшаҳои аз тарнов ва чорчӯбаҳои тиреза овезон кам-кам об шуда мерехтанд, замини мағорбаста ва баргҳои пӯсидаи он ҳарисона гармии офтобро мекашиданд. Кара дар ҳамон ҷойи пешина, ки бори аввал дида будамаш, маро интизор буд, ба назарам чунон менамуд, ки аз байн ҳафтаҳо гузаштааст. Рӯйбандамро бардоштам ва гуфтам:

– Хурсанд шав, агар мехоҳӣ шодӣ кунӣ: акнун падарам дигар ба мо халал намерасонад, ба хонадории мо муқобилат намекунад. Дирӯз шабона вақте, ки ману ту мулоқот мекардем ва ту мехостӣ номуси маро барбод

диҳӣ, кадом як иблис ба хонаи холиамон даромада, ӯро куштааст.

Фикр мекунам, шуморо на ҷавоби Кара, балки он мутаҳайир сохта, ки ин занро чӣ шуда, чаро ин қадар хушку сахт ҳарф мезанад? Ҳамаи ин ба он бадбахт чӣ рабте дорад? Рости гап, худам ҳам намедонистам, чаро зиёдаравӣ кардам? Балки метарсидам, ки агар ин гуна ҳарфҳои сахтро нагӯям, мегирям ва он вақт Кара наздик меояд, то маро ором кунад ва ба ин баҳона боз маро ба оғӯш мегирад ва ман устувории худро аз даст медиҳам.

– Қотили иблис тамоми хонаро тагурӯ кардааст, ҳар чизеро, ки ба дасташ афтидааст, шикастааст. Маълум мешавад, сари ҷаҳлу кина ин корро кардааст, аз ин рӯ, фикр намекунам, ки ӯ ба ин зудиҳо ором шуда, даст аз сари мо бардорад ва дар кунҷе пинҳон шавад. Рости гап, аз ин сабаб хеле метарсам. Ӯ он расми охиринро аз китоби падар бурдааст. Мехоҳам, ки ту ҳамаи мо, китоби падарамро аз ин разил ҳифз намоӣ. Чунин нигоҳ накун, хуб медонам, худат ҳам солҳо мунтазири чунин як фурсат будӣ. Инро ҳам бароят гӯям, ки ҳоло ҳеч хабаре нест ва беҳтар аст, қабл аз ҳар коре дар фикри он бошӣ, бояд андеша кард, ки чӣ тавр метавонӣ моро ҳифз кунӣ, оё барои ин ҳуқуқат ҳаст?

Мехост чизе гӯяд, аммо бо нигоҳам ӯро боздоштам, гӯё кайҳо боз чунин мекардам.

– Баъди вафоти падарам васии ягонаам тибқи қонун шавҳарам ва аҳли оилаи ӯ мешаванд. Рости гап, то марги падар ҳам чунин буд, зеро қозӣ бар он аст, ки марги шавҳарам ҳоло исбот нашуда. Бародари шавҳарам рафтори ношоиста кард, падарарӯсам бошад, пири нотавон аст, фаҳмид, ки чунин идома ёбад, обрӯямон мерезад, бинобар ин, ба он ки бе қонунан бева дониста шуданам ба хонаи падар баргаштам, зиддият нишон надод. Ҳоло, ки падарам мурда ва бародаре надорам,

чорае наемонад ҷуз баргаштан пеши онҳо. Қаблан ҳам бароят гуфта будам, ки онҳо, хусусан, бародари шавҳарам, қабл аз қатли падар барои баргардониданам фақат як баҳона нишон медоданд, ҳоло агар аз ин кор бохабар шаванд, фавран ба амал сар мекунанд ва меоянд ин ҷо, то маро ба хона, ба назди худ баргардонанд. Азбаски намехоҳам баргардам, мурдани падарро алҳол ба касе ошкор намекунем. Шояд пинҳон кардан фоида надорад. Кӣ медонад, дар паси ин ҷиноят худи онҳо истодаанд.

Дастаи нури офтоб аз байни тирезаҳои шикаставу тобпартофта ва ба мурури замон чангзада зарифона гузашта, фазои байни ману Кароро равшан кард.

– Марги падарро на танҳо ба ин сабаб пинҳон медорам, ки, – идома додам ба чашмони Кара нигариста ва аз он шодӣ мекардам, ки дар нигоҳи ӯ на танҳо муҳаббат, балки бештар таваҷҷуҳу диққат ифода меёфт, – дар вақти қатли падар дар куҷо буданамро фаҳмонда наметавонам. Ҳарчанд шаҳодати Ҳурия аҳамияти муҳим надорад, ба ҳар ҳол, метарсам, ки метавонанд ӯро истифода баранд; барои мисол, ӯ мумкин аст донад, ки падарам намехост ман ба ту ба шавҳар бароям.

– Падарат дар ҳақиқат ба арӯсии ману ту зид буд? – пурсид бо душворӣ Кара.

– Бале, намехост, чунки худат медонӣ, ӯ метарсид, ки баъди ин ту маро ба ягон ҷойи дур мебарӣ. Аммо акнун ин сабаб аз байн рафт ва падари бечораам дар он дунёст, наметавонад муқобилият нишон диҳад. Ту чӣ? Чаро фикр карда мондӣ? Ягон эътироз дорӣ?

– На, ҷонам.

– Хеле хуб. Васие надорам, ки аз ту тилло, ширбаҳо ва маҳр ва монанди ин чизҳоро талаб кунад. Маро бубахш, ки чунин беибо шартҳои арӯсиамонро муайян мекунам.

Охир, чун сарпарасте надорам, бояд худам шароити иҷдивоҷамро бигӯям.

Дурудароз хомӯш мондам. Ниҳоят, Кара худро ба даст гирифт ва андаке узрхоҳона гуфт:

– Хуб.

–Якум, –сар кардам ман, –ту дар шоҳидии ду тан қасам мехӯрӣ, ки агар бо ман муносибати бад кунӣ, ё зани дуюм гирӣ, талоқамро медиҳӣ ва нафақаамонро таъмин месозӣ. Дуюм: ту дар шоҳидии ду нафар савганд мехӯрӣ, ки агар аз хона равӣ ва зиёда аз шаш моҳ ғоиб шавӣ, дигар занат ҳисоб намешавам ва аз ту ёрдампулии ҳафтмоҳа талаб мекунам. Сеюм: баъди арӯсӣ маълум аст, ки ту дар хонаи мо зиндагӣ мекунӣ, аммо то ба замоне, ки қотили падарам ёфт нашавад, умедворам, ки вайро ту меёбӣ, зеро мехоҳам бо дастони худам вайро шиканҷа кунам, ҳамчунин, то замоне ки ту тамоми ҳунар ва ғайрататро сарф карда, китоби падарамро ба итмом нарасонӣ ва онро ба подшоҳамон пешкаш накунӣ, рахти хоби мо ҷудо хоҳад буд. Чорум: ту писарони маро бояд чун фарзандони худат дӯст дорӣ.

– Хуб шудааст.

– Ана, ин дигар гап. Дигар мушкилоти пешомада низ чунин ҳал шаванд, ту ба зудӣ маро ба занӣ хоҳӣ гирифт.

– Ҳа-а, яъне, арӯсӣ мекунем, аммо ҷудо мехобем…

– Аз ҳама муҳим хонадор шудан, –гуфтам. –Аввал ин корро яктарафа кунем. Муҳаббат баъди хонадоршавӣ ба вуҷуд меояд. Бидон, касоне, ки қабл аз издивоҷ ошиқ шудаанд, оташи ишқашон тез хомӯш мешавад ва ҷудо мегарданд. Дуруст аст, ки оташи ишқи баъди издивоҷ ҳам рӯзе паст мегардад ва ранги пешинаашро аз даст медиҳад, аммо дар ивазаш бахт мемонад. Баъзе саросемакорони аблаҳ пеш аз издивоҷ тамоми шӯру шарари муҳаббаташонро ба кор бурда, ба хокистар табдил

медиҳанд. Чаро? Зеро гумон мекунанд, ки дар зиндагӣ муҳим ишқ аст.

– Кадомаш дуруст?

– Муҳимаш хушбахтист. Ишқ ва оиладорӣ барои ба даст овардани он мадад мерасонанд: як шавҳар, манзил, фарзандҳо, китоб. Намебинӣ, ҳарчанд шавҳарам гумном аст, падарам гузаштааст, аз туи ошиқу танҳо ман хушбахттарам. Агар ин кӯдаконро, ки тамоми рӯз бо онҳо бозӣ мекунам, механдам, сариштаашон мекунам, намедоштам, аз ғам мемурдам. Аз ин рӯ, ту, ки мехоҳӣ ҳарчи зуд аз танҳоӣ халос шавӣ ва розӣ ҳастӣ бо ман дар як хона, ҳарчанд, ҳоло туро ба болинам роҳ намедиҳам, зиндагӣ кунӣ, бодиққат ба ҳарфҳоям гӯш бидиҳ, ки боз чӣ мегӯям.

– Гӯш мекунам.

– Чанд роҳе ҳаст, ки маро бешавҳар эълон кунанд. Барои мисол, шоҳидони қалбакие ёфтан даркор аст, ки гӯянд, гӯё шавҳарам ҳангоми сафар дар ҳузури онҳо қасам хӯрдааст, ки масалан, агар давоми ду сол барнагардад, ҷудошуда дониста мешавам. Аз ин беҳтар муфассал ва пуробуранг нақл кунанд, чӣ тавр ҷасади хунолуди шавҳарамро дар майдони ҷанг дидаанд. Аммо бо назардошти он ки дар хонаи мо ҷасад хобидааст ва падарарӯсу додарарӯсам бо ҳар роҳ ба бешавҳар эълон кардани ман муқобилият нишон медиҳанд, ин роҳест хеле душвор ва қозии боақлу эҳтиёткор метарсад, ки ба далелҳои чунин шоҳидон розӣ шавад. Қозии мазҳаби ҳанафӣ, ки мо аз ҷумлаи пайравони онем, маро дар асоси он ки шавҳарам ба сафар рафта, нафақаамро муайян накардааст ва чор сол боз барнамегардад, ҷудо нахоҳад кард. Аммо шунидам, ки қозии Ускюдар бо назардошти он ки дар натиҷаи ҷанги Аҷам бисёр занҳо ба ҳолати ман афтидаанд ва шавҳарҳои дар ҷанг будаашон онҳоро нигоҳубин намекунанд, бо ризоияти ҳазрати подшоҳамон

ва шайхулислом дар баъзе ҳолатҳо иҷрои мурофиаро ба ноибаш, ки дар мазҳаби шофеӣ аст, месупоридааст ва ӯ ба осонӣ он занҳоро ҷудо карда, нафақа муайян менамудааст. Инак, агар ту худи ҳозир ду шоҳид ёбӣ ва ба онҳо андак пул дода, розӣ кунӣ, ки дар бораи вазъи ман ҳаққонӣ шаҳодат диҳанд, метавонед якҷоя ба Ускюдар равед. Он ҷо қозиро ёфта, розӣ намоӣ, ки муваққатан корашро ба ноиб вогузор кунад, ноиб шоҳидонро шунида, маро ҷудо мекунад, дар ин бора дар дафтари қозӣ қайд гузошта, шаҳодатномаи талоқ медиҳад, баъд туро лозим меояд, ки бо ҳамин роҳ коғази дигар, ҳуҷҷати наве ба даст орӣ, ки дар он навишта мешавад, ки шавҳар кардани ман ҷоиз аст ва ба ин ҳеч мамониат нест. Агар, Худо мадад кунаду ту ҳамаи инро то бегоҳ анҷом диҳӣ, ёфтани як имом барои хондани никоҳ душворӣ надорад, он вақт ту шавҳари ман ҳисоб шуда, метавонӣ ҳамин шаб дар хона бо ману кӯдаконам монӣ, то мо дар торикӣ аз ҳар тиқ-тиқи кӯча тарсидаю ларзида нашинем. Субҳ бошад, аз вафоти падарамон хабар хоҳем дод. Ҳамин тавр, ту маро ҳифз мекунӣ ва ман дигар зани танҳои бадбахте нахоҳам буд, ки муҳофизе надорам.

– Хуб, –ҷавоб дод Кара бо лаҳни маъсумонаю кӯдакона. –Фаҳмидам.

Ҳа, фаромӯш накунам, ки ба шумо гуфта будам, ки он рӯз бо Кара бо лаҳни хушку ҷиддӣ ҳарф мезадам, ҳоло фаҳмидам чаро чунин рафтор кардам: дар дувоздаҳ соли гузашта, ки надидамаш, намедонам тағйир ёфтааст ё на, аммо пеш аз ин бисёр содда буд ва чизеро ҷиддӣ намегирифт. Аз ин рӯ, азбаски вазъам ҷиддӣ буд, мехостам ҳамаашро ба ҷиддият шарҳ диҳам, то бифаҳмад.

– Хеле мушкилоти дигар дар мавриди ҷустуҷӯи он қотили пастфитрат, муносибат бо дигар душманони

падарам, ки намехостанд китоби ӯ ба охир расад, ҳамчунин, дар бобати қонунӣ будани талоқ ва никоҳамон, ки дар як рӯз ба амал меояд, ҳастанд, ки онҳоро баъд муҳокима мекунем, то хотирамонро мушавваш насозем, бе ин ҳам зеҳни ҳар дуямон сахт банд гашта.

– Зеҳни ту бисёр равшан ва дуруст кор мекунад, –маро дилпур сохт Кара.

– Ин фикрҳои ман нест, ҳамаашон бардоште аз суҳбатҳо бо падарам мебошанд, –гуфтам то фикр накунад, ки ҳамаи ин бофтаи хаёлоти занонаам аст ва бо як боварӣ аз пайи ичрои нақша шавад. Зеро аслан ҳамаи ин фикри худам буд. Фикр кардам, ки агар ба ӯ гӯям, ҳамаи ин ҳарфҳои падарам аст, роҳаттар мешавад ва кораш ба хубӣ меанҷомад. Чун ҳамаи мардҳое, ки зане маъқулашон шавад, чунин мекунанд, сар то поямро аз назар гузаронд ва бо дилпуриву садоқат гуфт:

– Ту бисёр зебоӣ!

– Хуб, – розӣ шудам, –бисёр хурсанд мешавам агар боақлиамро таъриф кунанд, вақти хурдсолиам падарам боақлакам мегуфт.

Мехостам илова кунам, ки баъди ба воя расидан падарам таърифи боақлии маро бас кард, аммо гуфта натавонистам ва домани гиряро сар додам. Вақте чунин гиря мекунӣ, гумон мекунӣ, аз худ бегона шудаӣ ва аз берун худро наззора дорӣ, ман чун тамошобине, ки наққошиеро нигоҳ мекунад, ба худ нигариста ба ҳоли худам мегиристам. Вақте ки Кара наздик омад ва ба оғӯш гирифт, аз нав дар дилҳоямон шуълаи умед аланга зад. Аммо ин бор он танҳо ба ҳар дуямон дахл дошт, олами пур аз душманони атрофамонро дар бар нагирифт. Дидед? Омад ба сарам аз он чӣ метарсидам. Медонистам, ки охири кор чунин мешавад.

33. Номи ман Кара аст

Вақте ки садои қадамҳои чун пар сабуки Шакураи ятим ва маҳзунам хомӯш шуд, дар хонаи яҳудии овехта бо бӯйи хуши атри бодомаш ва хаёлҳои хонадоршавиам танҳо мондам. Боғча он қадар сокит буд, ки ҳатто садои нафаскашиамро мешунидам ва ҳарчанд хавосам парешон буд, метавонистам дарди шадидеро, ки як соат аз ин пеш дар сарам шурӯъ шуда буд, эҳсос намоям. Дар сарам харҷумарҷе ҳукмрон буд, аммо аҷиб, ки ҳама чизро зуд мефаҳмидам. Ҳатто барои фикр кардану мотам гирифтан аз барои марги язнаам вақт надоштам, қариб давон сӯйи хонаам равон шудам. Аснои роҳ як кирми шубҳа ҳам зеҳнамро мехоид: наход Шакура маро фиреб медиҳаду дар нақшаи калону печидааш маро ҳамчун мӯҳрае истифода мебарад? Аммо агар ҳамин тавр ҳам буд, чӣ ҳам мекардам, охир, дӯсташ медорам.

Дар остонаи дар бо соҳибхона вохӯрдам, ки албатта, донистанаш даркор буд, ки саҳари солеҳон ба кучо рафтаму аз кучо меоям. Роҳравон кадом баҳонае пеш овардаму ба хонаи худам даромадам, аз ҷайби астари камарбанде, ки зери кӯрпача буд, бистуду тангаи тиллои румиро бардоштам ва бо дастони ларзон ба ҳамёнам гузоштам. Аз нав рӯйи кӯча баромадам ва дарк мекардам, ки тамоми рӯз дар пеши чашмонам чашмакони сиёҳи Шакура, ки аз гиря пурнаму пурғам аст, ҳувайдо хоҳад монд.

Аввали кор дар саррофии яҳудии хандонрӯ панҷ сиккаи тиллои шердорро ҳар донааш ба яксаду бист сиккаи нуқра иваз кардам. Баъд равон шудам ба самти кӯчаи…э, аз ба забон овардани исми ин кӯча, аслан хушам намеояд, барои ҳамин кӯчаи Эниште мегуфтам, аммо акнун, ки ба шумо наметавон нагуфт – Ёқутлар, ки қарор буд Шакура бо бачаҳояш маро интизор шаванд.

Аслан намедонистам, чӣ кор карда истодаам, гӯё хобу хаёле буд, дарахти чанори сари кӯчаашон ба ман пичиррос мезад: «Шарм намедорӣ, дар рӯзи марги шавҳари холаат бо духтараш издивоҷ мекунӣ? Мардигарӣ ҳамин аст? Хок бар сарат!» Чашмаи хурди маҳаллаашон, ки акнун яхаш ба об кушодан даромада буд, сухан кард: «Гапи ҳеч касро гӯш накун! Корат хуб маслиҳат шуда ва оқибаташ нек хоҳад буд». Гӯё девона мешудам, сарамро бо ду даст аз болои гӯшҳоям дошта, хам кардам, то касерову чизеро набинаму нашунавам, аммо гӯшаи чашмам ба чашмони баркҷоши гурбаи сиёҳе афтод, ки зери девор мехобид, вай гӯё мегуфт: «Бадбахт, магар намедонӣ, ки барои ин куштор пеш аз ҳама ту гумонбар мешавӣ?!»

Аз лабу лаҳҷааш маълум буд, ки аз ҷонварони эркаи ин маҳал аст. Шумо намедонед, чӣ хел ҷонварони берӯю риёанд ин гурбаҳои Истанбул, онҳо чунон гузарондаанд, ки бо чашмонашон рост ба чашми одам менигаранд ва таҳқир ҳам мекунанд, мардуми маҳаллӣ онҳоро теппаи сарашон бардоштаанд.

Имом-афандӣ дар хонааш набуд, ӯро дар ҳавлии масҷиди ҷомеи маҳалла пайдо кардам, ҳама ӯро хоболуд гумон мекунанд, зеро чашмони сиёҳи калонаш ҳамеша нимпӯш аст. Нахуст бо ӯ масъалаи бисёр маъмули ҳуқуқиро матраҳ намудам: ҳукми ширкат дар додгоҳ ва шаҳодат куллан чист, кадом вақт шоҳид метавонад ҳарф занад, кадом вақт хомӯш бошад? Домуллоимом қиёфаи одамони дар масоили шаръӣ ва ҳуқуқӣ комилро гирифт ва ҳатто садояшро андак дигар карда, ба сухан даромад, ман ҳам монанд ба ӯ қиёфаи одами кунҷковро гирифта, чунон худро нишон додам, ки бори аввал ин ҳарфҳоро мешунавам, баъзан ризомандона сар меафшондам, баъзан абрӯвон боло карда, изҳори тааҷҷуб менамудам. Шарҳи ӯ чунин буд, ки ҳукмаш воҷиби кифоя аст ва агар

шоҳидони дигар бошанд, гап задани ман шарт нест, вале агар шоҳид ғайри ман як нафар бошад, бо амри Худо ширкати ман дар он додгоҳ воҷиб мешавад, зеро барои ҳар маҳкама ширкати ду шоҳид зарур аст. Гуфтам:

– Як мушкил ба миён омадааст, –ба шарҳи корам шурӯъ кардам. Гуфтам, ки бисёр касон барои мо шаҳодат дода метавонанд, аммо ин масъалаи воҷиби кифояро баҳона карда, ширкатро зарур намедонанд, худатон хислати мардуми моро хуб медонед. Ин масъаларо ҳарчи зуд бояд ҳал кард.

– Эҳ, –садо бароварда имом-афандӣ, –даҳони кушодаи ҳамён даҳони ҳама мушкилотро баста гардонад.

Як лаби тангаҳои тиллоро нишонаш додам: лаҳзае аз дурахши тилло ҳавлии нимторики масҷид, чеҳраи имом, атроф равшан гардид. Масъала чӣ аст гуфта пурсид.

Ман худамро шиносондам. «Эниште-афандӣ сахт бемор аст», –илова кардам, –пеш аз он ки бимирад, мехоҳад бева будани духтарашро ба расмият дарорад, нафақа таъин кунад.

Тавзеҳи қазияи ноиби қозии Ускюдар даркор нашуда монд. Ҳар чиз гуфтам, имом-афандӣ зуд дарк кард ва гуфт, ки тамоми маҳалла аз дарди Шакура-хонуми бадбахт бохабар аст, ҳарчи зуд бояд аз пайи кор шуд. Баъди чанд насиҳат ваъда дод, ки худаш ҳозир аст ба додгоҳи шофеиҳо равад ва шоҳидӣ диҳад, вақте ки хабар додам шоҳиди дуюми даҳонбастаро дар ҳамон ҷо – Ускюдар меёбем, гуфт, ки ба ин ҳоҷат нест, бародарашро ба ин кор ҷалб мекунад. Агар ба вай низ як танга дода шавад, ба ин муҳимми хайр шарик шуда савоб хоҳад гирифт, зеро ӯ дар ҳамин маҳалла зиндагӣ карда, аз вазъи зиндагии душвори Шакура ва ятимакҳои ширини ӯ хабардор аст. Ба имом-афандӣ ду тангаи тилло ваъда додам, ба шоҳиди дуюм ба хулоса омадем, ки як танга медиҳем. Имом-афандӣ аз пайи бародараш рафт.

Ҳодисаҳое, ки он рӯз бароям иттифоқ афтоданд, то андозае ба намоишҳое, ки маддоҳон дар қаҳвахонаҳои Ҳалаб бо бозию нақл нишон медиҳанд, хеле монанданд. Агар ин ҳикояҳоро ба шакли маснавӣ дароварда, китоб созед, ҳатто бо хатти хушрӯ хаттотӣ кунед ҳам, касе ҷиддӣ намегирад ва наққоше дар он расм намекашад, ин қадар дар он масхара ва ҳилаву найранг зиёд аст. Аз ин рӯ, воқеаҳои онрӯзаро дар сафҳаи хаёл кашидам, ки аз чор маҷлис иборат аст:

Маҷлиси аввал. Наққош бояд моро дар мобайни Босфор савори як заврақи сурхи чорбела дар роҳи аз Ункапани то Ускюдар кашад. Имом ва бародари шоҳидаш – як пирамарди лоғар аз сафари ногаҳониашон бисёр мамнун буда, бо белзанҳои пурқуввати мӯйлабдор гарми суҳбатанд, мани фақир дар нишастгоҳи охирин ғарқи хаёлҳои ширину беохир оид ба зиндагии хушбахти оилавиам ва бо ҳарос ба оби равони халиҷ, ки дар ин субҳи рӯзи офтобии зимистон нисбатан мусаффост, менигарам, ки оё дар қаъри он ягон аломати фалокатбор, барои мисол, боқимондаи киштии ғарқшударо медида бошам. Аммо магар мешавад фақат зиндагии хушу хуррамро тасвир кард? Бигзор, рассом ягон чизи мудҳиш, масалан, моҳии калонеро рӯйи сатҳи об тасвир созад, ки чӣ тавр аз он ба даҳшат афтодаам. Ин барои он аст, ки боз тамошобин фикр накунад, ки зиндагӣ фақат якмаром – зебову хушбахтона аст.

Маҷлиси дуюм. Ин наққошие бисёр муҳим бояд шавад, ки болояш наққошҳо заҳмати зиёд мекашанд. Мисли маросими қабули дарбор, маҷлиси девон ё ташрифи сафирони хориҷа он ҷиддӣ тасвир шавад, аз тарафи дигар, чун наққошиҳои Беҳзод аз танз орӣ набошад. Чунончи, қозиеро метавон тасвир кард, ки бо як даст қаҳролуд ришваи ба вай дарозкардаи маро рад мекунад, бо дасти дигараш номаълум ишора мекунад, ки пораро ба

ҷайбаш гузорам. Дар худи ҳамин манзара саҳнаи дигарро ҳам ҷой кардан мумкин аст: ба ҷойи қозии Искюдар ҷонишини шофеиаш Шаҳоб-афандиро мегузорем, наққошони боистеъдод метавонанд дар як расм чанд саҳнаро ҷой диҳанд, он вақт наққошиҳо ба таври ҳикоя пайиҳам меоянд. Бинанда ба онҳо нигариста, чӣ тавр ришва додани маро, баъд, дар ҳамон расм чӣ тавр дар болишти хӯҷаини худ такя карда нишастани ёвари қозиро дида, пай мебарад, ки қозӣ-афандӣ ду тангаи тиллоро ба ҷайбаш зада, ҷояшро ба ноиби шофеӣ додааст, то вай тибқи мазҳаби худ ҳукми талоқи Шакураи азизи маро барорад.

Расми сеюм ҳам оид ба ҳамон маҷлис аст. Аммо ин бор наққош нақшу нигори деворро бояд ба усули чинӣ анҷом диҳад, ранг бештар печида ва ғафс бошад, дар болои сари ноиби қозӣ абрҳоро кашидан мумкин, яъне, ин ҷо ширинкорӣ ва айёрӣ ҳам ба чашм мерасад. Шайх ва бародари шоҳид (онҳо дар назди ноиби қозӣ бо навбат пайдо мешаванд, аммо дар расм якҷоя тасвир кардан мумкин аст) ҳангоми шаҳодаташон тасвир шудаанд, мегӯянд, ки шавҳари Шакура чор сол боз дар ҷанг гумном аст, бечора дар азоб, бачаҳояш гушнаву ташна, аммо касе ба занӣ намегирад, зеро расман шавҳардор аст, ҳамчунин, ба ин сабаб касе ба ӯ бе розигии шавҳар қарз дода наметавонад. Онҳо дар ин бора чунон бо эҳтирос ва дилсӯзона гап мезананд, ки аз расм бармеояд, ҳатто деворҳо кафида, дили санг об шудааст. Аммо ноиби қозӣ сахтгир аст ва ба осонӣ талоқи Шакураро доданӣ нест. Баъди шунидани шоҳидон васиаш кист гуфта мепурсад. Ман якбора парида хеста мегӯям, ки падараш зинда, одами муҳтарам аст, чандин маротиба вазифаи намоянда ва сафири подшоҳамонро иҷро кардааст.

– Бигзор худаш ба маҳкама ояд, асло ҷудо намекунам, – эълон мекунад ноиб.

Ин вақт ба талвоса афтода бо ҳаяҷон мефаҳмонам, ки Эниште-афандӣ сахт бемор аст ва дар сари ҷонканӣ, аз Худованд умед дорад, ки дар зиндагиаш аз шавҳари гумномаш ҷудо шудани духтарашро бинад, ман аз ҷониби ӯ вакил ҳастам, гуфтам.

– Ҷудо мекунем, пас, чӣ мешавад? –ғурунгид ноиб. – Одами дар сари сакарот чаро духтарашро, ки аслан бе ин ҳам шавҳараш дар ҷанг гумном аст, ин қадар мехоҳад аз шавҳар ҷудо бинад? Агар барои духтарро ба шавҳар додан ягон домоди хуб дар назар дошта бошад, инро метавон фаҳмид, чунки ӯро танҳо намегузорад.

– Ҳаст, ноиб-афандӣ.

– Кӣ?

– Ман.

– Чӣ? Ту магар вакили васиаш нестӣ?! –ҳайрон шуд ноиби қозӣ. –Ту аслан чикорагӣ?

– Дар Шарқ котиб, дафтардор ва ёвари пошоҳо шуда кор кардаам. Барои подшоҳамон таърихи ҷангеро бо аҷамиён навиштам, ки дар тараддуди фиристоданаш ҳастам. Рассомиро медонам. Ба ишқи ин духтар бист сол боз гирифторам.

– Шумо хеш ҳастед?

Худамро аз даст додам, акнун ночорам асрори зиндагии хешро дар назди ноиб фош созам, аз шарму хиҷолат наметавонистам ба чашмони қозӣ нигарам ва чизе гӯям.

– Лаблабу барин сурх шудӣ, ҷавоб деҳ? Вагарна ҷудо намекунам.

– Ӯ духтари холаам аст.

– Фаҳмо. Ту метавонӣ ӯро хушбахт гардонӣ?

Ин суолро дода истода, бо дастонаш ишораҳои беодобона кард, ки наққошро зарур нест, ин ҷояшро тасвир кунад. Фақат сурх шудани маро кашидан мумкин аст.

– Даромади хуб дорам.

– Тибқи қавонини мамлакат ва шариати мазҳаби шофеӣ, –эълон кард ноиби қозӣ, –бо таваҷҷуҳ ба он ки ин зан чор сол инҷониб аз шавҳари гумномаш хабаре надорад ва айни ҳол талабгор дорад, тибқи ин ҳукм талоқгирифта эълон мешавад ва ҳатто, агар шавҳараш омада монад, ба ӯ ҳаққу ҳуқуқе надорад.

Дар ***наққоши дигар, чорум***, бояд тасвир шавад, ки ёвари қозӣ чӣ тавр мӯйқаламро ба даст мегирад ва бо иродаи хеш дар дафтар дар бораи талоқ қайд мегузорад ва баъд ба ман коғази муҳрдори талоқхатро медиҳад, ки дар асоси он Шакураи ман аз ҳамин рӯз бева ҳисоб мешавад ва дар масъалаи фавран аз нав ба шавҳар баромадан садде нест. Саодатеро, ки ба дилу ҷонам он лаҳзаҳо роҳ ёфта буд, наметавон бо ягон ранг тасвир кард, ҳатто агар тамоми деворҳоро бо ранги сурх ё тамоми расмро бо чорчӯбаи сурхи баланд ранг кунед ҳам. Дар остонаи дари қозихона баъди он ки фаҳмиданд имрӯз қозиро ноибаш иваз кардааст, одами зиёде ҷамъ омадааст, то барои духтарону хоҳарон талоқхат гиранд. Аз байни анбӯҳи одамон саросема гузашта, ба роҳи бозгашт баромадам.

Бо ҳамроҳонам Босфорро гузашта, аз Искюдар ба маҳаллаи Ёқутлар баромадем ва он ҷо аз имом-афандӣ ва шоҳиди дигар, ки дар маросими ақди никоҳ иштирок карданӣ буданд, базӯр халос шудам. Бо дарки он, ки ҳар каси вохӯрда ба бахти беинтиҳоям ҳасад бурда, ҳарчи бофтанаш мумкин аст, тозон ба хонаи Шакура рафтам. Рӯйи боми иморат зоғҳо менамуданд, аз куҷо донистанд, ки дар хона мурда ҳаст? Маро он чиз ором намегузошт, ки имкони гиря кардан барои Эниште-афандиро надорам, аммо аз даричаи маҳкам ва ҳатто аз вазъи дарахти анор фаҳмидам, ки хона тинҷист.

Овози дарунӣ мегуфт, ки фаврӣ ва эҳтиёткорона амал бояд кард. Аз замин сангчаеро гирифта, хостам ба дарвоза занам, хато кардам. Боз сангчаеро гирифта, хостам ба рӯйи ҳавлӣ партоям, ба болои бом зад. Аз ноомади кор дар қаҳр шуда, ба тарафи хона санги зиёд ҳавола кардам. Ниҳоят тирезае кушода шуд, ҳамоне, ки дар ошёнаи дуюм, чор рӯз пеш, рӯзи чоршанбе бори аввал дар байни шохҳои дарахти анор чеҳраи Шакураро дида будам. Дар назди тиреза Орҳан намоён шуд, баъд овози Шакураро шунидам, ки ӯро пӯписа мекард, ҳамоно худашро дидам. Лаҳзае сӯйи ҳамдигар табассуми маънодор кардем. Оҳ, чӣ қадар меҳрубон, чӣ қадар зебост ӯ! Ба маънои «интизор шав» ишорае кард ва тирезаро пӯшид.

То намози шом вақт зиёд буд. Ҳатто дар паси дари баста, дар ҳавои нарми зимистон, зери он дарахтҳои булут ва гилу лойи кӯча ҳама чизи дунё бароям зебо буд. Лаҳзае баъд Ҳурия, ки на мисли канизаки хона, балки монанди соҳибхона либосҳои наву тоза ба бар карда буд, дарро кушод. Аз ишораҳои Шакура, ки аз пушти сари духтархона, аз болои зинаҳо мекард, фаҳмидам, ки он тарафтар, зери дарахти анҷир бояд равам.

– Ҳама чиз ҳал шуд, –гуфтам ба Ҳурия талоқхатти қозиро нишон дода. –Шакураро ҷудо кард. Ҳозир бо имоми маҳалла… «бояд гапзанон кунам» нагуфта, чизи дигар ба забон овардам: –гапзанон кардам, ҳоло меояд. Шакураро гӯй, тайёр шавад.

– Шакура-хоним хурд бошад ҳам, як маросими арӯсбиёрон ташкил карданӣ, ҳамсояҳо оянд, ба мардум таом диҳем. Дар дег палов бо бодому ғӯлинг тайёр мешавад.

Балки бо шавқ боз чиҳо пухтанианд, гуфтанӣ буд, ки гапашро буридам:

– Агар маъракаро калон карданӣ бошед, –гуфтам, – донед, ки одамони Ҳасан бохабар мешаванд, ба мо ҳуҷум мекунанд, арӯсиро ғайриқонунӣ эълон менамоянд, мо алайҳи онҳо коре карда наметавонем. Дасти холӣ мемонем. На танҳо аз Ҳасан ва падарарӯс, балки аз иблисе, ки Эниште-афандиамонро куштааст, низ бояд эҳтиёт шавем. Шумо наметарсед?

– Наметарсем, чӣ хел? –гиряаш баланд шуд.

– Ба касе чизе нагӯед, –фармудам. –Ба язнаам сару либоси хобашро пӯшонед, чунон тасаввур созед, ки на мурда, балки бемор аст, болои сараш обу доруҳояшро гузоред. Тирезаҳоро пӯшед, чароғи хонаро рӯшан накунед. Чунон нишон диҳед, ки язна дар маросими ақди никоҳ ҳамчун васӣ баромад мекунад. Арӯсбиёрон намешавад, дар лаҳзаи охирин чор-панҷ ҳамсояро даъват кардан мумкин. Ба онҳо фаҳмонед, ки худи Эниште-афандӣ чунин фармудааст… Ҳоло вақти хурсандиву шодӣ нест, гиря кардан ҳам мумкин не. Агар ҳамаи инро сари вақт анҷом дода натавонем, ба мо халал мерасонанд, на танҳо ҳама корро вайрон мекунанд, балки туро ҷазо доданашон мумкин аст. Фаҳмидӣ?

Гирякунон сар ҷунбонд. Гуфтам, ки ба зудӣ бо аспи сафед меоям, шоҳидонро меорам, Шакура бояд омода шавад, баъди ин, калони хона ман ҳастам, ҳозир бошад, ба сартарошхона меравам, гуфтам ба онҳо. Бояд гуфт, ки ин ҳарфҳоро пешакӣ тайёр накарда будам, онҳо ҳамоно ба ёдам мерасиданд ва ҳис мекардам, ки чун дар замони ҷанг Худованд маро дӯст медорад ва мадад хоҳад кард. Боварӣ доштам, ки Ӯ маро дар паноҳаш нигоҳ медорад ва ҳама корҳо хуб анҷом меёбанд. Вақте одамро чунин ҳиссиёт фаро мегирад, ӯ бе андеша амал мекунад, ҳама чизро садои дарунӣ нишон медиҳад ва баъд маълум мешавад, ки хато накардааст.

Маҳаллаи Ёқутларро паси сар карда, аз чор кӯчаи самти халиҷ гузаштам, дар масҷиди ҷомеи маҳаллаи Ёсин-пошо имоми масҷидро, ки марди ришсиёҳи чеҳрааш нурборе буд, ёфтам, ӯ дар дасташ ҷорӯб аз рӯйи ҳавлии чиркин сагони дайдуро меронд. Ба ӯ фаҳмондам, ки язнаам дар сари сакарот аст, хоҳиши охирини ӯст, ки духтараш ва ман то вафоти ӯ хонадор шавем, қозии Ускюдар имрӯз духтари холаро аз шавҳараш, ки аз ҷанг чор сол боз барнагаштааст, ҷудо карда, хатти талоқашро дод. Имом суханамро бурида, эътироз кард, ки тибқи шариат байни талоқи зан ва аз нав ба шавҳар баромадани ӯ на кам аз як моҳ бояд вақт муайян карда шудааст, ҷавоб додамаш, ки азбаски шавҳари Шакура чор сол инҷониб набуд, зан наметавонист ҳомила шавад ва илова кардам, ки қозии Ускюдар маҳз ба ҳамин сабаб хатти талоқ дод, ки мо ҳамин бегоҳ ақди никоҳ баста тавонем. Баъди ин, талоқхатро нишон додам, то ӯро бовар кунонам, ки барои бастани ақди никоҳ мамониате нест. Бале, арӯс хешам аст, вале на хеше, ки заношӯиро манъ кунад; ақди никоҳи пешина бекор шудааст; байни мо ҳеч фарқияти динӣ, касабавӣ ва молӣ ҷой надорад. Ва агар имом-афандӣ пешакӣ ҳамчун ҳаққи даст ин тиллоҳоро қабул карда, дар шоҳидии аҳли маҳалла хутбаи ақди никоҳи моро мехонд, ӯ барои ду бечораи дармонда кори савобе мекард. Воқеан дар хона палави мавизу бодомдор тайёр аст, оё чунин палавро ҷаноби имом дӯст медорад?

Мебинам, дӯст медорад, ҳарчанд ҳоло ҳам гӯшаи чашмаш ба сагҳои дар гӯшаи дар бачошуда банд буд. Тиллоҳоро гирифт. Ваъда дод, ки баъди пӯшидани либосҳои хосса, ба тартиб даровардани ришу мӯйлаб барои гузарондани маросими ақди никоҳ хоҳад омад. Ӯ суроғаро пурсид, фаҳмондам.

Акнун, ки вақти арӯсии таъҷилие, ки дувоздаҳ сол интизораш будам, расидааст, хуб мебуд ба сартарошхона

медаромадам, назди устое, ки хеле бозарофат ҳарф мезанад. Пойҳоям худашон маро ба Оқсарой, ба кӯчае, ки хонаи куҳнаи марҳум язна ва холаам ҷойгир буд ва баъди бисёр сол, баъди он ки кӯдакии мо ба поён расид, аз он ҷо кӯчиданд, бурданд. Сартарошхона дар тарафи дигари ин кӯча ҷойгир аст. Панҷ рӯз пеш, дар рӯзи бозгаштам устои пирро аз дур дида будам, он вақт шояд нашинохта буд, ҳоло аз наздик дида шинохт, оғӯшкунон пурсупос кард, аммо чун марди ҳақиқии Истанбул дар ин дувоздаҳ сол дар куҷо буданамро пурсуҷӯ накарда, худаш ба нақли навигариҳои маҳалла шурӯъ намуд, бо он ҷамъбаст кард, ки маънии зиндагӣ бозгашт ба ҷойи аввала аст.

Чунон ба назарам менамуд, ки дар ин ҷо на дувоздаҳ сол пеш, балки дувоздаҳ рӯз пеш будам. Зеро ҳеч чиз тағйир наёфта, сартароши пир қариб дигар нашудааст, фақат торҳои сафеди ришу мӯйи сараш бештар гашта, шояд каме ба шароб дода шудааст, ки дастони доғи пирӣ доштааш меларзиданд. Шогирди хубу барноеро ҳам гирифтааст, ки рухсори сурх, лабони нарму зебо ва чашмони сабз дошт, чашмони вай ҳамеша ба устодаш нигарон буд, ки чӣ супориш медиҳад. Пай бурдан мумкин буд, ки сартарошхона хеле тамизу ботартиб аст. Сатилу тағораи обгармкунӣ тозаву озода буданд. Зарфе, ки усто аз он оби гармро тавассути лӯлачае аз поёнаш мегирифт, дар занҷири нав дар шифти ҳуҷра овезон, лаганҳои куҳна ҳама аз нав сирандуд карда, манқалдон тоза ва покуҳо ҳама тез буданд. Пешгираке, ки усто дувоздаҳ сол пеш ҳатто бастанашро хуш надошт, тоза буд. Аз дил мегузарондам, ки дар ҳақиқат, зиндагии танҳо касро танбалу бепарво мекунад, усто ба худ шогирди тозакоре ёфта, ҳам дар ҷойи кор ва ҳам шояд дар хона бо дасту дили гарм ба кору зиндагӣ шурӯъ кардааст. Дар зери фахи собуни хушбӯй ва оби гарму асбобҳои нарми сартарошӣ худро шоду бахтиёр эҳсос мекардам.

Намедонам чанд дақиқа вақт гузашт. Хеле сусту бароҳат менишастам ва дастони чобук ва гармии оташи манқалдон форам мерасиданд. Аз Худованд розиву масрур будам, ки баъди ин қадар машаққату саргардониҳо ногаҳон хушбахтиро насибам гардонд, дар бораи он фикр мекардам, ки чӣ тавр доду надоди Худовандро қабул бояд кард, аз гузашти нобаҳангоми язнаам ғусса мехӯрдам ва аз хаёлам мегузашт, ки чанде пас хӯҷаини хонадони ӯ бояд шавам. Ба ин фикрҳо дода шуда, анҷоми кори усторо ҳам пай набурдам, ҳатто нафаҳмидам, ки касе дари устохонаро кушода даромад. Диққат кунам – Шавкат.

Ӯ, умуман, бачаи якрав ва гарданшахест, боре ҳам ба ман салом надодааст. Ҳоло ҳам каме ҳаросон, аммо бепарво, бе салом наздам омад ва ба дастам коғазеро дод. Ба дилам оташ афтод: наход хабари нохуш?! Хатчаро кушодам:

«Арӯсбиёрон нашавад, хонадор намешавам – Шакура».

Аз дасти Шавкат доштам. Мехостам ба дасташ хатчае ба ин мазмун навишта фиристам: «Ҳозирам ҳама супоришатро иҷро кунам, ҷонам!». Аммо дар ин сартарошхона ва дар дасти устои бесавод аз куҷо коғазу қалам?! Бинобар ин, ба гӯши Шавкат оҳиставу фаҳмо гуфтам:

– Ба модарат гӯй, ки хуб шудааст, –баъд пурсидам: – Бобот чӣ тавр аст?

– Хобидааст.

Медонам, шумо ҳам монанди Шавкат аз он корҳое, ки имрӯз анҷом додам, норозиед ва маро чашми дидан надоред. Аммо ҳама коре, ки кардам, барои он буд, ки Шакураро хушҳол гардонам. Ин бача ҳам, ки аслан маро нағз намебинад ва хушбошӣ ҳам накарда рафт, баъдтар, дар маросими арӯсӣ ҳам, дар бар либоси нави сурх ба ман чунон менигарист, ки қотили падараш бошам.

Азбаски чун қоидаи маъмул на Шакура хонаи падарро тарк карда, ба хонаи шавҳар мерафт, балки, ман, ҳамчун хонадомод ба хонаи онҳо мерафтам, маросими арӯсбиёрон ба таври ғайриодӣ баргузор гашт. Шакура сазовори арӯсбиёрони бодабдабаву гӯшношунид аст, аммо чунин шароит ба миён омад, ки наметавонистам хешовандон ва рафиқони сарватманд, мансабдорони давлативу тоҷиронро бо сару либоси қиммат, аспони зиёд ҷамъ оварда, ба дари Шакураино барам. Бо вуҷуди ин, ба аспи сафедам нишастам, бо худ ду дӯсти бачагиамро, ки дар ин шаш рӯз дар Истанбул вохӯрдам (яке чун худам– котиб, дигаре гӯлахии ҳаммом), гирифтам, сартароши меҳрубонро низ, ки дар вақти сартарошӣ бо чашмони намнок ба ман хушбахтӣ мехост, гирифтем ва дар ҳамин ҳайат ба хонаи Шакура омадем, чунон менамуд, ки мо ӯро ба хонаи дигар, ба зиндагии дигар бурданӣ ҳастем.

Ба Ҳурия, ки дарро кушод, бахшиши кироӣ додам. Шакура дар бар пероҳани сурхи арӯсӣ дошт, рӯяшро бо фаранҷии сурх, ки доманаш то фарш мерасид, пӯшида буд. Аз хона садои гиря ва биникашӣ ба гӯш мерасид, зане бачаҳоро ҷанг мекард. Дар зери ин садоҳо ва ҳарфҳои бахти сафеди ҳамсоягон Шакура чобукона ба аспи сафеди дуюм, ки ба ин муносибат киро карда будам, ҷаста нишаст ва корвони арӯсии хоксорона, аммо хушбахту боифтихори мо ба роҳ даромад. Пешопеш ду нафар машшоқ мерафтанд, яке духул мезаду дигаре сурнай менавохт – онҳоро дар лаҳзаи охирин сартароши меҳрубон пайдо кард.

Вақте ба роҳ даромадем, мақсади Шакураро аз ин маросими арӯсбиёрон дарк кардам: ӯ чун ҳамеша бо ақли даррокаш мехост қонунӣ будани ақди никоҳамонро эълон созад. Дер бошад ҳам, аҳли маҳалла мефаҳманд ва пеши ҳар гуна овозаҳо гирифта мешавад. Баробари ин, чунин рӯйирост гузарондани маросими ақди никоҳ душманонро

зидди мо шӯронда метавонист, пеш аз ҳама додари шавҳари Шакураро, ки ин хатари калон дошт. Агар ба хости ман мебуд, ин маросимро пинҳонӣ мегузарондам, баъд, ба тарзе худамонро муҳофизат мекардам.

Дар аспи сафед пеш-пеш мерафтам, аз ҳар гардишу паси девору дарахт ба ҳарос меафтидам, ки моро Ҳасану одамонаш нигарон набошанд. Мӯйсафедон ва миёнсолон, ки дар кӯча вомехӯрданд, бо даҳони воз менигаристанд, аммо хурсанд, ҳарфи баде намегуфтанд. Бо ҳамин ҳол то назди бозор омадем. Кабудифурӯш шоду хурсанд ҳамроҳамон чанд қадам зад ва хушбахтӣ таманно карда, ба сари пиёзу кабудӣ, себу нокаш рафт; аттори ҳамеша ғамгин табассуми самимона кард; қаннод, ки аз кадом амали нодурусти шогирдаш норозӣ буд, нигоҳи таҳсиномез ҷонибамон афканд. Ҳамаи инро мушоҳида карда, ба ақли Шакура қоил шудам, ӯ устокорона пеши роҳи ғайбату туҳматро гирифта буд, ҳоло тамоми маҳалла мефаҳмад, ки ӯ аз шавҳари гумномаш ҷудо шуда, аз нав шавҳар кардааст ва инро дуруст мешуморанд. Бо вуҷуди ин, ҳар лаҳза омода будам ба ҳақорату дашном ва ҳатто ҳуҷум ҷавоб диҳам. Аз ин рӯ, селаи бачагонеро, ки аз назди бозор ба корвони мо ҳамроҳ шуда, шӯхиҳо мекарданд, бахшиш мепурсиданд, як навъ муҳофизони худ мешуморидам. Аз тирезаҳои бозу нимбоз гӯшаи сарҳо ва табассуми соҳибхонаҳо менамуд, ки касро хушҳол мекард.

Ниҳоят шукри Худованд, бадрақаи арӯсии мо ба дари хона расид, ҳоло ҳам фақат ба пеш диққат медодам, аммо дар дил дар бораи Шакура фикркунон ба ӯ хушбахтӣ мехостам. Аз ҳама бештар, на аз он ки дар рӯзи марги падараш ба шавҳар мебарояд, балки аз он ки маросими ақди никоҳ чунин хоксорона мегузарад, ба ӯ дилам месӯхт. Бале, Шакура сазовори тӯйи бодабдабаест, дар ин корвони арӯсбиёрон бояд бонувону духтарон ва мардони

сару либоси шоҳиву кимхопӯш, бо тиллову нуқра, аспҳои ороёфта, садҳо аспу шутури пурбори ҳадяҳо, духтарону занони пошоҳо, намояндагони ҳарами подшоҳ иштирок мекарданд. Мо хизматгороне ҳам надоштем, ки чун анъана саргираки махмалии арӯсро барои чашм нарасидан аз чор тараф дошта, ҳамроҳӣ кунанд. Касе ҳам шамъу шамъдонҳои бузурги тиллоиву нуқрагиро аз пеши арӯс бардошта намерафт. Мусиқӣ ҳам хоксорона буд, гоҳо хомӯш мешуд, зеро машшоқон фаҳмиданд, ки шарт нест он қадар ҷон коҳондан, касе пеш-пеш бо садои ҳаросомези «Роҳ диҳед, арӯс меояд!» намедавид, дар натиҷа аввал дар назди бозор корвонамон бо бозоракиҳо омехта гашт, баъд, миёни канизону хидматгорони обкашон монд. Аз ҳамаи ин на танҳо шарм, балки ғамам афзуд, дар чашмонам ашк хона кард. Аммо вақте ба ҳавлӣ расидем, ба Шакура нигариста, аз зери сарбанду фаранҷӣ бошад ҳам, пай бурдам, ки ӯ хафа нест, ҳатто хурсанд аст, ки ҳамааш нағз гузашт, ором шудам. Зуд, чи тавре ки дар ин мавридҳо мекунанд, барои фаромадани арӯси нозанинам аз асп ёрӣ расондам, ҳамаи инро саросема нашуда, оҳиста анҷом додам, то ҳама бинанд, аз ҳамёни тайёрам тангаҳои нуқраро бароварда, аз сари арӯс пош додам, лаҳзае, ки бачаҳо бо шавқун ба ҷамъкунӣ машғул шуданд, ману Шакура ба ҳавлӣ даромадем. Аз сангфарши ҳавлӣ гузаштем ва вориди хона шудем, ки моро на танҳо як гармии ҳаловатбахш, боз бӯйи ҷасад пешвоз гирифт. Наход, касе инро фаҳмад?!

Аз паси арӯсу домод ҳама вориди хона шуданд: бачаҳо, калонсолон. Меҳмонҳо хонаро пур карданд. Лаҳзае Орҳан аз паҳлуям гузашт, ки бо тарс ба ман менигарист. Рафтори ҳама мисли Шакура маъмулӣ буд, худро чунон вонамуд мекарданд, ки ягон чизи ғайриодиро ҳис намекунанд, яъне, бӯй ба машомашон намерасид. Ё мерасиду нодида мегирифтанд? Тарсидам.

Ин бӯй ба ман аз даврони ҷанг шинос аст. Вақте ки баъди ҳарбу зарб ва пирӯзӣ барои ба даст овардани як ҷуфт кафш, як камарбанд ва чанд сикка байни ҷасадҳои тиккаву пора мегаштем, дар димоғам ин бӯй нишаста буд. Ҳатто аз бӯйи ҷасад метавонам бигӯям, ки куҷои тан солим асту куҷояш зарб гирифта.

Лаҳзае, ки меҳмонҳо ба худ банд буданд, ба ошхона рафтам ва аз Ҳурия пурсидам, ки ҷасади Эниште-афандӣ куҷост? Бӯяш ҳама ҷоро гирифтааст, меҳмонҳо фаҳмиданашон мумкин. Албатта, хеле ором, дар гӯшаш мегуфтам, то касе нафаҳмад. Ҳурия ҳам пай бурд, ки бори нахуст бо ӯ чунин гап мезанам, чун узви хонадон на чун ба каниз. Бинобар ин, бо чашмони намгирифта бо эҳтиром гуфт:

– Мо чӣ тавре ки шумо фармудед, рахти хобашонро дигар кардем, либосҳои хобашонро пӯшондем, хобондемашон дар рахти хоб, рӯйпӯшро болои сарашон кашидем, дар болои сарашон доруҳо ва пиёлаи об гузоштем. Шояд барои он бӯй мекунад, ки хона гарм ва оташдон равшан аст.

Чанд қатра ашки Ҳурия, намедонам аз кадом чашмаш ба тобае, ки гӯшти гӯсфанд мепухт, чакид. Каниз чунон оҳу нола мекард, ки гумон мекардӣ, зани язнаам бошад, ба ӯ нигариста, аз дилам гузашт, ки язнаам ӯро ба ҷогаҳаш кашида бошад? Албатта, манзурам бадӣ набуд, аз ин фикри беақлонаам шармам омад. Эстер, ки дар гӯшаи ошхона истода, чизе мехоид, ба ман нигоҳ мекард.

– Шакураро хушбахт кун, қадрашро дон! – гуфт.

Ёди аввалин рӯзи ба Истанбул омаданамро кардам, ҳамон рӯзе, ки ин Эстер сари роҳамро гирифт ва номаи Шакураро ба дастам дод, охир, имрӯз дар танаш ҳамон либосҳое буд, ки он рӯз пӯшида буд. Садои ин Эстер андак дупӯста аст, аммо бароям дилнишин буда, умеди зиндагӣ мебахшад. Намедонам, чаро охири шаб ҳам ин

ҳисси умедбахш бароям даст дод, вақте ки дар ҳуҷраи боло, канори ҳуҷрае, ки ҷасади язнаам бо либоси хоб дар ҷогаҳ мегандид, билохира, имом-афандӣ хутбаи ақди никоҳро хонд ва ду пирамард шурӯъ карданд ба қироат, ки оҳангашон монанд буд ба ҳамон садои уд.

То он вақт Ҳурия имкон ёфта, хонаро хуб покиза карда, шамол доааст ва имом нафаҳмид, ки язна бемор не, мурдааст. Он ҳам ду рӯз пеш. Ба ҳар ҳол, язнаам мурда ё зинда васии Шакура ҳисоб мешуд ва ин арӯсӣ, ба гуфтаи мо, бо хоҳиши охирини ӯ баргузор мегашт. Шоҳидони ақди никоҳамон – дӯсти сартарош ва як мӯйсафеди ҳамсоя, ки намедонам, он ду рафиқам аз куҷо ёфтанд, буданд. Ин мӯйсафед ҳангоми маросими никоҳ қариб корро хароб карда буд, ҳар лаҳза гарданашро ҷониби болини язнаам дароз мекард, то ҳолашро пурсон шавад. Бинобар ин, вақте ки имом охирин роҳнамоиҳоро мехонд ва ҳама ба дуохонӣ даромаданд, чаққон аз ҷоям хеста, ба сари болин рафтам ва дастонашро гирифта, бо тамоми овоз фарёд кардам:

– Ҳеч хавотир нашавед, язнаи азизам, –гуфта гиристам, –кӯшиш мекунам, ки Шакура, бачаҳояш аз ҳеч чиз камбудӣ надошта бошанд, хушбахт зиндагӣ кунанд.

Баъд чунон вонамуд кардам, ки бемор ба ман чизе гуфтанист, бинобар ин, гӯшамро ба даҳонаш наздик бурдам. Имом ва ҳамроҳонаш гумон карданд, ки насиҳатҳои шавҳари холаро бо диққат гӯш мекунам, ҳар замон ба нишони тасдиқ сар меҷунбондам ва мегуфтам: «Хуб шудааст, хуб». Нигоҳи имом-афандӣ ва мӯйсафеди ҳамсояро ба худ ҳис карда, пай бурдам, ки онҳо эҳтироми маро ба падарарӯсам, ки дами марг аст, хеле хушоянд меҳисобанд. Баъди ин, боварӣ дорам, ки ҳеч кас маро ба марги Эниште-афандӣ алоқаманд нахоҳад кард.

Ба ҳозирон гуфтам, ки бемор хаста шудааст ва мехоҳад танҳо монад. Меҳмонҳо ҳамоно баромаданд ва

ба хонаи дигар ворид шуданд. Он ҷо мардҳоро палави тайёркардаи Ҳурия ва гӯсфанди бирён интизор буд (бӯйи зира, сусанбар ва гӯсфанди бирён бо бӯйи мақтул омехта буд), худам бошам, парешонхотир ҳамчун соҳиби хона ба долон баромадам, бе дудилагӣ дари ҳуҷраи Шакураро кушодам ва ба заноне, ки аз дидани мардина ба даҳшат афтоданд, эътиборе надода, бо муҳаббати бепоён ба чашмони Шакура, ки бо дидани ман аз бахту саодат дурахшиданд, бо навозиш нигаристам:

– Шакура, метавонӣ, як лаҳза пеши падарат даромӣ, вай туро интизор.

Дар ин асно, ҳамсоязанҳое, ки дар лаҳзаи охир Шакура барои таъмини расмияти маросими ақди никоҳ даъват карда буд ва чанд духтараки ҷавон, ки шояд хешовандони Шакура буданд, чунон вонамуд карданд, ки аз шарму изо рӯяшонро мепӯшанд, аммо дар асл, бодиққат маро аз назар мегузаронданд.

Меҳмонон зиёд нишастанд; аз чормағз, мағзу мавиз, писта ву бодом, ширинихо баҳра бардоштанд; танҳо вақте ки садои азони намози шом шунида шуд, бархостанд. Шакураро намедонам, аммо ман хаста будам. Дар хонаи бонувон шукӯҳу шаҳомат ва шодиву хурсандӣ ба зудӣ аз миён рафт, зеро Шакура ба гиря пардохт, бачаҳо шӯхию бозиро сар карданд; дар байни мардон баъзеҳо маро бо шӯхиҳое дар бораи шаби аввали арӯсӣ хурсанд карданӣ шуданд, аммо намехандидам ва аз чеҳраи ғамолудам ҳама дарк карданд, ки аз боиси бемории сахти падарарӯсам дар ташвишам. Аз тамоми ин маросими ғамовар пеш аз ҳама он чиз дар хотирам сахт нақш баст, ки пеш аз кашидани таом ману Шакура ба хонае, ки язнаамро хобонда будем, даромадем, бо эҳтироми зиёд аввал дастони сардгаштаи марҳумро бӯсидем, аз рӯҳи ӯ мадад хостем, ки бароямон зиндагии хайр диҳад. Шакура боз домони гиряро сар дод, ба оғӯш гирифтамаш ва нахуст,

аз ҷабини сап-сафедаш бӯсидам, ашкҳои рӯйи гунаҳояшро ба забонам пок кардам, вақте маҷбуран забони ӯро ба даҳон гирифтам, пай бурдам, забони ҷононаам аз қанду набот ҳам ширин аст ва зиндагии мо хуб хоҳад буд. Меҳмонҳо ба масҷид намози шомхонӣ рафтанд ва бо ҳамин арӯсии мо хотима ёфт.

34. Ман – Шакура

Баъди он ки охирин меҳмонҳои арӯсии одии мо либосҳою кафшҳояшонро пӯшида, кӯдакҳояшонро, ки имкон меёфтанд ба даҳонашон боз якто ширинӣ партоянд, аз дасташон гирифта баромада рафтанд, як хомӯшии мутлақ ба миён омад. Ҳамаамон дар рӯйи ҳавлӣ будем ва ғайр аз садои гунҷишкаке, ки дар канори чоҳ аз сатил чик-чиккунон об мехӯрд, овозе ба гӯш намерасид. Ба зудӣ дар паси пардаи шаб, ки торафт ғафс мешуд, ҷисми хурдакаки паранда ҳам нонамоён гашт ва бо дард эҳсос кардам, ки дар ошёнаи дуюми ин хонаи калону торик дар бистар падарам мурда хоб аст.

– Бачаҳо, –муроҷиат кардам баъд ба Орҳану Шавкат бо оҳанге, ки ягон гапи муҳимро ба онҳо мерасондам. – Канӣ, ин ҷо биёед.

Омаданд.

– Акнун падаратон Кара. Дасташро бӯсед.

Хомӯшона бӯсиданд.

– Ба падар чӣ тавр бояд итоат кард, суханони ӯро ба чашмонаш нигоҳ карда гӯш кардан ва чӣ тавр ба падар бовар намуданро ин ятимҳо намедонанд, –рӯй овардам ба Кара. –Аз ин рӯ, агар баъзан хатое кунанд, ба беэҳтиромӣ ва беодобӣ роҳ диҳанд, ба ту гӯш надиҳанд, боварӣ дорам, ту аввал нодида мегирӣ, бо назардошти он ки

падарашонро надида, дар хотир нигоҳ надоштаанд, ҳамту калон шудаанд.

– Ман падарамро дар ёд дорам, –эътироз кард Шавкат.

–Ҷимм! –суханашро буридам. –Аз ин ба баъд сухани Кара аз ҳарчи болотар. –Баъд ба Кара рӯй овардам: – Агар туро гӯш накунанд, агар ба ту заррае беэҳтиромӣ ё дағалӣ зоҳир кунанд, бори аввал огоҳ кун, аммо бубахш, – гуфтам, аммо аз овардани калимаи чӯбу шатта, ки нӯги забонам буд, худдорӣ кардам. –Бигзор онҳо дар дили ту монанди ман ҷой гиранд.

– Шакура-хонум, бо ту на танҳо барои шавҳарат шудан хонадор шудам, –ҷавоб дод Кара, –балки барои падари ин ятимакҳои дӯстрӯяк шудан.

– Шунидед?

– Худоё, худовандо, моро аз марҳаматат дур накун, ки ҷуз ту касе надорем, –садо бароварда Ҳурия аз канор. – Худат моро дар паноҳат нигаҳ дор!

– Шунидед? –такрор кардам, –офарин, бачаҳои хушрӯякам! Падаратон он қадар шуморо дӯст медорад, ки агар суханашро гӯш накунед, дафъаи аввал мебахшад.

– Бори дуюм ҳам мебахшам, –ваъда дод Кара.

– Аммо агар бори сеюм гапашро нагиред… Он замон ҳаққатон шатта, –гуфтам. –Фаҳмидед? Падари наватон Кара аз ҳамон ҷанги разолатбор, ки падари раҳматиатон барнагашт, омадааст, одами беҳад ҷиддист. Бобояшон инҳоро эрка кардааст, ба сарамон баромада гирифтаанд. Ҳоло бобоятон сахт бемор аст.

– Ба назди бобо рафтан мехоҳам, –гуфт Шавкат.

– Гапногирӣ мекунед, Кара ба шумо мефаҳмонад, ки хирс чӣ тавр ба зарби чӯб одам шудааст. Он вақт бобоятон ҳамон тавре ки аз дасти ман халос мекард, акнун аз дасти Кара халос карда наметавонад. Инак, агар хоҳед, ки ба ғазаби падар гирифтор нашавед, байни ҳам

ҷангу харҳаша накунед, ҳамдигарро ҳурмат намоед, пеш аз хоб дуо хонед, Ҳурияро гӯш кунед, масхара накунедаш, ба кори калонтарҳо дахолат накунед. Ҳамааш фаҳмо?

Вақте Кара хам шуда, Орҳанро навозиш кард, Шавкат худро каме дур гирифт. Як лаҳза ашк дар чашмонам ҳалқа зад, хостам ба оғӯш кашида бӯсамаш. Бечора, ятимакам Шавкат! Ту танҳо мондӣ дар ин ҷаҳони бузург! Ногоҳ худамро ҳам танҳову ғариб дар ин олам шуморидам ва дилам буғз кард. Орҳанро, ки дар бағали Кара медидам, ба ёди бачагии худ афтодам, ки соатҳо дар бағали падарам меистодам, ҳарчанд модарам исрор мекард, поён намешудам. Чӣ қадар хуш мегузашт он рӯзҳо, бо ин тафовут, ки Орҳан дар бағали Кара ба мевае монанд аст, ки аз худи дарахт нест, балки онро ба шохи дарахт часпондаанд. Аммо ман дар бағали падар хурраму шод будам ва мо ҳамдигарро мебӯидему мебӯсидем. Кам монда буд гиря кунам, аммо худро ба даст гирифта, ба бачаҳо нидо кардам:

– Канӣ, акнун Кararo «падар» номед.

Чӣ тавр шаби сарду соките буд он шаб дар ҳавлии мо. Дар зӯзаи сагҳо, ки аз дур ба гӯш мерасид, ҳузне пинҳон буд, ки боис мегардид, одам дарди худро фаромӯш созад. Ҳама ҷо торику торик, на моҳ, на ситорае. Аҷаб шабе буд он шаб!

– Хеле хуб бачаҳо, –садо баровардам ниҳоят. –То сармо нахӯрем, беҳтараш дароем хона.

На танҳо ману Кара, ки монанди ҳама арӯсу домодоне, ки баъди арӯсӣ танҳо монданашон мумкин нест, дигарон –бачаҳо ва Ҳурия низ бечуръатона ба хона даромаданд. Хонаи дар торикӣ монда бароямон бегона метофт. Бӯйи ҷасади падар ҳама ҷоро фаро гирифта буд, аммо гӯё бӯй ба машоми касе намерасид. Зинаҳоро, ки боло мерафтем, аз нури чароғҳое, ки дастамон буд, сояҳои бадафте аз худамон дар девори долон пайдо шуда,

ҳар қадар боло мерафтем, калону хурд мешуданд, шояд аз ин пеш чунин ҳолро мушоҳида накарда будам. Дар даҳлез Шавкат кафшҳояшро кашида истода пурсид:

– Пеш аз хоб дасти боборо намебӯсем?

– Чанд лаҳза пеш хабар гирифтам, –гуфт Ҳурия. – Бобо ҳанӯз хоб аст, табаш баланд, маълум мешавад, ҷинҳои бадкор ҳоло ҳам намехоҳанд аз танаш берун шаванд. Ба хонаатон дароед, ҳозир ҷогаҳатонро дуруст мекунам.

Ӯ бачаҳоро ба хонаашон даровард. Рахти хобашонро дуруст ва ҷойпӯшҳоро ҳамвор карда, рӯйпӯшҳоро кушода истода, беист гап мезад, аз ҳарфҳояш бармеомад, ки ҳар чизеро, ки даст гирад, аҷоиб ва марғуб аст ва хобидан дар чунин хонаи гарму рахти хоби нарм ба истироҳат дар қасри подшоҳ монанд аст.

– Ҳурия, афсона бигӯй, –гуфт Орҳан, ки дар зарфи шабона менишаст.

– Буд-набуд замоне як одами кабуд буд, –сар кард Ҳурия, –дӯсти ҷонии вай ҷин буд.

– Одам чӣ хел кабуд мешудааст? –пурсид Орҳан.

– Аз барои Худо Ҳурия, –гуфтам, –ақаллан имшаб дар бораи ҷину парӣ ва шабаҳҳо афсона нагӯй.

– Чаро нагӯяд? –пурсид Шавкат. –Очаҷон, ту баъди хоби мо назди бобоям меравӣ?

– Бобоятон, Худо ӯро нигаҳ дорад, сахт бемор аст,– ҷавоб додам. –Албатта, барои хабар гирифтан ба наздаш меравам. Баъд боз ба назди шумо бармегардам.

– Ҳурия ба назди бобоям равад, –пешниҳод кард Шавкат.–Аз ин пеш бобоямро шабҳо Ҳурия нигоҳ мекард.

– Тамом кардӣ? –пурсид Ҳурия аз Орҳан ва дар ин маврид чунин вонамуд кард, ки ҳарфи охирини Шавкатро нашунидааст. Вақте тани Орҳанро бо латтача пок мекард, чеҳраи бача ба таври аҷиб андешаманд менамуд, Ҳурия

бошад, ба зарфаки шабона чашм партофта, норозиёна чеҳраашро турш кард, аммо на аз бӯяш, балки аз миқдори он.

– Ҳурия, –гуфтам, –зарфро тоза кун ва боз ор, то Шавкат шаб берун набарояд.

– Чаро берун набароям? –норозиёна пурсид Шавкат. – Чаро Ҳурия дар бораи ҷину париҳо афсона нагӯяд?

Орҳан, ки далертар менамуд ва ҳар дафъа баъди дард гирифтани шикамаш ифодаи чеҳрааш чунин беақлонаю софдилона мегашт, фаҳмонд:

– Чунки дар хона ҷинҳо ҳастанд, аҳмақ.

– Очаҷон, рост мегӯяд?

– Агар аз хона бароед, бобоятонро диданӣ шавед, ҷин дастгиратон мекунад.

– Кара рахти хобашро куҷо мепартояд? –боз пурсид Шавкат. –Вай имшаб куҷо мехобад?

– Намедонам, –китф дарҳам кашидам. –Ҷояшро Ҳурия мепартояд.

– Очаҷон, ту бо мо мехобӣ-а? –пурсид Шавкат.

– Чанд бор гӯям! Чун пешина бо шумо мехобам.

– Ҳамеша?

Ҳурия дар даст зарфак берун баромад. Аз даҳ расми ҷевон нуҳтояш дар ҷояш меистод, қотили разил танҳо расми охиринро гирифта буд. Он нуҳ расмро бароварда, ба рӯйи болин гузоштам ва барои дарки асрорашон дурудароз нигаристам. Ин расмҳо чизи бисёр аҷоибанд: онҳоро чун хотираи фаромӯшшуда тагурӯ кардан мумкин аст, онҳо мисли ҳарфи рӯйи коғаз бо ту суҳбат мекунанд.

Ба расмҳо нигариста, ба андешаи амиқ рафтам. Як вақт бӯйи мӯйи Орҳанро ҳис карда, фаҳмидам, ки ӯ сарашро ба биниам расонда, аз ранги шубҳаовари сурх чашм намеканад. Баъзан мехоҳам чун замонҳои пеш ӯро сина диҳам. Баъди чанде дидам, ки аз расми даҳшатовари

марг метарсад ва даҳонаки сурхи зебояш кушода аст, хостам бихӯрамаш.

– Мехӯрамам, мефаҳмӣ?!

– Онаҷон, қитӣ-қитӣ кун, – гуфт ва худро партофт.

– Хез, ҳайвон, хез зуд! –гуфта дод задам ва як шаппотӣ ҳам насибаш шуд. Чунки худро болои расмҳо партофт. Бинам, ба расмҳо чизе нашудааст, расми аспи аз ҳама боло андаке қат шудааст, аммо безарар.

Ҳурия зарфаки шабонаро холӣ карда омаду расмҳоро ғундоштам. Аз хона мебаромадам, ки Шавкат бо талвоса дод зад:

– Ба куҷо, она, ба куҷо меравӣ?

– Меоям.

Ба даҳлез баромадам, сард буд. Кара дар ҳамон ҷойи пешина, ки чор рӯзи охир нишаста, ба нақли падарам оид ба китобҳо, наққошиҳо ва перспектива гӯш медод, нишастааст, танҳо болиштаки падарам холист. Расмҳоро дар пешаш, рӯйи болиштак, тахтачаи китобмонӣ ва фарши хона гузоштам. Якбора хона, ки аз нури шамъ андак рӯшан буд, гӯё аз нав ҷон гирифт, бо ранг, гармию ҳаракат пур гашт.

Мо дурудароз, ба ҳамдигар ҳарфе нагуфта, бо завқ расмҳоро тамошо кардем. Вақте яке аз мо ҳаракате мекард, ҳавои бӯйи ҷасад гирифтаи хона лаппиш хӯрда, расмҳо дар зери нури шамъ сабук ба ҳаракат медаромаданд. Чаро ин расмҳо бароям ин қадар аҳамият пайдо кардаанд? Магар барои он ки аз барои онҳо падарам кушта шуд? Аз чӣ ин қадар ба хаёлҳои ҳузнангез дода шудаам: аз хаёли ин аспи аҷиб, дарахти ғамолуд, ду дарвеши сархам ё ҳарос аз он қотиле, ки падарамро маҳз барои ин расмҳо кушт ва ҳатто чизҳои дигар? Баъд ману Кара фаҳмидем, ки на танҳо барои ин хомӯшем, ки расмҳоро тамошо дорем, балки барои он ки дар ин шаби аввалини арӯсӣ танҳо мондаем, ҳар ду ба гап даромадем.

– Пагоҳ, ки аз хоб бархостем, бояд ба ҳама маълум кунем, ки падари бечораамон шаб вафот кардааст, – гуфтам ҳар чизе ба хаёлам омад, аммо ҳарфҳоям он қадар табиӣ набаромаданд.

– Сабоҳ ҳама чиз хуб мешавад, –ҷавоб дод Кара ҳам хаёлолуд, гӯё ҳаққи гапро мегуфт, аммо худаш ба он боварӣ надошт.

Тарафам ҳаракате кард. Худам ҳам мехостам оғӯшаш кунам, бағал гирам, сарашро ба кафҳоям гирам ва навозиш кунам, барои он корҳое, ки имрӯз ба хотири ман кард.

Ҳамин лаҳза садое баромад, садои дари хонаи падар буд ангор. Бо даҳшат аз ҷо парида хестам. Ба даҳлез баромадем ва дар нури аз хонаи падар зоҳиргашта дидем, ки дар ҳақиқат дари хонаи ӯ нимроғ аст. Дар роҳрав ларзида меистодам, на аз хунукӣ, балки аз тарсу ҳарос. Хонаи падар сахт бӯйи мурда мекард, зеро манқалдон рӯшан буд. Дар ин ҷо кӣ? Шавкат? Шояд каси дигар? Дар нури нимторики манқал ҷасади падарамро дар либосҳои шабпӯшӣ дидан мумкин буд. Хостам чун шаби пеш, вақте ки бо истакони об даромада будам, ба ӯ хоби хуш орзу кунам. Падар сар аз болои китоби «Китобу-р-рӯҳ» боло кард, обро гирифт ва гуфт: «Худо туро нигаҳ дорад, духтари ширинам!» Гуфтам: «Бобо, ба ман коре надорӣ? Равам хоб». «Хуб, духтарҷон!» –ҷавоб дод ва чун дар бачагӣ аз пешониам бӯсид ва меҳрубонона сарамро сила кард. Ҳоло ба чеҳраи ӯ нигариста, тағйироти ҷиддиро ҳис кардам ва маро ҳарос пахш кард.

Вақте ки аз тарс ларзида, ба хонаи дараш кабуд даромадам, Кара ба ман дарафтод. Ӯро тела додам, аммо на аз тарс, балки аз саросемагӣ. Мо дар нимторикии шамъ ба ҳам афтударафт мекардем, аммо на муборизаи ҳақиқӣ буд, балки аз рӯйи зарурат. Дар асл, моро писанд буд ба ҳам бархӯрдан, бо дастон, пойҳо, сари сина…

Вале Кара ҳам монанди ман достони «Хусрав ва Ширин»–ро борҳо хонда буд ва нағз медонист, ки вақте Хусрав мехост Ширинро бибӯсад, ӯ мегуфт: «на», аммо «на»-и ӯ маънии «ҳа»-ро дошт: «Дар лабакаш– «не, не», дар дилакаш– «ҳа, ҳа». Ин аст, ки Кара лабханде карду монд.

– То он иблис, қотили падарам ёфт нашавад, ҳар кас дар хонаи худаш мехобад, –гуфтам ва ҷаста аз дасташ раҳо ёфтам.

Аз хонаи наққошии падар баромадам, то ба хонаи хоб гузарам. Худ ба худ хиҷолат мекашидам, зеро он суханҳои охиринамро дониста ё надониста хеле баланд гуфта будам. Шояд ҳамсояҳо ҳам фаҳмиданд? Шояд аслан мехостам Ҳурия ва бачагон ва падарам ҳам фаҳманд ва бидонанд, ки ин қадар муштоқи шавҳар кардан ҳам нестам, шояд мехостам он шавҳари гумномшудаам ҳам фаҳмад, ки албатта, ӯро ҳам дӯст медоштам.

Ба назди бачаҳо даромадаму Орҳан гуфт:

– Оча, Шавкат берун баромад.

Худамро бадқаҳр гирифта, кафи дастамро боло кардам ва тарафи Шавкат рафтам:

– Баромадӣ?!

– Ҳурия! –гуфта ба вай часпид.

– Набаромадааст, –гуфт Ҳурия. –Фақат дар хона буд.

Андомамро ларза гирифт, натавонистам ба ҷонибаш нигарам. Ба хаёлам расид, ки акнун баъди он ки вафоти падарамро маълум менамоем, магар Ҳурия бачаҳоро аз ғазаби ман ҳимоя мекунад, ба ивази ин бачаҳо тамоми асрори хонаро ба ин лаънатӣ хабар мекашанд ва канизаки пешина ба ман фармонравоӣ хоҳад кард? Ҳатто сайъ карданаш мумкин аст, ки маро ба марги падар гунаҳгор созад ва саробонии фарзандонро ба Ҳасан супоранд. Бале, иштибоҳ намекунам! Ҳамаи ин барои он

аст, ки Ҳурия солҳои охир бо падарам ҳамхоба буд. Бале, рост мегӯям. Лабханди маънодоре сӯяш кардам ва дасти Шавкатро кашидам, бағал гирифтам ва бӯсидам.

– Шавкат ба даҳлез баромада буд, –боз гуфт Орҳан.

– Хеле хуб, ҳамааш фаҳмо. – гуфтам. –Акнун бихобед, ҳар кас дар ҷойгаҳи худаш. Ҳоло бароятон афсонаи он шаҳоли бедум ва ҷини сиёҳро хоҳам гуфт.

– Аммо ба Ҳурия гуфтӣ, ки афсонаҳои ҷинро нагӯяд, – гуфт Шавкат. –Барои чӣ ба Ҳурия мумкин нест?

– Онҳо аз шаҳри бекасон меоянд? –пурсид Орҳан.

– Меоянд, –гуфтам. –Дар он шаҳр ягон бача падару модар надорад. Ҳурия бирав поён, дарҳоро як бори дигар нигоҳ кун. Мо афсона гуфта мехобем.

– Ман намехобам, –гуфт Орҳан.

– Кара имшаб дар куҷо мехобад? – пурсид Шавкат.

– Дар хонаи наққошӣ, –ҷавоб додам. –Акнун биёед, бағали оча, қиссаро шурӯъ кардем. Ин пойҳои қурбоққа аз кист?

– Аз ман аст, –гуфт Шавкат. –Ҳурия дар куҷо мехобад?

Афсонаро шурӯъ кардам, ки чун одат хоби Орҳан бурд. Инро пай бурда, хомӯш шудам.

– Вақте ки хоби ман мебарад, ту намеравӣ? –пурсид Шавкат.

– Намеравам.

Воқеан, дили рафтан ҳам надоштам. Шавкатро зуд хобаш бурд. Дароз кашида, ба андеша рафтам: чӣ тавр аҷибу зебост ин – дар шаби аввали арӯсии дигар дар оғӯши бачагони худ хобидан ва дар як вақт донистани он ки дар ҳамин наздикӣ шавҳари зебо, доно ва сахт дӯстдори ту қарор дорад. Хобам меомад, аммо на ором, бале, ин хоб набуд, хоби мағшуш. То андозае, ки дар ёдам ҳаст, аввал бо рӯҳи қаҳролуди падар дар баҳс шудам, сипас шабаҳи қотили маккор пайдо шуд, ки маро таъқиб

мекарду мегурехтам. Баъд хоб дидам, ки вай ба бому тирезаи мо санг мепартояд. Сипас вай ба дарамон ҳам санг зада, шикастанӣ шуд, яке аз сангҳо ба шишаи тирезаи ошёнаи дуюм зад ва шишаҳо ба сару рӯйи ман рехтанд. Ниҳоят, дари ҳавлиро шикаст ва акнун садои пойҳояш вазнин-вазнин аз рӯйи ҳавлӣ мебаромад ва садои ваҳшиёнааш ба гӯш мерасид, дилам аз хонааш ҷудо гашт.

Ба обу арақ ғӯтида, бедор шудам. Оё дар ҳақиқат ин фарёд дар хобам буд? Ҳеч дарк карда наметавонистам, ки чӣ гап шуда, дар беҳушӣ бачаҳоро ба танам ҷафс кардам. Ҳоло ба хулосае наомада, боз он садо баланд шуд. Баъд дар рӯйи ҳавлӣ чизе тараппосзанон афтид. Санг бошад?

Тарсу ҳароси даҳшатовар маро фаро гирифт. Ҳамин вақт овози фарши хона ҳам баромад. Худоё, худовандо дар паноҳат нигаҳ дор! Канӣ, Ҳурия, дар куҷост Кара? Магар дар хонаи падарам бо ҷасади он бечора? Бачаҳо оромона хоб.

Агар ин ҳодиса пеш аз арӯсӣ воқеъ мешуд, аз ҳеч чиз наметарсидам, чун мард аз ҷоям бархоста, ҳама гуна ҷину париву девро аз хона мерондам. Аммо акнун бо тарсу ҳарос фақат метавонистам, ки бачаҳоро ба оғӯш гираму хомӯш монам. Аммо дар ин дунё ягон кас ба ёрии мо намеояд, ҳама хобу хомӯш. Гӯё хоб будаму худамро танҳо ҳис мекардам. Ягона роҳ монд – дуо хондан. Як вақт кушода шудани даричаи ҳавлиро шунидам. Шояд ба назарам намуд? На, аниқ кушода шуд, ман, ки медонам.

Давида хестам, намедонистам чаро ва баромадам аз хона.

– Кара! –пичиррос задам дар зинаи аз ҳама боло. Хомӯшӣ.

Кадом як пойафзоли ростомадаро ба поям хаста, аз зинаҳо поён шудам. Шамъе, ки аз оташдон рӯшан карда будам, ба рӯйи ҳавлӣ баромадан замон хомӯш гашт.

Шамоли сахт мевазид, аммо ҳаво кушода; вақте чашмам одат кард, дидам, ки моҳ ҳама ҷоро равшан мекунад. Оҳ, Худоё! Дарича кушода. Дар ҷоям шах шуда мондам, аз сардӣ ба худ меларзидам.

Чаро кордро нагирифтам? Дар дастам чизе набуд, ақаллан на шамъ, балки шамъдонро ба дастам мегирифтам, ё ягон чӯберо. Медидам, ки даричаи бози ҳавлӣ озод кушодаву пӯшида мешавад. Садояшро баъд, вақте ки дар ҷоям истода мондам, шунидам. Ҳамаи ин ба хоб монанд буд, аммо акнун медонистам, ки ин хоб нест. Оҳ, беҳтараш хоб мебуд…

Аз хона, аз кадом як ҷойи зери бомгӯша шараққосе шунида шуд, фикр кардам, ки ин рӯҳи бечораи падарам аст, ки аз тан берун рафтанист. Андешаи он ки рӯҳи падар дар азоб аст, маро ҳам ғамгин ва ҳам орому шод мекард. Агар ин садои шараққос аз рӯҳи падарам аст, хуб, зеро вай ба мо зиён намерасонад. Бо вуҷуди ин, хеле ғусса мехӯрдам, ки чӣ тавр рӯҳи аз тан равон азоб мекашад ва ба дуохонӣ даромадам: Худоё, худовандо, рӯҳи падар моро мададгор шавад, ором бошад! Вақте ба ёдам расид, ки рӯҳи падар ману фарзандонамро муҳофизат хоҳад кард, дилам бардошта шуд. Агар он шайтони лаин дар пушти дар бошад, бигзор вай аз рӯҳи падари бузургворам тарсад.

Якбора ба хотирам расид, ки магар Кара рӯҳи падарро ноором кардааст? Наход рӯҳи падарам ба вай зиён расонад? Куҷост худаш? Худи ҳамин лаҳза ӯро дидам: Кара дар кӯча, на он қадар дур аз даричаи боз меистод ва бо касе гап мезад. Дар ҷоям қарор истодам.

Дар он тарафи кӯча, дар байни дарахтон одаме меистод ва бо Кара гап мезад. Ҳамин ки овози ӯро шунидам, фаҳмидам, ки маҳз ин садо буд, ки дар хоб мешунидам. Чаро барвақттар Ҳасанро нашинохтам? Садои ӯ дар як вақт илтиҷоомез, ҳузнангез ва таҳдидомез

буд. Аз дур бошад ҳам, гуфтугӯи онҳоро мешунидам. Дар ин бора баҳс мекарданд, ки ҳуқуқи кадомашон ба ман бештар аст.

Акнун ба ёдам расид, ки дар ҳақиқат, бо кӯдаконам танҳои танҳо мондам. Гумон кардам, ки Кароро дӯст медорам. Яъне, сайъ мекунам, ки ошиқаш бошам. Аммо ғаму дарде, ки дар овози Ҳасан ҳис мешуд, дили маро об кард, магар дӯсташ медорам? Оҳ, чӣ мегӯям?!

– Пагоҳ ба ин ҷо қозӣ, яничарҳо ва шоҳидонро меорам, онҳо қасам мехӯранд, ки бародарам ҳанӯз зинда аст ва бо аҷамиҳо меҷангад, –мегуфт. –Никоҳатон нодуруст. Шумо ба зино роҳ додед.

– Шакура аз ту нест, зани марҳум бародарат аст, – мегуфт Кара.

– Бародарам зинда аст, –фарёд мекард Ҳасан. – Шоҳидҳо ҳастанд.

– Пагоҳӣ бо сабаби чор сол боз аз ҷанг барнагаштанаш қозии Искюдар Шакураро аз ӯ ҷудо кард. Агар баргардад, шоҳидон ба ӯ бигзор гӯянд, ки акнун зан надорад.

– Шакура ҳақ надорад, ки то як моҳ ба шавҳар барояд, –гуфт Ҳасан, –ин алайҳи дин ва Қуръони карим аст. Чӣ тавр падари разили Шакура ба ин розӣ шуд.

– Эниште-афандӣ сахт бемор аст, –ҷавоб дод Кара. – Дар сари марг… Ба хонадоршавӣ қозӣ иҷозат дод.

– Ба Эниште якҷоя захр додаед, –гуфт Ҳасан. –Ҳурия ҳам ба ин шарик аст?

– Падарарӯсам аз рафтори ту нисбат ба Шакура сахт хафа аст. Агар бародарат дар ҳақиқат зинда бошад, туро зарур меояд, ки барои рафтори нодурустат ба ӯ ҷавоб диҳӣ.

– Ҳамаи ин дурӯғ аст, –ҷавоб дод Ҳасан. –Ин гапҳоро Шакура барои аз хона гурехтан бофта баромад.

Аз хона фиғоне баромад, ин Ҳурия буд. Баъд аз он садои Шавкатро шунидам, онҳо баробар дод мезаданд. Ман ҳам беихтиёр фарёд кардам ва чӣ кор карданамро надониста, ҷониби хона давидам.

Шавкат аз зинаҳо поён шуда, ба рӯйи ҳавлӣ баромад.

– Очаҷон, бобоям ях барин хунук! –гуфт ӯ. –Бобоям мурдааст!

Аз дасташ дошта, ба худам пахш кардам. Ҳурия овозандозиро давом медод. Фиғони ӯро Караю Ҳасан ҳам шуниданд.

– Очаҷон, бобоямро куштанд, –гуфт ин бор Шавкат.

Ҳарфҳои ӯ равшан садо доданд. Оё Ҳасан шунид? Ман Шавкатро ба худ ҷафс карда, ба саросемагӣ роҳ надода, хона бурдамаш. Дар зина Ҳурия меистод, фаҳмонд, ки чӣ хел кӯдак бедор шуда, номаълум берун баромадааст.

– Очаҷон, гуфта будӣ, ҳеч ҷо намеравӣ, –гирист Шавкат.

Андешаҳоям рӯйи ҳавлӣ, бо Кара банд буд. Бо Ҳасан гап зада истода, пӯшидани даричаро фаромӯш кардааст. Аз рухсори Шавкат бӯсида, ба худ ҷафс карда, саракашро сила карда, ба дасти Ҳурия супурдам ва пичиррос задам:

– Боло равед.

Онҳо рафтанд, ба ҳавлӣ баргаштам, чанд қадам дур аз дарича, ки маро ба назарам Ҳасан наметавонист бинад, истодам. Аммо ӯ шояд ҷояшро иваз карда буд ё шояд, умуман, аз боғча баромада, паси дарахтони кӯча пинҳон шудааст, ки аниқ маро медид, зеро акнун бевосита ба ман муроҷиат карда гап мезад. Худро нороҳат ҳис мекардам, на аз он ки бо одами дар торикӣ истодае, ки афташро намебинӣ, гап мезанам, балки аз он ки гапҳояш рост барин буданд ва ман худро гунаҳгор меҳисобидам, чун вақтҳое, ки бо падарам баҳс мекардем. Илова ба ин ки ҳис мекардам, ин одамеро, ки чунин ҳарфҳоро мегӯяд,

дӯст медорам ва ин маро бештар ба ғазаб меовард. Худованд мададам кун: охир, муҳаббат роҳи беҳудаи саргардониву пушаймонӣ не, балки муҳаббат танҳо ба Ту бояд бошад, ҳамин тавр не?!

Ҳасан эълон мекард, ки ману Кара маслиҳат карда, падарамро куштаем. Инро ӯ аз писарча худи ҳозир шунид, акнун ҳамааш аниқ: мо ҷинояти сахт содир кардаем ва барои ин дар оташи дӯзах хоҳем сӯхт. Пагоҳ ӯ ба қозӣ ҳамаашро нақл хоҳад кард. Агар ман бегуноҳ бароям, агар дастам ба хун олуда набошад, ӯ маро бо кӯдаконам мебарад ва васиам мешавад, то замоне, ки бародараш аз ҷанг меояд. Аммо агар ман гунаҳкорам – зане, ки хиёнаткорона шавҳарашро, ки дар ҷанг ҷонбозӣ мекунад, партофтааст, тибқи қонуни шариат ба сахттарин ҷазо маҳкум хоҳам шуд. Мо босаброна ӯро гӯш кардем ва баъд лаҳзае дар кӯча оромӣ барқарор гашт.

– Агар ту худи ҳозир бо иродаи хеш ба хонаи шавҳари ҳақиқиат баргардӣ, –аз нав ба гап даромад Ҳасан ба ман муроҷиат карда, –агар ҳамроҳи кӯдакон, ба ҳеч кас нафаҳмонда, номаълум ба хона баргардӣ, ҳама он чизеро, ки имшаб бароям аён гашт, фаромӯш хоҳам кард ва туро мебахшам – ҳам ин никоҳи ғайриқонунӣ ва ҳам ҷинояти содиркардатро. Ва мо бозгашти бародарамро солҳо босаброна интизор хоҳем шуд.

Магар маст аст ӯ?! Дар садояш оҳанги кӯдакона ҳис мешуд. Худ ба худ тарсидам, барои чунин пешниҳод дар шоҳидии шавҳарам ин ба Ҳасан ба қиммати ҷонаш баробар буд.

– Ту маро мешунавӣ? –аз паси дарахтон овоз дод Ҳасан.

Дар торикӣ намедонистам, ки аниқ дар куҷо истодааст. Оҳ, Худоё, ба бандагони гунаҳгорат раҳм кун!

– Медонам, ту, Шакура, бо касе, ки падаратро куштааст, дар як хона зиста наметавонӣ!

Якбора ба сарам омад, ки қотил Ҳасан буданаш мумкин аст. Аммо ҳоло ба мо туҳмат мекунад. Ӯ дар ҳақиқат, шайтони бекафшу маҳсӣ аст, аз ӯ ҳама чизро умедвор шудан мумкин… Ҳарчанд, ки метавонам дар ин бобат хато кунам.

– Гӯш кун, Ҳасан-афандӣ, –баромад овози Кара дар торикӣ. –Дар ҳақиқат, падарарӯсамро куштанд. Аммо ин кори дасти кӣ, ҳоло маълум нест.

– Ҳа, пеш аз арӯсӣ куштанд гӯй? –ҷавоб дод Ҳасан. – Чаро шумо инро пинҳон кардед? Маълум мешавад, ӯ зидди нақшаи шумо, талоқи сохта ва шоҳидони сохта будааст, барои ҳамин ӯро куштед. Бидон, Кара, агар ӯ туро одами боваринок меҳисобид, духтарашро на ҳозир, балки солҳо пеш ба ту медод.

Азбаски Ҳасан бо ману шавҳари собиқам солҳои зиёд дар зери як бом мезист, саргузаштамро хуб медонист. Бадтар аз ин, ӯ ҳамчун як ошиқи бадрашк тамоми он чизҳоеро, ки ману шавҳари собиқам байни худ мегуфтему кайҳо фаромӯшаш кардаем, дар ёд дошт. Байни мо бисёр хотираҳои муштарак вуҷуд доштанд, метарсидам, ки ҳоло ӯ онҳоро тагурӯ кунад, ҳис хоҳам кард, ки Кара бароям одами бегона аст.

– Мо гумон мекунем, ки қотили шавҳари холаам ту ҳастӣ, –идома дод Кара.

– Не, не, шумо куштаед, то зудтар хонадор шавед, ин рӯз барин равшан аст. Ба ман бошад, куштани Эниште-афандӣ чӣ зарурат дошт.

– Ту куштаӣ, –ба ҳуҷум гузашт Кара. –Куштӣ, то мо натавонем хонадор шавем. Баъди он ки шунидӣ, Шакура хатти талоқ дорад ва мо ба арӯсӣ иҷозат гирифтаем, ту тамоман девона шудӣ. Ту бе ин ҳам язнаамро бад медидӣ, барои он ки Шакураро ба хонааш қабул кард. Ту аз ӯ қасд гирифтӣ. Ту медонистӣ, ки то ӯ зинда аст, ҳеч гоҳ Шакураро ба даст оварда наметавонӣ.

– Бас кун, –қатъӣ сухани шавҳари маро бурид Ҳасан. – Гапи шумо барин одамҳо арзандаи шунидан ҳам нест. Ин ҷо хеле хунук. Барои шуморо бедор кардан чӣ қадар сангпартоӣ кардам. Ҳеч нафаҳмидед.

–Кара расмҳои китоби падарамро тамошо мекард, – гуфтам.

Инро гуфта, шояд хато кардам?

Ҳамин лаҳза Ҳасан бо оҳанги самимонае, ки баъзан бо Кара чунин ҳарф мезанам, ба ман муроҷиат кард:

– Шакура-хонум, –беҳтар аст, ки ту худи ҳозир бо кӯдаконат ба хонаи як сипоҳии бошараф ва қаҳрамон, ки ҳоло ҳам шавҳари қонуниат аст, баргардӣ.

– Не, –қариб пичиррос задам дар торикӣ. –Не, Ҳасан, не.

– Ин тавр бошад, ман, ки одами масъулиятдори бародарам ҳастам, субҳ ба назди қозӣ меравам ва ҳама чизи шунидаамро нақл мекунам. Баъд ҳисобашро аз ман хоҳанд пурсид.

– Бале, аслан аз ту мепурсанд, –гуфт Кара. –Ту, ки ба назди қозӣ рафтӣ, ман эълон мекунам, ки ту ғуломи азизи подшоҳамон Эниште-афандиро ба қатл расондӣ.

– Хуб, –ором ҷавоб дод Ҳасан. –Афсонаатро ба об гӯй.

Лаҳзае хомӯш мондем.

– Ҳар дуятонро шиканҷа хоҳанд кард, –гуфта фарёд задам. –Ба назди қозӣ наравед. Сабр кунед. Ҳама чиз баъд маълум мешавад.

– Ман аз шиканҷа наметарсам, –эълон кард Ҳасан. – Ду маротиба дар зери шиканҷа будам ва ҳар сафар дидам, ки танҳо бо шиканҷа гунаҳгорро аз бегуноҳ фарқ кардан мумкин аст. Бигзор аз шиканҷа туҳматгарон тарсанд. Ба қозӣ, яничар, шайхулислом дар бораи чизҳои дигар ҳам – китобе, ки бадбахти Эниште-афандӣ тайёр мекард ва

расмҳои он нақл хоҳам кард. Ҳама дар бораи ин расмҳо гап мезананд. Дар он расмҳо чӣ ҳаст?

– Ҳеч чиз нест, –ҷавоб дод Кара.

– Яъне, ту онҳоро дидаӣ.

– Эниште-афандӣ мехост, ки ман он китобро ба охир расонам.

– Хуб. Худо хоҳад, ҳар дуятонро якҷоя ба шиканҷа хоҳанд гирифт.

Ҳар ду хомӯш шуданд. Баъд дар боғчаи холӣ садои по шунида шуд. Меравад ё ба сӯйи мо меояд? На ӯро медидем на медонистем, ки чӣ кор карданист. Хоҳ боғчаро убур карда гузарад, хоҳ аз байни дарахтони сершох ва буттаҳои марминҷон, ҳатто агар аз зери дарахтони наздики мо гузаштанӣ шавад ҳам, дар ин торикӣ ӯро дидан душвор буд. Лаҳзае пас «Ҳасан!» -гуфта овоз баровардам. Аммо ҷавобе набаромад.

– Ҷимм, –фармуд Кара.

Ҳар ду аз сардӣ меларзидем. Бисёр наистодему дарро маҳкам карда, ба хона даромадем. Пеш аз он ки ба болини гармакаки кӯдакон дароз кашам, боз як бор ба дидани падарам даромадам. Кара тамошои расмҳоро идома медод.

35. Ман – асп

Гумон накунед, ки баҳузуру ором истодаам, дар асл асрҳост, ки медавам. Дашту саҳроро мегузарам, ҷангҳоро мебинам, духтарони ғамгини шоҳонро ба назди дӯстдоронашон мебарам, аз ҳикоя ба таърих, аз таърих ба афсона, аз китоб ба китоб, аз саҳифа ба саҳифаи дигар мекӯчам. Расми маро хеле зиёд мекашанд, ягон ҳикоя, масал, ягон китоб ва ҷанг, қаҳрамонҳои мағлубнопазир, ошиқони афсонаҳо ва саёҳатҳои онҳо бе ман

намегузаранд, подшоҳони фотеҳамон, ба сафари музаффарона, албатта, маро ҳамроҳ мегиранд.

Аз ин ки ин қадар зиёд расмамро мекашанд, чӣ мегирам ман?

Дуруст, ифтихор мекунам, аммо ба худ суол медиҳам, ки дар ҳамаи расмҳо оё манам? Менигареду ба хулоса меоед, ки дар хаёли ҳар кас сурати ман ба таври дигар аст. Аммо ҳис мекунам, ки дар ҳамаи ин расмҳо як монандӣ, як умумият ҳаст.

Чанде пеш шунидам, ки рассоме ба рафиқонаш нақле мекард. Короли фарангии кофир мехоҳад духтари қайсари Румро ба занӣ гирад. Хонадор мешавад, аммо чӣ бояд кард, агар ногаҳон қайсар фақир ва духтараш безеб барояд? Ба наққоши беҳтарин мегӯяд, бирав, духтари қайсари Рум, молу мулк, боигариашро бикаш. Румиҳо номаҳрам чист намедонанд, рассомро ба назди духтар роҳ доданд, қаср, аспхонаҳоро нишон доданд. Рассоми ҳунарманд ҳар якеро кашид, ин духтар, ин асп, тамошо кунед. Короли фарангӣ бо мақсади он ки хонадор шудан ё нашуданашро муайян кунад, супориш дод расмҳоро рӯйи ҳавлӣ паҳн кунанд, ҳамин вақт аспи ӯ чашмаш ба модиёни зебое, ки дар яке аз расмҳо тасвир шуда буд, афтида, чунон эҳсосаш боло гирифт, ки бо олоти бузургаш расмро пахш кард, ҳайвонро ба душворӣ нигоҳ доштанд.

Мегӯянд, ки аспи фарангӣ на аз зебоии модиён, ҳарчанд вай зебо ҳам буд, шаҳваташ боло гирифт, балки барои он ки расм пурра ба модиёни ҳақиқӣ монанд буд, ҳамоне, ки рассом ба он нигариста мекашид. Оё гуноҳ аст – тасвир шудан монанди он модиён? Ҳоло чи тавре ки мебинед, аз дигар расмҳои кашидаи асп қариб фарқият надорам.

Дар асл, ҳар кас агар диққат кунад, дарозии пой, зебоӣ ва ғурури маро бинад, пай мебарад, ки каме

фарқият ҳаст. Аммо гап аслан дар фарқият нест, дар он аст, ки наққоши маро кашида ҳунармандтар аст. Ҳамаатон медонед, ки дар асл аспе, ки пурра ба ман монанд бошад, мавҷуд нест, буда наметавонад. Ман танҳо рамзи асп дар тахайюли рассом мебошам, ки кашида шудаам.

«Чӣ хел аспи зебо!», -мегӯянд ба ман нигариста. Дар асл маро не, наққошро таъриф мекунанд. Дар асл ҳамаи аспҳо аз якдигар фарқ мекунанд ва инро пеш аз ҳама наққош мушоҳида мекунад.

Чӣ ҷойи шарм, ҳатто узви таносули мо, аспон, ба ҳамдигар монанд нест. Натарсед, метавонед аз наздик бинед, ҳатто мумкин даст расондан. Аз они ман, мошоллоҳ, шакли хоси худро дорад, монандаш нест.

Ҳамаи мо, аспҳоро, агар холиқи олам, Худованди карим чунин гуногун офарида бошад, чаро наққошҳо ҳамон тавре ки боре азбар кардаанд, мекашанд? Чаро моро ягон бор нигоҳ накарда, ҳазор бор, даҳ ҳазор бор кашидам, гуфта, худашонро таъриф мекунанд? Чунки онҳо оламро на бо чашме, ки мебинанд, балки чи тавре ки Худованд мебинад, кашиданӣ мешаванд. Ин магар ширк нест?! Ҳошокаллоҳ! Гӯё он чизе, ки Худованд мекунад, мо ҳам карда метавонем. Магар он наққошоне, ки ба он чизе, ки чашми биноятон мебинад, қаноатманд нашуда, мегӯянд, ки аз хаёламон ҳазорҳо расми аспро, монанд ба оне, ки Худованд мебинад, кашида метавонем, гунаҳкор намешаванд, охир, онҳо бо Худованд мусобиқа карданианд?

Ҳоло, ки баҳс ба ин ҷо расид, гузоред, озоду рӯшод ҳарф занам. Усулҳои нави расмкашии устодони фарангӣ зиддидинӣ нестанд, ба динамон мувофиқанд. Амон аз бародарони эрзурумиам, ки боз фикр накунанд… Ба ман маъқул нест, ки кофирони фарангӣ ба зану духтаронашон иҷозат медиҳанд, ки нимбараҳна гарданд, манфиати

қаҳвахонаву писарҳои барноро намедонанд, ришу мӯйлабашонро метарошанду монанди занҳо мӯйҳояшонро дароз мекунанд, ниҳоят, мегӯянд, ки гӯё Ҳазрати Исо дар як вақт ҳам Худо аст ва ҳам одам. Барои ин аз онҳо чунон норозиам, ки яктоашон агар дар паҳлуям афтида монад, лагад хоҳам зад.

Инсон набояд ин қадар танбал шавад. Аммо он рассомоне, ки дар ягон ҷанг иштирок накарда, мисли занҳо дар хона мешинанд, ба ҷонам расондаанд, онҳо маро нодуруст тасвир мекунанд. Ба назари онҳо дар тохт мо ҳар ду поямонро баробар мебардоштаем. Ягон асп чун харгӯш намедавад. Ман поямро бо навбат боло мекунам. Ягон асп монанди саги кунҷков як пояшро пеш намекашад, дар ҳоле, ки пойи дуюмаш дар замин устувор аст, инро дар ҳамаи расмҳое, ки сафари ҷангиро тасвир кардаанд, дидан мумкин аст. Ягон дастаи савора монанд ба расмҳои шумо ҳаракат намекунад: қадаммонӣ баробар, сояҳо баробар. Мо, ки аскари пиёдагард нестем, ки баробар шиҳа кашему баробар пой гузорем. Агар кор надошта бошем, касе нигоҳамон накунад, сарамонро хам карда, алаф мехӯрем. На ин ки худро ба намоиш гузорем! Чаро аз алаф хӯрдани мо, хобиданамон, даст ба об бурдани мо хиҷолат мекашед? Баъзе узвҳои маро тамоман намекашед. Охир, Худованд чунин офаридааст, ман, ки худам дарнаёвардаам. Чӣ бадӣ дорад, агар зане, кӯдаке дар танҳоӣ ба он чашмаш афтад? Аз воизи эрзурумӣ пурсиданиам, чӣ шумо ба ин ҳам зид ҳастед?

Нақл мекунанд, ки замоне дар Шероз шоҳи пир ва бадгумон зиндагӣ мекард. Зиёдтар аз ҳама метарсид, ки аз тахт меафтонанду писарашро ба ҷояш мешинонанд. Бинобар ин, писарашро ба Исфаҳон ҳоким карда нафиристод, балки дар як ҳуҷраи қаср назарбанд кард. Дар ин ҳуҷра, ки ҳатто тиреза надошт, шоҳзода сию як

сол умр ба сар бурд, ягона машғулияташ китоб буд. Баъди он ки падараш ба он дунё реҳлат кард ва ӯ тахти шоҳиро соҳиб шуд, аввалин супоришаш ин буд: «Зуд ба ман асперо биёред! Ман расми вайро дар китоб зиёд дидаам, акнун мехоҳам зиндаашро бубинам». Вақте ки надимон аспи беҳтаринро оварданд, шоҳ ба бинии ночаспон, бадани нофармон, ёлу мӯйи на он қадар дурахшони вай назар дӯхта пушаймон шуд, охир, дар расмҳо тамоман чизи дигар тасвир мешуд. Сари қаҳр фармон дод, ки ҳама аспҳоро дар кишвараш нобуд кунанд. Чил рӯз аспкушӣ идома ёфт, хуни асп оби дарёҳоро сурх кард. Аммо адолати Худованд болост, ба зудӣ урдуи туркманҳои Каракоюнлу ба Шероз ҳуҷум овард, лашкари шоҳ, ки бе савора монда буд, шикаст хӯрд, худи шоҳ ҳалок шуд. Бинобар ин, дониста бошед, ки хуни асп барҳадар нахоҳад рафт, он хунбаҳои худро дорад.

36. Номи ман Кара аст

Баъди он ки Шакура ба назди бачаҳо рафт, хеле ба садоҳои хона, шараққоси беохир гӯш дода нишастам. Лаҳзае ба гӯшам расид, ки Шавкату Шакура оид ба чизе пичиррос заданду баъди «ҷимм» гуфтани модарашон хомӯшӣ барқарор шуд. Ҳамоно баъди ин аз рӯйи ҳавлӣ, канори чоҳ садое баромад, боз ҳама ҷоро хомӯшӣ фаро гирифт. Сипас, диққатамро парандае, ки болои бом нишаст, ба худ ҷалб кард, аммо он ҳам хомӯш гашт. Баъди чанде аз охири дигари даҳлез садои гиря ба гӯш расид: Ҳурия дар хобаш мегирист. Ҷойи гиряро сурфаи сахти кӯтоҳ гирифт ва боз аз нав дар хона хомӯшии сарду ҳаросовар ҳукмрон гашт. Баъд, ба назарам намуд, ки дар ҳуҷрае, ки ҷасади язна гузошта шудааст, касе ҷунбуҷӯл дорад, танамро арақи сард пахш кард.

Торикиро гӯш карда истода, расмҳоро нигоҳ мекардам, ки чӣ тавр Зайтуни пурэҳсос, Парвонаи шаҳлочашм, марҳум музаҳҳиб болои онҳо кор карда, ҷадвал кашида, ранг кардаанд. Мехостам наққошиҳоро монанди язнаам ба номашон «Шайтон», «Марг» гуфта ёдоварӣ кунам, аммо ин маро ба ҳарос меовард. Бо исрори язнаам то ба ҳол ба ин расмҳо ҳикояе навишта натавониста будам, аз ин рӯ, расмҳо аслан қаҳру ғазабамро меоварданд. Оҳиста-оҳиста ба фаҳми он мерасидам, ки ин расмҳо ба марги язнаам бевосита алоқамандие доранд, аз ин ҷиҳат андаке тарс ва беқарорӣ маро фаро мегирифт: танҳо ба хотири он ки ба Шакура наздикӣ пайдо кунам, ба нақлҳои язна дар бораи ин расмҳо гӯш дода, онҳоро хуб тамошо кардаам. Ҳоло Шакура ҳамсарам аст, чаро диққатамро ба ин чизҳои ваҳшатангез ҷалб кунам? «Барои он ки Шакура ҳатто баъди хобидани бачаҳо ба наздат наомад», –як садои бераҳм аз вуҷудам баромад. Чашмсиёҳаки зебоям ҳеч наомад, ҳарчанд дурудароз шамъро хомӯш накарда, ба расмҳо нигоҳ карда нишастам.

Субҳ бо фарёди Ҳурия бедор шуда, шамъдонро аз паҳлуям гирифта, тохта ба даҳлез баромадам. Лаҳзае хоболуд аз дилам гузашт, ки Ҳасан бо одамонаш ба хона ҳуҷум кардаанд, зуд расмҳоро бояд пинҳон кард. Аммо ҳамоно ба хотирам расид, ки барои он ки мурдани Эниште-афандиамро бачаҳо ва ҳамсояҳо донанд, Шакура ба Ҳурия фармудааст, ки овоз андозад.

Бо Шакура дар даҳлез сарбасар задем, ҳамдигарро ба оғӯш кашидем. Бачаҳои аз фарёди Ҳурия бедоршуда моро дар ин ҳолат дида, дар ҷояшон шах шуда монданд.

– Бобоятон мурд, –гуфт ба онҳо Шакура. –Ба он хона надароед.

Аз бағалам раҳо хӯрд ва рафт ба сари падараш барои гиристан.

Бачаҳоро аз нав ба хона даровардам.

– Либосҳоятонро пӯшед, хунук мехӯред, –гуфтам ба онҳо ва дар канори рахти хобашон нишастам.

– Бобоям субҳ не, шаб мурда буд, –гуфт Шавкат.

Дар рӯйи болиш мӯйи дарози шиноси Шакураи зебоямро дидам, ки ба шакли ҳарфи вов тоб хӯрда буд ва гӯё ба ман чизе гуфтан мехост. Рӯйҷо ҳоло бӯйи гармии тани ӯро дошт. Акнун ба гӯш мерасид, ки онҳо ҳар ду бо Ҳурия мегирянд ва овоз меандозанд. Шакура чунон аз таҳти дил менолид, ки гӯё аз марги падараш худи ҳозир огоҳ шудааст, эҳсос мекардам, ки то ҳол Шакурароро нағз намедонам, дар вай шояд ҷини ношиносе буд, ки намедонистам.

– Метарсам, –гуфта Орҳан ба ман чунон нигарист, ки гӯё барои гиристан иҷозат мехост.

– Натарсед, –гуфтам, –модаратон барои он мегиряд, ки мурдани бобоятонро ҳамсояҳо фаҳманд ва биёянд.

– Биёянд, чӣ мешавад? –пурсид Шавкат.

– Омада, бобоямон вафот кардааст, гӯён баробари мо ғамгин мешаванд ва мегирянд. Бо ин дарди мо кам ва сабуктар мешавад.

– Бобоямро ту куштӣ?! –ногоҳ гирякунон пурсид Шавкат.

– Модаратро гӯш накунӣ, ман туро дӯст нахоҳам дошт! –сахт карда гуфтам.

Ба падари ҳақиқии ин ятимон монанд набудам, монои ду ҳарифе будем, ки дар ду канори рӯди кӯҳӣ ҳамдигарро мепоянд. Ин вақт Шакура барои он ки овозаш ба гӯши ҳаммаҳаллаҳо равшантар расад, ба долон баромада, тахтаҳои тирезаро кушоданӣ шуд, ки натавонист.

Ҳис кардам, ки тамошобин буда наметавонам, аз хона баромадам. Ба тирезаи раҳрав дукаса зӯр овардем, тахтаҳои тиреза канда шуда, ба рӯйи ҳавлӣ афтиданд. Ба рӯямон нури офтобу шамоли хунук зад ва лаҳзае шах

шуда мондем. Шакура гӯё мехост тамоми дунёро хабар кунад, бо тамоми овоз ба гиристан даромад.

Акнун, ки ба тамоми маҳалла марги язнаам эълон шуд, пурра мефаҳмидам, ки чӣ ҳодисаи даҳшатовар ва ғамгусор ба сарамон омада, то ба ин вақт инро дуруст дарк намекардам. Ҳар қадар самимӣ, ҳар қадар сохта бошанд ҳам, гиряҳои ҳамсарам ба ман таъсир бахшиданд ва худам ҳам беихтиёр ба гиристан даромадам. Аммо дақиқ намедонистам он лаҳза чӣ ҳиссе доштам: нороҳатӣ аз марги шавҳари хола, нороҳатӣ аз бесаранҷомии Шакура ё шояд тарс аз таҳдидҳои Ҳасан?

– Рафт, рафт, падарҷонам аз даст рафт! –овоз меандохт Шакура.

Ёдам ҳаст ман ҳам дар байни гиря чизе монанд ба ин гуфта овоз меандохтам, аммо дар ёд надорам чӣ мегуфтам. Тасаввур мекардам, ки ҳамсояҳо аз берун, аз дару тирезаҳояшон бо ҳисси ғамхорӣ ва дилсӯзӣ ба мо менигаранд, бинобар ин, кори худро дуруст меҳисобидам ва бештар ҷон гирифта, аз таҳти дил мегиристам. Ҳар қадар бештар гирям, камтар мефаҳмидам, ки барои чӣ гиря мекунам, вале дигар боварӣ доштам, ки ин ба хотири тарс аз Ҳасан ва одамонаш нест, балки ба хотири нороҳатиам аст, ё ба хотири худам ё ба хотири Шакура.

Ё шояд аслан инҳо ашки шавқ буданд, барои он ки баъди ин қадар сол бо Шакура якҷо шудам – дар кадом вазъияте, ки набошад, фарқ надорад. Бинобар ин, арӯсамро ба оғӯш гирифтам ва аз нигоҳи кӯдакони гирён парво накарда, бо пушти дастам ашкҳояшро пок кардам, аз бари рӯяш бӯсидам, навозиш кардам. Ҳарчанд дар ин миён лаҳзае аз гиря бознамеистодем, боз он бӯйи хосашро мешамидам. Аз бачагӣ ин бӯй бо ӯ буд, шабеҳи бӯйи шохаҳои навраси дарахти бодом, ки ҳамеша аз рӯю мӯй ва болинаш меомад.

Баъд дасти бачаҳоро гирифтем ва рафтем ба хонае, ки ҷасади язнаам он ҷо буд.

– Ло илоҳа иллалоҳ, –баланд такрор кардам, гӯё аз мурдани шавҳари холаам акнун бохабар шуда бошам. Ин ҳарфҳоро барои он мегуфтам, ки охирин ифодае, ки дар ин дунё мешунавад, ҳарфи Худо бошад ва он дар он дунё ҳамроҳаш бошад. Намедонам, воқеан, бӯяш кам шуда буд, ё чунин эҳсос мекардам, ки гӯё ду рӯз пеш намурда бошад. Шояд Ҳурия ягон коре карда буд. Ба сари кафидаи шавҳари хола, ки нигоҳ кардам, ин бор воқеан, ба хотири худи ӯ гиряам гирифт. Дастонамро бардошта, шурӯъ кардам ба қироати сураи Ёсин. Дигарон хомӯш буданд ва гӯш мекарданд. Ёсин, ки тамом шуд, чашмҳо ва даҳони язнаамро бастам. Намедонам, баъди ин ду рӯз чаро даҳанаш ҳанӯз маҳкам нашуда буд. Фикр мекардам, чанд соат пас аз марг пӯшида мешавад, ҳамин тавр шунида будам. Ҳурия кафаниеро, ки худи язна аз Макка оварда буд, овард ва пӯшондемаш. Баъд рӯ ба қибла хобондемаш. Ҷойпӯши сафедеро, ки дар дасти Шакура буд, ба болояш кашидем.

Дигар аз гиряву зорӣ хабаре набуд, ҳама хомӯш шуданд. Маро он писанд буд, ки чӣ тавр бачаҳо оромона, бо диққат ва ба таври ҷиддӣ амалҳои моро назорат мекунанд. Ҳама нигарони он буданд, ки ман чӣ мегӯям. Дар ин лаҳза ин аввалин бор буд, ки дар ҳақиқат худамро сарпарасти хонавода медидам, аз ин ҳис хушҳол гаштам.

Наққошиҳои зарурирро даста карда, дар даруни як ҷилд гузоштам ва чакмани гармамро пӯшидам ва аз хона баромадам. Дар кӯча хеле аз аҳолии маҳалро дидам, ки ба маҳзи шунидани хабари марги шавҳари холаам саросема ба хонаи мо меомаданд. Як кампираки пояш ба лаби гӯр расида аз дасти духтарчае дошта, чунон бо шавқу завқ тарафи хонаи мо меомад, ки гӯё меравад ба ҷашни арӯсӣ.

Вонамуд кардам, ки онҳоро намебинам ва кӯчаро паси сар карда, ба масҷиди маҳалла рафтам.

Чуноне ки аксар вақт дар ҳар замону макон мешавад, «ҳуҷра»-и зисти имом дар назди иморати навсохти бошукӯҳи масҷиди маҳалла, ки манораҳояш то дили осмон буд, хеле ҳақирона метофт. Дар саҳни васеи масҷид аз ин ҳуҷрачаҳо дусадторо ҷой диҳӣ, боз ҷой мемонад. Аммо имом, ҳамон тавре ки ҳама вақт мушоҳида мешавад, ғайр аз ин ҳуҷра тамоми масҷидро хонаи худ меҳисобид ва бинобар ин, бо он ки ҳамсари ҷулҳундипӯшаш дар байни дарахтони ҳавлии масҷид торе кашида, ба он либосҳои куҳнаву рангпаридаи шустаашро барои хушк кардан меовехт, эътибор намедод. Ду саги бадафти чиркин, ки онҳо низ шояд масҷидро чун имом хонаи худ меҳисобиданд, ҷонибам ак-аккунон омаданд, аммо бо камтарин таҳдиди писарбачагони имом ором шуда, дами дари вурудии боғчаи масҷид дароз кашиданд. Аз канорашон бо азобе убур кардам, чун пайраҳа сербарф буд. Дохили боғча шуда, рост тарафи имом рафтам, нигоҳаш гӯё мепурсид: «Ҳа, боз чӣ шуд?», ба оҳанге, ки гӯё ба сари ман ҳар рӯз балое меомада бошад. Аммо дуруст андеша кунам, ба он сабаб нороҳат буд, ки пешниҳодашро барои хондани хутбаи ақди никоҳ қабул накарда будам. Охир, дирӯз, вақте ки аз маросими талоқ бармегаштем, хоҳиш карда буд, ки хутбаи ақдамонро худаш хонад.

– Эниште-афандиам ҳамин пагоҳ аз дунё гузашт, – хабар додам.

– Худованд раҳматаш кунад, ҷояш биҳишт бошад! –аз таҳти дил хитоб кард.

Аз гуфтани ин ҷумла худро бад ҳис кардам, дурӯғ гуфтанро нағз намебинам, аммо дида мешавад, одат карда истодаам. Охир, ибораи «ҳамин пагоҳӣ»–ро шарт буд илова кардан? Бо ин андеша зуд яке аз сиккаҳои

тиллоро гузоштам ба кафи домулло. Баъд илова кардам, ки ҳар тавре, ки худаш салоҳ медонад, аҳолии маҳалро хабар диҳад ва маросими салоти ҷанозаро ба роҳ монад.

– Бародарам як шиноси нобино дорад, бо ӯ майитро хоҳем шуст, –ваъда дод ӯ.

Наход язнаамро як кӯр шӯяд, чӣ мегӯяд ин аблаҳ? Ба ӯ фаҳмондам, ки намози ҷаноза вақти пешин бояд баргузор шавад, он бо иштироки ашхоси боэътимод мегузарад, одами бисёр аз дарбор, наққошхона, мадорис ҷамъ меоянд. Дар бораи он ки сару рӯйи язнаам пора-пора гаштааст, ёдовар нашудам. Ба хулоса омадам, ки барои ҳалли масъалаи мазкур дар сатҳи боло ёрӣ хоҳанд расонд.

Азбаски пули китоби супориширо подшоҳамон тавассути сархазинадор ба язнаам медод, бояд пеш аз ҳама хабари мурдаро ба ин ҷаноб мерасондам. Барои ба қаср роҳ ёфтан рафтам ба корхонаи[106] хайётие, ки дар муқобили дарвозаи Соукчашма ҷойгир аст, ба назди як тан хешованди падари марҳумам, ки он ҷо рӯйкашкунанда шуда кор мекард ва дастони пиронаашро бӯсидам. Гуфтам, ки худи ҳамин рӯз ҳатман бояд раиси хазинадориро бинам. Ӯ маро дар байни шогирдони тоссар, ки дар сари зонуҳояшон пардаҳои аз ду порчаи матои гуногунранги абрешим иборатбударо гузошта медӯхтанд, шинонда, гуфт, ки интизор шавам, баъд ёрдамчии сардорро, ки барои гирифтани супоришҳои нав ва кори ҳисобу китоб ба қаср мерафт, розӣ кунонд, ки маро ҳамроҳаш гирад. Ба майдони Алай мо тавассути дарвозаи Соукчашма баромада, аз паси Айя-София гузашта, тарафи наққошхона тоб хӯрдем, аз дилам гузашт, ки хуб аст, ки вақти даромадан надорем, вагарна рассомонро аз ҷиноят хабардор кардан лозим меомад.

---

[106] *Корхона* – ба туркӣ низ корхона.

Майдони Алай чун ҳамеша ба назари ман ҳамон қадар холӣ намояд, ҳамон қадар серғавғо буд. Дар назди дарвозаи девон, ки рӯзҳои маҷлис талабгорони зиёд навбат мепоиданд, ҳамчунин, назди дарвозаи анборҳои коғазу матоъ ягон нафар наменамуд. Аммо боз ҳам чунон ба назар менамуд, ки аз устохонаҳои наққорӣ, нонвойӣ, аз тирезаҳои беморхона, саисхонаҳо, аз ҷониби дарвозаи дуюми ба сар кулоҳи нӯгтез дошта (ба кулоҳи он бо ҳайрат нигаристам), ки наздаш саисон аспҳоро аз лаҷомашон дошта меистоданд, ҳатто аз сӯйи дарахтони савр садоҳои гуногуни беохирро мешунавам. Ин дар ҳаётам дафъаи аввал буд, ки вориди дарвозаи дуюм, Бобуссалом[107] мешавам, аз ин рӯ метарсидам.

Ҳарчанд сайъ кардам, ҳангоми аз дарвоза гузаштан ҳаяҷонамро аз дидани ҷаллодҳое, ки мегӯянд ҳамеша ба эъдом ҳозиранд, пинҳон карда натавонистам, онҳо шояд бастаи дастамро дида гумон карданд, ки ёрдамчии роҳбалади хайёт ҳастам.

Дар майдони девон хомӯшӣ ҳукмрон буд. Таппиши дилам ва дар рагҳои гарданам давидани хунро ҳис мекардам. Ба қасре медаромадам, ки язнаам ва ашхоси дигар онро чӣ қадар таърифу тавсиф мекарданд, он чизе, ки маро иҳота карда буд, боғи биҳишт, як чаҳорбоғи рангоранг ва зеботаринро мемонд. Аммо ман ҳиссиёти хурсандибахши касеро, ки вориди биҳишт мегардад, надоштам, баръакс, меҳаросидам, равшан пай мебурдам, ки як ғуломи подшоҳ ҳастам, ки шубҳае нест, сояи Худо дар замин аст. Ба товусоне, ки миёни сабзазор мехиромиданд, ба фаввораҳо ва дӯлчаҳои зарини ба онҳо бо занҷир басташуда, ба чавушҳои[108] либоси бирешимӣ ба бар, ки бесадо, гӯё пояшон ба замин намерасид, роҳ

---

[107] *Бобуссалом* –даре, ки ба ҳавлии дуюми (аз чор) қасри подшоҳии Тошкаппа мебарад.

[108] *Чавуш* – хизматчии дараҷаи миёна дар девон.

мерафтанд, менигаристам. Маро ҳиссиёте фаро гирифт, ки метавонам ба ҷаҳонпаноҳи хеш хидмат кунам ва аз ҷумлаи хидматгорони ӯ бошам. Кӯшиш мекунам, кори китоби подшоҳамонро ба охир расонам. Наққошиҳоеро, ки дар зери кашам буданд, омода кардам ва пой ба пойи ёрдамчии раиси хайётхона пеш рафтам. Эҳе, аз ёдам рафтааст, агар ба ҷойи ман шумо ҳам мебудед, бо дидани ин ҳама зебоиву шавкат хавосатон парешон мешуд ва намедонистед аз куҷо гап сар кунеду ба куҷо ба итмом расонед.

Аз паси ғуломбачае, ки роҳбалади мо буд, тарсону ҳаросон, бе гапу ҳарф чун дар хоб аз паҳлуи девонхона ва бинои хазина гузаштем. Гумон мекардам, ин ҳолат бо ман замони гузашта рӯй додааст, худро дар хоб ҳис мекардам.

Аз дари васеъ дохили иморате шудем, ки бо номи Девонхонаи куҳна маъруф аст. Дар зери як гунбади бузурги он устоҳоеро дидам, ки дар дасташон матоъ, порчаи чарм, дастаи нуқраи ханҷар, сандуққои садафкорӣ доштанд. Ҳамоно фаҳмидам, ки онҳо аҳли касбу корҳои гуногуни дарбори подшоҳамон: силоҳсозон, пойафзолдӯзон, устоҳои ҷавоҳироту нуқракорӣ, кандакорӣ, устои асбобҳои мусиқӣ мебошанд. Ҳар яке аз онҳоро ба назди дари хазинадорӣ эҳтиёҷоти гуногун овардааст: барои кори ҳисобу китоб, қабули мавод, ба даст овардани иҷозатнома барои ворид шудан ба хонаҳои дарунӣ. Аз он ки дар байнашон нафаре наққош нест, хурсанд шудам.

Мо ҳам дар гӯшае интизор шудем. Ҳар замон садои омиронаи котиби хазинадор ба гӯш мерасид, ки такроран ба хато будани ҳисобҳо ишора мекард, ҳамчунин, ҷавоби боэҳтироми ягон нафар устои калидсоз, ки рақами дурустро мегардонд. Ҷамъомадагон пичирросзанон ҳарф мезаданд, аз ин рӯ, болзаниҳои кабӯтарони зери гумбаз

шикоятҳои санъаткоронро дар бораи камии маблағи пардохтшаванда ва ашёи ҷудошуда пахш мекард.

Навбатам расиду ба ҷойи сархазинадор дар хонаи хурди гумбаздор танҳо котибро дидам. Дарҳол ба раиси хазинадорӣ оид ба як масъалаи муҳим арз доштанам, ба китоби супоришии подшоҳамон дахл доштани он ва мавҷуд будани эҳтимоли ба охир нарасидани онро хабар додам. Котиби манқанамо чизе зери лаб ғурунгид, расмҳои китоби язнаамро нишонаш додам. Вақте пай бурдам, ба расмҳои аҷоиб ва ғайриодӣ нобоварона менигарад, номи язнаам, лақабаш, корҳояшро зикр кардам, илова кардам, ки аз боиси ин расмҳо ӯро куштанд. Саросема ҳарф мезадам. Чунки хуб медонистам, ки агар аз қаср ба подшоҳамон ҳақиқатро нарасонда баргардам, дар марги язнаам маро гунаҳгор хоҳанд кард.

Вақте ки котиб барои ба сархазинадор расондани масъалаи ман дур шуд, танамро арақи сард пахш кард. Аз нақлҳои язнаам медонистам, ки сархазинадор аз паҳлуи подшоҳамон дур намешавад, баъзан ҳангоми намоз ҷойнамозашро мегустарад ва аз ҳама асрори дарбор огоҳ аст; барои ман шуда аз хонаҳои дарун берун мебаромада бошад? Ба назарам як худи ба даруни қаср фиристода тавонистани як нафар, ки дар бораи корам хабар мерасонад, ғайриоддӣ менамуд. Ҳазрати подшоҳамон дар куҷо бошанд, дар ягон кӯшки соҳил, дар ҳарам, сархазинадор бо он кас бошад?

Маро баъди хеле вақт чеғ заданд, лаҳзаи аввал ҷасурона қадам задам, фикри тарсидан надоштам. Аммо дар назди дар бо устои ба истиқболам баромада, ки чеҳрааш ифодаи хайрхоҳона ва ҳайронӣ дошт, вохӯрда, аз нав ба талвоса афтидам. Дарун даромадан замон тарсидам, фаҳмидам, ки ҳеч чиз гуфта наметавонам. Сари

ӯро сарпӯше[109] оро медод бо риштаҳои зарин, ки танҳо вазирон чунин мепӯшанд, вай сархазинадор буд. Расмҳои овардаамро, ки котиб дар рафе паҳн карда буд, аз назар мегузаронд. Гӯё, ки онҳоро худам кашида бошам, тарсидам. Канори ҷомаашро бӯсидам.

– Писарам, –гуфт, –оё ман дуруст фаҳмидам, Эниште вафот кардааст?

Лаҳзае аз ҳаяҷон ё аз эҳсоси гуноҳ, ки маро фаро гирифт, ҷавоб надодам, бо ишораи тасдиқ сар ҷунбондам. Худи ҳамин вақт ҳодисаи ғайриоддӣ рӯй дод: аз чашмонам ашк ҷӯшида баромад ва ба рухсорам ҷорӣ шуд, сархазинадор бо ифодаи фаҳмиш ва андак парешонҳолӣ ба ман менигарист. Мефаҳмам, дар қасри подшоҳамон қарор доштан, подшоҳамонро танҳо гузошта, ба назди ман барои суҳбат омадани сархазинадор, ба подшоҳамон наздик қарор доштанам маро тамоман саргаранг карда буд. Аз чашмонам ашк чун дарё мерехт, ҳатто аз ин шарм намекардам.

– Бояд гиря кунӣ, писарам, –гуфт сархазинадор.

Ҳиқ-ҳиққунон мегиристам. Ба назарам менамуд, ки дар ин дувоздаҳ сол ба камол расидаам. Аммо вақте ки инсон ба подшоҳамон, ба қалби давлат ин қадар наздик мешавад, албатта, худро монанди кӯдак эҳсос мекунад. Парвое надоштам, ки гиристани маро устоҳои дар навбат истода мешунаванд, зеро медонистам: ҳоло метавонам ҳама чизи гузаштаро ба сархазинадор нақл карда диҳам.

Ба чашмони сархазинадор нигариста ба нақл пардохтам: дар бораи бо Шакура хонадор шуданам, мушкилоти китоби язнаам, асрори пинҳонии расмҳо, таҳдидҳои Ҳасан, ҷасади язнаам нақл мекардаму торафт ором мешудам. Бо тамоми ҳастӣ дарк мекардам, ки танҳо бо такя ба адолат ва шафқати олампаноҳ[110] подшоҳамон

[109] *Сарпӯш* – дар асли китоб «серпӯш».
[110] *Олампаноҳ* – дар асли китоб низ чунин аст.

метавонам аз ин доми бало, ки ба он афтодаам, раҳоӣ хоҳам ёфт, бинобар ин, чизеро пинҳон намекардам. Намедонам, чаро аз адолат ва шафқати подшоҳамон ин қадар дилпур будам. Ин ба ман ҷуръат бахшид, ки гап занам, аммо баъд фикр кунам, зиёд ҳарф задаам. Танҳо касе, ки ба ӯ он қадар мутмаин набудам, сархазинадор буд, оё ӯ маро ба шиканҷакунандагон, ҷаллодон таслим намесозад ва нақли маро пурраю дуруст ба фармонравои ҷаҳон,[111] подшоҳамон мерасонад?

– Хабари марги Эниште-афандиро дарҳол ба наққошхона расонед, –гуфт сархазинадор. –Дар ҷаноза тамоми наққошҳо иштирок кунанд.

Инро гуфта, бо мақсади он ки оё эътирозе дорам, бо назари кунҷковона ба ман нигарист. Ин ба дилам як навъ қувват бахшид, аз ин рӯ, шубҳаамро дар бораи язнаам ва Зариф-афандиро кӣ, барои чӣ куштааст, изҳор доштам. Ба одамҳои воизи эрзурумӣ, ки мусиқӣ менавозанд, рақс мекунанд гуфта, ба токҳо ҳуҷум мекунанд, ишора кардам. Дидам, ки сархазинадор ба шубҳаам бо шубҳа менигарад, ба баёни раъйи дигар гузаштам: кор дар болои китоби Эниште-афандӣ кори ҳам пулдор ва ҳам шарафнок буд, ки ин метавонад дар байни худи наққошҳо як навъ рақобат ва ҳасадро ба вуҷуд оварад, ҳамчунин, асроре, ки дар мавриди китоб мавҷуд аст, ҳисси душманӣ, нафрат ва ғайбатро афзун намудааст. Инро гуфтаму ҳис кардам, ки ҳамоно чун дар дили шумо дар дили сархазинадор ҳам нисбат ба ман баъзе гумонҳо ба вуҷуд омаданд. Оҳ, Худо, ҳар чиз нагӯед, ман чизи дигар мегӯям, бигзор ҳақиқат ғалаба кунад, чизи дигар намехоҳам!

Хомӯшӣ ба миён омад. Сархазинадор нигоҳашро гурезонд, гӯё аз суханонам худро ноҳинҷор ҳис мекард, чашмашро ба расмҳо дӯхт.

---

[111] *Шиканҷа, ҷаллод, ҷаҳон, дарҳол* – дар асли туркӣ низ ба ин шакл.

– Дар ин ҷо нуҳто, –гуфт. –Бо Эниште барои даҳ расм гуфтугӯ шудааст. Барои ин расмҳо аз он ки истифода кардаанд, бештар варақаи тилло дода шудааст.

– Қотили беимон аз хонаи беодам расми охиринро, ки дар он тиллои зиёд истифода шудааст, дуздидааст, –ҷавоб додам.

– Хаттот кӣ буд?

– Язнаи раҳматиам матни китобро ҳанӯз[112] ба охир нарасондааст. Мехост дар ин кор ман ба ӯ ёрӣ диҳам.

– Писарам, мегӯӣ, ки қарибӣ ба Истанбул баргаштаӣ?

– Як ҳафта пеш, баъди се рӯзи кушта шудани Зариф-афандӣ ба Истанбул баргаштам.

– Пас, Эниште барои китобе, ки ягон калима надорад, як сол расмкашӣ кардааст?

– Бале.

– Ин китоб чӣ гуна мешавад, ӯ дар ин бора ба ту гуфт?

– Гуфт, ки бо дархости подшоҳамон омода мешавад, он ба ифтихори ҳазорсолагии ҳичрати Пайғамбарамон (с) ба қайсари Рум қуввату бузургии ислом, азамату бузургии давлати моро нишон медиҳад ва дар дили фармонравои Рум тарсу ҳаросро ҷойгир мекунад. Бо ин китоб расмҳо ва тамоми арзишҳои муҳимми дунёи мо пешниҳод мегардад ва дар маркази он расми подшоҳамон ҷой дода мешавад. Азбаски дар китоб усули устодони фарангӣ мавриди истифода қарор мегирад, қайсари Рум ҳайрон мешавад ва хоҳиши бо мо зиндагии дӯстона доштан пайдо мекунад.

– Инро медонам, аммо наход барои Оли Усмон аз ҳама чизи боарзиш ин сагу дарахтҳо бошанд? –ба расмҳо ишорат карда пурсид.

---

[112] *Ҳанӯз* – дар матни асл низ ба ҳамин шакл.

– Язнаи марҳумам мегуфт, ки китоб бевосита сарвати подшоҳамонро не, балки боигарии маънавии он касро ифода хоҳад кард.

– Расми подшоҳамон?

– Онро надидаам, шояд қотил ҷойе пинҳон кардааст, кӣ медонад, ҳозир дар хонааш аст.

Бечора язнаи марҳумам ҳоло дар вазъи шахсе қарор дошт, ки тиллоро қабул карда, китоби ваъдагиро ҳозир накардааст, сархазинадор бошад, чанд расми аҷибро дида, онҳоро беарзиш донист. Оё сархазинадор дар бораи ман чунин фикр намекунад, ки ин одами дар муқобилаш истода барои ба духтари ӯ хонадор шудан ё кӣ медонад, масалан, барои ба даст овардани варақҳои тилло хеши худашро ба қатл расонд? Аз дафтари рӯйи ӯ хондам, ки тақдирам дар нӯги мӯй истодааст, бинобар ин, охирин ғайрат ва талошро ба кор бурда, барои худро халос кардан гуфтам, ки язнаам ба қатли Зариф-афандӣ аз яке аз устоҳои наққош гумонбар буд. Аз Зайтун, Лайлак ва Парвона чӣ шубҳа доштани язнаамро нақл кардам, аммо зуд хомӯш шудам. Ҳам ягон далел надоштам, ҳам худам ба гапҳоям бовар намекардам. Эҳсос намудам, ки сархазинадор акнун дар симои ман як туҳматгари паст ва ғайбатчии нодонро мебинад.

Аз ин рӯ, вақте сархазинадор супориш дод, ки дар наққошхона бо аҷали худ намурдани язнаамро набояд донанд, андак хурсанд шудам ва инро ҳамчун як ишораи наве ба он донистам, ки вай ба ёрии ман муҳтоҷ аст. Расмҳо дар дасти сархазинадор монданд; вақте ки таҳти нигоҳи бодиққати раҳнамоҳо аз дари Бобулислом, ки чанде пеш гӯё чун ба биҳишт ворид мешудам, баромадам, монанди одами баъди солҳо ба хона баргашта рӯҳам сабуку ором буд.

37. Ман– Эниште, язнаи шумо

Ҷанозаамро, ҳамон тавре ки дилам мехост, бисёр зебо гузаронданд. Ҳама одамони мехостаам омаданд, сарамро ба осмон расонданд. Онҳое, ки дар ин рӯзҳо дар Истанбул буданд, вазирон Кибрисли Ҳоҷӣ Ҳусейн-пошо, Топал Боқӣ-пошо аз хидматҳои бузурге, ки замоне барояшон кардаам, ёдовар шуданд. Дар рӯзҳои таъзия омадани дафтардор Кирмизӣ Малик-пошо, ки ҳам дурахшон гаштани ситораи бахт ва ҳам боло рафтанаш вирди забонҳо буд, дар ҳавлии на он қадар калони масҷиди маҳаллаамон боиси гуфтугӯҳо шуд. Омадани сарчавуши девон Мустафо-оғопошоро, ки агар фаъолияти давлатиро идома медодам, вазифаи ишғолкардааш, албатта, насиби ман мешуд, дида, хеле мамнун гаштам. Дидани тазкирачӣ[113] Камолиддин-афандӣ, бисёр дӯстони қарин ва душманонам аз байни чавушони девон, мактубчибошии ҳамеша хандон ва меҳрубони садри аъзам Серт Салим-афандӣ, кормандони собиқу ҳозираи девон, рафиқони мадрасагиам, бисёр шахсони дигар, ки гузаштани маро намедонам аз куҷо фаҳмидаанд, хешовандон, ҳамсояҳо, ҷавонон, ҷамъи зиёд ва бовиқори мардум дар ҳавлии масҷид ба кас фараҳ мебахшид.

Аз вазъи ҷамъомад, ҷиддият, қадршиносиҳо ифтихор мекардам. Сархазинадор Ҳозим-оғо ва бӯстончибошӣ бо ташрифи худ нишон доданд, ки ҳазрати подшоҳамон аз марги ман бисёр ғамгинанд. Аммо намедонам, акнун барои муайян кардани қотилам то чӣ андоза ғайрат нишон медиҳанд, ӯро шиканҷа мекунанд ё не. Ана, ӯро дар ҳавлӣ мебинам, бо як такаббур байни наққошон ва

---

[113] *Тазкирачӣ* – ходими қозиёт.

хаттотон истода, бо чеҳраи гӯё ғамолуд ба тобутам менигарад.

Фақат фикр накунед, ки ҳоло ҳам нисбат ба қотил нафрати бепоён дорам ва кӯшиш мекунам ҳарчи зуд ӯро ба ҷазо расонам. Акнун дар фазои нав қарор дорам, рӯҳам баъди саргардониҳо манзили аслиашро ёфт ва ором аст.

Рӯҳам аз дарду ҷафо раҳо ёфта, дар зери нури рӯшан қарор гирифт. Баъд, ҳамон тавре ки дар «Китобу-р-рӯҳ» омадааст, ду фариштаи зебое, ки табассуми ширине рӯйи лабашон мегашт ва чеҳраашон чун офтоб пурнур буд, оҳиставу нарм ба ман наздик шуданд. Намедонистам, ки рӯҳам чӣ шакл дорад, фақат аз рафтори фариштаҳо ҳангоми бурданашон пай бурдам, ки аз ҷинси ҷисмҳост, ҳамаи ин гӯё дар рӯъё буд, орому бесадо, аммо аниқ ба назарам аён буд, ки ҳар ду аз бозувонам гирифтанду ба ҳаво парвозӣ шуданд. Дар поён ҳама чиз возеҳу равшан дида мешуд. Аз рӯйи ҷангал, хонаҳо, дарёҳо, кӯҳҳо… мегузаштем. Медонистам, ки дар ин муддат даҳҳо сол барои заминиён мегузарад, аммо мо дар як чашм задан ҳамаи инро тай кардем.

Тайи чанд муддат аз ҷойҳое мегузаштем, ки одамон, ҳайвонот, парандаю хазандагон ва ҳар гуна ҳашароту набототро доштанд. Аммо баъд фақат осмон буду абрҳо. Ҳар табақаи осмон як дари бузург дошт. Ба ин дарҳо, ки мерасидем, яке аз фариштаҳо оромона онро мезад, аз дарун садое дилнавозе мебаромад: «Кист?». Фариштаҳо сар мекарданд ба таърифу тавсиф бо ному кирдору унвону корҳоям, аммо дар ҳама дарҳо ин ҳарф тағйир намеёфт, ки: «Яке аз бандагони хуби Худо». Баъди шунидани он дар чашмонам ашки шодӣ ҷӯш мезад, ҳарчанд медонистам, ки то рӯзи қиёмат, вақте ҷойи ҳар кас муайян мегардад – биҳишт ё дӯзах мумкин ҳазорҳо сол мегузарад.

Медонистам, ба ғайр аз баъзе истисноҳо ҳама, он чи ки Ғаззолӣ, Ҷизвия ва дигарон дар бораи зиндагии баъди марг дар китобҳояшон навиштаанд, амалӣ мешаванд. Он вақтҳо фикр мекардам, ки шояд ақлам намерасад, ки баъзе навиштаҳояшонро намефаҳмам, аммо акнун, ки мебинам, ҳама чиз ин ҷо саҳлу рӯшан аст, мефаҳмам: дар ҳақиқат муаллифони он китобҳо масъаларо хеле печида баён кардаанд. Ин ҷо ҳама чиз аз он ки онҳо навиштаанд, нисбатани содаву равшан аст. Намедонам, он муаллифон дар асл инро намедонистанд ё умуман, ҳунари навиштан надоштанд?

Ба шумо чӣ тавр баён созам, ки дидани коинот аз он баландӣ чӣ лаззате дорад?! Аҷаб рангин, зебову хуб, чӣ таркиббандиҳое, шоҳкорҳое, гумон мекунам, ҳатто усули наққошии перспектива ин ҷо ба хубӣ риоя шуда. Валлоҳ, Худованд беҳтарин наққош аст! Пештар ҳамеша дар ҷустуҷӯи он будам, ки чӣ чиз бароям зеботарин ашё бояд бошад. Акнун қатъӣ бароятон гӯям – Ранг! Аммо ҳайф, ки ягон бор кӯшиш накардаам, ки чизеро ба ранги дӯстдоштаам, ранге, ки худам мехоҳам бинам, бикашам. Ҳоло ҳама чиз ба ранге буд, ки мехостам. Осмон ранги зарди лимуӣ – ҳама вақт: шабу рӯз, субҳу шом, одамҳо сабзанд – шабеҳи баргҳои ниҳоли навраси фасли баҳор, тухми мурғ – хокистарӣ, аспҳо – обиву осмонӣ. Ҳама чиз ба ранге буд, ки дар афсонаву ривоятҳо хондаву шунидаам. Бинобар ин, ҳарчанд ҳамаи инро бори аввал медидам, боз фикр мекардам, ки онҳо аз хотироти мананд ва бароям шинос. Аслан масъалаи чӣ тавр шакл гирифтани хотирот ва робитаи онро бо тачриба ба шумо тавзеҳ додан мехоҳам, аммо намедонам, аз дастам меояд ё не. Душвор корест ва ягон бор дунболи ин масъалаҳо нагаштаам. Фақат ин ҷо бароятон мегӯям, ки ҳамаи он чизҳоеро, ки ин ҷо дидам, дар хотиротам буд, ҳарчанд тачриба накардаам. Бояд гӯям, ин ҷо замону макон ҳадду

ҳудуд надоранд. Метавон ҳамзамон ҳама ҷо бошам ва то абад ҳама чизро бинам.

Баробари дарки ин бо шодӣ ва андаке ваҳм ҳис кардам, ки бо Ӯ наздик ҳастам. Дар як лаҳза ҳама чиз ба ранги сурхи рӯшан табдил ёфт. «Наход замоне расидааст, ки…». Аз ҳаяҷон ва хушҳолӣ гиряам омад, наход бо Ӯ вохӯрам?! Агар муаллифони китобҳо дуруст навишта бошанд, вақташ расид, Азроилро дидам, маро фариштаҳо аз ҳафт табақаи осмон гузаронданд, акнун вақти он расидааст, ки… Нафасам дар гулӯям печид. Шармам омад, ки бе тайёрӣ, олуда ба ранги сурх наздаш омадам. Аммо навиштаҳои китоб ёдам мерасид, ки худи Ӯ маро наздаш даъват карда.

Наход Ӯро бинам? Нафасам дарун мезад.

Ҳар қадар наздик мешуд, дар пӯсти худ намеғунҷидам. Албатта, камтар ҳарос ҳам доштам, аммо дилам пур буд, ки ба ғазаби Худо гирифтор нахоҳам шуд. Ман, ки пӯст надорам, аммо барои фаҳмидани шумо мегӯям – тамоми ҷисму ҷонам, пӯсту устухонам ранги сурх гирифт. Аз чашмонам мисли борон ашк мерехт ва он ҳам сурх буд.

Аммо фаҳмидам, ки маро ба Ӯ наздик шудан намемонанд. Фариштаҳо маро ба Ӯ муаррифӣ мекарданд, таъриф менамуданд, Ман, ки бо роҳи нишондодааш рафтам, аз зумраи дӯстдоштагонаш хоҳам буд.

Аммо боз ҷойи хушнудии беинтиҳоро эҳсоси хавотирӣ гирифт. Мехостам ҳарчи зуд чанги нофаҳмиро аз байн барам, барои ин бесаброна гуфтам:

– Дар бист соли охири ҳаётам расмҳои кофирони Румро нигариста, зери таъсирашон мондам. Ҳатто замоне мехостам расми маро бо усули онҳо кашанд, аммо тарсидам. Баъд фармудам, ки бо усули кофирон расмҳои олами Ту, ғуломон ва сояи Ту дар замин – подшоҳамонро кашанд.

Ҷавоби Ӯро нашунидам, аммо ҳарфаш дар хотирам нақш баст:

– Шарқу Ғарб аз мост!

Аз ҳаяҷон худро дошта натавониста пурсидам:

– Хуб, ҳама чиз аз Туст… инро чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст?

– Сирр, –ба гӯшам расид, аммо аниқ карда натавонистам, ки «сирр» гуфт ё «сев».[114] Аниқ гуфта наметавонам кадоме аз ин ҳарфҳоро шунидам.

Фариштаҳо наздам омаданд, дарк кардам, ки тақдирам ҳал шудааст. Аммо аз онҳо фаҳмидам, ки бояд даҳ ҳазор сол сабр кунам, то натиҷа ба ман расонда шавад, то ин муддат ҳамроҳи рӯҳҳои дигар ин ҷо, дар Барзах боқӣ хоҳам монд. Аз он ки ҳама чиз тибқи навиштаи китобҳо пеш мерафт, хушҳол будам. Медонистам, ки баъди чанд рӯз фариштаҳо боз поён мебарандам, то маъракаи дафни худамро бубинам. Албатта, дигар имкон надорад, ба чисмам ворид шавам, аммо мешавад, ҳамаи онро мушоҳида кард.

Намози ҷанозаро, ки хонданд, тобутро ба дӯш гирифта рафтанд самти қабристони хурдакаки Тепеҷик, наздикии масҷид. Чанд нафар тобутро мебардоштанд, дигарон чун таноб аз дунболашон. Ҷамъият он қадар зиёд буд, ки як сари ин таноб расида ба оромгоҳ, сари дигараш ҳоло ҳам дар ҳавличаи масҷиди маҳалла буд.

Як чизро ба шумо равшан кунам: ҳамаи шумо ҳадиси Пайғамбари Худо (с)-ро медонед: «Рӯҳи муъмин баъд аз марг мисли паранда ба сӯйи Худованд парвоз мекунад», инро ман дар мисоли худам мебинам. Фақат инро бароятон гӯям, ки чун Абӯ Умар Абдулбара баъзе муфассирон мегӯянд, ки манзури Паёмбар (с) он будааст, ки рӯҳи муъмин ба шакли паранда медарояд, аммо ин

---

[114] *Сирр* – ба маънои асрор ва *сев* (туркӣ) – сиғаи амрии «Дӯст дор!».

тавр нест, ҳамон тавре ки Ҷизвия гуфтааст, ин маънои онро дорад, ки баъди марг рӯҳи муъмин ба ҷойе меравад, ки парандагон дар парвозанд. Ба дарки ин масъала расидам. Агар шарҳи ин ҳолатро аз устодони румӣ, пайравони услуби перспектива пурсед, шарҳ медоданд, ки ман ҳоло дар ҷойи «кунҷи биниш»-аш хуб қарор дорам.

Аз ҷойе, ки меистодам, ҳам издиҳоми мардумро медидам, ки ба ҷаноза омадаанд ва ҳам бодбонҳои хурду бузурги киштиҳои халиҷро. Ангор болои манорае нишастаӣ ва то он ҷойе, ки чашмат мерасад, мебинӣ. Ин ба он парандае, ки аз баландӣ имкон дорад ҳамаро бинад, монанд аст ва ин маъниро фарангиҳо гуфтаанд перспектива. Албатта, вазъи ман дигар аст. Ҳар кадоми шумо метавонед болои манора шавед ва атрофро чун дар перспектива мушоҳида кунед. Аммо агар монанди паранда дидан хоҳед, бояд бимиред. Ҳоло нигоҳи чашмонам аз канори халиҷ то Истанбулро фаро гирифтааст: чӣ тавр дар канори дигари соҳили Босфор, дар Искюдар бачаҳо дар боғчаи хурде бозӣ мекунанд; чӣ тавр дувоздаҳ солу се моҳ пеш ҳамроҳи Садри аъзам Рагип-пошо бо ҳафт заврақ киштии сафири Румро то даҳанаи халиҷ гусел кардем; зани фарбеҳе дар бозори нави меваю сабзавоти Ланга карами калонеро сахт бағал кардааст, монанди он ки кӯдакашро шир медода бошад; онҳоеро, ки аз марги чавуши девон Рамазон-афандии ҷаллод хушҳоланд, гӯё ба вазифаи ӯ онҳоро таъин мекарда бошанд; чӣ тавр ман дар бағали бибиам қарор дораму модарам куртаи сурхамро баъди шустан ба тор меовезад; кӯча ба кӯча давиданам шаби дард гирифтани модари Шакура барои ҷустуҷӯи момодоя; камарбанди сурхамро медидам, ки чил сол пеш гум карда будам (маълум мешавад онро Васфӣ дуздидааст); ҳатто чаҳорбоғи зебоеро, ки боре бист сол пеш дар хоб дидам

ва гумон карда будам, ки боғи биҳишт аст ва ба Худованд нола мекардам, ки маро муносиби он ҷо донад; сару дасту чашму гӯше, ки Алибей – фармондеҳи сипоҳ аз ҷанги Гурҷистон ба подшоҳ фиристодааст ва он чашмони зебою обдори Шакураи азизамро медидам, ки дар ин оромгоҳи сарду яхзада лаҳзае ҳам ашкаш бознамемонд, ҳамаи инро муоина мекунам.

Ба қавли донишмандон, ҳамон тавре ки дар китобҳояшон хондаам, зиндагии ҳар одам аз чор марҳала иборат аст: 1. Батни модар; 2. Дунё; 3. Барзах, ки ҳоло он ҷо қарор дорам; 4. Ин қисмат баъди рӯзи қиёмат оғоз меёбад – ё дӯзах аст ё биҳишт.

Ман, ки ҳоло марҳалаи чорумро надидаам, метавонам гӯям, ки марҳалаи сеюм хеле беҳтар аз ду марҳалаи аввал аст, он қайду банди дунёро надорад, ки далелаш маълум: ҷисм нест, фақат рӯҳ аст, шояд норасоиаш танҳо аз ҳамин иборат аст, вале бароятон мегӯям, ки ин хушбахтист. Зеро аз шарри мушкилоти ҷисм раҳо меёбед. Ман, ки ин марҳалаи сеюмро ҳам таҷриба кардам, ба натиҷаи муҳимме расидам, ки мехоҳам ба шумо расонам, шояд ба дардатон бихӯрад: ба ҳамон андозае, ки дар марҳалаи сеюм доштани рӯҳи бидуни ҷисм одамро хушбахт месозад, ба назарам, дар марҳалаи дуюм ҳам доштани як ҷисми бидуни рӯҳ метавонад одамро хушбахт созад. Аз ин рӯ, ҳоло ба Шакураи меҳрубонам, ки дар маросими бошукӯҳи ҷанозаам азият кашида, бодард мегиряд, нигоҳ карда, аз Худованд илтиҷо мекунам, ки ба мо имкон диҳад рӯҳамон бе тан дар Биҳишт бошад, танамон бе рӯҳ дар Замин.

38. Ман – устод Усмон

Медонед, пиракиҳое, ки тамоми умрашонро сарфи санъат кардаанд, чӣ қадар ногуворанд. Ҳамаро озор

медиҳанд. Қоқу дароз ва пӯсту устухон шудаанд. Мехоҳанд, ки бақияи рӯзҳои ками мондаашон такрори ҳамаи умри дарозашон бошад. Ҳар лаҳза асабонӣ мешаванд ва ба ҳама чизу ҳама кас эрод мегиранд. Фармонфармоиро дӯст медоранд, мехоҳанд ҳама одамон зери итоаташон бошанд. Касе ва чизе ба онҳо писанд нест. Ба шумо гӯям: ман ҳам яке аз онҳоям.

Чунин буд дар ҳаштодсолагиаш устоди бузург Нуруллоҳ Салим Челебӣ (ҳарчанд на он қадар асабонӣ), ки ҳанӯз дар шонздаҳсолагиам, даврони шогирдиам дар наққошхона шарафи дар паҳлуяш расм кашидан пайдо карда будам. Чунин буд (аммо на он қадар дарозу қоқ) охирин устоди бузург Сарӣ Алӣ, ки сӣ сол пеш гӯрондемаш. Он замонҳо дар бораи он устодони афсонавӣ, сарварони наққошхонаҳо туҳматҳо мебофтанд, медонам, ки ҳоло дар бораи ман ҳам чунин гапҳо мегӯянд, аз ин рӯ, мехоҳам, ки шумо донед, баъзе айбномаҳои ба ин монанд, ки дар ҳаққи мо мебофанд, асос надоранд.

1. Ҳарчанд ягон чизи нав ба мо маъқул намешавад, дар ҳақиқат, ягон чизи нав нест, ки писандида бошад.

2.Мо на аз барои бадбахт ва ё аз ҳад асабонӣ буданамон бо аксарияти одамон ҳамчун бо аблаҳон муносибат мекунем, балки барои он ки дар ҳақиқат аксарияти инсонҳо аблаҳанд. (Ба ҳар ҳол, ба ҳисоби мо бо онҳо муносибати беҳтар доштан хуб мебуд, ин зарифтар ва боақлонатар аст.)

3.Мегӯянд, ки мо, ҳеч кадомамон ҳофизаи дуруст надорем, чун исми шарифи онҳоро фаромӯш месозем, ба ғайр аз онҳое, ки худамон тарбия кардаем, дар давраи шогирдиашон дӯсташон доштаем. Ин на аз он сабаб аст, ки ақламро хӯрдаам, балки аз он аст, ки ин чеҳраҳо ва номҳо арзандаи дар ёд доштан нестанд, на ранг доранд, на нур.

Дар ҷанозаи Эниште, ки барои аҳмақиаш Худованд ҷонашро барвақт гирифт, кӯшиш кардам замоне аз дасти марҳум азобҳои сахти барои маҷбуран тақлид кардан ба устодони фарангӣ кашидаамро фаромӯш созам. Баргашта чунин фикр кардам: эҳсони Худованд, ки нобиноӣ ва марг аст, барои ман дер нахоҳад кашид, аввал нури чашмро мегирад, аз он пас марг мерасад. Аммо маро он чиз хушҳол мекунад, ки ҳадди ақалл бо наққошиҳои хубе, ки дар ин солҳо кашидаам, фаромӯш нахоҳам шуд, наққошиҳое, ки бо диданаш мардум хушҳол мешаванд ва чашму дилашон ғизои маънавӣ хоҳад гирифт. Ин ва боз чанд чизи дигаре ҳастанд, ки дар солҳои охири зиндагӣ, давраи пириам ба қалбам қувва мебахшанд:

1. Бачаҳо. (Дар онҳо чун дар қатраи об тамоми олам инъикос ёфтааст);

2. Хотираҳои хуб (бачаҳои барно, бонувон, расмҳои зебо, дӯстон);

3. Тамошои ҳунари устодони куҳани Ҳирот (агар ошиқи он набошед, инро намефаҳмед).

Аз ҳамаи ин як хулосаи бисёр оддӣ ба даст меояд: дар наққошхонаи подшоҳамон, ки сарвараш ҳастам, дигар монанди пешина асарҳои мондагор эҷод нахоҳанд шуд. Чунин ба назар мерасад, ки минбаъд бадтар мешавад, ҳама чиз охир дорад. Тамоми умрамонро ба кори дӯстдоштаамон бахшидем, бо вуҷуди ин, бо дард эҳсос мекунам, ки монанди ҳунари дасти наққошони куҳани Ҳирот хеле кам асар офарида тавонистем. Бо қабули хоксоронаи ин ҳақиқат зиндагӣ осон мешавад. Зеро маҳз хоксорӣ ва фурӯтанӣ зиндагиро ором месозад ва дар байни мо ин хислати писандида ба шумор меравад.

Ба ислоҳи расмҳои китоби «Сурнома», ки ба маросими хатнасури шоҳзода бахшида шудааст, шурӯъ кардам. Дар расм туҳфаи фиристодаи шоҳзодаи Миср: шамшере дар болои абрешими сурх, ки бо хатҳои борики

тиллоӣ нақшунигор шуда, бо тиллову нуқра, сангҳои фирӯзаву ёқуту лоҷувард оро дода шудааст, аспи ромнашудаи арабии пешонақашқа, чун шамол тездав, мағрур ва бадфеъл, ки пӯсташ чун нуқра медурахшад, оҳани лаҷомаш аз тилло, тасмаҳои рикобаш бо дурру марворид оро ёфта, зинаш бо риштаҳои тилло ва ёқут дӯхта шуда, тасвир шудаанд. Ин ҳунари дасти ман аст, асп, шамшер, шоҳзодаҳо, сафирони интизорро шогирдон ранг карданд, акнун худам бо мӯйқалам баъзе иштибоҳҳоро ислоҳ мекунам. Ба баргҳои дарахти чинори Ат-Майдон андаке ранги обӣ илова кардам. Тугмаҳои сафири хони тоторро ранги зард кардам. Ба лаҷоми асп оби тилло медавондам, ки дарро заданд. Истодам.

Дарро кушоданд. Аз қаср сархазинадор пурсидааст. Дар чашмонам як хастагии форамро ҳис кардам. Пурбинро ба ҷайби хилъатам гузошта, берун баромадам.

Баъди кори зиёду тӯлонӣ ба кӯча баромадан чӣ қадар форам аст. Олам тозаву барно метобад, гӯё онро Худованд соате пеш халқ кардааст.

Саге ба чашмам афтид, ки аз тамоми сагҳои кашидаамон бамаънитар буд. Боз як аспро дидам, устодони наққош ба он аз будаш бештар ҳар чиз илова мекунанд. Дар Ат-майдон чаноре ба чашмам бархӯрд, ин ҳамон дарахте буд, ки лаҳзае пеш ба баргҳояш ранги кабуд илова карда будам.

Ду сол аст, ки расми раҳгузарҳои Ат-майдонро мекашам, бинобар ин, гумон кардам, ки ба расми худам афтидам. Яъне, агар ба кӯчае тоб хӯрем, агар расм фарангист, аз чорчӯбаи расм мебароем ва расмро тарк мекунем, агар ба таври устодони ҳиротист, ба ҷойе мерасем, ки Худованд бароямон муайян кардааст, агар як расми чиноист, аз расм ҳеч гоҳ фосила намегирем, чунки расмҳои чинӣ ба дуриҳои беохир мерасанд.

Писарбачаи қосид маро ба хонаи куҳнаи девон, ки мо бо сархазинадор вохӯрда, дар ҳар бора гап мезадем, набурд. Мо он ҷо дар бораи ҳадяҳои ба подшоҳамон ҳозиркардаи наққошон: китобҳо, тухмҳои наққошикардаи шутурмурғ; саломатии рассомон ва офияту ризоияташон, таъминоти мавод, ранг, варақаи тилло ва дигар ашё, шикоят ва хоҳишҳои алоҳида, кайфияти ҷаҳонпаноҳ подшоҳамон, шод аст ё хафа, хоҳишҳояш; обу ҳаво, чашмҳои ман, пурбинҳоям, дарди миёнам, домоди ношуди сархазинадор ва гурбаи рах-рахи ӯ суҳбат мекардем. Бегапу ҳарф ба боғчаи дарунӣ даромадем ва аз байни дарахтони хомӯш рост ба тарафи халиҷ равон шудем. Гумон кардам, ки ба яли подшоҳӣ меравем ва ман он касро хоҳам дид, аммо аз роҳ тоб хӯрдем. Се-чор қадам гашта, аз паси анборхонаҳо ба назди дари равоқмонанди бинои сангие баромадем. Аз қаровулхона бӯйи нон ба машом мерасид. Посбонеро дидам, ки дар тан либоси сурх дошт.

Дар хона сархазинадор ва сардори посбонҳо: Фаришта ва Шайтон қарор доштанд.

Сардори посбонон, ин одаме, ки дар боғи қаср аз номи подшоҳамон иҷрои шиканҷа, пурсиш, чӯбзанӣ, чашмканӣ, ба фалақ кашиданро ба уҳда дорад, меҳрубонона ҷонибам табассум кард, гӯё мо одамони ҳамешагии ин ҷо будем ва ӯ ҳозир аст ба ман ҳамчун бародар ҳикояти аҷиберо нақл кунад.

Аммо на сардори посбонҳо, балки сархазинадор ба гап сар кард:

– Ҷанобон, соле пеш олампаноҳ омода кардани китоберо супорида буданд, ки бояд ҳадяи сафорати пинҳонии мо бошад, –гуфт бо изтироб. –Азбаски китоб ба таври махфӣ анҷом дода мешавад, ҷалби шоҳномачибошӣ Луқмон, ки дар хаттотӣ дасти тавоно дорад ва шумо, ҳарчанд ҳунаратон шинохта шудааст,

зарур дониста нашуд. Ҳамчунин медонанд, ки шумо бе ин ҳам ба тайёр кардани «Сурнома», ки ба ҷашни суннати шоҳзодаҳо бахшида шудааст, банд ҳастед.

Вориди иморат шудан замон маро ҳарос фаро гирифта буд: «дар расмҳояш ба куфр роҳ додааст, шуморо ҳаҷв кардааст» гуфта, касе маро туҳмат задааст ва акнун маро ба пириам эътибор надода, ба шиканҷа хоҳанд гирифт. Аз ин хаёлҳо ба даҳшат афтода будам. Акнун, ки шунидам сархазинадор барои ба дигар кас супоридани китоби подшоҳамон қариб узрхоҳӣ мекунад, суханаш аз асал ҳам ширин намуд. Ҳикояти китоби махфиро медонистам, ягон гапи нав ҳам нашунидам. Овозаҳо ҳам дар бораи Хоҷа Нусрати эрзурумӣ, ҷудоиҳо дар наққошхона ба гӯшам расида буданд.

Ин саволро барои он додам, ки хомӯш намонам: дар бораи ба кӣ супорида шудани китоб, ки ҷавобашро ҳам медонистам.

– Ҳамон тавре ки медонед, ба Эниште-афандӣ, –ҷавоб дод сархазинадор. Баъд ба чашмонам нигоҳ карда пурсид: – Бо аҷалаш намурдани ӯро медонед?

– Намедонистам, –ҷавоб додам чун кӯдак ва хомӯш мондам.

– Подшоҳамон аз ин дар қаҳранд, –илова кард сархазинадор.

Ин Эниште-афандии камақл, рӯйирост гӯям як аблаҳ буд. Ҳаракаташ аз донишаш бештар, ҳавасаш аз ақлаш, аз ин рӯ, устодони наққош ба ҳолаш механдиданд. Аслан дар ҷаноза баъзе чизҳоро ҳис карда будам. Аҷабо, ӯро чӣ тавр куштаанд?

Инро ба ман сархазинадор нақл кард. Ё, Раббӣ, худат моро ҳифз намо! Кӣ бошад?

– Подшоҳамон дастур доданд, –гуфт сархазинадор, – «Сурнома» ва ин китоб ҳарчи зуд бояд анҷом дода шаванд.

– Боз як фармоиши дигар ҳаст, –гуфт сардори посбонон. –Он қотили разил, иблиси бадкор бояд аз байни наққошон ҷустуҷӯ карда шавад. Барои ибрати дигарон ӯро чунон ҷазо медиҳем, ки ба хаёли касе халал расондан ба китоби супоришии подшоҳамон, куштани наққошон наояд.

Ҳарфҳои охирашро сардори посбонон чунон бо ҳаяҷон ба забон овард, ки гӯё медонад, подшоҳамон чӣ гуна ҷазоҳоро муайян кардааст.

Аз он ки маълум аст, подшоҳамон ҳар дуяшонро лаҳзае пеш дар як вақт вазифадор кардааст ва онҳо инро пинҳон намедоранд, зарурати якҷоя амал карданро дарк мекунанд, ба ақли подшоҳамон қоил гаштаму бештар дӯсташон доштам. Бачае қаҳва овард, нишастем.

Эниште-афандӣ тарбияткардае дорад, кори китобу нақшро медонад, номаш Кара. Оё ӯро медонам? Хомӯш мондам. Ин Кара чанде пеш бо даъвати Эниште аз ҳудуди Аҷам, аз паҳлуи Сарҳат-пошо ба Истанбул омадааст (дар нигоҳи сардори посбонон шубҳа пайдо шуд), дар Истанбул ба боварии Эниште даромадааст, ҳозир ҳикояҳои китобро омода мекунад. Ба қавли ӯ, баъди қатли Зариф-афандӣ Эниште аз усто-наққошоне, ки шабона барои омода кардани китоб ба хонаи ӯ меомаданд, шубҳа мекардааст. Кара расмҳои барои китоб кашидаи рассомонро дидааст, иддао дорад, ки қотили Эниште аз байни онҳо ҳамонашро, ки дар он аз ҳама бештар тилло сарф шудааст ва дар он расми подшоҳ аст, дуздидааст. Ин ҷавон қатли Эништеро аз дарбор, сархазинадор ду рӯз пинҳон доштааст. Дар ин миён духтари Эништеро саросема ба таври шубҳаовар ба никоҳи худ дароварда, дар хонаи ӯ ҷой гирифтааст, ки ба ин ҳар дуи онҳо бо шубҳа менигаранд.

– Агар дар хонаи яке аз устоҳои наққош ҳангоми кофтуков саҳифаи ғойиб ёфт шавад, Кара ҳақ мебарояд, –

гуфтам. –Аммо ҳамаи онҳоро аз даврони шогирдиашон мешиносам, фарзандони дӯстдоштаи мананд, бовар дорам аз дасти ин наққошонам одамкушӣ намеояд.

– Дар бораи Зайтун, Лаклак ва Парвона бошад, – сардори посбонон номи шогирдони маро, ки барояшон ба меҳр гузоштаам, тамасхуромез ба забон овард, –бояд гуфт, ки хонаҳо, дӯконҳо, заминҳо, ҳама чизе, ки ба онҳо дахл дорад, бо диққат, саропо тафтиш карда мешаванд. Аз они Кара низ. –Чеҳраи сардор ифодаи одами масъулиятшиносро пайдо кард. –Дар ин кори мушкил, шукри Худованд, аз қозӣ-афандӣ ҳангоми пурсуков барои истифодаи шиканҷа иҷозат гирифтаем. Азбаски дар байни наққошон ду мақтул ҳаст, ҳамаи онҳо, одамони ба рассомон наздик, аз шогирд то устод таҳти шубҳа қарор мегиранд, аз ин рӯ, истифодаи шиканҷа нисбат ба онҳо тибқи қонун аст.

Хомӯш фикр мекардам: Агар қонуни шиканҷаро ёдовар мешавад: 1. Иҷозати подшоҳамонро нагирифтааст. 2. Ба фикри қозӣ, агар тамоми наққошҳо таҳти шубҳа қарор дошта бошанд, барои он ки ҳамчун роҳбар дар байни онҳо қотилро муайян карда натавонистам, пас, ман ҳам таҳти шубҳа қарор дорам. 3. Пеш аз он ки нисбат ба наққошони азизу ба дил наздикам Парвона, Зайтун ва Лаклак, ки албатта, солҳои охир дар ҳаққам иҳонат ҳам кардаанд, шиканҷаро ба кор баранд, розигии рӯйирост ва ё хомӯши маро гирифтанианд.

– Азбаски подшоҳамон мехоҳанд на танҳо «Сурнома», балки он китоби нотамом ҳам ба охир расонда шавад, – акнун сархазинадор ба сухан даромад, мо аз он дар андешаем,[115] ки шиканҷа ба даст, чашм, ҳунари устодон зиён нарасонад. –Ба ман нигарист: –Ҳамин тавр не?

[115] *Андеша, заргар* – дар асли туркӣ низ чунин.

– Ба қарибӣ чунин як андеша ба миён омада буд, – дағалона гуфт сардори посбонон. –Як тан аз шогирдони заргар, ки ба кори таъмир машғул буд, ба гапи шайтон даромада, чун як кӯдаки беақл, маъқул шуд гӯён, қадаҳи дастааш ёқутиро, ки аз они ҳамшираи хурдии подшоҳамон Наҷмия-султон буд, дуздид. Наҷмия-султон ин қадаҳро хеле дӯст медошт, аз ин рӯ, хеле хафа шуд. Азбаски ҳодиса дар қасри Ускюдар воқеъ шуда буд, ҳалли қазияро подшоҳамон ба ман супорид. Медонам, то чӣ андоза подшоҳамон ва ҳамшираашон ҳунари дасти заргарон, устодони таҳти шубҳа қароргирифта, чашму ангуштони онҳоро ҳурмат мекунанд. Ҳамон замон бо фармудаи ман устодони шубҳанокро то миён луч карда, ба ҳавзи боғ, ки нав ба ях кардан даромада буд, партофтанд. Баъд онҳоро бо навбат аз ҳавз бароварда, нағзакак калтаккӯб кардем, аммо сайъ кардем, ба ҷойҳои даркориашон – даст ва чашмашон назанем. Ниҳоят яке аз онҳо, ки ба гапи шайтон даромада буд, эътироф кард ва ба ҷазо гирифтор шуд. Оби ях, хунукӣ, калтак ба устоҳои дигар, азбаски вичдонашон тоза буд, таъсири чиддӣ нарасонд. Ҳатто подшоҳамон гуфтанд, ки ҳамшираашон бисёр мамнун шудааст, ки баъди поксозии тухми бадӣ аз тани устоҳо онҳо бештар бо завқ кор мекардагӣ шудаанд.

Бовар доштам, ки сардор бо устодони наққош муносибати сахттар хоҳад кард. Шояд ҳаваси подшоҳамонро ба китоб эҳтиром кунад, аммо ба ҳунари хаттотӣ эътибори бештар медиҳад, наққошӣ бошад, барои вай ва бисёр дигарон амали куфр аст ва ҳатто агар барои ин ҷазо надиҳанд ҳам, бояд кори беҳуда ва барои мард ношоиста дониста шавад. Барои он ки маро ҳам алайҳи наққошон шӯронад, гуфт:

– Ҳарчанд, ки шумо роҳбари онҳоед, наққошони дӯстдоштаатон дар мавриди баъди вафотатон кӣ сарнаққош шуданаш ба ҷони ҳамдигар дарафтодаанд.

Намедонам, шояд яке аз он ғайбатҳо, ки ҳоло нашунидаам, ба гӯши ӯ расидааст. Ба сархазинадор бошад, бе ин ҳам хуб маълум буд, ки ман аз ӯ, ки тайёр кардани китобро ба он беақли марҳум супоридааст ва аз наққошони кӯрнамак, ки аз ҳисси ҷоҳпарастию чанд танга пул кор кардан ба сурати махфӣ барои китоб расм мекашанд, сахт хафа ҳастам.

Ногоҳ ба хаёлам зад, ки наққошони маро ба кадом шиканҷа гирифтор карданашон мумкин аст. Ҳангоми шиканҷа пӯсти баданро намекананд, зеро баъди ин зинда мондан ба гумон аст, азоб дода дасту поро шикастан ҳам барои наққошон кор намеояд. Вақтҳои охир дар кӯчаҳои Истанбул якчашмаҳо бисёр шудаанд, аммо ин ҳам барои наққошон нест, наққош набояд якчашма ё олус бошад. Тасаввур мекардам, ки чӣ тавр наққошони беҳтаринам дар кӯли яхбаста нишастаанд, аз сардӣ меларзанд ва тайёранд гӯшти якдигарро хӯранд, хандаи кас меояд, аммо набояд хандид. Пеши назарам саҳнаи дигари ҷазо ҳувайдо гашт: оҳани тасфонро ба думбаи Зайтун мечаспонанд, инак, Парвонаи аз тарс каҷу килебшударо занҷирбанд кардаанду… Ба худ ларзидаму чӣ тавр ба фалақ кашидани Парвонаи шогирди дӯстдоштаамро, ки расмҳояш баъзан ашки шодиро меоранд, пеши назар овардам.

Чанд дақиқа майнаи пиронаи маро торикӣ ва хомӯшии амиқ фаро гирифт. Ба ёди рӯзҳое афтидам, ки мо ба ғайр аз ишқи рассомӣ ҳама чизро аз ёд бурда, ҳамроҳ наққошӣ мекардем.

– Онҳо устодони беҳтарини подшоҳанд, –ниҳоят хоҳиш кардам. –Ба онҳо даст нарасонед.

Сархазинадор мамнун аз ҷояш бархост, аз тахтаи китобмонии кунҷи дигари хона варақҳои лӯлапечро оварда кушод, рӯйи замин паҳн кард ва баъд гӯё торик

бошад, паҳлуям ду шамъдони шамъҳояшон калони рӯшанро гузошт. Ин ҳамон расмҳо буданд.

Ба шумо он чизҳоеро, ки бо пурбин нигоҳ кардам, чӣ тавр қисса кунам? Хандаам меомад, аммо на аз он ки тасвирҳо хандаовар буданд. Қаҳрам меомад, аммо на аз он ки ягон чизи пеши назарамро ҷиддӣ мегирифтам. Чунон менамуд, ки Эниште-афандӣ устодони рассоми маро расмкашӣ фармуда, фаромӯш кардааст, ки онҳо кистанд. Гӯё маҷбур кардааст, ки чизеро ба хотир оранд, ки бо онҳо рӯй надодааст, ояндаеро орзу кунанд, ки ҳеч ба амал омаданашро намехоҳанд. Фаҳмидани ин имконнопазир аст. Наход барои як чизи беҳуда онҳо ба куштани ҳамдигар омоданд?

– Ба ин расмҳо нигариста, оё шумо гуфта метавонед, ки ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ амали дасти кадом рассом аст? –пурсид сархазинадор.

– Бале, –бо қаҳр ҷавоб додам. –Шумо инҳоро аз куҷо гирифтед?

– Кара овард ва ба мо супурд, –ҷавоб дод сархазинадор. –Ӯ худ ва Эништеи марҳумро бегуноҳ мешуморад.

– Ӯро дар зери шиканҷа пурсидан даркор, –пешниҳод кардам. –Бигӯяд, ки раҳматии язнааш боз чӣ сирре дошт.

– Барои овардани ӯ одам фиристодем, –гуфт сардори посбонон бо табассуми заҳрогин. –Баъдаш, хонаи ин навдомодро хоҳем кофт.

Ногоҳ чеҳраи ҳар дуяшон шукуфта, дар чашмашон ҳисси тарс ва ҳайрат хона андохт ва ба по хестанд.

Ба қафоям нигоҳ накарда бошам ҳам, фаҳмидам, ки ҷаҳонпаноҳ, ҳазрати подшоҳамон даромада омаданд.

39. Номи ман Эстер аст

Гиряи якҷоя чӣ қадар гуворост! Дар ҷанозаи падари бечора Шакураҷонам, ки хешовандони дуру наздик, ёру дӯст, ҳамсояҳо, занҳо ҷамъ буданд, дурудароз, баҳузур гиристам. Гоҳо ба духтараки ҷавоне, ки дар паҳлуям менишаст, такя карда, якҷоя бо ӯ нарм-нарм алвонҷ хӯрда, мегиристам, баъзан ғамҳои худро ба ёд оварда, барои зиндагии бетолеъам ба оҳанги нав менолидам. Агар ҳафтае як бор ин гуна гиря кунам, аз андешаи ҳар рӯз барои қутти лоямут дар кӯча гаштан афсурда нахоҳам шуд, таҳқирҳое, ки барои ғафс ва яҳудӣ буданам мешунавам, аз ёд хоҳад рафт ва чун як Эстери хушчақчақ мемонам.

Ҷамъомадҳои серодамро дӯст медорам, зеро дар онҳо зоғи ало нахоҳам буд ва ғайр аз ин, дар ин рӯзҳо шикамам нағзакак сер мешавад. Арӯсӣ барои баклава, сақичи хушбӯй, кулчаи бодомӣ ва қиёмҳо; тӯйи суннатӣ бо палави гӯштдору буракҳояш; ҷашнвораҳои Ат-Майдон бо афшураҳои олуболигиаш дилнишин аст, дар тӯйҳо ҳама чиз мехӯрам, дар таъзияҳо таоми дӯстдоштаам ҳалвои хушбӯйи кунҷит ва асалдор аст, ки ҳамсояҳо мефиристанд.

Хомӯш ба долон баромада, кафшамро пӯшидам ва поён фаромадам. Тарафи ошхона мерафтам, ки аз дари охирини нимкушои паҳлуи саисхона садоҳои ношинос ба гӯшам расид. Ду қадам пеш гузошта нигарам, Шавкат ва Орҳан писарбачаи яке аз занҳои дар боло навҳагарро бо арғамчин баста, сару рӯяшро бо чӯткаи куҳнаи бобои марҳумашон ранг мекунанд.

– Гурехтанӣ шавӣ, ана, ин хел шаллоқ мехӯрӣ, –гӯён Шавкат ба рӯяш як торсакӣ зад.

– Бачаҳо нағз бозӣ карда намешавад, чаро ҳамдигарро озор медиҳед? –гуфтам бо лаҳни нарм ва сохта.

– Кори ту набошад! –дод зад Шавкат.

Канортар аз бачаи баста духтарчаи хурдтари мӯйҳояш тиллоӣ ва чашмҳояш обиро дидам, ки лӯнда шуда меистод, барои чӣ бошад, аз дилам гузашт, ки ба ман монанд аст. Инҳо корҳое нестанд, ки ба онҳо дахолат кунӣ, инро фаромӯш кун, Эстер!

Дар ошхона Ҳурия бо шубҳа ба ман нигарист.

– Ду чашмам ду чашмаи об шуд, Ҳурия, –гуфтам. –Аз барои Худо як пиёла об деҳ.

Бесадо бароям об дод. Пеш аз нӯшидани он ба чашмони аз гиря варамкардааш нигаристам.

– Мегӯянд, ки бечора Эниште-афандӣ пеш аз никоҳи Шакура мурдааст, –гуфтам. –Даҳони мардумро баста намешавад. Ҳатто мегӯянд, ки бо аҷали худаш намурдааст.

Лаҳзае маънидорона ба нӯги пойафзолаш нигарист. Сипас сар бардошта, бе ин ки ба ман нигоҳ кунад:

– Худованд аз туҳмати ноҳақ нигоҳ дорад! –гуфт.

Ҳаракати аввалаш –ба нӯги кафш нигаристанаш дарак медод, ки гуфтанист: «Мардум дуруст мегӯянд», ҷумлаи охираш аз маҷбурият буд.

– Чӣ корҳо шуда истодаанд?! –пичиррос задам, гӯё ҳар ду аз асрори ҳамдигар бохабар будем.

Аммо Ҳурияи сустирода баъди вафоти Эниште-афандӣ албатта, умедвори аз болои Шакура назорат кардан набуд, аз ин рӯ, аз ҳама самимитар буд гиряаш.

– Акнун бо ман чӣ мешуда бошад? –ғамангез пурсид.

– Шакура туро хеле дӯст медорад, –гуфтам бо лаҳне, ки хабарҳои муҳимро мерасонам.

Сипас ба табақчаҳои ҳалво, ки байни хумҳои бекмес[116] ва зарфҳои сабзавоти шӯр меистоданд, чашм давондам ва сарпӯшашонро бо навбат бардошта, бӯйи хушашонро ба машом мекашидам, баъзан порае шикаста ба даҳон меандохтам ва дар як вақт мепурсидам, ки фалон ҳалворо кӣ фиристодааст.

– Ин аз Қосим-афандии қайсариягӣ, инаш аз наққоше, ки ду кӯча он тараф зиндагӣ мекунад, ин аз Ҳамдии чапдасти калидсоз, инаш аз арӯсе, ки дар Эдирне зиндагӣ мекунад, –гуфта шарҳ медод Ҳурия ва ин дам Шакура ворид шуда, суханашро бурид.

– Беваи Зариф-афандии марҳум Қалбияро чӣ шудааст, ки ба таъзия наомад, хабар нагирифт, ҳалво ҳам нафиристод!

Аз остонаи ошхона ба рӯйи ҳавлӣ баромад. Фаҳмидам, ки дар танҳоӣ гап дорад, аз пасаш рафтам.

– Зариф-афандӣ ва падарам душман набуданд. Мо ба таъзияашон ҳалво фиристода будем. Чӣ гап шуда бошад, донистан мехоҳам, –гуфт Шакура.

– Ҳозир рафта мефаҳмам, –гуфтам чӣ хостани Шакураро дарк карда истода.

«Қурбони аҳли фаҳм шавам!» –гуфтагӣ барин ба оғӯш кашида бӯсид. Ҳамин тавр дар оғӯши ҳамдигар муддате дар хунукӣ ларзида истодем. Баъд мӯйҳои Шакураи хушрӯякро навозиш кардам.

– Эстер, метарсам, –гуфт.

– Натарс, ҷонам, –ҷавоб додам, –ҳар коре ҳикмат дорад, поёни шаби сиёҳ сафед аст. Дидӣ, ниҳоят ба шавҳар баромадӣ.

– Аммо намедонам, дуруст кардам ё не, –гуфт. –Зеро ӯро ба наздам роҳ надодам. Шабро дар назди падари бечораам гузаронд.

---

[116] *Бекмес* –афшураи ширинкардаи ангур.

Чашмонашро калон-калон кушода ба ман нигариста, гӯё мепурсид: «Ту маро мефаҳмӣ?»

– Ҳасан мегӯяд, ки арӯсии шумо ғайриқонунист, – хабар додам ба ӯ. –Вай инро ба ту фиристод.

– Акнун ҳеч чизро тағйир дода намешавад, –гуфт, аммо хатчаро ҳамоно кушода хонд, аммо ин сафар нагуфт, ки дар он чӣ навишта шудааст.

Дуруст кард. Чунки дар ҳавлӣ танҳо набудем: дар ошёнаи дуюм устои айёр тахтаи тирезаи роҳравро, ки бо сабабе ин саҳар афтида буд, дуруст мекард ва гоҳ ба мо менигарист, гоҳ ба занони гирён; илова ба ин, Ҳурия аз ошхона баромада, барои кушодани дари ҳавлӣ медавид, то аз дасти бачаи ҳамсоя ҳалворо гирад.

– Ҷаноза ҳам гузашт, –оҳе кашида гуфт Шакура. – Фикр мекунам, ҳозир рӯҳи падари бечораам аз танаш ҷудо шуда, ба осмонҳо рафт.

Ӯ худро аз дастонам раҳо карда, ба осмони соф дида дӯхт ва ба дуохонӣ даромад.

Ногоҳ худамро монанди осмоне, ки ба он менигарист, дуру бегона эҳсос кардам. Дуоро ба охир расонда, Шакураи зебоям аз чашмонам бӯсид.

– Эстер, –гуфт, –то қотили падарам ёфт нашавад, дар ин дунё на барои ман ва на барои писаронам ҳузур[117] нест.

Шавҳарашро номбар накарданаш маро хафа намуд.

– Ба хонаи раҳматии Зариф-афандӣ рав, бо бевааш гап зан, фаҳм, ки чаро ҳалво нафиристодааст. Ҷавобашро зуд ба ман расон.

– Барои Ҳасан ҳарфе надорӣ? –пурсидам.

На аз суоли худам, балки аз он ки ба рӯяш нигоҳ карда наметавонистам, шармам омад. Барои он ки инро

[117] *Ҳузур* – дар туркӣ низ ҳузур ба ҳамин маънӣ.

ҳис накунад, сари роҳи Ҳурияро гирифта, сарпӯши косаи дасташро кушодам.

– Оҳо, ҳалвои кунҷиддор! –Порае аз он канда, ба даҳонам гузоштам.– Оби норинҷ ҳам болояш рехтаанд.

Лаҳзае гӯё ҳама чиз хуб бошад, Шакура ба меҳр ба ман нигариста хандид, аз ин худро хушбахт эҳсос кардам.

Буғчаамро гирифта баромадам ва ду қадам монда, дар охири кӯча Караро дидам. Аз чеҳраи боғурураш фаҳмидам, ки навдомод аз зиндагӣ мамнун аст. Барои он ки ба кайфияташ халал нарасонам, роҳамро дигар карда, ба тарафи боғчаи ҳавлии бесоҳиби табиби машҳур Моше Ҳамон тоб хӯрдам. Ҳар гоҳ ба ин ҷо меоям, ин ҳавлии бесоҳибе, ки бӯйи марг мекунад, ҳузни маро меафзояд ва дилам мехоҳад ёфтани харидорро фаромӯш кунам.

Ба ин монанд бӯйи марг дар хонаи Зариф-афандӣ ҳам ба димоғ мерасид, аммо ҳузн[118] ин ҷо набуд. Ман, Эстер, дар хонаи садҳо бева будаам. Медонам, ки занони барвақт бешавҳармондаро ё ғам фаро мегирад ё бо қаҳру ғазаб алайҳи ин ҳолат қиём менамоянд (дар омади гап бояд гуфт, ки Шакураро ин ду чиз насиб гашта). Қалбия-хонум сари қаҳру ғазаб буд ва зуд дарк кардам, ки ин кори маро осон хоҳад кард.

Монанди ҳамаи занҳои мағруре, ки дар зиндагӣ ба кулфати зиёд гирифтор шудаанд, Қалбия-хонум дуруст гумон мекард, ки ҳар касе, ки дар ин рӯзҳои сиёҳ ба наздаш меояд, ё барои ҳамдардӣ аст, ё аз ҳама бад ба ғами ӯ нигариста, пинҳонӣ барои бахти худ изҳори шодӣ мекунад. Ин аст, ки ӯ бо ман ба суҳбати беҳудаи лутфомез напардохта, ҳамоно ба сари мақсад омад. Дар ин вақти пешин, ки Қалбия як шакарнам дам гирифтанист, аҷаб аст, ин Эстер чаро дари ӯро зад? Медонистам, ки на матоъҳои абрешимии аз Чин бо киштӣ ва на дастмолҳои

---

[118] *Ҳузн, насиб* – дар туркӣ низ ҳузн, насиб.

махмалии аз Бурса омада ба завқи ӯ мувофиқ нестанд, бинобар ин буғчаамро кушода наистодам, якбора ба сари мақсад омадам, яъне, дар бораи ашкҳои дардноки Шакура.

– Бечора Шакура аз он хавотир аст, ки худаш нафаҳмида, Қалбия-хонумро наранҷонда бошад. Ин ӯро бисёр ғамгин кардааст, охир, ба сари ҳар дуи шумо як хел ғам омадааст, –гуфтам.

Ба таъзия наомаданаш, ба Шакура таъзия баён накарданаш, ҳатто ҳалво нафиристоданашро Қалбия-хонум тасдиқ намуд ва мағрурона илова кард, ки ҳамин тавр аст. Дар паси ғурур хурсандӣ ҳам ниҳон буд: қаҳр карданашро фаҳмиданд. Ин ҷиҳати сусти ӯро дониста, Эстери боақли шумо хост сабаби қаҳрашро муайян созад.

Ба зудӣ аён шуд, ки ин қаҳр аз марҳум Эниште-афандӣ барои китоби ҳозиркардааш мебошад. Шавҳари марҳумаш гуфта будааст, ки кор кардан дар болои ин китобро на барои чор-панҷ акчаи иловагӣ, балки барои он қабул кардааст, ки ба қавли Эниште-афандӣ он супориши подшоҳ будааст. Аввал гумон кардааст, ки танҳо ба як саҳифаҳои муқаррарии китоб тазҳиб хоҳад баст, аммо баъд оҳиста-оҳиста фаҳмидааст, ки расмҳои саҳифаҳои наққошӣ ба танҳоӣ маъние доранд ва ақлро ба хаёлҳои зиддидинӣ ва мункиршавӣ водор месозанд, ҳатто ишораҳое ҳастанд, ки ба куфр мебаранд, баъди ин шавҳари марҳумаш оромиро аз даст дода, кораш дуруст аст ё нодуруст, ба андеша рафтааст. Аммо зани бодиққат ва боақлаш илова кард, ки дар сари Зариф-афандӣ ин шубҳаҳо якбора пайдо нашуданд, балки оҳиста-оҳиста афзудан гирифтанд. Азбаски бечораи Зариф-афандии марҳум ба куфри рӯшод боре ҳам рӯ ба рӯ нашудааст, айбро асосан ба сари бадгумонии худ мепартофт. Аслан Зариф-афандии марҳум дар мавъизаҳои Нусрат Хоҷаи эрзурумӣ ҳамеша ҳузур меварзид ва агар намозро дар

вақташ намехонд, бисёр ғамгин мешуд. Медонист, ки баъзе разилони наққошхона ба диндориаш тамасхур карда, сӯфиаш[119] меноманд, аммо хуб медонист, ки ин аз ҳасад ба ҳунар ва санъати ӯст.

Аз чашми Қалбия як қатраи бузурги ашк ҷорӣ шуд ва Эстери хушният қарор дод, ки дар фурсати[120] мувофиқ барои Қалбия беҳтар аз шавҳари марҳумаш домод хоҳад ёфт.

– Марҳум бо ман дарди дил намекард, –бо эҳтиёт гуфт Қалбия. –Худам аз рӯйи ҳар чизи хурде, ки ӯ мегуфт, ба хулоса омадам, ки сабаби бадбахтии ба сарамон омада расмҳои Эниште-афандӣ мебошанд, ки шаби охирин низ ба такмили онҳо рафта буд.

Ин як навъ узрхоҳист. Ёдовар шудам, ки Эниште-афандӣ низ шояд бо дасти ҳамон «разил» ба қатл расонда шудааст, аз ин рӯ, ғам ва душмани Шакура ва Қалбия як аст. Ин вақт ба ду бачае, ки дар канор ба суханҳоям бо диққат гӯш карда истода буданд, ишора карда гуфтам, ки бо ду бача мондани ҳар дуяшон низ монандии тақдирашонро нишон медиҳад. Аммо чун хостгори таҷрибадор ҳамон лаҳза аз дил гузарондам, ки Шакура хеле зеботар, сарватманд ва пурасрор аст. Барои чӣ омаданамро ёдовар шудам:

– Шакура мегӯяд, ки агар ягон кори нодуруст карда бошад, узр мепурсад, –гуфтам. –Ӯ бо ту нияти дӯстӣ ва наздик шудан дорад ва мехоҳад, як чизро ба хотир орӣ. Зариф-афандии марҳум шаби охирини аз ин ҷо баромадан дар бораи ба ғайр аз Эниште-афандӣ бо каси дигар вохӯрданаш чизе гуфта буд? Худат ягон тахмину шубҳае дорӣ?

– Ин чиз аз ҷайбаш баромад бечораи Зарифамро, – гуфт.

---

[119] *Сӯфӣ* – дар асли китоб ҳам ба ҳамин шакл (софу).

[120] *Фурсат* – дар туркӣ ҳам фурсат.

Сабадеро берун кашид, ки дарунаш порчаҳои матоъ ва сӯзанҳои гуногун буд ва аз он ҷо коғази қаткардаеро бароварда, дароз кард.

Ба коғази намгирифтаи одӣ бодиққат нигаристам: дар рӯяш ранги нақшҳо паҳн шуда, шакли расм дигар шуда буд. Ба чӣ монанд бошад гуфта фикр мекардам, ки Қалбия гумонамро тасдиқ кард:

– Аспанд инҳо, –гуфт. –Зариф-афандии марҳум фақат тазҳибгарӣ мекард, ягон бор асп накашидааст, ягон кас ба ӯ асп кашиданро супориш надодааст.

Эстери кампири шумо ба расми намгирифта, паҳншудаи аспҳо менигарист, аммо ягон фикри дуруст ба сараш намеомад.

– Агар ин коғазро бурда, ба Шакура нишон диҳам, бисёр хурсанд мешавад, –гуфтам.

– Агар ин коғаз ба Шакура даркор бошад, бигзор ба ин ҷо худаш ояд! –бо ғурур гуфт Қалбия.

40. Номи ман Кара аст

Хислати маро аллакай дониста бошед даркор, барои ман барин одамон ишқ ва дард, хурсандӣ ва ғам фарқе надорад. Манзурам ин ки дар зиндагиам ягон чизи хос вуҷуд надорад, ки барои надоштанаш ғам хӯрам, ё доштанашро орзу намоям ё чизе вуҷуд дошта бошад, ки зиндагиро бароям зеру забар кунад. Албатта, ин ҳеч вақт далел намешавад, ки кӯшишро барои расидан ба хушбахтӣ ва муваффақият эътироф накунам. Ҳатто метавонам гӯям, ки беҳтар аз дигарон инро дарк мекунам. Танҳо инро намефаҳмам, ки чаро рӯҳи моро дар ин лаҳзаҳо нороҳатии аҷиби пуртаҳлука фаро мегирад. Ин нороҳатӣ дар рӯҳи мо ҷойи хушбахтӣ ё ғамро мегирад.

Шукр, падарро гӯронда, бо беқарорӣ ба хона баргаштам ва Шакураро барои дилбардорӣ ба оғӯш гирифтам. Ӯ бачаҳои ба ман душманона нигаронашро ба сари сина пахш карда, сарашро ба болиш гузошт ва ҳунгосзанон ба гиря даромад. Медонам, шумо чӣ фикр карда истодаед: шавҳари хола, ки пеши роҳатро мегирифт, рафт пайи кораш, бо Шакура хонадор шудӣ, акнун метавонӣ аз шодӣ рақс кунӣ. Аммо бовар кунед, вазъи ман чунин нест. Шакура як тараф, худи язнаам дар вақташ бароям падарӣ кард, ҳарчи аз хатту наққошӣ медонам, ӯ муфту ройгон бароям ёд додааст. Дар ҳолати аҷиб афтодаам: гиря накунам, мегӯед, ки чӣ ношукр ҳастӣ, агар гиря кунам, мегӯед, ки аз тарси он ки ба самимиятат шакк наоранд ва нагӯянд, ки худат куштӣ, гиря мекунӣ. Ҳарчи набошад, ман як умр гиристаам, аз ин рӯ, ашкам тамом шудаву ба осонӣ дарнамеояд. Аммо шумо боз мегӯед, бирав, ай, бача, ту дил надорӣ! Дар натиҷа корам ин аст, ки рост истодааму бо ҳоли парешон ба онҳо менигарам. Чизе, ки барои ӯ ғам офарид, барои ман – хурсандӣ: ба бонуе хонадор шудам, ки тамоми умр орзу мекардам, падари ӯро, ки маро ба тавре паст мезад, гӯрондам ва ҳоло хӯҷаини хонаам. Ба ҳар ҳол, орзуи онро дорам, ки самимона бигирям, аммо даст намедиҳад. Илова ба ин, имоми ҳарзагӯи масҷиди маҳалла ҳангоми шустани майит чиро дид, нақл кардааст ва ҳанӯз дар ҳавлии масҷид ба гӯшам аранге мерасид, ки дар бораи марги маҷбурии раҳматӣ гап задан доранд. Аз ин рӯ, бисёр мехостам, ғаму дарди худро бо гиря ифода кунам, то нагиристани маро ҳамсояҳо дигар хел маънидод накунанд. Охир, шумо мардуми моро медонед: ҳам аз баёни ғамамон метарсем, ҳам аз ошкор шудани сангдилиамон.

Як вақт рӯйи ҳавлӣ баромадам, ки бинам, ҳамсояҳо қасди рафтан доранд ё не. Ҳамчунин бояд гоҳо давр

мезадам, то фаҳманд, ки ин хона бе мард нест - ин фикри Шакура. Хешу табораш, ки солҳо язнаамро намедиданд, бо ман вохӯрдан замон он худораҳматиро ба ёд меоварданд ва гардани маро гирифта, ҳой-ҳой мегиристанд. Акнун тавону гиря кун баробари онҳо! Онҳо бо дастонашон ба сари синаву китф мезаданду нола мекарданд, аммо аз чашмони хушкидаи ман донаи ашк намебаромад. Акнун дар бораи ман бозори ғайбатро метасфонданд, ки як пиразани падарраҳмат, дилаш нарму бовиҷдон ҳолати маро дуруст дарк карда, чунин шарҳ додааст, ки ӯ дар дилаш мегиряд ва чунин гиря аз ҳама сахт аст: «Ӯ бештар аз ҳама гиря мекунад, фақат ашкаш рӯ намезанад». Э, вой, шоирона гап задааст он кампир! Дар гӯшае истода, хомӯшу беашк мегиристам, аммо хешовандон, ҳамсояҳо чунон мегиристанд, ки ашкашон дарё мешуд (аз куҷо ин қадар обро дастрас мекарда бошанд?!). Аз ман ҳоло ҳам қатъият дур буд: охир, худро хӯҷаини хона вонамуд кардан даркор аст. Дар бораи ҳарфҳои пиразан фикр мекардам, ки касе дарро зад. Хавотир шудам, фикр кардам, ки ин бор ҳатман Ҳасан ва одамонаш аст. Аммо он қадар парвои Ҳасан надоштам, ҳар касе набошад, аз дасти ин хешовандони девона наҷотам диҳад.

Аммо ӯ ҷавони қосид будааст. Маро ба қаср даъват кардаанд. Ҳаминаш кам буд?!

Аз ҳавлӣ берун шуданӣ будам, ки зери гулҳо барқ задани чизеро мушоҳида кардам, диққат кунам, як акча аст. Шумо донистан мехоҳед, ки аз он ки маро ба қаср даъват карданд, тарсидам ё на? Бале, тарсидам. Аммо аз он розӣ будам, ки аз хона ба ҳавои тозаи кӯча баромадам, нафаси сабук мекашам, ба дарахтон, аспҳо, саг, одамон нигоҳ мекунам. Хаёлпарастоне ҳастанд, ки бовар доранд сухани хуш сангро нарм месозад; пеш аз он ки чунин одамонро ба дасти ҷаллод супоранд, аввал бо зиндонбон

дар бораи хушиҳои зиндагӣ, дар бораи ғоғои мурғобиҳои кӯли маҳаллаашон, абрҳои уштургардани осмон ҳар гуна варсоқиҳо мехонанд. Инак, ман ҳам хостам, бо қосид ба гап дароям, аммо ӯ одами камгапу дарундоре будааст. Аз куҷо меёбанд инҳоро?! Вақте аз паҳлуи Айя-София мегузаштем, ба сарвҳои баландқомати хеле нозук чашм давондам. Аз дилам мегузашт: даҳшат он нест, ки маро баъди ин қадар интизориҳо, ки бо Шакура хонадор шудам, мумкин аст ба дасти ҷаллод супоранд, аз ҳама асосиаш ин аст, ки як шаб бо завҷаи азизам нахобида, аз дидораш сер нагашта, дар зери шиканҷа умрам ба охир хоҳад расид. Аз чунин фикрҳои мағшуш ва ғайриодилона дар тахтапуштам мурғак дамид.

Боз манораҳои назди дарвоза намоён шуданд, ки пагоҳӣ бо ҳарос ба онҳо нигоҳ мекардам, аммо мо тарафи дарвозаи миёна, ки баъди он қатори устохонаҳо ва ҷаллодхонаҳо сар мешуданд, нарафтем, балки аз назди дарвоза ба тарафи устохонаи дуредгарӣ равон шудем. Дар назди анборҳо аспи бемореро дидам, ки аз даҳонаш ҳавр медамид. Дар замини лой байни пойи асп гурбае меистод. Шояд аспро ба куштан мебурданд, ки ба мо эътиборе надод.

Вақте анборҳоро гузаштем, маро аз дасти қосиди камгап ду нафар қабул карданд ва аз сару либоси қаҳварангу сабзашон нафаҳмидам, кистанд. Онҳо маро ба биное даровардand ва аз бӯйи тозаи чӯб маълум мешуд, ки нав сохта шудааст. Онҳо маро ба ҳуҷраи торике дароварда фармуданд, ки ҳамин ҷо интизор шавам ва дарро қулф заданд. Медонистам, ки ба хонаи торик пеш аз шиканҷа кардан медароранд ва ин яке аз роҳҳои тарсонидан буд. Ягона роҳ монда буд, ки омадани онҳоро бо фалақ – асбоби шиканҷа интизор шавам. Менишастаму ягон баҳонаеро ҷустуҷӯ мекардам, ки туфайли он раҳоӣ ёбам. Дар ҳуҷраи паҳлуӣ шояд сохтмон

идома дошт, ки аз он овози одамон ва садои асбобҳо шунида мешуд.

Баъзеи шумо аллакай тамасхуромез аз дил гузаронидед: ман ба одамоне, ки ба шиканҷа супорида шудаам, монанд нестам. Магар ба шумо нагуфтам, ки одами хушбахт ҳастам, аз ҳар бало раҳоӣ меёбам? Агар ба шумо дар дувоздаҳ соли охир рӯзҳои сахтеро паси сар карда, боз зинда монданам аломати маро дӯст доштани Худованд ҳисоб намешавад, ана, боз як аломати дигар: магар он акчаро беҳуда аз рӯйи ҳавлӣ ёфтам?!

Шиканҷаро интизор шуда, худро ором мекардам: ин сикка аломати беҳбудӣ аст, аз ҷониби Худованд ирсол гашта. Тавонистам худро ба ин бовар кунонам; чанд бор тангаро бароварда бӯсидам, навозиш кардам. Аммо вақте маро кашолакунон аз ҳуҷра бароварда, ба хонаи дигар даровардand, он ҷо сардори посбонҳои қаср ва ҷаллодони сартоси хорватро дидам. Аз ваҷоҳати ҳамаи онҳо пай бурдам, ки тангаи нуқра ба дарди ман намехӯрад. Акнун ба ёдам расид, ки ин танга на аломати шафоати Худованд аст, ки ба ман фиристодааст, балки яке аз ҳамон акчаҳоест, ки ду рӯз пеш аз сари Шакура пошида будам ва бачаҳои ҳамсоя шояд онро наёфтаанд. Ҳамин тавр, вақте маро ба дасти он мири ғазаб супориданд, хасе набуд, ки аз он дорам. Ҳамаи умедҳо барбод рафтанд.

Нафаҳмида мондам, ки аз чашмонам чӣ тавр беихтиёр ашк равон мешавад. Омода будам, ки бинолам, амон талабам, аммо даҳон кушода натавонистам, чуноне, ки дар хоб чунин ҳолат рӯй медиҳад. Дар ҷанг маргро дида будам, шиканҷа ва қатли хиёнаткоронро мушоҳида кардаам, медонам, ки чӣ тавр одам бо ин бузургиаш дар як лаҳза ба ҳеч чиз табдил меёбад, аммо худам дар танам ин ҳолатро ҳис накардаам. Вақте нимтана ва куртаамро кашиданд, гумон кардам, ки алоқаи маро бо дунё баркандand.

Яке аз ҷаллодон ба болоям баромада, бо зонувонаш китфонамро ба фарш пахш кард. Дигараш бо як кордонӣ, чун заноне, ки хӯрок мепазанд ё ҷомашӯйӣ мекунанд, аз ду тарафи сарам кадом як асбоби ба гованбӯр ё қафас монандро гузошт ва оҳиста ба тоб додани дастак сар кард. Бале, он қафас набуд, балки фишанги махсуси гиро буд, ки бо он сари маро аз ду тараф фишор медоданд.

Бо тамоми қувва фарёд кардам, бахшиш пурсидам, аммо ҳарфҳоям бемаънӣ ва нофаҳмо садо медоданд. Ашкам чун дарё ҷорӣ буд.

Лаҳзае маро раҳо карданд ва якеашон пурсид: Оё Эниште-афандиро ман куштаам?

Нафасе кашидам: На.

Асбоб аз нав ба ҳаракат даромад. Тамоми баданам дард мекард.

Боз пурсиданд. На. Пас кӣ? Намедонам!

Куштам гӯям? Ин фикр ба сарам омад. Аммо олам болои сарам ором давр мегашт. Як бепарвоии пурра маро фаро гирифт. Шояд ба дард одат кардам, ба худ суол додам. Ман ва ҷаллодон лаҳзае беҳаракат мондем. Акнун сар дард намекард, аммо ҳароси бепоён ҷой дошт.

Акчаи дар ҷайбам буда ба куштанам роҳ намедиҳад, гуфта фикр мекардам, ки якбора маро сар доданд. Аз сарам он асбоби фишорро, ки дар асл на он қадар сахт баста буданд, кушода гирифтанд. Ҷаллоде, ки дар тахтапуштам менишаст, фаромад. Дар чашмонаш ягон зарра аломати узрхоҳӣ алҳол дида намешуд. Куртаю нимтанаамро пӯшидам.

Як хомӯшии дурудароз ҳама ҷоро фаро гирифт.

Ба хона даромадани сарнаққош Усмон-афандиро мушоҳида кардам. Наздаш рафта, дастонашро бӯсидам.

– Ғам нахӯр, –гуфт ба ман. –Туро як санҷиданд.

Ҳамон лаҳза фаҳмидам, ки баъди вафоти язнаам як падари нав пайдо кардам.

– Подшоҳамон дастур доданд, ки туро алҳол шиканҷа накунанд, –гуфт сардори посбонон. –Гуфтанд, барои ёфтани қотили наққошон, ғуломоне, ки китоби олампаноҳро омода месозанд, ту ба сарнаққош устод Усмон ёрӣ хоҳӣ дод. Ба шумо се рӯз вақт дода мешавад, дар ин муддат саҳифаҳои наққоширо аз назар гузаронда, аз рӯйи онҳо қотилро муайян мекунед. Он касро овозаҳое, ки шикоятгарон дар ҳаққи китобу наққошҳо паҳн кардаанд, ба ғазаб овардааст. Дар ин масъала бо изни подшоҳ ман ва сархазинадор Ҳазим-оғо ба шумо бояд ёрӣ расонем. Якеатон ба марҳум Эниште-афандӣ одами наздик аст, медонад, ки рассомони шабона омада чӣ тавр кор мекарданд, ҳикояҳои китобро шунидааст. Дигаратон–устоди бузург, фахр мекунад, ки тамоми наққошонро чун панҷ ангушти дасташ мешиносад. На танҳо он хук, балки саҳифаи охирини гумшудаи дуздидаи вайро, ки дар бораш ин қадар овозаҳост, агар дар ин се рӯз наёбед, бо дастури подшоҳи одиламон аввал ту – Кара-афандӣ ба шиканҷа кашида хоҳӣ шуд, баъд навбати наққошони дигар!

Аҷиб одамонанд инҳо: ман ҳисоб не. Ду дӯсти куҳане, ки солҳост бо ҳам кор мекунанд – устод Усмон-афандӣ ва сархазинадор Ҳазим-оғо, ки ба ӯ супориш дода, бо ашёву пул таъмин мекунад, дар ин асно ҳеч мушоҳида накардам, ки ба ҳамдигар ишорате карда бошанд.

– Инро хуб медонед, ки агар дар яке аз коргоҳҳои ҳунармандӣ, ки супоришҳои подшоҳамонро ба ҷо меоранд, ҷиноятe содир шавад, тамоми коргоҳ, аз ҷумла, сарвари он ҷавобгар дониста мешавад, то замоне ки ҷинояткорро дастгир накунанд. Агар ин кор иҷро нашавад, яъне, дар муҳлати муайяншуда қотили касофатро муайян ва дастгир карда натавонем, ҳама аз шогирд то ҳар яки мо, ба ҷазо сазоворем, –гуфт сардори посбонҳои қаср. –Сарнаққош устод Усмон аз ҳамин рӯз

бояд чашмонашро калон кушода, тамоми саҳифаҳоро омӯхта, муайян кунад, ки ин қувваи бадкор, ки дар байни наққошони бегуноҳ тухми нифоқ, шайтонгарӣ, ҳилла, фитна, фасод[121] коштааст, аз куҷо баромадааст, чиноятқорро ба дасти муҳокимаи боадолати ҷаҳонпаноҳ подшоҳамон таслим кунад, танҳо бо ин роҳ шарафи коргоҳашро нигоҳ дошта метавонад. Барои ин кор ҳар чӣ, ки лозим аст, ҳамаашро омода кардаем, агар лозим бошад, боз муҳайё мекунем. Одамонамон дар хонаи устоҳои наққош кофтуков гузаронида, саҳифаҳои ёфтаи китобро меоранд.

41. Ман – устод Усмон

Сардори посбонон ва раиси хазинадорӣ супоришҳои подшоҳамонро такрор намуда, ҳар дуямонро дар хона танҳо гузошта рафтанд. Баъди шиканҷа ва тарсу гиря Кара ғамгину маҳзун буд. Монанди кӯдак хомӯш. Кордораш нашудам, то ба худ ояд.

Барои саҳифаҳои аз хонаҳои хаттотон, устои наққошҳо овардаи одамони сардори посбонҳоро омӯхтан ва ёфтани қотил се рӯз вақт дода шуд. Дар ёдатон будагист, чӣ қадар бароям бори аввал дидани нуҳ расми китоби Эниште-афандӣ, ки Кара барои сафед карданаш ба сархазинадор Ҳазим-оғо овард, нафратовар буд. Рости гап, онҳо ғайр аз нафрат ҳисси дигареро бедор намекунанд. Ҳоло, ки мехостам дубора нигоҳашон кунам, аз дил гузарондам, ки агар як наққоше тавонад маро, ки умрам сарфи ин корҳо шудааст, дар нигоҳи аввал он қадар асабонӣ ва нороҳат кунад, пас, ӯ наққоши маъмулӣ нест, бояд чизе дошта бошад. Аз ин рӯ, тасмим гирифтам,

---

[121] *Ҳила, фитна, фасод* – дар асли китоб ҳам ба чунин шакл.

ин навбат онҳоро бо диққати бештар нигоҳ кунам, то тавонам сиррашонро ошкор намоям.

Он нуҳ адад наққошӣ, ки бояд дар навбати аввал аз назар мегузарондам, бо супориши он мӯйсафеди камақл – Эниште-афандии марҳум, шавҳари холаи ин Кара кашида шудаанд. Саҳифаи аввал холӣ буд, агар ҷадвал, наққошиҳо ва дарахти дар даруни ҷадвал кашидаи бечораи Зарифро ба ҳисоб нагирем. Кӯшиш кардам, ташхис диҳам, ки он аз кадом китоб, аз кадом маҷлис аст. Зеро агар ман ба Парвонаи меҳрубон, Лаклаки боақл ва Зайтуни айёр супориш диҳам, ки расми як дарахтро кашанд, онҳо ин дарахтро аввал ҳамчун қисмати ҳикояе тасаввур мекарданд, то дар вақти кор ба тардид наафтанд. Агар ба ин дарахт бо диққат нигоҳ кунам, аз рӯйи шоху баргҳояшон метавонистам муайян кунам, ки наққош кадом ҳикояро дар назар дорад. Аммо ин дарахт бисёр бечора ва танҳо буд, аз он ки дар пасманзараш хатти уфуқ[122] чун дар наққошиҳои устодони қадимаи сабки Шероз хеле баланд меистод ва бештар танҳо менамуд. Вале холигоҳе, ки аз ҳисоби хеле баланд будани хатти уфуқ ба вуҷуд омадааст, маъниеро ифода намекард. Ҳамин тавр, ин дарахт бо таъсири устодони фарангӣ, ки ҳар чизеро фақат ба хотири худаш, на ба унвони бахше аз қисса мекашанд, бо шавқу рағбати хоси устодони Аҷам, ки оламро аз боло нигаристан мехоҳанд, муттаҳид шуда, дар натиҷа як расми ғамангези миёнаи на фарангӣ, на аҷамӣ ба вуҷуд омадааст. Қариб ба худ гуфта будам, ки дарахти дар охирзамон рӯйида чунин бояд бошад. Аммо дар натиҷаи кӯшиши якҷояи наққошони ман ва он марҳуми камақлу девона, ки мехостанд ин ду усули аз ҳам фарқдоштаро якҷоя созанд, як чизи беҳунарона ба вуҷуд

[122] *Уфуқ* – дар туркӣ низ уфуқ.

омадааст. Кӯшиши аз ду олам илҳом гирифтан на, балки маҳз ҳамин беҳунарӣ қаҳру ғазаби маро овард.

Ба дигар расмҳо: аспи пойҳояшро бардоштаи бисёр мукаммал, зани маҳзуни сархам низ нигариста, ҳамон ҳиссиёт маро фаро гирифт. Интихоби чиз дар он ду дарвеш ва ё он ду шайтон маро ба ғазаб овард. Охир, инҳоро наққошонам барои китоби подшоҳамон тайёр карданд. Аз он ки ҷони Эништеро пеш аз тамом кардани китоб гирифт, ба оқилии Худованд қоил шудам. Ҳеч хоҳиши ба сомон расондани ин китобро надорам.

Чӣ тавр ба қаҳр намеоӣ, вақте ки дар расм сагеро мебинӣ, ки гӯё бародарат бошад, ба ту аз наздик менигарад, ҳарчанд аз боло кашида шудааст? Албатта, аз як тараф, ба ҳунари наққош қоил нашудан мумкин нест, ба қалами кӣ мансуб будани онро зуд тахмин кардам, тарзи истодани саг хеле табиӣ офарида шудааст, сараш ба замин хеле наздик хам аст, бо қирраи чашм бо таҳдид ба мо менигарад, дар ин нигоҳҳо чӣ қадар зебоист, чӣ қадар шиддат аст дар сафедии дандонҳояш, аз тарафи дигар, ҳеч бахшида наметавонистам, ки ин қадар ҳунар ва устодӣ ба хизмати фаҳмиши ҳазёнмонанде, ки дар паси он иродаи бегона, номафҳум пинҳон аст, сарф шудааст. Ҳатто хоҳиши тақлид ба усули фарангӣ бо супориши подшоҳамон, ки китоб ба қайсари Рум фаҳмо бошад, кӯшиши чунин расмкаширо ҳақ бароварда наметавонад.

Дар расми дигари сербор, ки ҳамоно пай бурдам ба он дасти ҳар як устоди наққош расидааст, маро ранги сурх ба изтироб овард. Дасти касе, намедонам кӣ, бо як ҳукми мантиқи бароям номаълум дар расм чунон ранги сурхро зиёд истифода бурдааст, ки тамоми олам гӯё ба як ранги сурхи аҷиб ғарқ шудааст. Ба Кара нишон додам, ки дар ин саҳифаи пурбор кӣ чиро кашидааст: дарахти чинорро Лаклак, киштиҳо ва хонаҳоро Зайтун, бодбаракҳо ва гулҳоро Парвона .

– Шумо, ки солҳо боз ҳамаи наққошҳоро роҳбарӣ мекунед, устоди бузург ҳастед, албатта, сирри ҳунари ҳар як наққош, муъҷизаи қалам, ахлоқашонро пурра мешиносед, –гуфт Кара. –Дар ҳоле, ки яснаам онҳоро маҷбур кард, ки дар ин китоб усулҳои нав ва номаълумро истифода баранд, шумо чӣ тавр бо дасти кӣ кашида шудани ин ё он расмро медонед ва ба ин итминон доред?

– Замоне дар қалъаи ҳокимнишини Исфаҳон подшоҳи танҳое умр ба сар мебурд, китобу наққоширо дӯст медошт, –ба нақл пардохтам. –Пурқудрат, закӣ, аммо бадқаҳр буд. Ба ҷуз расми китобҳо ва ягона духтараш чизе ва касеро дӯст намедошт. Ба духтараш подшоҳ он қадар меҳри зиёд дошт, ки душманонаш дар ҳаққаш овоза карданд, ки ошиқи ӯст. Дар мағруриву рашк ба дараҷае расида буд, ки агар шоҳзодагони ҳамсоя, шоҳон духтарашро хостгорӣ кунанд, метавонист бо онҳо ҷанг эълон кунад. Аз ин рӯ, ягон шавҳарро ба духтараш лоиқ надониста, бечораро дар паси чил дари чил қуфлу калиддор пинҳон карда буд. Зеро дар Исфаҳон бовар доштанд, ки агар марде рӯйи духтари мағрурро бинад, ҳусну ҷамолаш мекоҳад. Як рӯз вақте ки кори наққошии китоби «Хусрав ва Ширин»-ро бо усули ҳиротӣ ба анҷом расонданд, овозае дар Исфаҳон паҳн шуд: дар расми пурбори саҳифае духтари зебои сап-сафеди подшоҳи бадрашк ҳам ҳаст. Аз овозаҳо пештар худи подшоҳ ба ин расми пурасрор бо шубҳа нигариста буд, баъди ин, бо дастони ларзон китобро кушод ва ин сафар расми зебодухтарашро зуд шинохт, чашмонаш ашкбор гаштанд. Ба иддаои мардум духтар аз хонаи чил адад калиддор лаҳзае берун набаромадааст, балки ҳусни ӯ монанди хаёлоти аз ҳузн ба танг омада боре шабона аз сӯрохии қулф таровида берун шуд ва дар ойина инъикос ёфта, ҳамчун ғуборе, ки дар нури офтоб медурахшад, ба ҳуҷрае ворид гаштааст, ки он ҷо рассомон кор мекарданд ва он

ҷо ба чашми яке аз онҳо намудор гаштааст. Устои ҷавони наққош аз он риштаи нур ҳеч чашм канда натавонист ва баъд тоқат накарда, расми он нури зеборо дар як кунҷи наққошие, ки анҷом медод, кашид. Ин расм дар саҳнае ҷой дода шудааст, ки Ширин ҳангоми сайр расми Хусравро дида, ба вай ошиқ мешавад.

– Устодам, ҷанобам, ин як тасодуфи бузург аст, –нидо бароварда Кара. –Чунки мо ҳам ин саҳнаро аз он маҷлис дӯст медорем.

– Ин саҳна нест, як достон аст, –гуфтам. –Гӯш кун. Наққоши мо духтари подшоҳро дар тимсоли Ширини зебо на, балки дар симои надимаҳое, ки ба Ширин ёрӣ мерасонанд, уд менавозанд, рӯйи майсазор суфра меороянд, тасвир кардааст. Зеро ҳамон лаҳзае, ки он сурати зебо дар шакли ғубори нур пеши назараш пайдо шуд, ӯ сурати надимаро мекашид. Дар натиҷа зебоии он надимаи дар канори саҳифа кашида ҳусни Ширинро коста гардонд, хушоҳангии расм аз байн рафт. Подшоҳ дар расм духтари худро дида, хост он наққоши боҳунарро пайдо кунад. Аммо рассоми айёр аз ғазаби подшоҳ тарсида, расми надима ва духтари подшоҳро ба услуби маъмулӣ не, балки ба услуби наве кашида буд, ки муаллифашро ёфтан имкон надошт. Зеро дар расм бисёр наққошони дигар ҳам қалам ва ҳунар сарф карда буданд.

– Хуб, подшоҳ чӣ тавр муаллифи расмро муайян кард?

– Аз рӯйи гӯшҳо.

– Аз рӯйи гӯшҳо? Гӯшҳои духтараш ё духтари дар расм тасвиршуда?

– Аслан аз рӯйи ягонтои онҳо, балки бо фаросат дарёфт. Нахуст тамоми китобҳо, саҳифаҳо ва расмҳои тайёрро варақ зада, ногоҳ чизе ба ёдаш расид ва ба гӯшҳо диққат дод. Ин чиз кайҳо ба ӯ маълум буд: ҳар наққош новобаста ба ҳунар гӯшҳоро ба таври худ мекашад. Фарқ надорад: ҳазор бор чеҳраи подшоҳ, як кӯдак, як ҷанговар,

ҳатто рухсори бо чодар пӯшидаи ҳазрати Пайғамбарамон (с), башараи шайтонро кашад ҳам, чунин аст. Ҳар рассом, ҳар дафъа, гӯё имзои ӯ бошад, гӯшҳоро ба як шакл мекашад.

– Чаро?

– Устоди рассом ҳангоми кашидани чеҳра тамоми диққаташро ба ифода, монандӣ ё фарқи рӯй, наздикии расм ба тасаввурот дар бораи зебоии комил ва мувофиқат ба қолабҳои куҳна равона месозад. Вақте навбати гӯшҳо меояд, ба наққошҳои дигар, қолабҳои мавҷуд тақлид намекунад, ба гӯши ҳақиқӣ ҳам нигоҳ намекунад. Гӯшҳоро ӯро фикр накарда, аз рӯйи ҳофиза мекашад. Дар натиҷа қаламаш аз пеши худ ҳаракат карда, гӯшеро мекашад, ки фақат ба усули як наққош дахл дорад.

– Аммо устодони бузург ашё, аспҳо, дарахтон, инсонҳоро бе назар дӯхтан, магар аз рӯйи азбар[123] намекашанд? –пурсид Кара.

– Дуруст, –гуфтам. –Аммо ин азбар дигар аст, он баъди кори чандинсолаи зеҳнӣ ва андеша ба даст меояд. Ҳар наққош дар умраш миқдори зиёди аспи ҳақиқӣ ва кашидаро мебинад, хуб мефаҳмад, ки агар ҳамеша ба аспи ҳақиқӣ нигарад, ин ба тимсоли аспи хаёлиаш зиён мерасонад. Давоми умр даҳҳо расми аспро кашида, наққош дер ё зуд дарк мекунад, ки ниҳоят, ба ҳақиқат наздик шудааст, дар натиҷа дар зеҳни ӯ сурати аспе нақш мебандад ва онро зимни наққошӣ истифода мебарад, вай ҳамон қадар малака пайдо мекунад, ки ба осонӣ расми аспро дар коғаз, наздик ба ҳамоне, ки Худованд хостааст, тасвир месозад. Аспе, ки аз рӯйи хотира хеле зуд кашида мешавад, ифодагари истеъдод, аломати заҳмат ва дониш аст ва ба офаридаи Худованд наздик мебошад. Барои кашидани расми асп ба чунин рассом дигар ниёзе ба

---

[123] *Азбар* – дар туркӣ низ азбар.

дидани худи асп ё сурати он пайдо намешавад. Аммо вақте ки наққош расми гӯшҳоро мекашад, дастони ӯро азбарнамудаи чандсолааш ҳаракат намедиҳанд, дар бораи чизе фикр намекунад, ба чизе диққат намедиҳад, бинобар ин, дар тасвири гӯшҳо ҳамеша нуқс ба чашм мерасад, яъне, гӯш дар ҳар рассом ба таври хос кашида мешавад. Гӯё як имзо ба вуҷуд меояд.

Садо ва ҳаракате ба гӯш расид. Одамҳои сардори посбонҳо ба ҳуҷраи куҳнаи наққошхона саҳифаҳои аз хонаи хаттотону наққошон гирифтаашонро оварда партофтанд.

– Дар асл гӯш як нуқси инсон аст, –гуфтам барои Караро хандондан. –Дар ҳар кас фарқ дорад ва дар ҳама як хел– безеб.

– Бо он рассоме, ки имзояш ӯро фош кард, чӣ чора андешиданд?

«Кӯраш карданд», –нагуфтам, барои он ки Караро аз ин беш маҳзун насозам. Балки:

– Бо духтари подшоҳ хонадор шуд, –гуфтам. –Аз ҳамон вақт барои ташхиси наққошиҳо усуле ба миён омад, ки дар байни хонҳо, шоҳон, подшоҳон номи «усули надима»-ро гирифт, он фарқияти кори як рассомро аз дигараш муайян месозад, усули мазкур дар наққошхонаҳо ба таври махфӣ истифода мешавад, то ҳар рассом аз кораш мункир нашавад. Муҳим он аст, ки ҷузъи хурдтарини расмро бояд ёфт, ки аҳамияти муҳим надошта бошад ҳам, зиёд такрор мегардад ва бо як аҷала, бе ягон диққат кашида мешавад. Дуруст аст, ки дар ҳикояи мо подшоҳ наққоши ҷавонро аз рӯйи гӯшҳое, ки кашида буд, фош кард. Аммо ин из метавонад дар ҷойи дигар: ангуштҳо, нохунҳо, мӯйҳо, баргҳои дарахт, доғҳои девор… бошад. Ин роҳ ҳамон вақт фоида мерасонад, ки рассом аз он ки ин ё он ҷузъи хурд ба имзои махфиаш табдил ёфтааст, бехабар монад. Масалан, дар риши мард

аз усули надима кор гирифта намешавад, зеро вақти кашидани он рассом ҳатман фикр мекунад, ки ришро чӣ тавр кашад. Аммо абрӯвон метавонад ба сифати надима ба кор равад, ба он касе диққат намедиҳад. Биё, акнун, нигоҳ кунем, ки кадоме аз наққошони ҷавонамон ба кадоме аз расмҳои Эништеи марҳум дасту панҷа задааст?

Расмҳоеро, ки бо усулҳои гуногун барои ду китоби ба ҳам монанд набуда кашида шудаанд: китоби Эништеи марҳум, ки махфӣ тайёр карда мешуд ва «Сурнома»–и хатнасури шоҳзодаамон, ки бо роҳбарии ман ба сурати ошкор омода мегашт, паҳлуи ҳам гузоштем ва пурбинамро бардошта, бо Кара бо диққат ба муоина пардохтем:

1. Пеш аз ҳама ба яке аз саҳифаҳои «Сурнома» диққат додем, ки маросими гузари устоҳои чармгарро аз назди подшоҳамон тасвир мекард. Он кас аз айвони қасри на он қадар калон, ки ба ин муносибат бино шудааст, назора доштанд. Устое бо ҷомаи сурх ва миёнбанди кабуд пӯсти рӯбоҳро, ки каллааш овезон аст, гирифта мегузарад, дандонҳои рӯбоҳ намоёнанд, чунин дандонҳоро дар махлуқи бадбахти китоби Эниште, ки ба усули самарқандӣ ба шакли нимшайтону нимдев кашида шудааст, воҳӯрдем, бале, ҳар ду маҳсули қалами Зайтунанд.

2. Дар авҷи хатнасур, зери тирезае, ки аз он подшоҳамон ба Ат-Майдон менигарад, бо либосҳои дарида ва ҳоли хароб дастаи ғозиёни аз сарҳад баргашта ҷамъ шудаанд. Яке аз онҳо дар ароба истода: «Подшоҳам, мо, аскарони қаҳрамони ту, бар зидди кофирон ба номи дин ҷангидем, асир афтода, наздиконамонро гаравгон гузошта, озод шудем, баҳри харида гирифтани онҳо барои пулкобӣ ба Истанбул омада, ин ҷо ба қаҳтию қиматӣ дучор шудем, ҳоло ба ёрии ту муҳтоҷем, барои наздиконамонро аз дасти

кофирон халос кардан тилло бидеҳ ё асиронашонро озод кун, то иваз намоем», - мегуфт. Ба подшоҳамон баробари ба ғазо рафтагони бечораи фақир ва сафирони Аҷаму Тотор саги танбале аз майдон бо як чашм менигарист, нохунҳои саг, бешубҳа, бо дасти ҳамоне кашида шудаанд, ки нохунҳои саги дигарро аз китоби Эниште, дар бораи саргузашти пул кашидааст. Ин кори Лайлак.

3. Дар рӯ ба рӯи подшоҳамон паҳлуи дорбозон, ҳуққабозҳое, ки тухмро рӯйи тахта меғелонданд, кали пири пойлуче дар тан нимтанаи бунафш дар гилемчаи сурх нишаста, даф мезанад, ангуштонаш айни ангуштони зани лаълидоре, ки дар китоби Эниште бо ранги сурх кашида шудааст. Ин Зайтун.

4. Аз рӯбарӯи подшоҳамон таббохони қаср аробаеро тела дода мегузаранд, ки дар байнаш дар оташ деги бузурге гузошта шуда, дар он бо гӯшту пиёз долма мепазад; сангҳои кабуди рӯйи замини сурх, ки бо он таббохон қадам мезананд, албатта, бо дасте кашида шудаанд, ки дар китоби Эниште сангҳои лоҷувардии рӯйи хоки обитиллоравондаро, ки дар он шабаҳи махлуқи номаълум пояш ба замин нарасида қадам мезанад ва ин расмро Эниште Марг унвон карда тасвир намудааст. Ҳарчанд сангу замин гуногун, шакл, нақш ва усули кор як хел, пас, метавон ба хулосае омад, ки ин кори Парвона аст.

5. Сафири шоҳи Аҷам барои нишон додани алоқамандии давлаташ ба таҳкими сулҳу дӯстӣ бо императории Туркияи усмонӣ дар назди олампаноҳ, подшоҳи олиҷоҳи мо хуб ҷон мекоҳонад; дар ҳамин асно аз ҷониби тоторҳо пайке ҳозир мешавад бо хабари он ки лашкари Аҷам барои ҷанг омода аст, дар натиҷа анбӯҳи одамон чунон ба хурӯш меояд, ки ҳама чапаву роста мешавад, чанги замин ба ҳаво мебарояд, машкобҳо об мекашонанд, то майдонро об зананд, ашхосе дар

пушташон халтаи чармӣ пайдо мешаванд, то ба сари одамон равғани зағир бирезанд. Давидани ин одамон ба давидани онҳое монанд буд, ки дар яке аз наққошиҳои Эниште аз дидани махлуқе монанди шайтон мегурезанд. Пас, ин кори Парвона аст.

Кашфи охиринро на ман, балки Кара кард, ҳарчанд шишаи пурбинро аз як саҳифа ба саҳифаи дигар ман мегузоштам ва ҷустуҷӯро роҳбарӣ мекардам. Аммо Кара, ки аз шиканча тарсида буд ва ҳарчи зуд ба назди арӯси дар хона нигаронаш баргаштан мехост, ба расмҳо на кам аз ман диққат медод. Ҳамин тавр, мо тамоми вақти баъди пешинро бо омӯхтани нуҳ расми китоби Эниште бо ёрии усули надима ва баёни андешаҳои шахсиамон дар бораи онҳо сарф кардем.

Язнаи Кара Эништеи марҳум ягон саҳифаро ба яке аз наққошони ҳунарманд бовар карда намесупорид ва дар аксари расмҳо нақши дасти ҳар се рассом дида мешавад. Ин расмҳоро аз як хона ба хонаи дигар мебурданд, дар баъзеашон асари дасти каси тамоман ғайр мушоҳида мешуд, инро мушоҳида карда, ба ғазаб омадам, фикр кардам, ки чӣ қадар беҳунар аст ин қотили разил, аммо Кара гуфт, ки ин рангҳои боэҳтиётро язнааш илова кардааст, дар натиҷа аз баҳри ин из баромадем. Ниҳоят равшан шуд, ки агар Зариф-афандии бадбахтро, ки барои китоби Эниште-афандӣ низ ҳамин навъ тазҳибҳоро ҳамчун дар китоби «Сурнома» (дидани ин бароям хеле дарднок буд) анҷом додааст ва гоҳо нақши қаламаш дар деворҳо, барги гулу дарахтон ва абрҳо дида мешаванд, ба назар нагирем, дар болои наққошиҳо танҳо се нафар шогирди беҳтаринам кор кардаанд. Инҳо наққошони беҳтарини наққошхона, се нафар фарзандам, шогирдони дӯстдоштаву ҳунармандам Зайтун, Парвона ва Лаклак мебошанд…

Ба қароре омадам, ки агар дар бораи истеъдоди махсус, ҳунар ва хусусияти кори ҳар кадом нақл кунам, ба кори ҷустуҷӯ ёрӣ хоҳад расонд, аммо чунин шуд, ки дар бораи онҳо не, оид ба ҳаёти худам нақл кардам.

Сифоти Зайтун

Номии аслиаш Валиҷон аст, намедонам ба ғайр аз лақаби ман гузошта боз ягон ном дорад ё не, чунки ягон бор имзо гузоштанашро надидам. Ҳангоми шогирдӣ маро аз хона дар рӯзҳои сешанбе ҳамроҳӣ мекард. Бисёр мағрур аст; бинобар ин, ба дараҷае худашро паст зада бошад, ки имзо гузоштааст, онро пинҳон намедорад, мехоҳад ҳама бинандаш. Худованд ба ӯ истеъдоди воло додааст. Аз тазҳиб то ҷадвалкашӣ ҳама корро метавонад, осон ва беҳтар аз ҳама иҷро мекунад. Дарахт, ҳайвон ва чеҳраи инсонро дар наққошхонаамон аз ҳама беҳтар мекашад. Валиҷонро, агар хато накунам, дар даҳсолагиаш падараш ба Истанбул оварда буд, он вақт ӯ дар наққошхонаи шоҳи сафавӣ дар Табрез дар назди устоди машҳури чеҳранигор Сиёвуш таълим мегирифт, тавассути силсилаи устодон Сиёвуш то муғулҳо рафта мерасид. Валиҷон кашидани чеҳраи одамонро аз ин устод омӯхтааст. Чун устодони пиронсол, ки яксаду панҷоҳ сол пеш дар Самарқанд, Бухоро ва Ҳирот зиндагӣ мекарданд, рухсори ошиқони ҷавонро ба усули чинӣ монанди маҳтоб мекашад. На дар шогирдӣ, на ҳангоми устодиаш хислати ӯро фаҳмида тавонистам. Агар аз ман бипурсед, дар ҳақиқат, ба сабки чинӣ, муғулӣ ва ҳиротӣ зиёд дода шуда буд, ошиқонро монанд ба сабки чинӣ мекашид, агар тавонад, ки андаке аз ин сабк дил канад, бовар дорам, касе ба гарди пояш расида наметавонад. Инро ба худаш ҳам гуфта будам, қабул накард, ҷавоб дод, ки бе ин ҳам онро фаромӯш кардааст ва ҳеч вақт давомдиҳандаи ҳақиқии кори онҳо набудааст. Ба ҳама шогирдонам

мегӯям, ки усулу сабки он устодони куҳанро омӯзед, ёд гиред ва ҳатто ҳифз кунед, ки ҳеч вақт аз ёдатон наравад, вале ба назарам Валиҷон онҳоро фаромӯш кунад, беҳтар аст. Он вақт ӯ устоди бузург хоҳад шуд. Вақте наққош он сабкеро, ки аз устодони гузашта хуб меомӯзад ва дар зеҳнаш пинҳон нигоҳ медорад, ба ӯ манфиати дутарафа мерасонад. Аз як тараф, ӯ медонад, ки он сабку усули худаш нест ва дар натиҷа ба роҳат малакаи худро сайқал диҳад, аз тарафи дигар, вақте ба мушкилоте рӯ ба рӯ мешавад, рамзи аз устодони пешин омӯхтаашро ба хотир меорад ва саҳнаи навро бо муваффақият тасвир месозад. Зайтун нигоҳи амиқ дорад, бинобар ин, ба наққошиҳои мазмунашон нав он чизҳоеро, ки аз устодони гузаштаи сабки даврони шоҳ Таҳмосп азбар кардааст, метавонад хуб омезиш дода, ҳамоҳанг намояд. Дар корҳои ӯ анъанаҳои Ҳирот ва санъати Истанбул дар ҳамоҳангӣ ва ягонагӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Бояд гуфт, ки ба хонаи ҳамаи наққошонам ақаллан як бор бе огоҳӣ рафтаам, боре ба хонаи Зайтун ҳам. Ҷойи кори ӯ бар хилофи коргоҳам, умуман, тамоми шогирдонам паҳну парешон буд, ранг, мӯйқаламҳо, зарфакҳо барои нигаҳдории коғаз, тахтачаҳо болои ҳам партофта шудаанд, ҳама ҷо чиркин ва бетартиб. Аммо аз ин нороҳат набуд ва аз ман заррае шарм накард. Ҳеч фикр намекардам, ки ҳучраи як наққош чунин бошад. Дар ин авохир шунида будам, ки берун аз дарбор ҳам кори иловагӣ мегирад. Дуруст аст, ки супоришдиҳандаҳо ин бандаҳои Худоро маҷбур мекарданд, ба хотири чанд сикка наққошиҳои беҳуда кашанд ва ин кор ба шумо мегӯям, ки шоистаи наққоши ҳақиқӣ нест. Аммо аз вақте, ки маоши наққошҳо аз тарафи подшоҳ қатъ гардид, инҳо чорае надоранд ҷуз ин ки ба чунин корҳое тан диҳанд. Вақте ин андешаҳоямро баён доштам, Кара ба хотир овард, ки ба андешаи язнааш, аз наққошҳое, ки болои

китоб кор мекунанд, бештар аз ҳама, Зайтун ба усулҳои устодони фарангӣ алоқаманд аст. Дар дилам гуфтам, ки сабабгори ин ҳама он аблаҳи пиракӣ буд, вагарна бачаҳо усули фарангиро аз куҷо медонистанд. Ин нодони Кара ҳам ҳунари наққоширо аз куҷо мефаҳмад?! Оё иштибоҳашро пай бурд? Ҳамон тавре ки пеш аз ин ба шумо гуфтам, нағз медонам, ки Зайтун ба наққошии даврони Беҳзод алоқамандии зиёд дорад, анъанаҳои устодони куҳан, умуман, замони гулгулшукуфии Ҳиротро, ки то ба ӯ аз устоди падараш Сиёвуш ва мураббии Сиёвуш Музаффар омада расидааст, эҳтиром мекунад. Азбаски ӯ ин алоқамандии худро аз дигарон пинҳон кардан мехоҳад, ба назарам менамуд, ки ӯ дигар асрори ниҳонӣ ҳам бояд дошта бошад. Зайтун дар байни наққошон аз ҳама шахси дарундор, хаппак, маккор ва хушомадгӯй аст (инро дар дилам гуфтам). Вақте сардори посбонҳо дар бораи шиканҷа гап сар кард, ба ёдам зуд Зайтун расид, аммо намехоҳам, ки ӯро зери шиканҷа гиранд. Чашмони ӯ бисёр амиқу оташборанд, дар одамон чунин чашмонро дӯст надорам, зеро аз соҳиби чунин чашм некӣ барнаояд. Ин чашмон ба чашми шайтон монанданд, ба ҳар ҳол наққошонам чашми ҷину шайтонро ҳамин тавр мекашанд. Соҳиби чунин чашм ҳамаро мебинад, ҳатто камбуду норасоиҳои маро ҳам, аммо чун тамоми одамони беватан эҳтиёткор аст ва норасоиатонро рӯйирост намегӯяд. Бале, ӯ дарундор ва маккор аст, аммо ба фикрам, қотил нест. Инро ба Кара ҳам гуфтам. Гап дар сари он аст, ки вай ба чизе бовар намекунад. Ба боигарӣ ҳам бовар надорад, ҳарчанд эҳтиёткоронаву тарсувор пул ҷамъ мекунад. Дар омади гап, шунидаам, ки қотил на аз байни онҳое, ки ба ҳеч чиз бовар надоранд, балки аз байни онҳое мебарояд, ки аз ҳад хушбоваранд. Ба ҳамаатон маълум аст, ки наққошӣ корест муқобили хости Худованд (Худованд моро нигаҳ

дорад ва биёмурзад!), ба ин маънӣ, Зайтун, ки ба чизе бовар надорад, наққоши ҳақиқист. Аммо ҳоло чунон ба назарам мерасад, ки истеъдоди ӯ аз ҳунари Парвона ва ҳатто Лаклак кам аст. Аммо аз чунин фарзанд ва шогирд рӯй гардонида намешавад. Ин гапҳоро гуфта, мехостам, ки ҳасади Кararo бедор созам, аммо дар чашмони чун кӯдак калон кушодаи ӯ фақат кунҷковии бачагонаро эҳсос кардам. Ба Кара мегуфтам, ки ҳеч кас ба Зайтун баробар намешавад, вақте ки ӯ бо қалами сиёҳ барои ороиши мураққаъ ҷанговарон ва сайёдон, бо усули чинӣ дар манзараи табиат лаклаку турнаҳо, ҷавонони барнои дар сояи дарахт нишаста, шеър хондаву уд навохта истодаро мекашад; дар ифодаи эҳсоси ошиқони ғамзада, ғазаби шоҳи дар дасташ шамшер, тарсу ҳароси одами аз аждаҳо гурезон ӯ устоди касб аст.

– Эҳтимол язнаам он наққошии охиринро, ки дар он бояд чеҳраи подшоҳамон ба усули фарангӣ кашида шавад, ба Зайтун супурданӣ буд? –тахмин кард Кара.

Чӣ, ӯ ба ман муаммое пешниҳод мекунад?!

– Агар ин тавр буд, баъди куштани Эниште ба Зайтун, ки зотан ҳама чизро медонист, чӣ зарур буд, ки он расмро бо худ барад? –пурсидам. – Баъди дидани он расм чаро Эниште-афандиро кушт?

Лаҳзае ҳар ду ба андеша рафтем.

– Шояд барои он ки расм ягон норасоӣ дошт? –гуфт Кара. –Ё пушаймон шуда тарсид. Ё шояд… –Лаҳзае хомӯш монд. –Ё шояд баъди куштани язнаи бечораам зарарe расондан, хотирае гирифтан мехост, ҳатто ӯ бе ягон зарурат метавонист расмро гирад? Зайтун наққоши бузург аст ва, албатта, расми зеборо меписандад.

– Дар бораи наққоши бузурги Зайтун аллакай ҳарф задем, –бо ғазаб гуфтам, –аммо ягон расми Эниште зебо нест.

– Охиринашро надидаед, –ҷасурона гуфт Кара.

Сифоти Парвона

Ҳасан Челебии Бурутхонаӣ аст барои баъзеҳо, аммо барои ман ҳамеша Парвона. Ин ном бароям аз ҳама чизҳои зебои бачагӣ ва ҷавонӣ ёдовар мешавад. Одам барои он ки ба чашмаш бовар кунад, баргашта ба ӯ нигоҳ мекунад, ин қадар зебост, ҳозир ҳам. Ҳар замон ҳайрон мешавам: чӣ қадар зебо бошад – ҳамон қадар ҳунараш ҳам зебост. Як устоди ранг аст, ҳунари асосиаш дар ҳамин аст, гӯё маҳз барои завқе, ки ба ранг дорад, расм мекашад. Аммо камбуд дорад, инро ба Кара гуфтам: парешонҳолӣ, беиродагӣ ва беқарорӣ. Барои он ки адолатро риоя кунам, ҳамоно илова намудам: рассоми ҳақиқиест, ки аз таҳти дил мекашад. Агар аз рӯйи ақл, барои эҳсоси ҳайвонии даруниамон ё таъмини ғурури подшоҳ не, балки аз рӯйи эҳсос, барои ба чашмҳо шодӣ бахшидан кор кунад, ӯ рассоми ҳақиқист. Дар назари аввал ӯ аз устодоне, ки чил сол пеш дар Қазвин кор мекарданд, таълим гирифтааст, аммо ҳама чизро ман ба ӯ омӯхтаам, на он устодони кайҳо дар қабрашон пӯсида; дар хатту қаламаш оромӣ, роҳат, бахт, равшанӣ ва ҷасорат, дар сохтори махфии расмҳояш бошад, ҳамеша як доираи хеле зебо ба чашм мерасад. Шояд барои ин ӯро чун писарам ва баландтар аз ӯ дӯст медорам, аммо ҳеч гоҳ ба ҳайрат наафтидаам. Дар кӯдакӣ ва наврасӣ чун дигар шогирдон аз ман зиёд чӯтка, ҷадвал, ҳатто чӯб хӯрдааст, аммо гуфта наметавонам, ки ба маҳзи ин эҳтиромам ба ӯ кам шудааст. Чунки Лаклакро ҳам зиёд бо ҷадвал задаам, вале ӯро ҳурмат мекунам. Шаттаи устод ҳунари ҷину шайтонии дар рӯҳи шогирдон бударо аз байн намебарад, балки муддате хомӯш месозад. Агар шаттаву шаллоқ ҳаққонианд, минбаъд дар зинаи камолот наққошро маҷбур мекунанд, ки дар болои худ кор кунад.

Тавассути шаллоққоям Парвона наққоши хушбахт ва кӯшо шуд.

Баъд дар дилам хоҳише пайдо шуд, ки Парвонаро таъриф кунам, аз ин рӯ, ба Кара гуфтам, ки дар мисоли Парвона метавон ҳадс зад, ки танҳо ҳунари истифодаи ранг, истеъдоди худодод имкон медиҳад, ки ҳамон тавре ки шоир дар маснавиаш гуфтааст, хушбахтиро тасвир созад. Инро фаҳмидан замон норасоии Парвонаро ҳам дарк кардам: ӯ ба лаҳзаҳое, ки Ҷомӣ дар шеъраш «шаби торики рӯҳ» номидааст, боварӣ надорад. Ӯ ба кор ҳар дафъа гӯё дар ҷаннат бошад, бо боварию шодмонӣ шурӯъ менамояд, бо боварие, ки метавонад хушбахтӣ офарад ва дар ҳақиқат ба ин нияташ мерасад. Чунон бо эътимод ва назари нек ба кор сар мекунад, ки эҳсос менамояд ба ҳар хате, ки мекашад, як қадам наздики Худованд шудааст ва шояд далели ягонаи наққошӣ карданаш ҳам ҳамин бошад. Наққошиҳояш одамро ба зиндагӣ даъват месозанд, ба инсон умеди итминон мебахшад. Барои Парвона аслан фарқ надорад, ки чӣ мекашад: торумор шудани қалъаи Дуппиёи румиҳо аз тарафи сарбозони подшоҳамон, маросими шарафёбии сафири ҷадиди Маҷористон, меъроҷи ҳазрати Пайғамбар (с) ба осмони ҳафтум. Ҳар чизе, ки кашад, дар он умеду эътимод мавҷ мезанад. Бале, нақшу нигораш аз саҳифа канда мешавад ва дасти одамро мегирад ва мекашад самти осмон ва гӯё мегӯяд: «Натарс, он боло яке ҳаст, ки туро дӯст медорад ва ёрӣ мерасонад». Яъне, ҳунари дасти Парвона одамро ба Худованд наздик мекунад. Мо наққошии каси дигарро, ки касро нороҳату ноумед мегардонад, ба дасти Парвона медиҳем ва мегӯем, ҳар тавре ки бихоҳӣ, ранг давон. Баъд мебинем, он рӯҳи Худо, ки Парвона ба наққошӣ дамидааст, расмро ҳаёт мебахшад. Санглоху шӯразаминро бо ҳунари дасту хаёлот чун оби нилгуни амвоҷи тангнои халиҷ ба ҳаракат медарорад. Бале,

диққат диҳед, ба оби дарёҳо чиҳо карда?! Баъзан фикр мекунам, Худованд бо истеъдоде, ки ба Парвона додааст, мехоҳад ба мо бигӯяд, ки дӯст медорад вақте дунёро мо ҳамон тавре бубинем, ки дар наққошиҳои ин шахс дида мешавад. Оҳанге, ки бо ранги наққошиҳои Парвона навохта мешавад ва шеъре, ки бо хатҳои ҳуруфи наққошияҳояш суруда мешавад, дар якҷоягӣ дунёеро халқ мекунанд, ки дар он барои шайтон, гуноҳ, зиштӣ ва палидӣ ҷой нест.

Шояд шумо бар онед, ки барои Кара шуда, ин қадар Парвонаро тавсиф кардам. Охир, мегӯед шумо, чун бисёр одамоне, ки чунин афкор доранд, наққошиҳои Парвона монанди шодии рӯзи ид аст, ки баъди як назар андохтан пагоҳ аз хотирҳо фаромӯш мешавад. Ҳасудонаш мегӯянд, ки наққошиҳояш барои бачагон ва бонувони ҳарамсаро заруранд, аммо онҳое, ки тамоми рӯз аз пайи ёфтани як луқма нони ҳалол худро ба ин дару он дар мезананд ва ҳама корро мекунанд то дасти холӣ ба хона барнагарданд, ба ин расмҳо механданд ва кори беҳуда ва сарфи вақт медонанд. Чӣ кунам, ки аксари одамон чунинанд?! Худи Парвона низ инро мефаҳмад ва гоҳо ба кори дасти он наққошони камҳунар ва камистеъдод, ки дар дилашон ҷину шайтон ҷой гирифтааст, ҳасад мебарад, зеро дар бораи онҳо на касе гап мезанаду на наққошиҳояшонро мебинад. Аммо Парвона шахсест, ки аз ҳама бештар аз ҳасаду кина дур аст.

Маро он писанд нест, ки вай ҳангоми кор дар ёди дунёи зебои офаридааш нест, балки таърифҳои шунидаашро ба хотир меорад. Ҳамчунин дар ин ҳол дар бораи пуле, ки барои ин ба ӯ медиҳанд, фикр мекунад. Аҷоиботи корро бинед: баъзе наққошони камҳунар вақти кор тамоми ҳушу хаёлашонро ба корашон мебахшанд, аммо ӯ, ки дар бораи чизи чандумдараҷа фикр мекунад, ба натиҷаи беҳтар ноил мегардад.

Парвона ҳам барои он ки ба ҳунар эътиқод доштанашро исбот созад, ба коре даст зад, ки он метавонад шахсро ба зудӣ аз қувваи босира маҳрум созад. Ин ҷой додани наққошӣ дар нохуни даст ва рӯйи донаи гандум аст. Боре аз ӯ пурсидам, барои чӣ ба ин кори беҳуда машғул мешавад, магар барои он ки аз истеъдоди худододаш шарм мекунад? Охир, танҳо наққошони камҳунар барои писанд омадан ба подшоҳҳо ва ҳар гуна сарватмандону мансабдорон дар рӯйи донаи гандум нақши дарахтро кашида, ба он ҳатто гулу баргро ҳам илова мекунанд.

Азбаски Парвона на барои худ, балки барои чашми дигарон саъю кӯшиш мекунад, ҳамеша аз таърифу тавсиф ва аломатҳои зоҳирии эътироф вобаста мемонад. Бо ин сабаб ҳамеша дар ёди ба даст овардани мансаби саррассом баъди сари ман аст. Дар ин бобат Кара низ хотиррасон кард:

– Бале, –гуфтам. –баъди вафоти ман барои гирифтани ҷоям худашро ба обу оташ задани ӯро медонам.

– Барои ин рафиқони наққоши худро мекушад?

– Мумкин аст. Зеро як устоди бузург аст, аммо худ намедонад ва вақти расмкашӣ оламро фаромӯш месозад.

Чун ин суханонро мегуфтам, аз дилам гузашт, ки худам ҳам дар асл мехоҳам баъди сарам дар сари наққошхона Парвонаро бинам, ба Зайтун боварӣ надорам, Лаклак бошад, шубҳае надорам, ки беихтиёр, дер ё зуд аз пайи усули фарангиён хоҳад рафт. Аз он ки Парвонаро ба куштор айбдор мешуморам, дилтанг шудам, аммо сифати дӯстдошта будан ба ӯ имкони роҳбарӣ кардан ба наққошхона ва дар як вақт бо подшоҳ забон ёфтанро медиҳад. Умуман, дар шароити имрӯз наққошони маккори фарангӣ, ки ҳангоми кашидани мансабдорон, пул, барзагов, чархи ароба ба ҳар майда-чуйда диққат дода, бозии рӯшноию сояҳоро ба тасвир

мекашанд ва инҳоро барои Худованд арзишнок мешуморанд, онро на наққошӣ, балки ҳақиқати зиндагӣ медонанд. Ба ин фарҳанги дурӯғин маҳз ҳунари Парвонаро, ки эҳсоси ранг ва боварӣ ба ранг аст, метавон муқобил гузошт ва дастболо ҳам шуд.

– Монанди дигар наққошон оё ба хонаи ӯ ҳам бехабар мерафтед?

– Ба кори Парвона нигариста, ҳамоно мефаҳмӣ, ки ӯ қобилияти дӯст доштан ва сахт хафа шуданро дорад, ба қадри ишқ мерасад, аммо чун ҳамаи дӯстдорони ранг собитқадам нест ва ба осонӣ роҳашро дигар мекунад. Ба истеъдоди худододи ӯ қоил шуда, ӯро хуб омӯхтаам. Дар ин ҳолатҳо аксар вақт рассомони дигар зуд ба рашку ҳасад дода мешаванд, муносибати байни устоду шогирд вайрон мешавад. Парвона ба овозаи ҳасудон эътибор намедод, аз ин рӯ, дар дилам аз он даврон хотираҳои хубу гуворо боқӣ мондаанд. Аммо солҳои охир, ки ба духтари хушгили дӯкондоре аз маҳаллаи худашон хонадор шуд, дигар хоҳиши ба хонаи ӯ рафтан пайдо накардам ва ҳамчунин фурсате нашуд.

– Мегӯянд, ки Парвона ба ҳар ҳол бо тарафдорони[124] хоҷаи эрзурумӣ шиносоӣ пайдо кардааст, –гуфт Кара. – Гӯё вақте ки ин поксозони исломи ноб ба муқобили сурнома ва китоби ҷашнии мо бармехезанд, худро сафед карда, аз об хушк мебаромадааст, зеро дар ин китобҳо чизе ва касе, ки хостаем, кашида шудаанд: аз таббохон, кабобпазон ва наҷҷорон сар карда, то шуъбадабозон, дарвешон ва раққосони либоси занонапӯш, ки ин ба қонуни шариати исломӣ мухолиф аст. Вақте тундравон муқобили китобҳои мазкур, ки дар онҳо муҳорибаҳо, аслиҳа ва хун тасвир шудаанд, овоз баланд мекунанд,

[124] *Тарафдор* – ба туркӣ низ тарафдор.

наққошонро зарур меояд, ки маҷбуран боз ба анъанаи пешини наққошии Аҷам бозгарданд.

– Ҳатто агар мо монанди даврони Темур ба наққошӣ сар кунем ва дар ҳама ҷузъиёт сабку услуби он устодонро идома диҳем, баъд аз ман ин кор танҳо ба Лаклак беҳтар даст хоҳад дод, – сухани ӯро сахт карда буридам. –Чунки ҳама мехоҳанд мисли фарангиҳо расм кашанд.

Ба ин суханони даҳшатовари худ оё боварӣ доштам?

– Шавҳари холаам ҳам чунин мегуфт, –пичиррос зад Кара. –Аммо ӯ ба ояндаи нек боварӣ дошт.

Сифоти Лаклак

Мусаввир, бандаи гунаҳкор Мустафо Челебӣ гуфта имзо гузоштанашро дидаам. Зеро услубе дорад ё надорад, агар дошта бошад, имзо гузорад ё монанди устодони куҳан онро пинҳон дорад, хоксорӣ дар гузоштани имзост ё нагузоштани он, ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳ надорад, механдаду зафармандона имзо мегузорад.

Бо роҳи нишондодаам ҷасурона пеш рафт ва дар варақи сафед чунон чизҳое офарид, ки даҳони ҳама воз монд. Ӯ ба он коре надошт, ки устодони даврони Темур ва рассомони афсонавии Табрез ва Қазвин баробари зиндагии ҳамарӯза таназзул ёфтаанд, ҳанӯз ҷавон буд, ки дар муқобилам истод ва бо қатъият гуфт, ки дигар бузург шудааст ва намехоҳад, ки барояш касе гӯяд, ки ин дуруст асту он нодуруст. Ҳавасманди он аст, ки чизҳое кашад, ки то ин замон касе наофаридааст. Устои шишагар, ки канори танӯри коргоҳ нишаста, лӯлаҳои лойи рӯйи дасташ чархандаро ба кӯзаву коса табдил медиҳад; пири пойафзолдӯз, ки бо чашмони хирааш сӯзанро ба рӯйи чарму пӯст мезанад; чӣ тавр гирд гаштани чархофалаки идона; чӣ тавр тӯбҳои мо ба сари душманон тухми марг мепошанд ва аслиҳаҳо оташ мекушоянд - ҳамаи инҳоро табиӣ офаридааст. Ӯ нахустин наққоше буд, ки ба

майдони муҳориба рафт, то ба чашми сар қалъаи душман, ҷанговарон, аспони хунолуд, мурдагонро бубинад, ҳамаи инро дида, худаш дар ҷангҳо ширкат варзид ва сиҳату саломат баргашт.

Медонам, наққошиҳои ӯ на танҳо бо усул, интихоби мавзӯъ, балки бо он майда-чуйдаҳое, ки дигарон ба он диққат намедиҳанд, фарқ мекунад. Бо дилпурӣ ба ӯ як сафҳаи пурраи наққоширо аз ҷудо кардани сафҳа то рангрезии ҷузъиёти хурд супорида метавонам. Аз ин рӯ, танҳо ӯ баъди сари ман устохонаи дарборро ҳуқуқи сарварӣ кардан дорад. Аммо ӯ чунон худпарасту ҳавобаланд аст, ки дигарон ӯро тоқат карда наметавонанд ва мегурезанд. Равшантар гӯям, агар ба ҳама чиз иродаи ӯ мебуд, бо ин заҳматписандиаш тамоми кори наққоширо ба зиммаи худ мегирифт ва албатта, метавонист онро анҷом диҳад. Аммо наққошӣ як кори умумист. Ӯ кори худро, шахси худро дӯст медорад. Аз ин ҷиҳат худро хушбахттарин инсонҳо меҳисобад.

Боре бе огоҳӣ ба хонааш даромада, корашро мушоҳида кардам. Дар тамоми коргоҳаш, рӯйи тахтаҳо, курсиҳо, мизҳо, болиштҳо расмҳо гузошта шудаанд: аз китобе, ки мо барои маросими хатнасури фарзанди подшоҳ омода мекунем, аз қиёфатнома, ки барои кадом як фарангии беақлу душмани фарҳанги мо тайёр мекунад, яке аз саҳифаҳое, ки пошое барои худ супориш додааст, саҳифаҳои мураққаъ, ки дар он байтҳоро хаттотӣ кунанд, ҳатто пораи манзараҳое, ки худ барои вақтгузаронӣ месозад. Ин ҷо саҳнаҳои бешармонаро низ дидам. Лаклаки қоматбаланди хушку қоқ чун занбӯри асал кор мекунад, зери лаб ғурунг-ғурунгкунон аз болои ин расм ба болои дигараш медавад ва дар ин миён вақт ҳам меёбад, лунҷҳои сурхаки шогирдбачаи зебояшро, ки ранг меомезад, пучида монад. Баъзан худ барои шавқу завқи корро бедор кардан ба ранг чизе меомезад ва ҳамроҳи

шогирдаш бозавқ механдад. Дигар наққошон дар чунин ҳолатҳо баъди даромада омаданам ба аломати эҳтиром корро бас мекунанд, аммо Лаклак, баръакс, эътиборе намедиҳад ва бо ҳамон дилбастагӣ машғулияташро идома медиҳад, то ба ман дарачаи устодӣ, ҳунармандӣ, муваффақияти корашро нишон диҳад. Дар ин маврид ба кор чунон суръат мебахшад, ки ҳафт-ҳашт кас ба ӯ расида наметавонанд. Ба чунин хулоса омадам: агар дар ҳақиқат, қотил яке аз ин се наққош бошанд, бисёр мехостам, ки ӯ Лаклак бошад. Дар солҳои шогирдӣ ба наздам рӯзҳои чумъа меомад, аз омадани ӯ на он қадар шод мешудам, ки аз Парвона.

Бо таваҷҷуҳи парокандааш ба ҳар гуна майда-чуйдаҳо ва махсусиятҳо Лаклак ба наққошони фарангӣ мемонад. Аммо дар фарқ аз онҳо ӯ ҳар як чеҳраи инсонро ҳамчун чизи алоҳида ва махсус қабул намекунад, ба фикрам барои он ба чеҳраҳо диққат намедиҳад, ки ошкор ё пинҳонӣ тамоми одамонро чашми дидан надорад. Аз ин рӯ, боварӣ дорам, ки марҳум Эниште-афандӣ кашидани чеҳраи подшоҳамонро ба ӯ набояд супурда бошад.

Як махсусияти Лаклакро бароятон ошкор кунам. Ӯ ҳатто ҳангоми иҷрои супоришҳои муҳим ҳеч гоҳ дар ягон гӯша кашидани саги бадафти шубҳанокеро фаромӯш намекунад, агар барои муҳиммии ягон маросими давлатӣ ин кор имкон надошта бошад, ба ҷойи саг гадоеро бо либосҳои ҷанда мекашад, ки он маросими сатҳи баландро бо фақирии худ намедонам паст мекунад ё баръакс, эътиборашро боло. Ӯ ба кори худ чунон баланд баҳо медиҳад, ки ҳатто ба мавзӯи асар ва андешаи дигарон тамасхуромез менигарад.

– Қатли Зариф-афандӣ ба қиссаи Юсуф, ки бародарони ҳасудаш ба чоҳ партофтанд, монандӣ дорад, – гуфт Кара. –Аммо ҳодисае, ки ба язнаам рӯй дод, қатли Хусрав аз дасти писарашро, ки ба завҷаи ҷавони ӯ

Ширин чашм ало кардааст, ба хотир меорад. Ҳама мегӯянд, ки Лаклак кашидани чунин саҳнаҳои ҷанг ва хунинро дӯст медошт.

– Касе, ки гумон мекунад, мавзӯи интихобкардаи наққош хусусияти рӯҳии ӯро муайян месозад, на ман, на устоҳои наққоши маро намедонад. Фаромӯш накун, чӣ кашиданро мо муайян намекунем, балки дигарон, онҳо супориш медиҳанд ва супоришашон ҳамеша як хел аст, маълум мешавад, ки моро чизи дигар – эҳсосоти пинҳоние, ки дар корамон мавҷуд аст, ошкор месозад. Рӯшноие, ки аз даруни расм забона мезанад; эҳсоси сустӣ ё ғазаби рассом, ки дар бораи онҳо аз рӯйи дар саҳифа ҷойгиршавии одамон, аспҳо ва дарахтон фаҳмидан мумкин аст; азобу ғами сарвҳои рӯ ба осмон; тавозуъ ва мутеъ будан, ки дар нақшу нигори деворҳо бо зиёни чашм ба ҷо меорем… ҳамаи инҳо олами ботинии моанд, на худи мавзӯи ин наққошиҳо. Яъне, шахсияти мо, наққошонро танҳо ҷузъиёти хурди ба чашм нонамоён фош карда метавонад на ягон асп, ки дар садҳо расм як хел офарида мешавад. Вақте наққош аспи чусту чолокро мекашад, ин маънои онро надорад, ки худ чусту чолок аст. Ин ҷо шахсияти рассомро танҳо рангҳо, омезишу оҳанги онҳо, ишқу муҳаббати ӯ ба Офаридгор муайян карда метавонад.

42. Номи ман Кара аст

Тамоми шомро бо устоди бузург Усмон бо суҳбат дар бораи рассомон ва расмҳои китоби язнаам ва тамошои саҳифаҳои китоб гузарондем. Баъзеи онҳо пурра ба итмом расонда, матнашон ҳам тайёр буд, дигарашон ранг нашудаанд, сеюм тасвир бо қалам ишора шудааст, аммо бо чӣ сабабе пурра кашида нашудааст, аз баъзе наққошиҳо аён гардид, ки онҳо ба ивази ду-се акча барои

супоришдиҳандагон тайёр шудаанд ва ба кори мо рабте надоранд. Кофтукови манзилҳо ба охир расидааст, вақте ки аз диламон гузашт, посбонон бо рассомон бад муомила накардагистанд (баъд маълум гардид, ки баръакс) ва онҳо дигар моро ташвиш намедиҳанд, ҳамон лаҳза яке аз онҳо бе пушт-пушт вориди хона шуд ва ба дасти устод Усмон варақи коғазро дод, ба гӯшаш чизе гуфту рафт.

Аввал ба он диққат надодам, аз дилам гузашт, ки шояд касе ба устод хатчае фиристода, аз ӯ ба шогирдӣ гирифтани бачаашро хоҳиш кардааст. Ин ҳеч ҷойи тааҷҷуб надорад: роҳбарони устохонаҳои ҳунармандии дарборро бо ин гуна хоҳишҳо ҳамеша гаранг мекунанд. Рӯшноии аз роғи дар даромада хира буд, яъне, офтоби аз пагоҳ нурбор зери абрҳо пинҳон шудааст. Барои он ки ба чашмонам истироҳат диҳам, машқеро анҷом додам, ки устодони Шероз барои барвақт оҷиз нагаштан фикр карда бароварда буданд: чашмро ба чизе таваҷҷуҳ надода, ба дур нигаристан. Коғазеро, ки устод Усмон нигоҳ мекард, наметавонистам хуб бинам, аммо якбора ба ёдам расид, ки шакли коғаз, ҳатто ҷинси коғаз ва ҳусни хат ба ман шинос менамояд, ба он номаҳое, ки Шакура тавассути Эстер мефиристод, монандие дорад. Таппиши дилам афзуд. Аз даҳонам қариб ин ҳарфҳо баромада буд: ваҳ, чӣ хел монанд! Ғайр аз ин, чун дар мактуби аввалини Шакура ба нома расме илова шудааст!

Устод Усмон варақи расмдорро ба худ нигоҳ дошт. Мактубро, чӣ тавр мани бекалла нафаҳмидам, ки аз они Шакура буд, тарафам дароз кард:

«Кара, азизам! Эстерро барои аз марҳум Зарифафандӣ чизе фаҳмидан ба назди зани ӯ Қалбия фиристодам. Он ҷо ба ӯ ин коғази нақшдорро нишон додаанд. Баъд худам ба хонаи онҳо рафта, илтимос кардам, тавалло намудам,

ниҳоят, розӣ карда, ин коғази нақшдорро аз дасташ гирифтам. Ин коғазро вақте ки бечора Зариф-афандиро аз чоҳ баровардand, аз кисааш ёфтаанд. Қалбия қасам мехӯрад, ки ба хӯҷаинаш касе кашидани расми аспро супориш надодааст. Пас кӣ онро кашидааст? Магар он қотили разил? Одамони сардори посбонҳои қаср хонаро кофтуков карданд. Ин асп бечиз нест,- гӯён ба воситаи онҳо фиристодам. Бачаҳо дастонатро мебӯсанд. Ҳамсарат Шакура».

Ду калимаи охиринро гӯё, ки ду гули садбарги сурхи дар чорбоғ рӯйидаро медида бошам, нигариста, ду бор аз нав хондам. Баъд, нигоҳамро ба устод Усмон дӯхтам, ки пурбин дар даст бодиққат расмро аз назар мегузаронд. Ҳарчанд коғаз дар об тар шуда, паҳн гашта буд, зуд расми аспро шинохтам, аспҳое, ки бо як ҳаракати даст кашида шудаанд, рассомони пешин барои дастонашонро машқ додан чунин мекарданд.

Устод Усмон мактуби Шакураро беовоз хонда, суоли аз майнаам гузаштаро такрор кард:

– Инро кӣ кашидааст?

– Маълум, ки нақҷоше, ки барои марҳум Эниште аспро кашидааст, –гуфта худаш ба суолаш ҷавоб дод.

Оё ӯ ба ин боварӣ дорад? Баъдан, мо ҳоло дақиқан муайян накарда будем, ки расми аспи китоби шавҳари холаамро кӣ кашидааст. Аз байни нуҳ расм даркориашро ёфта, мо аз нав бо диққат ба он нигаристем.

Ин аспи якроне буд, чунон зебо, ки чашм аз диданаш сер намешавад. Аммо оё ин ифодаро истифода бурда, ба хато роҳ намедодам? Чунки бори аввал вақте ки язнаам нақҷошиҳоро бароям нишон дода буд, расми ин асп он қадар диққати маро ҷалб накардааст. Пас, чаро ин бор? Бале, расм зебо кашида шудааст, худи асп ҳам хеле зебост, аммо муқаррарӣ, ки намунаашро даҳҳо бор

дидаам, барои он оддиву муқаррарӣ, ки дар ҳамон бори аввал дидан таваҷҷуҳи моро бедор накарда буд. Рангаш хурмоӣ, аммо на хурмоии хурмоӣ, балки табдилёфта ба зард, ангор ранги булутии расида ва ё қаҳваии камранг буд, рангу хаташ содаву равон буд. Чунин аспҳоро борҳо дар саҳифаи китобҳо дидаам, шубҳае набуд, ки он бе ягон андеша, аз рӯйи ҳофиза кашида шудааст.

То замоне, ки нафаҳмидем, дар он сирре ниҳон аст, он бароямон муқаррарӣ метофт. Акнун дар он зебоии боҳашаматро мушоҳида мекардам, ҳарчи бештар нигоҳ кунам, мутаваҷҷеҳи зебоиаш мешудам ва мефаҳмидам, ки нигоҳи Илоҳие, ки мегӯянд, ҳамин аст. «Ин асперо, ки аз нигоҳи Худованд кашидаанд, наққоши муъҷизаофараш кист?» –мепурсидам аз худ, гӯё лаҳзае фаромӯш карда будам, ки маҳз ин рассом қотили разил аст. Аспе буд гӯё зинда, баробари ин, медонистам, ки он як расм аст, аз ин рӯ, дар дилам нисбат ба он эҳсоси тамомият ва бенуқсонӣ пайдо шуд.

Аспи китоби язнаамро бо аспи дар коғаз кашидаи намнок муқоиса кардем, бале, ҳар дуи онҳо бо дасти як кас кашида шуда: дар истодани аспҳо ҳаракат не, сукунат мушоҳида мешуд, мағрур, пурқувват ва зариф. Аспи китоби язнаам чунин маро ба ваҷд овард.

– Ин асп ин қадар зебост, –гуфтам, –одам мехоҳад ҳамоно ба даст коғазе гирифта, ба ин монанд як расми аспро кашад, баъд чизҳои дигарро.

– Барои як рассом лутфи аз ҳама баҷо он аст, ки бигӯйӣ, расмҳои шумо маро чунон ба ҳаяҷон овардааст, ки хоҳиши расм кашидан пайдо кардаам, –гуфт устод Усмон.– Аммо ҳоло моро ҳунари он иблис не, донистани кӣ будани ӯ муҳим аст. Марҳум Эниште-афандӣ ин асп ба кадом ҳикоя дахл доштанашро гуфтааст?

– Нагуфтааст. Фақат куллан мегуфт, ки ҳар чизе, ки дар ин китоб кашида мешавад, бояд беҳтарин бошад, ба

ду далел: аввал ин ки қудрат ва шавкати императории усмониро ба дараҷаи баланд нишон диҳад, дуюм, барои он ки битавонад ба румиҳо исбот кунад, ки мо, наққошҳои усмонӣ ҳунари онҳоро медонем, ҳатто беҳтар аз худашон. Ин асп яке аз боигариҳои кишвари мост. Он ба услуби расмкашии ҳунармандони фарангӣ монанд аст, он аз нигоҳи Худованд фарқ мекунад, зинда аст, ин ҷонвари аниқест, ки дар Истанбул зиндагӣ дорад – дар аспхонаи худӣ, дар тарбияи соҳиби худ. Ба хотири ин, ҳар чизе, ки дар ин китоб кашида шудааст, дар айни қудрат ва азамат, аз зарофати хосе, ки ҳамеша мадди назари румиҳост, бархурдор мебошад. Илова бар ин, ҳамаи ин расмҳои китоб тавре кашида шудаанд, ки хеле воқеӣ ба назар мерасанд. Бо вуҷуди ин, ба назарам ҳамаи наққошиҳои ин китоб шабеҳи усули наққошии худамонанд, на наққошии фарангиён.

Дар бораи ин асп зиёд ҳарф задам, дар натиҷа он бароям азизу наздик гардид. Даҳонаш андак кушода, забонаш каме аз байни дандонҳои хушрӯяш менамояд. Чашмонаш дурахшон. Пойҳояш бақувват ва ҷилодор. Қувваи сеҳрноки ин расм дар чист? Дар худаш ё дар маънии он? Устод Усмон ин лаҳзаҳо оҳиста-оҳиста пурбинро болои коғаз мегардонд. Чунон тамоми узвҳои аспро аз назар мегузаронд, ки маро ба ҷойи он асп эҳсоси шарм фаро гирифт. Бо як эҳсосот пурсидам:

– Ин асп чӣ гуфтан мехоҳад? Дар он чӣ ҳаст? Аз куҷост? Чист? Чаро ин асп маро ин қадар ба ҳаяҷон меорад?

– Подшоҳ, шоҳ, пошо, оне, ки наққоширо супориш медиҳад, расмҳои китобро барои он зебо мешуморад, ки онҳоро нишони қуввату иқтидор, давлату шукӯҳи худ мешуморад; зеро барои онҳо пулу тиллои зиёд, қувваи наққошони моҳир сарф шудааст, –ҷавоб дод устод Усмон. –Одамон аспи мазкурро барои он зебо мешуморанд, ки он ба ҳайвони ҳақиқӣ монанд аст, Худованд маҳз чунин аспро тасаввур кардааст. Ҳақиқатнигорӣ аз ҳунармандии наққош бармеояд. Барои мо зебоии наққошӣ, пеш аз ҳама, дар маънии он аст. Вақте мо пай бурдем, ки нақш бо дасти қотил кашида шудааст, дар он аломати шайтон маҳфуз аст, мо дар он маънии бештарро дарк кардем. Аммо на танҳо худи наққошӣ, балки аспро низ зебо дарёфтаем, бинобар ин, ба расм на чун як тасвир, балки аспи ҳақиқӣ менигарем. Кӣ ба ғайри подшоҳ метавонист барои ин наққошӣ рангу коғаз, оби тилло фароҳам орад? Ҳеч кас! Мо ба тасвир на чун ба як расм, балки ба аспи ҳақиқӣ менигарем.

– Шумо аспи ҳақиқиро чӣ тавр тасаввур мекунед?

– Аниқ аз зоти хурд нест, аз хатти гарданаш маълум мешавад, ки аспи хуби даванда аст, азбаски тахтапушташ ҳамвор аст, барои сафарҳои дур мувофиқ мебошад. Аз пойҳояш маълум аст, ки чун аспони даванди арабӣ сабуку тезгард аст; аммо даванди арабӣ нест, барои он ки баданаш калону қадаш баланд аст. Агар ин синаи фарохаш набуд, ин сумҳои резааш боис мешуд, ки арабиаш гӯем. Рехти пойҳояш маро ба ёди аспҳое мебарад, ки дар китоби донишманди бухорӣ Фадлон «Байторнома» омадааст, ин аз он аспҳоест, ки вақти убури дарёҳои пуроб душворӣ намекашанд. Он китобро бисёр бадиққат мутолиа кардаам ва баъзе ҷойҳои монандашро ба ин асп хуб дар ёд дорам: аспест зебо, сурати баланд ва кашида дорад, чашмҳояш монанди чашмҳои оҳу, гӯшҳояш шабеҳи баргҳои найшакар ва фосилаи байни ду гӯшаш ба андозаи ду мушти марди болиғ, дандонҳояш монанд ба дандонҳои байни гову гӯсфанд, пешониаш паҳн аст, абрӯҳояш камонии ба ҳам пайваст, ёлаш баланд, думаш ғафси сермӯй, пойҳои кашида дорад бо синаи фарох, мағрур ва каме ваҳшӣ, сарашро такон дода роҳ мегардад – ангор ба чапу рост салом медиҳад.

– Гӯё дар бораи аспи тӯруқи худамон гуфта шудааст, – бо шавқ ба расм нигариста овоз баровардам.

– Оре, бо ин асп шинос шудем, –табассум кард устод Усмон.– Вале ин ба кори мо ёрӣ намерасонад. Зеро нафаре аз наққошон ягон аспро барои намуна қарор намедиҳад. Наққошони ман аспро аз рӯйи хотира бо як ҳаракати даст мекашанд. Далелаш ин аст, ки аксарияти онҳо корро аз кашидани суми асп сар мекунанд.

– Наход?! Магар аз пойҳо сар намекунанд, ки асп дар замин мустаҳкам истодааст, – пурсидам узрхоҳона.

– Ҳа, ин масъаларо Ҷамолиддини Қазвинӣ дар китобаш оид ба наққошиҳои асп муҳокима кардааст.

Расми аспро ҳамон вақт аз пояш сар мекунанд, ки онро агар аз хотира кашанд. Аммо агар ба асп нигоҳ карда кашӣ, беҳтараш аз сараш оғоз кунӣ, баъд гардан ва сипас танашро. Баъзе наққошони фарангӣ чунин кунанд: як аспи бекораю бечораро дар кӯча дида мекашанд ва баъд маҳсули дасташонро ба касе рост ояд, мефурӯшанд. Чунин наққошиҳо маънии зиндагӣ, зебоиҳоеро, ки Худованд офаридааст, надорад. Аммо Худо шоҳид, инро худи наққошони фарангӣ ҳам қоиланд, ки барои ба вуҷуд овардани наққошии ҳақиқӣ на нигоҳ ба ашёе, ки мекашӣ, балки хотира, даст мададгори асосист. Ниҳоят, ин ҷо ба мо чизе мадад намерасонад, магар он ки бо ёрии усули «надима» дар ин наққошии зуд ва аз рӯйи ҳофиза кашида имзои пинҳонии муаллифро муайян созем. Инак, бодиққат нигар.

Ӯ бо диққати зиёд пурбинро рӯйи коғази пурасрор мегардонд, гӯё дар харитаи куҳнаи чармӣ аломатеро меҷуст, ки ҷойи хазинаи пинҳониро аз рӯйи он ёфтан мумкин буд.

– Бале, –гуфтам ҳамчун шогирде, ки аз кашфиёти бузург ба ваҷд меояд ва устодашро хурсанд карданист, – мо метавонем дар расмҳои гуногун ранг ва дар афзоли асп нақшу ороишҳоро муқоиса намоем.

– Не. Наққошони ман ба ин корҳо машғул намешаванд. Ин гуна корҳо – ороиши либос, гилем, хиргоҳҳоро шогирдон анҷом медиҳанд. Медонӣ, ин корҳои резу дурушт чӣ қадар вақтро мегиранд? Ҳатто Зариф-афандии марҳум, ки як таҳзибкор буд, ба ин корҳо тан намедод, аммо ӯ ин ҷо ҳисоб нест.

– Гӯшҳо чӣ? –пурсидам бо ҳаяҷон. –Гӯшҳои асп…

– На. Онҳо аз замони Темур як қолиб доранд, дигар хел намекашанд, монанд ба барги қамишанд.

Мехостам гӯям, ки шояд ба ёл ва тарзи шона кардани он диққат диҳем, вале гап назадам, аз он ки бозии устоду

шогирд ба дилам зад. Агар шогирдам, ҳаддамро бояд нигоҳ дорам. Наққош нестам, беҳтараш хомӯш истам. Ин хомӯшӣ чанд лаҳза идома ёфт. Ниҳоят, устод Усмон монанди духтуре, ки ба ҳамкасбаш аломати ягон бемориро нишон медода бошад, гуфт:

– Ба ин ҷо нигар, –гуфт устод Усмон монанди ҳакиме, ки ба ҳамкораш аломати ваборо дар тани бемор нишон медода бошад, аммо бо диққат. –Мебинӣ?

Пурбини дасташро ба сари асп рост кард ва оҳиста аз варақ дур кардан гирифт. Аз паси ҳаракати пурбин барои беҳтар дидан сарамро хам кардам.

Бинии асп аҷиб буд, дурусттараш сӯрохаш.

– Дидӣ? –пурсид устод Усмон.

Барои он ки ба чизи дидаам бовар ҳосил кунам, маро лозим меомад, ки тариқи пурбин ба кунҷи рост нигарам. Айни ҳамин вақт устод Усмон ҳам чунин хост, дар натиҷа ба рӯйи коғаз хам шуда, аз болои пурбини хеле бардошта сарҳоямон ба ҳам бархӯрд. Сахтию хушкии риш ва сардии пӯсти рӯйи устодро ҳис карда, лаҳзае ба ҳарос афтодам.

Ҳар ду хомӯш мондем. Гӯё пеши чашмамон бо расм ҳодисаи аҷибе рӯй медод, танҳо метавонистем бо ҳайрат ба ин аҷоибот нигарем.

– Чист дар биниаш? –баъди хеле пичиррос задам.

– Биниаш аҷиб кашида шудааст, –гуфт устод Усмон чашмонашро аз расм наканда.

– Дастонаш ларзидаанд? Ин як нуқс бошад?

Бинии аҷиб, ғайриоддӣ, ҳоло ҳам ба тасвир нигоҳ мекардем.

– Шояд ин чизе аст, ки дар тақлиди фарангиҳо наққошони бузурги Чин ҳам услуб гуфта ном гузоштаанд? – тамасхуромез гуфт устод Усмон.

Андак ранҷидам, ба назарам язнаамро дар назар дорад:

– Агар нуқс аз беистеъдодию беҳунарист, аз қаъри рӯҳи наққош сар назада бошад, услуб нест, гуфта буд раҳматӣ язнаам.

Шакли аҷиби бинии асп дар китоби язнаам чӣ тавре шарҳ наёбад, барои ёфтани қотил дар дасти мо ғайри он дигар ишорате набуд, зеро дар коғази ғиҷимшудаи аз кисаи Зариф-афандии бечора ёфтшуда тасвири асп чунон паҳн гашта буд, ки на танҳо сӯрохии бинӣ, балки шинохтани худи бинӣ душвор буд.

Мо вақти зиёдро барои дарёфти расми аспҳое, ки дар солҳои охир ба миқдори зиёд рассомони номии устод Усмон кашидаанд, пайдо кардани он нуқс ё усули шахсие, ки дар димоғи асп ба кор бурда шудааст, сарф кардем. Бояд гуфт, ки дар «Сурнома», ки кораш дар арафаи анҷомёбӣ қарор дошт, қариб тамоми маросим дар ҳолати пиёда анҷом ёфта буд, бинобар ин, дар дусаду панҷоҳ саҳифа нақкошие, ки барои ин китоб тайёр карда шудааст, расми асп хеле кам ба назар мерасад. Бо хоҳиши мо ва бо иҷозати подшоҳамон аз нақкошхона ва хонаҳои дарунии қаср, ҳатто аз ҳарамсаро тамоми китобҳои тайёрро, ки алҳол ба хазинаҳои подшоҳӣ набурдаанд, барои мо оварданд.

Нахустин китоб «Зафарнома» буд, ки аз ҳучраи яке аз шоҳзодагони ҷавон оварданд, ҳамаи нақкошиҳои он кори дасти Зайтун, Парвона ва Лаклак буд. Ду саҳифаи байни ин китоб ба ҷанозаи Султон Сулаймон, ки дар муҳорибаи Сигетвар аз олам гузаштааст, оид буд. Тобут рӯйи аробаи тиллоӣ гузошта шуда, онро ду аспе, ки зину абзорашон зарин буд, мекашиданд. Яке аспи якрон, бо холи сафед дар пешонӣ, дигарӣ – бӯри кабуд, ғизолчашм. Дигар аспҳое, ки барои ба ҷаноза ҳамроҳӣ кардан истифода шудаанд, аз зебоӣ ва зарофат бархурдор буданд, чашмони ҳамаашон ғамзада буд. Ҳамаи аспҳо дар як ҳолат, ба усули устодони куҳани Ҳирот кашида шудаанд:

як пойи пеш андаке боло, ба тарзи ифтихоромез пеш кашида шудааст, пойи дигар ноҷунбон дар замин аст. Аспҳо қоматбаланд, бо гарданҳои дарози кашида, ёлҳояшон қайчиву шоназада. Аммо аз ҳама асосӣ – дар онҳо чизе наёфтем, ки нукс ё имзои шахсӣ шуда тавонад, зеро бинию димоғи ҳама аспҳо софу ҳамвор буд.

Лаҳзаи таъзия, вазъи ғамовари китоб ба мо таъсири амиқ бахшид. Ҳама медонанд, ки Султон Сулаймон шахси ҳунардӯсте буд ва дар даврони вай наққошҳо ҳокими вақт буданд, аз ин рӯ, онҳо аз марги подшоҳ хеле ғамгин шудаанд. Аз ин сабаб, муҳтавои китоб ҳам ғамовар буда, давоми вақти на он қадар зиёде, ки даст ба дасти хонадони шоҳзода гаштааст, варақҳояш хеле фарсуда шудаанд. Вазъи наққошиҳояш боз бадтар, рангу рӯяшон парида, зери яке аз беҳтарин наққошиҳо канори дарахт бо дастхати баде навишта шудааст: «Азизам, шоҳам, туро ба андозаи баргҳои ин дарахт, ки ба оби борон муҳтоҷанд, дӯст медорам ва интизорам».

Китоби дуюмӣ, ки аз назар гузарондем, «Ҳунарнома» ном дошта, бештари наққошиҳояшро ҳамин се нафар рассом анҷом додаанд. Дар ҷилди дуюми ин китоб ду саҳифа пурра ба аспҳо бахшида шудаанд. Дар саҳифаи аввал садҳо сарбозони савора дар байни пиёданизомони мусаллаҳ ва аробаҳое, ки тӯбҳоро мекашиданд, мунтазири фармони ҳамла истодаанд. Дар байни ин қадар асп асперо наёфтем, ки биниаш бурида шуда бошад.

– Ана, ин нукс, –ғур-ғур кард устод Усмон, вақте ки мо саҳифаи дуюми ин китобро, ки ба ҷашни ифтитоҳи иморати ҷадиде махсуси бонувон дар қасри Бобулҳумоюн бахшида шудааст, аз назар мегузарондем. Дар ин расм ҳам дарвозаи қаср, ҳам майдони Олой, ки ҳоло мо он ҷо қарор дорем, қабулгоҳ ва иморати нав менамуданд, ин аст, ки майдони гунҷоиш кам бошад ҳам, фазои васеъро

фаро гирифтааст. Дар майдон ҳам аспҳои зиёд ба чашм мерасиданд: аз они нигаҳбонҳо, ҳамсарони подшоҳамон, мақомоти дарбор, аспи махсуси худи подшоҳамон, ки шоҳзодаи ҷавон савораш аст, дар бинии ҳамаи ин аспҳо нуқсе дида намешавад.

Дар дохили ҷилди аввали ин китоб саҳифаи алоҳидаи нақққошиеро пайдо кардем, ки ҳатто устод Усмон муайян карда натавонист, ки аз кадом китоб буданаш мумкин аст. Дар он бобокалони подшоҳамон Салим тасвир шудааст, ки дар ҷангалзори лаби дарёи Кюскюн чодар зада, ба муқобили Дулқодир ба юриш омодагӣ мегирад. Подшоҳ дар ҳоле тасвир шудааст, ки бабреро, ки соате пеш бо як тир задааст, пӯст меканад. Ин саҳифа низ сербор аст. Чанд нафар ба сагҳои тозӣ ғизо медиҳанд, дигарон харгӯшҳои сайдшударо пӯст мекананд, нафаре оҳуро ба рӯйи манқал мечархонад. Аммо он чизеро, ки дар ҷустуҷӯяш будем, дар ягон аспе, ки ин ҷо тасвир шудааст, мавҷуд набуд.

Ҳаво торик мешуд, аммо мо ба натиҷае нарасидаем. Дар чанд соат чандин китобро варақ зада, садҳо аспҳоеро, ки дар панҷ-шаш соли охир Парвона, Зайтун ва Лаклак кашидаанд, аз назар гузарондем. Аммо дар онҳо он чизеро, ки меҷустем, пайдо накардем. Гуна-гуна аспҳои якрон, сиёҳмушкин ва зардинаи даванд, ки аз тарафи мирохури махсуси ҳокими Қрим Каримхон Маҳмад Гирей тарбият шудаанд; як аспи хокистарие, ки дар ҷанг аз гулӯлаи тӯб пора гашта, танҳо сару гарданаш боқӣ мондааст; аспи сиёҳи фармондеҳи саворанизоми сипоҳи ғарб Ҳайдар-пошо, ки бо он фотеҳона вориди қалъаи Халқулваъиди Тунис шудааст; дар ҳамин саҳифа аспи қаҳваии пешонасафеди сарнагуншудаи фармондеҳи шикастхӯрдаи куффори он қалъа; аспи сиёҳмушкини фармондеҳи нигаҳбони қаср, ки дар паҳлуи дарвоза дар шохи дарахт баста шудааст ва писанди ман гашту қаҳри

устод Усмонро овард: «Ҳамин ҳам наққошӣ шуд?!»; аспи зарде, ки ба уднавозии бачаи саис гӯш фаро додааст; аспи шӯху даванди ба монанди соҳибаш зебою зарифи Ширин бо номи Шабдиз, ки зери нури маҳтоб канори ҳамон кӯл, ки Ширин оббозӣ дорад, орому бесадо мечарад; аспҳои найзабозон; аспи бадфеъле, ки аз ҷилаваш бачаи барное мекашад (бо дидани ин наққошӣ устод Усмон оҳ кашид: «Дар ҷавонӣ хеле ишқбозӣ кардем, акнун вақти ин корҳо гузашт»; аспи тиллоие, ки Худованд барои наҷот додани ҳазрати Илёс аз дасти бутпарастон фиристода буд (мутаассифона, наққош иштибоҳ карда, ба ҷойи он ки аспро болдор тасвир кунад, Илёсро болдор кашидааст); аспи сиёҳи Султон Сулаймон Қонунии марҳум ҳангоми шикор (султон ба писари зебои хурдиаш, ки баъди марги се фарзанди нахустинаш бо меҳр нигоҳ мекунад); аспҳои ваҳшитабиат, хаста, даванд, чунон даванде, ки аз дохили саҳифа мехоҳанд ҷаста бароянд, аспҳои мурда, афсонавӣ, устуравӣ ва ғайра.

Аммо дар ҳеч кадоми онҳо мо он нуқсе, ки меҷустем – бинии буридаро надидем.

Агар зебоии он наққошиҳо намебуд, мо кайҳо аз ин кори бесамар даст мекашидем. Дар ин наққошиҳо дасти худи устод Усмон ҳам буд, бештаринашонро шогирдонаш таҳти роҳбарии ӯ иҷро кардаанд, бинобар ин, дар бораи ҳар яке аз онҳо хотираи фаромӯшнашавандае дошт, баъзан ҳангоми гап задан дар чашмонаш ашк ҷорӣ мешуд. Вақте манзараи шикоргоҳро медид, хитоб кард:

– Ин кори дасти Қосим-пошост! –ва ба майсаҳои бунафши атрофи хиргоҳи Сулаймон Қонунӣ, бобои подшоҳи имрӯзаамон ишора кард: –Қосим-пошо дар наққошӣ ба дараҷаи устодӣ нарасид, аммо чил сол ҷойҳои холии манзараро бо майсаҳои себаргаву гулдор пур карда, дар ин ҳунар пешгоми замон гашт. Ду сол пеш аз дунё гузашт. Ҳамеша ин корро ба ӯ месупурдам…

Афсӯс, афсӯс… –бо ин суханон устод Усмон ба он ишора мекард, ки он даврон бебозгашт рафтааст.

Ҳаво торик мешуд, аммо ногаҳон хона равшан шуд, аз он қалби ман ба таппиш даромад, фаҳмидам: ҳокими ҷаҳон, ҳазрати подшоҳамон ташриф овардаанд. Худро ба зери пойи он кас партофтам. Доманашонро бӯсидам. Ҷуръат надоштам, ки ба рӯйи он кас нигарам.

То замоне ки ба худ омадам, олиҷоҳ бо устод Усмон ба гап даромаданд. Бо чашмони хеш бовар намекардам. Подшоҳамон бо касе ҳарф мезананд, ки лаҳзае пеш бо ман ҳамгап буд, дар ҷойе нишастаанд, ки ман менишастам. Диламро ҳисси ифтихор фаро гирифт. Бо диққат ба ҳарфҳои устод гӯш додам. Сархазинадор ва чанд нафари дигар расмҳоро аз назар мегузаронданд. Ногоҳ ҷуръат пайдо карда, ба ҳокими ҷаҳон, ҳазрати подшоҳамон нигоҳ карда мондам. Оҳ, чӣ қадар зебоянд! Қоматбаланд! Ногоҳ чашм ба чашм афтодем ва он кас гуфтанд:

–Эништеи марҳум одами хуб буд, дӯсташ медоштем. – Бале, он кас инро ба ман мегуфтанд! Аммо аз ҳаяҷони беҳад баъзе гапҳои он касро намефаҳмидам. – Хеле нороҳат шудам. Худо раҳматаш кунад! Маҳз бо заҳмати ӯ ин наққошиҳо ба вуҷуд омаданд. Он чиз маро қаноатманд месозад, ки ҳамаи расмҳои супоришии иҷрошуда зебоянд. Қайсари кофир онҳоро дида, аз ҳунари мо ба ҳайрат меафтад. Ман коре ба бинии асп ва усули надима ва ба ин монанд чизҳо надорам. Ё он касофати қотилро бароям пайдо мекунед ё маҷбур мешавам ҳамаи шуморо зери шиканҷа гирам, ҳарчанд ин нисбат ба шумо чораи сахт аст.

– Подшоҳам, ҷаҳонпаноҳам, ҳазрати султонам, – чеҳраи устод Усмон кушода гардид ва як пешниҳод кард: –Шумо нороҳат нашавед. Роҳе ба ёдам расид, шояд бо он қотилро муайян кунем. Агар иҷозат диҳед, гӯям.

Подшоҳамон ба маънии ризоят сарашонро такон доданд ва устод Усмон идома дод:

– Агар ба ҳар кадом он се нафар наққош супориш диҳем, ки бидуни мазмуни ҳикояе филбадеҳа яктоӣ асп кашанд ва мо, баъд он расмро бо наққошие, ки аз ҷайби ғуломатон Зариф-афандӣ ёфт шудааст, муқоиса кунем, шояд бифаҳмем, ки ин кори кадомашон аст.

– Ин дар ҳамон ҳолат имконпазир аст, ки наққош вақти кашидани асп ба ҳамон нуқс роҳ диҳад. Зеро мумкин аст наққоши қотил ҳангоми кашидани расм ягон аспи воқеиро пеши назар дошта бошад, –гуфтанд подшоҳ андешамандона.

Ҳарфҳои баақлонаи подшоҳамон ҳамаро ба ҳайрат оварданд. Дуруст мегуфтанд он кас. Хомӯш будем. Фақат баъди чанде устод Усмон ҷуръат карда гуфт:

– Ҷаннатмакон, ҳақ бар ҷониби шумост. Маҳз бар ин сабаб, вақтро кашол надода, худи ҳозир нақшаро амалӣ кардан зарур аст. Он вақт наққошон ба фикр кардан вақт намеёбанд ва он чизеро, ки дар ҳофизаашон буд, мекашанд.

Подшоҳамон ба маънои «Шунидӣ?» ба ҷаноби сардори посбонон назар дӯхтанд, ин кофӣ буд, ки худаш бифаҳмад ва аз пайи кор шавад. Баъд подшоҳамон ба устод Усмон муроҷиат карданд:

– Медонед аз қиссаҳои Низомӣ оид ба мусобиқа кадомаш ба ман маъқул аст?

Баъзеҳо «Медонем» гуфтанд, баъзеҳо –«Кадомаш?», ман ва дигарон хомӯш мондем.

– Ҳикояи мусобиқаи шоиронро нағз намебинам, озмуни рассомони чинӣ ва румиро ҳам ҳамчунин, – гуфтанд подшоҳи азизамон. –Ба ман ҳикояи мусобиқаи ҳакимон дар бораи ғалаба бар марг хеле писанд омад.

Инро гуфта барои ичрои намози шом хеста рафтанд.

Баъд вақте азони намози шом садо дод, дар нимторикӣ аз дарвозаи қаср берун баромада истода, дар бораи вохӯрӣ бо Шакура ва бачаҳо ба орзуҳои ширин рафта, ногоҳ таърихи он мусобиқаи ҳакимон ба ёдам расид ва тахтапуштамро аракӣ сард фаро гирифт.

Дар рӯ ба рӯйи подшоҳ ду табиб. Талошашон сари табобат ва раҳобат. Якеашон, ки ҷавонтар, зарифтар, барнотар аст, бар он буд, ки қувваи табиб фақат ба ҷисми мариз таъсиргузор аст. Дигаре, ки калонсолу нуронӣ буд, яъне, ҳамоне ки бештар ҳаким буд то табиб, ба хотири он ки беморонро бо ҳарфу ҳадис дармон мекард то бо дорую даво, мегуфт, ки табобат бо сухан манфиатбахш аст. Ҳамин тавр, мусобиқаи онҳо баргузор гашт дар назди подшоҳ. Рӯзи мусобиқа ҳаким мисли ҳамеша табассум бар лаб иҷозат дод, ки аввал ҷавон корашро сар кунад. Оне, ки ба қувваи дору боварии бештар дошт, аз гиёҳу моддаҳои гуногун заҳре сохт, ки метавонад филро аз пой афтонад. Як қурси онро ба андозаи нохуни ангушти хурд, ки ранги сабз дошт, ба ҳаким дод ва гуфт, ки агар онро хӯранд, дар се дақиқа кори одам тамом мешавад. Ҳаким он қурсро гирифт ва бепарво ба даҳон партофт, баъд, аз ҷайбаш як оби нилфомро, ки нӯшдоруи сохтаи худаш буд, бароварда хӯрд. Се дақиқа, чанд соат гузашт, намурд. Сипас навбати ҳаким расид. Вай рӯ ба ҷавон карда гуфт: «Ман медонистам, ки дар ин қурс чӣ заҳрҳое истифода шудаанд ва барои аз байн бурдани қувваи он подзаҳри худамро, ки тайёр кардаам, истифода бурдам. Яъне, ба ту бо сабку шеваи худат ҷавоб додам. Акнун ту бояд битавонӣ бо сабку услуби кори ман ҷавоб бигӯйӣ». Ҳаким инро гуфт ва аз гулҳои садбарге, ки дар боғ мерӯид, нисбатан хурдтарашро канда, ба даҳонаш наздик бурд ва рӯйи он чизе зери лаб хонд ва ба табиби якум дода, гуфт, ки хӯрад. Табиби аввал то гулро ба даст

гирифт, ба замин афтоду ҳамон лаҳза аз тарс маргаш фаро расид.

43. Маро Зайтун меноманд

Ба намози шом вақт кам монда буд, ки дарро кӯфтанд, кушодам: дар остона ҷавони озода, чеҳракушод ва хандонрӯ меистод; мегуфт, ки ӯро сардори посбонони қаср фиристодааст, агар чароғи дар дасти чап пеши рӯяш нигоҳдошта намебуд, чеҳрааш беҳтар намоён мешуд, дар дасти росташ як саҳифа коғази лӯлапеч ва як тахтаи расмкашӣ низ дошт, ҳамоно сари матлаб омад. Гуфт, ки подшоҳ байни рассомон барои кашидани расми беҳтарини асп мусобиқа эълон кардааст. Маро зарур аст, ки худи ҳозир он тахтаро ба зону гузошта, аз болояш коғазро монда, дар дохили чорчӯбаи мавҷуда бидуни андеша расми беҳтарини аспро кашам.

Ҷавонро бовар кунондам, ки дар берун, дар ин сармо намешавад, наққошӣ кард, бинобар ин, хонаи наққошиам даровардам. Аз зарифтарин мӯйқаламҳое, ки доштам – ҳамонеро, ки аз мӯйи гурба дуруст шуда буд ва як қуттӣ рангҳои омехтаи сиёҳро гирифтам ва нишастам рӯйи замин, тахтаи наққоширо сари зону гузоштам ва ба худ гуфтам: «Агар хато накунам, зери ин мусобиқа ҳуққабозиест. Боз бо ин кушторҳои охир алоқа надошта бошад?» Аммо ба ҳар ҳол, чорае ҷуз аз ширкат кардан дар ин мусобиқа нест. Охир, дастури подшоҳ аст, ҳамчунин, он қадар оид ба мусобиқаҳои наққошон дар китобҳо хондаам, ки аз фикр гузарондам, то дар чунин мусобиқа иштирок накунам, худамро наққоши ҳақиқӣ ва устод ҳисобидан дуруст нест.

То паст шудани ҳаяҷон ба коғаз ором нигаристам. Маро зарур аст, ки танҳо дар бораи асп фикр кунам, дигар эҳсосотро аз дил берун намоям. Бинобар ин,

хавосамро ҷамъ карда, диққатамро ба он расмҳои аспе, ки то ин вақт кашидаам, равона сохтам. Дар байни ин ҳама расмҳои кашидаам ва дидаам танҳо яке аз онҳо ба зеҳнам нишаст. Аммо он расми аспе буд, ки то ба ҳол накашидаам – баргирифта аз ҳамаи расмҳои дигар. Сурати аспҳои дигарро аз хотирам равондам, ҳатто лаҳзае фаромӯш кардам, ки кистам, дар дастам чист. Дастонам беихтиёр мӯйқаламро ба рангдон бурданд, миқдори зарурии рангро бардоштанд. Ангор асп бароям ҳарф мезад: «Вақташ омада, бикаш маро!» Нуқта ба нуқта ҳар қисмати аспро медидам ва мегуфтам: «Ҷойҳои поҳоят ин ҷо хуб аст ва ё ин ҷо?!» Боварам намеояд, аммо ману ӯ бо ҳам ҳарф мезадем, ба ҳам мадад мерасондем.

Акнун ихтиёр дар дастам набуд. Мӯйқалам беихтиёр рӯйи коғаз сайр мекард: по, соқ зону, рон, сина, гардан, сар, ана, гӯш… Ногоҳ маро шавқу шӯр фаро гирифт. Чӣ хел аспи зебо пайдо шуд. Мӯйқалам аз коғаз боло шуд. Вале кор ҳанӯз тамом нашуда. Ҳа, ранги мӯйқалам кам шуда, ман, ки бояд ҳоло лаб, даҳан, биниро кашам. Дар мавриди биниву димоғ андак таваққуф намудам. Забонашро чӣ, магар онро чуноне кашам, ки дида шавад? Худат розӣ ҳастӣ? Думатро чӣ, гирех бизанам? Эҳ, монанди аспони сипоҳиён шудӣ! Ин пойҳои қафо, сум… Ана, тамом! Чӣ фаромӯш шуд? Аҳа, зулф? Магар асп зулф дорад? Мекашам бароят, бисёр зебо ҳам мекашам, он туро хушрӯтар мекунад. Магар аспи хубро шона намезананд? Мезананд, биё, ором биист, шонаат ҳам мезанам. Ана, дар пешонаат ситорачае ҳам гузоштем. Узви таносулат бояд ба андомат мувофиқ бошад. Онро ҳам кашидем, рости гап, вақте ин қисмати аспро мекашам, дар қисмати поёнии бадани худам ҳам роҳатеро эҳсос менамоям. Акнун вақти он аст, ки ту ҳам маро бубинӣ. Як дам сабр кун, мӯйқаламро ба рангдон хаста гирам, то барқи чашмонат бештар гардад.

Расм тайёр. Бовариам намеомад, ки дар муддати кӯтоҳ чунин наққошии олиеро ба ҷо орам. Гӯё худам ба асп табдил ёфтам.

44. Маро Парвона меноманд

Барои намози шом тайёрӣ медидам, ки аз қаср одам омад ва гуфт, ки бо дастури подшоҳамон бояд дар мусобиқае иштирок кунам ва як асп кашам. Гуфтам: Сару ҷонам фидои подшоҳамон! Ба ғайр аз ман кӣ аспи зеботаринро кашида метавонад?

Аммо аз он ки гуфт, бояд бо сиёҳқалам кашам, кайфам парид, охир, ман дар ранггузорӣ назир надорам. «Аммо ҳоло чаро сиёҳқалам? Чаро асп? Кай қарор аст, беҳтарин корро муайян кунанд?» Бо ин суолҳо ҳаракат кардам, ҷавони вакилро ба гап дарорам, ошкор кардам, ки дар пушти ин кор саррасом, устод Усмон меистад. Чӣ хуб! Ин беҳтар аст. Охир, аз шумо чӣ ҷойи пинҳон кардан, устод Усмон чанд бор бевоситаю бавосита маълум карда буд, ки дар байни накқошҳо бештар маро дӯст медорад.

Ба коғази сафед нигаристам, аз дил гузарондам, ки агар чизеро кашам, ки ба саррассом Усмон писанд ояд, он ба подшоҳамон ҳам маъқул мешавад. Шайтон мегӯяд, ки як аспи сиёҳи ваҳширо кашам, ки ҷуфти пойҳои ақибаш ба ҳаво баланд шуда, дар ҳоли шиҳа кашидан аст. Чунин аспро худи устод Усмон даҳ сол пайваста кашидааст. Аҷиб, ба ғолиби озмун чӣ қадар тилло медода бошанд? Агар наққоши бузург, устод Мир Мусаввир мебуд, ин аспро чӣ тавр мекашид? Устод Камолиддин Беҳзод чӣ?

Тасмимамро гирифта будам, қаламмӯйро нағзакак ба рангдони сиёҳ оғӯшта кардам ва аз пойи чапи аспи сиёҳи ваҳшӣ шурӯъ кардам. Бо як ҳаракат зонуҳояшро печондам ва то зери синааш бурдам. Баъд бо як ҷасорат

ду то камон кашидам ва бурдам поён, қаламмӯйро чунон боварибахш ҳаракат медодам, ки гӯё хаттоте будам на наққош. Аз он камонҳо чунон хушам омад, ки боз дутои дигар болотар кашидам, ки он аввалиҳо ба шикам дахл доштанду ин дуи дигар ба гардани зебо ва синаи пурқувват. Аз ҳунари худ ба ваҷд омадам. Дастонам аз пеши худ ҳаракат доштанд. Ана, сураташ ҳосил шуд. Оҳ, чӣ қадар устоди моҳирам ман! Дастонам доранд ҳаракат мекунанд. Аспи пурқувват: даҳонаш андаке кушода, бинӣ, ҷабин васеъ, гӯшҳо. Бо ҳамон шавқу завқ боз як камоне кашидам. Ин камон оғоз шуд аз сари асп то хонаи зин. Ана, ин ҷонвари зебо, андак фарбеҳу даванд, ба худи ман монанд. Шумо дар ин китобе, ки дар даст доред, агар аспи маро медидед, офарин мехондед. Агар бинед, ки тамоми сурати аспро бо ҷузъиёташ дар даҳ сония кашидам, чӣ медодед бароям?! Оҳ, оҳ! Ман хаттот ҳам ҳастам! Асрорашро бигӯям? Дуто қоф кашидам ва онҳоро ба ҳам пайванд кардам. Агар медидед, чӣ гуна ин қофҳоро ба ҳам пайваст мекунам, боварӣ ҳосил мекардед, ки зери дастам сиёмашқ аст, на сиёҳқалам. Орзуҳо маро ба оғӯши худ гирифтанд. Вақте ҷоизаро аз дасти подшоҳ ва устод Усмон мегирам, барояшон чӣ тавр арзи ташаккур баён кунам? Як халтача тангаи тилло! Ваҳ, танҳо шумурданаш чанд соат вақтро мегирад?! Як аспе шуд, ки дар тамоми умр надидаам. Худ ба худ табассум мекунам. Дар ин миён дастонам нақши зинро ба анҷом расонда, мӯйқаламро ба рангдон хаст ва аз нав ба коғаз наздик шуд то бикашад сағрӣ ва баъдан думро. Мехостам онро лӯнда бикашам, то ба думбаи барное монанд бошад, ки онро мехоҳам соҳибӣ намоям. Ҳоло ҳам табассум бар лаб будам, вақте ки дастам ба кашидани пойҳои ақиб андармон буд, андак дам гирифтам. Маълум, ки ҷоиза аз они ман аст, бо ин наққошӣ бори дигар собит мекунам, ки танҳо касе, ки баъди саррассом Усмон лаёқати

роҳбарии раёсати наққошхонаи дарборро дорад, манам. Аммо якбора ба хотирам расид, ки рақибони ношуд гуфтанашон ҳам мумкин аст, ки ин аспро зуд, бадоҳатан кашид, ҳар бачаи хурдсол метавонад ин хатҳои качу кулӯларо кашад ва ин ҳунари наққоши ҳақиқӣ нест. Ин фикр маро ғамгин сохт. Ба онҳо мегӯям, ки диҳед ба дастам қаламмӯйи зарифамро ва ана, ёл, ана, дум ва ана, ин мижгонҳо, онҳоро равшану аёнтар мекунам. Э, вой! Дидед, чӣ тавр ин ғуломатон ин мӯйҳоро тор-тор кашидааст?! Ҳоло куҷояшро дидед, ки аз шарм сару рӯятон арақшор гашт? На, ман байни пой он узвро, ки шумо дар назар доред, намекашам, то бонуҳо сарашонро хам накунанд. Зине мекашам зебо, бо тамоми абзор. Дигар чӣ мехоҳед? Акнун бо шавқи беинтиҳо аспи худро менигарам: пуркувват, даванд ва зебо! Камонҳое, ки ба меҳр кашидаам, чун бодбонҳои киштӣ, ки ба парвоз даъват мекунанд, дар як вақт чун қалами хаттот маъниеро ифода мекунанд. Танҳо ман наққоширо ба маънӣ тавъам месозам. Ҳар кӣ ин наққоширо бинад, устод Усмон як тараф истад, ба ёди Мир Мусаввир ва устод Беҳзод меравад.

Вақте ки ин аспи зеборо мекашидам, гӯё ба рассоми дигар табдил ёфтам. Ман худам набудам, худамро аз берун медидам. Кор тамом шуд, шубҳае надорам, ки ғолиб манам.

45. Маро Лаклак меноманд

Намози шомро хондам ва акнун либос пӯшида, омодагии рафтан ба қаҳвахона доштам, ки дарро заданд. Рафтам поён ва боз кардам. Яке аз нигаҳбонҳои қаср буд. Вақте гуфт, барои чӣ коре омадааст, мехостам гӯям: «Ин тавр намешавад, азизам. Шумо гӯед, ки чӣ қадар пул медиҳед, дар асоси он кор мекунам». Аммо ин

фиристодаи подшоҳамон буд ва аз супоришдиҳандагони одӣ фарқ дошт, фармон додааст расми беҳтарини аспро кашем. Ҷавони сармозадаро ба хона даъват кардам. Баъд аз дил гузарондам: чӣ тавр аспи беҳтаринро мекашам, ки он дар дунё вуҷуд надорад. Шояд яке аз ин аспҳои дурушти муғулӣ, ё яке аз аспони тезтаки арабӣ? Шояд аспи ҷангӣ ё ҳамоне, ки ҷиҳози арӯсӣ мекашад? Ё шояд яке аз он аспони бадбахте, ки то охири умр аробаҳои сангкашониро кашола мекунанд? Не, ҳеч кадоме аз инҳо наметавонанд беҳтарин аспи дунё шаванд. Зеро мутмаин будам, меъёри интихоби ғолиб ҳатман сабку усулҳои наққошии устодони куҳани Аҷам хоҳад буд.

Аммо шарти мусобиқа маро ба ҳайрат овард. Агар мегуфтанд, ки касе чӣ хоҳад кашад, ҳатман ғолиб мебаромадам. Аммо ҳоло, ки гап сари як халта тилло меравад, вазъ тағйир меёбад. Кӣ ин фикрро ба сари подшоҳамон ҷой кардааст? Ҳоло, ки чунин шуда, ҳамаи наққошҳо сар мебардоранд. Вале боз дастам болост, зеро устод Усмон аз кори ман хурсанд аст. Худи подшоҳамон ҳам чандин бор ба ман ҷоиза супоридааст, охирин бор барои ҳамин «Сурнома»-е, ки ба охир расондаем.

Ногоҳ дастонам ангор аз чунин андешаҳо ба қаҳр омаданд, ба кор сар карданд ва кашидани аспро аз суми асп сар кардам. Дар як кашидан аспе ба вуҷуд омад хеле зебо, чунин аспро танҳо дар майдони ҳарб дидан метавон, ин аспест, ки ҳам барои саворӣ, ҳам барои боркашӣ қобили истифода аст. Қаҳрам омад, ки аспе сохтам дорои ҳамаи хусусиятҳо. Бинобар ин, дунболи он аспе кашидам хоси сипоҳиён. Ягон нафар шариконам аз наққошхона чунин асп кашида натавонанд. Акнун ба кашидани аспи сеюм ҳам пардохтанӣ будам, ки фиристода дастамро дошт ва гуфт, ки якто ҳам бас буд.

Ӯ баромаданӣ буд, ки дасташро доштам. Зеро аз дилам гузашт, ки барои чунин асп ба ман халтачаи зар нахоҳанд дод – душманон халал мерасонанд.

Агар ба усули худ расм кашам, ҳеч гоҳ ҷойи аввалро намедиҳанд, ҳамин қадар ҳасудонам зиёданд. Аз ҷавон хоҳиш кардам, ки андак сабр кунад. Худам ба ҳуҷраи дигар даромада, аз он ҷо ду сиккаи қалбакии румиро, ки ба ҳар ҳол дурахше доштанд ва барои чунин рӯзҳо нигоҳ медоштам, бардошта омадам ва ба кафи ҷавон гузоштам. Фиристодаро аз тарс чашмонаш калон кушода шуд. Ба сараш дод задам:

– Бишин, қаҳва бинӯш!

Мо баргашта нишастем. Дафтареро бардоштам, ки дар он намунаҳои ба худам маъқули наққоширо ҷамъ меорам. Беҳтарин наққошиҳои устодони пешин, чун Беҳзод ва дигар наққошони куҳани Ҳиротро ҷойе бинам, агар нархаш гарон набошад, харида мегирифтам, агар гарон бошад, нусхабардорӣ мекардам. Ин дафтар як хазинаи хурди наққошиҳои беҳтарини Шарқ буд. Ҳамчунин, ҳамсояе доштам бо номи Ҷезмӣ, ки дар китобхонаи дарбор кор мекард, вай ба ивази чанд акча аз китобҳои беҳтарини наққошидор варақҳояшонро канда меовард ё барои нусха бардоштан медод. Дафтари мазкур як хазина буд барои дӯстдорони наққошӣ.

Баргаштам пеши ҷавон. Ҳамсарам барояш қаҳва овардааст. Ҷавони булҳавас аз қаҳва дида, бештар ба баъзе ҷойҳои зан чашм медавонд. Ба дил гуфтам: «Худоё, агар он ҷойҳоро монанди ман аз наздик медидӣ, сахт пушаймон мешудӣ!» Пас, ба ҳамсарам, ки шах шуда монда буд, гуфтам:

– Бирав, пайи корат!

Сипас дафтари пурқиматро аз чашми фиристода пинҳон надошта, варақ задам ва аз байни чанд асп беҳтаринашро интихоб кардам. Ҷойҳои ба назар

муҳимашро бо сӯзан сӯрох намудам. Як варақи тозаро рӯйи тахтаи наққошӣ гузошта, аз болояш наққошии сӯрохкардаамро мондам, сипас, ба сӯрохиҳо кам-кам хокаи ангишт рехта, варақро такон додам. Варақи наққоширо канор гузоштаму бо қалам нуқтаҳои дар варақи тоза ҳосилшударо ба ҳам пайваст кардам. Инак, зоҳир гашт пойҳо, сар, даст… Дар муддати кӯтоҳ аспе пайдо шуд, ки дар зебоӣ дар ҷаҳон назир надорад. Баъд дафтарро бурда ба ҷояш гузоштам, боз се сиккаи қалбакии зардаки румиро гирифтам ва ба кафи ҷавонак гузоштам. Ба ӯ гуфтам, ки агар соҳиби ҷойи аввал шавам, ба ӯ боз даҳ чунин сиккаи зар хоҳам дод, ба шарте, ки аз чизҳое, ки дар ин хона дид, ба касе даҳон накушояд. Ҷавонак ба умеди он ки бо ҳамин баҳона боз як бор зани маро хоҳад дид, ба умед ба тарафи дари хонаи дигар чашм давонда, ба оҳанги ризоят сар ҷунбонд.

Барои ин ки дар чунин мусобиқаҳо ғолиб шавӣ, фақат наққоши моҳир будан кофӣ нест, бояд калларо ҳам кор фармоӣ. Магар ҳамин тавр не, шумо ҳам дар зиндагиатон ба чунин воқеаҳо рӯ ба рӯ шудагистед, албатта?!

Бовар дорам, ягон нафар ҳамкоронам аспро монанди ман накашидааст, ҳа-ҳа-ҳа!

46. Маро Қотил меноманд

Оё баъди он мусобиқаи аблаҳона маро шинохтед?!

Гӯё як озмуни наққошӣ ташкил карданд. Мавзӯъаш асп. Аз аввал фаҳмидам, ки ҳадафи аслиашон чист? Он коғазпорае, ки машқи саридастӣ буд ва онро дар рӯзи ҷанозаи Зариф-афандии бадбахт ёфтанд, аслан бароям аҳамият надошт. Акнун мехоҳанд дар асоси он қотилро муайян кунанд. Ҳо, бадбахтҳо, ҳамаро монанди худ аҳмақ ҳисобидед?! Ман сабку услуби шахсӣ надорам, ки аз рӯйи

он маро фош кунанд. Бо вуҷуди ин ки аз қазия бохабар будам, эҳтиётро шарти ҳаёт дониста, сайъ кардам, аспе кашам, ки комилан аз он аспи китоби Эниште-афандӣ, ки барои машқи даст кашида будам, фарқ кунад.

Вақтҳои охир, вобаста ба ин қазия дар бораи усули шахсӣ бештар фикр мекардагӣ шудам. Суоли асосие, ки ба худ медиҳам, ин аст: аслан худи ман кистам? Як наққоши бадбахт, ки он қадар зери султаи услубу анъанаи ин наққошхона мондаам, ки наметавонам ҳатто як аспро чӣ тавре ки дилам мехоҳад, бикашам. Солҳост, ки каси дигарам. Сабаби дар он варақи коғаз машқ карданам низ дар ҳамин – раҳоӣ аз таъсири анъанаву одатҳо буд. Аммо бовар дорам, рӯзе аз таъсир фориғ хоҳам шуд ва мешавам худи худам. Лаҳзае ин худамро тасаввур кардам, ба худ омадам, ки аз берун маро наззора дорад. Шармам омад дар пеши вай.

Вакили дарбор рафт. Ҳис кардам, ки дар хона истода наметавонам, ба кӯчаи торик баромадам, бе мақсад хеле гаштам. Солҳои пеш дар як китоби Бобо Шайх Усмон, бо номи «Маноқибнома» ё ба ҳамин монанд қиссаеро хонда будам. Дарвеше буда, ки гумон мекардааст, шайтон дар рӯҳаш нишастааст ва агар беш аз чанд дақиқа ҷойе биистад, шайтон тамоми рӯҳашро тасхир хоҳад кард. Аз ин сабаб мудом роҳ мегаштааст, аввал дар шаҳри худаш аз ин кӯча ба он кӯча, аз ин хиёбон ба он хиёбон, сипас, ба кӯҳу биёбон сар зада, аз ин шаҳр ба он шаҳр, аз ин кишвар ба он диёр давоми шасту ҳафт сол бидуни таваққуф роҳ гаштааст. Ниҳоят хаста шуда, дар ҷояш истода таслим шудааст. Дар ҳамон синн таслими шайтон шудааст, ки он вақт наққошҳо нобино мешаванд ва ба зулмоти абадӣ ворид мегарданд. Ба шумо маълум аст, ки наққошҳои оҷиз ҳам сабки хос доранд. Аммо намедонам, ки чун оҷиз мешаванд, усули шахсӣ меёбанд ва ё вақте усули шахсӣ пайдо мекунанд, оҷиз мешаванд. Ба ҳар ҳол,

дар ин синн соҳиби услуби шахсӣ мешаванд ва баробари ин, аз он раҳо меёбанд.

Аз пушти бозори Асро ба Мурғбозори маҳаллаи Боязид, майдони холии Ғуломон рафтам. Агар бӯйи хуши ошфурӯшҳои сари маҳалла, шӯрбою мухаллаба[125] ҳам набуд, сокинони ин ҷо аз бӯйи бади мурғ ба ҷон меомаданд. Аз паҳлуи сартарошхонаи баста, нонвойхонае, ки дохилаш пирамарде ба пулшуморӣ машғул аст, дӯконҳое, ки бӯйи моҳии шӯр мекарданд, гузаштаравон, барои чӣ бошад, шояд бо сабаби дурахши рангҳояш ба қаннодие даромадам, ки чароғҳои он халтаҳои қаҳва, дорчин, зардчӯба, зира, адвиёти гуногунро рӯшан мекарданд. Аз онҳо чунон рангу бӯйи хуш ба чашму машом мерасид, ки лаҳзае худро дар биҳишт тасаввур кардам. Вақте чизҳои ба худам маъқулро мебинам, мехоҳам ё ба даҳон андозам ё зуд наққошӣ кунам.

Дар ин бозорча қаҳвахонае ҳаст, ки ин ҳафта дар он ду бор шом хӯрдам. Онро «Байтулхазон» номидаам, ки шояд дурусттараш, Хонаи бенавоён бошад. Он то нисфи шаб кор мекунад. Ҳоло ҳам ин макон пур аз одамони дарвешнамои ба дорбозу масхарабозон монанд, ду гадо, чанд ҷулҳундипӯш буд, ки чашмонашон шояд бар асари нашъа ба нуқтаи номаълум дӯхта шудааст. Дар гӯшае як одами сару либосаш беҳтар танҳо нишастааст. Ба ин ошпази ҳалабӣ бо эҳтиром салом кардам. Як ҷойи холӣ ёфтам. Табақчае пур аз дулма, як коса ҷурғот, қаланфули бештар гирифтаму нишастам.

Ҳар шаб ҳолам ҳамин аст. Ғам фаро мегирад. Бародарон, зиндагӣ сахт аст! Мо ҳамдигарро мехоем монанди сагҳо, аз саг ҳам бадтар, ба корҳои беҳуда, бадкорӣ машғул мешавем. Баъзан шабҳо, чунон ба

---

[125] *Муҳаллаба* –як навъи таом монанд ба ширбиринҷ.

назарам мерасад, ки он ҷасад аз чоҳ берун гашта, маро дунбола мегирад. Оҳ, охир, мо ӯро гӯр кардем, чуқур гӯр кардем, ӯ наметавонад, ки аз қабр барояд.

Ногаҳон ҳампаҳлуям, ки ба коса хам шуда буд, сар бардошт ва ба ҳарф задан даромад. Аз дилам гузашт, ки ин ишоратест аз Худованд. Бале, ҷавоб додамаш, хӯрокҳои ин ҷо бомазза аст, долмааш, хусусан, хушхӯр. Ӯ дар бораи худ нақл кард: чанде пеш мадрасаро хатм кардааст ва ба хизмати котиботи Ориф-пошо даромадааст. Ӯро бо суолҳо гаранг накардам, напурсидам, ки чаро ҳоло дар қасри пошо нест, чаро ба мадраса ё хонаи худ – назди хонумаш нарафтааст, дар ин қаҳвахонаи гандидаи муҷаррадон чӣ ёфтааст. Баъд ӯ пурсид, ки кистам, аз куҷоям. Рости гап, ин суолашро интизор набудам, бинобар ин, андаке ба андеша рафта, сипас ҷавоб додам:

– Номам Беҳзод аст, аз Ҳиротам, омадам Табрез. Ҳоло ин ҷо ҳастам. Касбам наққошӣ ва солҳои зиёд беҳтарин наққошиҳои кишварҳои исломӣ, аз Аҷам то Арабистонро ба ҷо меорам. Аз касе пурсӣ, маро мешиносад ва мегӯяд, ки монанди вай дар дунё наққоше нест…

Воқеан, асли гап дар ин нест. На он чизеро, ки мебинам, балки он чизеро, ки фикр мекунам, мекашам. Акнун намедонам, он чизҳое, ки дар тасаввурам ҳастанд, чӣ тавр воқеӣ буда метавонанд. Аслан наққошӣ оё барои дидан аст? Шояд танҳо барои чашмро об додан? Дунёи ботиниам аз ду чиз иборат аст, агар онҳоро ба ҳам созиш дода тавонед, маро мешиносед, яъне:

–***алиф***: наққошӣ василаест барои нишон додани чизҳое, ки дар фикри наққош аст;

–***лом***: чашмҳо барои он лозиманд, ки наққошиҳои аз рӯйи фикр кашидаи рассомонро бубинанд;

–***мим***: пас, лаззату зебоӣ кашфи чизҳоест, ки қаблан дар фикрамон буд, аммо чашми дидан надоштем.

Аҷиб аст, оё ин хатмкардаи мадраса мантиқи ҳарфҳои маро, ки аз қаъри дил ҷӯшида мебароянд, мефаҳмад? Ба гумон! Зеро дар мадрасаи аз доқёнус мондаи ӯ дар се соли таҳсил зери дасти мударрисе, ки ба бист акча (имрӯз ба ин пул бист нон харидан метавон) дар як рӯз таълим гирифтааст, албатта, намедонад, ки Беҳзод кист. Муаллимаш ҳам намедонад ва нашунидааст. Гӯш кун, бароят қисса мекунам:

– Бидон, ки наққош ҳастам. Ҳар чизе, ки ба зеҳнам меояд, ҳатман мекашам. Масалан, ҳазрати Паёмбар (с)-ро бо чор ёронашон дар назди меҳроби сабзи масҷид, дар китоби дигар меъроҷи ҳазрати Муҳаммад (с) -ро бо аспашон. Худи ту мусулмонӣ? Искандарро мешиносӣ? Бори охир Искандарро дар дайри чиноӣ кашидам, ки дуо мекард то он аждаҳоеро, ки нисфи лашкарашро фурӯ бурдааст, кушта тавонад. Подшоҳи Аҷамро кашидам, ки коре надошт ба ҷуз дар ҳарамсаро нишаста, зери навои уд оббозии чиҳил тан канизро тамошо карда, лаззат бурдан; паҳлавони ҷавоне, ки ба устодаш пешхезӣ карда, дар пеши назари подшоҳ бо устод гӯштӣ гирифт, аммо маълум шуд, ки як усули охиринро наомӯхтааст ва мағлуб шуд; Лайлию Маҷнуни ҷавонро кашидам, ки дар синфхонаи деворҳояш нақшу нигорин таълим мегиранд; саҳнаҳои ифтихоромез, шармовар, ошиқони шармгин; чӣ тавр хишт болои хишт бардоштани қасрҳо, саҳнаи ҷазодиҳии ҷиноятқорон, парвози уқоб, харгӯшҳои чобук ва шерони ҷаҳон, дарахтони чанору сарв ва дар шохҳояшон парандагон; маргро кашидам, мусобиқаи шоиронро, лашкариёне, ки фатҳашонро ҷашн мегиранд ва монанди ту, онҳоеро, ки ба ғайр аз қути лоямут чизе надоранд…

Котиби эҳтиёткор аз ҳарфҳоям чашмонаш мош барин кушода шуд ва танҳо табассум гирди лабонаш чарх мезаду бас. Идома додам:

– Муаллим ба ту дар бораи Саъдӣ, албатта, нақл кардагист, шояд «Бӯстон»-и ӯро хондаӣ. Як қиссаро аз он хеле дӯст медорам. Боре шоҳ Доро ҳангоми шикор аз ҳамроҳон дур афтод, дар саҳрое ба ӯ одами ношиносе вохӯрд. Шоҳ тарсид ва камонашро ҷониби ӯ рост карда, хост тир андозад. Ношинос, ки риши баланде дошт, даст бардошта, хоҳиш кард: «Сабр кун, подшоҳи ҷаҳон, магар маро нашинохтӣ? Охир, саиси ту мебошам, аспҳои туро нигоҳубин кардаам, ҳамин асперо, ки савораш ҳастӣ, низ. Маълум мешавад, ки ту маро дидаӣ, аммо эътибор надодаӣ. Аммо ман ҳамаи аспҳоят, хислату рафторашонро медонам…»

Бо тасвири ин саҳна, аспҳои якрон (туруқ), сиёҳмушкин, сафед дар боғи биҳиштосо; нигоҳи меҳрбори саис ба ин манзара мехоҳам нигоҳи Саъдии шоирро ба зиндагӣ ифода созам: ба зебоӣ ва асрори зиндагӣ ҳамон вақт сарфаҳм рафтан метавон, ки ба он бо муҳаббату шикебоӣ таваҷҷуҳ намоӣ. Агар хоҳед, дар чунин чаҳорбоғи зебо зиндагӣ кунед, чашмонатонро калонтар кушоед, то ҷаҳонро бо ҳама рангу ҷузъиёташ бубинед.

Шогирди мадраса, ҳарчанд ки бо диққат ба ҳарфам гӯш медод, метарсид. Шояд тайёр буд таомашро партофта гурезад, аммо ӯро ба осонӣ ҷавоб доданӣ нестам.

– Устод Беҳзод ин саҳнаро чунон зебо кашид, ки пас аз сад сол ҳам рассомон аз он нусха мебардоранд, аспҳое, ки мо мекашем, ҳама тақлиди ӯянд. Мо онҳоро аз ҳофиза мекашем. Ту ягон вақт расми аспро дидаӣ?

– Дар як китоби ачиб, ки ба устодамон аз устодаш расидааст, расми аспи болдорро дида будам.

Чӣ ҳам метавон гуфт ба ин талабаи бесаводи мадраса, ки ҳақиқати зиндагиро аз рӯйи китобҳое чун «Аҷоиб-ул-махлуқот» баҳо медиҳад? Шайтон мегуфт, ки бо ин косаи таом ба сараш занам, ки мағзаш пош-пош хӯрад, аммо Раҳмон дасти маро аз ин амал боздошт ва маҷбурам варсоқии ӯро дар бораи кадом як расми аспи болдор гӯш кунам, тасаввур кардан мумкин аст, ки он чӣ қадар беҳунарона кашида шудааст. Роҳи сеюмро интихоб кардам: чумчаамро партофтаму гурехтам аз қаҳвахона. Хеле зиёд гаштугузор кардам ва ниҳоят омадам ба ҳамон тоқи вайрона, ки мегуфтандаш қаландархона. Чандин сол пеш дару тирезаи онро тахта задаанд. Манзилҳои гирду пеши он, ки мардонаш дар ҷанг нобуд шудаанд, сӯхтаю хокистар гаштаанд. Он ҷо ором аст. Чангу хоки ҳуҷраро тоза кардам, муддате ором нишаста, ба сукут рафтам.

Баъд аз махфигоҳ оинаро баровардам. Онро ба такягоҳ гузоштам, тахтаи кориро рӯйи зонувон монда, дар болояш варақи дусаҳфагиро гузоштам, ба акси худ дар оина нигариста, бо ангишт ба кашидани чеҳраи худ сар кардам. Хеле дурудароз ва бо кӯшиши зиёд кор кардам, аммо дидам, ки расми коғаз ба худам монанд нест ва зиёд маҳзун гаштам. Ин корро рассомони румӣ, ки дар бораашон Эниште нақл мекунад, чӣ тавр мекарданд? Кӯшиш намудам худамро ба ҷойи онҳо тасаввур кунам, расми кашидаамро пок кардам ва ба оина нигариста, аз нав ба кор оғоз намудам. Дидам, ки бенатиҷа, ҳам рассомони фарангӣ ва ҳам Эништеро дашномгӯён корамро идома додам.

Баъди чанд муддат аз чӣ бошад, ки худро аввал дар кӯча, баъд дар он қаҳвахонаи ифлос дидам. Дар хотир надорам, ки чӣ тавр ба он ҷо омада мондам. Аммо худро дар байни рассомон ва хаттотони муқаррарӣ дида, чунон безобита гаштам, ки ҳатто ҷабинам арақшор гашт.

Гумон кардам, ки онҳо ҳамдигарро нихтакунон маро нишон медиҳанду ба ҳолам механданд. Кӯшиш намудам, ки диққати касеро ба худ ҷалб насозам, дар гӯшае нишаста, нигоҳ кардам, ки дар ин ҷо оё ҳамсабақе, ки шогирди устод Усмон аст, ҳаст. Ба онҳо низ ин бегоҳ кашидани расми аспро супориш додаанд. Бовар дорам, ки онҳо инро ҷиддӣ гирифта, бо тамоми қувва кӯшиш кардаанд, ки дар озмун ширкат варзанд.

Маддоҳ алҳол ба қиссапардозӣ шурӯъ накардааст, ҳатто ба девор расм наовехтаанд. Агар ӯ ба нақли фачу лачаш сар мекард, шояд ба он андармон мешудам. Аммо ҳоло ночор ба гапи ҳамкасбон гӯш кардан лозим меояд.

Чӣ ҷойи пинҳон кардан, қатори дигарон ба дарёи ҳазлу шӯхӣ ворид гашта, қиссаҳои духӯра гуфтам, бо шиносҳо оғӯш кашида, бо ҳар гуна суханҳо пурсупос намудам, аз кори шогирдон пурсон шудам, душманони умумиамонро бераҳмона нафрин кардам ва ҳатто аз гуфтани суханҳои ношоям рӯй нагардондам. Аммо ҳамаи ин гӯё бо ман набуд, тамоми ин муддат як қисми рӯҳам орому сокит буд. Донистани ин ба ман таъсири бади рӯҳӣ мерасонд.

Агар дуруст нигаред, ин ҷо ду гурӯҳ одамон нишастаанд. Як гурӯҳ ҷавонони дар чанд миз нишаста худро аҳли ҳунар донанд ҳам, дар ин ҷода пиёдаанд. Онҳо баъди чанд сол ҳам наққош намешаванд. Дигар гурӯҳе, ки дар мизҳои поёнӣ нишастаанд, аксарашон миёнсол, дар рангу рӯй ба нашъамандон монанд, пинҳонӣ ба қаҳва шароб ё афюн ҳамроҳ мекунанд. Аз ин рӯ, чашмонашон беҷост, аз гап дида, бештар ба ишораву ханда машғуланд. Худро шомили ҳеч кадоми ин гурӯҳҳо намешуморам. Аммо чӣ бояд кард, ки баъзан барои вақтро гузарондан, барои лаҳзае фаромӯш кардани он «ман»-и дигар, ки дар рӯҳам доим аз будани худ дарак медиҳад, ба суҳбати гурӯҳи аввал ҳамроҳ мешавам. Беихтиёр ба баҳси онҳо

ҳамроҳ шудам. Вақте гап сари узви таносули мард омад, тибқи одати наққошӣ онро ба қалам, най, сутуни ин қаҳвахона, қаланфул, манор, печаки дароз, сарв; думбаи писарҳои барноро ба норанҷ, анҷир, кадаиф,[126] болишт, мӯрчахонаи танг монанд кардам. Ҳамаи инҳо гапҳои беҳудаанд, гумон накунед, ки аз таҳти дил гуфтам. Ҳамаи инҳоро мебофам, то нагӯянд девонаам. Ҳамсуҳбати беҳтаринам хаттоти ҳамсиннам буд, ки узви таносулашро ба чӯби тири киштӣ ва ходаи аробакаш монанд кард. Ӯ то чӣ андоза ҳарфҳояшро исбот мекард, эътибор надодам, аммо худам ҳар лаҳза шӯхии нав мебаровардам, ба найқаламҳои фарсудаи наққошони пир, лабҳои сурхи шогирдони наққош, ба онҳое, ки тангаро дар ҷойи шармоварашон руст мекунанд (рости гап, худам ҳам) ва ман он ҷойро «кунҷи торик» номидаам; ба шаробе, ки менӯшидем – шояд дар он ба ҷойи барги гул афюн ҷой кардаанд, ба наққошони ҷавони Табрез, Шероз; ба он ки дар Ҳалаб ба қаҳва шароб ҳамроҳ мекунанд; ба ҳоли хаттотони худӣ ва бачаҳои барно механдидам.

Баъзан ба назарам менамуд, ки баъди ин нақлу ҳодисаҳо яке аз ду қисми рӯҳам ғолиб омада, аз қисми хомӯшу сокит ва мағшуш ҷудо мегардад ва ниҳоят ба оромӣ хоҳам расид. Дар ин лаҳзаҳо худро монанди кӯдаке дар рӯзҳои ид тасаввур мекардам. Аммо чӣ ҳам метавон кард: дар тамоми ин муддати шӯхию бӯсобӯсу оғӯшкашиҳо қисмати танҳову хомӯши ман ба ҳеч куҷо нарафт, аз ин худро бисёр ноҳинҷор ва бемор эҳсос мекардам.

Аз куҷо пайдо шуд ин рӯҳ, рӯҳ на – ҷин?! Рӯҳе, ки лаҳзае маро ором нагузошта, наззора мекунад, намегузорад, ки хешро байни ҳамкасбон, ҳамфикрон ором эҳсос намоям. Мумкин дасти шайтон бошад? Аммо

---

[126] *Кадаиф* –як намуд кулчақанд, миёнаш сӯрох.

ин ҷине, ки дар қисмати дуюми рӯҳи ман ҷой гирифтааст, хислати дигар дорад: ӯро нақлҳои шармовар, хандаовар хурсанд намекунад, баръакс, танҳо аз шунидани ҳикоёти пурмаъниву тарбиявӣ ором мешавад.

Ниҳоят тоқат накарда, аз ҷо бархостам. Шояд таъсири шароби нӯшидаам буд, ки беихтиёр дар паҳлуи ҷавони хаттоте афтида мондам ва аз ӯ пурсон шудам, ки мехоҳад, қисса бигӯям. Вай, ки фикр мекард, ман мастам ё нашъа кашидаам, чашмони кабудашро ҷонибам дӯхта гуфт:

– Бигӯ, бобо, як қисса не, сето бигӯй!

Ҳарчанд хуб медонистам аз ҳарфҳоям ҳамаашро нахоҳад фаҳмид, ба қиссагӯйӣ пардохтам ва ҷавони ранги рухсораш сап-сафед бодиққат гӯш фаро дод.

Ду ҳикоёт андар оҷизӣ ва услуби шахсӣ, ки рӯҳи танҳои наққошро оромӣ мебахшанд

Алиф.

«Кашидани расми асп чанд роҳ дорад: якум он аст, ки дар канори аспи ҳақиқӣ нишинӣ ва ба он нигариста бикашӣ, чуноне, ки фарангиён мекунанд. Аммо ин маънои онро надорад, ки бори аввал расми аспро онҳо кашидаанд. Дар ҳақиқат, аввалин касе, ки ин равишро ба кор бурд, Ҷамолиддини Қазвинист, ки роҳбари наққошхонаи дарбори Аккуюнлуҳо буд. Вақте ки онҳо ин шаҳрро ишғол карданд, устод Ҷамолиддини калонсол розӣ шуд барояшон хизмат кунад. Ӯ бо ҳукмрони Аккуюнлиҳо Узун Ҳасан робитаи наздик пайдо кард. Аз ин истифода бурда, дар сафарҳои ҳарбиаш ҳамроҳӣ ширкат варзид, то ҳодисотро бо чашми худ бинад. Шахсе, ки шасту ду сол наққош буд, ба майдони ҷанг афтид. Аммо на танҳо аспҳои ҳақиқиро дар майдони ҷанг дуруст наззора карда натавонист, балки дар яке аз ҳарбҳо ба болояш гулӯла афтида, аз ангуштони ҳар ду даст ва

чашми бино маҳрум гашт. Чун аксари устодони номӣ оҷизиро бадбахтӣ нашуморид, балки меҳрубонии Худованд донист; мегуфт, ки ҳофизаи наққош дар дастонаш не – чуноне, ки баъзеҳо мегӯянд, балки дар зеҳн ва дил аст; ва акнун, ки нобино шуд, ниҳоят ба фаҳмидани он рамзҳое, ки Худованд гуфтааст: «Бубин!» ноил гардид ва расмҳои аспҳои беҳтаринро кашид. Ӯ ҷавони чашмкабудеро ба худ шогирд гирифт ва ба ӯ тасаввури худро дар бораи аспҳои беҳтарин бо забони содаву фаҳмо нақл мекард. Бо таъсири азиятҳои кашидааш устод Ҷамолиддин баъди ду сол дунёи фониро тарк гуфт. Шогирдаш сесаду се усули кашидани расми аспро (ҳамеша аз пойи чапи пеш сар кардан лозим буд), ки устод барояш ёд дода буд, дар се китоб нишон дод: «Наққошии асп», «Машқи асп» ва «Ишқи асп». Китобҳо дар қаламрави давлати Аккуюнлуҳо паҳн шуда, тарафдору пайравонаш зиёд гаштанд. Зеро дар онҳо тарзи кашидани асп чунон дақиқ нишон дода шудааст, ки дигар ниёз ба дидани аспи воқеӣ нест. Ман ин китобҳоро дидаам. Нусхаи асли онҳоро баъди шикаст хӯрдани Аккуюнлуҳо бо дасти Султон Муҳаммад Фотеҳ ба Истанбул оварданд, ки дар хазинаи подшоҳӣ нигаҳдорӣ мешавад. Аммо баъди аз байн рафтани давлати Аккуюнлуҳо дар мамлакати Аҷам мактаби наққошии Ҳирот ҷорӣ гардид ва китобҳои Ҷамолиддин фаромӯш шуданд. Камолиддини Ҳиротӣ бошад, дар китобаш «Аспҳои наққоши нобино» ҳар се китоби Ҷамолиддини Қазвиниро наҳ зада, оташ заданашонро хостгор шудааст ва далелашро дар он дида, ки ягон аспи тасвиркардаи устод ба аспи назаркардаи Худованд монандӣ надорад. Аммо инро фаромӯш набояд кард, ки Ҷамолиддини Қазвинӣ, ҳарчанд дар охири умр нобино шуд, аспи воқеиро дар майдони ҷанг дида, онро ба тасвир

кашидааст. Инак, баъзе усулҳои дар китобҳои ӯ тасвиршуда дар ин ҷо истифода мешаванд».

Пай бурдам, ки ҳамсуҳбати ҷавонам бо нигоҳаш гӯё мегуфт: «Ин ҳам қисса шуд? Маро масхара мекунӣ?! Инҳо ба масоили сабки наққошиву оҳизии наққош чӣ алоқае доранд?» Аслан, аз ӯ дигар чӣ интизор шудан мумкин? Ин ҳам як аблаҳе монанди аблаҳҳои дигари ин ҷо. Чӣ мефаҳмад аз қиссаҳоям?! Ба ҳар ҳол қиссаи дуюмро бароятон мегӯям.

Лом.

Дар Шероз ва Ҳирот чунин меҳисобиданд, ки оҳизие, ки баъди заҳмати зиёд дар пиронсолӣ наққошро ҳамсафар мегардад, на танҳо нишонаи кӯшиши зиёди ӯ, балки мукофоти амалаш аз ҷониби Худованд аст. Ҳолатҳое ҳам буданд, ки дар Ҳирот ба наққошоне, ки ба пиронсолӣ расида, оҳиз нагаштаанд, бо шубҳа менигаристанд. Бинобар ин, устодони моҳир баъди пир шудан кӯшиш мекарданд, ки давраи оҳизшавиашонро тезонанд. Бисёр вақт онҳое, ки зери дасти шоҳ ё ҳокими аҷнабӣ кор кардан нахоста, худро нобино карданд ё усули худро тағйир доданд, обрӯю эътибори зиёд пайдо доштанд. Танҳо дар як наққошхона ба масъалаи оҳизӣ нуқтаи назар дигар буд. Дар устохонае, ки баъди забти Самарқанду Тошканд яке аз авлодони Темур – набераш, писари Мироншоҳ Абӯсайид таъсис дод, нобиноиро не, балки тақлид ба онро эҳтиром медоштанд. Устоди пири он даврон Кара Валӣ, ки дар назди Абӯсайид соҳибэҳтиром буд, мегуфт, ки дар торикӣ аспи Худовандро дида тавонистани рассоми нобино муъҷиза нест; ин бофтаи худи наққош аст; устод он аст, ки тамоми ашёи оламро ба хубӣ мебинад, аммо онро монанди оҳиз ба худ тасаввур мекунад. Дар синни шастуҳафтсолагӣ устод фарзияи худро ба исбот расонд: дар лаҳзае

башумор аспи беҳтарини ҷаҳонро ба коғаз нигоҳ накарда, аз рӯйи хотира кашид. Имтиҳон дар шоҳидии подшоҳ, ки мехост ҳақ будани устоди наққошро ба ҳамагон исбот созад, доир гардид. Он вақт уднавози кар уд менавохт, маддоҳи безабон нақл мекард. Сипас Кара Валӣ аспи кашидаи устодонро бо расмҳои пештар кашидаашон муқоиса намуда, заррае тафовут пайдо накард. Ҳатто метавон гуфт, кори онҳое, ки медиданд, беҳтар аз онҳое буд, ки намедиданд. Подшоҳ гуфт: Барои наққоши ҳақиқӣ фарқ надорад – оҷиз аст ё бино, вай аспро як хел, бо чашми Худованд дида мекашад. Он вақтҳо дар бораи истилоҳи фарангии «усули шахсӣ» касе чизе намедонист. Расмҳои кашидаи Кара Валиро боз зиёда аз сад сол наққошони кишварҳои исломӣ нусхабардорӣ карданд. Баъди он ки давлати темуриён пош хӯрд, Кара Валӣ аз Самарқанд ба Қазвин рафт, он ҷо аз тарафи лашкариёни Низомшоҳи ҷавон аввал кӯр ва баъдан ба қатл расонида шуд. Баҳона ин шуд, ки ӯ бо баробар донистани нобиною бино ба ояти нуздаҳуми сураи «Фотир»-и Қуръони карим, ки мефармояд: «Ва оҷизу бино баробар нестанд» шакк овардааст ва ҳамзамон наққошони ҷавонро гумроҳ намудааст…»

Мехостам, ҳикояи сеюмро оғоз намоям, вале дидам, ки устоди маддоҳ сӯям меояд. Фақат гуфтаниам, ки мавзӯи қиссаи сеюм, ки бояд нақл мекардам, устод Камолиддин Беҳзод буд, дар ин хусус, ки ӯ худро чӣ тавр нобино сохт. Аммо сабаби ба ин кор даст задани вай дигар аст: ӯ намехост бо сафавиён аз Ҳирот ба Табрез равад, бинобар ин, худро нобино кард. Мумкин буд боз чанд қиссаи дигарро, ки аз устод Усмон шунидаам, ба ин шогирди чашмкабуд бигӯям, аммо тавре ки гуфтам, устоди маддоҳ бо муҳаббат ҷонибам меомад ва шояд ба ман коре дошт.

– Салом, устод! –ин овози маддоҳ. –Имшаб барои мо, фақирон як хизмат кунед. Расми шайтонро бароямон кашед, қиссае, ки ҳоло карданиам, дар бораи шайтон аст.

«Аҷиб, чаро шайтон!? –аз дил гузарондам. Аммо барои ин ки як маддоҳи машҳур дорем, суханашро ду накардам ва коғази дуруштеро, ки ӯ ба дастам дод, гирифтам ва сар фурӯ бурдам ба наққошӣ. Устоди маддоҳ ҳеч вақт думболи зарофату зебоӣ намегардад ва агар чизе марбут ба қиссае, ки мехоҳад гӯяд, кашӣ, барояш кофист. Ҳоло девори паси сараш холӣ буд. Бинобар ин, наққоширо фавран анҷом додам. Ба фикри шумо усули кори ман чунин аст ё ин аз таъсири шароб буд? Расмро зуд ба девор часпонданд ва устод ба нақли худ шурӯъ намуд:

– Аввалин махлуқе, ки гуфт: «Ман!», шайтон буд, нахустин махлуқе, ки гуфт: «Шарқу Ғарб ҳар яке худои худро доранд» ва байни онҳо ҷудоӣ андохт, шайтон буд…

47. Ман – шайтон

Ман бӯйи қаланфури сурхи бирён дар равғани зайтунам, ман резаборони рӯйи халиҷи ором ҳангоми тулӯи офтоб, лаҳзае пайдо шудани қомати зан дар тирезаи боз, сукут, андеша ва сабрро дӯст медорам. Ба худам инон дорам ва аксар вақт ҳарфҳои дар ҳаққам гуфтаро ҷиддӣ намегирам. Аммо имшаб ба ин қаҳвахона барои ин омадам, ки бародарони наққош ва хаттотамро аз баъзе ғайбату дурӯғ ва овозаҳо ҳимоя кунам.

Медонам, шумо тайёред ба акси он гапҳое, ки ҳоло мегӯям, бовар кунед. Ба ҳар ҳол, шумо ҳамон қадар боақлед, ки мефаҳмед акси ҳарфҳоям на ҳама вақт рост мебароянд, аз ин рӯ, ба ҳар чизе, ки мегӯям, гӯш диҳед, чӣ ҳам метавон кард: дар Қуръони карим панҷоҳу ду

маротиба номи ман зикр шудааст, медонед, ки ин аз бисёр номҳои дигар хеле зиёд аст.

Хуб, аз китоби Худованд, Қуръони карим сар мекунем. Чизҳои дар он ҷо дар ҳаққи ман баёншуда ҳама дурустанд. Бароям қойил шудан ба ин чӣ қадар душвор аст. Фақат инро ҳам дониста бошед: дар кадом услуб дар бораи ман нақл карда шудааст. Қуръони карим маро хеле паст мезанад ва ин бароям дардовар аст. Ин дард тамоми умр бо ман аст. Чӣ ҳам метавон кард.

Бале, Худованд инсонро дар пеши чашми мо – фариштагон халқ кард. Баъд ба мо ба вай саҷда карданро фармуд. Бале, дар сураи «Ал-аъроф» омадааст, ки ҳамаи фариштагон саҷда карданд, аммо ман эътироз кардам. Хотиррасон кардам, ки одам аз хок, ман аз моддаи хеле беҳтар – оташ халқ шудаам. Ба инсон саҷда накардам. Худованд маро мағрур номид.

– Аз биҳишт баро, –фармон дод. –Аз ҳадди худ хеле гузаштаӣ.

– То қиёмат иҷозат бидеҳ, –хоҳиш кардам.

Иҷозат дод. Гуфтам, ки тайи ин муҳлат ба ивази ҷазоям барои ба ӯ саҷда накарданам авлодони Одамро аз роҳи ҳақ берун хоҳам кард. Онҳоеро, ки аз роҳ мебарорӣ, ба ҷаҳаннам мефиристам, гуфт. Чунин анҷом ёфтани корро шумо медонед. Ба ин гапҳо чизе илова кардан наметавон.

Баъзеҳо мегӯянд, ки дар он рӯз Худованд бо ман шартнома бастааст. Аз рӯйи ин мантиқ гӯё ба Худованд барои санҷиши ғуломонаш ёрӣ карда, ақлашонро месанҷидаам: аз ҳама беҳтаринҳо қарор медодаанд, ки аз роҳ набароянд, бадкорон ба ҳавои нафс дода шуда, гуноҳ мекунанд ва ба ҷаҳаннам меафтанд. Ҳамаро агар ба биҳишт роҳ диҳед, чӣ тавр онҳоро дар итоат нигоҳ медоред, корҳои дунё ва давлатро танҳо бо беҳтаринҳо идора кардан душвор, дар олам баробари хубӣ бадӣ,

баробари савоб гуноҳ мебояд, аз ин рӯ, вазифаи ман бисёр муҳим мебошад. Чаро Худованд гузошт, ки то Рӯзи Қиёмат зинда монам? Ё ин ки агар қарор буд ман ҳам ба Одам сачда кунам ва ягон Одам муртакиби гуноҳ намешуд, пас, чаҳаннамро барои чӣ офарид? Ин гапҳоятон чон дорад. Ҳатто ман, ки пасттарин махлуқам, дар бораи Худованд чунин афкорро ба хотир роҳ намедиҳам, аммо шумо, ки олитарин махлуқед, чӣ тавр дилатон мешавад, ки дар мавриди Худованд ба чунин хаёлот роҳ диҳед. Одамед, охир! Агар гапатон рост бошад, он гоҳ чунин мебарояд, ки дар ҳаққи ман зулм шудааст. Агар ҳамаи ин ба хотири нофармониам бошад, дарди бахайр, аммо аз аввал маълум бошад, ки нақши ман санчидани шумост, он гоҳ аз худатон гап намемонад, ин хеле беинсофист дар ҳаққам. Яъне, манзурам ин ки ин ҳама махлуқ буд, пас, чаро ман? Як чизи дигар: агар аз аввал гуноҳ кардан ё накардани шумо маълум бошад, яъне, чи тавре ки Мансури Халлоч ё ки бародари Муҳаммади Ғаззолии машҳур Аҳмади Ғаззолӣ ба ин маънӣ мегӯянд, ки агар ман, шайтон бо хости Худо бадиҳо мекунам, пас, худи хубиву бадӣ нест, зеро ҳамааш амри Худовандист. Ҳамин тавр, агар ҳамаи ин ба ман рабте надорад, пас ин чо вазифаам чист? Ҳатто менависанд, ки ман порае аз Ӯ ҳастам. Агар Худованд ҳама чизро аз аввал барномарезӣ кардааст, пас, мову шумо чӣ кораем?!

Албатта, баъзе донишмандони аз ҳад маҳмадоноятон дар оташ сӯзонда шуданд. Бадиву некӣ ҳаст ва ҳар кас бояд сарҳади байни инҳоро донад. Боз маро туҳмат накунед, ки ба сари он доноҳоятон ман ин фикрҳоро чой кардаам?! Онҳо худашон он гапҳоро бофтаанд. Ҳатто баъзеи шумо ба қароре омадаанд, ки ҳама хубиҳо аз дасти Худованд аст ва ҳама бадиҳо аз дасти ман, яъне, шайтон.

Забонам лол, ман ҳайрон. Магар ман худоям?! Шумоҳо медонед чиҳо гуфта истодаед?!

Медонам дарди шуморо. Шумо - одамҳо, ҳар коре, ки дилатон хоҳад мекунед, ҳамин ки дидед, он оқибати нек надорад, ба сари ман мезанед, хиёнат, шаҳват, лаънат ҳама аз дасти ман. Офарин, ба ҳиммататон!

Дӯкондори фиребгар, гӯштфурӯши қаллоб, мӯйсафеде, ки хоби фаҳш дидааст, ҷавони ба ҷалақ машғулро ман аз роҳ набаровардаам. Ҳатто дар ду ҳолати охирӣ Худованд гуноҳеро надидааст, ки номи маро ба он вобаста намояд. Бале, одамонро барои содир кардани гуноҳҳои азим таҳрик месозам, аммо атсаю сулфа кардан ба ман вобаста нест.

Баъзе касоне, ки то андозае ба ман лутф доранд, мегӯянд, ки ихтиёри банда дар дасти худаш аст. Агар худаш нахоҳад, ки гуноҳ кунад, тамоми коинот маҷбур кунад, наметавонад водораш намояд. Ҳам онҳое, ки ҳама гуноҳ – аз қатлу ғорат сар карда, то атсаю сулфа ба гарданам бор мекунанд ва ҳам онҳое, ки фикр мекунанд, дар ин корҳо ҳеч алоқае надорам, хато мекунанд.

Маро дуруст фаҳмед. Чаро дуруст намефаҳмед? Он қадар дар ҳаққам туҳмат мезананд, ки ҳар вақт хоҳам суҳбат кунам, аввал як-ду соат бояд ба ҳаллу фасли ин чизҳо пардозам, ки рабте ба мавзӯи аслӣ надорад. Охир, ман ҳам ба худ мувофиқ обрӯю эътибор дорам. Шумо на танҳо ба ман, ба ҳамдигар ҳам зиёд туҳмат мезанед. Ба ҳамин сабаб бо Худованди бузург вохӯрдам. Дар китобҳои зиёди шумо омадааст, ки ман ҳар шакл гирифта метавонам, масалан, барои бероҳа кардани шайхи покдоман чеҳраи духтари зеборо мегирам. Агар ин тавр аст, яъне, зебо бошам, чаро шумо, наққошҳо маро ҳамеша дар шакли як махлуқи бадафти шоху думдор мекашед? Бародарони азизи наққош, инро аз шумо мепурсам.

Ҳамин тавр, алҳол чизе, ки маро нороҳат кардааст, рафтори ин наққошҳост. Ҳамеша маро чунин мекашанд: бо шоху дум ва дандонҳои калон ва мӯйҳои ҷӯлида, чашмҳои сурх ва… мекашед. Бале, Худованд маро аз биҳишт ронд. Бо шумо аз қадим душманӣ дорам ва корам ба васваса андохтани шумо – ин дуруст. Аммо магар аз ёдатон рафт – ман фариштаам охир, фариштаи пок. Чӣ шумо гумон мекунед, ки барои васваса кардан, ҳатман, шабеҳи дев ва ғул будан даркор аст? Дар афсонаҳоятонку, қаҳрамонҳоятон ҳамеша духтарони зебову нозуканд, пас, чаро вақте гап сари мо омад, ба беинсофӣ роҳ медиҳед?

Аслан, биёед, ба оғози масъала баргардем: дар бораи наққошӣ. Имрӯз кӯчаҳои Истанбул пури диндору мулло. Онҳо бо иғвои як воиз (номашро намегӯям, то шуморо таги гап намонам) ба кӯчаҳо баромада, эълон мекунанд, ки бо оҳанг хондани азон, маҷлиси ҷаҳр дар хонақоҳ бо садои мусиқӣ, ҳамчунин, нӯшидани қаҳва – рафторҳои зиддихудовандист. Шунидам, ки иддае аз рассомон, ки аз воиз ва издиҳом метарсанд, мегӯянд, ки ба усули фарангӣ расм кашидан ҳам ҳиллаи ман, яъне, шайтон аст. Ин нахустин бор нест, ки дар ҳаққам туҳмат мекунанд. Аммо ягон бор афкорашон аз ҳақиқат чунин дур набуда.

Ҳама чизро аз оғоз шурӯъ кунем. Медонам, агар ба шумо монам, аввалашро он ҷойе, ки ба дили Ҳаво гӯё васваса андохта, аз меваи манъшудаи он дарахт хӯр, гуфта бошам, медонед. На аз он ки Худованд маро ба мағрурӣ гунаҳкор кард. Ҳамааш аз он сар шуд, ки Ӯ ба ман ва дигар фариштагон Одамро нишон дод ва фармуд саҷда кунем ва фариштагони дигар саҷда карданд, ман бошам, ба қароре омадам, ки: **Ба инсон саҷда нахоҳам кард.**

Магар ин аз рӯйи ҳақиқат аст, ки ба ман, ки аз оташ халқ шудаам, гӯянд, ки ба як махлуқе, ки аз моддаи пасттар – хок офарида шудааст, яъне, ба **Одам сачда ор!**

Бародарон, сари вичдон оед. Хуб, медонам, метарсед, ки гапҳои гуфта танҳо дар ин ҷо боқӣ нахоҳанд монд, Ӯ ҳама чизро мефаҳмад ва рӯзе шуморо дар назди Ӯ ҳисобу китобест. Он вақт намепурсам, ки чаро ба шумо вичдон додааст, дуруст мекунед, ки метарсед, пас, биёед, суоламро дар бораи фарқи оташу хок фаромӯш кунем. Агар қарор ин аст, ки қазовататон ҳамеша аз тарси ҷаҳаннам бошад, ё ҳасрати биҳишт, пас, намедонам, ин вичдонро барои чӣ додааст ба шумо? Аслан, бароям қазовати шумо муҳим нест. Фақат ин аз ёдатон наравад, эй одамони хокӣ, вучуди ман аз шумо бартар аст ва бинобар ин, **Ман ба инсон сачда наовардам.**

Дар ин миён наққошони фарангӣ ҳам аз ҳад гузаронданд. Онҳо иддао мекунанд, ки ҳама чизро айни худ бояд кашид. Бале, мекашанд. Аз чину чирки пешонии мардон то дона-дона зулфи парешони занҳояшон, ожангҳои ҷабин ва ҳатто мӯйҳои жӯлидаи гӯшҳоро тасвир месозанд, хатти бемонанди лабҳои бонувон, сояи сари сина, ангуштари дастро менигоранд, баъд ин расмро дар девор меовезанд, дар ҷойҳои намоён мегузоранд – ба монанди бутҳо, гӯё одам махлуқест, ки ба он бояд сачда кард. Оё одам ҳамин қадар махлуқи муҳим аст, ки вайро бо тамоми майда-чуйдааш, то сояшро бикашӣ?! Вақте ки хонаро дар намои кӯча тасвир месозанд ва он торафт кӯчак мегардад, ин магар дар маркази олам гузоштани одам нест?! Худованд доност ва беҳтар медонад. Навбати мо, ки расид, ҷонашон мебарояд. Он қадар зишту бадафту тарснок мекашанд, ки ман худам ба он нигоҳ карда баъзан метарсам. Фикр мекунед, ин усули ҷадидашонро аз пеши худ кашф кардаанд? Хатои чашм. Хуб шуд, хотиррасон кардед, ҳеч кас ғайри шумо инро

намедонист. Офарин! Дидед, кӯчаро чӣ тавр кашу килеб мекашанд? Ду -се метр равӣ он рӯ ва ин рӯ кӯча мечаспад ба ҳам. Ин хатои чашм ва перспектива ва соярӯшан ва дигар дарду балоҳояшонро боз ҷиддӣ нагиред, хуб? Инҳо аз паси чизҳои дигар ова раанд. Инҳо мехоҳанд баробари Худованд қад алам кунанд. Инҳо мехоҳанд гӯянд, ки маркази ҳастианд. Бало ба пасашон! Ҳақ ҳам доранд. Агар ба як порча гили паст гӯянд, ки ашрафи махлуқот аст, пас чӣ ҳам метавон кард?! Ин Худованд ҳам, қурбонаш шавам, фақат хатои маро мебинад. Ин ашрафи махлуқот ҳар коре кунад, боз ҳам ашрафи махлуқот аст, вале мо як хато кардем, он вақт бояд то абадуддаҳр гапи ҳар касу нокасро шунавем. Илова ба ҳамаи ин, ба гарданам бор кардани он ки гӯё чунин расм кашиданро ман ёд додаам, ба замми гуноҳе, ки ба одам саҷда наовардам ва барои ин чафо дидам, дар назди Худованд эътиборамро аз даст додам, таънаҳо шунидам ва ба танҳоӣ гирифтор гаштам, магар беинсофӣ нест?! Агар ба гапу навиштаҳои муллою воизон бовар кунед, гӯё писарбачаҳо бо гӯшакии ман ба чалақ машғул мешудаанд, агар мегуфтанд, ки мардум ҳаворо ҳам ба гуфти ман чиркин мекунанд, аз рӯйи мантиқ буд.

Дар охир, боз чизеро хотиррасон карданиам, аммо на барои онҳое, ки шаҳвату сарвату сахтиашон онҳоро ором намедиҳад. Танҳо Худованд бо доноию меҳрубониаш маро мефаҳмад. Худовандо! Магар ҳисси мағрурии одам баъди он бедор нагашт, ки ту фариштаҳоро ба саҷдаи вай водор кардӣ? Инак, онҳо он саҷдаи фариштагонро ба худ фаромӯш насохтаанд ва ҳоло ба худ саҷда меоранд ва худро дар маркази олам мегузоранд. Ҳама, ҳатто ин ғуломони муслими ту ҳам ҳоло мехоҳанд, ки расми онҳоро ба усулу сабки фарангӣ кашанд. Дар ниҳоят, ин худпарастӣ ба он оварда мерасонад, ки онҳо Туро фаромӯш мекунанд. Ба ин боварам комил аст ва ба он

ҳам бовар дорам, ки боз гуноҳашонро ба сари ман бор мекунанд. Ба ҳар ҳол, муҳим мазмун нест, сохт аст, он нест, ки чиро мекашанд, балки усул муҳим аст, аммо ин усул бояд ба чашм нонамоён бошад. Ҳар чӣ пинҳонтар – ноёбтар.

Чӣ тавр шуморо бовар кунонам, ки ба ҳамаи ин тоб меорам? Садҳо сол аст, ки маро бераҳмона бо санг мекӯбанд, нафрин мехонанд. Бо вуҷуди ин, зиндаам, худро бад ҳис намекунам. Агар душманони ҳақиқиам, ки дар ҳамин наздикианд, ба ёд оранд, ки то рӯзи қиёмат Худованд ба ман вақт додааст, мо дар муросо зиндагӣ мекардем. Умре, ки Худованд ба онҳо додааст, андаке зиёд аз шаст-ҳафтод сол аст. Метавонистам ба шумо чунин маслиҳат диҳам: кӯшиш кунед, умри худро бо ҷуръаи қаҳва дароз намоед, аммо медонам, ки баъзеи шумо инро васвасаю маслиҳати шайтон дониста, тамоман аз қаҳва рӯй мегардонед, чанд нафаратон сайъ мекунед, каллапо истода, қаҳваро ба мақъадатон резед. Одамон ҳамин тавранд. Агар шайтонӣ кунанд, аз ман мегузаронанд. Чи тавре ки баъзеашон мегӯянд, ба дасти фалонӣ шайтон об рехта наметавонад. Рост!

Механдед? Дашномам медиҳед? Диҳед! Хоҳед дар Каъба ба сарам санг занед. Парво надорам. Бубинед. Аслан намехостам, инро бароятон гӯям, маҷбурам кардед: «Худатонро ҳарчанд эҳтиёт кунед, аз шаст-ҳафтод сол зиёд умр намебинед. Аммо ман то қиёмат наздатон ҳастам». Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, мазмун муҳим нест, балки шакли ифодаи он афзалият дорад. Қимати расмро худи расм не, услубаш муайян мекунад, аммо он бояд ба чашм нарасад. Дар охир ба шумо як қиссаи ошиқона нақл карданӣ будам, вале дер шудааст. Устоди маддоҳ, ки имшаб аз забони ӯ ҳарф задам, ваъда дод, ки имрӯз не, балки пасфардо, шаби чоршанбе дар девор як расми

занро меовезад ва бароятон як ҳикояи дилнишини ишқӣ мегӯяд.

48. Ман – Шакура

Падарамро хоб дидам, бароям чизе гуфт, нафаҳмида тарсида хестам. Шавкату Орҳан маро аз ту тараф пахш намуда буданд, гармии танашон арақшорам кардааст. Шавкат дасташро болои шикамам мондааст, Орҳан сари аз арақ тарашро рӯйи синаам гузоштааст. Коре карда онҳоро бедор накарда хестам ва аз хона баромадам.

Долонро гузашта, оҳиста дари Карарo кушодам. Дар нури шамъдони дастам ҳам аввал чизеро мушоҳида накардам, дар миёнаи хонаи торику хунук монанди кафан рахти хоби сафедеро дидаму бас. Рӯшноии шамъ то вай намерасид.

Дастамро пештар бурдам, ки нури сурхчатоб рухсори шалпар ва ришаш расидаи Кара ва китфони лучашро намоён кард. Хеле наздик рафтам. Орҳан барин лӯнда шуда мехобид ва дар чеҳрааш ифодаи духтарчаи хоб мушоҳида мешуд.

«Ин шавҳари ман», –гуфтам ба худ. Ӯ чунон дур ва бегона менамуд, ки маро ҳисси яъс фаро гирифт. Ханҷаре медоштам, мекуштамаш. На барои он ки чунин мехостам, балки чун дар бачагӣ аз кунҷковӣ: ӯро кушам чӣ мешуда бошад. Ҳоло бовар намекардам, ки ӯ солҳо дар андешаи ман зиндагӣ карда бошад, ҳарчанд чеҳрааш маъсумона аст.

Бо нӯги поям аз китфаш тела додам, бедор шуд. Маро дида, хурсанд не, балки чи тавре мехостам, лаҳзае бошад ҳам, ба ҳаяҷон омада тарсид. Пурра бедор шуданашро нигарон нашуда, якбора фарёд кардам:

– Падарамро хоб дидам. Гапи даҳшатнок гуфт: ту ӯро куштаӣ…

– Вақте падаратро куштанд, магар ману ту якҷо набудем?

– Инро ман медонам, –гуфтам. –Аммо ту дар хона танҳо мондани ӯро медонистӣ.

– Намедонистам. Бачаҳоро бо Ҳурия ту фиристодӣ. Ҳурия, шояд Эстер ҳам медонистанд. Боз кӣ донистанаш ба ту беҳтар аён аст.

– Баъзан ба назарам менамояд, ки ҳозир садои даруниам мегӯяд: барои чӣ ҳама бало ба сари мо меояд? Сабабашро мегӯяд. Ҳатто барои баромадани овоз даҳонамро калон мекушоям, аммо чун дар хоб садое намебарояд. Ту ҳам акнун он Караи нағзу софдиле, ки дар бачагиамон будӣ, нестӣ.

– Падарат ва ту он Караи софдилро рондед.

– Агар барои аз падарам интиқом гирифтан бо ман хонадор шуда бошӣ, ба мақсадат расидӣ. Шояд ба ин сабаб бачаҳо туро дӯст намедоранд.

– Медонам, –гуфт, аммо дар садояш ғаму дард эҳсос намешуд. –Шаб пеш аз хоб вақте ки ту лаҳзае дур шудӣ, онҳо «Кара, Кара, кунат яра», –гӯён хонаро ба сар бардоштанд.

– Адабашонро медодӣ, –маслиҳат додам дар лаҳзаи аввал аз таҳти дил чунин хоста. –Агар ба онҳо даст бардорӣ, мекушамат, –гуфтам баъд бо талвоса.

– Ба даруни кӯрпа даро, –гуфт, –ях кардӣ.

– Шояд ҳеч гоҳ ба рахти хобат намедароям. Балки мо ҳар ду хонадор шуда, кори хато кардем. Ин никоҳ хатост, мегӯянд. Шабона пеш аз хоб садои пойи Ҳасанро шунидам. Аз ёд набарор, ки ҳангоми зиндагӣ дар хонаи шавҳар марҳумам бо садои пойи ӯ шинос будам. Бачаҳо ӯро дӯст медоранд. Бераҳм аст. Як шамшери сурх дорад, аз вай бояд тарсид.

Дар нигоҳи Кара як хастагӣ ва устувориро дида, фаҳмидам, ки ӯро тарсондан наметавон.

– Аз ҳар дуи мо ҳам умед ва ҳам ғам дар ту бештар аст, –гуфтам. –Намехоҳам бадбахт бошам, барои муҳофизати кӯдаконам суботкорӣ мекунам, ту бошӣ, барои худат дар талвосаӣ. Муҳаббати ман бароят муҳим нест.

Дар бораи он ки маро чӣ қадар нағз мебинад, чӣ қадар дар корвонсаройҳои беодам, кӯҳсори пурбарф, шабҳои торик фақат дар бораи ман фикр мекард, дурудароз нақл кард. Агар инҳоро намегуфт, бачагонро бедор карда, ба хонаи шавҳари собиқам мерафтам. Як вақт бе ягон андеша аз забонам баромад:

– Баъзан ба назарам мерасад, ки шавҳари собиқам ана-мана нагуфта даромада меояд. На аз он меҳаросам, ки шабона бо ту дар хона танҳоям, кӯдакон мебинанд, балки аз он ки маҳз вақте ману ту дар оғӯши ҳамдигарем, дарвоза тақ-тақ мешаваду даромада меояд, аз ин метарсам.

Дар берун, дар назди дари ҳавлӣ фиғони гурбаҳо, ки барои ҳаёту мамот меҷангиданд, ба гӯш расид. Баъд хомӯшии мадид ҳама ҷоро фаро гирифт. Аз дилам гузашт, ки ҳоло мегирям. На аз дастам шамъро ба шамъдон гузошта метавонистам, на метавонистам ба хона, пеши бачагон баргардам. То муайян накунам, ки ӯ дар қатли падарам даст дорад ё на, наравам аз ин ҷо, гуфтам ба худ.

– Ту моро иззат намекунӣ, –гуфтам ба Кара. –Баъди хонадор шудан бодӣ шудаӣ. Аввал шояд барои барнагаштани шавҳарам дилсӯзӣ мекардӣ, акнун барои мурдани падарам ба мо дилат месӯзад, чунин раҳму шафқат ба мо чӣ даркор?!

– Шакура-хонум, –гуфт бо эҳтиёт. Аз чунин муроҷиаташ хушам омад. –Нодуруст будани ҳамаи инро худат медонӣ. Бароят ҳама корро мекунам.

– Ин тавр бошад, аз рахти хобат хез ва монанди ман рост ист.

Чӣ мехоҳам, чаро чунин гуфтам намедонам.

– Наметавонам, –шаргинона гуфт ба кӯрпа ва либоси шабпӯшиаш ишора карда.

Ҳақ буд. Аммо гапамро гӯш накарданаш қаҳрамро овард.

– Пеш аз вафоти падарам ба ин хона чун пишаки дар об афтода меомадӣ, –гуфтам. –Ҳоло бошад, чунон «Шакура-хонум» мегӯӣ, ки маълум аст ба он худат бовар намекунӣ, боз мехоҳӣ, мо ба ин бовар кунем.

На аз қаҳр, балки аз сардӣ тамоми бадан, пойҳо, тахтапушт ва гарданам ях карда буданду меларзиданд.

– Ба рахти хоб даро ва занам шав, –гуфт.

– Ҷустуҷӯи қотили падарам чӣ тавр идома дорад? –пурсидам. –Агар ҷустуҷӯ зиёд давом кунад, дар ин хона бо ту буданам дуруст нест.

– Бо сайъю кӯшиши Эстер ва ту устод Усмон нӯги риштаро ба даст гирифта, тамоми диққаташро ба аспҳо равона кардааст.

– Устод Усмон душмани ашаддии раҳматӣ падарам аст. Акнун аз барои қотил ба ёрии ӯ муҳтоҷ шудани шумо падари бечораамро дар осмон зиқ мекунад.

Ногоҳ аз рахти хоб парида хест, тарафам омад. Имкони ҷунбидан ҳам наёфтам. Аммо баръакси чашмдошт шамъдони дастамро хомӯш карду дар ҷояш истода монд. Ҳама ҷо тип-торик шуд.

– Акнун падарат моро намебинад, –гуфт пичирросзанон. –Мо танҳо. Ба ман гӯш кун, Шакура: Вақте ки баъди дувоздаҳ сол ба ин ҷо баргаштам, ту ба ман фаҳмондӣ, ки метавонӣ дӯстам дорӣ, дилатро бароям кушоӣ. Баъд хонадор шудем. Баъди хонадор шудан ҳам аз муҳаббатам мегурезӣ.

– Бо ту аз рӯйи маҷбурият хонадор шудам, –гуфтам пастакак. Ҳис мекардам, ки ҳарфҳои ғазаболудам ба ифодаи Фузулӣ чун мех ба тани одами рӯбарӯям мехаланд, аммо дар дилам ба раҳм ҷой набуд. –Агар туро дӯст медоштам, дар бачагиам дӯст медоштам, – гуфтам боз пичирросзанон.

– Бигӯй, ба ман ширинаки дар торикӣ афтодаам, – гуфт, –ҳамаи наққошони ба хонаатон омадаро хуб мешинохтӣ? Ба фикрат кадомашон қотил?

Аз он ки аз ҳарфҳоям худро набохт, шод шудам. Бале, ӯ шавҳари ман аст.

– Хунук хӯрдам.

Инро гуфтам? Намедонам, дар хотир надорам. Бӯсу канор шурӯъ шуд. Шамъдони хомӯшшударо аз дастам нагузошта, ба оғӯш кашидамаш, маззаи забони махмалинашро дар даҳонам эҳсос мекардам, оби чашмам, мӯйҳоям, куртаи шабпӯшиам, ларзиши танам, ҳатто ҷуссаи пурқуввати ӯ, ҳамааш зебо буд. Чӣ қадар гуворост бо бинии хунукхӯрда ба рухсори тафсони ӯ часпидан, аммо Шакураи тарсончак худро нигоҳ дошт, бӯсаҳои гарм ӯро ба фаромӯшӣ набурд, шамъдони дасташ, падари ба ӯ нигоҳ карда истода, шавҳари собиқ, бачаҳои дар ҷогаҳ хобидааш ба ёдаш омаданд.

– Дар хона касе ҳаст! –гуфта дод задам ва Кararo тела дода, ба даҳлез баромадам.

49. Номи ман Кара аст

Субҳ, дар торикӣ, ба чашми касе наафтам гуфта, монанди меҳмони гунаҳкор баромада, дар кӯчаҳои тару лой дурудароз гаштам. Дар Боязид дар ҳавлии масҷид обдаст[127] гирифта намоз хондам. Дар дарун ғайр аз

[127] *Обдаст* – дар шакли туркӣ низ обдаст.

пирамарде, ки дорои ҳунаре буд, ки фақат дар тӯли на кам аз чил сол онро омӯхтан мумкин аст: тамоми шаб нахобида, намозро давом додан ва имом-афандӣ дигар касе набуд. Ҳамон тавре ки баъзан одам аз хоб дуруст бедор нашуда, ба ёди ташвишҳо меафтад ва гумон мекунад, ки дар ҳамин лаҳза Худованд ба ӯ мадад мерасонад, монанди пурсандае, ки аз подшоҳ хоҳиши талаб дорад, аз таҳти дил ба дуо хондан медарояд, ман ҳам аз Худованд ба илтиҷо кардан даромадам, ки Ӯ бароям як оилаи меҳрубон ва хонаи хушбахт ато кунад.

Ба хонаи устод Усмон наздик шуда, эҳсос кардам, ки дар як ҳафтаи охир ӯ дар дилам кам-кам ҷойеро, ки ба язнаи раҳматиам дахл дошт, мегирад. Он қадар азиз нест, дур аст аз ман, аммо меҳраш ба наққошии китоб амиқ. Устоди бузург на ба оне, ки солҳои зиёд наққошон ба ӯ бо тарс, ҳайрат ва муҳаббат менигаристанд, балки ҳоло ба як пирамарди дарвеше, ки ба кору рӯзгор бепарвост, монандӣ дошт.

Ҳангоме, ки аз хонаи устод ҷониби қаср, ӯ болои асп андак хам шуда нишаста ва ман ҳам каме хам шуда, пойи пиёда мерафтем, шояд ба дарвеши пир ва муриди содиқи ӯ аз китобҳои куҳнаи расмҳояшон арзонбаҳо монандӣ доштем.

Дар қаср моро сардори посбонҳо ва одамонаш бо таваҷҷуҳ ва омодагӣ пешвоз гирифтанд. Шубҳае надоштанд, ки мо субҳ аз рӯйи расмҳои аспи кашидаи се устоди наққош қотилро муайян мекунем, подшоҳамон фармон доданд, ки баъди ин бе иҷозати махсуси он кас ҳамоно ба шиканҷа сар кунанд. Бинобар ин, моро назди дарвозае, ки он ҷо ҷинояткоронро дар пеши назари тамошобинон ба қатл мерасонанд, набурданд, балки боз ба он бинои навсохти дирӯза – хонаи номаълуми чӯбии дохили боғ, ки пурсишҳои махфӣ, шиканҷа ва қатл анҷом дода мешаванд, даровардаанд.

Ҷавонмарди зариф ва нозук, ки ба одамони сардори посбонҳо монандие надошт, бо ҳаракати дилпурона болои хонтахта се варақи коғазро гузошт.

Устод Усмон пурбинро баровардан замон дилам гурс-гурс зад. Пурбин дар болои се расми зариф монанди уқоби дар парвоз чарх мезад, ба димоғи аспҳо наздик шуда, шишаи калонкунанда монои он ки уқоб сайдашро мепояд, лаҳзае шах мешуд, аммо чеҳраи устод заррае тағйир наёфт.

– Нест, – садо баровард ниҳоят .

– Чӣ нест?– пурсид сардори посбонҳо.

Умедвор будам, ки устоди бузург саросема нашуда, ҳар нуқтаи ҳар аспро бо диққат аз назар хоҳад гузаронд.

– Наққоши малъун ягон из нагузоштааст, –шарҳ дод устод Усмон. –Аз ин расмҳо фаҳмида намешавад, ки аспи якрон (туруқ)-ро кӣ кашидааст.

Пурбини гузоштаро ба даст гирифта, худам бинии аспҳоро нигоҳ кардам. Устодам ҳақ буд. Он бинии аҷибе, ки дар бинии аспи якрони китоби язнаам мавҷуд буд, дар ин се асп дида намешуд.

Ин вақт ба ёдам олот ва асбобҳои шиканҷае, ки дар берун барои чӣ истоданашон номаълум буд, расиданд. Аз сӯрохи дари нимроғ ба тамошои берун сар карда, дидам, ки яке аз ҷаллодон гӯё аз чин тарсида бошад, худро ақиб кашид, гурехт ва дар паси дарахти тут пинҳон шуд.

Ҳамин лаҳза монанди он ки сабоҳи нимрӯшан бо дурахши офтоб кушода мешавад, саробони олам, ҳазрати подшоҳамон даромада омаданд.

Устод Усмон ҳамоно ҳеч чиз надодани ин расмҳоро ба он кас хабар дод. Аммо тоқат накарда, диққати подшоҳамонро ба он ҷалб кард, ки ҳар яке аз ин се наққошӣ вижагии хос дорад: яке аспи шоҳӣ, дигаре бо андоми зариф, сеюмаш чи тавре ки дар китобҳои қадима дида мешавад, бовиқор ва пурғурур кашида шудааст.

Баъдан, аз тарафи кӣ кашида шудани ҳар як аспро ба тахмин гуфт ва ҷавоне, ки шаб аз хонаи наққошҳо онҳоро ҷамъ карда буд, дуруст будани онро тасдиқ кард.

– Наққошҳоямро монанди панҷ ангушти дастам мешиносам, –гуфт устод. –Аз он дар ҳайратам, ки чаро яке аз ин шогирдон чизеро кашидаасту ман намедонам, кадомашон. Зеро дар кори устои наққош ягон нуқс тасодуфӣ нест.

– Яъне? –пурсиданд подшоҳамон.

– Подшоҳи босаодатам, ҳазрати олампаноҳ, имзо он аст, ки наққош қасдан бихоҳад, тавре кор кунад, ки ҳувияти наққошиаш маълум нашавад. Имзои хос, махфӣ, ки мо дар бинии аспи якрон дидем, нуқс ё саҳве нест, балки қасдан гузошта шудааст ва имзои шахсии рассом мебошад. То ба ҳол ба чунин имзо вонахӯрдам. Он шояд реша дар гузашта, ба усулҳои дигар, расмҳои дигари аспҳо пайванд дорад. Дар хазинаи ҷанобашон дар сандуқҳои оҳанӣ китобҳои қимат, куҳна нигоҳдорӣ мешаванд. Агар имкони онҳоро як назар дидан бошад, шояд муайян карда шавад, ки он нуқсе, ки ҳоло мебинем, дар гузашта усули махсус будааст. Ҳамчунин, ин ёрӣ мерасонад, ки муайян кунем: он расми аспи биниаш аҷибро кадоме аз ин се нафар кашидааст.

– Ту мехоҳӣ ба хазина даромӣ? –бо ҳайрат пурсиданд ҷаҳонпаноҳ.

– Бале, –ҷавоб дод устодам.

Ин хоҳиши густохонае буд монанди ба ҳарам даромадан. Ҳарам ва хазина дар ҳавлии даруни чаҳорбоғи ҷаннатмакон, дар ду кунҷи аз ҳама дилрабои қаср ҷой гирифта буданд, ки дар зиндагии подшоҳамон ду чизи аз ҳама ҳассос ба ҳисоб мерафтанд.

Акнун ҷасорат пайдо карда, чӣ ҷавоб медода бошанд гуфта, ба чеҳраи зебои подшоҳамон менигаристам, ки дар як лаҳза баромада рафтанд. Наход қаҳрашон омад?

Барои густохии устодам наход ҳамаи мо, ҳатто кулли наққошон ҷазо дода шавем?

Ба се расм нигоҳ карда, аз хаёл гузарондам, ки чӣ тавр маро ба қатлгоҳ мебаранд, бо Шакура дар як болин сар мондан як тараф истад, ҳатто бори дигар чеҳраашро намебинам. Ҳамаи ин аспҳои аҷиб бо ҳама зебоиашон ҳоло ба назарам аз як олами хеле дури дигар буданд.

Дар хомӯшии саршуда ба сарам хаёле омад, ки кӯдакони дар қаср тарбияёфта, ба камол расида то охири умр ғуломи подшоҳанд ва ин бахти онҳост, аммо наққошон ғуломи зебоии халқкардаи Худованд ҳастанд ва бояд ҳамеша ба куштан омода бошанд.

Баъди хеле вақт одамони сархазинадор моро бурданд, ба дари миёна расидан баробар дар бораи марг, хомӯшии марговар ба сарам фикре омад. Аммо вақте ки аз дарвозаи Бобулислом, ки канораш чӣ қадар пошоҳо ҷон супурдаанд, гузаштем, дарбонҳо гӯё моро надиданд. Майдони девон, ки дирӯз ба назарам боғи биҳишт менамуд, манора ва товусҳо ҳам ба ман таъсире набахшиданд. Фаҳмидам, ки моро дарунтар, ба қалби олами ба подшоҳамон тааллуқдошта ва барои дигарон пӯшида хоҳанд бурд.

Ба дарвозае, ки ҳатто вазирони аъзам беизн ҳуқуқи ворид шудан надоранд, даромадем. Ин лаҳза монанди кӯдаке, ки бо олами афсона рӯ ба рӯ шудааст ва аз чашм ба чашм шудан бо муъҷизот ва ҷонварҳо метарсад, чашмонамро ба замин дӯхтам. Ба хонаи арзу шикоят фикри нигоҳ кардан ҳам надоштам. Аммо зери чашм ба тарафи ҳарамсаро нигариста, девор, як дарахти чинор, ки аз дигар дарахтон фарқе надошт ва одами қадбаландеро бо ҷомаи кабуди баланди атлас дидам. Аз байни сутунҳои баланд гузаштем. Дар назди як дарвозаи калони вазнин ва пурнақшунигор истодем. Дар остона одамони ҷомаҳои дурахшонпӯш меистоданд ва яке дар дасташ калид дошт.

Сархазинадор ба чашмонамон нигариста гуфт:

– Бахтатон омад кард, ба изни ҳазрати подшоҳамон барои ба хазина даромаданатон иҷозат дода шуд. Дар китобҳои чашми кас наафтида саҳифаҳои тиллоии расмҳои олиро дида, дар онҳо изро ҷустуҷӯ кунед. Подшоҳамон фармуданд, ба устод Усмон се рӯз муҳлат дода мешавад, имрӯз як рӯзаш гузашт, дар ду рӯзи боқимонда то рӯзи панҷшанбе вақти пешин бояд аз байни наққошон кадомаш қотил буданашро маълум созед, вагарна ба дасти сардори посбонон супурда, ба шиканҷа гирифтор хоҳед шуд.

Нахуст қулфи овезонро, ки муҳри қулфи дарро муҳофизат мекард, кушоданд. Кӯтволи хазина ва ду ҳамроҳаш баъди он ки муҳрро аз назар гузаронданд, ишора карданд, ки давом дода шавад. Муҳрро шикастанд, ба сӯрохии қулф калидро халиданд ва оҳиста тоб доданд, дар хомӯшии атроф садое баромад шадид, ки ҳама ба ларза даромаданд, ранги рӯйи устод Усмон лаҳзае сап-сафед канд. Вақте ки паллаи ягонаи дари чӯбии нақшунигор кушода шуд, ба рӯйи он гӯё аз қаъри асрҳо торикие зад.

– Подшоҳамон нахостанд, ки котибонро ба ин кор ҷалб кунанд, –гуфт сархазинадор. –Ҳафизи китоб[128] мурд, ҳоло дар ҷояш касе нест. Аз ин рӯ, бо изни подшоҳамон ҳамроҳатон танҳо Ҷезмӣ-оғо медарояд.

Ӯ паканае буд ба назар на кам аз ҳафтодсола, бо чашмони шӯху рахшон. Сарпӯши монанд ба бодбони сараш аз худаш ҳам аҷибтар буд.

– Барои Ҷезмӣ-оғо ин ҷо чун хонаи худаш. Ҷойи ҳар як китобро ӯ аз ҳар кас беҳтар медонад.

Пиракӣ аз ин гапҳо ифтихор ҳам накард. Нигоҳ мекард, ки чӣ тавр бачаҳо ба хонаи хазина як оташдони

---

[128] *Ҳафизи китоб* - муҳофиз, китобдори китобхона.

пояаш нуқрағ, як зарфаки шабонаи дастааш садафӣ ва шамъдонро медароранд.

Сархазинадор фаҳмонд, ки вақте ки мо медароем, дарро на танҳо маҳкам мекунанд, балки аз болояш муҳри султон Салим Явузро, ки ҳафтод сол боз ба ин мақсад истифода мешавад, мегузоранд; баъди намози шом ба ин ҷо гурӯҳи хизматгорон меоянд, онҳо дар шоҳидии одами бисёр муҳру мумро мешикананд, дарро мекушоянд; боз ӯ моро огоҳ кард, ки ҳангоми баромадан моро бодиққат мекобанд, аз ин рӯ, эҳтиёт бояд шуд, ки дар зери либос, дар киса ё миён «тасодуфан» чизе намонад.

Аз байни қатори дарбонҳо гузашта, дохили хазина гаштем. Дар ин ҷо сардӣ аз пӯсту устухон мегузашт. Вақте дарро аз пасамон пӯшиданд, ҳама ҷо тиб-торик шуд, аз роғи панҷараҳои оҳанӣ, ки дар болои сарамон қарор дошт, андаке рӯшноӣ медаромад; бӯйи мағор, чанг ва нам ба димоғ мерасид. Чашмонамон мунтазам ба равшании кам, ки аз чанд чорчӯбаи ғафси тирезаҳои сақф медаромад, одат кард, тарҳи зинаҳо, ки ба болохона мебаранд, фаршу гузаргоҳҳо ба ошёнаи дуюм намоён шуданд. Атрофамон пур аз ашё буд: сандуқ болои сандуқ, ҳама чиз болои ҳам ва бетартиб. Рости гап, вақте ки сархазинадор гуфт, ки ин ҷо бенизом аст, ҳеч гумон надоштам, ки ба ин андоза. Дар деворҳо рафҳо, фарш ҳам пури сандуқҳои оҳанӣ. Агар ҳамаи инро батартиб гузоранд, боз даҳ чунин иморат созанд ҳам, ҷой камӣ мекунад. Зеро дар ҷангҳои чанд даҳсолаи охир ҳамеша подшоҳи мо ғолиб омада, ашёи мағлубон ба ин ҷо кашонда шудааст. Ҳама ҷо қоливу гилемҳои гаронбаҳо, таҳ ба таҳ матои абрешимӣ ва аз ҳамаи ин замину замон сурх метофт.

– Тарсидед? –пурсид пирамарди пакана андешаи маро пай бурда. –Дафъаи аввал ҳама метарсанд. Шабҳо арвоҳи ин ашё байни ҳам пичиррос мезананд.

Аммо на ашё, балки хомӯшие, ки ҳамаи ин боигарии боварнакарданиро иҳота кардааст, тарсовар буд. Мо дар ҷоямон шах шуда, садои чӣ тавр муҳр задани қулфи дарвозаро гӯш кардем ва бо ҳайрат ба гирду пеш чашм давондем.

Шамшерҳо, дандони фил, ҷомаҳо, шамъдонҳои нуқрагӣ, порчаҳои абрешимӣ ва атласу кимхоро дидам. Ҷаъбаҳои садафин, сандуқҳои оҳанӣ, зарфҳои чинӣ, миёнбандҳо, соз, зиреҳҳо, болишҳои шоҳӣ, кураи замин, мӯза, пӯст, шохи каркадан, тухми наққошии шутурмурғ, туфанг, тир, гурз, ҷевонҳои зиёдро дидам. Тамоми атроф, хоначаҳои хурду калон бо гилему тӯби матои қиммати атласу кимхо пур, онҳо аз девор, чӯб, ҷевонҳо кашоланд ва маро дар зери мавҷи худ пахш мекарданд. Ва ҳамаи ин матоъ, сандуқ, сару либоси подшоҳӣ, шамшерҳо, пахта ва мумҳои бузург, кулоҳ, болишҳои бо дуру гавҳар музайян, зинҳои бо тилло мунаққаш, шофҳои қабзаашон аз алмос, гурзҳои дастаашон аз лаълу ёқут, кавукҳо, ороишоти салла, соатҳои аҷоиб, ҳайкалчаҳои филу асп аз устухони фил, қалёнҳои наргилиашон аз алмос, сандуқчаҳои садафин, тоҷи сари асп, чӯтҳои калон, хӯди бо ёқуту фирӯза ороёфта, ибриқ ва ханҷарҳо аз худ чунон як шуои аҷиб мебаровардand, ки намунаашро дар ҳеч куҷо надидаам. Ин рӯшноӣ аз тирезачаи зери сақф меомад; тобистон масҷидҳо чунин равшан мешаванд – нури офтоб дар холигоҳи зери гумбаз ҷамъ мешавад. Аввал гумон кардам, ин ҳамон нурест, ки монанд аз равоқҳои болои масҷиду мадрасаҳо ворид мегардад, аммо чунин набуд, зеро вақте вориди ин хона гаштем, ҳаво абрӣ ва дар осмон рӯшноӣ набуд. Ин нури аҷоиб чунон ба ашёҳо махлут гашта буд, ки гумон мекардед, бо даст метавон онро палмосид. Боз чанд муддат паҳлуи ҳам истодем. Баъди хеле дарк кардам, ки ин нур аз чангест, ки рӯйи ин ашёҳо хобидааст ва то андозае дар он ранги сурх бартарӣ

дорад. Дар натиҷа чунин ба назар мерасад, ки ҳамаи онҳо аз як мавод сохта шудаанд. Азбаски ба дили кас ҳарос ворид мегардад, ба ҳисоб гирифтан наметавон, ки аввал чиро дидаӣ, баъд чиро. Ашёеро, ки аввал гумон кардам сандуқ аст, дуюм бор нигарам, китобмонаки оддист, ниҳоят, бори сеюм ба хулоса омадам, ки он як олати аҷоиби фарангист, сандуқчаи садафии аз зери либосҳо тофта истода баъди чанде маълум гардид, ки сандуқчаи аҷибест – туҳфаи подшоҳи Москва. Мегӯянд, ки одами хазинаи тилло ёфта ба чунин ҳолати парешониву беҳушӣ меафтад. Дар ин вазъият ягон узви баданро хун кардан лозим аст. Аммо бе ин ҳам гирду гӯшаи мо пур аз ранги сурхи хун буд.

Ҷезмӣ-оғо оташдони дастиро ба чуқурчаи зери девор, ки вазифаи чакдонро иҷро мекард, гузошт.

– Китобҳо дар кучо? –пичирросзанон пурсид устод Усмон.

– Кадомашон? –пурсид пакана. –Онҳое, ки аз Арабистон овардаанд? Қуръонҳои кӯфӣ? Китобҳое, ки ҷаннатмакон, ҳазрати Явуз Султон Салимхон аз Табрез овардаанд? Китобҳое, ки аз пошоҳои эъдомшуда мусодира шудаанд ё ҷилдҳои ба бобои подшоҳамон аз тарафи сафири Рум ҳадяшуда? Агар не, китобҳои аз замони Фотеҳ Султон Меҳмет боқимондаи насрониҳоро мехоҳед? Ҳамин тавр, шумо бояд аввал китобҳои давраи кадом подшоҳ лозим буданашонро гӯед. Масалан, агар манзуратон китобҳои дар наққошхонаи худамон тайёршуда бошад, бояд давраи кадом подшоҳ буданашонро зикр кунед, онҳоро бароятон ҳозир мекунам. Аммо ба маълумотатон расонам, ки китобҳои давраи Султон Салим аз ҳама беҳтаранд. Агар китобҳои дар давраҳои гуногун ба подшоҳҳоямон ҳадяшударо хоҳед, беҳтаринашон китобҳое мебошанд, ки сафири Рум ба бобои подшоҳи имрӯзаамон ҳадя кардааст. Агар

китобҳои дар ҷанг ғаниматгирифтаро дар назар доред, аз байни онҳо китобҳои аз ҷанги Рум овардаи Фотеҳ Султон Меҳмет беҳтаринанд. Агар манзуратон…

– Китобе, ки сӣ сол пеш шоҳ Таҳмосп ба ҷаннатмакон, ҳазрати Султон Салим ҳадя кардааст, –ҷавоб дод устод Усмон.

Пакана моро ба назди як ҷевони калони чӯбӣ овард. Дарҳояшро кушодан замон устод Усмон ҷилдҳои қатори рафро дида, чашмонаш аз бесабрӣ барқ заданд. Ҷилдеро кушод, катибаашро хонд, ба варақ задан даромад. Бо ӯ ман ҳам бо диққат ба расмҳои чашмонашон андак уреби хонҳо менигаристам.

– Чингизхон, Чиғатойхон, Тулуйхон, ҳокими Чин Кубилайхон, –гуфта хонд устод Усмон ва китобро пӯшида, дигарашро ба даст гирифт.

Ба чашмамон ҳамоно расми зебое афтид, ки Фарҳод аз зӯрии ишқ бо душворӣ бошад ҳам, Ширинро бо аспаш ба тахтапушт бардоштааст. Барои он ки муҳаббат ва ғуссаи ошиқон равшан инъикос гардад, харсанги кӯҳсор, абрҳои осмон ва баргҳои дарахти сарв низ дар ҳолати гирён тасвир шудаанд. Ҳадафи расм на тасвири қудрату нерӯи ҷисмонии Фарҳод, балки таъсири ғаму дарди ошиқон ба ашёи олам аст.

– Ҳаштод сол пеш дар тақлид ба Беҳзод дар Табрез анҷом дода шудааст, –гуфта устод Усмон ҷилдро дар ҷояш гузошт ва дигарашро гирифт.

Дар саҳифаи кушодаи устод наққошие аз китоби «Калила ва Димна» дар бораи ошноии ночори муш ва гурба ба назар мерасид. Мушаки гурезон дар байни ду оташ мондааст: дар замин савсор, дар осмон калхот, аммо худро ба ҳимояи гурбаи бечорае гузошт, ки дар дом афтодааст. Гурбаи дар доми сайёд ва дар азоб монда мушакро аз бечорагӣ ба навозиш кардан даромад, инро савсору калхот дида, тарсиданд ва ба мушак кордор

нашуданд. Баъди ин, мушак эҳтиёткорона гурбаро аз дом раҳо кард. Ҳоло мақсади асосии наққошро нафаҳмида будам, ки устод Усмон китобро ба ҷояш гузошт ва ҷилди дигарро бардошт ва саҳифаи аввалини ростомадаро кушод.

Дар ин наққошӣ бонуе тасвир ёфтааст, ки як дасташ суоломез бардошта шуда, дасти дигараш ба рӯйи зонуҳои бо фаранҷӣ пӯшидааш гузошта шудааст, дар паҳлуи ӯ марде меистод, ки бо диққат ба гапи ӯ гӯш медод. Ба расм бо ҳасрату шавқ менигаристам ва ба муҳаббату боварии он ҳар ду ҳасад мебурдам.

Устод Усмон китоби дигарро кушод. Дар дашти пурчанг лашкари савораи ду душмани ҳамешагӣ – Эрон ва Тӯрон муқобили ҳам саф оростаанд. Аспу ҷанговарон бо аслиҳа ва лавозимоти хуби ҳарбӣ ҷиҳозонида шудаанд, дар дасташон тиру камон, табарзину сипар. Ҷанговарон муҳорибаи ду нафар паҳлавонро тамошо доранд. Аз дил гузарондам: ин наққошӣ кадом замоне офарида шуда бошад, дар онҳо ишқу муҳаббати наққош ба касбу кораш аён аст, шояд ӯ дарди дили худро ифода кардан мехост. Ҳамин ки мехостам, дар ин бора андешаамро ба устод баён созам, ӯ китоби бузургро пӯшонд:

– Ин ҳам не!

Дар як мураққаъ тасвири майдони беканореро дидам: кӯҳҳои баланд ба дуриҳо, паси абрҳои осмон гузашта мераванд. Аз дилам гузарондам: ҳунари асил он аст, ки ба олам нигариста, онро чунон офарид, ки дунёи мо не, гӯё олами дигар бошад. Устод Усмон нақл кард, ки ин наққошии чинӣ пеш аз он ки ба ин ҷо ояд, аввал ба Бухоро, аз он ҷо ба Ҳирот, аз Ҳирот ба Табрез афтода, сипас ба хазинаи подшоҳи мо ворид гаштааст: он дар роҳи сафар аз як китоб ба китоби дигар гузаштааст,

мураққаъро аз китобҳои куҳна гирифта, ба китобҳои нав дӯхтанд, шояд саҳифаҳои нав ҳам илова карданд.

Мо саҳнаҳои ҷангу ҷидол, маргу зиндагиро менигаристем, ки аз тамошои онҳо ба дил ҳисси ваҳму ифтихор ворид мегардид; ҳар яке аз дигаре зеботару зиндатар: Рустам ва шоҳи Мозандарон, муҳорибаи Рустам бо лашкари Афросиёб, ҷанги Рустам бо деви сафед, ҷанги Рустам бо Ашкбӯс… Дар як мураққаъ саҳнаи ҳарберо дида, нафаҳмидем лашкари кист: майдон пур аз мақтул, дасту пою гардани бурида, шамшеру ханҷари хунолуд, ҷанговарони дар чашмонашон ҳароси марг… Устод Усмон, ки борҳо саҳнаҳои ишқу муҳаббатро, аз ҷумла, чӣ тавр Хусрав оббозии Ширинро дар ҳавзи обаш нилгун дар рӯшноии маҳтоб наззора мекард; чӣ тавр Лайлию Маҷнун баъди интизориҳои зиёд ба дидори ҳамдигар расида, беҳуш мешаванд; чӣ тавр Саломон ва Абсоли аз дунё дасту дил шуста ба ҷазираи бахт, ки пур аз парандагону гулҳои зебост, меоянд, дидааст, дар тамоми расмҳо ҳамчун донандаи кори худ ягон ишора, аломати пинҳонеро меҷуст – баъзе ин нуқсҳо агар дар натиҷаи беэътибории наққош ба амал омада бошанд, дар дигарашон аз тобиши худи рангҳо ҳосил шудаанд. Устоди пир наметавонист таваҷҷуҳи маро ба ин ҷиҳатҳо низ ҷалб насозад. Барои мисол, кадом бадбахту нодон буми шумхабарро ба шохи дарахте мешинонад, ки дар зери он надима қиссаи Хусраву Ширинро мехонад? Инро бубин: чӣ тавр духтари мисрӣ, ки мева тоза мекунад, аз дидани Юсуфи соҳибҷамол дасташро бо корд мебурад, кадом аҳмақ дар ин ҷо ҷавони зеборо дар либоси занона тасвир кардааст? Оё наққоше, ки саҳнаи кӯр шудани Исфандиёрро аз тири раҳокардаи Рустам кашидааст, медонист, ки худ низ кӯр хоҳад шуд?

Мо дар наққошиҳо фариштаҳоеро медидем, ки ҳангоми меъроҷи Ҳазрати Пайғамбар (с) ӯро ҳамроҳӣ

мекарданд; Рустами кӯдакро дар гаҳвораи садафкорӣ, ки аз оянда бехабар орому осуда мехуфт; пирамарди сиёҳчеҳра, ришсафед, шашдаста, ки рамзи сайёраи Зуҳал аст; шоҳи бузург Дороро, ки аз дасти Искандар кушта мешавад; Баҳроми Гӯрро, ки ба шабгоҳаш маликаи давлати русро мекашад; Сиёвушро, ки барои исботи бегуноҳиаш аз оташи сӯзон бо аспаш (воқеан, дар бинии асп ягон аломати аҷиб ба чашм нарасид) мегузарад; дафни Хусравро, ки аз дасти писараш кушта шудааст… Ин наққошиҳоро дида, устод Усмон онҳоро бароям шарҳ медод, ҳунари дасти кӣ буданашонро мегуфт, баъзан имзои махфиашонро нишон медод, ин имзоҳоро, ки дар ҷойҳои бисёр нонамоён, дар барги гулу дарахт, дар ягон гӯшаи хишти бино, дар чоҳе, ки ҷин пинҳон аст, гузошта шудаанд, ба ман муаррифӣ карда, шарҳ медод, ки ин имзоро кӣ бори аввал истифода бурдааст ва киҳо аз ӯ ёд гирифтаанд. Баъзе китобҳо расми кам доштанд ва моро лозим меомад, онҳоро зиёд варақ занем. Баъзан ҳар ду ором мешудем, танҳо садои ширинкӯси варақҳо шунида мешуд. «Эҳа, ана, ана!» –баъзан нидои устод баланд мешуд ва сабаби ҳайрату ҳаяҷонашро намефаҳмидам. Вақте ягон намуди наққоширо медид, хотиррасон мекард, ки айни ин услубро дар кадом китоб ва кадом наққош дидааст. Ӯ наққошиҳои «Хамса»-и Низомиро, ки дар даврони писари Темур, яъне, қариб дусад сол пеш иҷро шудааст, бо китоби дигаре, ки дар Табрез, ҳафтод-ҳаштод сол пеш анҷом дода шудааст, муқоиса мекард ва ба ман рӯй меовард, ки чӣ тавр бояд фаҳмид, ки наққошоне, ки ягон бор кори ҳамдигарро надидаанд, расми ба ҳам монанд кашиданд. Баъд ба мани хомӯш эътибор надода, худаш ба суолаш ҷавоб медод:

– Наққошӣ кардан ба ёд овардан аст.

Устод Усмон вақте ба корҳои ҳайратовар менигарист, ғамолуд мегашт – зеро касе ҳоло чунин кардан натавонад,

аммо кори беҳунаронро бинад, хурсанд мешуд – бале, ҳама наққошон ба ҳамдигар монанданд, ба ман он чизеро, ки дар ҳофизаи наққош ҳамеша меистад, нишон медод: тасвири дарахтони куҳан, фариштагон, шеру палангон, шоҳзодагони ғуссамандро – ҳамаи инҳо аз ин наққошӣ ба наққошии дигар хоҳанд гузашт, зеро мавзӯи абадианд. Ба ман фаҳмондан мехост, ки Худованд замоне оламро зебо офарид чи тавре ки худ мехост ва мо бояд онро ҳамин тавр бинем. Вазифаи наққош аз он иборат аст, ки бо чашми Худованд ба олам нигарад. Дар ҳама давру замон наққошони бузург ба ивази аз даст додани биноии худ ба ин мақсадашон наздик мешуданд ва он дидаашонро тасвир мекарданд. Ин кор то андозае ба зинда кардани ҳофизаи шахсӣ монанд аст. Аммо, мутаассифона, танҳо ба одамони ангуштшумор ин имкон даст медиҳад, ки аз ҳама чизи дида, ҳофизаи гузаштаашон пораи камеро тасвир карда тавонанд. Зеро доираи қудрату тавонии инсон маҳдуд аст. Ин аст, ки баъзан мо шоҳиди он мегардем, ки наққошони бузурги даврони гуногун якдигар ва ё кори ҳамдигарро надида, як ашё – дарахт, паранда, шоҳзода, духтари назди тирезаро як хел, ба ҳам монанд мекашанд.

Баъдтар вақте ки тобиши он ранги сурхе, ки китобхонаро фаро гирифта буд, андаке хира шуд ва боварӣ ҳосил кардем, ки дар ҷевонҳо он китобҳое, ки шоҳ Таҳмосп ба падари подшоҳи мо ҳадя кард нест, устод Усмон андешаҳои худро идома дод:

– Албатта, усули тасвири боли паранда, барги гулу дарахт, қати либос, абри осмон, табассуми зан аз устод ба шогирд, аз давр ба даври дигар мегузарад. Наққоше, ки чунин усулро азбар кардааст, боварӣ дорад, ки ба он чун дар Қуръони карим тағйирот даровардан мумкин нест, бинобар ин, ҳамон тавре каломи Худоро меомӯзад, онро ҳам аз ёд мекунад. Аммо ин маънои онро надорад, ки

наққош боре ҳам услубашро дигар намекунад. Баъзан бо таъсири муҳит, наққошхонае, ки дар он кор мекунад, дархости подшоҳ наққош метавонад тасвири анъанашудаи боли паранда, барги гул ва хандаи занро дигар кунад…

– Ё бинии аспро, –илова кардам.

– Ё бинии аспро, –бе ягон табассум такрор кард устод Усмон. –Дар чунин ҳолат наққош тибқи усули наве, ки дар наққошхона ҷорӣ мешавад, кор мекунад, усули худро дигар мекунад. Фаҳмидӣ?

Устод Усмон, намедонам, ҷилди чандуми «Хусрав ва Ширин»-и Низомиро ба даст гирифт, саҳифаеро кушод, ки дар он Ширин дар тахт нишаста ва дар сангҳои девори қаср навишта шуда: «Эй Худои бузург! Аз салтанат ва ҳукумати подшоҳи қудратманд ва ҳамеша пирӯзамон писари Темури соҳибқирон муҳофизат кун, то хушбахту ҳамеша барқарор бошад!»

– Расмеро, ки дар он бинии асп аз рӯйи ҳофиза кашида шудааст, мо бояд аз куҷо ҷустуҷӯ кунем, – пурсидам баъди чанде.

– Моро лозим меояд, ки ҳадяи шоҳ Таҳмосп, ҳамон ҷилди афсонавии «Шоҳнома»-ро пайдо кунем, –ҷавоб дод устод Усмон. –Мо бояд давраҳоеро ба хотир орем, ки худи Худованд аз дасти рассомон гирифта, онҳоро раҳнамоӣ мекард. Барои ин моро зарур аст, ки боз китобҳои зиёдро аз назар гузаронем.

Аз дилам гузашт, ки ҳадафи асосии устод Усмон дарёфти аспе бо бинии аҷиб набуда, ӯ мехоҳад ҳарчи бештар расмҳоро аз китобҳое, ки асрҳо боз аз чашмҳо пинҳонанд, бубинад. Аммо маро он чиз ором намегузошт, ки ҳарчи зуд аломати даркориро ёбему аз ин ҷо равем, охир, маро дар хона Шакура интизор аст; бовар кардан намехостам, ки устод Усмон мехоҳад тамоми

вақти барои мо ҷудошударо дар ин хонаи сарди торик гузаронад.

Аз паси ходим аз назди як ҷевон ба ҷевони дигар, аз як сандуқ ба сандуқи дигар мегузаштем. Баъзан нақшҳои такрор ба дилам мезаданд, ба расми навбатии Хусраву Ширин, ҳатто бинии аспи онҳо нигоҳ накарда, ба сари оташдон гармшавӣ мерафтам, ба ҳуҷраҳои хазина даромада, боигарии онҳо, тиллову танга, аслиҳа ва ашёи ғаниматгирифтаро бепарво аз назар мегузарондам. Баъзан устод Усмон бо ҳаяҷон маро ҷеғ мезад, ба умеди он ки вай тасвири ягон асперо бо бинии аҷиб ёфтааст, наздаш мешитофтам ва медидам: дар гилем нишастаасту дар дасташ кулоҳи даврони Фотеҳ Султон Меҳмет ва бо дастони ларзон расми болои онро нишон медиҳад – шайтон ба таври махфӣ ба киштии Нуҳ даромаданист.

Мо нақшҳоеро тамошо кардем, ки шоҳ, подшоҳ, хону султонҳои зиёде аз даврони Темур то Сулаймони Қонунӣ хуррамона шикор мераванд. Ҳатто нақшиеро дидем, ки чӣ тавр беҳаёе ба болои тахтае баромада, шутури бечораро таҷовуз мекунад ва шайтон ангушт ба даҳон гузошта, бо ҳайрат ба ин манзара менигарад. Дар як китоби арабӣ, ки аз Бағдод ба Истанбул расидааст, дидем, ки тоҷири нотарсе аз пойи парандаи афсонавӣ дошта, аз соҳил ба соҳили дигари дарё мегузарад. Китоби дигар, албатта, ба мавзӯи дӯстдоштаи ману Шакура бахшида шудааст: Ширин расми дар дарахт овехтаи Хусравро дида, ошиқ мешавад. Нақшиеро дидем, ки дар тахтапушти фили аз санг тарошида нақши соат ва дар атрофаш парандагон ва бачаҳои ҳабашӣ кашида шудаанд, он ба ёдамон гузашти вақтро расонд.

Намедонистам, кай ба ин ҷо омада будем ва чӣ қадар вақт гузашта. Вақту фазо дар ин дунёи афсонавӣ фаромӯш мешаванд. Нақшҳои тӯли садсолаҳо бо

супориши шоҳон кашида зинда гашта, гӯё ба ҳаракат медаромаданд ва мо баръало медидем, ки аспон медаванд, шофу ханҷарҳо, табарзину сипарҳо боло мешаванд…

– Асрҳо боз садҳо наққошон аз ҳамдигар бехабар як чизро тасвир мекарданд, –гуфт устод Усмон. –Акнун фаҳмидам маънии корашонро: онҳо мехостанд тасвир кунанд, ки чӣ тавр олам ором-ором тағйир меёбад.

Рости гап, маънии ҳарфҳои устоди бузургро нафаҳмидам. Аммо дарк кардам, ки ӯ ҳазорҳо наққошиҳои дар чанд асри охир дар Бухоро, Ҳирот, Табрез, Бағдод ва Истанбул анҷомдодаро на барои он бо диққат наззора мекунад, ки асрори он аломат, фарқияти бинии асп дарёбад, балки сафаре ба дунёи истеъдод, андешаву афкори наққошони гузашта карданист.

Баъди намози шом устод Усмон боз шудани дарвозаи беруниро пай бурда, эълон кард, ки ӯ хоҳиши аз хазина берун шудан надорад. Фармоиши подшоҳро танҳо бо он роҳ метавон иҷро кард, ки тамоми шаб наққошиҳои боқимондаро дар рӯшноии шамъ аз назар гузаронд. Аввал хостам, бо устод Усмон монам, дар ин бора ба ӯ гуфтам.

Аммо баъди он ки дарвоза кушода шуд ва устод Усмон ба хидматгорон хабар дод, ки аз сархазинадор барои тамоми шаб дар ин ҷо истодани ӯ иҷозат пурсанд, аз қарори худ пушаймон шудам. Мехостам ба назди Шакура равам. Маро он чиз ором намегузошт, ки ӯ шабро танҳо бо бачагон мегузаронад, оё тирезаи чанде пеш шикастаро пӯшонда метавонад?

Аз роғи дари нимабози хазина дарахтҳои чанори ҳавлии хилвати ҳарамсаро дида мешуд. Дар зери он дарахтҳо ду ҷавон ба забони гунгу кар радду бадал мекарданд, то оромии подшоҳамонро халалдор насозанд. Мехостам ба ҳавои тоза, ба олами аслӣ бароям,

ба хона равам, аммо ба осонӣ аз гапи аввалаам гашта наметавонистам: шармовар буд. Аз ҷоям наҷунбидам.

50. Мо – ду дарвеш

Боигарие, ки аҷдодони ҳазрати подшоҳамон давоми садҳо сол баъди фатҳи садҳо мамлакат ба даст оварданд, дар хазина нигаҳдорӣ мешавад, мегӯянд, ки ба эҳтимоли зиёд ин овозаҳо дар байни наққошон аз тарафи паканаи Ҷезмӣ-оғо паҳн карда мешаванд, гӯё дар он ҷо дар кунҷи аз ҳама хилвате дар як ҷилди мураққаъ дар байни саҳифаҳои дар Чин, Самарқанд ва Ҳирот омодашуда расми ҳар дуи мо ҳаст, ҳар чӣ набошад, ҳоло мехоҳем ҳикояи худамонро ба услуби худамон нақл кунем, умедворем, ки Худо хоҳад, аз ҷамъомадагони ин қаҳвахонаи зебо касе партофта намеравад.

Аз вафоти мо саду даҳ сол, аз хонақоҳи моро лонаи зиндиқиён, хонаи шайтон, ислоҳнашаванда, макони аҷамиён гуфта бастанашон чил сол гузашта бошад ҳам, бинед, мо ҳоло ҳам муқобили шумо нишастаем. Чаро? Чунки ба тарзи фарангӣ кашида шудаем, ана, барои ҳамин. Аз расм дида мешавад, ки мо, ду дарвеш рӯзе дар мамлакати подшоҳамон аз як шаҳр ба дигараш мерафтем.

Пойбараҳна, сартос, бо куртаҳои беостин, аз болояш як пӯстаки оҳу, дар миёнамон камарбанд, дар дастамон яктоӣ асои нӯгкаҷ, дар гарданамон яктоӣ кашкӯли дар занҷир овезон, дар дасти яке аз мо як табари ҳезумшиканӣ, дар дасти дигарамон чумчаеро барои хӯрдани ҳар хӯроке, ки Худованд ба кашкӯламон мерасонад, мебинед.

Инак, ба сари чашмае ихтиёр гузида, бо дӯсти зебоям, азизам, бародарам чанде ба баҳси одатиамон мепардозем: чумчаи ягонаро кадоме аз мо аввал ба даст гирифта, аз кашкӯлаш хӯрок хӯрад – не, аввал ман, не, аввал ту, ки як

сайёҳи фарангӣ, одами аҷиб гапи моро бурид. Ба ҳар кадоми мо яктой сикказ нуқраи румӣ дода, ба кашидани расмамон даромад.

Фарангӣ аҷиб будааст: монанди чодири подшоҳамон моро дар мобайни коғаз ҷой дод, моро дар ҳамон ҳоли нимбараҳна мекашид, ки ҳамон лаҳза фикре ба сарам заду ба шарики ҷониам гуфтам, ки сиёҳии чашмамонро бояд аз байн барем, то оҷиз намоем – ҳамчун дарвеш-қаландарҳои фақири ҳақиқӣ, наққош гумон кунад, ки мо аз дунёи берун дида бештар дунёи пур аз рамзу рози ботиниро дӯст медорем, яъне, аз худамон бояд як сӯфии пок тарошем. Ҳамин тавр, тибқи табиати дарвешон аз олами берун даст кашида, ба хаёлоти ботинӣ дода шудем, ки дар сари аз афюн андаке ғуборолудамон манзараҳои бештар хуш ҳувайдо гаштанд.

Аммо манзараи берун бад шуд, зеро фиғони қаҳролуди хоҷа-афандиеро шунидем.

Боз моро хато нафаҳмед. Як ҳафта пеш хоҷа-афандӣ таъкид карда буданд, ки дигар дар ин қаҳвахонаи зебо бадгӯйӣ накунем, ин хоҷа-афандӣ, ки дар бораш гуфтанием, бо воизи эрзурумӣ, ҳазрати Нусрат Хоҷа муносибате надорад, ҳамчунин, Хусрат Хоҷае, ки падараш номаълум аст, намебошад, хоҷаи сивасие, ки дар болои дарахт бо шайтон алоқа кард, низ нест. Чунки одамоне, ки ҳар гапро ба тарафи бадаш тоб медиҳанд, гуфтаанд, ки агар дар бораи ҳазрат, хоҷа-афандӣ боз як бори дигар ҳарфи баде гӯянд, мо забони маддоҳ-афандиро аз ҳалқаш берун мекашем ва қаҳвахонаашро вайрон мекунем.

Як саду бист сол пеш дар бораи қаҳва гапу ҳарф набуд. Ин хоҷа-афандие, ки ҳикояамон дар бораи ӯст, ба ба сари мо ва рассоми фарангӣ фарёд кард.

– Чаро инҳоро мекашӣ, кофири фарангӣ? –бонг мезад. –Инҳо қаландарҳои пасту разил, бехонаву дар,

дузданд, нашъаманду шаробхоранд, бо ҳамдигарашон алоқаи ҷинсӣ мекунанд, аз шаклу сумботашон маълум аст, ки намоз, дуо, хонаву оила, ватан чист, намедонанд, дунёяшон пур аз қабоҳат аст. Дар мамлакати зебои мо он қадар чизҳои арзанда ва зебо бисёранд, ки қобили наққошианд, ту чаро ин чизҳои камарзишро мекашӣ, фанои давлати моро мехоҳӣ?

– На, барои тасвири чунин ҳоли фанои шумо ба ман бештар пул медиҳанд, –ҷавоб дод кофир, мо – ду дарвеш ба ақли наққош қоил гаштем.

– Агар пули бештар диҳанд, ту шайтонро ҳам зебо мекашӣ?! –пурсид хоҷа-афандии маккор ӯро бештар ба баҳс кашида, аммо чи тавре ки аз ин расм дида мешавад, ӯ устоди ҳақиқӣ будааст,ба ӯ на гапҳои хушку холӣ, балки заҳмату ҳаққи ҳалоли мегирифтааш муҳим аст, аз ин рӯ, ба суоли хоҷа ҷавоб надод.

Ӯ наққошии моро ба анҷом расонда, коғазашро ба хӯрҷини махсусаш гузошт ва аз пайи кораш рафт – ба яке аз шаҳрҳои кишвари насоро, аммо урдуи музаффари усмонӣ он шаҳри дар соҳили наҳри Дунай бударо фатҳ намуд, расми мо ба Истанбул, ба хазинаи дарбор баргашт. Он ҷо моро ба дафтарҳо кӯчонданд, аз дафтарҳо ба китобҳо, ниҳоят, ба ин ҷо ба ин қаҳвахонаи хушбахт, ки қаҳваи ҷоноҷонро чун иксир[129] менӯшанд, омадем. Акнун:

Эзоҳ андар расм, марг ва ҷойи мо дар олам

Хоҷа-афандии қуниягӣ, ки ҳоло дар бораш гуфтем, мавъизаҳояшро дар китобе ҷамъ оварда, ҷойе ишора кардааст, ки будани қаландарон дар олам зарурат надорад. Чунки одамон дар олам ба чор синф: 1. Бейҳо; 2. Тоҷирон; 3. Ҷуфтгарон (деҳқонон); 4. Санъаткорон ҷудо

[129] *Ҷоноҷон, иксир* – дар асли туркӣ низ ҷоноҷон ва иксир.

мешаванд. Қаландарон дар миёни инҳо нестанд. Яъне, будани онҳо зарурият надорад.

Боз як гап навиштааст ӯ: «Онҳо бесабаб ҷуфт-ҷуфт ҳар ду бо як чумча намегарданд ва дар болои масъалаи кӣ аввал баҳс намекунанд». Асли масъала дар бораи он аст, ки аввалӣ ба номуси дигарӣ мерасад, онҳое, ки аз асли қазия бехабаранд, инро шунида механданд. Оҳ, моро нодуруст нафаҳмед; аммо ҳазрати хоҷа азбаски бо тамоми бачаҳои барно, шогирдон ва наққошони ҷавон ҳамсафар аст, сирри моро хуб медонад.

Аммо сирри аслӣ

дигар аст. Он фарангии кофир расми моро кашида, чунон ба меҳр, ширин-ширин ва бо диққат назар мекард, ки ҳам худаш ва ҳам расмкашиаш маъқуламон шуд. Ба олам нигариста, чизи дидаро кашидан, албатта, кори дуруст нест, ана, моро, ки аслан бино ҳастем, кӯр кашид, аммо ин муҳим нест. Аз ин хеле мамнунем. Ба гапи хоҷа-афандӣ дароем, мо дар дӯзахем, ба қавли баъзе беимонҳо, мо кайҳо пӯсида рафтаем; ба гуфти шумо, наққошони боақли дар ин ҷо ҷамъомада, мо як расмем, азбаски дар ин расм ҷой гирифтаем, чун одамони зинда бо шумо вомехӯрем. Чунки баъди вохӯрӣ бо хоҷа-афандии малъун мо аз Қуния ба Сивас равон шудем, се маротиба дам гирифта, дар ҳашт деҳа талбандагӣ карда рӯз гузарондем. Баъд як шаб сахт хунук шуда, барф ба боридан даромад, мо - ду дарвеш ба ҳамдигар сахт часпида, хобидем, ҳамин тавр мурдем. Пеш аз мурдан хоб дидам, ки расми моро мекашанд ва ин расм баъди ҳазор соли барҳаёт будан ба биҳишт ворид мешавад.

51. Ман – устод Усмон

Дар Бухоро, аз даврони Абдулоҳхон нақле ҳаст, ки медонед. Ин ҳукмдори нобовари ӯзбек ҳарчанд аз тарафи чанд рассом кашидани як расмро манъ намекард, тақлид, ба саҳифаи якдигар нигаристани онҳоро дӯст намедошт. Чунки агар хатое рӯ занад, аз байни онҳое, ки бепарвоёна ҳамдигарро тақлид кардаанд, муайян кардани гунаҳкор қариб имконнопазир аст. Муҳим аз ҳама, наққошони муқаллид баъди чанде барои нигоҳ кардан ба олами торик бо чашми Худованд кӯшише зоҳир намекунанд, яъне, аз болои сари ҳамкоронашон нигоҳ карда, худашон танбал мешаванд. Аз ин сабаб, вақте ки аз ҷангҳо ва аз дасти шоҳони золим ду устоди бузург ба танг омада, яке аз ҷануб, Шероз ва дигаре аз шарқ, Самарқанд вориди Бухоро шуданд, хони ӯзбек онҳоро ба хушӣ қабул кард, аммо ин ду ҳунармандро аз нигоҳ кардан ба кори ҳамдигар манъ карда, барои онҳо аз кунҷҳои аз ҳама дури қаср хоначаҳои алоҳида ҷудо намуд. Бад-ин тартиб, ин ду устоди бузург сию ҳафт солу чор моҳ аз ҳамдигар бехабар нақлҳои Абдуллохонро монанди афсонае дар бораи дилписанд будани саҳифаҳояшон, хусусиятҳои фарқкунанда, аз кадом ҷиҳат ба таври аҷиб ба ҳам монанд будани расмҳояшон чун як афсона гӯш мекарданду расмҳои ҳамдигарро кунҷковона интизор мешуданд. Баъди чун сангпушт умри дароз дида мурдани хони ӯзбек ду наққоши пир барои дидани расмҳоҳояшон ба хонаи ҳамдигар рафтанд. Баъди чанде ҳар ду паҳлуи ҳам нишаста, ба тамошои китобҳо сар карданд, аммо ин дидор на танҳо пирамардҳоро хушҳол накард, балки боиси нороҳатӣ ва афсурдагии хотирашон гашт. Чунки Абдуллохон ба онҳо кори ҳамдигарашонро чунон таъриф карда буд, ки онҳо фикр мекарданд, кори шарикашон беназир ва шоҳкоре бояд бошад, аммо ҳоло бо дидани

асли наққошиҳо пай бурданд, ки корашон аз наққошиҳои пешинаву ҳамдавронашон фарқе надорад, маъмулӣ ва одист. Сабаби асосии инро, ки наздикии оҷизиашон буд, нафаҳмиданд. Қабули ин воқеият барояшон чунон сахт буд, ки ба сари сол нарасида, ҳар ду аз дунё гузаштанд. Кош, кори ҳамдигарро намедиданд ва то охири умр бо ҳамон рӯъёҳо зиндагӣ мекарданд!

Китобхона ба андозае сард буд, ки ангуштҳоям аз сармо саҳифаи китобро гардонда наметавонистанд. Оҳ, чил сол боз дар орзуи дидани инҳо будам. Нисбат ба он ду наққоши бухоройӣ – қаҳрамони қиссаи зикршуда хеле хушбахтам, зеро муъҷизаҳоеро медидам, ки орзуи ягонаам дидани онҳо қабл аз оҷизӣ буд. Муҳим он ки расмҳо зеботар аз шунидаҳоям буданд. Бинобар ин, сармо, торикиву гарду чанг ва рутубатро он қадар эҳсос намекардам. Фақат он шоҳкорҳоро медидам ва худ ба худ пичиррос мезадам: «Шукргузорам аз ту, Худованд, шукргузорам аз ту!»

Масалан, мегирем китоберо, ки бо супориши Соммирзо – бародари шоҳ Исмоил тайёр шудааст. Ҳаштод сол пеш шоҳ Исмоил аз рӯдхона убур карда, Ҳирот ва кулли Хуросонро бо зӯри шамшер аз дасти хонҳои ӯзбек бозпас гирифт ва бародари худ Соммирзоро волии Ҳирот ва тамоми Хуросон таъин кард. Ба муносибати ба тахт нишастан Соммирзо рассомони наққошхонаи дарборро ҷамъ оварда, супориш дод, ки китобе созанд монанди китоби «Талофии нуҷум»-и Амир Хусрави Деҳлавии Ҳиндустонӣ ва беҳтар аз он. Дар китоби Хусрави Деҳлавӣ, ки худ шоҳиди воқеаҳо будааст, дар яке аз наққошиҳои беҳтаринаш тасвире ҳаст, ки подшоҳи Деҳлӣ Кайқубод[130] ва падараш, волии Банғола Буғрохон дар лаби дарё базм меороянд, аҷобати наққошӣ

[130] *Кайқубод* – Муузиддин Кайқубод ибни Маҳмуд, султони Деҳлӣ аз с.1287 то 1289.

дар он буд, ки дар шакл ҳар дуи онҳо ба падару писар – шоҳ Исмоил ва Соммирзо монанд буданд. Ҳангоми наззораи ин наққошӣ пай бурдам, ки чеҳраи одамони тасвиршуда вобаста ба он ки дар бораи кадомашон фикр мекунӣ, тағйир меёбад. Худоё, ба чашмам бовар намекардам, муъҷизаро бин, қувваи ҳунарро бин. Худоро шукр мегӯям, ки дидани чунин муъҷизаҳоро насибам гардонд.

Шайх Муҳаммад – яке аз устодони бузурги он даврон аз рӯйи афсонаи ғуломи бенаво расм кашидааст. Ғулом чунон шоҳашро дӯст медошт, ки соатҳои зиёд вақте ки соҳибаш чавгон бозӣ мекард, интизор мешуд то агар тӯб ба наздаш афтад, бардошта ба шоҳ диҳад. Ниҳоят чунин ҳам шуд. Рассом лаҳзаи аз замин тӯбро гирифта, ба шоҳ додани хидматгори бовафоро тасвир кардааст. Ҳазорҳо бор шунидаам, чӣ тавр бояд хидматгор ба хӯҷаин вафодор бошад, ё чӣ тавр шогирд ба устои худ, вале бори аввал чунин зинда тасвир кардани ин лаҳзаро мебинам. Ин ҳиссиёт тамоми расмро фаро гирифтааст, дар рагҳои даст ҳангоми доштани тӯб, дар сари хами хидматгор, ки ба чашми шоҳ нигоҳ намекунад… Чӣ қадар наққоши бузург будан лозим аст, ки ҳиссиёти ботинии инсонро дар расм тасвир кунӣ! Вақте ки чун як устод ба чунин эҷодгариҳо менигарам, худро хушбахт меҳисобам, оҳ, агар чунин шогирдони ҳунарманд тарбия карда метавонистам. Дилам ба онҳое месӯзад, ки ин муъҷизаҳоро надидаанд.

Саҳифаро варақ мезанам, ҳазор намуд паранда, аспҳо, ҷанговарон, ошиқон, деву париҳо, абрҳо…– ро бо диққат аз назар мегузаронам. Ходими пакана бошад, ба даст афтодани чунин тамошобини хубро ғанимат дониста, садҳо китобу аврокро аз сандуқҳо бароварда, пешам мегузошт, албатта, байни бастаи китобҳои олӣ ҷилдҳои одӣ ва мураққаъҳои фарсуда ҳам буданд. Ду китоб

таваҷҷуҳи маро бедор кард: яке муқоваш сурхи баланд, ранги олуболуи пухта расидаро дошт, ба усули шерозӣ тайёр шудааст, дигаре – тамоман бо ранги баланд, суфта аст, чунин китобҳоро ба усули чинӣ дар Ҳирот омода мекарданд. Расмҳои онҳо чунон монанданд, ки дар аввал фикр кардам, нусхаи якдигаранд. Бо мақсади он ки бифаҳмам, кадомаш нусхаи асл аст, номи хаттотонро хондам, имзоҳои пинҳониашонро ҷустам ва якбора ҳуш аз сарам парид: бале, ин ҳар ду ҷилдҳои китоби Низомианд, ки устод Шайх Алии Табрезӣ барои подшоҳи Каракоюнлу Ҷаҳоншоҳ ва хони Аккоюнлу Узун Ҳасан кашидааст. Баъди он ки Ҷаҳоншоҳ устоди бузургро бо мақсади он ки дигар чунин китоби хуб сохта натавонад, ба чашмаш мил кашида нобино кард, Шайх Алӣ ба тарафи Аккоюнлу гурехт ва барои Узун Ҳасан китоби аз он беҳтари дуюмро сохт, ҳарчанд оҷиз шуда буд. Расмҳои китоби дуюм бо равшанӣ ва ҳаётӣ буданашон бартарӣ доштанд ва ин маро огоҳ сохт, ки ҳофизаи инсон ҳарчанд аз биноӣ орист, аммо ҳақиқати зиндагиро амиқтар мекашад.

Ман ҳам мисли ҳар нақҳоши дигар аз даврахои шогирдӣ то имрӯз рӯзе набуда, ки оид ба қазияи оҷизӣ фикр накарда бошам. Худованди доно, ҳамадон ва ҳамабин, албатта, огоҳ аст. Ҳамеша Худовандро сипосгузорам ва барои доду надодаҳояш ташаккур ва ҳамду ситоиш мекунаму бас. Аммо агар ҳоло пурсанд, ки омодаӣ худи ҳозир оҷиз шавӣ, монанди маҳкум ба қатле, ки ҳалқаи танобро дар гарданаш меандозанд ва ӯ чаҳорчашма мехоҳад охирин бор ба ин дунё нигарад, ҷавоб медодам: «Эй Худои бузург, ман, ки ҳамеша розӣ бар ризои ту будам, фақат бигзор ин нақҳошиҳоро як бори дигар сер бинам, он вақт мехоҳӣ, чашмҳоямро гирӣ, бигир ё умуман, ҷонамро ситон!»

Намедонам, чӣ ҳикмате дорад, ки бештари наққошиҳое, ки аз сари шаб то ҳоло мебинам, асосан ба қазияи оҷизӣ марбутанд. Касе, ки каме ба нақшу наққошӣ алоқае дорад, он наққошиеро, ки Ширин акси Хусравро рӯйи шохаи дарахти чанор мебинад, дидааст. Ман, ки сӣ-чил сол боз наққошӣ мекунам, ба назари шумо чанд бор ин наққоширо дидаам? Аммо кори устод Шайх Алиризои Шерозӣ, воқеан чизи дигар аст. Устод ҳар як барги чинорро бо таваҷҷуҳ кашида. Вақте яке аз нодонҳои даврон эрод гирифт, ки барои кашидани ин манзара диққатро ба барги дарахте, ки дар он танҳо сурат овехта мешавад, равона кардан шарт нест, устод бо мақсади он ки исбот кунад, дар наққошӣ чизи асосӣ ифодаи шавқу шӯри духтарак нест, балки пеш аз ҳама эҳсосоти наққош бояд ифода шавад, дар донаи гандум ба кашидани расми чанор бо тамоми баргҳояш машғул шуд. Баъди ҳафт солу се моҳ, ки кор қариб ба итмом расида буд, Шайх Алиризо нобино шуд. Агар хато накунам, дар асоси имзое, ки дар зери пойи надимаи Ширин ҳаст, ин ҳамон чанорест, ки устоди бузурги оҷиз дар коғаз кашидааст. Саҳнаи дигар – Исфандиёри аз дасти Рустам нобиношуда чунон зинда ва ҳаётист, ки ҳисси оҷизӣ, хоҳиши ботинии наққош ба ояндаи нек аз он хонда мешавад.

Ҳангоми наззораи ин ҳама наққошиҳо сахт дар ҳаяҷон будам, на танҳо аз он ки ин тамошои муъҷизаҳое, ки солҳо дар орзуяшон буд, насибам гашт, балки аз он ки баҳра бурдан аз ин зебоӣ бароям зиёд давом нахоҳад кард. Баъзан сукути фарогир дар ин хазинаи сардро, ки ранги сурхи торик дошт – ягон бор чунин рангро мушоҳида накардаам, ки аз деворҳои чангзеркарда ва рӯшноии нимторики шамъҳо ба вуҷуд меояд, фарёди беихтиёр аз ҷигар баровардаам халалдор месохт. Вақте дар яке аз ин ҳолатҳо, ки эҳсоси даруниамро нигоҳ дошта натавониста, берун баромадам, нигаҳбони пакана ва

Кара болои сарам ҳозир шуданд ва ба наққошие, ки шӯру шаафи маро бедор карда буд, нигаристанд ва ман беихтиёр ба шарҳи он пардохтам.

– Ин ранги аҷоиби сурхро бинед? Асрори онро устоди бузург Мирзобобо Имомӣ бо худ ба гӯр бурд. Бо ин ранг ҳошияи гилемҳо ва рамзи қизилбошҳо[131] дар тоҷи шоҳи сафавиҳо ранг карда мешуд. Дар ин саҳифа ба шиками шер ва либоси ин ҷавони барно нигаред. Агар ранги хуни бадани инсонро ба ҳисоб нагиред, ин ранги аҷибро Худованд ҳеч вақт ба чашм нишон намедиҳад. Онро танҳо дар сангҳои камёфти кӯҳӣ ва қаъри баҳрҳо, дар корҳои дастии ҳунармандони беҳтарин ва наққошони бузург ҷустан мумкин аст. Худовандро шукргузор бояд буд, ки дидани онро ба мо муяссар гардонд.

Баъд, китобе мисли «Ғазалнома»-ро, ки сартосар ҷуз сухани ишқ, дӯстӣ ва муҳаббат набуд ва наққошиҳояш ҷуз ба фасли баҳор ба чизи дигар бахшида нашудааст, он ҳам чӣ наққошие, тарҳаш ба зарофат тани ошиқонро мемонад, рангу бӯяш мисоли боғи биҳишт, кушодам ва гуфтам:

– Инро бинед, аз барои Худо! Зарофатеро, ки дасту пойи ин ошиқон доранд, мебинед? Овози ин парандаҳоро мешунавед? Рақси баргҳои ин дарахти чанорро мебинед?

Агар гармии ишқи ин ошиқ ва садои хуши овози он парандаҳо ва атру бӯйи он гулҳои баҳорӣ набуд, шояд ман ҳам мисли Кара ва Ҷезмӣ-оғо аз сармои ин ҷо худамро бо он порчаҳои сурхи атлас мепӯшондам.

Ҳамаи ин наққошиҳоро ба беҳтарин девону дафтари ғазал ҳамроҳ кардан мумкин аст. Ба гулу баргҳои

---

[131] *Қизилбошҳо* –кулоҳсурхҳо, иттиҳоди қабилаҳои кӯчии туркҳо дар ҳудуди Эрон, Анатолия ва Озарбойҷон дар асрҳои 15–16. Онҳо дар мазҳаби шиа буда, каллапӯшҳои дорои дувоздаҳ ранги сурх, аломати дувоздаҳ имоми шииён дошта, асосгузори сулолаи сафавиҳо шоҳ Исмоил бо ёрии онҳо ба сари давлат омадааст.

шукуфтаи ниҳолони навбар, ошиқони хушбахте, ки дар чаҳорбоғи биҳиштосо нишаста шароб менӯшанду шеър мехонанд, нигариста, дар ин хазинаи сарду пурнаму торик нишаста, бӯйи баҳору нағмаи мурғону садои ошиқонро эҳсос мекардем.

– Ба ин дасту пойҳо, панҷаҳои ин ҷавонони барнову духтарони зебо нигаред, чӣ қадар зиндаву нозуку зебо офаридааст наққош, пойҳо ҳам рӯйи сабзаҳо дар ҳаракатанд, мурғон гӯё парвоз мекунанд. Аммо нигаред, ба тасвири ин дарахти сарв, ки дар пасманзар аст, чӣ тавр ба беэътиборӣ роҳ дода шудааст, –гуфтам. –Ин кори наққоши Бухороӣ Лутфист, ки бо ҷангарагӣ ва номуросоӣ ном бароварда буд. Ӯ ҳама корро нимкола мегузошт, бо шоҳону вазирон ҳамеша баҳс мекард, ки онҳо ҳунарро намефаҳманд ва фақат ҷойи корашро иваз мекард. Ҳамин тавр, ин устоди бузург аз шаҳр ба шаҳр, аз кишвар ба кишвар саргардон гашта, дар ягон ҷо, дар ягон дарбор ҷой наёфт ва китоби наққошие ҳам ба вуҷуд оварда натавонист. Ниҳоят, ба ҳимояи як ҳокими кӯҳистони дур, ки ба ғайр аз сангу хор чизе надошт, даромада, бисту панҷ соли охири умрашро он ҷо гузаронд. Ин сухани ӯст: «Дар мамлакати хурд ҳам шоҳе буда метавонад, ки ба қадри наққошӣ бирасад». Ногуфта намонад, ҳокими он диёр оҷиз буд, аммо Лутфӣ дар ин бора бохабар буд ё на, касе намедонад.

Лаҳзае буд, ки торикии ғализ фаромад ва дар ҳамин лаҳза боз бо эҳтирос фарёд задам ва нигаҳбону Кара дар даст шамъ ҷонибам шитофтанд:

– Ана, инро шумо дар умратон надидаед! Ин китоб дар Ҳирот дар даврони набераи Тимур, саду панҷоҳ сол пеш наққошӣ шудааст ва то имрӯз даҳ маротиба даст ба даст гузаштааст.

Мо бо ёрии пурбин саҳифаи охиринро, ки дар он имзоҳо, санаи ҳукмронии подшоҳҳои душмани ҳамдигар

ҷой дода шудаанд, аз назар гузарондем. «Ин китоб бо лутф ва ёрии Худованди бузург дар соли ҳаштсаду чилу нуҳи ҳиҷрӣ ба дастури ҳокими Ҳирот Муҳаммад Чуқӣ – бародари шоҳи ҷаҳон Бойсунқур Мирзои бузург барои бонуи ҳоким Султон Исматуддунё бо наққошии Музаффари Ҳиротӣ ва бо қалами хаттот Султон Валӣ анҷом дода шудааст»,-омадааст дар он. Боз хондем, ки китоб, баъдан ба дасти Султон Халил – хони Аккоюнлу, сипас, ба писари ӯ Яъқуб, баъдан, ба дасти хонҳои ӯзбекҳои шимол афтодааст, ки ҳар яке дар навбати худ бе дудилагӣ варақе аз онро канда, ба ҷояш дигареро илова карда, дар он расми занҳои дӯстдоштаи худро ҷой кардааст ва дар саҳифаи охир бо ифтихор номи худро сабт намудааст. Вақте шоҳ Исмоил Ҳиротро ишғол кард, китоб ба дасти додараш Соммирзо афтид ва ӯ онро бо навиштаҷоти худ ба бародараш туҳфа кард. Аммо баъд подшоҳи музаффари мо, ҷаннатмакон, Султон Салим Фотеҳ дар ҷанги назди Чилдирон бар шоҳ Исмоил ғолиб гашта, Ҳиротро ишғол кард; қасри Ҳаштбиҳишт ғорат шуд ва китоб бо корвони ғаниматҳои усмонӣ кӯҳу пуштаҳоро гузашта, ба Истанбул, ба ин хазина ворид гардид.

Намедонам, то чӣ андоза шавқу шӯри маро Кара ва ин пакана мефаҳманд. Ҷилдҳои навро ба даст гирифта, ғами ҳазорҳо рассомонеро, ки истеъдоди худро ба шоҳу хонҳо, сарватмандоне, ки шаҳрҳои калону хурдро идора мекарданд, бахшида, нобино гаштаанд, ба ҷисму ҷони худ дарк мекардам. Китоби аҷиберо оид ба роҳҳо ва олоти шиканҷа аз назар гузаронда, бо дарду ҳасрат солҳоеро ба ёд овардам, ки аз дасти устодон шаллоқ мехӯрдем, ба панҷаи дастамон бо ҷадвал, ба сари тосамон бо тахтача мезаданд. Ба ин китоби беҳуда, ки кадом наққош ба ивази чанд танга барои кофирон сохтааст, нигариста, фикр мекардам, магар ҷойи он китобхонаи

подшоҳист. Супоришгари фарангии китоб шояд мехостааст, бо ин сангдилию бераҳмии моро нишон диҳад, ҳол он ки бе иҷозати қозӣ ва фатвои шариат дар мо касеро ҷазо намедиҳанд. Аммо наққоши мулоимхунук аз тасвири ҷазодиҳӣ дар фалақ, дор, партофтан пеши сагҳои ваҳшӣ, чӯбзанӣ, фишор зери шиканҷа, ба оби сард партофтан, кандани мӯй, пӯст, нохунҳо, чашмон, шикастани панҷаҳо, ба ҷойи гулӯла дар тӯб гузоштан ибо накардааст. Танҳо мо, наққошони асил, ки дар вақташ ҳама ин азобу шиканҷаро ба мақсади расидан ба ҳадаф паси сар кардаем, ин саҳнаҳоро метавонем бо рӯҳбаландӣ ва ҳисси шодмонӣ тасвир кунем.

Онҳое, ки баъди садсолаҳо ба наққошиҳои мо менигаранд, он ҳиссиётеро, ки дар хазинаи сард доштам, нахоҳанд дошт, зеро онҳо аз хоҳиш, сабру таҳаммуле, ки ин лаҳзаҳо доштам, дур хоҳанд буд. Маро ҳам эҳсоси шарм, ҳам хурсандӣ ва ҳам ғаму дард ва ифтихор фаро гирифтааст. Ангуштони дастам ях карданд, аммо варақҳоро бо боварӣ саҳфагардон мекунанд, пурбинро мустаҳкам нигоҳ медоранд. Наққошиҳои афсонавӣ қиссаи ба вуҷуд омадани ин ё он наққошӣ, таҳти ҳимояи кадом шоҳон фаъолият кардани устодон, чӣ тавр ба вуҷуд омадани махсусиятҳои наққоширо, ки сабку услуб номида мешаванд, нақл мекарданд. Баъзан барои худ навигарие кашф мекардам, аз ҷумла, абрҳои парешон ба усули чинӣ, ки медонам дар тамоми мамлакати Аҷам бо таъсири мактаби Ҳирот паҳн гаштааст, дар Қазвин низ мушоҳида мешавад, инро пай мебурдаму ғуррунгос мезадам: «Ана, инро сайри услуб мегӯянд!». Дар қаъри дилам дардеро эҳсос мекардам, ки чӣ тавр баъди ҳамин қадар маҳрумият, азобу шиканҷа, заҳмати зиёд наққошони бузурги моро ниҳоят оҷизӣ интизор аст.

Бо алам эҳсос мекардам, ки дигар саҳнаҳои хурсандӣ, ишқу муҳаббатро офарида наметавонам, зеро солҳои

охир барои подшоҳон асосан ба наққошии саҳнаҳои ҷангу маросимҳо машғул будам. Дар як мураққаъ расми ҷавони аҷамиеро дидам лабонаш сурх, камарборик ва ба ҳақиқате, ки подшоҳони мағрур ва худпараст бисёр вақт фаромӯшаш мекунанд: тамоми зебоиҳо ба Худованд тааллуқ доранд, бовариам бештар шуд. Нақши дигар аз рассоми ҷавонест аз Исфаҳон, ки ошиқони хушбахтро хеле табиӣ офаридааст, ба он нигоҳ карда, шогирдони беҳтарини зебоямро ёд оварда, дар чашмонам ашк пайдо шуд. Духтари зебои борик бо лабони арғувонӣ, чашмони бодомӣ ва бинии хурдакак остини ҷавони монанди худ зеборо эҳтиёткорона медошт, гӯё бо се қати остин андозаи муҳаббати худро ба ӯ ифода мекард. Ранги пӯсти ҷавон чунон дилрабо буд, ки бинанда ҳаваси хам шуда, бӯсидани наққоширо пайдо мекард.

Чӣ ҷойи руст кардан: вақте наққошиҳои андак бешармонаи дар Табрез анҷомдодаро менигарастам, таппиши дилам афзун гашт: бо ранги сиёҳ ҷавонҳои пӯсти танашон чун мармар, духтаракони қоматбаланди синаҳояшон навруста кашида шудаанд, ки аз диданашон дар пешонаам арақи сард пайдо гашта, худро чун шаст сол пеш тасаввур кардам. Ёдам расид, ки чӣ тавр ба назди мани нав ба устодӣ гузашта ва оиладоршуда бачаяки барнои рухсораш сап-сафеду чашмонаш бодомиро ба шогирдӣ оварданд. Пай бурдам, ки ишқаш ба наққошӣ баланд аст. Бале, дар кори мо, хоҳу нохоҳ на шарму ҳаё ва ғам чизи асосист, балки иштиёқ ба инсон аст, ки он ба ишқи Худованд, тавассути он ба тамоми махлуқоти халқкардаи Ӯ оварда мерасонад. Ногоҳон ба хулоса омадам, ки ҳама дарду ранҷ, машаққатҳои дар болои тахтаи наққошӣ кашидаам, қатъиятам дар роҳи расидан ба оҷизӣ ин ҳама натиҷаи садоқат ва бахти баландам аст.

Аз нури рӯшноие, ки ба тарафам меомад, пай бурдам, ки Ҷезмӣ-оғо ва Кара наздик мешаванд. Мураққаъро дар

ҷояш гузоштаму ҷилди дигаре, ки нигаҳбон бароям гузошта буд, ба даст гирифтам ва яке аз саҳифаҳояшро кушодам. Ин мураққаъе буд барои кадом як подшоҳ. Дар майсазоре оҳувон дам мегирифтанд – чунон зебою ором, ки ҳатто шағолон ба он ҳавас хоҳанд кард. Саҳифаи дигарро кушода, аспҳои якрон ва сурхпӯстро дидам, ки танҳо наққошони Ҳирот чунин зебо кашида метавонанд. Дар саҳифаи дигар марде меистод қалам ба даст, ришаш ба чанд ранг. Чӣ гуна одам бошад он? Ин расми ҳафтод сол пеш кашида чизе дошт, ки диққати касро мерабуд. Дилам ба таппиш даромад. Ҳа, дар мавриди даст! Чунин корро фақат як даст карда метавонад. Бале, ин ҳунари дасти Беҳзоди бузург буд. Аз саҳифа нури Илоҳӣ медамид.

Пеш борҳо ҳунари Беҳзодро дидаам. Аммо шояд аз он ки мо, чанд нафар онро медидем ё аз он ки бовариамон набуд, ки он ҳунари дасти устод аст, он вақтҳо ин қадар ба ҳаяҷон намеомадам.

Аз нури шоҳкорҳо ҳатто ҳавои хазинаи нимторику пурнам рангу бӯю дурахши нав пайдо кард. Дасти зебои тасвиркардаи Беҳзод ва он дасти пурмуҳаббати ошиқон, ки чанд лаҳза пеш дида будам, якҷоя пеши назарам ҳувайдо гаштанд. Худоро шукр гуфтам, ки пеш аз оҷизӣ имкони дидани ин муъҷизаро муяссарам кард. Аз куҷо медонистам, ки ман бояд ба қарибӣ нобино шавам? Намедонам! Мехостам, эҳсосоти худро дар мавриди ҳамин оҷизӣ ба Кара, ки дар паҳлуям истода, ба наққошӣ менигарист, тавзеҳ диҳам, ки аз даҳонам якбора гапи дигар баромад:

– Зарофати дастҳоро мебинӣ?! Кори Беҳзод аст.

Аз дасти Кара гирифтам чун замоне, ки дар ҷавонӣ дасти нарму махмалии шогирдони барноямро (ҳамаи онҳоро дӯст медоштам) мегирифтам. Дастони Кара ҳамвор ва сахт буд, нисбат ба дасти ман гармтар, банди

дасташ аз дарун – ҷойе, ки раг мегузарад, тунук ва васеъ аст, чунинаш ба ман маъқул. Дар ҷавонӣ вақте дасти шогирдонро ба даст мегирифтам, пеш аз он ки доштани қаламро нишон диҳам, аввал ба чашмони чун оҳу ҳаросони онҳо бо меҳр менигаристам. Ҳоло ҳам ба Кара нигаристам ва дар чашмонаш инъикоси дурахши шамъеро, ки дасташ дошт, дидам.

– Мо, наққошҳо ҳамаамон бародарем, –гуфтам. – Аммо ҳоло ҳамааш пушти сар шудааст.

– Барои чӣ?

«Ҳама чиз тамом шудааст!» –чунин суханонро фақат устоди бузурге, ки хоҳиши оҷиз гаштан дорад, ба забон оварда метавонад, наққоше, ки тамоми умр барои подшоҳе хизмат карда, анъанаи устодони куҳанро идома додааст ё ҳатто худ барои наққошхона усули махсусе ба вуҷуд овардааст, аммо баъди чанд соле ин ҳама ба дасти подшоҳи дигаре меафтад, ки наққошхонаро тороҷ карда, ҳунари устоди бечораро зери суми асп мепартояд. Ҳамаи инро ба Кара ба таври дигар фаҳмондан даркор буд. Бинобар ин, гуфтам:

– Дар ин расм шоири бузург Абдулло Ҳотифӣ тасвир шудааст. Ӯ чунон машҳури замон буд, ки вақте шоҳ Исмоил ба Ҳирот даромад, ҳама ба хизматаш омаданд, аммо вай нарафт. Шоҳ худ ба зиёраташ омад – роҳи дурро тай карда, зеро Ҳотифӣ дар беруни шаҳр зиндагӣ дошт. Аз куҷо донистем, ки ин расми Ҳотифӣ аст? Аз имзое, ки дар зери наққошӣ аст, ҳамин тавр не?

– Бале, –сар ҷумбонд Кара.

– Агар ҳарфҳоямонро аз чеҳра сар кунем, –идома додам, –ҳамаи инҳо ба якдигар монанданд. Агар ҳоло худи Ҳотифӣ дар пешамон меистод, мо аз рӯйи расм ӯро намешинохтем. Бале, аз рӯйи расм намешинохтем, аммо аз дигар ҷиҳат мешиносем: аз тарзи нишасти Ҳотифӣ, интихоби ранг, чорчӯба, тасвири дасти зебо, ҳамааш

муайян мегардад – ин расми шоир аст. Зеро дар услуби мо мазмун аз шакл муҳим ба ҳисоб меравад. Имрӯз, ки наққошон ба ҳунари румиҳо ва, умуман, тамоми фарангиён тақлид мекунанд, ҳамон тавре ки дар наққошиҳои китоби марҳум шавҳари холаат, ки подшоҳамон супориш додаанд, замони маънӣ аз байн меравад, ҷойи онро шакл мегирад. Ин усули фарангист…

– Раҳматӣ язнаамро куштанд, –каме дағалона гуфт Кара.

Аммо ҳамчун устод дасти шогирдро бо эҳтиром ва навозиш фишурдам, гӯё дилашро бардоштам. Муддате ҳар ду хомӯш муъҷизаи офаридаи Беҳзодро тамошо кардем. То ин ки Кара дастҳои зарифашро аз дастам раҳо кард ва гуфт:

– Дар саҳифаи қаблӣ аспҳои якрон кашида шуда буданд, нигоҳ накарда гузаштед.

– Он ҷо чизе нест, –гуфтам ва саҳифаи қаблиро кушодам. –Дар бинии ин аспҳо ягон нуқс дида намешавад.

– Пас, мо аспони биниашон аҷоибро меҷӯем? –гуфта бо оҳанги кӯдакона пурсид Кара.

Баъд дубора сокит шудем ва боз ба наққошии устод Беҳзод диққат додем, ки воқеан, одам аз диданаш сер намешавад. Аммо барои идомаи ҷустуҷӯ қувваи Кара нарасид. Вақте ки қариби субҳ мо бо пакана ниҳоят аз зери сандуқи оҳанӣ китоби маълуму маъруфи «Шоҳнома»-и Таҳмоспро, ки дар байни порчаҳои матои пашмин ва атласи сабз ҷой дода шуда буд, ёфтем, Кара рӯйи гилеми ушакӣ сари зебояшро дар болои болиши махмалӣ ва бо марворид ороёфта гузошта, мехобид. Китобро ба даст гирифтаму (бори дуюм дар умри худ), ҳамоно фаҳмидам, ки бароям рӯзи нав шурӯъ мешавад.

Китобе, ки бисту панҷ сол пеш аз дур дида будам, чунон калону вазнин буд, ки мо онро дукаса бо Ҷезмӣ-оғо

базӯр бардошта, ба ҷойи нишастамон овардем. Ба он даст бурда, фаҳмидам, ки аз зери муқоваи чармӣ чӯб ҳаст. Вақте ки бисту панҷ сол пеш султон Сулаймони Қонунӣ аз олам гузашт, шоҳ Таҳмосп ба шодии он ки ниҳоят аз ин подшоҳ, ки се бор Табрези ӯро ишғол кардааст, халос шуд, ба султони нави турк Салими 2 як корвони шутур туҳфа фиристод, ки дар байни онҳо чанд Қуръони карим бо ороиши зебо ва ин китоб, ки беҳтарин боигарии китобхонаи шоҳ ба ҳисоб мерафтанд, буданд. Аввал корвон бо сафири Аҷам ва ҳамроҳони ӯ иборат аз сесад нафар ба Эдирне рафт, ки дар гирду гӯшаи он шоҳзодаи ҷавон зимистонро мегузаронд, баъдан, ба Истанбул омад. Ана, он вақт, пеш аз он ки «Шоҳнома»-ро ба хазина ворид созанд, саррасоми ҳамон давра Кара Меми ва мо, се нафар наққошон ба қасри подшоҳамон рафтем, ҳатто давидем, то ин аҷоиботро бинем. Он рӯз устод Кара Меми ба мо гуфт, ки ҳарчанд Беҳзоди бузург ҳамон рӯзҳо дар пиронсолӣ аз Ҳирот ба Табрез рафта буд, дар болои ин китоб кор накардааст, зеро аллакай вай нобино шуда, кори китоб ҳам оғоз ёфта буд.

Он солҳо барои мо, рассомони усмонӣ, ки ба китобҳои одии дорои ҳафт-ҳашт расм қаноат мекардем, дидани китоби бузурге, ки дорои дусаду панҷоҳ мусаввара бошад, хобу хаёл буд, ба он монанд буд, ки шабона дар қасри олие гаштаем. Мо ба мусаввараҳои аҷиб бесадо ва бо эҳтиром менигаристем ва баъд муддати зиёд дар бораи ин китоби дар паси ҳафт қулф маҳкам ҳарф мезадем.

Баъди ин китоби афсонавиро дар хазина гузоштанд ва бисту панҷ сол онро касе надид.

Инак, баъди бисту панҷ сол ман бесадо, ҳамчун дари бузурги қаср, муқоваи ғафси «Шоҳнома»-и афсонавиро мекушоям. Ба садои форами варақҳо гӯш дода, ман на танҳо ифтихор, балки ҳамон қадар дарду ҳасрат

мекашидам. Аммо се чиз намегузошт, ки тамоми диққатам ба ин саҳифаҳо равона гардад:

Якум, ба хотирам расид, ки мегуфтанд, ҳамаи наққошони истанбулӣ аз ин китоб баҳрае бардоштаанд.

Дуюм, ман ба расмҳои аҷиб (чӣ тавр Таҳмурас бо як қатъият ва чолокӣ ба гардани шайтону девҳо ҳалқа меандозад, баъд, онҳо ӯро алифбо, забонҳои юнонӣ ва ғайра меомӯзанд), нигариста, фақат як чиз орзу доштам, оё ҷойеро, ки дасти Беҳзоди бузург расидааст, медида бошам?

Сеюм, дарёфти бинии аҷиби асп, ҳузури нигаҳбон ва Кара.

Имкони бори дуюм дидани ин муъҷиза бо меҳрубонии Худованд то ба замоне, ки чашмони маро торикӣ фаро мегирад, бахти бузург аст, аммо он ки на танҳо бо чашми дил, балки бо чашми ақл ба он менигарам, маро маҳзун мекард. То замоне, ки ба ҳуҷраи сарду торики гӯрмонанди хазина аввалин нурҳои хуршед ворид гардиданд, ҳамаи дусаду панҷоҳу нуҳ (на дусаду панҷоҳ) наққошии ин китоби аҷоибро тамошо кардам. Ҳамон тавре ки гуфтам, бо чашми ақлу заковат менигаристам, инак, дар бораи ин ба тартиб қисса хоҳам кард, ҳамон тавре ки донишмандони араби тарафдори каломи ақлия онро меписанданд.

1: Зотҳои гуногуни аспро дидам, байни онҳо ҳар гуна аспҳое, ки Рустам ҳангоми таъқиби аспдуздони тӯронӣ вохӯрд; аспҳои аҷиби лашкари Фаридун, ки дарёи Фуротро ба пойи худ убур намуданд – баъди он ки шоҳи араб киштӣ надод; аспҳои зебои сиёҳмушкини Тур, ки ба соҳибашон маҳзун менигаранд, аз он ки ӯ аз бахшидани Фаридун мамлакати зебои Эронро ба писари хурдиаш Эраҷ ва кишвари дури Чину Муғулистонро ба ӯ ва Юнонистони боз ҳам дурро ба бародари миёна ба қаҳр омада, сари Эраҷро бераҳмона бурид; аспҳои лашкари

афсонавии Искандар, ки дар сафҳояш хазариҳо, мисриҳо ва барбариҳо ҳам буданд; аспе, ки бо хости Худованд дар соҳили кӯли обаш муъҷизаноки сабз сабаби марги шоҳ Яздигурд шуд, зеро шоҳ алайҳи тақдири муайянкардаи Худо баромад, буданд. Дар ин ва садҳо аспҳои дигар, ки аз тарафи даҳҳо рассом кашида шудаанд, бинии аҷиб, ки дар расми қотил мушоҳида мешуд, набуд. Аммо ҳоло боз як шабонарӯз имкони аз назар гузаронидани китобҳоро доштам.

2: Байни наққошон дар бисту панҷ соли охир овозаҳое паҳн шуда буд, ки яке аз наққошон бо иҷозати подшоҳи олам ба хазинаи махфии подшоҳӣ роҳ ёфта, ин китобро дастрас намуд ва дар рӯшноии шамъ тасвири бисёр аспҳо, дарахтҳо, абр, парандаю боғ, ҷанговарон ва ошиқонро дар дафтар нусха бардошт ва акнун дар корҳояш истифода мебарад. Ҳар дафъа ягон рассом наққошии аҷибе созад, бародарони ҳамкасб бо ҳасад ин овозаро ба хотир меовардаанд. Дар ин овозаҳо, албатта, ҳадаф паст задани мактаби наққошии Аҷам, табрезӣ низ буд. Он вақт Табрез дар зери идораи подшоҳи мо қарор надошт. Агар ин овозаҳо дар ҳаққи ман буданд, албатта, ба қаҳр меомадаму ғоибона ифтихор ҳам мекардам, агар овозаҳо дар ҳаққи дигарон бошад, бовар менамудам. Акнун маҳзунона дарк мекардам, ки мо, чор рассом бисту панҷ сол пеш бори аввал ба ин китоб бо гӯшаи чашм нигариста, наққошиҳои онро ба хотир гирифта, баъд аз рӯйи ҳофиза ин ё он расмро барои китоби супоришии подшоҳамон мекашидем, бо гузашти айём баъзе ин рамзҳо тағйир хӯрда, андак дигар гаштаанд, аммо асос ҳамон буд. Маро на он ғамгин месохт, ки подшоҳони мо чаро бахиланд – ин ва дигар китобҳои аҷоибро дар хазинаҳо пинҳон нигоҳ медоранд, балки аз он ки ҷаҳони наққошони усмонӣ ин қадар танг аст. Зеро ҳам устодони

куҳани Ҳирот ва ҳам устодони имрӯзаи Табрез аз мо беҳтар мекашанд.

Ногаҳон ба хотирам расид, ки агар худи пагоҳ ман ва дигар наққошонро ба шиканҷа, ки ба он сазоворем, гирифтор кунанд, чӣ кор мекарда бошем, бо ин андеша ногаҳон чашми расми якумро бо кордчаи қаламтарошӣ бераҳмона канда гирифтам. Ин расме буд дар бораи он ки чӣ тавр баъди аз тарафи сафири ҳинд ба Аҷам овардани бозии шоҳмот донишманди аҷамӣ сирри онро фаҳмид ва бозиро бо устоди ҳиндӣ бурд. Афсонаи аҷамӣ! Чашми ҳар ду бозигар, шоҳ ва дигар тамошобинони мусобиқаро кофта гирифтам. Баъди ин саҳифаро қафогардон карда, бераҳмона чашми ҳамаи шоҳон, ҷанговарон, мақтулони ба замин хобидаро кандам. Ҳамин тавр, се наққоширо аз кор бароварда, кордчаро ба миён гузоштам.

Дастонам меларзанд. Аммо худро бад ҳис намекунам. Акнун оё фаҳмидам, ки одамони дар сари гуноҳ дастгиршуда худро чӣ тавр ҳис мекунанд? Дар панҷоҳ соли кор бисёр нишонаву аломатҳои гузоштаи чунин одамонро вохӯрдаам. Аммо мехостам, ки аз чашмони кофтаам хун чакад.

3. Ин чиз ба дарди асосӣ табдил ёфт. Маълум мешавад, ки дар ин китоби бисёр аҷиб, ки болои он беҳтарин наққошони аҷамии даврони шоҳ Таҳмосп даҳ сол заҳмат кашиданд, қалами устод Беҳзод нарасида. Шояд сабаб ин аст, ки вақте Беҳзод аз Ҳирот ба Табрез омад, аллакай чашмонаш оҷиз буданд? Ин маънои онро дорад, ки устод ба дараҷаи олии ҳунари худ расида, баъди ба муҳити нав ворид гардидан нахост, ки бо услуби наққошхонаи дигар таҳти супориши подшоҳи нав кор кунад. Ман, ки пештар ҳам ба ин шубҳа надоштам, акнун хулосаам қатъӣ гашт.

Ҳамин асно Кара ва нигаҳбони пакана дукаса китоби ғафсеро бардошта оварданд ва ба наздам гузоштанд.

– Не, ин нест, –нарм гуфтам. –Ин «Шоҳнома»-ест, ки дар давраи муғулҳо омода шудааст. Инак, нигаред: ҷанговарони сар то по оҳанпӯши Искандар ва аспони савораи оҳанинпӯши онҳоро. Дохили онҳоро бо нафт пур мекунанд, нафт дармедиҳанд ва вақте, ки онҳо ба душман наздик мешаванд, аз биниҳояшон оташ мебарояд.

Мо ба лашкари дар зери оташ монда менигарем, ки ба «Шоҳнома» аз наққошиҳои чинӣ ворид гаштааст.

– Ҷезмӣ-оғо, –гуфтам, –агар ёдат бошад, бисту панҷ сол пеш, яъне, ҳамон соле, ки Султон Салим тоҷгузорӣ кард, ман ва чанд наққоши дигар бо сарпарастии устод Кара аз ҳамаи ҳадяҳое, ки аз подшоҳҳои мамолики дунё, аз ҷумла, ҳамин шоҳ Таҳмосп Мирзо барои подшоҳамон фиристода буд, яктоӣ нусха бардошта будем ва онро дар мураққаъе бо номи «Салимнома» ҷамъ овардем...

Ҳарфҳоямро ба охир нарасонда, Ҷезмӣ-оғо «Салимнома»-ро ёфта, дар наздам гузошт. Манзараи зебоеро, ки лаҳзаи аз тарафи вакилон ба султон Салим супоридани туҳфаҳоро тасвир мекард, пеши назар оварда, онро кушодам; дар саҳифаи баъдина, ки рӯйхати тамоми туҳфаҳо зикр шуда буд, чашмам зуд навиштаҷотеро, ки аз ин пеш дида бошам ҳам, бовар намекардам ва аз ин рӯ, фаромӯшаш карда будам, кофта ёфт: «***Сӯзани тиллоӣ барои бастани салла, дастааш фирӯза ва садафин, ки бо он устоди куҳани Ҳирот, устоди устодон наққош Беҳзод чашмҳояшро кӯр кардааст***».

Аз пакана пурсидам, ки аз куҷо ёфтааст «Салимнома» –ро. Ӯ маро бо роҳҳои чанголуду нимторики хазина роҳнамоӣ кард. Мо аз байни сандуқҳои оҳанӣ, тӯбҳои гилему матоъҳо, ҷевону зинаҳо хаму рост шуда гузаштем, сояҳоямон дар рӯйи оҷҳои фил, пӯсти палангу шер, матоъҳои девор калону хурд мешуданд. Дар яке аз

ҳуҷраҳо, ки аз махмал ва дигар матои сурх ба таври аҷиб ранг пайдо карда буд, дар канори сандуқе, ки аз он «Шоҳнома»-ро ёфта будем, дар байни дигар китобҳо, матоъҳои зару симбофт, шофу ханҷарҳои нуқракӯб боз чанд туҳфаи дигари шоҳ Таҳмоспро дидем: гилемҳои абрешимии Исфаҳон, шоҳмотҳои оҷӣ, қуттие барои нигоҳдории қаламмӯ. Сарпӯши қуттӣ бо шохчаҳо ва аждаҳо ба усули чинӣ оро ёфта, дар байн нақши садафин дар шакли офтоб ҷой дода шудааст; пай бурдан мумкин аст, ки қуттича ҳунари даврони Темур аст. Қуттиро кушодам ва ҳамоно бӯйи сабуки садбарг ва коғази сӯхтаро ҳис кардам. Дар қаъри қуттӣ сӯзани тилло бо дастаи фирӯза ва садаф гузошта шудааст. Сӯзанро оҳиста бардоштам ва ором ба ҷоям баргаштам.

Вақте танҳо мондам, сӯзанеро, ки бо он устод Беҳзод худашро кӯр карда буд, дар саҳифаи кушодаи «Шоҳнома» гузоштам ва аз эҳсосот ба худ ларзида, ба он назар дӯхтам. Ҳама вақт чунин безобита мешавам вақте ба чизҳое, ки дастони моҳири устоде чун Беҳзод расидааст, менигарам.

Чаро шоҳ Таҳмосп ба султон Салим ба расми туҳфа якҷоя бо китобҳо ин сӯзани даҳшатоварро фиристод? Магар барои он ки шоҳ дар наврасӣ дарси рассомиро аз Беҳзод гирифтааст, аз бачагӣ мусаввараҳои ӯ шоҳро ба ваҷд овардаанд, аммо то пиронсолӣ нарасида, дар охир аз шоиру рассомон дилаш монд ва онҳоро аз дарбор ронд ва умри боқимондаашро ба дуову тавозуъ гузаронд? Шояд ба ин сабаб аз китоби пурқимате, ки даҳ сол устодони номӣ болояш заҳмат кашиданд, ба осонӣ даст кашид? Аммо, ба ҳар ҳол, бо китоб ин сӯзанро фиристоданаш чӣ маъно дошт: он ки анҷоми кори ҳар рассом нобиноии ихтиёрист ё ин ки, ҳамон тавре ки як вақтҳо нақл мекарданд, барои он ки бигӯяд: касе, ки як бор ин китоби аҷибро мебинад, намехоҳад дигар дунёро бинад? Не, ин

тавр буданаш ба гумон аст. Аниқтараш, барои шоҳ, ки чун бисёр ҳокимон дар пиронсолӣ аз муҳаббати пургуноҳашон ба расму ҳунармандӣ изҳори пушаймонӣ мекунанд, ин китоб дигар арзиш надошт.

Қиссаеро, ки аз наққошони куҳани дилмонда шунида будам, ёд овардам. Вақте ки лашкари каракоюнлуҳо бо сарварии Ҷаҳоншоҳ ба Шероз наздик шуд, наққоши бузурги устохона Ибни Хусам гуфт: «Наметавонам ба гунаи дигар наққошӣ кунам» ва ба шогирдаш фармуд, ки чашмонашро кӯр кунад. Вақте ки лашкари султон Салим шоҳ Исмоилро мағлуб карда, ба Ҳирот ворид шуд ва қасри Ҳафтбиҳиштро ғорат кард, наққошонро ба Истанбул бурданд; яке аз онҳо, ки аҷамӣ буд, дар роҳ нобино шуд, аммо баъдтар гуфтанд, ки ӯ худро тавассути кадом як адвор кӯр кардааст, то ба усули усмониҳо наққошӣ накунад. Бале, худи ман ҳам, дар лаҳзаҳои ғазаб ба шогирдонам мегуфтам, ки Беҳзод бо хоҳиши худаш нобино шудааст.

Наход роҳи дигар набошад? Наход мумкин набошад, ки усули дигарро омӯхта, мактаби худро нигоҳ дорем ва ҳам услуби устодони куҳанро фаромӯш насозем?

Дар нӯги тези сӯзан доғи равшан менамуд, аммо чашмони мондашудаам фарқ карда наметавонистанд, ки он хун аст ё чизи дигар. Пурбинро бардоштам ва дурудароз ба он чашм давондам, гӯё ба саҳнаи ишқу муҳаббати ғамангез менигаристам ва тасаввур карданӣ мешудам, ки чӣ тавр Беҳзод худашро бо он кӯр кардааст. Мегӯянд, ки агар сӯзанро ба чашм халонӣ, пардаи абрешимии торикӣ ҳамоно поён нахоҳад шуд, то чанд рӯз ва ҳатто ҳафтаю моҳҳо интизор бояд шуд.

Ҳа, дар як ҳуҷра оинаеро дида будам. Ана, вай: бо дастаи каҷак ва чорчӯбаи ғафси чӯбин ва нақшунигори зебои оҷин. Он оинаро овардам. Дар ҷоям нишастам ва дар оина ба чашмони худ нигаристам: чӣ тавр дар

чашмонам оташаки ларзони шамъ зебо инъикос ёфта буд, чашмоне, ки шаст сол фақат ба расм нигаристаанд.

«Ин корро устод Беҳзод чӣ тавр карда буд?» – пурсидам аз худ.

Аз оина чашм намекандам, аммо даст худаш сӯзанро ёфт – монои он ки дасти зан сурмаро мегирад ва ба чашмонаш мебарад. Ба дил заррае гумонро роҳ надода, гӯё, ки тухми уштури барои нақш омодашударо сӯрох мекарда бошам, ором бо қувваи зиёд сӯзанро ба гавҳараки чашми ростам халондам. На аз он шах шуда мондам, ки дарде эҳсос карда бошам, баръакс, мушоҳидаи ин амал душвор буд. Вақте ки сӯзан ба андозаи тахминан чоряки ғафсии ангушт ба чашм даромад, кашида гирифтам.

Дар байте, ки дар канори оинаи дастам хаттотӣ шудааст, ба касе, ки ба ин оина менигарад, зебоии ҳамешагӣ ва ба оина умри абадӣ таманно карда мешуд.

Бо ин андешаҳо табассумкунон ин амалро бо чашми чапам ҳам анҷом додам.

Муддати зиёд беҳаракат истодам. Ҳамту ба олами атроф менигаристам.

Рангҳои атроф, чуноне, ки гумон мекардам, торик нашуданд, андак ба ҳам омезиш ёфтанду бас. Дар умум, алҳол хуб медидам.

Баъди чанде ба рӯйи матоъҳои рангашон сурхи баланд, хунполо, ки деворҳои хазинаро пӯшида буданд, нурҳои нимторики офтоб расиданд. Сархазинадор ва одамонаш бо тартиби муқаррарӣ мухрро шикастанд ва дарвозаро кушоданд. Ҷезмӣ-оғо зарфакҳои шабона, чароғу шамъҳоро иваз кард, аз дасти омадагон нон ва тутмавизро гирифт ва хабар дод, ки мо ҷустуҷӯи расми аспро бо бинии аҷиб дар китобҳои подшоҳамон идома хоҳем дод. Дар ҷаҳон ба ҷуз ба расмҳои зеботарин нигаристан ва бо чашми Худованд нигоҳ карда

тавонистан ба олами ҳастӣ чизи беҳтаре вуҷуд дошта метавонад?!

52. Номи ман Кара аст

Вақте ки субҳ сархазинадор ва одамонаш тибқи қоидаи маъмул дарҳоро кушоданд, чашмонам ба ранги сурхи китобхона чунон одат карда буданд, ки рӯшноии зимистон, ки аз ҳавлӣ ворид гардид, ба назарам ваҳмнок ва ғайритабиӣ намуд. Мо аз ҷоямон наҷунбидем, гӯё агар ҳаракате кунем, ҳавои вазнин, бӯйи чанг ва мағорро якҷоя бо изи ёфтаамон ба берун роҳ медиҳем.

Устод Усмон ба ду даста нуре, ки аз болои сари одамони назди дар мегузашт, гӯё бори аввал чунин муъҷизаро медида бошад, бо ҳайрат менигарист.

Шабона, вақте ки саҳифаҳои «Шоҳнома»-и шоҳ Таҳмоспро гардонда, расмҳоро тамошо мекард, ӯро аз дур мушоҳида мекардаму гоҳ-гоҳ дар чеҳрааш пайдо шудани ба ин монанд ифодаи ҳайратро медидам. Сояаш гоҳо дар девор меларзид, сараш бо диққат ба болои пурбини дасташ хам шуда, лабонаш гӯё барои сирри ачиберо кушодан омода бошанд, ифодаи кӯдаконае пайдо мекарданд, баъд ба ягон расм бо ҳайрат нигарон шуда, лабонаш худ аз худ меҷунбиданд.

Баъди он ки дар баста шуд, аз он ки дар китобҳои хазина сари вақт он чизеро, ки мекобем, ба ташвиш афтода, бесаброна ба гаштугузор даромадам. Ба назарам намуд, ки устод Усмон ба ин кор диққати зарурӣ намедиҳад, аз ин рӯ, нигарониамро ба ӯ иброз доштам.

Ӯ чун устоди ботаҷриба бо меҳр дастамро дошт.

– Барои мо дар ин ҳолат ба ғайр аз дидани олам мисле, ки Худованд менигарад ва умед бастан ба адолати Ӯ дигар чорае наметонад, –гуфт. –Ин ҷо, байни ин расму ашё хуб эҳсос мекунам, ки ҳар дуи ин ҷиҳат ба ҳам

алоқаманданд. Ҳар қадар мо ба диди Худованд ба олам наздик шавем, адолати Ӯ ба мо наздик хоҳад гашт. Сӯзане, ки устод Беҳзод худро кӯр кардааст...

Таърихи даҳшатовари сӯзанро гуфта, барои нағзтар дидани он пурбинро ба дастам дод, ба ин олати тези ногувор бо диққат нигариста, дар нӯгаш доғи намноки гулобирангро дидам.

– Барои устодони қадим, ки тамоми ҳаёташонро ба ҳунар бахшидаанд, –гуфт устод Усмон, –дигар кардани ранг ва услуб масъалаи бузурги виҷдон ба ҳисоб мерафт. Ҳоло чунин аст, аммо он вақт оламро як рӯз бо чашми шоҳи Шарқ дидану пагоҳ бо чашми ҳокими Ғарб бешарафӣ дониста мешуд.

Чашмонаш на ба ман ва на ба саҳифаҳои наздаш нигаронда шудаанд. Гӯё, ки ба дур, дури дастнорас, ба як фазои мусаффои беинтиҳо менигарист. Дар саҳифаи «Шоҳнома»-и наздамон лашкари Эрону Тӯрон меҷанганд; аспҳо ба ҳам бармехӯранд; шамшерҳои саворагон сипарҳоро мешикананд ва саворонро пора мекунанд; танҳои бе сару даст ва хуншор ба замин меафтанд; ҷанговарони ҷасур бо шамшерҳо ҳамдигарро мекушанд, ҳамаи ин дар расм бо рангҳои зебо тасвир карда шудааст.

– Вақте ки устодони бузурги пешинро маҷбур мекарданд, ки усули ғолибонро қабул намоянд, барои ба ин бешарафӣ роҳ надодан чашмашонро бо сӯзан кӯр мекарданд ва баъди ин, то замони эҳдо гаштани раҳмати худовандӣ, яъне, оғози оҷизӣ наздашон ягон расми зеборо гузошта, соатҳо ва баъзан рӯзҳо аз он чашм намеканданд, баъзан аз чашмони сӯрохашон ба варақи коғаз қатраҳои хун мечакид; аммо олами дар ин расмҳо муҷассам ва маънии он бадиҳои дар ботини рассом бударо тадриҷан хориҷ мекард. Оҳ, чӣ хушбахтист ин!

Медонӣ мехоҳам ба кадом расм нигарам – то замони пурра оҷиз гаштан?

Сиёҳии чашмони устод Усмон ба назар торафт борик, сафедиаш бештар мегашт. Нигоҳаш чун пирамардоне, ки бачагиашонро ба ёд меоранд, ба дуриҳо дӯхта шуда буд.

– Ин наққоши усули устодони куҳани Ҳирот маҷлиси Хусрави савора ба зери қалъаи Ширин омада, аз ишқи ӯ сӯхтаву пухта нигарон истодаро ифода мекунад.

Шояд ӯ таърифи устодони куҳанеро, ки худашонро кӯр кардаанд, бо як тарзи шоирона давом медод.

– Устоди бузург, олиҷоҳам, –худамро дошта натавониста, гапашро буридам. –Медонед ман ҳоло чиро мехоҳам бинам – рухсори гарми ҷононамро! Аз хонадор шуданамон се рӯз гузаштааст. Дувоздаҳ сол дар бораи ӯ фикр мекардам. Маҷлиси ба расми Хусрав нигариста, ошиқ шудани Ширин маро ҳамеша ба ёди ӯ мебарад.

Аз чеҳраи устод Усмон шояд ифодаи парешонӣ, таваҷҷуҳ хонда мешуд, аммо он на ба ҳикояи ман ва на ба маҷлиси ҷанги хунини расм нигаронда шуда буд. Ӯ гӯё хушхабареро интизор буд, ки дер ё зуд, албатта, хоҳад расид. Ба маро надиданаш бовар ҳосил карда, ҳамоно сӯзанро гирифта дур шудам.

Дар хонаи сеюми хазина, ки паҳлуи гармоба аст, дар як кунҷи торик ҳадяҳои корол ва ҳокимони фарангӣ – соатҳои мураккаб ва бузургро нигоҳ медоштанд, азбаски онҳоро бисёр туҳфа мекунанду зуд вайрон мешаванд, дар ин ҷо зиёданд. Ба он ҷо даромадам ва бо диққат сӯзанеро, ки ба қавли устод Усмон бо он Беҳзод худро кӯр кардааст, аз назар гузарондам.

Сӯзани тиллои дар нӯгаш доғи сурхранги нам дошта вақте ки рӯшноии рӯз ба ҳошияҳои тиллоии соатҳои чанголуд, шишаҳои булӯрӣ ва алмосии он расид, дурахш пайдо кард. Наход устоди афсонавӣ Беҳзод бо ин чиз худро кӯр кардааст? Наход устод Усмон худи ҳозир ин

амали Беҳзодро такрор намуд? Араби ғафси мағрибии андозааш баробари ангушт аз даруни соати бузурге тарафам нигоҳ карда гӯё мегуфт: «Бале!» Ба хотир бояд овард, ки вақте ки ин соат кор мекард, одамчае, ки каллапӯши усмонӣ ба сар дошт, бо расидани ҳар соат сарашро ҳамон қадар меҷунбонд, ки ақрабаки соат нишон медод. Бо ин ҳунараш устои фарангӣ аз хонадони Габсбургҳо аҳли оилаи подшоҳи моро то чанд вақт хушҳол нигоҳ доштааст.

Дар ин ҷо бисёр китобҳои аҷоибу камёфтро дидам, ба қавли нигаҳбон, як қисми онҳо моликияти пошоҳои мақтул буданд. Онҳоро ҳамон қадар зиёд мекуштанд, ки китобашон тамомшавӣ надошт. Нигаҳбони пакана шояд аз наздик будани худ ба ин боигарӣ шердил гашта, мегуфт, ки ҳар як пошо, ки ба подшоҳамон тақлид карда, барои худ китобҳои саҳифаҳояш оби тилло давонида тайёр мекунад, сазовори қатл ва мусодираи молу амвол аст. Дар ин китобҳо, ҳатто дар мураққаъҳои муқаррарӣ тасвири Ширин, ки бо дидани расми Хусрав ба ӯ ошиқ шудааст, зиёд буданд ва ҳар дафъа, ки онҳоро медидам, дар ҷоям шах мешудам, бо диққат дурудароз нигоҳ мекардам.

Аммо ягон бор вонахӯрдам, ки чеҳраи Хусрав дар расми дар шохи дарахт овезон равшан тасвир шуда шавад. Албатта, дар ин ҳолат расм дар дохили наққошӣ бояд хеле хурд кашида шавад, аммо мо медонем, ки наққошон қобилияти дар рӯйи нохун, донаи гандум ва ҳатто дар тори мӯй кашидани расмро доштанд. Пас, чаро онҳо расми Хусравро калонтар намекашиданд, ки мо чеҳраи дилрабои ӯро бинем? Ба қароре омадам, ки баъди нисфирӯзӣ ҳатман дар ин бора аз устод Усмон хоҳам пурсид, вақте ки бо хотири парешон расмҳои мураққаъи навбатиро, ки аз наққошиҳои гуногунмавзӯъ иборат буд, аз назар мегузарондам, ногоҳ диққатамро расми дар

матоъ кашидаи корвони арӯсӣ ба худ ҷалб кард. Дар он тасвири аспро дида, тапиши дилам афзуд.

Дар пеши чашмам аспе бо ҳамон бинии аҷиб меистод. Дар болояш арӯси пурноз нишаста буду рост ба ман менигарист, гӯё асрореро кушодан мехост. Мехостам дод занам, аммо овоз ку?!

Китобро бардошта, ба ашёю сандуқҳо бархӯрда, ба ҷониби устод Усмон давидам ва бозёфтамро наздаш гузоштам. Ӯ ба расм нигоҳ кард.

Дар чеҳрааш тағйиротеро надида, сабр аз даст додам.

– Бинед бинии асп ба бинии аспи китоби язнаам пурра монанд аст, –гуфтам.

Бо пурбини дасташ ба болои асп хам шуд. Биниаш ба расм баробари чашмаш ба пурбин мерасид.

Аз хомӯшии дурудароз ба танг омада, худамро дошта натавонистам.

– Мебинед ин асп ҳарчанд бо усул ва услуби аспи китоби язнаам кашида нашудааст, –гуфтам, –аммо биниаш монанд. Наққош оламро монанди чиниҳо диданист. –Андаке ором шудам: –Як корвони арӯсист. Расми чиниҳо барин, аммо чинӣ нест, аз они худамон.

Чунон менамуд, ки пурбини устод ба расм, бинии ӯ ба пурбин ширеш шудааст. Тамоми тани ӯ: сар, китфу бозу, гарданаш ба расм майл доштанд то беҳтар бинанд. Сукути дурудароз ба миён омад.

– Бинии асп бурида шудааст, –ниҳоят гуфт ӯ вазнин нафас кашида.

Ман ҳам болои наққошӣ хам шудам ва мо рухсор ба рухсори ҳамдигар часпонда, ба бинии асп менигаристем. Дар ҳақиқат, бинии асп бурида шуда буд. Чизи дигар ҳам ҳақиқат буд: боварӣ ҳосил кардам, ки устод Усмонро барои он ки ин расмро дуруст дида тавонад, бисёр қувва сарф кардан лозим меояд.

– Оё шумо мебинед?

– Бо душворӣ, –иқрор шуд ӯ. –Гӯй, чӣ мебинӣ?

– Арӯсеро мебинам, ба назарам хеле ғамгин аст, –ба шарҳи расм сар кардам. –Дар аспи якрони биниаш бурида савор, бо ҳамроҳон ва назорати посбонҳои бегона шояд ба хонаи домод равон аст. Посбонҳо аз туркманҳои Аккойюнлу аз Моваруннаҳр, ин аз чеҳраи ҷиддӣ, риши сиёҳи бадвоҳима, абрӯвони фаромада, мӯйлабҳои дароз, ҷуссаи бузург, яктаҳҳои дарози тунук, пойафзолҳои тагчармаш борик, каллапӯшҳои пӯсти хирс, табар ва шамшерҳояшон аён аст. Аз он ки корвон шабона, бо рӯшноии шамъу машъалҳо равон аст ва арӯсро надима ҳамроҳ аст, онҳоро роҳи дурударозе дар пеш. Шояд ин зебосанам маликаи чинӣ бошад.

– Ё шояд наққош барои нишон додани зебоии духтар рӯйи ӯро сафедии бештар бахшидааст – ин дар чиниҳо маъмул буд, чашмро бошад, андак тангтар кардааст, –гуфт устод Усмон, –инак, мо фикр мекунем, ки ин расми чинидухтар аст, ҳол он ки услуб чунин буд, дар асл духтар чинӣ нест.

– Аз куҷое набошад, ҳоли духтар раҳмовар аст. Дар иҳотаи посбонҳои бегона, бераҳм шабона, дар дашт ба хонаи домоди ношинос меравад, –андешаманд гуфтам ва баъди лаҳзае якбора пурсидам:– Акнун оё аз рӯйи бинии буридаи асп қотилро муайян карда метавонем?

– Ба ман бигӯй, дар расмҳои дигари мураққаъ чиҳо тасвир шудаанд?

Акнун ба мо нигаҳбони пакана ҳамроҳ шуд – вақте ки китоб ба даст ба ҷониби устод медавидам, нигаҳбон дар зарфаки шабона нишаста, қазои ҳоҷат мекард ва инак, мо секаса наққошиҳоро тамошо доштем.

Мо зебосанамҳои чиниро дидем, ки ба ҳамон усули арӯси ғамгин кашида шудааст, онҳо дар боғе менишастанд ва удҳои шаклашон аҷибро менавохтанд. Хонаҳои чинисохт, корвонҳои дароз, дарахтони танҳои

дашт, тасвири саҳрои беканор, дарахтони пургули шохашон хамро, ки бо усули чинӣ кашида шудаанд ва дар шохҳояшон парандаҳо нишастаанд, дидем. Наққошиҳои усули хуросонии шоҳзодагонеро дидем, ки дар хаймаҳо нишаста, дар сари шаробу кабоб дар бораи шеъру ишқу муҳаббат гап мезананд, дар дигар саҳифаҳо чаҳорбоғи зебо, ҷавонони барнои савора, ки болои дасташон шоҳин ба шикор мераванд, тасвир шудаанд. Баъд ба назарам намуд, ки ногоҳ аз куҷое сояи шайтон пайдо шуд. Инак шоҳзодаи ҷавон бо гурзи гарон девро зада нобуд мекунад – шояд наққош онро барои танз офаридааст? Ё ӯ муздуронро дар либоси фарсуда тасвир карда, ба ҳолашон механдад? Ба наққош чӣ маъқул аст: ҳангоме, ки сагҳои гӯшрафтаро тасвир мекард ё вақте ки бонуҳои хандони ба он нигоҳ кардаро мекашид? Ниҳоят, шайтонро ҳам дидем. Ин махлуқи бадҷинс ба шакли девҳои бадҳайбат кашида шудааст, ҳамон тавре ки дар наққошиҳои «Шоҳнома», аммо ин ҷо наққош онҳоро бештар бадкирдор тасвир кардааст ва андак монанд ба одамон. Шайтонҳои кӯзпушти қадашон баробари одам, бо шохҳои каҷ, абрӯҳои ғафсу дароз, думи гурбаворро дида табассум кардем. Мураққаъро варақгардон мекардам ва мо шайтонҳои лучу пашмин, дандонҳояшон калону ноҳамвор, нохундароз, пӯсташон чун пиронсолон сиёҳу шахшударо медидем, ки ба ҳам дарафтодаанд, онҳо аспи калонеро дуздидаанд, ки ба худояшон қурбонӣ кунанд, медавиданд, меҷаҳиданд, шоҳзодаи ҷавонеро дуздидаанд, хазинаро ғорат мекунанд… Ба мураққаъ дасти чанд наққош расидааст, аммо пай бурдам, ки шайтонҳо ва дарвешу қаландарҳои сартосу ҷандапӯш бо занҷирҳои оҳанӣ ва каллапӯш дар даст бо ҳамон як ранги сиёҳ кашида шудаанд. Устод Усмон инро аз ман шунида, хоҳиш кард, ки монандии тасвири шайтонҳо ва дарвешҳоро ба ӯ муфассал нақл кунам.

Вақте шарҳ додам, ниҳоят гуфт:

– Буридани бинии асп, барои он ки нафаскашиаш осон шавад ва зиёд давад, анъанаи қадими муғулист. Аспҳои ҷанговарони Ҳалокухон, ки тамоми мамолики Араб, Аҷам ва Чинро ишғол карданд, чунин буданд. Вақте ки урдуи онҳо ба Бағдод ворид шуда, ҳамаро кушт, шаҳрро ғорат кард, китобҳоро ба дарё партофт, Ибни Шокир, ки хаттоти номӣ буд, баъд наққош ҳам шуд, гурехт, аммо чун ҳама на ба ҷануб, балки ба шимол – ба тарафе, ки аз он ҷо муғулҳои ваҳшӣ омада буданд, рафт. Дар он замон дар китобҳо наққошӣ намекарданд, зеро Қуръони азимушшаън кашидани расми одамон, ҳайвонотро манъ кардааст ва наққош эътиборе дар ҷомеа надошт. Шунидам, ки устод, муаллими бузурги мо (бале, ӯро устод меномам, зеро ӯ асрори касбамонро ба мо ифшо намуд, нишон дод, ки ҳамон тавре ки аз болои манора менигарӣ, оламро кашидан мумкин аст, ҳатто хатти уфуқи ба назар нонамоёнро, тамоми абрҳо, сангчаҳои хурди заминро ба усули чинӣ бо рангҳои зиндаи чашмро роҳатбахш тасвир кард), бале, ҳамин устоди бузург Ибни Шокир бори аввал ба буридани бинии аспҳои муғулӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Аммо вақте ки баъди як сол ба Самарқанд расид ва ба ороиши китобҳо оғоз намуд, дар аспҳои кашидааш чунин аспони биниашон бурида дида нашуд. Ба ҳар ҳол, дар ин бора на шунидам, на дидам. Дар тасаввури Ибни Шокир на аспҳои пурқуввати урдуи мағлубнопазири муғул, ки ӯ дар камолоти умраш дид, балки аспҳои даванди зебои арабии даврони ҷавонии хушбахтонаи умраш аз ҳама беҳтар буданд. Бинобар ин, вақте ки аспи биниаш аҷибро дар китоби Эништеи марҳум дидам, на дар бораи муғулҳо, на дар бораи Хуросон ва Самарқанд, ки ин одати муғулии буридани бинии асп он ҷо низ роиҷ буд, фикр мекардам.

Устод Усмон гоҳ ба ман, гоҳ ба китоб нигариста, ҳарф мезад. Аммо ба назарам ӯ танҳо он чизеро медид, ки тасаввур мекард, зеро аллакай қувваи биноиаш хеле кам шуда буд.

– Ба ғайр аз усули наққошии чинӣ ва анъанаи буридани бинии асп якҷоя бо муғулҳо ба кишвари Аҷам, аз онҳо ба мо шайтонҳое, ки дар ин китоб мебинем, гузаштанд. Шумо, албатта, шунидед, ки онҳо фиристодагони қувваҳои аҳриманӣ мебошанд ва ҳамаи чизҳои муҳимми мо, аз ҷумла зиндагиамонро мерабоянд ва ба қаъри замин, ба олами торикӣ ва марг мекашанд. Дар он олами зеризаминӣ ҳама ашё ҷон доранд: абр, дарахт, саг, китоб метавонанд гап зананд.

– Бале, –ба гап паканаи пир ҳамроҳ шуд. –Худованд шоҳид, баъзан вақте ки ин ҷо мемонам, мебинам, ки шабҳо на танҳо рӯҳи соатҳо, зарфҳои чинӣ, ки бе ин ҳам оҳангдоранд, балки рӯҳи аслиҳаҳо, шамшер, сипар ва кулаҳхӯдҳои хунолуд бетоқат мешаванд ва чунон ба шавқун медароянд, ки гумон мекунӣ дар ин хазинаи торик муҳорибае сар шудааст.

– Ҳамаи ин боварҳоро аз Хуросон, ба мамлакати Аҷам ва аз он ҷо ба мо, яъне, Истанбул маҳз ҳамин дарвешҳои қаландар, ки расмашонро мебинед, овардаанд, –гуфт устод Усмон. –Вақте ки лашкари султон Салим дар наздикии Чалдирон лашкари шоҳ Исмоилро шикаста, Табрез ва қасри Ҳаштбиҳиштро ғорат кард, Бадеъуззамони темурӣ ба шоҳ Исмоил хиёнат кард ва ба тарафи усмониҳо гузашт. Дар лашкари ӯ дарвешҳо ҳам паноҳ бурда буданд. Як фасли зимистони сард султон Салим аз Табрез ба Истанбул баргашта, ҳамроҳи худ на танҳо ду ҳамсари зебои шоҳ Исмоил, балки китобҳои зиёди қиматбаҳоро, ки то он вақт дар китобхонаи қасри Ҳаштбиҳишт нигаҳдорӣ мешуд, овард. Дар байни онҳо китобҳое буданд, ки аз ҳокимони пешинаи Табрез:

муғулҳо, илхониҳо, ҷалороидҳо, каракоюнлуҳо мондаанд ва он китобҳое мебошанд, ки шоҳ Исмоил ҳангоми юришҳояш ба муқобили хонҳои ӯзбеки Мовароуннаҳр, гирду атрофи Ачам, туркманҳои саҳрогард ва темуриҳо ба даст овардааст. То замоне ки аз ин ҷо подшоҳамон ва сархазинадор наронанд, ҳамрози ин китобҳо хоҳам буд.

Аммо чӣ мегуфт ӯ: назари устод Усмон чун оҷизон чизеро ифода намекард, пурбинро ӯ на барои дидан, балки аз рӯйи одат дар даст нигоҳ медошт. Андаке хомӯш мондем. Баъд устод Усмон ба нигаҳбон, ки нақли ӯро чун афсонаи ғамангез гӯш медод, фармуд, ки фалон китобро орад, барои ин чӣ тавр шаклу намуд ва муқова доштани онро зикр кард. Вақте нигаҳбон баромад, беихтиёр пурсидам:

– Пас, он аспро барои китоби язнаам кӣ кашида?

– Дар ҳар ду асп биниашон бурида шудааст. Аммо аспе, ки дар мураққаъ дидем, дар куҷое кашида нашуда бошад – хоҳ Самарқанд ва хоҳ Ироқ, ба усули чинист, аммо аспҳои зебои барои китоби Эниште кашидашуда бо усули устодони куҳани Ҳирот офарида шудааст. Чунин аспи зеборо дар табиат кам мебинӣ. Вале, он аспи муғулӣ нест, аспест, ки тибқи хоҳишу орзуи наққош офарида шудааст.

– Аммо биниҳо ҳамчун бинии аспҳои муғулӣ бурида шудаанд, –ёдовар шудам.

– Гап дар он аст, ки дусад сол пеш, баъди он ки муғулҳо нест шуданд, дар замони ҳукмронии Темур ва авлодаш, шояд яке аз устодони куҳани Ҳирот аспи аҷиби бинибуридаро кашидааст. Шояд он наққош чунин бинӣ доштани аспро дар муғулҳо дидааст ва ё дар ягон наққошии ҳамкасбонаш вохӯрда, аз он истифода менамуд. Ҳеч кас намедонад, ки барои кадом китоб, барои кадом шоҳ ин расм омода шудааст, аммо ҳаминаш аниқ аст, ки он дар дарбор ба ягон нафар – шояд ҳамсари

подшоҳ писанд омадааст ва ба ин сабаб, ин усул чанд муддат истифода шудааст. Баъдан дигар наққошон усули мазкурро писандида, ба нусхабардории он шурӯъ кардаанд. Ҳамин тавр, ин асп ва бинии буридаи вай дар наққошхонаи мазкур чун намуна, усул ба кор мерафт ва дар ҳофизаи наққошон сабт гардид. Сипас рӯзе расиду ҳокими он шаҳр аз дасти дигаре шикаст хӯрд ва наққошони он ҷо чун бонувони ҳарамсаро роҳи шаҳрҳои дигарро пеш гирифта парешон шуданд. Албатта, аксари онҳо дигар наметавонистанд аспҳои биниашон буридаро кашанд, зеро ин ба усули нав мувофиқ нест. Аммо ёфт шуданд наққошоне, ки аз он даст кашида натавонистанд ва ба шогирдонашон онро ҳамчун усули устодони куҳан пешниҳод карда омӯзондаанд. Дар натиҷа баъди чандсад соли муғулҳо шаҳру деҳоти аҷамиёну арабҳо аз нав нашъунамо карда, рассомоне пайдо шуданд, ки аспҳоро бо бинии бурида тасвир мекарданд. Боварӣ дорам, ки онҳо дар бораи аспи муғулӣ, чӣ тавр намуду шакл доштани он тасаввурот надоштанд, аммо аспи биниаш буридаро аз рӯйи анъана, тақлид ба наққошони куҳан мекашиданд.

– Устод, –гуфтам бо ҳаяҷон, –инак, усули «надима» натиҷа дод. Маълум мешавад, ҳар як рассом имзои махфии худро дорад.

– Не, рассом не, балки ҳар наққошхона дорад, –бо фахр сухани маро ислоҳ кард устод Усмон. –Ҳамчунин, на танҳо дар ҳар устохона. Дар баъзе устохонаҳо, чун дар оилаи нотинҷ ҳар як рассом аробаи худро мекашад ва намефаҳмад, ки хушбахтӣ дар ҳамоҳангист ва ҳамоҳангӣ хушбахтист. Яке чун чиниҳо кор мекунад, дигаре монанди туркманҳо, севумӣ чун шерозиҳо, чорумӣ – мисли муғулҳо… ва онҳо солҳои дароз ҳамдигарро мехоянд, баҳс мекунанд ва ҳамдигарро намефаҳманд,

монанди носозгорие, ки дар байни зану шавҳари бадбахт рӯй медиҳад.

Акнун дар чеҳраи устод Усмон ифодаи ифтихор равшан аён буд. Ба ҷойи пири фартуте, ки чанд шабонарӯз бо ӯ будам, акнун шахсе пешорӯям меистод маҳкамирода, ҷасур, якрав ва саркори устувори гурӯҳ.

– Устод, аммо шумо дар ин ҷо, дар Истанбул дар бист сол тавонистед рассомонро аз чор ақсои олам, бо хусусияту назарҳои гуногун ба ҳам ored, ба як ҳамоҳангӣ тобеъ созед ва услуби хоси усмониро ба вуҷуд ored.

Шумо мепурсед, чаро шавқу боварие, ки доштам, дар як лаҳза ба хушомад табдил ёфт? Бале, шояд мо таърифу тавсифро дӯст медорем ва аз ин рафторамон ифтихор мекунем, аммо таъриф ҳамон вақт самимона садо медиҳад, ки одами васфшаванда ҳокимият ва қудрати пешинаашро аз даст дода бошад. Дар мавриди устод Усмон ва сабаби самимона будани таърифам низ метавон чунин гуфт.

– Куҷо шуд ин пакана? –ғурунгос зад устод.

Чунин ҳарфҳои бетакаллуф ва дар омади гап танҳо аз забоне садо медиҳад, ки дар асл таърифу хушомадро дӯст медорад, аммо барои он ки онро маълум насозад, ҳамту, гӯё мавзӯи гапро дигар кардан мехоҳад. Аммо ман суст наомадам ва ба ҳамон оҳанг идома додам:

– Шумо устоди бузурги усули аҷамӣ ҳастед. Бо наққошиҳоятон оламро мунаввар кардед, иқтидор ва шарафи мамлакати усмониро нигоҳ доштед, –гуфта пичиррос задам. –Ба наққошӣ нерӯи шамшери усмонӣ, рангҳои рӯҳафзои зафар, таваҷҷуҳи мо ба ашё ва озодиеро, ки хоси ҳаёти роҳатбахши мост, ворид кардед. Устодам, шарафи аз ҳама бузург дар ҳаётам бо шумо будан, дидани корҳои афсонавии устодони куҳан аст…

Бад-ин минвол хеле зиёд ҳарф задам. Ҳамаи ин ҳолати мавҷуда, нимторикии сарди хазина, бетартибие, ки гӯё

баъди муҳориба ба миён омадааст, ба суханрониам оҳанги боварибахш мебахшид.

Акнун дар нигоҳи устод Усмон андаке аломати мағрурӣ ҳувайдо гашт – бисёр вақт оҷизон ифодаи чеҳраи худро пинҳон дошта наметавонанд. Тавсифи устодамро идома додам: баъзан бо самимияте, ки овозам меларзид, баъзан бо як кароҳате, ки нисбат ба оҷизон дорам.

Ӯ бо ангуштони сардаш аввал дасти маро ва баъдан рухсорамро навозиш кард. Чунин ба назарам намуд, ки тавассути ин ангуштон қувваю дониши пиронаи ӯ ба ман гузашт. Ба хотирам Шакура расид, ки дар хона маро интизор аст.

Лаҳзае чанд ҳар ду беҳаракат шах шуда мондем, чашмонамон ба китоби кушодаи наздамон дӯхта шуда буд, гӯё таърифҳо ва азхудравиҳо ба диламон зада, акнун зарур буд андаке ором бигирем. Як фазои ноҳинҷор ба миён омад.

– Куҷо гум шуд-а, ин пакана? –боз нидо бароварда устод.

Бовар доштам, ки нигаҳбон аз гӯшае моро наззора дорад. Чунон вонамуд кардам, ки бо чашмонам ӯро меҷӯям, аммо нигоҳам ҳамеша бо ҳайрату нигаронӣ ба чашмони устод Усмон дӯхта шуда буд. Оё дар ҳақиқат ӯ нобино шудааст ё ба ин моро ва ҳам худро бовар кунонданӣ мешавад? Охир, мегӯянд, ки дар даврони гузашта баъзе наққошони машҳури Шероз ба хотири баланд бардоштани эътибори наққошии худ дар пиронсолӣ худро оҷиз вонамуд мекардаанд.

– Мехоҳам дар ҳамин ҷо мирам, –ногаҳон аз даҳонаш баромад.

– Устоди бузургворам, –бо эҳтирос лаб ба сухан кушодам, – шуморо мефаҳмам. Дар ҳақиқат, мо дар як замони номуайяни гӯё беҳуда зиндагӣ дорем, ҳунари ҳақиқиро не, пулро қадр мекунанд, шуҳрати

ҳунармандони фарангиро аз устодони куҳани худамон боло мегузоранд. Ба шумо бовар дорам, бинобар ин, намедонам, чӣ тавр фикрамро баён созам, гиряам меояд. Аммо вазифаамон ҳимояти наққошон аз душманон аст. Бигӯед, усули надима ягон чиро муайян сохт? Аспро барои китоби язнаам кӣ кашидааст?

– Зайтун.

Ӯ инро чунон ба забон овард, ки ҳатто ҳайрон нашудам ва ӯ андак хомӯш истода, илова кард:

– Аммо бовар дорам, ки ӯ на Эништеи ту ва на Зариф-афандии бадбахтро куштааст. Аспро Зайтун кашидааст, ин аниқ, барои он ки ӯ бештар аз дигарон ба услуби устодони куҳан содиқ аст, анъанаи ҳиротиёнро аз ҳама хуб медонад, хатти хонаводагии устодони ӯ ба мактаби наққошии самарқандиён рафта мерасад. Албатта, ту ҳақ дорӣ, бипурсӣ, ки чаро мо чунин бинии буридаро дар дигар аспҳои солҳои зиёд кашидаи Зайтун пайдо накардем? Ба ту гуфта будам: баъзан дар хотири шогирд ягон майда-чуйда, ки аз насл ба насл гузаштааст, сахт ҷой мегирад, барои мисол, боли паранда чӣ тавр аст ё барг дар дарахт чӣ тавр ҷой гирифтааст. Аммо бо ягон сабаб, масалан, бо дархости подшоҳ рассом метавонад усулашро дигар кунад. Аз ин мебарояд, ки бо шогирди азизам Зайтун ҳам ҳамин ҳолат рӯй додааст: чунин кашидани расми аспро дар бачагӣ, вақте ки дар назди устодони аҷамӣ мехонд, омӯхт ва онро фаромӯш накард. Худованди бузург моро имтиҳони сахт кард – роҳ дод, ки ин асп ба китоби Эништеи камакл ворид гардад. Магар устодони куҳани Ҳирот барои мо намунаи тақлид набуданд? Масалан, наққоши ҳиндӣ бо мақсади кашидани расми бонуи зебо, албатта, пеши назар симои духтари чиниро меорад – зеро, расм чунин аст. Ба ин монанд мо ҳам вақте дар бораи наққошии олӣ фикр мекунем, эҷоди наққошони бузурги гузаштаи Ҳиротро

пеши назар меорем. Ҳамин тавр нест? Ҳамаи наққошони бузург ба мероси устодони бузурги Ҳирот такя мекунанд ва онро ба асос мегиранд, аммо ин мактаби Ҳирот вуҷуд надошт – агар лашкари муғул ва чинӣ намебуд, зеро онҳо бо худ ин усулро оварданд. Акнун он чиз моро ба ҳайрат меорад, Зайтунро, ки идомадиҳандаи содиқи услуби ҳиротист, чӣ зарур буд, ки Зариф-афандиро, ки ба услуби куҳна аз ӯ бештар моил аст, бикушад?

– Пас, кӣ? –пурсидам ман. –Парвона?

– На, Лаклак! –ҷавоб дод ӯ. –Инро ба ман дил мегӯяд. Медонам рағбати сахти ӯ, коршоямии бебадали ӯро. Аз рӯйи гумон, Зариф-афандии бадбахт, ки тазҳиби китоби Эништеи туро ба зимма дошт, дар масъалаи тақлид ба устодони фарангӣ аломати бехудоӣ, бидъат ва нобоваро дида тарсид. Зеро Эниште усули фарангиёнро қабул намуд. Аз як тараф, Зариф-афандӣ чунон аҳмақ буд, ки ба варсоқиҳои беҳудаи воизи эрзурумӣ бовар кард (бароят бигӯям, ки устодони касби тазҳибгарӣ назар ба дигар рассомон ба Худованд наздиктаранд, аммо онҳо аксаран, нодон ва тангназаранд), аз тарафи дигар, медонист, ки китобе, ки Эништеи ту омода мекунад, махфӣ ва барои подшоҳамон муҳим ба ҳисоб меравад. Дар натиҷа, ба тарсу ҳарос афтид: ба кӣ бовар кунад –ба подшоҳамон ё воизи эрзурумӣ? Дар ҳолатҳои дигар вай оид ба шубҳаву гумонҳои худ ба ман, устоди худ муроҷиат мекард. Аммо ӯ бо ҳамон мағзи мурғонааш фаҳмид, ки ӯ бо коре, ки барои китоби Эништеи аҳмақ дар тақлид ба услуби устодони фарангӣ мекунад, ба обрӯйи ман ва мактаби мо иснод овардааст, аз ин рӯ, ба ман дар ин бора гап назад. Ва каси дигареро ҷуст, ки дилашро холӣ намояд, бинобар ин, Лаклаки ҳиллагар ва хасисро интихоб кард; зеро ба истеъдоди Лаклак қоил шуда буд ва гумон дошт, ки ин бартариаш дар шахсияти ӯ ҳам ҷой дорад. Борҳо дидаам,

ки Лаклак аз эҳтироми Зариф-афандӣ ба истеъдоди худ сӯйиистифода мекард. Аммо дар ҳамин ҷо байни онҳо баҳс шурӯъ шуд, намедонам, маҳз барои чӣ Лаклак Зариф-афандиро кушт. Шояд Зариф-афандии марҳум аз ин пештар аз ҳароси худ ба одамони воизи эрзурумӣ нақл кардааст ва онҳо ба он мулоҳиза, ки ба марги ҳаммаслакашон Эниште-афандии тарафдори усули фарангиён айбдор аст, бо ӯ ҳисоби худро баробар карданд. Гуфта наметавонам, ки аз ҳодисаи рӯйдода сахт маҳзунам. Чандин сол пеш ин Эниште дар ҳаққам ноадолатӣ кард. Ӯ подшоҳамонро водор сохт, ки бо усули фарангиҳо, ки портрет ном дорад, расми як наққоши румиро, ки ба назарам, Себастиано ном дошт, нусхабардорӣ намоем, баъд бо маслиҳати боз ҳамин Эниште иҷрои ин кори нолоиқ ва пасткунандаи шаъну эътибори инсониро ба ман супориданд. Фармон дод, ки нусхаи он расмро тайёр кунам. Аз тарс дар назди подшоҳамон ин кореро, ки шарафи як муъминро паст мезанад, иҷро кардам. Агар чунин ҳолат намебуд, аз марги Энитштеи ту таассуф мехӯрдам ва барои ёфтани қотили номарди ӯ аз имрӯза бештар кӯшиш мекардам. Ташвишам имрӯз аз боиси Энитштеи ту нест, балки аз наққошхонаам, мактабам аст. Аз боиси Энитштеи ту рассомонам, ки солҳои тӯлонӣ тарбият кардам ва ҳар яке аз онҳоро чун фарзандам дӯст медорам, маро ва ҳамаи анъанаҳои мактаби рассомии моро фурӯхтанд, онҳо бо як шавқ устодони фарангиро тақлид карданд, зеро, ҳамон тавре мебинем, инро подшоҳамон хостааст. Онҳо бевиҷдон ва сазовори шиканҷаанд! Мо - наққошон, ҳамон вақт биҳиштро сазовор мешавем, ки дар навбати аввал на ба подшоҳ, балки ба ҳунару касби худ, ба истеъдоди худододи худ хизмат кунем. Акнун маро гузоред, мехоҳам ба танҳоӣ ин китобро тамошо кунам.

Ҳарфҳои охиринашро устод Усмон бо ғаму дард баён кард. Ин ба он монанд буд, ки ба пошое барои мағлубият дар ҷанг пеш аз қатлаш сухан доданд. Баъд ӯ китоберо кушод, ки нигаҳбон дар наздаш гузошта буд ва бо оҳанги қаҳролуд кушодани саҳифаи даркориро фаҳмонд. Ҳамин ки чеҳрааш озурда мешуд, ӯро дар симои пешинаи ба ман шиноси устоди наққошхонаамон медидам.

Дур шудам, дар кунҷаки байни ҷевонҳо, болиштакҳои бо марворид дӯхташуда, аслиҳаҳои зангзадае, ки бо сангҳои қиматбаҳо хотамкорӣ шудааст, пинҳон гаштам ва ба наззораи устод Усмон сар кардам. Маро ҳангоми шунидани ҳарфҳои ӯ шубҳаву гумонҳои даҳшатнок фаро гирифт. Он чиз имконпазир менамуд, ки ҳам куштори Зариф-афандӣ ва ҳам Эништеро устод Усмон ташкил кардааст. Ба ин васила кори омода кардани китоб аз тарафи подшоҳро боздошта метавонист. Ин гумон чунон ба бовар табдил ёфт, ки эҳсоси шавқу завқи нисбат ба ӯ доштаам тамоман аз байн рафт. Бо вуҷуди ин, эҳтироми зиёде, ки нисбат ба ин устоди бузурги нобино ё хирачашм, ки диққаташро пурра ба наққошии дар наздаш буда равона кардааст, доштам, кам нашуд, устод гӯё на бо чашмони бенур, балки бо тамоми вуҷуди ботиниву зоҳирӣ ба расм дода шудааст. Шубҳае дар дилам намонд, ки ӯ бо мақсади нигоҳ доштани анъана, сабку усул ва тартиби наққошхона, баромадан аз баҳри китоби язнаам, боз ба шахси наздики подшоҳамон табдил ёфтан омодааст на танҳо ҳар кадом шогирди дӯстдоштааш, балки маро ҳам ба дасти ҷаллодон супорад. Ин маъниро бештар дарк карда, бо тамоми вуҷуд сайъ мекардам, муҳаббати дар ин ду рӯз нисбат ба ӯ пайдошударо аз дилам берун кунам.

Вақти зиёд гузашт. Андешаҳо сарамро тамоман гиҷ карданд. Бо мақсади хомӯш кардани такопӯйи шайтон ва паст кардани оташи шубҳаву гумон ба кори аз сандуқҳо

баровардани китобҳо ва варақ задани онҳо барои ёфтани нақққошиҳо сар кардам. Ба ин муддати зиёд сарф шуд.

Аз ҷумла, ангушт ба даҳон тасвир кардани одамон – хоҳ марду хоҳ зан таваҷҷуҳи маро бедор кард. Дар дусад соли охир ин усул дар ҳамаи нақққошхонаҳои Самарқанду Бағдод бо мақсади ифодаи ҳайрат истифода шудааст. Масалан, киштибону ёвараш ба Кайхусрав ва ҳамроҳони ӯ, ки аз таъқиби душман мегурехтанд, бо ҳайрат – ангушт ба даҳон гузошта нигоҳ мекарданд, ки чӣ тавр онҳо бо мадади Худованд бе ҳеч душворӣ бо аспҳои сиёҳмушкинашон дарёро убур мекунанд, ҳол он ки онҳо ба ӯ ёрӣ надода буданд. Хусрав ангушт бар даҳон аз ҳусну ҷамоли Ширин ба ҳайрат афтодааст, пӯсти тани Ширин монанди маҳтоб буд ва оби кӯле, ки дар он оббозӣ мекард, дар пеши он тира менамуд. Диққати маро бештар он саҳнаҳое ҷалб мекард, ки аз айвонҳои қаср бонуҳои хушандом ба берун нигариста, аз чизе ба тааҷҷуб афтода, ангушт ба даҳон кардаанд. Тежави аз эрониҳо мағлубшуда аз майдони ҳарб рӯ ба гурез буд ва ҳамсари зебояш Эспиней аз тирезаи ҳарамсаро бо ҳайрату ғаму дард менигарист ва бо нигоҳ гӯё аз ӯ илтиҷо мекард: «Маро ба душманон нагузор!» Зулайхое, ки Юсуфро ба туҳмат гирифтор кардааст, бо ангушт дар даҳон чӣ тавр ба маҳбас бурдани ӯро менигарист ва ин ҳаракати ӯ на танҳо ҳайрат, балки муҳаббат ва нозу истиғноро ифода мекард. Дар чаҳорбоғи зебои биҳиштосо ошиқон дар баҳри ишқу шароб ғӯтаваранд, дар гӯшае надима наззора дошт ва албатта, ангушти ба лабони сурхаш гузоштаи ӯ на аз ҳайрат, балки аз рашку ҳасад буд. Бинед, чӣ қадар маъниҳо дорад як ангушти ба лаб гузошта!

Ҳарчанд тасвири ин ҳаракат дар дафтарчаи кории ҳар нақққош сабт гардида, дар хотирааш умрбод нақш бастааст, бояд гуфт, ки ҳар як духтари зебо дар ин

наққошиҳо ангуштро ба лаб ба тарзи худ гузоштааст, ҳар яке аз дигарӣ фарқ дорад.

Оё ин тамошои наққошиҳо ва ғӯтавар шудан ба баҳри маъонии онҳо одамро метавонад осуда гардонад? Ин аст, ки вақте торикӣ мефаромад, ба назди устод Усмон рафта гуфтам:

– Устод-афандӣ, вақте дарро мекушоянд, бо ризояти шумо мехоҳам биравам.

– Ҳамин тавр гӯй! Охир, мо дар ихтиёр боз як шабу як рӯз дорем. Магар чашмони ту аз тамошои расмҳои зебо, ки дар тамоми давраи таърих офарида шудаанд, сер гаштанд?

Инро мегуфту аз китоби дар пешаш буда чашм намеканд, ранги торафт сафедгаштаи чашмонаш аз он гувоҳӣ медод, ки ӯ оҳиста-оҳиста нобино мешавад.

– Мо, охир, асрори бинии аспро муайян кардем, – гуфтам бо ҷасорат.

– Бале! –ҷавоб дод ӯ. –Боқимонда кори подшоҳамон ва сархазинадор. Шояд онҳо ҳамаи моро мебахшанд.

Оё ӯ Лаклакро қотил ном мегирад? Аз тарс ҳатто дар ин бора аз ӯ суол накардам. Метарсидам, ки ӯ ба ман иҷозати рафтан намедиҳад. Ва ҳатто ба сарам хаёле омад, ки ӯ метавонад маро ҳам айбдор созад.

– Сӯзане, ки бо он Беҳзод чашми худро кӯр кардааст, нест, –ногоҳ хабар дод ӯ.

– Шояд пакана онро ба ҷояш гузошт, – гумонамро баён кардам, –вақте ки ҳангоми намози шом дарро мекушоданд... Расме, ки шумо мебинед, чӣ қадар зебост!

Чеҳраи устод мисли кӯдакон кушода гашт, дар лабонаш табассум гул кард.

– Ин Хусрав аст, ки аспсавор ба назди тирезаи қасри Ширин омадааст, умедвори он аст, ки дӯстдоштааш аз тиреза менигарад. Бо усули устодони куҳани Ҳирот.

Устод Усмон саҳифаҳоро чун пешина гӯё, ки медида бошад, назар мекард. Аммо дар дасташ пурбин набуд.

– Бубин, баргҳои дарахтон чӣ тавр нозук ва зариф кашида шудаанд, чунон менамояд, ки аз дарунаш нуре мебарояд, гӯё онҳо барг не, ситораҳо ё гулҳои баҳориянд. Ба нақшу нигори деворҳо, мувофиқати рангу тилло дар қисматҳои хурди он диққат кун. Дидӣ? Барои инро дидан на танҳо чашми сар, балки чашми дил даркор! Аспи Хусравро нигар – чун бонуи зебо бовиқор ва нозук ва дар як вақт пурқувват аст. Ширин аз тиреза хам мешавад, аммо дар чашмонаш ҷасорату далерӣ ҳувайдост. Инро ҳам мушоҳида кардӣ? Туро намедонам, аммо ман ҳамаи ин ҷузъиётро баръало мебинам. Ин нақшиҳо дар худ маънии ботинӣ доранд. Чизи дигарро ҳам мушоҳида кардӣ, ошиқон ба ҳамдигар менигаранд, аммо баданашон ба нима тарафи бинанда тоб хӯрдааст. Онҳо ҳис мекунанд, ки мо онҳоро мебинем. Онҳо одамони муқаррарӣ нестанд, балки аз дидгоҳи Худованданд. Дар ин расм вақт сокит аст. Ҳарчанд дар он ҳодисаҳо тасвир шудаанд, лаҳзаи мазкур абадист, онҳо чун қаҳрамонҳои боадаб сокинанд. Чун онҳо олам низ дар оромист. Нигар ба ин паранда! Вай дар як вақт дар байни абрҳои осмон пар мезанад, ҳаракат мекунад, дилаш чун қалби ошиқон дар тапиш аст, мо набзи қалбашро мешунавем, баробари ин, дар само сокин аст. Устодони куҳани Ҳирот медонистанд, ки агар аз фарорасии торикии махмалии атои Худованд огоҳӣ ёфта, чанд рӯз ё ҳатто ҳафта ба чунин нақшии бемислу монанд нигоҳ кунӣ, рӯҳат бо замони беинтиҳо як хоҳад шуд.

Баъди он ки пас аз намози шом бо ҳамон тартиби муайян дар шоҳидии одамони зиёд дарвозаи хазинаро кушоданд, чашмони устод Усмон ҳоло ҳам ба он нақшӣ, ба он парандае, ки дар ҳаво пар мезад, дӯхта шуда буд. Аммо акнун пардаи чашмонаш тамоман сафед

гаштаанд ва ба саҳифаи китоб ба таври аҷиб менигарист– монои шахсе, ки ғайримуқаррарӣ чумчаро ба коса бурда истодаасту шумо мефаҳмед, ки ин одам оҷиз аст.

Посбонҳо баъди он ки аз Ҷезмӣ-оғо фаҳмиданд, устод Усмон корро идома медиҳад ва вай бо устод дар хазина хоҳанд монд, маро сахт кофтукоф накарданд ва сӯзанеро, ки ман ба либоси таҳпӯшам зада будам, наёфтанд. Аз қаср баромада, зуд ба тангкӯчае даромадам ва ин ашёи даҳшатнокро, ки дар вақташ бо он Беҳзоди афсонавӣ худро кӯр кардааст, баровардам ва ба миёнбандам халидам ва қариб ки давон сӯйи хона рафтам.

Дар хазина чунон хунук хӯрда будам, ки акнун ба гумонам, дар Истанбул ҳавои гарми баҳор ҳукмфармо буд. Ҳангоми убур аз бозори Эскихон, ки оҳиста-оҳиста дӯконҳои атторӣ, сабзавотфурӯшӣ, газворҳо, сартарошӣ, анбори чӯб баста мешуданд, гоҳо лаҳзае меистодам ва ба бандчаи сабзӣ, зарфҳои гуногун, матоъ, ки дурахши офтобро дар худ нигоҳ доштааст, назар медӯхтам.

Кӯчаи шавҳари холаам (то ба ин вақт онро кӯчаи худамон, ё ҳатто кӯчаи Шакура гуфта наметавонам) баъди ин ду рӯз бештар бегона метофт. Бо вуҷуди ин, аз он хурсанд будам, ки зиндаю саломат ба назди Шакура бармегардам ва аз он изҳори шодӣ доштам, ки имшаб бо ӯ дар як болин сар мемонам, охир, қотил гуфтан мумкин аст, ошкор шуд. Бинобар ин, ҳоло дар назди дарахти анор ба тирезачаи ба қарибӣ таъмиршуда нигоҳ карда, монанди он деҳқононе, ки аз ду тарафи саҳро ё дарё бо ҳам дод зада гап мезананд, қариб фарёд баровардам. Аммо худамро нигоҳ доштам, зеро мехостам ҳарфи якуме, ки Шакура мефаҳмад, бояд «Қотилро ёфтем!» бошад.

Ба хона даромадам. Шояд аз садои пасти дарича, ё аз фориғболона аз сатили назди чоҳ об хӯрдани чумчуққо, шояд аз чизҳои дигаре, ки намедонам, аммо бо ҳисси

шадиди шоммаи одаме, ки дувоздаҳ сол зиндагии танҳо дошт, фаҳмидам, ки дар хона касе нест. Вақте одам бо ғаму дард мефаҳмад, ки тамоман танҳост, боз аз барои чӣ бошад, дарҳо, ҷевонҳо, сандуққҳо… ҳама ҷоро мекобад. Ман ҳам ба ин ҳол, ҳатто ба даруни дег нигаристам.

Тамоми ин муддат фақат як садоро мешунидам – таппиши дили худро, ки дар хомӯшии хонаҳо акси садо медод. Вақте ки тамоми хонаҳоро аз назар гузарондам, аз таги сандуқи аз ҳама поён шамшери пинҳонкардаамро баровардам, ба миён хастам ва худамро ором ҳис кардам. Бале, қувваи мард дар шамшеру корду шамшер аст. Тамоми муддате, ки бо қаламу коғаз зиндагиамро таъмин менамудам, ин шамшер бо дастаи оҷинаш маро оромию тоқат мебахшид, албатта, оромии рӯҳию равонӣ, ҳатто вақти роҳ рафтан ҳам. Аммо агар дар бобати китоб пурсед, он ғамафзост, аммо барои чӣ бошад, ки мегӯянд одамро оромӣ мебахшад.

Рӯйи ҳавлӣ баромадам. Чумчуқи ягона парид. Чуноне ки киштии ғарқшударо тарк мекунанд, хонаи торику хомӯшро гузошта, берун баромадам.

Бидав, мегуфт дилам, бештар қувват пайдо карда, бидав, онҳоро биёб. Давидам, ғайри ҷойҳои серодам ва ҳавлии масҷидҳо, ки барои роҳамро кӯтоҳ кардан медаромадам, он ҷо ночор қадамамро суст мекардам; баъзан аз қафоям ҳамон қадар сагҳои ба шавқ омада медавиданд, ки боз давиданамро суст кардан лозим меомад.

53. Номи ман Эстер аст

Барои хӯроки шом бо наск шӯрбо мепухтам, ки «Паси дар касе ҳаст», – гуфта Насим хабар дод. «Ба шӯрбо нигоҳ кун», –гуфта, ба дасташ чумчаро додаму дастони пиронаашро ба дастам гирифта, ду бор таги

дегро чархонда, чӣ тавр кофтанашро фаҳмондам. Агар нишон надиҳам, чумчаро болои деги шӯрбо беҳаракат дошта, соатҳо меистад.

Дар остона Кararо дида, дилам сӯхт. Дар чеҳрааш аломате буд, ки кас аз пурсидан истиҳола мекунад.

– Ту ин ҷо нигоҳ кун, –гуфтам, –ҳозир либос пӯшида мебароям?

Либосҳои зарду сурхеро, ки рӯзҳои иди Рамазон, дар нишастҳои хонаҳои сарватмандон ва маъракаҳои калони арӯсӣ мепӯшам, ба бар карда, буғчаи идонаро гирифтам ва ба Насими бечора гуфтам:

– Шӯрборо биёям, мехӯрем.

Чун аз рӯйи деги фақирон аз мӯриҳои хонаҳои маҳаллаи яҳудиён ба душворӣ оҳиста-оҳиста дуд мебаромад, бо Кара як кӯчаро паси сар кардем, ки:

– Мегӯянд, шавҳари собиқи Шакура аз ҷанг баргаштааст, –гуфтам.

То аз маҳалла баромадан Кара хомӯш буд. Рӯяш дар нимторикии шом ранги хокистарро дошт.

– Онҳо куҷоянд? –баъди хеле пурсид.

Фаҳмидам, ки Шакура ва кӯдаконашон дар хона нестанд.

– Дар хонаанд, –ҷавоб додам. Чунон баромад, ки хонаи собиқи Шакурaро дар назар дорам, фаҳмидам, ки бо ин дили Кararо захмдор кардам, бинобар ин, бо умеде илова кардам: –Шояд.

– Ту аз ҷанг баргаштани шавҳарашро дидӣ? –гуфта пурсид ба чашмонам нигоҳ карда.

– На ӯро дидам, на хонаро тарк кардани Шакурaро.

– Хонаро тарк карданашро аз куҷо фаҳмидӣ?

– Ба ту нигоҳ карда.

– Ба ман ҳамаашро гӯй,–қатъӣ талаб кард.

Аммо ман набояд ҳама чизро нақл кунам, вагарна он Эстере наям, ки ин қадар духтаракони орзумандро

шавҳар додам ва бе пушт-пушт дари ҳар хонаи бадбахтро тақ-тақ мезанам, Каро дар ҳолате қарор дошт, ки ба гумон аст маро фаҳмад.

– Бародари шавҳари Шакура Ҳасан ба хонаи шумо даромада, –сар кардам ва пай бурдам, ки «хонаи шумо» гуфтанам писандаш омад, –ба Шавкат гуфт, ки падарат аз ҷанг меояд, баъди нисфирӯзӣ ба хона мерасад ва бисёр хафа мешавад агар бинад, ки ҳамсарашу фарзандонаш дар хона нестанд. Шавкат ба модараш баргаштани падарашро хабар дода, баъди пешин худаш аз хона гурехта, ба назди амакаш Ҳасан ва бобояш рафт. Шакура бошад, эҳтиёткорона рафтор кард, ба як қарор омада наметавонист..

– Ҳамаи инро аз куҷо медонӣ?

– Шакура ба ту нагуфтааст, ду соли охир Ҳасан барои ба хонаи пештарааш баргардондани ӯ тамоми чораҳоро меандешид? Як муддат мактубҳояшро ба Шакура мебурдам.

– Шакура ба ӯ ҷавоб менавишт?

– Чӣ қадар бонуҳои истанбулиро мешиносам, –гуфтам боғурур. –Аммо монанди Шакура касеро надидаам, ки ба оила, шавҳар, номус чунин содиқ бошад.

– Аммо ҳоло шавҳараш ман.

Дар ҳарфҳояш ҳузни хоси мардҳои ба худ нобоварро эҳсос кардам. Бале, Шакура тарафи касе тоб хӯрад, дили дигареро мешиканад.

– Ҳасан дар номаи дигараш, ки бо дасти ман фиристод, навиштааст, ки Шавкат ба хона баргашт, то омадани падарашро интизор шавад, бо шавҳари нави ғайриқонунии модараш дар як хона зиста наметавонад, дигар барнамегардад.

– Шакура чӣ кор кард?

– Тамоми шаб бо Орҳани бечора туро нигарон буд.

– Ҳурия?

– Ҳурия ҳамеша роҳи талх кардани зиндагии ҳамсари зебои туро мечуст. Бо ин мақсад ба рахти хоби раҳматӣ Эниште медаромад. Он шаб аз тарси қотил, хаёлот танҳо мондани Шакураро дониста, Ҳасан бо дасти ман ба Шакура боз як нома фиристод.

– Чӣ навиштааст?

– Шукри Худованд, бечораи Эстер на хонда метавонад на навишта, аммо вақте ки ҷанобони бадқаҳр, падарони асабӣ чунин саволро ба ӯ медиҳанд, мегӯяд: «Ман хат хонда наметавонам, аммо аз чеҳраи духтари зебои мактубгирифта мехонам, ки чӣ навишта шудааст».

– Чӣ хондӣ?

– Бечорагӣ.

Дурудароз ҳарфе назадем. Болои боми калисои хурди румӣ чуғзи пире интизори шаб буд. Медидам, ки ба қиёфа ва буғчаам бачаҳои фискашоли маҳалла механданд. Медидам, ки саги дайдуе аз фарорасии шаб шод шуда, аз байни сарвҳои мазор худашро хорида-хорида ба кӯча мебарояд.

– Оҳистатар! –фарёд кардам ба Кара баъди хеле вақт. – Ту барин ба ин баландӣ дав-давон баромада наметавонам. Дар дастам буғча, маро ба куҷо мебарӣ?

– Пеш аз он ки маро ба хонаи Ҳасан барӣ, барои он ки бори буғчаат сабук шавад, туро ба назди ҷавонмардоне[132] мебарам, ки барои маъшуқаҳои пинҳониашон рӯймолҳои гулдор, миёнбандҳои махмалии гулдӯзӣ ва ҳамёнҳои зардӯзӣ мехаранд.

Албатта, хуб буд, ки дар чунин ҳоли хароб Кара қобилияти шӯхӣ карданро аз даст надодааст, аммо баробари ин дарк кардам, ки ҳарфҳояш ҷиддист.

---

[132] *Ҷавонмард* – дар асли туркӣ низ чунин аст.

– Агар лашкар ҷамъ мекунӣ, хонаи Ҳасанро нишон намедиҳам, –гуфтам. –Аз занозанӣ ва баҳсу мунозира метарсам.

– Агар мисли ҳамеша боақл бошӣ, на занозанӣ мешавад, на баҳсу мунозира.

Аз канори Оқсарой гузашта, ба роҳе, ки тарафи бӯстонҳои Ланга мебарад, баромадем. Аз он ҷо ба баландӣ баромада, ба маҳаллаи як вақтҳо обод расидем, Кара ба сартарошхонае, ки то ҳол боз буд, даромад. Медидам, ки чӣ тавр бачаяке рухсораш тоза ва дастонаш зебо бо чароғ рӯшноӣ мекарду Кара бо устои сартароши машғули кор суҳбат дошт. Вақти зиёд нагузашта, ба мо устои сартарош, бачаи зебои шогирдаш, ду одами дигар аз Оксарой ҳамроҳ шуданд. Дар дастонашон шамшер ва табар. Дар яке аз тангкӯчаҳои торики Шоҳзодабошӣ ба мо як ҷавони шинос ҳамроҳ шуд, ки шамшер дошт, дар дасти ӯ будани шамшер маро ба ҳайрат оварда.

– Дар рӯзи равшан дар мобайни шаҳр шумо ба хонае ҳуҷум карданиед? –пурсидам.

– Рӯзи равшан не, шаб, –шӯхӣ кард бо мамнуният Кара.

– Лашкар ҷамъ кардам гуфта, ин қадар ба қувваатон ғарра нашавед, –маслиҳат додам. –Боз шуморо яничарҳо дида намонанд.

– Ҳеч кас намебинад.

–Дишаб одамони эрзурумӣ аввал ба як майхона, баъд дар Сайиркаппа ба тоқи дарвешони Ҷераҳӣ ҳуҷум карда, ҳамаро зери мушту лагад гирифтанд. Мӯйсафеде ба сараш калтак хӯрда мурд. Дар ин торикӣ шуморо ба ҷойи онҳо меҳисобанд.

– Хуб аст, ки ба хонаи раҳматӣ Зариф-афандӣ рафтӣ, бо бевааш, Худованд аз ӯ розӣ бошад, суҳбат кардӣ, расми дар об намкашидаи аспро дар он ҷо дидӣ ва ба

Шакура хабар додӣ. Бигӯй, Зариф-афандӣ то чӣ андоза бо одамони воизи эрзурумӣ қаробат дошт?

– Кӯшишам барои он буд, ки ба Шакураи бечора бо ягон роҳ ёрӣ диҳам, –гуфтам. –Аслан ба он ҷо барои нишон додани матоъҳое, ки ба қарибӣ бо киштӣ аз Ҳоланд овардаанд, рафтам. Магар ақли мани яҳудии бечора ба фаҳми корҳои шариатӣ ва сиёсии шумо мерасад?

– Хонуми Эстер, ту бонуи бисёр боақл ҳастӣ.

– Гӯш кун, ба ту чӣ мегӯям: Ин одамони воизи эрзурумӣ рӯз ба рӯз ғазаболуд гашта, сари бисёр касонро мехӯранд, ҳушёр шавед аз онҳо.

Вақте ки ба кӯчае, ки дар он ҷо Ҳасан зиндагӣ мекард, расидем, дилам аз тарс ба тапиш даромад. Шоҳҳои лучи дарахтони булут ва тут дар нури хираи маҳтоб медурахшиданд. Шамоли ҷину аҷина наҳҳои овезони буғчаи маро меларзонд, шоҳҳои дарахтонро метаконд ва бӯйи моро ба машоми сагҳои атроф мерасонд ва онҳо бо тамоми овоз ба аккосзанӣ даромаданд. Ин вақт хонаи Ҳасанро ба Кара нишон додам. Хомӯш ба бому дари торик нигариста андаке сабр кардем. Кара одамонашро дар атрофи хона, боғчаи холӣ, ду тарафи дарвозаи ҳавлӣ ва дар паси дарахти анҷир ҷобаҷо кард.

– Дар он тараф як тотори разил мешинад, –гуфтам. – Кӯр, аммо ба кӯча кӣ омаданашро аз мухтор (саробони гузар) беҳтар медонад. Чун маймунҳои бешарми боғи подшоҳ дасташ ба хиштаки эзораш. Ба дасташ ҳашт-даҳ акча гузорӣ, ҳама чизро мегӯяд.

Аз дур ба дасташ пул ва баъд ба гулӯяш шамшер мондани Кararo дидам. Баъд чӣ шуд, намедонам, шогирди сартарош, ки то ин вақт ба назарам хонаро наззора мекард, бо дастаи табар ба сару рӯйи гадо мезад. Фикр кардам бас мекунад, аммо фиғони тотор баландтар

мешуд. Давидам то накушандаш, аз дасташон раҳо додам.

– Модарамро ҳақорат кард,–худро сафед кард ҷавон.

– Мегӯяд, ки Ҳасан дар хона нест,–гуфт Кара. –Магар ба ӯ бовар карда мешавад?! –Ба дастам мактуберо, ки тез навишта буд, дод: –Гир, ба хонаашон бар, агар Ҳасан набошад, ба падараш бидеҳ.

– Ба Шакура ҳеч чиз нанавиштӣ? –пурсидам хатчаро гирифта.

– Ба ӯ хати алоҳида нависам, мардҳои хонаро ба ғазаб меорам, –гуфт Кара. –Ба ӯ гӯй, ки қотили падарашро ёфтам.

– Рост?

– Кори ту гуфтан.

Ба тотори ҳоло ҳам гирён дод задам, ки дамашро гирад.

– Ёрӣ додани маро фаромӯш накун, –гуфтам. Медонистам, ки ин гапро аз тарси ба он хона рафтан ба забон овардам.

Ба ин кор чаро бинӣ халондам? Шунида будам, ки дар Эдирнекаппи ду сол пеш як занаки савдогари дарбадарро аввал гӯшашро буриданд, баъд куштанд, барои он ки сохтани арӯсии духтареро бо марде ваъда додааст, аммо волидони духтар розӣ нашуда, ӯро ба каси дигар додаанд. Бибиам мегуфт, ки туркҳо баъзан одамро бесабаб ҳам мекушанд. Дар пеши чашмам Насимҷонам, ки дар хона, сари деги шӯрбои наск хӯрок нахӯрда, рост истодааст, ҳувайдо гашт. Пойҳоямро базӯр бардошта, ба андешаи он ки он ҷо Шакура ҳам ҳаст, сӯйи хона равон шудам. Маро ҳисси кунҷкобӣ фаро гирифта буд.

– Барои либоси идона матои абрешимии чинӣ!

Нури зардчаи роғи дар ба ларзиш даромад. Дар кушода шуд. Падари Ҳасан бо назокати хос ба дарун даъват кард. Хона чун манзили сарватмандон гарм буд.

Дар рӯшноии чароғ Шакура ва бачагонаш дар гирди суфра нишаста буданд, Шакура маро дида, ба по хест.

– Шакура, –гуфтам, –шавҳарат омад.

– Кадомаш?

– Наваш, –гуфтам. –Бо одамони мусаллаҳ хонаро иҳота кардааст. Бо Ҳасан ҷанг карданӣ.

– Ҳасан дар хона нест, –гуфт падарарӯс боодобона.

– Хуб аст, –гуфтам. –Инро гирифта хон, –чун сафири мағрури подшоҳ, ки ба душманонаш иродаи муҳимми ӯро мерасонад, мактуби Кararo додам.

Вақти мактубхонии падарарӯси боодоб:

– Эстер, –гуфт Шакура, –биё, ба ту шӯрбои наск диҳам, гарм мешавӣ.

– Нағз намебинам, –ғурунгос задам. Дар ин хона худро хӯҷаин ҳис кардани ӯ аз таги дилам набуд. Аммо баъд дарк намудам, ки ӯ бо ман ба танҳоӣ суҳбат карданист, чумчаро бардошта, аз паяш рафтам.

– Ба ҳамааш Шавкат сабабгор, ба Кара бигӯй, –пичиррос зад. –Ману Орҳан дирӯз тамоми шабро аз қотил тарсидаву ларзида гузарондем, Кararo интизор будем. Орҳан тамоми шаб ларзида баромад. Бачагонам пароканда шуданд. Кадом модар аз кӯдаконаш ҷудо шудан мехоҳад?! Кара ба хона наомаду ба мо хабар расонданд, ки шиканҷагарони подшоҳамон ӯро ба гап даровардаанд, гӯё дар куштани падарам даст доштанашро иқрор шудааст.

– Магар ӯ ҳангоми қатли падарат ҳамроҳи ту набуд?

– Эстер, –гуфт зебосанам бо чашмони шаҳлои калон кушодааш ба ман нигариста. –Чӣ кор кунам, ба ман ёрӣ расон.

– Чаро ба ин ҷо омадӣ, бигӯй, фаҳмам, шояд ёрӣ мерасонам.

– Аз куҷо медонам? –гуфт, лаҳзае чунон намуд, ки ҳозир мегиряд. –Кара бо Шавкат муомилаи хуб надошт, –

илова кард. –Вақте Ҳасан ба бачаҳо гуфт, ки падари ҳақиқиашон омадааст, ба ӯ бовар кардам.

Аммо аз чашмонаш дурӯғгӯйиашро фаҳмидам ва ӯ ҳам инро дарк кард. –Ба Ҳасан бовар кардам, – гуфта аз нав пичиррос зад ва ҳис кардам, ки бо ин фаҳмонданист, ки Ҳасанро ҳам дӯст медорад. Аммо оё Шакура медонад, ки бо сабаби ба Кара ба шавҳар баромаданаш дар бораи Ҳасан зиёд фикр мекардагӣ шудааст?

Дар кушода шуд ва Ҳурия дар даст нони гарми хушбӯй даромад. Маро дида, ҳатто хаёли табассум ҳам накард, чеҳраи ғамзадаи ӯ маро ба он андеша водор кард, ки баъди вафоти Эниште-афандӣ ин бадбахт ҳамеша як мероси[133] азобу ранҷи Шакура хоҳад буд, зеро аз ӯ ҳеч роҳи халосӣ нест. Вақте ки Шакура аз дасти вай нонро гирифта, бо ӯ ба назди бачагон рафт, як лаҳза ба чизи асосӣ сарфаҳм рафтам: Шакура барои он азоб мекашад, ки ӯ на шавҳари дӯстдошта мечӯяд (ёфта ҳам наметавонад), балки барои фарзандонаш падаре мечӯяд, ки онҳоро дӯст дорад, барои кӯдаконе, ки ҳоло бо тарсу ҳарос ба чашми модарашон менигаранд; Шакура ҳозир аст, ҳар кадом марди хубро аз боиси онҳо дӯст дорад.

– Ту ин чизро ҳоло бо дилат ҷустуҷӯ дорӣ, –гуфтам бе ягон андешаи зиёд, –аммо қарорро аз рӯйи ақл бояд қабул кард.

– Худи ҳозир бо бачаҳо ба назди Кара бармегардам, – гуфт. –Аммо шарт дорам, –андак истод: –Бо Шавкат ва Орҳан муносибати хуб дошта бошад. Ба ин ҷо пинҳон шудани маро ба дил нагирад ва шартҳои хонадоршавиамонро – ӯ инро медонад – иҷро намояд. Маро ӯ шаби гузашта дар хона рӯ ба рӯи қотил, дуздон ва Ҳасан танҳо ва бепушту паноҳ гузошт.

---

[133] *Мерос* - дар асл ҳам мерос.

– Қотили падаратро ҳоло дастгир накардааст, аммо худаш гуфт, ки ба ту расонам, ёфтааст.

– Бо ӯ биравам?

Ҳоло имкони ҷавоб додан наёфта, дар дасташ мактуби кайҳо хондааш падарарӯси собиқ даромада омад.

– Ба Кара Челебӣ расон, –гуфт, –то омадани писарам келинро ҷавоб намедиҳам, чунки ба ин ҳуқуқ надорам.

– Кадом писар? –пурсидам бо ғазаб, аммо бо овози нарм.

– Ҳасан, –ҷавоб дод андаке шармида, зеро одами тарбиядидае буд ӯ. –Писари калониам аз мамлакати Аҷам баргашта истодааст, шоҳидон ҳастанд.

– Ҳасан дар куҷост? –пурсидам. Аз шӯрбои гузоштаи Шакура ду чумча гирифтам.

– Ба гумрук барои ҷамъ кардани котибон, ҳамолон[134] ва одамони дигар рафтааст, –чеҳрааш ифодаи кӯдакона дошт, ки дар одамони софдил, дурӯғ гуфта наметавониста, аммо аблаҳ дида мешавад. –Баъди бетартибиҳои шабонаи одамони эрзурумӣ имшаб дар кӯчаҳо яничарҳо мегарданд.

– Мо ҳеч касро надидем, –гуфтам тарафи дар равон шуда. –Сухани охиринат ҳамин?

Ин суолро ба тарафи падарарӯс нигариста дода бошам ҳам, Шакура фаҳмид, ки ба ӯ дахл дорад. Оё дуруст бошад, ки ӯ дар вазъи парешон қарор дорад ва ё чизеро пинҳон медорад, масалан, интизори он аст, ки ҳамин ҳоло Ҳасан бо одамонаш бармегардад? Дарк кардам, ки дудилагии Шакура ба ҳар ҳол писандам аст, шод шудам.

– Мо Кararo намехоҳем, –ҷасурона эълон кард Шавкат. –Ва ту буқа ба ин ҷо дигар набиё.

---

[134] *Ҳамол* – дар туркӣ низ ҳамол.

– Он гоҳ ба очаҷони зебоят рӯйҷойи нақшин, рӯймолҳои гулдор, ки онҳоро дӯст медорад, матоъи куртаҳои сурхи туро кӣ меорад? –инро гуфта буғчаамро ба миёни хона гузоштам: –То омаданам кушода тамошо кунед, ки кадомаш маъқул аст, умуман, бо ҳамаи инҳо чӣ коре хоҳед, кунед.

Хафа шудам. Дар чашмони Шакура ҳам ягон бор ин қадар дарду аламро мушоҳида накарда будам. Ҳамин ки ба берун баромадам ва нафаси сарди ҳаво ба рӯям зад, Кара маро шамшер дар даст пешвоз гирифт.

– Ҳасан дар хона нест, –хабар додам, –шояд барои шароб рафтааст то бозгашти Шакураро ҷашн гирад. Ё шояд чи тавре ки падараш мегӯяд, ҳамин ҳоло бо одамони мусаллаҳ пайдо шавад. Он гоҳ занозанӣ мешавад, вай –девона. Агар шамшери сурхашро гирад…

– Шакура чӣ мегӯяд?

– Падарарӯс арӯсро намедиҳам, мегӯяд, аммо ту бояд на аз ӯ, балки аз Шакура тарсӣ. Ӯ дудила аст, намедонад чӣ кор кунад. Агар маслиҳати маро гирӣ, бидон, ки дар сари ӯ саду як хаёл, ҳамон тавре ки ман фаҳмидам, ӯ ба ин хона барои он омадааст, ки баъди ду рӯзи қатли падар боз як шаб дар он хона танҳо монда натавонистааст; ӯ аз қотил метарсад, Ҳасан ба ӯ таҳдид мекунад, ту бошӣ, ба таври номаълум ғайб задӣ. Ғайр аз ин, ба ӯ гуфтаанд, ки ту ба қатли падараш шарик ҳастӣ. Аммо шавҳари собиқи Шакура барнагаштааст. Ин дурӯғро Ҳасан бофтааст, Шавкат ба ӯ бовар кардааст, ба назарам падараш ҳам. Шакура мехоҳад ба назди ту баргардад, аммо ӯ шарт дорад.

Ба чашмони Кара нигариста, шартҳоро номбар кардам. Ӯ ҳамон лаҳза онҳоро қабул кард, бо ман чун сафири сулҳ муомила дошт.

– Ман ҳам як шарт дорам, –гуфтам, –ҳозир ба хона бармегардам, баъди муддате шумо ҳуҷум кунед,– гӯён ба

дару тирезаҳои чӯбӣ ишора кардам. – Ҳамин ки фарёд кардам, ором шавед. Ҳасан биёяд, аз ҷанг наҳаросед.

Албатта, ҳамаи ин ҳарфҳои безарарро ба забон овардани сафир шарт набудагист, аммо Эстери шумо ба бозӣ шарик шуда буд. «Мефурӯшем…», –гуфтаму ин сафар дар боз шуд. Бо падарарӯс калла ба калла задам.

– Ба тамоми маҳалла, ҳамчунин, қозии ин ҷо, хуллас, ба ҳама маълум аст, ки Шакура аз писари ту ҷудо шуда, дар асоси нишондоди Қуръони карим аз нав ба шавҳар баромад, –гуфтам. – Ҳатто, агар писари вафоткардаат аз ҷаннат зинда шуда, аз канори ҳазрати Мӯсо гашта ояд, ин чизеро тағйир намедиҳад, зеро Шакура аз ӯ ҷудо шудааст. Шумо зани шавҳардорро дуздидед ва пинҳон медоред. Кара гуфт, ки пеш аз он ки аз тарафи қозӣ ҷазо дода шавед, ӯ бо одамонаш омада, ин корро мекунад.

– Кори хато мекунад, –боодобона гуфт падарарӯс. – Мо дар асл Шакураро надуздидаем. Ман, ҳамд бар Худо, бобои бачаҳо. Ҳасан – амакашон. Шакура танҳо монд, ночор ба мо муроҷиат кард. Агар хоҳад худи ҳозир бо бачаҳо биравад. Аммо бидон, ин ҷо фарзандони ӯ зода шуда, хушбахтона калон гаштаанд, ин ҷо хонаи онҳо.

– Шакура, –пурсидам бе ягон фикру хаёл, –ба хонаи падарат баргаштан мехоҳӣ?

Вақте гап дар бораи хонаи хушбахт рафт, ба гиря даромад.

– Падарам нест, –гуфт. Ин овози худаш буд ё ба хаёлам расид? Бачаҳо ба доманаш часпиданд, ҳама рӯйи фарш нишаста, ғунча гашта, ба гиристан даромаданд. Дигаронро мумкин, аммо, ман, Эстерро аҳмақ кардан наметавон: аниқ медонам, ки гиря ба Шакура мадад хоҳад расонд то ба қарори муайян наояд ҳам, ҳар ду тарафро ба зери итоат гирад, аммо баробари ин медонистам, ки ӯ аз таҳти дил мегиряд. Чунки худам ҳам

ба гиристан даромадам. Баъди лаҳзае бинам, Ҳурия ҳам ба гиря даромадааст.

Дар хона ҳама мегиристанд ба ғайр аз падарарӯси меҳрубони чашмонаш кабуд ва шояд барои ҷазо додани ӯ ҳамон лаҳза Кара ва одамонаш ба ҳуҷум гузаштанд. Ба чорчӯбаҳои тиреза мушт мезаданд, дарро тела медоданд, ду нафарашон бо чизе чунон ба дар мекӯфт, ки бо ҳар зарба чун аз тӯб садо мебаромад ва хона меларзид.

– Ту одами ҳаётдида, боэҳтиром, –аз байни пардаи гиря ҷасорат карда, ба падарарӯс муроҷиат кардам. – Дарро кушо, ба ин сагони ваҳшӣ бигӯй, ки Шакура ҳозир мебарояд, бигзор ором шаванд.

– Агар ту ба ҷойи ман мебудӣ, оё ба пеши ин сагҳо – ҳамон тавре ки худат мегӯйӣ, зани танҳоро, ки келинат аст, бароварда мепартоӣ?

– Ӯ худаш мехоҳад биравад, –гуфтам. Бо нӯги рӯймолчаи кабуд оби биниамро, ки аз гиря буд, пок кардам.

– Ин тавр бошад, дарро кушояду равад, –гуфт.

Дар паҳлуи Шакура ва бачаҳояш менишастам. Аз садоҳои одамони хонаи Ҳасанро иҳотакарда, баъди ҳар зарбаи онҳо гиряи мо меафзуд, бачаҳо баландтар мегиристанд, ин ба ману Шакура таъсир мерасонд, аммо ҳар дуямон медонистем, ки барои кашол додани вақт мегирйем. Баробари ин, аз зарбаҳои зиёд хона ба ларза даромада, таҳдиди беруниҳо меафзуд.

– Шакураи зебоям, падарарӯсат ба рафтани ту зид нест, шавҳарат Кара ҳама шартҳоятро иҷро мекунад, ӯ туро дӯст медорад. Дар ин ҷо дигар коре надорӣ. Либосҳоятро пӯш, лоқу паратро ғундору дарро кушо. Рафтем ба хона!

Ин ҳарфҳоям ба Шакура таъсир расонданд, сарашро бардошта, бо чашмони калон-калони зебояш ба ман чашм дӯхт.

– Аз Ҳасан метарсам, –пичиррос зад. –Ӯ бисёр бадкина аст. Охир, худам ба ин ҷо омадам.

– Ин маънои онро надорад, ки ақди никоҳи нави ту бекор шудааст. Туро шароит маҷбур кард, паноҳгоҳ ҷуста омадӣ. Шавҳарат ҳамаро бахшида, туро бо оғӯши кушода интизор. Бо Ҳасан бошад, чанд сол мубориза кардем, – маънидорона чашмак задам, –боз метавонем.

– Агар дарро кушоям, –якравӣ мекард Шакура, – маънои онро дорад, ки бо хоҳиши худам аз ин ҷо меравам.

– Шакура, ҷонам, ман ҳам наметавонам дарро кушоям. Худат медонӣ, он вақт чунин бармеояд, ки ба кори дигарон ҳамроҳ шудаам. Барои ин қасос мегиранд.

Аз чашмони Шакура фаҳмидам, ки ӯ ба дурустии ҳарфҳоям бовар кард.

– Маълум мешавад, ҳеч яки мо дарро кушода наметавонад, –хулоса бароварда. –Пас, бигзор онҳо дарро зада шикананд ва моро ба зӯрӣ баранд.

Ин барои Шакура ва кӯдаконаш роҳи беҳтарин буда метавонад, аммо аз оқибати кор ба ҳарос афтидам.

– Он вақт ба кор қозӣ шарик мешавад, хунрезӣ ҳам шуданаш аз имкон дур нест ва душмании хунӣ солҳо идома мекунад. Ягон одами баору номус нигоҳ карда намешинад, ки дарашро шикананд, зану бачагонашро баранд. Ин дар шумо боз ҳам сахттар аст.

Ба ҷойи он ки ҷавоби боақлонае ёбад, Шакура бештар ба гиря даромад ва кӯдаконро ба худ ҷафс кард, ба ин манзара нигариста, бо ҳасрат дарёфтам, ки ин бону чӣ қадар зебою доност. Садое аз қаъри дил мегуфт, ки ҳамаашро партою баромада рав, аммо чӣ тавр? Аз он метарсидам, ки одамони Кара дарро мешикананд ва боз аз он дар такопӯ будам, ки дарро намешикананд. Кара одами боақл аст, умедаш ба ман асту бас, ногоҳ ба қароре меояду фармон медиҳад, ки ҳуҷумро бас кунанд? Ин ба

падарарӯс ҷасорат мебахшад. Ба сари Шакура хам шуда, ҳис кардам, ки гиряаш то андозае сохта аст, аммо ларзиши танаш табиӣ буд.

Ба дар наздик шуда, бо тамоми овоз фарёд кардам:

– Бас кунед!

Доду фарёд аз берун ва гиря дар дохил якбора хомӯш гашт. Ин вақт ба сарам фикри дурусте зад:

– Дарро бигзор Орҳан кушояд, –гуфтам бо оҳанги нарм гӯё бо кӯдаке гап мезада бошам. –Ӯ мехоҳад ба хона баргардад, касе барои ин аз вай хафа намешавад.

Гапамро ба охир нарасонда, Орҳан аз оғӯши модар раҳо хӯрда, ба назди дар омад, дилпурона ғалақаи онро дур кард, баъд, ғалақаи чӯбиро, ҳалқаро бардошт ва ду қадам қафо рафт. Дар аз пеши худ кушода шуд, аз берун сардӣ ворид гашт. Чунон хомӯшие ҳукмфармо гашт, ки ак-аки сагро аз дур шунидем. Орҳан ба назди модар баргашт, Шакура ӯро бӯсид, Шавкат бошад, дӯғ зада монд: –Ҳамаашро ба амаки Ҳасан мегӯям!

Шакура бархост, фаранҷиро ба сар гирифт ва ба ғундоштани анҷомҳояш сар кард. Вақте инро мушоҳида кардам, дилам ором гашт, қариб хандида фиристодам. Ба болишт нишаста, боз чанд чумча шӯрбои наскӣ хӯрдам.

Кара рафтори дуруст кард, бо одамонаш ба дар наздик нашуд, ба хона надаромад, ҳатто вақте ӯро ба ёрӣ даъват карданд: Шавкат ба хонаи падари марҳумаш даромада, дарро аз дарун маҳкам кардааст. Шакура худаш ин масъаларо ҳал кард, Шавкатро гуфт, ки метавонад ханҷари амакаш Ҳасанро, ки дастаи ёқутӣ дорад, гирад.

– Аз Ҳасан ва шамшери сурхи ӯ битарсед, –низ илова кард падарарӯс, ки дуруст аз мағлубият ва эҳтимоли қасос ба ташвиш монда буд. Ӯ бо муҳаббат набераҳояшро бӯсид. Ба гӯши Шакура чизе пичиррос зад.

Шакура бори охир хонаро аз назар гузаронд: оташдон, дару деворҳо, охир, чандин солҳои ширини умрро ин ҷо гузарондааст. Аммо, аз дилам мегузарондам, магар намебинад, ки ин хона акнун ба гӯри торики ду марди танҳо табдил ёфтааст, бӯйи марг мекунад ин ҷо?! Аз ин фикрҳо нисбат ба ӯ чунон ғашам омад, ки дар роҳи бозгашт худамро аз Шакура дур гирифтам.

Ҳамин тавр, мо – се зан: хидматгор, яҳудизан ва бевазан ва ду ятимбача бо ҳам ҷафс шуда роҳ мегаштем, на аз он ки ҳаво сард буд, балки аз он ки ба тангкӯчаҳо равон будем. Моро тарс аз Ҳасан низ хавотир мекард. Гурӯҳамон таҳти муҳофизати одамони Кара, ҳамчун корвоне, ки боигариро мекашонад, бо кӯчаҳои канорӣ, тангкӯчаҳо ҳаракат мекард, роҳҳоро чунон интихоб мекардем, ки бо посбонон, яничарҳо, роҳзанон ва Ҳасан вонахӯрем. Баъзан чунон торик буд, ки роҳро надида, ба ҳам бармехӯрдем. Аз тарси он ки мабодо ҷину шайтон моро рабуда, ба таҳхона накашанд, ба ҳамдигар мечаспидем. Даст ба деворҳо бурда, мешунидем, ки чӣ тавр баъзе одамони бедор атса мезананд, аспҳо дар саисхонаҳо шиҳа мекашанд.

Ман, Эстер, ки тамоми Истанбулро ба ғайр аз маҳаллаҳои фақиртарин ва селовардаҳо ба қаду бар медонам, ҳоло ба ҳайрат меафтидам, ки баъзе ин ҷоҳоро надидаам. Ана, ин кӯчаи Тарзибошӣ, ин саисхонае, ки дар канори боғи ҳоҷӣ Нуруллоҳ аст ва ҳамеша бӯйи тез дорад, инак, хокистартӯдаи хонаҳои сӯхтаи Ҷонбазлар, ана, ба майдоне баромадем, ки чашмае дорад бо номи Карр-ҳоҷӣ. Ҳамон қадар роҳ гардем, бештар дарк мекардам, ки на ба хонаи падари Шакура, балки ба дигар тараф равонаем, аммо намедонам ба куҷо.

Фаҳмидам, ки Кара оилаашро дар ҷойи дигар пинҳон карданист, дуртар аз чашми ин шайтон – Ҳасан, ки аз ҳеч кор рӯй намегардонад. Агар медонистам, ки ин

пинҳонгоҳ дар куҷост, ҳозир ба шумо мегуфтам, пагоҳ бошад – ба Ҳасан. На барои он ки каси хабаркаш ва нобакоре ҳастам, балки барои он ки медонам, Шакура аз нав мехоҳад таваҷҷуҳи Ҳасанро ба тарафи худ гардонад. Аммо Караи доно гӯё дигар ба ман он қадар бовар надошт, кораш дуруст ҳам буд.

Вақте ба кӯчаи торики паси бозори Ғуломон тоб хӯрдем, аз пеш садои доду фарёд, дашном ба гӯш расид. Он ҷо аниқ ҷанги тан ба тан мерафт, садои шамшер, табар ва калтакро фарқ кардам. Тарсидам.

Кара шамшерашро ба яке аз он ду нафари бовариноки ҳамроҳаш супорид, аз Шавкат ханҷари дастааш ёқутиро зада гирифт, бача ба гиря даромад, ба шогирди сартарош ва ду ҳамроҳи дигарамон фармуд, ки Шакура, Ҳурия ва бачагонро ҳамроҳӣ карда роҳашонро давом диҳанд. Маро бо онҳо ҳамроҳ накард, гуфт, ки муаллимбача туро ба хонаат бурда мерасонад. Ин кор ғайриихтиёр шуд ё дар ҳақиқат намехоҳад, ки махфигоҳи оилаашро донам?

Дар охири тангкӯчае, ки бояд онро убур мекардем, дӯконе ҷойгир буд – шояд қаҳвахона. Ба назарам ҷанги мусаллаҳона ба охир расид. Баъзе одамон фарёдкунон ба дари он медаромаданд, дигарҳо зада мебаромаданд. Аввал гумон кардам, ки онҳо қаҳвахонаро тороҷ мекунанд, аммо дурусттар нигарам, ғорат ва валангор мекарданд, аз дарун ҷому пиёлаву мизу ҳар гуна ашёи дигарро бароварда, дар берун зери рӯшноии машъалҳо дар назди тамошобинон мешикастанд, месӯхтанд. Нафареро, ки намехост ин корро кунад, дошта заданд, бо азоб халос шуда гурехт. Ҳама гап дар сари қаҳва барин – аз забони ҷамъомадагон мешунидам, ки он чӣ қадар чизи зиёновар аст: биноиро кам мекунад, ақл коста ва меъда камқувват мегардад, муъмин аз дин рӯй мегардонад, Муҳаммад (с) қаҳва наменӯшид – ҳарчанд онро зане, ки

дар асл шайтон буд, дар шакли зан пешниҳод намуд. Ҳамаи ин ба мавъизаҳое, ки ҳоло бисёр расм шудааст, монанд буд. Аз дилам гузашт, ки ба хона, ки расидам, ба Насим мегӯям: «Ин чизи бадро камтар нӯш!».

Дар атроф хонаҳои зиёде буданд, ки ба одамони танҳо, муҳоҷирон иҷора дода мешуданд. Бинобар ин, дар атрофи қаҳвахона дар як дам одами зиёди бекорхӯҷа ҷамъ омад, ки вақтҳои охир аз куҷое ба шаҳр чун мӯру малах ворид гаштаанд. Вақте ки дидам, душманони қаҳва зиёданд, донистам, ки инҳо асосан тарафдорону одамони воизи машҳури эрзурумӣ Нусрат-хоҷа мебошанд. Онҳо бо машрубот, фоҳишагӣ, қаҳва, ибодатгоҳҳое, ки дар он ҷо маросимҳои диниро бо мусиқӣ ва рақс анҷом медиҳанд, ҷанг эълон кардаанд. Ба душманони мазҳаб, бехудоён ва онҳое, ки рассомӣ мекунанд, лаънат мефиристоданд. Ба хотирам расид, ки ин ҳамон қаҳвахонаест, ки дар деворааш расм меовезанд ва дар ҳаққи дину мазҳаб ва воизи эрзурумӣ ҳар гуна сақат мегӯянд.

Ба кӯча шогирди соҳиби қаҳвахона давида баромад, тамоми рӯяш хунолуд буд. Фикр кардам ҳозир меафтад, аммо ӯ бо домани куртааш хуни рӯй, пешониро пок кард ва дар қатори тамошобинон ба наззораи манзараи мудҳиш пардохт. Ногаҳон тӯдаи одамон шояд аз тарс худро дур гирифт. Ба назарам намуд, ки Кара ба яке аз одамон наздик шуд, аммо барои чӣ бошад, дудила меистод. Одамони воизи эрзурумӣ ақиб нишастанд ва фаҳмидам, ки акнун навбати яничарҳо, онҳо ҳуҷум меоранд. Машъалҳо хомӯш, мардум пароканда шуданд.

Кара аз банди дастам гирифта, ба назди муаллимбача бурд.

– Бо тангкӯчаҳо равед. Ин туро то хонаат мебарад.

Муаллим шояд ҳарчи зуд аз ин арасот халос шудан мехост. Бинобар ин, мо қариб метохтем. Дар роҳ дар

бораи Кара фикр мекардам. Аммо худатон медонед, ман акнун то ба охир ин қиссаро бароятон нақл карда наметавонам, зеро аз рӯйдодҳои минбаъда дур мондам.

54. Ман – зан

«Маддоҳ-афандӣ, –мегӯянд ба ман, –ту ба ҳама чиз тақлид карда метавонӣ, аммо ба зан не». Ин иддаоро қабул надорам. Бале шаҳр ба шаҳр гашта, то нисфи шаб дар тӯйхонаҳо, қаҳвахонаҳо нишаста, ба ҳар чиз тақлид карда, қиссаҳо гуфта, оиладор шудан насибам нагашт. Аммо ин маънои онро надорад, ки чӣ будани зан – мардумро надонам.

Занҳоро хуб мешиносам, ҳатто бо чор нафар шиносашон шахсан вохӯрдаам, рӯяшонро дидаам, суҳбат кардаам. Инҳо:

1. Раҳматӣ модарам; 2. Холаи дӯстдоштаам; 3. Янгаам, ки маро ҳамеша мезад, вақте танҳо мондем, «Баро, аз хона!» – гуфта пеш кард (ба ӯ ошиқ шуда будам охир); 4. Зане, ки дар Қуния як нӯги чашм аз тирезаи кушода дидам. Бо ҳам ҳарфе ҳам радду бадал накардаем, аммо ин халал намерасонад, ки инак, солҳои зиёд бо ӯ хаёлан ишқбозӣ мекунам. Шояд ӯ кайҳо мурда бошад.

Вақте ки мо, мардон зани рӯйкушодаро мебинем, бо ӯ ҳарфе ба миён мегузорем, хислаташро дарк мекунем, ин аз як тараф, рағбату шаҳвати моро бедор мекунад, аз тарафи дигар, андӯҳи амиқи равонӣ мебахшад. Аз ин рӯ, ҳамон тавре ки дар дини мо омадааст, умуман, занҳо, хусусан, хушрӯяшро, албатта, агар ҳамсари мо набошад, беҳтараш надиду насӯхт. Яке аз роҳҳои асосии фаромӯш кардани занҳо алоқа бастан ба бачаҳои барност, бо гузашти айём ин ба одати ширин табдил меёбад. Дар мамлакати фаранг занҳо озодона на танҳо рӯй, балки баъзе ҷойҳои баданашонро, ки ин қадар рағбати моро

меоранд: мӯйҳои ғулӣ, гардан, даст ва агар рост бошад, пойҳояшонро нишон дода мегарданд. Ин аст, ки шалворҳои мардони онҳо аз пеш дамида меистад, аз ин шармашон меояд, ҷомеа бошад, илоҷи роҳи ҳалли ин мушкилро намеёбад. Аз ин сабаб, кофирони фарангӣ ҳар рӯз як қалъаашонро ба аскарони усмонӣ медиҳанд.

Ҳанӯз дар бачагӣ фаҳмида будам, ки агар хоҳӣ, ки зиндагии хушбахтона ва ороми равонӣ дошта бошӣ, ҳарчи аз занҳои зебо дур бош, баъди ба фаҳмиши ин ҳақиқат расидан дар бораи онҳо бештар фикр мекардагӣ шудам. Азбаски то он вақт занҳоро надида будам, ба ғайр аз модарам ва холаам, онҳо бароям ба як муаммо табдил ёфтанд. Аз кунҷковӣ сарам ба дард даромад ва боре ба хулоса омадам, ки агар кори онҳоро ба ҷо орам, таомашонро хӯрам, ҳарфҳояшонро такрор кунам, ба ҳаракати онҳо тақлид намоям ва либосашонро пӯшам, онҳоро хоҳам фаҳмид. Инак, боре, рӯзи ҷумъа, вақте ки падар, модар, хола ва бародарам – хуллас, тамоми оила нияти ба боғи зебои бобоям, дар лаби кӯли Фаренг рафтанӣ шуданд, баҳона кардам, ки худро бад ҳис мекунам ва дар хона мондам.

– Биё, бо мо, –мегуфт модарам, –он ҷо ба дарахтон, сагҳо, аспҳо менигарӣ, расмашонро мекашӣ ва моро ҳам хурсанд мекунӣ. Дар хона зиқ мешавӣ.

«Куртаи туро пӯшида, зан мешавам, оҷаҷон», – аз дил гузарондам, аммо: «Шикамам дард дорад» –гуфтам.

– Нозук нашав, –фарёд кард падар, –биё, ҳавои тоза мехӯрӣ!

Ҳозир ба шумо, бародарони наққош ва хаттот, ҳиссиёти худро аз пӯшидани либосҳои таг ва куртаву эзори модар ва хола накл хоҳам кард, ҳам онро ки кадом асрори занонае ба рӯям боз гардид. Чизи асосӣ он аст, ки баръакси он чизе, ки мо дар китобҳо мехонем ва аз

воизон мешунавем, дар либоси занон худро шайтон эҳсос накардам.

Баръакс, вақте ки куртаву поҷомаи гулдори модарамро ба бар кардам, тамоми узвҳоям пур аз меҳру муҳаббат ва ғамхорӣ гашт. Вақте ки баргакҳои сабзи бодоммонанди куртаи шоҳӣ ба баданам мехалид, рӯҳу равонамро як меҳру муҳаббати саршор ба кӯдакон ва худам фаро гирифт. Чунон хоҳише дар дилам пайдо шуд, ки барои тамоми бачагони олам хӯрок пазам ё ба онҳо сина диҳам. Ҳамин вақт аз дилам гузашт, ки барои завқи ман синаҳои дамида мувофиқ. Вақте ки аз зери куртаи шоҳии хола пайпоқу дастмолҳои гуногунро гузошта, дуто теппачае ҳам сохтам, рости гап, дар дилам ифтихору худситоии шайтон рӯй зад. Ҳамоно маълумам гашт, ки чунин пистонҳоро дида, мардҳо Худоро саҷда мекунанд, ки лабонашонро ба онҳо бирасонанд. Аз ин худро хеле муқтадир эҳсос кардам, аммо оё инро мехостам? Дар ҳолати парешонӣ қарор доштам: аз як тараф, зӯр будан мехостам, аз тарафи дигар, мехостам, ба ман раҳмашон ояд; орзу доштам ба ман марди то ин вақт номаълуми пурқувват, сарватманд ва боақл ошиқ шавад, баробари ин, ҳиссиёти тарс маро фаро гирифта буд. Сандуқчаи ҷавоҳироти модарамро кушодам, бозубандҳои тиллоии ӯро, ки дар даруни ҷӯробҳои пахтагии нав пинҳон карда, дар паҳлуи рӯйҷойҳои хушбӯйи нақшу нигорин гузошта шуда буданд, баровардам ва ба дастонам кардам, сурхиҳои модарамро, ки баъди аз гармоба омадан барои тару тоза шудан истифода мекард, ба рухсорам молидам, фаранҷии сабзи холаамро пӯшидам, рӯймоли тунуки ҳамранги онро ба сарам гирифтам ва ба оинае, ки атрофаш садафкорӣ буд, нигаристам ва ба худ ларзидам. Дар оина танҳо чашму абрӯвон намоён буд, аммо бовар кардан мумкин буд, ки зани зебое назди оина истодааст. Худро хушбахт ҳис кардам. Аммо аз ин пештар вақте ки

ба оина менигаристам, узви таносулам сахту ковок шуд. Ин маро андак зиқ кард.

Дар оина медидам, ки чӣ тавр аз чашмони зебоям ашк ҷорӣ мешаванд, ҳамин вақт шеъре ба забонам омад, ки онро ҳеч гоҳ фаромӯш нахоҳам кард. Зеро дар ҳамон лаҳза бо илҳоме, ки Худованд бахшид, шеъре эҷод карда, таҳти мақоми он ба рақс даромада, ҳама дарду ғамамро фаромӯш кардам:

Чу дар Шарқам, дилам моил ба Ғарб аст,
Танам хоҳад будан гаҳ мард, гаҳ зан.
Басе душвор бошад зиндагонӣ,
Ба майли тан, ба майли дил бизистан.[135]

Бисёр умедворам, ки шеър хонданамро бародарони эрзурумиам фаҳмида, ба ғазаб наоянд. Рости гап, чаро тарсам? Шояд қаҳрашон наояд, зеро, ғайбатро нағз

---

[135] Қитъаи мазкурро Абдурауф Муродӣ тарҷума кардааст, ки аз ӯ сипосгузорем. Барои муқоиса овардани тарҷумаи русӣ ва форсии он низ аз манфиат холӣ нест. (Мутарҷим):
Говорит нерешителеное мое сердце: когда я на Востоке, мне хочется на Запад,
а когда я на Западе, стремлюсь на Восток.
Говорит мое тело: если я мужчина, то хочу быть женщиной,
если женщина – мужчиной желаю стать.
Как непросто быть человеком, а труднее всего – по человечески жить,
Я хочу наслаждаться жинью, будь то спереди, будь то сзади, и на Западе, и на Востоке.
Ҳангоме, ки дарахтеро баланд,
Кӯҳеро бошукӯҳ
Ва сахраеро хатарнок мехонем.
Ҳангоме, ки махлуқеро мард
Махлуқи дигареро зан меномем,
Сифоте ба онҳо нисбат медиҳем, ки ба мо тааллуқ доранд, на ба онҳо.
Ва ҳангоме, ки дар ин таъриф гарқ мешавем, як чизро фаромӯш мекунем:
Зиндагӣ карданро, зиндагӣ карданро, зиндагӣ карданро.

намебинам, аммо мегӯянд, ки воизи машҳур, ҳазрати Хусрат-афандӣ, ҳарчанд зандор аст, монанди шумо, наққошон бачаҳои барноро аз мо, занҳо зиёдтар дӯст медоштааст. Ба ҳар ҳол, барои ин аслан зиқ намешавам, зеро ӯ маъқулам нест, аз ҳад пир. Дандонҳояш рехтагӣ, ғайр аз ин, агар ба гапҳои бачаҳои барное, ки бо ӯ сару кор доштанд, бовар кунем, даҳонаш бадбӯст, мебахшед, айни мақъади хирс.

Хуб, дари ғайбатро мепӯшам, ба гапи худам бармегардам. Баъди он ки фаҳмидам, хеле зебоям, аз дилам гузашт, ки маро шарт нест ҷомашӯйӣ кардан, косаву табақ шустан, бозор рафтан, чун ғулом кор кардан. Камбағалӣ, гиря, ғаму ҳасрат – ин ҳама насиби онҳое, ки ба оина нигариста, худро безеб мебинанд. Ман бошам, дигар! Маро шавҳаре лозим аст, ки гарди поямро пок кунад, аммо канӣ?

Сар кардам аз сӯрохчае, ки дар девори хонаам сохтам, ба наззораи писарбачаҳои пошоҳо ва дигар ҷанобони сарватманд, ки падарам бо ҳар баҳона ба хона, ба ҳуҷраи худаш даъват мекард. Мехостам, монанди он бонуи ҷавоне бо даҳони хурдакак, модари ду кӯдак, ки ҳамаи наққошони машҳури мо ғоибона дӯсташ медоранд, бошам. Шояд дар бораи ин Шакураи бечора бароятон нақл кунам?

Истед! Охир, ман ба шумо ваъда дода будам, ки шоми чоршанбе қиссаи зерро нақл хоҳам кард:

Қиссаи ошиқонае, ки зан ба шайтон нақл кард

Аслан бисёр одист ин қисса. Дар Истанбул, дар маҳаллаи на он қадар сарватманди Кемерусту рӯй додааст. Яке аз ҷанобони баобрӯйи ин маҳалла Аҳмад Челебӣ буд, оиладор, соҳиби ду писар. Як рӯз дар назди тирезаи боз духтари зебои босниягӣ, мӯю чашмаш сиёҳ, қоматбаланд, рӯяш сап-сафедро дида, ошиқ шуд.

Зебодухтар шавҳар дошт, шавҳарашро дӯст медошт, аз ин рӯ, ба Челебӣ эътибор намедод. Челебии бечора дардашро ба касе фош карда наметавонист, аз дарди ишқ торафт лоғар шуда, аз румиҳо шароб гирифта менӯшид, аммо ниҳоят, муҳаббати ӯ дар маҳалла овоза шуд. Ҳамсояҳо, ки ҳикояҳои ошиқиро дӯст медоштанд ва худи Челебиро ҳурмат мекарданд, аввал ба ӯ бо шафқат нигаристанд, як-ду шӯхӣ карданду ором гаштанд. Аммо Челебеи дардаш бедаво ҳар шаб сархуш[136] ба назди дари хонае, ки он зебодухтар бо шавҳараш хушбахтона зиндагӣ мекард, омада, он ҷо нишаста, чун кӯдак дурудароз гириста, аҳли маҳалларо метарсонд. Ҳар шаб ошиқи гирёнро дар ин ҳол дида, на зада ронда метавонистанд, на тасалло дода. Худи Челебӣ ба касе шикоят намекард, ором мегирист. Оҳиста-оҳиста ин ғаму бечорагӣ ба маҳалла асар кард, ба ғами дард ва бадбахтии ҳамагонӣ табдил ёфт, чашмаи майдон низ ба ҳузн гирифтор шуда, чун Челебӣ ба хушкӣ рӯй оварад. Баъд дар байни сокинони маҳалла овоза шуд, ки ин бадбахтӣ оқибати хуб надорад. Баъзеҳо кӯча бастанд, баъзеҳоро корашон омад накард, дигарҳоро ҳеч ба кор дасту дилашон гарм намешуд. Баъди холӣ шудани маҳалла вақте ки як рӯз Челебии ошиқ бо ҳамсар, кӯдаконаш ба ҷойи дигар кӯч баст, бонуи зебо бо шавҳараш танҳо монданд. Бадбахтие, ки сабабаш онҳо буданд, муҳаббати байни онҳоро ҳам торафт суст мекард, ниҳоят байнашон харҳаша ба миён омад. То охири умр якҷо зиндагӣ карданд, аммо ҳеч гоҳ хушбахт шуда натавонистанд.

Ҳикоят дар бораи ишқ ва занҳо, таҳлукаҳои онҳоро дӯст медорам, гуфтанӣ будам, ки якбора ба ёдам расид –

---

[136] *Чора, сархуш* – дар асли туркӣ низ чора ва сархуш.

худам аёл-ку, ақлamро хӯрдаам магар, агар зан бошам, бояд дигар чиз бигӯям. Хуб, ана, ин ҳарфҳоро:

Оҳ, ишқ чӣ қадар зебост!

Аммо дар таги дар ин бегонаҳо чӣ кор мекунанд?

55. Номи ман Парвона аст

Ғавғоро дида, фаҳмидам, ки эрзурумиҳо наққошҳои масхарабози моро куштанианд.

Кара низ дар байни тамошобинон буд. Дар дасташ ханҷар, дар паҳлуяш чанд нафар одами аҷоиб, савдогаре бо номи Эстер ва боз ду зани дигари бӯғчадор. Медидам, ки чӣ тавр қаҳвахонаро тагурӯ мекунанд, одамони аз он барояндаро лату кӯб доранд, аз дилам гузашт, ки ман ҳам бояд гурезам. Баъд кашокаши дигар ба миён омад, ғолибан яничарҳо буданд, эрзурумиҳо машъалҳоро хомӯш карда гурехтанд.

Назди дари торики қаҳвахона касе набуд, касе ҳам нигоҳ намекард. Дарун даромадам: рӯйи фарш пур аз шикастапора; ҷом, зарф, пиёла, табақча, кӯза, ки аз болояшон гузаштан душвор. Рӯшноии чароғи равғании дар мехи девор устувор, ки дар ғорат зарар надидааст, ба анҷомҳои фарши қаҳвахонаю шикастапораҳои мизҳои сепоя ва рафҳои тахтагӣ не, балки ба доғҳои сақфи хона равона шуда буд.

Болиштакҳоро рӯйи ҳам гузошта, болояшон баромада, чароғро гирифтам. Рӯйи замин ҷасадҳои одамонро дидам. Рухсори ҷасади аз ҳама наздик хунолуд буд, ба дигараш нигаристам. Вай паст менолид, шояд рӯшании чароғро ҳис кард, ки чун кӯдак ба гиря даромад, ҳаросида дур шудам.

Як каси дигар ба дарун даромад. Тарсидам, аммо бинам – Кара. Ба сари ҷасади сеюми рӯйи замин хам

шудем. Чароғро наздик бурда, ҳар дуямон ба он чизе, ки ба хаёламон расида буд, бовар кардем: маддоҳро куштаанд.

Дар рухсори монанди зан сурхимолидааш изи хун дида намешуд, аммо чашмонаш бечо гашта, дар гарданаш пайи доғҳо, манаҳаш шикаста, дастонаш ба пушт тоб додагӣ. Маълум мешавад, нафаре дастони маддоҳи пири либоси занона пӯшидаро ба пушт тоб дода, маҳкам нигоҳ доштааст, дигарон ба сару рӯяш бо мушту лагад задаанд ва баъд буғӣ карда куштаанд. Он замон «Барои таҳқири ҳазрати воиз, хоча-афандӣ забони инро буред», –гуфта бошанд?

– Чароғро ба ин тараф гир, –хоҳиш кард Кара.

Рӯшноии чароғ ба оташдон ва канори он афтид, дар кӯлмаки қаҳваҳои рехта шикастпораҳои олоти қаҳвакӯбӣ, тарозучаҳо ва пораи зарфҳо мехобиданд. Кара кунҷеро мекофт, ки дар он ҷо маддоҳ ҳар бегоҳ расм мечаспонд ва асбобҳояш: миёнбанд, рӯймолча ва шақшақа меистоданд. Вай чароғро аз дастам гирифт ва рӯйи маро рӯшан карда, фаҳмонд, ки наққошиҳоро ҷустуҷӯ дорад. Бале, ман ҳам ду маротиба ҳамчун бародар барои маддоҳ расм кашидаам. Аммо ҳоло ба ғайр аз тоқичаи аҷамӣ, ки маддоҳ ба сари нағз тарошидааш мепӯшид, аз расмҳо дараке набуд.

Бо даҳлези танг ба дари қафо равон шудем, бо касе вонахӯрда, ба торикии шаб баромадем. Маълум мешавад, маҳз ба ин роҳ наққошон ва дигар муштариён баромада гурехтаанд, аммо аз гулдонҳои чаппашуда ва халтаҳои даридаю рехтаи қаҳва аён буд, ки дар ин ҷо низ талотӯбе ба миён омадааст.

Ғорати қаҳвахона, қатли бераҳмонаи маддоҳ ва шаби пурасрор ману Кararo ба ҳам наздик кард. Шояд барои ин ҳар ду хомӯш будем. Вақте ду кӯчаро паси сар кардем,

Кара чароғро ба дастам дод, баъд, ногаҳон ханҷарро ба гулӯям гузошт.

– Ба хонаи ту меравем, –гуфт ӯ. –Дар хонаат кофтуков мегузаронам, баъд ором мешавам.

– Хонаи маро зотан кофтанд, –гуфтам ва баъд хомӯш шудам.

Бе қаҳру ғазаб гап задам, аммо нафратам аён буд. Он ки Кара ба ғайбатҳо дар ҳаққам бовар кардааст, далели он аст, ки ӯ як ҳасудхӯри муқаррарист. Ҳатто ханҷарро ҳам дилпурона нигоҳ дошта наметавонад-э.

Хонаам тамоман дар муқобили он ҷойе буд, ки мо аз дари пушти қаҳвахона баромада, бо он мерафтем. Аз ин рӯ, барои он ки дар роҳ бо тӯдаи ҷоҳил вонахӯрем, қаҳвахонаро давр зада гузаштем, гоҳ ба рост, гоҳ ба чап тоб хӯрда, тангкӯчаву паскӯчаҳо, боғу роғи мардумро, ки аз онҳо бӯйи дарахтони танҳо меомад, паси сар кардем. Аз тарафи қаҳвахона ҳоло ҳам фарёду фиғон ба гӯш мерасид. Шунидан мумкин буд, ки чӣ тавр дар кӯчаҳо одамони муллои эрзурумӣ дар давутозанд, онҳоро посбонҳои шабона ва яничарҳо таъқиб мекарданд. Дар нисфи роҳ Кара гуфт:

– Ҳамроҳи устод Усмон ду рӯз наққошиҳои устодони куҳанро дар хазинаи подшоҳ тамошо кардем.

Дурудароз хомӯш мондам, баъд:

– Наққоши пир ҳам агар дар мизи Беҳзод нишинад, аз ин чӣ фоида?! –гуфтам бо овози баланд. –Дидаҳояш, албатта, ба ӯ илҳом мебахшанд, рӯҳашро ором месозанд, аммо ҳунараш афзун намегардад, зеро одам бо даст кор мекунад, на бо чашме, ки дидааст; чизи наверо омӯхтани даст на танҳо дар синни устод Усмон, балки дар ману ту низ душвор аст.

Қариб ки фарёд мезадам. На аз он ки ин аҳмақи Кара бо ханҷар ба сарам таҳдид дорад, балки барои он ки зани

зебоям танҳо набуданамро фаҳмад ва дами дар пайдо нашавад.

Вақте даричаро мекушодам, ба назарам намуд, ки хона рӯшан аст, аммо баъд дуруст нигарам, шукри Худованд ҳамаро пардаи торикӣ фаро гирифтааст. Ба хонаам, хонае, ки ҳама рӯз он ҷо бо мақсади тасвири олам ҳамон тавре, ки Худованд тасаввураш кардааст, кор мекунам ва вақте ки чашмонам монда мешаванд, бо паризодам ба айшу нӯш машғул мешавам, акнун маҷбурам, бо ин лаънатие, ки дар дасташ ханҷар дорад, ворид гардам. Ин таҷовуз ба зиндагиам чунон сахт расид, ки қасам хӯрдам аз Кара қасдамро хоҳам гирифт.

Кара коғазҳоямро такурӯ кард, нақшиеро, ки кор дар болояш ба охир мерасид (қарздорони ба ҷазо гирифтор аз подшоҳамон меҳрубонӣ мехоҳанд ва ӯ мефармояд, ки озод карда шаванд), аз назар гузаронд, баъд ҳамаи ашёеро, ки дар ҷойи кор гузошта шуда буд, таҳқиқ кард: рангҳо, рафҳои китоб, кордчаҳои қаламтезкунӣ, қаламмӯйҳо, чӯбакҳои суфтагарии коғаз, қуттӣ барои пар, қайчиҳо; шамъро гирон карда, ба даруни ҷевону сандуқҳо нигарист, гилем, ҳамаи болиштакҳои нишастро бардошт ва сипас ин корро аз нав сар кард. Ханҷарро ба гулӯям гузошта, бо таҳдид гуфта буд, ки тамоми хонаро кофтуков мекунад, аммо ин тавр накард, фақат устохонаамро дид, гӯё чизи рустиамро дар хонаи дигар, масалан, хонае, ки аз он ҷо зани зебоям моро тамошо дошт, нигоҳ дошта наметавониста бошам.

– Расми охиринеро, ки барои китоби язнаам кашидаанд, мекобам, – гуфт. –Қотил онро дуздидааст.

– Он аз дигарҳояш фарқ мекард, –ҷавоб додам ҳамоно. –Бо хоҳиши Эништеи марҳум дар он дар пасманзар дарахтро кашидам. Дар манзари пеш, дар байн барои тасвири касе, ба назарам расми подшоҳамон ҷойи калон ҷудо шуда буд. Ҷой ҷудо шудааст, аммо худи

тасвир набуд. Чизе, ки дар намои қафо кашида шавад, бояд хурд бошад – чун дар услуби фарангиҳо, аз ин рӯ, Эниште хоҳиш карда буд, ки расми дарахтро майдатар, гӯё аз дур медида бошам, кашам. Ҳангоми наззораи ин манзара чунон эҳсос мешуд, ки ба ҷаҳон аз тирезаи кушода менигарӣ. Он вақт фаҳмидам, ки дар нақққошии усули перспектива ҷадвал ва тазҳиб вазифаи чорчӯбаи тирезаро иҷро мекунанд.

– Чорчӯба ва тазҳибро Зариф-афандӣ ба ҷо меовард.

– Ту донистанӣ ҳастӣ, ки кӣ ӯро куштааст, ман не.

– Ҳеч кас бо забонаш иқрор намешавад, ки одам куштааст, –бо аҷала гуфт ва якбора пурсид, ки дар назди қаҳвахона чӣ кор мекардам.

Чароғро ӯ дар байни коғазҳоям ва саҳифаҳои нақққошӣ, дар паҳлуи болиштаке, ки дар он менишастам, гузошт, то чеҳраам рӯшан бошад, худаш бо қадамҳои тез рӯйи хона дар нимторикӣ мегашт.

Ба ӯ ҳама чизеро, ки ба шумо гуфта будам, изҳор кардам: ба қаҳвахона кам меравам, аммо ҳоло беихтиёр он ҷо афтода мондам, сари роҳ даромадам; баъд илова кардам, ки ҳарчанд барои маддоҳ ду расм тайёр кардаам, аз ҳодисаҳои дар он ҷо ба амал омада хушҳол нестам.

– Зеро, –гуфтам, – агар санъаткор истеъдодашро на барои такмили салиқаву маҳорат, муҳаббат нисбат ба касбу ҳунар, наздик шудан ба хости Худованд, балки барои масхараи норасоиҳои ҷомеа равона созад, дар ниҳояти кор обрӯяшро мерезонад ва сазовори ҷазо мегардад. Дар ин бобат, шарт нест, ки ба кӣ механдӣ – хоҳ ба воизи эрзурумӣ ва хоҳ ба худи шайтон. Ҳа, ба назарам, агар дар қаҳвахона ба воизи эрзурумӣ кордор намешуданд, шояд ба он ҳуҷум намекарданд.

– Аммо ту ба он ҷо рафтӣ! –гуфт Кара, эҳ, аҳмақ!

– Рафтам, барои он ки дар он ҷо саргармӣ ҳаст. –Оё медонад, ки инро чӣ қадар аз таҳти дил мегӯям? –Охир,

мо банӣ одамем, виҷдон ва ақл чӣ қадар моро ба фарқи баду нек раҳнамоӣ кунад ҳам, боз он кори медонистагиамонро мекунем ва аз он завқи зиёд мегирем, одамизод шири хомхӯрда! –гуфта илова кардам. –Ман ҳам аз кашидани ин расмҳои арзонбаҳо, қиссаҳои беҳуда дар бораи шайтон, пул, саг шояд лаззат мегирам, барои ин шарм мекунам.

– Ин тавр бошад, чаро ба лонаи он беимонҳо меравӣ?

– Хуб, –ғурунгос задам ба задани дилам гӯш дода. – Ҳамаашро аз аввал нақл карда медиҳам. Рости гап, вақте ки баъди устод Усмон худи подшоҳамон иқрор карданд, ки ман дар байни рассомон аз ҳама боистеъдод ҳастам, аз рашку ҳасади атрофиён метарсидагӣ шудам. Бинобар ин, барои он ки зиёнашон нарасад, ба он ҷойе, ки онҳо мераванд, ман ҳам баъзан рафта, худро нишон додан мехоҳам. Мефаҳмӣ? Аз замоне ки овоза карданд, ки ман яке аз тарафдорони воизи эрзурумиам, аз тарси он ки зиёнашон нарасад, ба ин қаҳвахонаи бетартиб медароям. Мақсад гирифтани пеши роҳи овозаҳои беҳуда аст.

– Устод Усмон мегӯяд, ки ту бисёр вақт худро чунон вонамуд мекунӣ, ки гӯё барои ҳунар ва истеъдодат узр мехоста бошӣ.

– Дар ҳаққи ман боз чиҳо гуфт?

– Ту баъзан ба корҳои беҳудаи аҳмақона машғул мешавӣ, монанди он ки дар болои нохун ва донаи гандум расм кашида, нишон додан мехоҳӣ, ки аз хушиҳои зиндагӣ даст кашидаӣ. Яъне, аз истеъдоди худодод шарм мекунӣ ва бо ҳар роҳ кӯшиш менамоӣ ба атрофиён маъқул шавӣ.

– Устод Усмон дар мартабаи Беҳзод аст, –аз таҳти дил гуфтам. –Боз?

– Норасоиҳои туро рӯйирост номбар кард, –гуфт разил.

– Чӣ хел норасоӣ?

– Новобаста ба истеъдод, ту на барои санъат, балки барои он кор мекунӣ, ки худро нишон диҳӣ. Вақте ки кор мекунӣ, бароят хурсандибахш аст, ки чӣ тавр аз кори ту одамон лаззат мебаранд, ҳол он ки рассомро пеш аз ҳама бояд наққошӣ ба вачд орад.

Маро он чиз хафа кард, ки устод Усмон дар бораи норасоиам на ба рассоме, балки ба котибе, номанигоре, ки кораш хушомадгӯйӣ аст, гап задааст. Кара илова кард:

– Ӯ гуфт, ки устодони бузурги пешин барои аз байн нарафтани қоидаҳои ҷорӣ усули худро ба вуҷуд меоварданд; агар барои манфиату хоҳиши шоҳи дигар, ё талаботи замон усулро дигар кардан лозим ояд, худро қаҳрамонона кӯр мекарданд. Шумо бошед, хоҳиши подшоҳамон гуфта, ору номусро фаромӯш карда, барои китоби язнаам дар тақлиди устодони фарангӣ расм кашидед.

– Устод Усмон бо вуҷуди ин, дар ҳаққамон ягон гапи бад назадааст, –эътироз кардам. –Ба меҳмон чой дам кунам.

Ба хонаи дигар гузаштам. Ҷононаам, ки ба тан куртаи нави шабпӯшии аз шоҳии чинии аз савдогар Эстер харидаамонро пӯшида буд, дастонашро ба гарданам ҳалқа карда, бо нозу карашма масхара кард: «Ба меҳмон чой дам кунам!» ва дастаконашро болои «қамиш»-ам гузошт.

Ба рахти хобамон нишаста, ба ғалладони поёнии ҷевон даст дароз карда, шамшери дастааш санги ақиқ доштаро, ки дар байни рӯйҷойи бӯйи гули садбарг дошта пинҳон буд, гирифтам ва аз ғилоф баровардам. Дами он чунон бурро буд, ки рӯймолчаи абрешимиро дар ҳаво, зарваракро бо ёрии хаткашак мебурид.

Шамшерро зери либос пинҳон карда, ба устохона баргаштам. Кара-афандӣ аз истинтоқам чунон ба вачд омадааст, ки дар дасташ ханҷар ҳоло ҳам гирди

болиштаки сурхам чарх мезад. Як саҳифаи расми нотамомро болои он гузоштам.

– Нигоҳ кун, –гуфтам.

Кунҷковона болои он хам шуд.

Аз қафояш гузаштам, шамшерро баровардам, бо як ҳамла ба замин ғалтондамаш. Ханҷараш афтод. Аз мӯйҳояш дошта, сарашро ба қафо кашидам ва шамшерро ба гарданаш гузоштам. Бо тамоми қувват бадани нозуку зебояшроро ба замин пахш кардам, бо манаҳам ва дастам сарашро зер кардам, то гарданаш ба дами шамшер рост ояд. Дастонам банд буданд: бо якеаш мӯйҳои чиркинашро нигоҳ медоштам, бо дигараш шамшерро. Боақлона ва боодобона ноҷунбон меистод, чунки ҳар лаҳза рехтани хунаш мумкин. Мӯйҳои ҷингила, пушти гарданаш, ки дигар вақт боби шатта задан аст ва гӯшҳои чиркинаш бо ин ҳама наздикӣ бештар аламамро меоварданд.

– Саратро аз тан ҷудо кардан мехоҳаму базӯр худдорӣ мекунам, –гӯё сирреро ошкор мекарда бошам, ба гӯшаш пичиррос задам.

Чун кӯдаки гаправ ҳеч чиз нагуфт ва гӯш карданаш бароям писанд омад.

–«Шоҳнома»-ро албатта, хондаӣ, –гуфта пичиррос задам. – Давлатро чӣ тавр тақсим кардани Фаридуншоҳ нодуруст буд, зеро аз ҳама ноободашро ба ду писари калонӣ, ободаш – Эронро ба хурдӣ - Эраҷ дод. Тур қарор дод интиқом гирад, бародари хурдиаш Эраҷро бо фиреб ба дом афтонд, пеш аз он ки сарашро бурад, чун вазъи ҳозираи ман мӯйҳояшро ба қафо кашида, тамоми вуҷудашро ба болои ӯ партофт. Вазнамро ҳис мекунӣ?

Ҷавоб надод, аммо ба чашмони чун гӯсфанди қурбонӣ маъсумаш нигоҳ карда, фаҳмидам, ки гӯш мекунад ва ин ба ман илҳом бахшид:

– На танҳо дар рассомӣ, балки дар кори бо шамшер буридани сар низ ба услуб ва усули Аҷам содиқ ҳастам. Ин саҳнаи писандидаро дар наққошии дигар дар тасвири қатли Сиёвуш ҳам дидаам.

Ба Караи хомӯш гӯш дар қимор ҳикояти чӣ тавр Сиёвуш ба қабули интиқоми бародаронаш омода мешуд; чӣ тавр қасри худро бо тамоми молу мулкаш оташ зад, бо ҳамсараш худоҳофизӣ кард, ба аспаш нишаста, ба сафари ҳарбӣ рафт, чӣ тавр дар ҷанг мағлуб шуд, чӣ тавр ӯро дар майдони ҷанг рӯйи замини пурчангу хоки пур аз ҷасад аз мӯйҳояш кашола карданд, чӣ тавр рӯ ба замин хобонданд – ба монанди он ки ҳоло Кара хоб аст, ба гарданаш ханҷар гузошта, ба баҳс пардохтанд: шоҳи афсонавиро, ки байни дӯсту душман маълуму машҳур аст, кушанд ё бахшанд, Сиёвуш бошад, гӯш мекард.

– Ин расм ба ту писанд аст? –пурсидам. –Гурӯй ба тахтапушти Сиёвуш савор шуда, ҳамон тавре ки ҳоло дар тахтапушти ту саворам, аз мӯйҳояш дошта, сар мезанад. Лаҳзае пас хуни гарми сурх ҷорӣ мешавад, аввал аз замини ташналаб дуди сиёҳранги чанг мебарояд, баъд дар ҷойи рехтаи хун гуле[137] мерӯяд.

Ҳамин ки хомӯш шудам, дар кӯчаҳои дур фарёдкунон гаштани эрзурумиҳоро шунидем. Фалокат ва даҳшати берун моро ба ҳам наздик мекард.

– Аммо вақте ки ба ҳамаи ин расмҳо нигоҳ мекунӣ, – давом додам мӯйи Караро бо панҷаам сахттар дошта, – ҳис мекунӣ, ки ҳам танҳои ба ҳамдигар печидаи мо ва ҳам нафрати ба ҳамдигар доштаи он ду одамро бо зарофат кашидан чӣ қадар душвор аст. Ин ҷо хиёнат, шакку шубҳа, ҳасад, мубориза ба ҳам меоянд ва ниҳоят, бо

---

[137] Ба ривояте дар ҷойи хун гули лола мерӯяд ва ба қавли донишмандон ин ҳодиса дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ё Афғонистон ба амал омадааст ва тоҷикон авлоди Сиёвушанд (ниг. ба шеъри «Аз хуни Сиёвушем»-и Бозор Собир).

саҳнаи сарбурӣ як наққошии зебое ба вуҷуд меояд. Ҳатто барои устодони бузурги Қазвин кашидани расми ду марди болои ҳам хобида душвор буд: ҳама чиз ба ҳамдигар печида. Аммо нигар, ману ту бештар мутаносиб хобидаем, бозарофат.

– Шамшер мебурад, –нолиш кард.

– Ташаккур, ки хотиррасон кардӣ, ҷонам, аммо намебурад. Диққат мекунам, намегузорам, ки ин хушоҳангии зебо аз байн равад. Устодони бузурги пешин лаҳзаҳои ишқу муҳаббат, марг ва ҳарбро офарида, танҳо ҳамон вақт моро гирёнда метавонистанд, ки ба ҳам печидани баданҳоро, ки ба як тан табдил меёбад, тасвир кунанд. Нигар: чӣ тавр сарам ба гардани ту ҷафс аст – гӯё як ҷузъи узви ту аст. Бӯйи мӯй ва гарданатро ҳис мекунам. Пойҳоям чунон ба пойҳои ту часпидаанд, ки бинанда моро чун як махлуқи чорпоя тасаввур мекунад. Оё бо тахтапушт ва думбаат ҳис мекунӣ, ки вазни ман рӯйи ту баробар тақсим шудааст? –Хомӯш буд, ман ҳам аз ин зиёд дами шамшерро зер намекардам, зеро мебурид. – Агар дам намезанӣ, гӯшатро мегазам,– пичиррос задам ба гӯшаш.

Аз чашмонаш ба гап задан ҳозир буданашро фаҳмида, саволамро такрор кардам:

– Ҳис мекунӣ, ки вазнам болои ту баробар аст?

– Бале.

– Хушрӯ? –пурсидам. –Хушрӯ истодаем? –боз пурсидам. –Мо монанди қаҳрамонҳои афсонавие, ки якдигарро ин қадар бо назокат мекушанд ва дар расмҳои устодони куҳан тасвир шудаанд, зебоем?

– Намедонам, –гуфт Кара. –Зеро худамонро дар оина намебинам.

Дар рӯшноии чароғи аз қаҳвахона овардаам моро аз хонаи дигар мушоҳида карда истодани занамро пеши

назар оварда, тарсидам, ки мабодо аз ҳаяҷон дар ҳақиқат гӯши Кабро газида намонам.

– Ба хонаам ва муқаддасгоҳам бо ханҷар зада даромада, маро таҳти пурсиш қарор додӣ, Кара-афандӣ, –гуфтам. –Акнун оё чӣ қудрат доштани маро пай мебарӣ?

– Ҳақ буданатро ҳам эҳсос мекунам.

– Акнун метавонӣ саволатро аз нав диҳӣ.

– Мехоҳам, туро чӣ тавр навозиш кардани устод Усмонро нақл кунӣ.

– Дар солҳои шогирдӣ, ки нисбат ба ҳозира хеле росту нафису зебо будам, ӯ чуноне, ки ҳоло ман болои ту ҳастам, ба болоям мебаромад. Дастонамро мемолид, баъзан ҷонам дард мекард, аммо аз он ки ба дониш, ҳунар ва қувваташ ҳайрон мемондам, аз ин хушам меомад ва ягон бор бадгӯйиаш накардам, зеро дӯсташ медоштам. Устод Усмонро нағз дида, ба роҳи муҳаббат ба наққошӣ, ранг, коғаз, қалам, зебоии расм, ҳар чизи кашидашуда ва ба ҳама чизи олам ва муҳаббат ба Худованд ворид гаштам. Устод Усмон бароям аз падар беш аст.

– Ӯ туро бисёр мезад? –гуфта пурсид.

– Мезад, чуноне, ки падар мезанад, аз рӯйи ҳақиқат ва чуноне, ки устод мезанад барои омӯзондан. Ҳозир ҳис мекунам, ки аз тарси зарбаи ҷадвал ба ангуштон бештар ва беҳтар омӯхтам назар ба худи ҳисси дард. Барои он ки устод аз мӯйи пешонӣ дошта, сарамро ба девор назанад, кӯшиш мекардам, ки рангро начаконам, оби зарро нарезонам, намунаҳо (аз ҷумла, чӣ тавр кашидани пойи асп)-ро зуд аз худ кунам, хатоҳоро ислоҳ намоям, сари вақт мӯйқаламҳоро тоза кунам ва тамоми диққатамро ба саҳифае равона созам, ки болои он кор мекунем. Медонам, ки барои шаллоқҳои хӯрдаам аз устодон худро қарздор меҳисобам, аз ин рӯ, вақте шогирдонро мезанам, парвое надорам, зеро ба манфиати худашон аст. Ба

фикрам, агар шарафаш паст зада нашавад, ҳатто шаллоқи ноҳақ ба манфиати шогирд аст.

– Ба ҳар ҳол, баъзан вақте ки шогирди нозук, зебо, нафис чун фариштаро мезанӣ, кайф мекунӣ ва дар ин ҳолат ба дарки эҳсоси устод Усмон мерасӣ, ҳамин тавр не?

– Баъзан ӯ бо болиштаки мармарии суфтагарӣ чунон ба гӯшам мезад, ки гӯшҳоям чанд рӯз ҷарангос мезаданд ва чун девона мегаштам. Баъзан чунон торсакӣ мезад, ки рӯям алов мегирифт, аз чашмонам об мебаромад. Ҳамаи инро фаромӯш накардам, лекин устодро дӯст медорам.

– Не, –гуфт Кара, –ба ӯ нафрат дорӣ. Барои аз вай интиқом гирифтан дар тақлиди фарангиҳо барои китоби язнаам расм кашидӣ.

– Ту рассомонро тамоман намедонӣ. Баръакс. Шаллоқҳои дар бачагӣ хӯрдаи шогирд аз устод занҷири муҳаббати ӯро ба вай мустаҳкам мекунад ва ин то марг фаромӯш намешавад.

– Сабаби золимона ва хоинона кушта шудани Эраҷ ва Сиёвуш, ки монанди ту аз қафояшон ҳуҷум оварданд, рашки байни бародарон буд. Рашку ҳасади бародарон дар «Шоҳнома» ҳамеша дар натиҷаи беадолатии падар ба вуҷуд меояд.

– Дуруст.

– Падари беадолати шумо ҳам, ки наққошонро зидди ҳам мешӯронд, ҳоло алайҳи шумо иҳонат дорад, –сахт карда гуфт. –Оҳ, накун, мебурад, –нолид. Андак ҷунбондам. –Бале, туро барои он ки маро чун гӯсфанд қурбонӣ кунӣ, басанда аст андак дастатро ҳаракат диҳӣ, –гуфт. –Аммо агар ту гапи маро гӯш накарда, ин корро кунӣ, аслан ба ин корро карданат бовар надорам, оҳ, дард мекунад, агар ин корро кунӣ, солҳо ба худ суол медиҳӣ, ки чӣ мехостам ба ту гӯям. Шамшерро зер накун. –Зер накардам. –Ин устод Усмон, ки аз бачагӣ аз болои

ҳар қадам, ҳар нафаси шумо назорат мебурд ва аз он ки бо кӯшиши ӯ истеъдоди Худододи шумо чун гулҳои баҳорӣ мешукуфт, болу пар мебаровард, ҳоло барои он ки услуби наққошхонаеро, ки чун шумо ӯ ҳам умрашро сарфи он кардааст, муҳофизат намояд, аз шумо рӯй гардондааст.

– Барои он ки бифаҳмӣ, услуб чӣ қадар чизи ифлос аст, ман ҳамон рӯзе, ки Зариф-афандиро гӯрондем, ба ту се масал гуфта будам.

– Онҳо дар бораи услуби наққошии рассомон буданд, –эҳтиёткорона ба гап даромад Кара, –аммо талвосаи устод Усмон услуби наққошхонаро нигоҳ доштан аст.

Ва Кара сар кард ба ҳикояташ андар боби аҳамияти ҷиддии подшоҳамон ба дарёфти қотили Зариф ва Эниште, бо ин мақсад кушодани дари хазина ва дар бораи он ки чӣ тавр устод Усмон ин имкониятро барои фош кардани китоби Эниште ва ҷазо додани онҳое, ки ба ӯ хиёнат карда, ба усули фарангӣ тақлид намуданд, истифода бурд. Ба фикри Кара, усуле, ки бо он аспи биниаш бурида кашида шудааст, устод Усмонро ба он натиҷа расонд, ки Зайтунро таҳти шубҳа қарор диҳад, аммо Лаклакро ба дасти ҷаллодон супурданист, зеро маҳз ӯро айбдор меҳисобад. Дарк кардам, ки ӯ дар зери шамшер рост мегӯяд ва барои он самимияти кӯдаконае, ки ҳангоми нақл дорад, мехостам бибӯсамаш. Шунидаҳоям на он қадар маро тарсонд: агар ин гап рост бошаду (дар ҳақиқат, дар ин лаҳза ба самимияти Кара боварӣ доштам) Лаклакро гунаҳгор карда шавад, ӯ аз сари роҳам дур мегардад, он вақт баъди марги устод Усмон бо мадади Худованди бузург ман саррассом таъин мешавам.

Маро на он ки пешгӯиҳои Кара амалишавандаанд, балки амалӣ нашуданашон хавотир мекард. Ҳис мекардам, ки Кара ҳоло ҳам чизеро нагуфта истодааст ва

аз пеши худ онро муайян кардам: устод Усмон на танҳо омодааст Лаклакро ба он дунё фиристад, балки маро ҳам. Ин имконияти ғайриодӣ на танҳо маро метарсонд, балки ин андеша маро ба шахси ғарибу танҳо, ба оне, ки ногаҳон падарашро аз даст додааст, табдил медод ва мехостам, шамшерро ба гулӯи Кара бихалам. Аз ин рӯ, то метавонистам худро ба даст гирифтам ва дар бораи сабабҳои моро хиёнаткор донистани устод Усмон андешаеро ба забон ва ба хаёлам роҳ надодам. Наход кашидани чанд расми аҳмақона дар тақлиди фарангӣ ба ин сабаб шуда бошад? Ба сарам боз ҳамон фикри пешина омад, ки қатли Зариф-афандӣ метавонад ҳиссаи нақшаи Лаклак ва Зайтун ба муқобили ман бошад. Шамшерро аз гулӯи Кара бардошта гуфтам:

– Якҷоя ба хонаи Зайтун меравем ва хонаашро тагурӯ мекунем. Агар расми охирро аз хонаи ӯ ёбем, ақаллан, медонем, ки аз кӣ эҳтиёт шавем. Агар наёбем, ӯро ҳамроҳ мегирем ва аз пайи Лаклак мешавем.

Кара ба ман бигзор пурра бовар кунад, ҳатто шамшерамро намегирам, як ханҷари ӯ кофист. Ӯро озод кардам. Бархост. Узр пурсидам, ки ҳатто чойи зирфунӣ дам накардам. Аз замин чароғи аз қаҳвахона овардаамонро бардоштам, ҳар ду маънидорона ба болиштаке, ки дар он худи ҳозир Кararo пахш карда будам, нигаристем. Чароғро наздик бурда, дар гарданаш пайи шамшери тезро дида, гуфтам, ки ин нишонаи дӯстии мост. Аз гулӯи ӯ андак хун ҷорӣ шудааст.

Дар кӯча ҳоло ҳам доду фиғони тарафдорони эрзурумиҳо ва онҳое, ки таъқибашон мекарданд, басанда нагаштааст. Аммо касе моро нигоҳ надошт. То хонаи Зайтун зуд расидем. Аввал даричааш, баъд дари хонааш, ниҳоят бетоқатона чорчӯбаи тирезаро сахт задан гирифтем. Маълум буд, ки дар хона касе нест. Чунон доду

фиғон бардошта будем, ки агар касе мебуд, мебаромад. Кара андешаи ҳар дуямонро ба забон овард:

– Медароем.

Бо дастаи ханҷар қулфро ҷунбондам, баъд теғашро ба роғи дар даровардам ва дукаса дарро тела додем, қулф шикаст. Ба димоғамон бӯйи рутубат, чирк ва танҳоӣ зад. Дар нури чароғ рахти хоби нағундошта бо рӯйҷойи махмалӣ, болиштҳои зиёд, ки рӯяшон бетартиб миёнбанд, нимтана, курта, ду каллапӯш, луғати форсӣ–туркии Нақшбанд Неъматуллоҳ-афандӣ партофта шудаанд, рафча барои тоқичаи шабпӯшӣ, пораи матоъ, сӯзану ришта, зарфи мисие бо пӯчоқи себ, рангҳо, мӯйқалам ва ашёи дигари наққоширо дидем. Хостам саҳифаи наққошии рӯйи тахтаро бинам, бастаи коғазҳои баробар буридаи коғази ҳиндиро аз назар гузаронам, аммо бозистодам: якум, Кара ба ковтуков эҳтиёҷ ва рағбати бештар дошт; баъдан, устод ба ашёи наққошии рассоми ҳунараш аз ӯ паст набояд даст расонад – хосият надорад. Зайтун, ҳамон тавре ки баъзеҳо гумон мекунанд, боистеъдод нест, фақат меҳнатдӯст ва боирода аст. Норасоии маҳораташро бо ишқу муҳаббат ба устодони гузашта рӯйпӯш мекунад. Аммо намедонад, ки кори рассомони куҳан фақат тасаввуроти наққошро ба таҳрик меорад, аммо наққоширо даст иҷро мекунад, на андеша.

Замоне ки Кара сабадҳои рӯйҷой, сандуқ ва қуттиҳоро мекофт, ба чизе даст нарасондам, хонаро аз назар мегузарондам: шона аз чӯби обнӯс, сачоқи чиркини гармоба, шишаи холии гулоб, пешбандак аз матои ҳиндӣ бо наққошии аҷиб, хилъат, фаранҷии куҳна, лаълии каҷи мисӣ, гилемҳои чиркин ва дигар анҷоми фарсуда. Ашёи арзону куҳна. Аҷиб, охир, ӯ пули бад кор намекард. Ё сахт бахил аст ё якбора ба сари маош об мерезад…

– Хонаи ҳақиқии қотил, –хулоса баровардам, –ҳатто ҷойнамоз надорад, –аслан дар ин бора фикр намекардам,

пас, дар бораи чӣ? –Анҷомҳои шахсе, ки ҳеч вақт хушбахт буда наметавонад, –инро гуфтаму маҳзунона аз дил гузарондам, ки агар наққош бадбахт ва бо шайтон алоқа дошта бошад, ин албатта, ба фоидаи ӯст.

– Баъзан одам медонад, ки чӣ тавр хушбахт шавад, аммо ба ин ноил гашта наметавонад, –гуфт Кара ва аз қаъри сандуқ як бандча наққоширо бароварда, ба назди ман гузошт. Наққошиҳо дар коғази дурушти самарқандӣ кашида, ба картон часпонда шуда буданд. Дар онҳо ба таври аҷиб аз зери замин баромадани шайтони ба таври хуросонӣ кашида, дарахт, зани зебое, саг ва расми кашидаи ман – маргро дидем, инҳо ҳамон наққошиҳое буданд, ки маддоҳи марҳум шабҳо дар девор овехта, аз рӯйи онҳо қиссаҳои аблаҳона мегуфт. Инро ба Кара расондам.

– Чунин расмҳо дар китоби язнаам ҳам буданд.

– Маддоҳ ва соҳиби қаҳвахона диданд, ки ба қаҳвахона асосан наққошу хаттотон меоянд, минбаъд ба хулоса омаданд, ки кашидани расмро ба онҳо месупоранд, то ба девор овезанд. Маддоҳ ба мо варақи коғази дуруштеро медод, ки бадоҳатан дар мавзӯе расме кашем, албатта, фикри наққошонро дар бораи расми мазкур мепурсид, ғайбатҳои моро ҳам мешунид, баъд, боқимондаашро аз худаш мебофт, мешуд як қиссаи аҷиби аблаҳона.

– Барои чӣ расми маргро монанди он ки дар китоби язна ҳаст, ба ӯ кашида додӣ?

– Бо хоҳиши маддоҳ он бояд расми махсус мешуд. Ба расмҳои китоби Эниште шарт набуд монанд шавад, зуд бо рафти даст мекашидем. Ҳамин тавр, шояд барои хандондан дигарон ҳам нусхаи дағали наққошиҳои он китобро барои маддоҳ тайёр карда медоданд.

– Аспро кӣ кашидааст? –гуфта пурсид. –Ҳамоне, ки биниаш бурида аст?

Чароғро хам кардам ва мо бо як ҳайронӣ расмро тамошо кардем. Ба аспҳои барои китоби Эниште кашида монанд буд, аммо саросема барои онҳое, ки талаботи бештар надоранд, анҷом дода шудааст, гӯё супоришгар на танҳо маблағи кам дода, зуд анҷом додани онро хостааст, балки дониста дағал баромадани расмро хоҳиш кардааст. Шояд маҳз ба ин сабаб аспе ба вуҷуд омадааст хеле воқеӣ ва зинда.

– Ба ин суол фақат Лаклак ҷавоби дуруст дода метавонад, –гуфтам. –Ин девонаи худпараст дар бораи нақққошони ҳамкасбаш шунидани ғайбатро чунон дӯст медорад, ки ҳар шаб ба қаҳвахона меояд. Аминам, ки ин аспро Лаклак кашидааст.

56. Номи ман Лаклак аст

Парвона ва Кара нисфи шаб омаданд, расмҳоро рӯйи фарш паҳн карданд ва талаб намуданд, ки бигӯям, кадомаш ҳунари кист? Ин корашон бозии «тоқии кӣ?»-ро ба хотир овард, ки дар бачагӣ мекардем: дар варақчаҳо расми каллапӯшҳои хоҷӣ, сипоҳӣ, занон, ҷаллод, хазинадор, котиб, кавукҳоро мекашидем, дар коғазчаҳои дигар калимаҳоро сабт карда, онҳоро чаппа мегузоштем, баъд ҳар кас расму зернавиштҳои мувофиқро бояд меёфт.

Гуфтам, ки расми сагро ман кашидам. Ҳикояашро ҳамаамон бофта, ба маддоҳи мақтул нақл кардем. Дар зери нури лапандаи чароғ ба нақққошии марг нигариста, ба хотир овардам, ки ин кори Парвонаи барност, ки ҳоло ба гулӯям ханҷарро гузоштаст, ба ӯ ошиқ шуда будам. Ба хотир овардам, ки шайтонро бо ҳаваси зиёд Зайтун кашид, ҳикояашро шояд худи марҳум бофтааст. Дарахтро ман сар кардам, дигар рассомон - муштариёни қаҳвахона баргҳояшро кашиданд. Ҳикояашро ҳамаамон бофтем. Сурх ҳам чунин пайдо шуд: яке ба коғаз ранги сурхро

чаконд, маддоҳи зихна пурсид, ки аз ин ягон лавҳа сохта мешавад? Боз камтар ранги сурх чакондем, пас ҳар як рассом дар кунҷе бо ранги сурх чизаке кашида, бо қиссае пур кунонд, сипас маддоҳ аз ҳамаи онҳо қиссае бофта, ба мо нақл кард. Ана, ин аспи зеборо, офарин ба ӯ, Зайтун кашид, зани ғамгирифтаро бошад, дар хотирам ҳаст, Парвона кашидааст. Дар ин лаҳза Парвона ханҷарро аз гулӯям гирифт ва ба Кара гуфт, ки зани зеборо ӯ кашидааст, ба хотираш омад. Пулҳои бозор кори дасти ҳамаамон, ду дарвешро, албатта, Зайтун, ки умраш бо онҳо гузашта, кашида. Одати онҳо гадоӣ ва ишқи бачагони барно буда, шайх Авҳадиддини Кирмонӣ дусадупанҷоҳ сол пеш китобе назм карда, дар он овардааст, ки ҷамоли Худовандро дар чеҳраи зебои инсонҳо дидан мумкин аст.

Аз дӯстони азизи наққошам бисёр узр пурсидам, ки хонаам бетартиб аст, ногаҳонӣ омадед, қаҳваи хушбӯй, турунҷи ширин омода карда натавонистам, зеро ҳамсарам дар хонаи дигар хобидааст. Барои он чунин гуфтам, ки онҳо чунон бо ҳавас сабаду сандуқҳоро кофта, порчаҳои матоъ, чити пахтадори форсӣ, миёнбандҳои тобистонаи шоҳии ҳиндӣ ва батистӣ, камзӯлҳо ва дигар сару либосро кашола карда мебаровардand; болиштҳоро мебардоштанд, ба таги гилемҳо менигаристанд, саҳифаи расмҳои барои китобҳои гуногун кашидаам, ҷилдҳои китобҳои тайёрро аз назар мегузаронданд, ки гумон кардам ҳозир ба хонаи дигар медароянд ва ман маҷбур мешавам хунашонро резам.

Бояд эътироф кунам, ки худро одами тарсида вонамуд кардан бароям писанд буд. Охир, ҳунармандии наққош, аз як тараф, аз қобилияти пурра ва ба таври масъулиятнок дода шудан ба зебоии лаҳзаина бо дарки хурдтарин ҷузъиёт, аз тарафи дигар, аз худро дар

масофаи муайян нигоҳ дошта тавонистан аз олами атроф, гӯё, ки чанд қадам дур аз оина истода бошед, вобаста аст.

Аз ин рӯ, ба ҳамаи саволҳояшон пурра ҷавоб додам: бале, вақте ки эрзурумиҳо ба қаҳвахона ҳуҷум карданд, он ҷо чун ҳамеша серодам буд, тақрибан чил кас. Ба ғайр аз ман, он ҷо Зайтун, рассом Носир, хушнавис Ҷамол, ду наққоши ҷавон ва рафиқони онҳо, хаттотони ҷавон, яке аз бачаҳои барнои шаҳр Раҳмӣ, дигар шогирдони зебо, чанд шоир, майзада, нашъамандон, дарвешҳои дайду ва чанд одами бегона, ки бо ҳар баҳона аз соҳиби қаҳвахона иҷозат гирифтанд, ки дар ҷамъомади шаҳрошӯби суханшиносон иштирок кунанд, буданд. Вақте ки ба қаҳвахона гурӯҳи одамон зада даромад, парешонӣ ба миён омад, ҷамъомадагон – дӯстдорони каломи зебо ба роҳи баромад часпиданд; дар ин дарҳам-барҳамӣ ягон кас дар бораи ҳифзи қаҳвахона ва мӯйсафеди бадбахти маддоҳ, ки либоси занона дар тан дошт, фикр накард. Оё хафаам аз ин кор? Бале! Хеле! Ман, мусаввир Мустафо, лақабам Лаклак, ки тамоми умрамро ба ҳунар бахшидаам, ба чашмони андак беақлонаи Парвона нигариста, росташро гуфтам, ки чунин меҳисобам, ки бисёр зарур ва ҳатмист, ки бегоҳиҳо мо, бародарони рассом бишинем, суҳбат ороем, шӯхӣ кунем, шеър хонем. Дар ҳақиқат, дар бачагӣ Парвона, ин бачаяки зебои ғафсаки сурхак, бисёр ҳассос буд, чӣ хел чашмони зебо, пӯсти нозук дошт. Рости гап, ҳоло ҳам чашмонаш зебост.

Меҳмонони шабона пурсишро давом доданд. Ба онҳо нақл кардам, ки маддоҳи марҳум, ки тамоми умр аз шаҳр ба шаҳр, аз маҳалла ба маҳалла мегашт, боре гузораш аз қаҳвахонае рост омад, ки ҷойи ҷамъшавии наққошон аст. Рӯзи дуюм, ҳамин ки ба варсоқихонӣ даромад, яке аз наққошон шояд бо таъсири қаҳва, шояд барои масхара, ки саг аккос мезанаду корвон мегузарад, дар девор расми сагро овехт, маддоҳ бошад, инро дида, барои шӯхӣ ба

нақли қиссаи саг даромад. Ҷамъомадагонро ин машғулият писанд омад, акнун ҳар бегоҳ яке аз онҳо барои маддоҳ расм кашида медод ва ба гӯши ӯ шӯхии бофтаашро мехонд. Шӯхиҳои таъсирбахшро нисбат ба муллои эрзурумӣ соҳиби қаҳвахона, ки аз Эдирне аст, дастгирӣ мекард, зеро онҳо ба наққошон, ки аз мавъизаҳои хоҷа Нусрат тарсидаанд, писанд омад ва ҳамчунин боиси афзудани мизоҷони қаҳвахона шуд.

Парвона ва Кара нақл карданд, ки расмҳои дар қаҳвахона истифодашударо аз хонаи беодами Зайтун дарёфт кардаанд ва пурсиданд, ки фикрам дар ин бора чист. Ҷавоб додам, ки дар ин бора зиёд фикр кардан зарур нест, ҳамааш маълум: соҳиби қаҳвахона, ҳамчунин, Зайтун аз намояндагони дарвешони қаландарианд, талбандагон, дуздон, беадабон дӯстони онҳоянд. Зариф-афандии содда, ки баромадҳои таҳдидкоронаи воизро ҳар ҷумъа шунида, чун барги бед меларзид, шояд ба эрзурумиҳо оид ба вазъи қаҳвахона хабар расондааст. Шояд ӯ кӯшиши шарм дорондан ва ба роҳи рост даровардани Зайтунро дошт, аммо вай, ки бо соҳиби қаҳвахона як себи дукафон аст, ваҳшиёна ӯро кушт. Кушта шудани ҳаммаслакашон эрзурумиҳоро ба ғазаб овард. Шояд Зариф-афандии марҳум ба онҳо дар бораи китоби махфии омодашуда ва зиёни он нақл карда буд, барои ин эрзурумиҳо дар кушта шудани Зариф-афандӣ Эништеро айбдор донистанд ва аввал бо ӯ ҳисобашонро баробар карда, сипас, амали дигари қасосгириашонро амалӣ сохтанд – қаҳвахонаро вайрон карданд.

Боварӣ надоштам, ки Парвонаи фарбеҳак ва Караи сиёҳчурда (ӯ ба шабаҳе монандӣ дошт), ки ба ҷустуҷӯ дода шудаанд, он қадар ба ман гӯш мекарда бошанд. Вақте онҳо дар сандуқи нақшу нигорини аз чӯби чормағз мӯза, дигар ашёи сафарии маро пайдо карданд, дар чеҳраи кӯдаконаи Парвона аломати рашку ҳасад пайдо

шуд. Инро мушоҳида карда, бо ифтихор чизеро, ки ба ҳамагон барвақт маълум аст, нақл кардам: замоне ки бо лашкари ислом ба сафари ҳарбӣ баромадам, аз рассомони дараҷаи аввал ба ҳисоб мерафтам, нахустин ҳунарманде будам, ки парондани тири тӯб, афтидани манораи қалъаи душман, сару либоси аскарони кофир, мурдаҳои дар об равон, саворааскарони қатор ва ба ҳуҷум тайёрро бо чашми худ дида, дар китоби «Зафарнома» наққошӣ кардам.

Парвонаро зиреҳпӯшиам ба ҳайрат овард ва ман заррае шарм накарда (ба ман ҳатто маъқул буд, ки онҳо чӣ тавр дар рӯшноии алови оташдон маро наззора доранд), нимтанаи бо пашми харгӯш ороёфта, курта, шалвор, либоси тагро кашида, шалворчаи дарози тоза, куртаи махсуси сатини ғафси рангаш сурх, ки бе он дар ҳавои хунук танҳо бо зиреҳ наметавон гашт, ҷӯроби пашмӣ, мӯзаи зарди чармӣ ва аз болояш соқбандҳои гармро пӯшидам. Аз хӯрҷин зиреҳро бароварда, бо завқ ба сари синаам устувор кардам, баъд ба Парвона пушт гардонда, монанди он ки ба хизматгор супориш медиҳанд, фармудам, ки бандҳоро сахттар кашад ва китфпӯшакҳоямро гузорад. Баъд оринҷмонакҳо, дастпӯшак, миёнбанди пашми шутурӣ, ки ба он шамшерро меовезанд, ниҳоят ба сарам тоскулоҳи тиллорангро, ки танҳо дар иду айём ба кор мебарам, пӯшида, бо ғурур гуфтам, ки ҳоло маҷлисҳои ҷанг чун пешина кашида намешаванд. Ҳоло саворони ду лашкарро, ки муқобили ҳамдигар саф оростаанд, дар як қолиб кашидан мумкин нест. Аз ин ба баъд дар наққошхонаҳои оли усмонӣ маҷлисҳои ҳарбро тавре мекашанд, ки ман дидаам ва кашидаам: аспҳо, зиреҳҳо ва ҷасадҳои хунолуди ба якдигар омехта.

– Рассом чизи дидаашро не, балки он чизе, ки Худованд дидааст, мекашад, –ёдрас кард Парвона бо ҳасад.

– Дуруст, –гуфтам, –аммо Худованд аслан он чизеро мебинад, ки мо мебинем.

– Албатта, Худованд он чизеро мебинад, ки мо мебинем, аммо на он тавре ки мо мебинем, –маломатомез гуфт Парвона. –Ин ба назари мо ҷанг як бетартибист, аммо назди Ӯ ду лашкари ботартиби муқобили ҳам саф ороста.

Ҷавоб тайёр буд, албатта: «Ба Худованд имон меоварем ва он чизеро мекашем, ки ба мо нишон додааст, нишон надодаашро на», –гуфтан мехостам, аммо хомӯш мондам. На барои он хомӯш мондам, ки Парвона маро барои тақлид ба фарангиён маломат мекунад ва на барои он ки ӯ бо баҳонаи санҷиши зиреҳ бо нӯги ханҷар ба тахтапушту тоскулоҳам мезад. Аз дилам гузашт, ки танҳо бо роҳи наздик шудан ба ин хушрӯчашми девона ва Кара мумкин аст ҳамаамон аз доми Зайтун раҳо ёбем.

Баъди он ки ҷустуҷӯяшон натиҷа надод, иқрор карданд, ки чиро мекобанд. Қотили разил як расмро дуздидааст… Ёдрас кардам, ки хонаи ҳамаи моро кофтаанд, баъди ин қотили боақл (Зайтунро дар назар доштам) расмро шояд дар ҷойе, ки касе намеёбад, пинҳон кардааст, аммо ба ин гапам диққат надоданд. Кара дар бораи аспони биниашон бурида ва дар бораи он ки серӯза муҳлати ба устод Усмон додаи подшоҳамон ба охир мерасад, дурудароз нақл кард. Вақте ки аз ӯ пурсидам, бинии буридаи асп чӣ асрорро ошкор сохт, Кара рост ба чашмонам нигарист ва гуфт, ки ба қавли устод Усмон расми он аспро Зайтун кашидааст, аммо азбаски ҳарисии маро медонист, хулоса баровардааст, ки кушторро шояд ман анҷом додаам.

Дар назари аввал чунон менамуд, ки онҳо барои ин омадаанд, ки ба қотил будани ман пурра бовар кунанд, барои ин далел ёбанд, аммо дар таҳти дил боз фикр мекардам, ки онҳоро ба хонаам на танҳо ин ҳадаф, балки ночорӣ ва танҳоӣ овардааст. Зеро вақте ки дарро ба рӯяшон боз кардам, пай бурдам, ки ханҷар дар дасти Парвона меларзад. Онҳо меҳаросиданд: қотили номард метавонад ҳар лаҳза онҳоро дастгир кунад; чунон ба назар мерасад, ки устод Усмон ҳам онҳоро айбдор эълон намуда, ба дасти подшоҳ ва ҷаллодон супурданист; ба болои ин – боз ин эрзурумиҳо ва тарафдоронашон. Хатар аз чор тараф дар камин ва онҳо донистанӣ мешуданд, ки ман дӯсташонам ё не. Аммо устод Усмон чизи дигар гуфтааст. Ҳоло маро зарур буд, ки онҳоро бовар кунонам, ки устод Усмон дар мавриди ман хато мекунад, онҳо ҳам дар қаъри дил инро мехостанд.

Аммо агар гӯям, ки устоди бузург дар пиронсолӣ ақлашро хӯрдааст, Парвонаро бар зидди худ мешӯронам. Дар чашмони ғуборолуди зебои бародарам, ки то ҳол бо ханҷар санҷишкорона ба зиреҳам туқ-туқ мезад, нишонаи алоқаи пешинаи ӯ ва устод Усмонро баръало медидам, ӯ дӯстдоштатарин шогирди вай буд. Солҳои пеш ин алоқаи онҳо рашки дигаронро меовард, аммо онҳо аз ин парвое надоштанд, рӯйирост дурудароз ба рӯйи ҳамдигар нигоҳ карда меистоданд ва якдигарро ба оғӯш мекашиданд, баъд бар қасди мо, устод Усмон боре эълон кард, ки Парвонаро қаламаш аз ҳама тез, рангаш аз ҳама ҳаяҷонбарангез аст. Ин ҳарфҳо, ки то андозае ҳаққонӣ буданд, дар наққошхона ҳасаду рашкро бедор кард ва боиси ҳар гуна шӯхиву масхара шуд, ки дар онҳо аз қалам ва рангдон ёдовар мегаштанд. Бинобар ин, на танҳо ман, балки аксарият боварӣ доштанд, ки устод Усмон мехоҳад баъди худ ба вазифаи раисии наққошхона Парвонаро пешниҳод кунад. Кайҳо дарк карда будам, ки маҳз ба ин

сабаб устодамон дар бораи ҳардамхаёлӣ ва баланддимоғии ман ҳар гуна ҳарфҳо ба забон меорад. Бале, ӯ дуруст мегуфт, ки нисбат ба Зайтун ва Парвона бештар ба қабули усулҳои фарангии наққошӣ омодаам ва ҳеч гоҳ ба муқобили дархости подшоҳ танҳо ба сабаби он ки «наққошони пешин чунин намекашиданд», баромад нахоҳам кард.

Ин ҳолат мавқеи ману Кararo наздик мекард. Шубҳае надоштам, ки ин шавҳари навбаромади Шакура мехоҳад, зуд китоби язнаро ба итмом расонад, на танҳо барои он ки дили зани зебояшро ёбад, балки барои он, ки ба боварии подшоҳ бо роҳи осон сазовор гардад.

Аз он сар кардам, ки онҳо ҳеч умедвор набуданд: гуфтам, ки китоби Эниште муъҷизаи нотакрор аст, ба дилҳо сурур мебахшад. Агар ин шоҳасар дар ҳамон шакле, ки подшоҳамон супориш додааст ва бо хости Эниште-афандӣ омода шавад, олам ба қувват ва боигарии подшоҳамон ва истеъдоду ҳунари мо қоил мегардад. На танҳо дар дили аҳли насоро аз иқтидор ва ҳунари мо тарс ворид мегардад, балки онҳо чӣ тавр аз дидани чизҳои зебо ва ғамовар гиристану хандидан, чӣ тавр аз ҳунари фарангиён баъзе чизҳоро гирифта истифода бурда тавонистани моро дида, дилашон ба ларза медарояд ва мефаҳманд, ки мо метавонем дар доираи ҳунари устодони куҳан баробари наққошони бузурги имрӯзаи Фаранг ҳунарнамоӣ намоем.

Парвона аввал ба зиреҳам чун кӯдаке, ки мехоҳад бифаҳмад он ҳақиқӣ аст ё на, мекӯфт, ҳоло бо тамоми қувват мезад, гӯё мехост дард расонад. Шояд ба фаҳми он расида буд, ки ман аз ӯ бомаҳоратам ва аз ӯ бештар лоиқи саррасом шуданам ва шояд инро устоди бузург ҳам медонад. Ман мағрурам. Агар Парвона тавассути муҳаббати устод Усмон ба чизе ноил шуда бошад, ман ба туфайли ҳунарам муваффақ шудам. Аз ин рӯ, ҳис

мекардам, ки метавонам ба ӯ бартарии худро исбот кунам.

– Бисёр ҳайф, ки, –гуфтам садоямро баландтар карда, –ҳастанд одамоне, ки кори китоби андешидаи подшоҳамон ва Эништеи марҳумро аз байн бурданианд. Устод Усмон падари мо, муаллими мост, ҳамаи он чизе, ки медонем, аз ӯ омӯхтем. Аммо ӯ алайҳи ин китоби аҷиб баромадааст. Барои чӣ дар хазинаи подшоҳӣ ӯ изи қотил – Зайтунро ёфту акнун кӯшиш мекунад онро пинҳон дорад? Боварӣ дорам, ки қотил Зайтун дар қаландархонаи бекорхобидаи дарвешон, дар қарибии Фанеркаппа пинҳон аст. Ин хонаи дарвешон бо иродаи бобои подшоҳи имрӯзаамон маҳкам шуда буд, аммо на барои он ки лонаи беодобҳост, балки бо сабаби ҷангҳои бепоён бо аҷамиён. Ёдам ҳаст, ки боре Зайтун таъриф карда буд, ки қаландархонаро «нигоҳубин» дорад. Агар ба ман бовар надоред, гумон мекунед, ки шуморо фиреб медиҳам, ана, дар дастатон ханҷар, биёед, равем он ҷо, агар нодуруст аст, хунамро резед.

Парвона боз ду маротиба бо ханҷар сахтакак ба зиреҳам зад, ки на ҳама ҷавшан онро бардошта метавонад, баъд тоб хӯрда ба Кара нигарист, ки омода буд ба далелҳоям бовар кунад ва сахт ба ҷониби ӯ фарёд кард. Аз қафои Парвона гузаштам ва бо як дасти дар зери либоси ҳарбӣ будаам аз гарданаш доштам ва бо дасти дигарам ба банди дасташ задам, то ханҷар афтад. Мо ҷанг намекардем, балки шӯхию бозӣ. Ба хотирам расид, ки дар «Шоҳнома» чунин тасвире ҳаст, ки на ҳама медонанд.

– Вақте ки лашкари Эрон ва Тӯрон дар назди кӯҳи Ҳамоварон муқобили ҳам истоданд, аз байни эрониён ҷанговари номаълуме баромад, ки ҳар рӯз як паҳлавони намоёни тӯрониро мағлуб мекард. Рӯзи сеюм бо мақсади донистани он ки ин паҳлавон кист, тӯрониён ба муқобили

ӯ Шенгили маккорро баровардand. Шенгил ӯро ба муҳориба хост, паҳлавон қабул кард. Лашкариён шоҳиди он буданд, ки чӣ тавр дар зери офтоб ҳар ду паҳлавон ба ҳам зӯрозмоӣ мекунанд, аз зери наъли аспҳо оташ мехест. Ҷанг зиёд идома кард. Шенгил аз камон тир холӣ кард, паҳлавони эронӣ чолокона сипар гузошт, баъд, шамшерашро баровард аспашро тозонд, ниҳоят ба ӯ муяссар гашт, ки аз думи аспи Шенгил дошта, ӯро ба замин афтонад. Ӯ гурехт, аммо паҳлавони эронӣ аз гарданаш дошт. Шенгил таслим шуда пурсид: «Ту кистӣ?». «Барои ту номи ман – Марг!» –ҷавоб дод сипоҳии пурасрор. Ӯ кӣ буд?

– Рустами Дастон! –ҷавоб дод чун кӯдак хурсандона Парвона.

Бо меҳрубонӣ аз гарданаш бӯсида гуфтам:

– Аз ин бармеояд, ки ҳамаи мо устод Усмонро фурӯхтаем. Бинобар ин, пеш аз он ки вай моро ҷазо диҳад, бояд Зайтунро биёбем, душмании байнамонро барҳам диҳем, муносибатамонро муайян созем ва муттаҳид бишавем; танҳо он вақт алайҳи онҳое, ки моро ба дасти ҷаллодон супурданианд, истодагарӣ карда метавонем. Чунин шуданаш ҳам мумкин аст, дар қаландархонае, ки Зайтун пинҳон шудааст, мефаҳмем, ки дар байнамон қотили сангдил буда наметавонад.

Парвонаи бечора хомӯш шуд. Ҳар қадар ӯ бомаҳорат, дорои пуштибон бошад ҳам, монанди ҳар ҳунарманде, ки ҳамкасбашро дӯст намедорад, аммо ҷомеаи онҳоро меписандад, дар асл, аз танҳо мондан дар ин дунёи дун ва ё афтодан ба ҷаҳаннами танҳоӣ метарсид.

Аз хона баромада ҷониби Фанеркаппа равон шудем. Маҳтоб пинҳон буд, аммо аз осмон нури аҷиби сабзу зардтобе медурахшид, ки дар пайи он намои ҳамешагии шабонаи Истанбул – дарахтони сарв, гумбазҳо, деворҳои чӯбӣ, пасмондаи сӯхторҳо ҳамчун қалъаи бегона метофт.

Ба фарози теппа расида, дар дуриҳо, дар атрофи масҷиди Боязид дидем, ки сӯхтор аланга мезанад.

Дар роҳ дар торикӣ ба аробаи нимхолӣ, ки барзагове мекашид ва чун мо ба тарафи девори шаҳр равон буд, баробар шудем. Ба аробакаш ду сиккаи нуқра дода, ба он савор шудем ва дар паҳлуи халтаҳои орд ҷой гирифтем. Кара расмҳо дар даст эҳтиёткорона нишаст. Ман болои халтае нишастам ва ба абрҳои паст, ки аз нури зарраҳои сӯхтор равшан мешуданд, нигаристам. Баъд ба болои тоскулоҳам чакраҳои аввалини борон расиданд.

Маҳаллае, ки нисфи шаб ба он ҷо расидем, ба назар холӣ буд. Дар ҷустуҷӯи хонақоҳи партов ҳама сагҳоро бедор кардем. Дар баъзе хонаҳо чароғу шамъҳо рӯшан шуданд, аммо танҳо дар хонаи чорум дарро кушоданд. Ҷойи даркориро пурсидем, марди токипӯше чароғ дар даст биниашро аз борони шиддатгирифта эҳтиёт карда, ба мо чун ба шабаҳе нигарист ва роҳи хонақоҳро нишон дода, бо шӯхӣ илова кард, ки ҷину ифриту дигар рӯҳҳо моро он ҷо интизоранд.

Аз боғчаи хонақоҳ бӯйи барги пӯсида ба машом мерасид. Сарвҳои баланд орому сокит зери борон назарраболӣ доштанд. Ба девори тахтагӣ расида, аз байни сӯрохиҳои тирезача сояи одамеро дидам, ки намоз мехонд ё вонамуд мекард, ки намоз мехонад.

57. Номи ман Зайтун аст

Чӣ дуруст: намозамро қатъ карда, дарро ба рӯяшон кушоям ё дуоро идома дода, онҳоро зери борон нигоҳ дорам? Пай бурдам, ки маро мушоҳида доранд, ба ҳар ҳол намозамро давом додам, ҳарчанд акнун диққатам аз байн рафта буд. Дарро кушода, одамони худӣ – Парвона, Лаклак ва Караро дида, аз гулӯям садои хушнудона баромад. Парвонаро бо ҳаяҷон оғӯш гирифтам.

– Ба сарамон чӣ омад? –сарамро ба китфаш монда нолидам. –Аз мо чӣ мехоҳанд? Чаро моро мекушанд?

Дар ҳаёти нақкошиам борҳо дидаам, ки устоҳои рассом аз ҷудоӣ аз ҳамкасбон метарсанд. Дар ин тоқ низ аз ҷудоӣ аз якдигар дар ҳаросанд.

– Натарсед, –гуфтам. –Дар ин ҷо моро намеёбанд.

– Шахсе, ки аз ӯ метарсем, шояд дар байни худамон аст, аз ин метарсем, –ҷавод дод Кара.

– Аз ин фикр ман ҳам дар ҳаросам,– илова кардам.– Зеро ин овозаҳоро фаҳмидам.– Овозаҳоеро дар назар доштам, ки яке аз одамони сардори посбонон паҳн кардааст: мегуфтанд, ки қотили Зариф-афандӣ ва Эништеи марҳум яке аз моем, аз онҳое, ки дар болои китоби акнун ба ҳама маълум кор мекунем.

Дар китоби Эниште чанд расм кашидаам, пурсид Кара.

– Аввал шайтонро. Дар нақкошхонаи Аккоюнлу устодони куҳан чунин шайтонҳои зеризаминиро зиёд мекашиданд. Бо маддоҳ ҳамақида будем, барои ин ба ӯ ду дарвешро кашида додам. Ба Эниште пешниҳод кардам, ки онҳоро ба китоб дохил кунем, бовар кунондам, ки дар мамлакати усмониҳо барои дарвешон ҷой ҳаст.

– Ҳамааш ҳамин? –боз пурсид Кара.

Ҳамааш ҳамин гуфта ҷавоб додаму Кара бо чеҳраи мағруре, ки шогирдро дар сари дуздӣ дастгир кардааст, ба тарафи дар рафт ва як бандча расмеро, ки аз борони берун тар нашуда буд, оварда ва чун гурбае, ки парандаи ярадорро пеши бачагонаш кашола мекунад, дар назди мо – се нақкош гузошт.

Рости гап, онро зуд шинохтам: расмҳое, ки шабона аз қаҳвахона оварда будам. Напурсидам, ки чӣ тавр онҳоро аз хонаам гирифтанд. Ман, Парвона, Лаклак барои раҳматӣ маддоҳ кадом расмро кашидем, якто-якто гуфта

додем. Танҳо як асп, аспи зебо дар канор бесоҳиб монд. Аз ин расми асп хабар надорам, бовар кунед.

– Ин аспро ту кашидӣ? –ҷиддан пурсид Кара чун як устод.

– Ман не, – ҷавоб додам.

– Дар китоби Эниште чӣ?

– Он аспро ҳам ман накашидаам.

– Услуби он асп ба кори ту монанд аст, –илова кард. – Инро устод Усмон гуфт.

– Ман ягон услуб надорам, –эътироз кардам. –Инро на барои он мегӯям, ки зидди услубҳои замона ҳастам. Ҳамчунин на барои бегуноҳии худро исбот кардан. Зеро барои ман доштани услуб бадтар аз қотил будан аст.

– Корҳои ту аз устодони куҳан ва дигарон фарқ дорад, –гуфт Кара.

Табассум кардам. Кара ба нақли он сар кард, ки гумон мекунам, шумо медонед, яъне, дар бораи он ки чӣ тавр подшоҳамон ва сархазинадор барои кушодани ҷиноят чора андешиданд, чӣ тавр ба устод Усмон се рӯз муҳлат дода шудааст, дар бораи усули надима, бинии буридаи асп ва ниҳоят, дар бораи муъҷиза: чӣ тавр онҳо ба хазина роҳ ёфта, ба дидани китобҳое, ки аз чашми одамони одӣ пинҳон аст, ноил гаштанд, ҳамаашро бо диққат гӯш кардам. Дар зиндагии ҳар яки мо лаҳзаҳое мешаванд, ки мефаҳмӣ, ҳозир бо ту ҳодисае рӯй медиҳад, ки тамоми умр фаромӯш нахоҳӣ кард. Бороне меборид ҳузновар. Парвона баробари борон ғам мехӯрд ва ханҷарро мефишурд. Лаклаки зиреҳаш аз пушт бо гарди орд ҷӯлида, дар даст чароғ дар даруни хонақоҳ қадам мезад. Ин устоҳои рассом, ки сояҳояшон чун хаёл дар девор ларзон буд, бародарони мананд ва хеле дӯсташон медорам! Аз наққош буданам изҳори фараҳ мекардам.

– Медонӣ, дар паҳлуи устод Усмон чанде расмҳои устодони куҳанро тамошо кардан чӣ хушбахтист? –гуфта

пурсидам аз Кара. –Туро бӯсида буд? Рухсори зебоятро навозиш кард? Аз дастат дошт? Ба ҳунару донишаш ҳайрон шуда будӣ?

– Устод Усмон корҳои устодони куҳанро нишон дода, аз чӣ иборат будани услуби туро фаҳмонд, –ҷавоб дод Кара. –Нақл кард, ки наққош услуби худро дониста интихоб намекунад, услуб нуқси махфист, ки дар гузаштаи наққош пинҳон аст, дар қаъри хотирааш маҳфуз аст. Як замонҳо вай аз ин нуқс, заифӣ, норасоиҳо шарм мекард ва кӯшиш мекард аз онҳо раҳоӣ ёбад, зеро онҳо моро аз устодони куҳан дур мекунанд, акнун, ки усулҳои устодони фарангӣ дар тамоми ҷаҳон паҳн мешавад, аз ин ба баъд аз «усули шахсӣ», «услуб» ифтихор карда, онро ба тамошои умум мегузоранд. Аз ин сабаб, бо дасти ин девонаҳо, ки аз нуқси худ ифтихор доранд, аз як тараф, олам гуногунранг мешавад, аз тарафи дигар, аблаҳона ва албатта, бештар ноқис мегардад.

Оҳанги пурифтихори гапзании Кара бозгӯйи он буд, ки худи ӯ яке аз аблаҳони навбаромад аст.

– Оё устод Усмон нагуфт, ки ман то ин вақт барои китобҳои подшоҳамон аспҳоро бо бинии муқаррарӣ мекашидам?

– Аз сабаби он ки устод Усмон аз кӯдакӣ шумо – шогирдонро бо шаллоқу муҳаббат тарбия кардааст, бароятон ҳам ба ҷойи падар ва ҳам ошиқ ба ҳисоб мерафт, бехабар аз худ ҳамаатонро ба ҷойи худ медонад, якдигаратонро омехта мекунад. Ӯ мехост, ки на ҳар яки шумо, балки наққошхонаи усмонӣ дорои як услуб бошад. Шумо дар назди хоҳиши ӯ сар фароварда, кӯшиш мекардед, ки ҳамаи он чизеро, ки аз намунаҳои нишондодаи ӯ фарқ дорад, фаромӯш созед. Аммо ту ҳангоми кор дар болои китобу саҳифаҳое, ки устод Усмон онҳоро намедид, аспҳоро бо намунаи дигар, ҳамоне, ки солиёни зиёд дар хаёлат нақш бастааст, мекашидӣ.

– Модари марҳумам аз падарам хеле донотар буд, – гуфтам. –Шабе вақте ки гиристам ва гуфтам, ки дигар ба наққошхона рафтан намехоҳам, зеро маро он ҷо мезананд (на танҳо устод Усмон, балки дигар устодон низ, ки одамони асабонӣ ва бадхашманд), модарам шарҳ дод, ки одамон ду навъанд: Яке ононе, ки вақте устодашон дар бачагӣ мезанад, илова ба ин ки ҷисмашон дард мекунад, шайтони ҳавою ҳаваси дар вуҷудашон буда мемирад, алоқаашонро аз наққошӣ мекананд ва наққоши хуб намешаванд, аммо ҳастанд одамони хушбахте, ки шайтонашон зинда мемонад, лекин тарсхӯрдаву ромшуда, ин гуна одамон шаллоқҳояшонро фаромӯш накунанд ҳам, ҳамон тавре ки модарам гуфт: «инро ба касе нагӯй», бо шайтон ҳамкорӣ карданро омӯхта, маккортар мешаванд, барои онҳо зиндагӣ, дӯстӣ, шинохти душманон, сари вақт ҳис кардани нақшаҳои рақибон, аз ҷониби худ илова мекунам, наққошӣ кардан осон мешавад. Дуруст кашидани барги дарахтро ҳеч ёд намегирифтам ва барои ин аз устод Усмон шаллоқ мехӯрдам; аз чашмонам ашк борон мешуд. Ӯ ба сарам бо мушт мекӯфт, вақте ки нуқсеро дар наққошиам медид, оинаро гирифта, ба варақи коғаз наздик мебурд ва мегуфт, ки ин роҳи беҳтарини муайян кардани хатои чашм аст ва бо рухсораш ба рухсорам ҷафс шуда, дар оина хатоямро нишон медод, фаромӯш нахоҳам кард, ки чӣ тавр бо ишқи зиёд ба ҷо меовард ҳамаи инро. Дар назди ҳама метавонист дашном диҳад, ба ҷадвал ба дастам чунон мезад, ки шаб то саҳар мегиристам, аммо пагоҳӣ меҳрубонона чунон ба меҳр дастонамро мебӯсид, ки бовар мекардам, рӯзе мерасаду наққоши афсонавӣ хоҳам шуд. Он аспро ман накашидаам.

– Мо, –Кара ба Лаклак ишора кард, –расми охирини дуздидаи қотили малъуни язнаамро дар ин хонақоҳ ҷустуҷӯ мекунем. Ту он расми охиринро дидаӣ?

– Он аз тарафи подшоҳамон, рассомоне, ки ба анъанаҳои устодони куҳан содиқанд, мусулмонони ҳақиқӣ қабул нахоҳад шуд, –гуфтам ва хомӯш мондам.

Ин ҳарфҳоям ӯро бештар хашмгин карданд. Ӯ ва Лаклак бо диққат ба кофтукови хонақоҳ даромаданд. Чанд бор наздашон рафтам – фақат барои ёрӣ. Дар яке аз чиллахонаҳо чоҳи зери фаршро ҳам нишон додам, то мабодо пояшон ба он нағӯтад ё агар хоҳиш дошта бошанд, он ҷоро ҳам бинанд. Калиди бузурги дари хоначаеро, ки он ҷо сӣ сол пеш аз бастани хонақоҳ ва аз ин ҷо рафтану ба дарвешҳои бектошӣ пайвастани қаландарон шайх зиндагӣ мекард, ба дасташон додам. Онҳо саросема ба он ҷо даромаданӣ шуданд, аммо диданд, ки аз ҳама ҷояш борон мечакад, девораш афтода, надаромаданд ва кофтуков ҳам накарданд.

Маъқулам шуд, ки Парвона онҳоро ҳамроҳӣ намекунад, аммо далеле ёбанд, албатта, ба онҳо мепайвандад. Лаклаку Кара ҳамфикр буданд: барои он ки устод Усмон моро ба дасти ҷаллодон насупорад, бояд дастгири ҳам бошем ва якҷоя ба муқобили сархазинадор истодагарӣ намоем. Мефаҳмидам, ки Кара на танҳо кӯшиши фош кардани қотили язнааш ва бо ҳамин ёфтани дили Шакураро дорад, балки мехоҳад наққошони усмониро услуби фарангӣ омӯхта, аз подшоҳамон маблағи бештар ба даст оварда, китоби бо усули фарангӣ сохтаи язнаашро ба итмом расонад (ин андеша на танҳо ғаразнок, балки хандаовар аст). Ин ҳам аниқ аст, ки Лайлак бо мақсади вазифаи саррассомиро ба даст овардан (ҳарчанд ҳама гумон мекунанд, ки устод Усмон мансабашро ба Парвона хоҳад дод) тайёр аст аз ҳамаи мо, ҳатто устод Усмон халос шавад.

Бисёр гумону шубҳаро аз дил гузаронда, баробари ин ба садои борон гӯш медодам. Баъд бо қадамҳои қатъӣ монанди касе, ки аз байни одамон роҳ кушода, далерона

сари роҳи подшоҳамон ё садриаъзамро гирифта, аз онҳо бахшиш талаб мекунад, ба назди Кара ва Лаклак омада, онҳоро тавассути даҳлез ба назди дари калоне бурда, онро кушодам. Ба ҷойи фатароте расидем, ки як вақтҳо ошхона буд. Аз онҳо пурсидам, ки оё чизе ёфтанд. Албатта, чизе наёфтаанд ва нахоҳанд ёфт. Аз дегу оташдон, дигар асбоби матбах, ки як вақтҳо барои фақирон ва роҳгузарон хӯрок мепухтанд, чизе боқӣ намонда. Ягон бор кӯшиш накардаам, ки дар ин ҷо тартибро ҷорӣ намоям, бинобар ин, ҳама ҷоро чангу хок, шикастапораҳо, ахлоти сагу гурба пур кардааст. Аз куҷое шамол даромада, нури чароғи моро бозӣ медоронд ва сояамон дар девор каҷу килеб метофт.

– Кофтеду хазинаи пинҳониамро наёфтед, –гуфтам.

Ба оташдоне, ки сӣ сол пеш коршоям буд, хам шуда, бо кафи даст хокистарашро тоза ва даричаи оҳаниашро намоён кардам, аз дастааш дошта, дарунашро бо чароғ каме равшан намудам. Чӣ тавр Лаклак аз Кара пешдастӣ карда, халтачаи чармиро зада гирифт, ҳеч гоҳ фаромӯш намекунам. Дар ҳамон ҷо, сари оташдон кушоданӣ буданд, аммо тарафи хонаи калон баргашта равон шудам, Кара дар ин ҷойи даҳшатнок истодан нахоста, аз пайи ман ба роҳ даромад, Лаклак ҳам ночор бо пойҳои дарозаш лаклаквор қадам гузошта омад.

Дар халтачаи аввал ҷӯробҳои пашмӣ, шалвор, либосҳои сурхи таг, нимтанаи зебо, куртаи чит, поку, шона ва дигар анҷомҳоро дида, лаҳзае саросема шуданд. Кара халтачаи дигарро кушод. Дар он панҷоҳу се тангаи тиллои румӣ, зарварақҳое, ки солҳои охир аз наққошхона дуздидаам, дафтари намунаҳои наққошӣ, ки ба касе нишон надодаам (байни варақҳои он ҳам боз чанд зарварақ), наққошиҳои беодобона, ки баъзеашонро худам кашидаам, баъзеашонро ҷамъ овардаам, ҳалқаи ақиқ–

хотираи модарам, дастаи мӯйи сафеди ӯ ва беҳтарин пар ва мӯйқаламҳоям гузошта шуда буданд.

– Агар қотил мебудам, чи тавре ки шумо гумон мекунед, –эълон кардам бо ғурури девонавор, –дар хазинаи пинҳонӣ инҳоро не, балки он расми охиринро нигоҳ медоштам.

– Чаро инҳоро мондӣ? –пурсид Лаклак.

– Вақте ки одамони сарпосбон хонаамро баробари хонаи ту кофтуков карданд, бо як беҳаёӣ аз тиллоҳо дутояшро ба киссашон заданд. Аз дилам гузашт, ки кор бо ин ба итмом намерасад ва бо айби қотили лаънатӣ онҳо хонаҳоямонро боз кофтуков хоҳанд кард. Агар расми охирин дар дастам мебуд, дар ҳамин ҷо мегузоштам.

Инро бояд намегуфтам, ба ҳар ҳол, хотирҷамъ шуданд ва дигар наметарсанд, ки онҳоро дар ягон кунҷи торики хонақоҳ мекушам. Шумо чӣ? Шумо ҳам бовар кардед?

Аммо ин сафар бетоқат шудам. На аз он, ки шарикони нақққошам, ки ин қадар сол якҷоя кор мекардем, фаҳмиданд, ки боигарии зиёд ҷамъ овардаам, варақаҳои тиллоро дуздидаам, ҳамчунин, на аз он ки нақққошиҳои беодобона ва дафтари намунаи расмҳоро диданд. Бадии кор дар он аст, ки ба эҳсосоти лаҳзаина дода шуда, ҳамаи инҳоро барояшон нишон додам. Танҳо одами беирода, касе, ки дар бораи ояндааш фикр намекунад, асрори худро чунин осон фош мекунад.

– Хуб, –баъди хомӯшии тӯлонӣ гап сар кард Кара, –ба қароре бояд омад, агар устод Усмон ба касе аз мо ишорат накарда, ҳамаамонро ба дасти сарпосбон супорад, таҳти шиканҷа чӣ бояд гӯем.

Аммо моро ҳисси бепарвоӣ фаро гирифта буд, ҳеч чизро фикр кардан намехостем. Лаклак ва Парвона дар зери рӯшноии хираи чароғ ба тамошои расмҳои

беодобонаи дафтар сар карданд. Аз чеҳраашон хонда мешуд, ки ба тамоми ҳодисаҳои дунё бефарқанд. Кадом наққширо мебинанд, гӯён ногаҳон маро ҳам хоҳиши дидани расми кашидаам пайдо шуда, дар байнашон ҷой гирифта, ба тамошои он пардохтам ва худамро дар дунёи орзую рӯзҳои хуши гузашта ҳис кардам. Кара ҳам ба мо ҳамроҳ шуд, аз он ки якҷоя тамошо мекунем, рӯҳамон осуда гардид.

– Оё нобино бо бино муқоиса мешавад? –пурсид баъди хеле Лаклак.

Ин ҳарфҳои ӯ мазмун аз ояти Қуръон буд, ҳарчанд маънии онро нағз медонистам, аммо ин ҷо манзури Лаклакро нафаҳмидам. Шояд ӯ гуфтан мехост, ки қобилияти дида завқ бурдан доди Худовандист, ҳарчанд, ки ба расмҳои беодобона менигарем. Аммо Лакчак чӣ мефаҳмад дар ин бобат? Ӯ дар умраш Қуръон нахондааст. Медонистам, ки ин оятро устодони куҳани Ҳирот дар ҷавоби таҳдиди душманони ҳунари наққошӣ, ки мегуфтанд, ислом расмкаширо манъ кардааст ва рассомон рӯзи қиёмат ба дӯзах мераванд, такрор мекарданд. Аммо ҳарфҳои зерро, ки аз забони Парвона гӯё худ аз худ берун гашт, ягон бор нашунидаам:

– Мехоҳам, ки ин маънӣ – муқоисанашаванда будани нобино ва биноро дар расм тасвир созам.

– Кианд онҳо: нобино ва бино? –софдилона пурсид Кара.

– Ва оҷизу бино баробар нестанд… – гуфт Парвона ва давом дод:

Ва на зулмот ва нур,
ва на соя ва ҳарорати офтоб,
ва абадан зиндагон ва мурдагон баробар нестанд.[138]

[138] Сураи Фотир, оёти 19 – 22.

Ногаҳон ба хотирам оқибати кори Зариф-афандӣ, Эниште ва бародари маддоҳамон, ки ҳамин шаб кушта шуд, расид ва ба худ ларзидам. Оё дигарон ҳам дар ҳавои чунин як эҳсоси даҳшатовар қарор доранд? Лаҳзае чанд ҳамаамон беҳаракат дар ҷоямон шах шуда мондем. Лаклак ҳоло ҳам дафтари маро нигоҳ медошт ва ба расми беодобона менигаристем, аммо гуфтан мумкин аст, ки дар он чизеро намедидем.

– Ман бошам, мехоҳам, рӯзи қиёматро кашам, –гуфт Лаклак. –Зинда гардонидани мурдагон, чӣ тавр аз гунаҳгорон ҷудо кардани бегуноҳонро. Аммо чаро дар Қуръони карим расм кашиданро манъ кардаанд?

Дар ҷавонӣ дар як хоначаи наққошхона кор мекардему бо тақлид ба пирони кор баъзан чашмамонро барои истироҳат аз тахтаи корӣ мебардоштем ва дар бораи ҳар чизе, ки ба сарамон ояд, мелаққидем, агар он вақт ба чашми якдигар не, ба тирезаи кушода менигаристем, ҳоло чашмамон ба дафтар дӯхта шуда буд. Намедонам, шояд аз он ки солҳои хушбахтонаи шогирдиро ба ёд овардам, ё аз он ки кайҳо боз Қуръони шарифро накушодаам, аз ин рӯ, сахт хиҷолат мекашам, ё аз он ки дар бораи даҳшате, ки шаб дар қаҳвахона шоҳидаш гаштам, вақте ки навбат ба ман расид, дилам ба тапиш даромад ва аз тарс беихтиёр ғурунгос задам:

– Ман бошам, ҳамеша мехостам дар бораи ояти охирини сураи «Бақара» расме кашам: «Парвардигоро, агар чизеро фаромӯш кардем, ё ба хато рафтем, моро бар он муохиза макун. Парвардигоро, ҳеч таклифи гарон ва тоқатфарсое бар мо нагузор, чунонки бар пешиниёни мо ниҳодӣ. Парвардигоро, он таклиферо, ки фавқи тоқати мост, бар дӯши мо манеҳ. Ва моро биёмурз ва гуноҳи

моро бубахш…».[139] Ҳанӯз чанд ояи дигар монда буд, ки намедонам аз чӣ сабаб якбора садо дар гулӯям банд омада, ашк аз чашмонам сарозер шуд. Чунон шармам омад, ки мехостам пеши ашкам банд ояд, то чун дар синни шогирдиамон мавриди хандаю мазоҳи дӯстон қарор нагирам.

Ҳар қадар кӯшиш кардам, нашуд, якбора беихтиёр домани гиряро сар додам, ба ҳой-ҳой гиристан даромадам. Ҳар қадар баландтар мегиристам, баръало ҳис мекардам, ки дигаронро ҳам ғаму дард ва бадбахтии баъдина фаро гирифтааст. Дар наққошхона акнун ба усули фарангӣ кор хоҳанд кард, усулҳое, ки тамоми умр омӯхтем, фаромӯш хоҳанд шуд. Дасти тарафдорони воизи эрзурумӣ ба мо нарасад ҳам, шояд аз дасти ҷаллодони подшоҳ зиндагиамон барбод хоҳад рафт… Аммо сахт гириста истода, ба садои борон гӯш додам ва дар қаъри дилам ҳис кардам, ки гиряам аз мағзи дилам на танҳо барои он сабабҳое, ки зикрашон кардам, шурӯъ шуда. Инро оё дигарон ҳис карда бошанд? Гиряам ҳам самимона ва ҳам сохта буд, дар як гӯшаи дилам ҳисси гуноҳ забона мезад.

Ба наздам Парвона омад, дасташро ба китфам гузошт, сарамро сила кард, аз рухсорам бӯсид, кадом як ҳарфҳои дилбардориро ба забон овард. Аз ин аломати бародарӣ гиряам самимитар гашт, аммо азоби виҷдон ҳам зӯр буд. Ба ӯ нигоҳ накунам ҳа, ба назарам менамуд, ки вай ҳам шояд мегиряд (аммо беҳуда). Ҳар ду ба ҷоямон нишастем.

Маҳз дар ҳамин ҳолат ба ёд овардем, ки моро чӣ тавр дар як рӯз ба шогирдии наққошхона супориданд, чӣ қадар душвор буд аз домони модар ҷудо шудан ва ба дунёи дигар ворид гаштан, чӣ тавр аз рӯзи аввал шатта

[139] Ояи 286.

хӯрданамон, чӣ тавр бори аввал ба мукофоти саррассом соҳиб шуданамон, ки поямон ба замин нарасида медавидем, то зуд ба хона рафта, ин хушхабарро ба волидон расонем, ҳамаи инҳоро ба ёд овардем. Аввал фақат Парвона гап мезад, ман ғамолуд гӯш медодам, баъд Лаклак чанд ҳарф илова кард, сипас ба суҳбат Кара ҳамроҳ шуд, ки чанд муддат ба наққошхона меомад, баъд фаромӯш кардам, ки то ҳол мегиристам ва баробари ҳама ба хандидан даромадам.

Ба хотир овардем, ки чӣ тавр зимистон пагоҳиҳо барвақт алов гирондан лозим буд, то хонаи калони наққошхона гарм шавад, об мемондем, фаршро мешустем. Устодеро ба хотир овардем, ки кайҳо аз дунё гузаштааст, чунон сусткор буд, ки дар як рӯз бо ӯ фақат як барги дарахтро мекашидем, вақте медид, мо на ба барг, балки ба барги дарахти берун менигарем, бо овози маҳин садо медод: «Ба он барг не, ба ин барг нигаред!», аммо ягон бор моро назадааст. Шогирдеро ба ёд овардем, ки бо анҷомҳояш гирякунон хона мерафт, маҳз барои он ки аз кӯшиши зиёд чашмонаш олус шудаанд. Баъд ба хотирамон расид, ки чӣ тавр аз рангдони шикаста якбора ранги бисёр ба рӯйи наққошие рехт, ки болояш се рассом расо ним сол кор кардаанд. Он наққошӣ тасвири лашкари усмонӣ буд, ки дарёи Алазанро убур карда, қасди гирифтани Шервонро дошт, аммо ба душворӣ рӯ ба рӯ шуд, аммо ниҳоят, аз ин кор даст кашида, қалъаи Арешро забт намуд. Аз он изҳори шодӣ мекардем, ки бадбахтӣ бо сабаби мо рӯй надодааст ва ҳама чиз ба хубӣ анҷом ёфта. Оҳиста-оҳиста суҳбатамон ба сари черкасдухтаре омад, ки бо ҳар якамон шиносоӣ дошт, аммо кӯшиш мекардем, ба иззати нафси ҳамдигар нарасем. Ӯ яке аз занҳои зеботарини пошои ҳафтодсолае буд, ки тавассути ғалабаҳои ҳарбиаш боигарии зиёд ҷамъ оварда ва мехост дар сақфи қасраш наққошиҳое дошта бошад, ҳамранги

қасри шикори подшоҳамон. Ба хотир овардем, ки чӣ тавр аз дар берун шӯрбои наскии худро мехӯрдем, то аз ҳаври таом коғази наққошӣ нам нагирад. Чӣ қадар ғамангез аст вақте барои ичрои коре ба ҷойҳои дур мефиристанд. Пеши назарам Парвонаи шонздаҳсола ҳувайдо гашт: чӣ тавр коғазро бо ғалтак суфта мегардонд, нурҳои офтоб рӯйи дастони сафедаш рақс бозӣ доштанд. Ӯ дар фикри худаш ғарқ аст, аммо ногоҳ аз кор бозмонда, ба рӯйи коғаз хам мешавад, шояд норасоиро дидааст, ғалтакро ба тарзи дигар ғелонда, онро дуруст мекунад, акнун чашмони хаёлиаш ба тиреза дӯхта шудаанд. Аммо ҳеч гоҳ фаромӯш намекунам, пеш аз он ки ба берун нигоҳ кунад, бо чашмони зебояш як ба тарафам чашм партофт. Чунин нигоҳҳо маънии амиқ доранд, онҳо гӯё мегӯянд, ки то орзу накунӣ, чархи замон ҳаракат нахоҳад кард.

58. Қотил мегӯянд маро

Маро фаромӯш накардед? Сабаби дар ин ҷо буданамро ақаллан аз шумо пинҳон намедорам. Зеро маро барои ба ин забон, забони қотил гап задан ҳоло эҳтиёҷ бештар шудааст. Баъзан нигоҳ доштани худ чунон душвор, ки метарсам, пай набаранд? Қариб чизҳоеро ба забон меорам, ки маро аз рӯйи он фош карданашон мумкин, шумо пай бурдед? Не, пай набурдед, рафиқони деринаи ҳамкасбам ҳам. Ҳатто дар як-ду маврид қариб лақида мондам, қиёфаам дигар шуд, аммо на шумо, на онҳо мутаваҷҷеҳ шуданд.

Ба ҳар ҳол, чӣ хушбахтам ман! Бо, бародарон, рассомон нишастаем ва ҳамдигарро дилбардорӣ дорем, гузаштаро ба ёд меорем ва дар бораи душманӣ не, балки зебоӣ ва бартариҳои касб андеша мекунем. Мо нишастаем, расидани охирзамонро эҳсос карда; ба ҳамдигар бо чашмони меҳрбору обӣ нигариста, рӯзҳои

беҳтарини ҳаётро ба хотир меорем ва аз ин ҷиҳат, шояд то андозае байни мову бонувони ҳарам монандие ҳаст.

Ин ташбеҳро аз Абӯсайиди Кирмонӣ ба орият гирифтам, аз он китобаш, ки ба таърихи темуриҳо, тақдири устодони куҳани Шероз ва Ҳирот бахшида шудааст. Яксаду панҷоҳ сол пеш подшоҳи Каракоюнлу Ҷаҳоншоҳ хонҳо ва шоҳони хурди ба ҳам душмани темуриро мағлуб карда, бо лашкари мағлубнопазири туркмани худ тамоми кишвари Аҷам – аз ғарб то ба шарқро тагурӯ карда, сипас дар Астаробод Иброҳим – набераи Шоҳрухи писари хурдии Темурро шикаст дод ва ба Ҳирот даромад. Ба қавли Абӯсайид, ин шикасти ногаҳонӣ ба мамлакати бузурги темуриҳо, ки ним аср на танҳо кишвари Аҷам, балки нисфи дунё – аз Ҳиндустон то Румро зери даст нигоҳ медоштанд, чунон таъсири даҳшатовар расонд, ки дар Ҳирот дӯзахи мутлақ ҳукмфармо гашт. Абӯсайид бо бепарвоӣ дар бораи он ки чӣ тавр Ҷаҳоншоҳ баъди гирифтани ҳар қалъа авлодони Темурро бераҳмона нобуд карда, занҳои зебояшонро ба ҳарами худ мегирифт ва наққошонро чун анъана ба устодони худ шогирд мегузошт, қисса карда, якбора ба нақли тақдири наққошони дар қалъаҳо монда мегузарад. Воқеан онҳоро ном ба ном зикр мекунад ва таъкид мекунад, ки онҳо наққошони ба ҷаҳон маълуманд ва ҳеч гоҳ фаромӯш намешаванд (ҳарчанд ҳоло фаромӯш шудаанд). Наққошони мазкур гӯё чун занони ҳарам дар устохонаи худ менишастанд ва тақдири ояндаашонро ба хотир оварда, оби чашм мерехтанд.

Инак, мо ҳам монанди он занони ҳарам дар бораи гузаштаи хуби худ ёдоварӣ карда, ба хотир меовардем, ки подшоҳамон аввалҳо нисбат ба мо ғамхорӣ мекард, вақте дар иду айём ба ӯ куттича ва оинаҳои наққошӣ, табақча ва тухми шутурмурғ, майда-чуйдаи коғазин, қарта, расмҳои алоҳида ва мураққаъ, китобҳои наққошӣ

пешкаш менамудем, ҷаҳонфармо ба мо сару либоси мӯина ва халтачаҳои пури танга ҳадя мекарданд. Канӣ, наққошони хоксору меҳрубони даврони пеш? Онҳо бо мақсади он ки усули корашонро касе ёд нагирад ё барои бегонагон кор карданашонро касе нафаҳмад, дар хона руст шуда наменишастанд, балки ҳар рӯз ба ҷойи кор – наққошхона мерафтанд. Канӣ, он устодони пир, ки тамоми умрашонро баҳри нақшу нигори дару девори қаср, тасвири баргҳои ба ҳам монанди дарахтон, ки танҳо баъди мушоҳидаи зиёд ягон фарқияташонро дидан мумкин аст, бо майсаю себаргаю алафи даштӣ пур кардани ҷойҳои холии саҳифаи наққошӣ сарф мекарданд? Куҷоянд он устодони сатҳи миёна, ки ҳасад чист, намедонистанд ва гумон мекарданд, ки Худованд бо доноии хеш ба яке истеъдод медиҳад, ба дигаре – танҳо ҳаракат ва сабру тоқат? Бо ба ёд овардани пирамардони меҳрубон, ки яке аз онҳо кӯзпушт буду ҳамеша хандон, дигаре ҳамеша масту андешаманд, дигаре, дар орзуи он, ки ба яке аз мо ниҳоят духтари пиршудаашро медиҳад, кӯшиш мекардем, дар хотирамон ҳодисаҳои фаромӯшшудаи ҳаёти наққошхонаамонро дар давраи бачагӣ ва солҳои аввали кори мустақилонаамон зинда гардонем.

Бародарон, ба ёд оред он устоди каме олусро, ки ҳангоми бо ҷадвал ишора кардани наққошӣ забонашро ба даҳонаш лӯнда месохт: агар хатро тарафи рост кашидан лозим бошад, забонашро ба лунҷи чап, агар хат ба тарафи чап равад – ба лунҷи рост ҷамъ мекард. Ёдатон ored он муаллими калтаи ғафсро, ки агар рангро пош диҳад, мегуфт: «Тоқат, тоқат ва боз тоқат!» ва зери лаб механдид? Ё он устоди пири таҳзибгарро, ки соатҳо бо шогирдони муқовасоз дар ошёнаи аввал гап зада менишаст ва ҳамеша гапаш ҳамин буд, ки агар ранги сурхро ба ҷабин молед, умр дароз мешавад? Он устоди

бадҷаҳлро, ки рангро тайёр карда, барои санҷидани ғафсии он чунон ба рӯйи нохунҳояш зиёд чаконда меистод, ки нохунҳои худаш камӣ мекард ва барои ин ӯ ҳар як шогирди аз пешаш баромада ё умуман, одами дар наздаш бударо дошта, ба рӯйи нохуни вай ҳам ранг чаконда медид – чӣ, ёд доред? Аммо он наққоши ғафсро чӣ, ки одате дошт, ришашро бо панҷаи харгӯш, ки зотан барои равондани чанги зар аз болои наққошӣ лозим мешуд, хорумол мекард? Куҷоянд онҳо?

Тахтаи суфтагариро, ки ҳамеша дар истифодаи шогирдон буд, гӯё бо он калон мешуданд ва баъд мепартофтанд ба ягон гӯша; қайчиҳои дарози коғазбурӣ, ки аз шамшербозиҳои бачагон кунд мешуданд; тахтаи кории устодони маъруф, ки дар онҳо барои гум нашудан номашон сабт шудааст; бӯйи хуши рангҳои чинӣ ва садои сарпӯши чойникҳои қаҳваҷӯшонӣ; гурбаи хокиранги сиёҳамон, ки ҳар тобистон бача мекард ва мо мӯйҳояшро аз гӯш ва пушти гардан қайчӣ мекардем барои мӯйқаламҳои гуногун; таҳ-таҳ коғазҳои ҳиндӣ, ки чӣ қадар хоҳем, медоданд, то бекор намонем ва машқ кунем; кордчаи қаламтозакуние, ки онро танҳо бо иҷозати саррассом барои тоза кардани хатои ҷиддӣ медоданд ва маросими махсуси ислоҳи хатоҳо – ҳамаи ин куҷо шуданд?

Ба фикри ягона омадем, ки подшоҳамон барои дар хона кор кардани наққошон иҷозат дода хато карданд. Дар бораи ҳалвои аҷиб гап задем, ки аз ошхонаи корхона рӯзҳои зимистон, ки ҳаво барвақт торик мешуд ва чашм аз кори назди шамъ хаста мешуд, бароямон меоварданд. Бо ханда дар лаб ва ашк дар чашм устои пири тазҳибгарро ба ёд овардем, ки дастонаш сахт меларзиданд ва қаламро нигоҳ дошта наметавонист; ӯ ҳар моҳ як бор ба устохона меомад ва кулчаҳои бомаззае меовард, ки духтараш барои мо, шогирдон мепухт. Ба

хотир овардем, ки чӣ тавр баъди гӯрондани саррассоми собиқ Кара Меми дар зери кӯрпачаи хонае, ки устоди бузург нисфирӯзӣ партофта дам мегирифтааст, ҷузвдоне ёфтаанд пур аз наққошиҳои беҳтарини худи ӯ.

Ба ҳамдигар нақл кардем, ки агар чун Кара Меми нусхаи расмҳоямонро медоштем, ба кадомашон бештар нигоҳ мекардем. Ҳамроҳонам дар бораи «Ҳунарнома» сухан карданд, ки дар он наққошии қасре ҷой дода шудааст: осмон ранги зарди тиллоӣ, ҳангоми нигаристан ба манора, гумбаз ва дарахтони сарв гумон мекунӣ, ки охирзамон расидааст, аммо на аз тилло, балки аз ранг, наққошии беҳтарин ба чунин хулоса меоӣ.

Баъд наққошиеро ба хотир оварданд, ки чӣ тавр ду фариштаи Пайғамбар (с)-ро аз манора ба осмон мебаранд: фариштаҳо аз зери бағали он ҷаноб гирифтаанд, маълум аст, ки он кас худро нороҳат ҳис мекунанд, аммо нури тасвир чунон дилчасп аст, ки ҳатто кӯдак ҳам ба он нигоҳ карда, аввал эҳсоси муҳаббат ва дилгармӣ пайдо мекунад, баъд метавонад бихандад. Ман бошам, ба хотир овардам, ки чӣ тавр ғалабаҳои садриаъзамро бар кофирон тасвир карда, дар як кунҷи расм каллаи буридаи хунолуди душманонро ҷой додам, ки ба сари худ қиссаи тақдири инсони бадбахтест – дар он ҳар узви хурдтарин ҳам тасвир гашта, симои ҳар як мақтул аз дигараш фарқ мекард.

Бо як ҳасрат оид ба саҳнаҳои ҷангу муҳаббат, ки худамон кашидаем, ҳарф задем, гӯё онҳо бо худамон рӯй додаанд. Пеши назарамон чорбоғҳое ҳувайдо гаштанд, ки ошиқон гаштугузор доранд, гулу барги шукуфони баҳор, парандагони зебо, вақт бозистода... Лаҳзаҳои даҳшатноки ҷангу муҳориба, зану духтароне, ки аз тирезаҳо ҳаросон ба берун менигаранд, дар ҳофизаамон пайдо мешуд ва албатта, гӯё худи мо ҳам иштирокчии ин саҳнаҳо будем. Симои ҷавонони боғурур, паҳлавонҳо,

шоҳу шоҳзодаҳои гузашта пеши чашмамон ҷилвагар шуданд. Мефаҳмидем, ки инҳо ҳама гузаштаанд, худамон ҳам оё рӯзе ба таърих табдил меёбем? Барои натарсидан ба ёдоварии наққошиҳои саҳнаи марг пардохтем, ки барои ҳамаамон аҷиб аст.

Пеш аз ҳама кушта шудани Мардос аз дасти писараш Даҳак бо талқини шайтон ба хотирамон омад. Дар замони ба амал омадани ин ҳодиса, он дар оғози «Шоҳнома» ҷой дода шудааст, олам пир набуд, бинобар ин, ҳама чиз одиву сода буд ва ба шарҳу тавзеҳ эҳтиёҷ надошт. Агар шир мехоҳӣ, буз дар пешат, ҷӯшу нӯш, асп мехоҳӣ, марҳамат савор шаву ба роҳат бирав; дар бораи бадӣ фикр мекунӣ, шайтон ҳозиру нозир аст ва туро бовар мекунонад, ки чӣ тавр куштани падар осону кори гуворост. Дар ҳақиқат, саҳнаи қатл зебо тасвир шудааст, пеш аз ҳама барои он ки он бе ягон сабаб амалӣ гардонида шудааст, дуюм, барои он ки он шаб аз ситораҳои осмон нурҳои тиллоӣ ҷорӣ мешуданд ва дар барги дарахтони сарву гулҳои баҳорӣ медурахшиданд.

Баъд саҳнаеро пеши назар овардем, ки чӣ тавр Рустами Дастон бо Сӯҳроб се рӯз ҷангид ва писарашро нашинохта, ӯро кушт, танҳо баъди он ки Сӯҳроб ба ӯ бозубанди модарашро нишон дод, донист. Рустами бехудгашта хун мегирист дар сари писар ва мушт ба сари сина мезаду мӯйҳояшро меканд ва ин ғам ҳоло ба дардамон мехӯрд…

Чаро?

Ҳаво ҳоло ҳам мегирист. Дар хона пасу пеш мегаштам, ногоҳ ба забон овардам: «Яке аз ин: ё падарамон, устод Усмон аз мо даст намебардорад ва моро ба куштан медиҳад ё мо – ӯро».

Моро воҳима пахш кард, зеро гапам рост буд. Хомӯш мондем. Ҳоло ҳам дар ҳоли қадамзанӣ будам, аз дилам мегузашт, ки чӣ тавр вазъи ороми пешинаро барқарор

созам. Гапро ба дигар сӯ кашам? Аммо аввал бояд ба хулосае омад, гапро ба куҷо барам, чӣ тавр куштани Афросиёб Сиёвушро ба ёд орам? Аммо чунин хиёнат маро наметавонад тарсонад. Гапро ба сари куштори Хусрав барам? Аммо ба кадомаш: ба Хусрави «Шоҳнома» ё Хусрави «Хусрав ва Ширин»-и Низомӣ? Дар «Шоҳнома» ин саҳна бештар ғамангез аст, зеро вақте қотил ба шабгоҳ ворид мешавад, Хусрав пай мебарад, ки кӣ барои чӣ омадааст ва дар чашмонаш ашк ҳалқа мезанад. Шояд аз имкони охирини раҳоӣ истифода бурда, аз хизматгорбача хоҳиш кунад, ки обу собун орад, то ғусл карда, покиза шавад, либоси тоза пӯшида, намоз гузорад ва дар боргоҳи Худованд истад, аммо бачаи нодон мақсади ӯро намефаҳмад, ки бояд рафта одамонро фарёд кунад, ӯ аз пайи ичрои супоришҳои хӯҷаинаш мешавад. Қотил бо Хусрав танҳо монда, аввал дарро аз дарун маҳкам мекунад. Дар саҳифаҳои охири «Шоҳнома» Фирдавсӣ одамкушеро, ки душманон барои куштор меҷӯянд, дар шакли нописанд тасвир мекунад: ғафс, бадбӯй ва пашмин.

Аз кунҷ ба кунҷи хона мегаштам, ҳис кардам, ки ҳамроҳонам байни худ дар бора ман пичиррос мезананд.

Ногаҳон ҳар се ба ман ҳуҷум оварданд, чунон сахт часпиданд, ки ҳамаамон ба замин ғелидем. Часпочасп сар шуд, аммо онҳо зӯр баромаданд ва пушт ба замин хобондандам.

Яке болои зонуҳоям баромад, дигаре рӯйи дасти ростам.

Кара ба сари синаам – наздиктар ба шикамам нишаст, зонуҳояшро ба оринҷҳоям зер кард, ки наметавонистам бичунбам. Ҳамаамон аз ин ҳолати баамаломада дар ҳаяҷон будем ва ҳаш-ҳаш нафас мекашидем.

Бачагиам ба ёдам омад. Амакбачае доштам. Ду сол аз ман калон, бисёр бачаи бадрафтор. Худо мегӯям, ки

сарашро кайҳо раҳзанҳои корвондузд бурида бошанд. Ба иловаи ин, бисёр ҳосид буд, дарк кард, ки аз ӯ доно, боақл, донишмандам, баҳонае ёфта, ҷанг сар мекард ва баъзан, ҳамту мегуфт: «Биё, қувва меозмоем!» Вақти зиёд нагузашта, ӯ маро зери худ мегирифт, чун ҳамин Кара худро болоям мепартофт, оринҷҳоямро зер мекард, ба чашмонам менигарист ва баъд туф мекард ба рӯям. Сару рӯям тар мегашт, гарданамро ҳар тараф тоб медодам, аммо золим аз ин бештар масрур мегашт.

Кара ҳарфҳоеро ба забон овард, ки чизе намонд ба ғайр аз иқрор шудан: Расми охирин куҷост? Иқрор шав!

Ду чиз буд, ки аламамро меовард: якум, чӣ тавр маслиҳат карданашонро нафаҳмидам ва акнун беҳуда гапфаҳмонӣ мекунам, дуюм, агар мақсадашон, чӣ тавр ҳосид буданашонро барвақт мефаҳмидам, кайҳо аз ин ҷо мегурехтам.

Кара таҳдид кард, ки агар ҷойи расми охиринро нагӯям, сарамро мебурад.

Хандаовар. Лабҳоямро сахт фишурдам, гӯё гумон мекардам, агар онҳоро кушоям, ҳақиқат, беихтиёр аз даҳонам берун меояд. Боз ҳам мефаҳмидам, ки ноилоҷ мондам. Онҳо маро дар назди сархазинадор қотил нишон дода, худашонро халос карданианд. Ягона умед ба он ки устод Усмон номи дигареро гирад, ё Кара дар ин бора дурӯғ гуфт? Шояд маро ин ҷо мекушанду баъд қотил эълон мекунанд?

Дар гулӯям ханҷарро гузоштанд. Аз тамоми ваҷоҳати Кара маълум буд, ки ин барои ӯ гуворост. Ба рӯям чанд шаппотӣ заданд. Ҳатто ханҷар камтар бурид. Боз тарсакӣ.

Аммо ба масъала акнун сарфаҳм рафтам: чизе нагӯям, ҳеч кор намешавад. Акнун ҳасади худро пинҳон дошта наметавонистанд, бале, аз даврони шогирдӣ ба ман ҳасад мебаранд, зеро ба ҳама маълум аст, дар расмкашӣ касе ба

ман баробар намешавад. Ҳарчанд ба ман рашк доранд, дӯсташон медорам, дӯстони азизу меҳрубонамро.

Яке аз онҳо, намехоҳам, шумо донед, ба разолате роҳ дод, гӯё маъшуқаи деринтизораш бошам, маро гарм-гарм бӯсид. Дигарон дар рӯшноии чароғ ба ин манзара менигаристанд. Ман ҳам ба ин бародар бо бӯса ҷавоб додам. Агар ҳама чиз ба зудӣ ба итмом расад, бигзор, донанд, ки рассоми беҳтарин манам. Расмҳои маро ёбанду тамошо кунанд.

Ба бӯса бо бӯса ҷавоб доданам шояд қаҳрашро овард, ки ғазаболуд ба задани ман даромад. Аммо дигарон ӯро боздоштанд. Лаҳзае дудила монданд. Ба ҳамдигар часпиданашон қаҳри Кабаро овард. Гӯё танҳо ба ман не, бо ҳаёташон қаҳриданд, аз ин рӯ, мехоҳанд аз тамоми ҷаҳон ва одамонаш қасос гиранд.

Кара аз миёнбандаш чизеро баровард, як сӯзани дарози тез. Дар як лаҳза онро ба рӯям наздик овард, чунон ҳаракате кард, ки гӯё ба чашмони ман халиданист.

– Устоди устодон Беҳзоди бузургвор ҳаштод сол пеш, баъди он ки Ҳирот аз даст рафт, фаҳмид, ки бепаноҳ мемонад, барои он ки ӯро ба кашидани расме ба усули дигар маҷбур накунанд, бо ин сӯзан худро мардона кӯр кард, – гуфт. –Баъди он ки ӯ аввал ба як чашм, баъд ба чашми дигараш ин сӯзанро халид, Худованд ба бандаи дӯстдоштаи худ, наққоши мониқалам торикии муҳташамро бахшид. Беҳзоди акнун оҷиз ва ҳамеша сархуш сӯзанро аз Ҳирот ба Табрез овард, баъд, онро шоҳ Таҳмосп ба падари подшоҳи мо ҳамроҳи «Шоҳнома»-и афсонавӣ туҳфа кард. Устод Усмон аввал мақсади туҳфаи шоҳ Таҳмоспро нафаҳмид, аммо ҳоло дарк мекунад, ки дар паси ин ҳадя нияти бад ва мантиқи дуруст ниҳон аст. Шаби гузашта, дар хазина устод Усмон барои он ки бо дархости подшоҳамон расми он касро бо усули фарангӣ кашид ва шумо, шогирдонаш, ки аз

фарзандонаш ҳам бештар дӯст медошт, ба ӯ иҳонат карда, низ чунин корро ба ҷо овардед, монанди Беҳзод ин сӯзанро ба чашмонаш халида, худашро кӯр кард. Шояд барои он ки наққошхона бо касофати ту акнун аз байн меравад, ту, малъунро ҳам кӯр кардан лозим аст?

– Кӯр мекунӣ ё не, натиҷа як: ҷойи мо дигар ин ҷо нест, –гуфтам. –Агар устод Усмон кӯр шавад ё мирад, мо бо таъсири фарангиён минбаъд бо махсусият ва нуқс наққошӣ карда, соҳиби услуб мешавем, он гоҳ ба худ монанд шавем ҳам, худамон буда наметавонем. Агар гӯем, ки не, монанди устодони куҳан мекашем, зеро танҳо бо он метавонем худамон бошем, он гоҳ подшоҳамон, ки ҳатто аз устод Усмон ҳам рӯй гардонданд, метавонанд ба ҷойи мо дигаронро ба кор гиранд. Баъд касе ба мо нигоҳ намекунад, фақат тааасуф мехӯранд. Ба ин ҳуҷум ба қаҳвахона, ки гуноҳашро қисман ба сари мо мезананд, низ илова мешавад, воиз-афандии маъруф чаро таҳқир шуд?

Душмании байниҳамдигарӣ ба мо мадад намерасонад, гуфта ба онҳо фаҳмонданӣ будам, аммо бефоида. Онҳо нияти шунидан надоштанд: аз тарс фикр мекарданд, ки агар то саҳар гунаҳгорро, бо кадом роҳе, ки набошад ёбанд, аз шиканҷа раҳо меёбанд, дар наққошхона чун солҳои пеш оромӣ ҳукмфармо мешавад.

Ба ҳар ҳол, таҳдиди Кара, ки маро кӯр кардан мехост, ба дигарон хуш наомад. Агар муайян шавад, ки қотил каси дигар ва подшоҳамон фаҳманд, ки ман бегуноҳ кӯр шудаам, он гоҳ… Ҳамчунин ба устод Усмон наздик шудани Кара ва дар бораи ӯ густохона гап заданаш дигаронро метарсонд. Яке аз онҳо хост сӯзанро, ки Кара ба чашмам рост нигоҳ медошт, дур кунад.

Кара гумон кард, ки бо маслиҳати ҳам сӯзанро аз дасташ кашида мегирем, ба талвоса афтид. Лаҳзае парешонӣ ба миён омад. Кара дасти онҳоро тела дод, ман

танҳо тавонистам манаҳамро каме тоб диҳам, то аз нӯги сӯзан дуртар бошам.

Баъд ҳамааш чунон тез ба амал омад, ки лаҳзаи аввал нафаҳмидам, чӣ шуд: Дар чашми ростам дарди сахт, аммо зудгузарандаро эҳсос кардам; пешониам лаҳзае шах шуда монд. Баъд ҳама чиз ба ҳоли пешина баргашт, аммо ботинамро даҳшат фаро гирифт. Чароғро дур кашиданд, аммо ин сафар хуб дида тавонистам, ки чӣ тавр озордиҳандаам, ки сӯзанро аз дасти Кара зада гирифта буд, онро дилпурона ба чашми чапам ҳам халид. Беҳаракат истодам ва ҳамон сӯзишеро, ки бори аввал буд, ҳис кардам. Карахтӣ аз ҷабин ба тамоми сарам паҳн шуд, сӯзанро, ки кашида гирифтанд, бас шуд. Нигоҳашонро аввал аз чашмонам ба нӯги сӯзан дӯхтанд, боз ба чашмонам. Гӯё боварӣ надоштанд. Вақте дарк карданд, ки чӣ кореро анҷом доданд, қувваи дастонашон болоям камтар шуд.

Ба дод задан даромадам. Аз дард не, балки аз даҳшате, ки акнун даркаш кардам.

Чӣ қадар дод задам, намедонам. Аввал ҳис кардам, ки доду фиғонам танҳо ба худам не, ба онҳо низ сабукӣ меорад. Моро ба ҳам наздик мекунад.

Пай бурдам, ки доду фиғони баландам онҳоро ба ташвиш овард. Акнун дардро ҳис намекардам. Аммо фикри ба чашмам сӯзан халиданашон аз сарам дур намешуд.

Вале ҳоло оҷиз нестам. Маро бо даҳшат ва ҳасрат нигоҳ карданашон ва дар сақфи хонақоҳ беқаророна ларзидани сояшонро, шукр, мебинам. Ин маро хурсанд мекард ва ҳам хавотир.

– Бигзоред маро, –дод задам, –бигзоред, ҳама чизро охирон бор бинам.

– Ҳоло бигӯй, –фармон дод Кара, –он шаб бо Зариф-афандӣ чӣ тавр вохӯрдӣ? Баъд туро сар медиҳем.

– Аз қаҳвахона ба хона бармегаштам, бечораи Зариф-афандӣ аз пешам баромад. Дар талвоса буд, ҳолаш хеле парешон. Аввал ба ӯ раҳмам омад. Маро сар диҳед, баъд нақл мекунам. Пеши чашмонам торик мешавад.

– Якбора торик намешавад, –бераҳмона ҷавоб дод Кара. –Устод Усмон аспи бинибуридаро бо чашмони сӯрохкарда дид, ба ман бовар кун.

– Зариф-афандии бечора бо ман гап задан хост, гуфт, ки танҳо ба ман бовар мекунад.

Аммо ҳоло ба ӯ не, ба худам раҳмам меомад.

– Агар то замоне, ки хун ба чашмонат мезанад, ҳамаашро нақл кунӣ, саҳар чӣ қадар ки хоҳӣ, дунёро тамошо мекунӣ, –гуфт Кара. –Нигар, борон мемонад.

– Ба қаҳвахона баргаштанро пешниҳод кардам, аммо ӯ гуфт, ки он ҷоро хуш надорад, ҳатто метарсад. Бори нахуст ҳис кардам, ки Зариф-афандӣ, ки бисту панҷ сол аз рӯзҳои аввали шогирдӣ паҳлуи ҳам будем, чӣ қадар аз мо дур шудааст. Дар ҳашт-нуҳ соли охир, баъди он ки оиладор шуд, албатта, бо ӯ дар наққошхона вохӯрдаам, аммо дуруст имкони суҳбат кардан надоштам... Гуфт, ки расми охиринро дидааст. Дар он гуноҳи калон ниҳон аст. Як чизест, ки барои ҳар яки мо афвнопазир аст. Барои ин ҳамаамон дар оташи дӯзах месӯзем, гуфт. Бисёр дар талвоса буд, метарсид, ки беихтиёр гуноҳи калоне кардааст.

– Чӣ хел гуноҳи бузург?

– Вақте ки ин суолро ба ӯ додам, магар худат намедонӣ гуфтагӣ барин бо ҳайрат чашмонашро калон кушод. Он лаҳза бародарамон чун мо пир шудааст, гуфта аз дил гузарондам. Марҳум Эниште дар расми охирин усули перспективаро хеле нотарсона истифода бурдааст, гуфт. Дар он расм монанди фарангиҳо ашё аз нуқтаи назари диди Худованд не, балки ҳамон тавре ки ба чашми инсон менамояд, кашида шудааст. Ин гуноҳи якум аст.

Халифаи ислом, подшоҳамон баробари вафодор кашида шудааст, ин гуноҳи дуюм. Гуноҳи сеюм, шайтон баробари онҳост, илова ба ин, бисёр ҷолиб. Аммо куфри аз ҳама бузург (ин, албатта, ногузир аст, охир, расм ба усули фарангист) ин аст, ки сурати подшоҳамон ва чеҳраашон бо тамоми ҷузъиёташ нишон дода шудааст. Бутпарастон чунин мекунанд…, ҳамчунин, аҳли насоро, ки одати бутпарастиашонро партофта наметавонанд ва дар девори калисо «портрет» гуфта меовезанд ва ба он саҷда меоранд. Ин ҳарфҳоро Зариф-афандӣ аз Эниште шунида, маънояшонро хуб медонист ва дар ҳақиқат ба гуноҳи азим будани портрет, анҷоми расмкашии мусулмонӣ будани вай боварии комил дошт. Бо сабаби он ки дар қаҳвахона ҳазрати воиз-афандӣ ва динамонро таҳқир мекунанд, ба он ҷо даромаданро рад карда, ҳамаи ин гапҳоро дар кӯча нақл кард. Баъзан меистод ва гӯё ёрӣ мепурсида бошад, оё ҳамаи ин дуруст, оё ягон чора ҳаст, магар ҳамаамон дар оташи дӯзах месӯзем, гуфта мепурсид. Афсӯсу надомати худро нишон медод, аммо лаҳзае аз дилам гузашт, ки ба ин ҳеч бовар надорам. Азияташ сохта.

– Инро чӣ тавр фаҳмидӣ?

– Зариф-афандиро аз бачагӣ мешиносам. Ӯ як одами бисёр озода, аммо хаппак, назарногир ва пажмурда аст. Монанди таҳзибҳояш. Он шаб дар паҳлуям гӯё каси дигар – як одами нисбатан аҳмақ, бепарво ва мутаассиби гузаро, умуман, ғайриҳақиқӣ қадам мезад.

– Мегӯянд, бо эрзурумиҳо алоқа доштааст? –пурсид Кара.

– Ягон мусулмон агар ногаҳонӣ гуноҳ накарда бошад, ин қадар малул намегардад, –давом додам. –Мусулмони росткор медонад, ки Худованд одил аст ва ҳамеша нияти бандаи худро мефаҳмад. Танҳо ҷоҳил фикр карданаш мумкин аст, ки барои нафаҳмида хӯрдани пораи гӯшти

хук метавон ба дӯзах рафт. Мусулмони ҳақиқӣ медонад, ки дӯзах аслан на барои тарсондани ӯ, балки барои дигарон аст. Инак, Зариф-афандӣ низ аз ин истифода мебурд: мехост маро тарсонад. Ӯро ба ин кор рафтори Эништеи ту водор кардааст, инро ҳамон вақт пай бурда будам. Акнун рост гӯед, бародарони азизи наққошам, ба чашмам хун медавад, рангаш тағйир меёбад?

Чароғро ба чашмонам наздик оварданд ва чун духтур ба чашмонам бо диққат ва шафқат нигаристанд.

– Гӯё ҳеч чиз нашудааст.

Чизи дар олам охирин бор медидаам наход ҳамин се нафар бошанд, ки ба чашмонам бодиққат менигаранд? То охири умр фаромӯш накардани ин лаҳзаҳоро пай мебурдам, ҳарчанд эҳсоси пушаймонӣ доштам, умедро аз даст намедодам, аз ин рӯ, давом додам:

– Эниште ба Зариф-афандӣ кори хато карданашонро фаҳмондааст. Азбаски расми охиринро пинҳон мекард, ба ҳар якамон кунҷи алоҳидаашро нишон медод, шакли бутунашро надидаем … Расми пурасрор ва пинҳонӣ ҳаваси моро бедор карда, аз гуноҳе дарак медод. Ҳамин тавр, дар рӯҳияи мо нахуст ӯ тухми шубҳа ва талвосаи гуноҳро коштааст, на эрзурумиҳое, ки китоби наққоширо дар ҳаёташон надидаанд. Аммо чаро рассоме, ки вичдонаш тоза аст, метарсад?

– Барои тарсондани рассомони вичдонашон покиза чизҳои дигар ҳастанд, –бо чеҳраи боақлона ҷавоб дод Кара.– Бале, дар бораи наққошӣ ҳарф нест, аммо расмро дини мо манъ кардааст. Расмҳои устодони Ачам, ҳатто ҳунари устодони бузурги Ҳирот яке аз роҳҳои ороиши китоб, ки назокат ва мукаммалии хаттотиро нишон медиҳад, ба ҳисоб мерафтанд, бинобар ин, ба онҳо касе кордор намешуд. Аслан, чӣ қадар одам ин наққошиҳоро медид? Аммо вақте ки ба истифодаи усулҳои устодони фарангӣ сар мекунанд, кори онҳо як ҷузъи нақшу нигор

дониста намешавад, як расми алоҳидаи ҳақиқӣ ба вуҷуд меояд. Ин ҳамонест, ки Қуръони карим манъ кардааст, Пайғамбарамон (с) хуш надошт. Подшоҳамон ва язнаам инро хуб медонистанд. Язнаам барои ҳамин кушта шуд.

– Язнаат барои тарсончакиаш кушта шуд, –гуфтам, – Монанди ту ӯ ҳам ба иддао дошт, ки расмҳои кашида ба дин, китоби осмонӣ мухолиф нестанд... Ин як дастакест барои эрзурумиҳое, ки ҳамеша чизи мухолифи дин бударо мечӯянд. Зариф-афандӣ ва Эниште ба ҳамдигар мувофиқ буданд.

– Ва ҳар дуи онҳоро ту куштӣ? –пурсид Кара.

Лаҳзае гумон кардам мезанад, аммо ҳамоно фаҳмидам, ки шавҳари нави Шакураи зебо аз кушта шудани Эниште он қадар хафа нест. Намезанад, занад ҳам акнун бароям фарқе надошт.

– Аслан агар подшоҳамон бо усули наққошии фарангӣ як китоб омода карданӣ бошанд, –инодкорона давом додам, –Эниште мехост бо китоби омода кардаи худ, ки бо ҳисси тарс аз гуноҳ олудааст, ба ҳамаву ҳама чиз муқобил барояд, то ғурурашро нишон диҳад. Ӯ ҳангоми саёҳат аз дидани расмҳои устодони фарангӣ ба ҳайрат омад, ба он чизҳои беҳудае, ки ба ҳамаамон тамоми рӯз нақл мекард: перспектива, портрет, бовар мекард. Ба назари ман, дар китоби мо ягон чизи зарарнок ё чизе, ки ба дин тавҳин кунад, набуд. Ӯ инро донад ҳам барои ҷалб кардани диққати мардум пеши роҳи ин гапҳоро намегирифт, аз ин хушаш меомад… Бо иҷозати подшоҳамон чунин як кори гӯшношунидро анҷом доданаш чун дар назди расмҳои устодони Фаранг ҳайрон шуданаш барои ӯ муҳимтар буд. Бале, агар расме чун дар девор мекашидем, гунаҳкор мешудем. Аммо дар ягон расми китоб шахсан ман чизе монанд ба динситезӣ, мункирӣ, зиндиқӣ, ҳатто ягон чизи хилофи шариатро надидам. Шумо чӣ?

Биноиам андаке суст гашт, аммо шукр, суолам чӣ қадар онҳоро ба андеша водор кард, хуб дида тавонистам.

– Ба як қарор омада наметавонед? –бо завқ пурсидам. –Шумо дар расмҳоямон набудани нишоне аз гуноҳ, ягон чизи зидди динро наметавонед қабул кунед, дар ин бора рӯшод ҳам намегӯед. Зеро ба забон овардани ин гапҳо маънои душманони эрзурумиамонро ҳақ баровардан аст. Аз тарафи дигар, шумо онро ҳам тасдиқ карда наметавонед, ки монанди кӯдак бегуноҳ ҳастед, чунки баъди ин бо сари баланд гаштану ифтихор кардан аз он ки ба як чизи махфӣ, пурасрор ва манъшуда алоқамандед, имкон надорад. Медонед кай пурқувват шуданамро фаҳмидам? Вақте ки бо бечораи Зариф-афандӣ шабе, ки ба ин ҷо омадем! Ӯро барои ин ба ин ҷо овардам, ки дар кӯчаҳо гашта, шалпару лакот гаштем. Дар асл аз он андешае, ки ӯ ҷойи бисёр бад, макони зиндиқиёни қаландарро, ки як вақтҳо ин ҷо зиндагӣ мекарданд, мебинад, хушам меомад. Бачабозӣ, пурасрорӣ, сарсонӣ ва дигар корҳои разолатбори онҳоро дида, Зарифи бечора пай мебарад, ки яке аз давомдиҳандагони охирини ин тариқат ман мебошам, метарсад, эҳтиром мекунад ва шояд, ниҳоят даҳонаш баста гардад. Аммо баръакс шуд. Ба рафиқи бемағзамон ин ҷо тамоман маъқул нашуд ва зуд ба хулоса омад, ки ҳамаи шубҳаҳое, ки нисбати Эниште ҳосил кардааст, асосноканд. Ин аст, ки агар аввал аз ман илтимос мекард, ки: «Ба ман ёрӣ бидеҳ, бигӯй, ки оё ба дӯзах намеравем, шубҳаи маро аз байн бибар, то шабҳо нағз хобам барад!», акнун рӯйирост ба таҳдид гузашт, мегуфт, ки: «Ҳамаи ин ба хубӣ анҷом намеёбад!». Наққошии охирин, таъкид мекард ӯ, аз он чӣ подшоҳамон мехост, хеле дур аст, барои ин моро намебахшанд, овозаҳо дар барои куфрамон ба гӯши тарафдорони воизи эрзурумӣ мерасад. Дигар ӯро имкони

ором кардан ва бовар кунондан, ки ҳама кор хуб аст ва ҳоҷати хавотирӣ нест, набуд. Фаҳмидам, ки ӯ ба ҳамфикрони беақли худ, тарафдорони воизи эрзурумӣ ҳамаи гапҳои беҳудаи аз Эниште шунидаашро хабар хоҳад дод ва ба онҳо шубҳаи худро оид ба куфри мо, аз ҷумла оид ба он ки чӣ тавр шайтонро зебо тасвир кардаем, албатта, баён мекунад ва онҳо ба ин туҳматҳо бовар хоҳанд кард. Ба шумо ҳам маълум аст, ки чӣ тавр устоҳои заргар ва дигар ҳунармандони дарбор ба мо ҳасад мебаранд, барои он ки подшоҳамон ба корамон таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд. Акнун, ба назарам, онҳо ҳам бо завқ фарёд хоҳанд кард, ки: «***Наққошони динситез***!» Илова бар ин, бо корҳои анҷомдодаи Эниште ва Зариф-афандӣ ин туҳмат ба ҳақиқат мувофиқ меояд. Ин ҷо калимаи «туҳмат»–ро кор бурдам, зеро он вақт ба ҳарфҳои Зариф-афандӣ дар бораи китоб ва наққошии охирин бовар надоштам. Ҳамчунин дар бораи Эниште он замон сухани баде шунидан намехостам. Зиёда аз ин, гумон доштам, ки Эниште-афандӣ назар ба устод Усмон бештар ба боварии подшоҳамон сазовор аст ва ба он чизҳое, ки Эниште дар бораи устодони фарангӣ ва усули онҳо нақл мекард, чун ӯ пурра набошад ҳам, бовар мекардам. Бо як самимият бовар доштам, ки мо, наққошони усмонӣ имкон пайдо мекунем, ки бе ягон ҳамдастӣ бо шайтон аз усули расмкашии фарангӣ, ки ҳангоми саёҳатҳо мушоҳида мекунем, эҷодкорона истифода барем ва аз ин ҷиҳат ба сарамон бадбахтие нахоҳем овард. Зиндагӣ бароям фаҳмо ва одӣ менамуд, Эништеи марҳум бошад, дар ин олами наве, ки пайдо кардам, падари маънавиам гашта, ҷойи устод Усмонро гирифт.

– Дар ин бора кофист, –гапи маро бурид Кара. –Аввал нақл кун, чӣ тавр Зариф-афандиро куштӣ.

– Ин корро, –гуфтаму ҳис кардам, ки калимаи «куштор»-ро наметавонам ба забон овард, –ин корро на барои ҷони худамро халос кардан, балки барои беҳбудии кори тамоми наққошхона ба ҷо овардам. Зариф-афандӣ дар дасташ будани силоҳи таҳдидро дарк кардааст. Худовандро дуо мекардам, ки бароям дастак диҳад. Худованд дуои маро мустаҷоб карда, разолати ӯро нишон дод: Ба ӯ пул ваъда кардам. Дар хаёлам ин пулҳо буданд, аммо бо илҳоми Худованд як дурӯғ ба ёдам омад. Тиллоҳоро дар ин ҷо, дар хонақоҳ не, балки ҷойи дигар пинҳон кардаам, гуфтам. Берун баромадем. Дар кӯчаҳои холӣ ва маҳаллаҳои атроф ба куҷо рафтанамонро надониста таваккалӣ мегаштем. Чӣ кор карданамро намедонистам ва сахт метарсидам. Вақте ки аз як кӯча ду бор гузаштем, бародари тазҳибгари мо Зариф-афандӣ, ки тамоми умрашро ба такрор бахшидааст, хавотир шуд. Аммо ҳамин вақт бо мадади Худованд дар наздамон як замини аз сӯхтор боқимонда ва чоҳи партове пайдо шуд.

Дар ин ҷо фаҳмидам, ки давом дода наметавонам, эълон кардам:

– Агар шумо ҳам ба ҷоям мебудед, дар бораи саломатии бародарони ҳамкасбатон фикр карда, айни ҳамин корро анҷом медодед.

Вақте дарк кардам, ки ҳақ ба ҷониби ман буданашро мефаҳманд, дар чашмонам ашк ҳалқа зад. Магар барои он ки аз шафқаташон ба риққат омадам? Не. Шояд аз он ки дар гӯшам садои ба чоҳ афтодани ҷасад бори дигар садо дод? Боз ҳам не! То номи қотилро гирифтанам чӣ қадар хушбахт будам, ба ҳама монанд будам, шояд бо ёдоварии ин гиряам омад? Не, барои ин ҳам не! Пеши чашмам манзараҳои даврони бачагӣ пайдо шуданд: нобиное, ки аз маҳаллаи нооботи мо мегузашт. Ба сари чашма расида, аз қабати либоси чиркинаш дӯлчаи

мисини аз он ҳам чиркинтарро бароварда, ба мо, бачагоне, ки аз дур мушоҳидааш мекардем, муроҷиат мекард, ки: «Азизаконам, кадоматон ба дӯлчаи амаки аъмоатон об мерезед?» Хоҳишманд, ки пайдо нашуд, овоз мебароварда: «Савоб гиред, азизаконам, савоб гиред!» Мардумаки чашмонаш кайҳо рангашро гум кардааст, дидани он имкон надошт.

Дар таҳлукаи монандшавӣ ба он оҷиз чӣ тавр куштани Эништеро бо аҷала бе ягон завқ қисса кардам. Ҳақиқатро пурра нагуфта бошам ҳам, дурӯғ нагуфтам: роҳи миёнаро пеш гирифтам, то ба қалбам ҳам сахт наояд ва ба назди Эниште-афандӣ барои куштани ӯ нарафтанамро ҳам таъкид кардам. Онҳо инро ҳам фаҳмиданд, ки худро сафед мекунаму бахшиш мепурсам: мегӯянд-ку, шахси ғайриихтиёр гуноҳ содир карда ба дӯзах намеравад.

– Баъди Зариф-афандиро ба дасти малоики Худованд таслим карданам, –фикркунон идома додам, –ҳарфҳои марҳум ҳеч аз хотирам нарафтанд. Азбаски дастам аз боиси ин расми охирин хунолуд гашта буд, дидани он бароям хеле муҳим буд. Барои китоб Эниште дигар моро ба хонааш даъват накунад ҳам, барои дидани он расми охирин рафтам. Расмро нишон надода, маро бовар кунонданӣ шуд, ки ҷойи хавотирӣ нест. Гӯё он расми пурасрор, ки аз барояш одамро куштаанд, тамоман вуҷуд надорад, ягон чизи дигар ҳам. Барои он ки маро ин қадар паст назанад, беэътиноӣ накунад, ба ӯ Зариф-афандиро кушта, ба чоҳ партофтанамро эътироф кардам. Акнун нисбат ба ман беэътиноӣ намекард, аммо паст заданашро идома медод. Магар падар фарзандро паст мезанад?! Устоди бузург Усмон ба мо ғазаб мекард, сахт мезад, аммо паст назадааст. Ба ӯ иҳонат карда, хато содир намудем.

Ба бародаронам, ки ба охирсухани одами миранда гӯш мекардагӣ барин бо диққат ба чашмонам менигаристанд, хандидам. Дар ҳақиқат, гӯё мемурдам, медидам, ки чӣ тавр сояшон парешон ва дур мешавад.

– Бо ду сабаб Эништеро куштам: барои он ки ӯ устоди бузург Усмонро маҷбур кард, ки чун маймун ба наққоши фарангӣ Себастиано тақлид кунад. Ва боз барои он ки дар ҳолати заъф аз ӯ «Оё ман услуб дорам?» –гуфта пурсидам.

– Чӣ ҷавоб дод?

– Дорӣ, гуфт. Аммо барои ӯ табиист, ки ин як ҳақорат[140] не, балки таъриф буд. Дар ёд дорам, ки як лаҳза наход ин ҳам бароям боиси таъриф бошад, гуфта аз дил гузарондам: Медонистам, ки услуб чизест боиси шармандагӣ ва бешарафӣ, аммо боз кирми шубҳа майнаамро мекофт. Ман мехоҳам, ки услуб надошта бошам, аммо шайтон ҳисси кунҷкобиамро бедор мекард.

– Ҳар кас пинҳонӣ як услуб доштан мехоҳад, – донишмандона ҷавоб дод Кара. –Монанди супориши подшоҳамон ҳар кас мехоҳад, ки портрете дошта бошад.

– Наход ин як бемории табобатнашаванда бошад? – пурсидам. –Агар ин беморӣ паҳн шавад, ягон нафарамон алайҳи усули устодони фарангӣ баромада наметавонад.

Аммо маро касе гӯш намекард: Кара ба нақли қиссаи бойи туркмане сар кард, ки барои ишқи ба духтари шоҳ доштаашро эълон кардан ба муддати дувоздаҳ сол ба диёри Чин фиристода шуд. Дувоздаҳ сол дар хаёлаш чеҳраи дӯстдоштааш буд, азбаски портрети ӯро надошт, дар иҳотаи зебосанамҳои чинӣ зиндагӣ карда, оҳиста-оҳиста чеҳраи ӯро фаромӯш кард, дар натиҷа ишқаш бо иродаи Худованд ба шиканҷа табдил ёфт. Аммо мо мефаҳмидем, ки ӯ қиссаи зиндагии худро мегӯяд.

---

[140] *Ҳақорат* – дар асли туркӣ низ ҳақорат.

– Дар зери сояи Эниште ҳоло ҳамаамон чӣ будани ҳарфи портретро донистем, –гуфтам. –Худо хоҳад, рӯзе мерасад, ки дар бораи ҳаёти худамон нотарсона аз номи худ ҳарф заданро ёд мегирем, на монанди он ки дар бораи дигаре гап мезада бошем.

– Масал ба ҳама дахл дорад, –гуфт Кара, –ба як кас не.

– Ҳар нақш нақши Худованд аст, –гуфта мазмуни як мисраъ шеъри Ҳотифии Ҳиротиро хотиррасон кардам. – Аммо баъди он ки усули наққошии устодони фарангӣ паҳн мешавад, ҳар кас масали дигаронро чун қиссаи зиндагии худ нақл карда, бо ин маъруфият пайдо хоҳад кард.

– Шайтон маҳз ҳаминро мехоҳад.

– Акнун маро сар диҳед! –якбора дод задам. –Бори охир оламро бинам.

Аз фарёдам тарсиданашонро ҳис карда, қувват гирифтам.

Аввал Кара худро сару ҷамъ кард: –Расми охиринро нишон медиҳӣ?

Чунон нигаристам, ки фаҳмид, ки нишон медиҳам, маро сар дод. Тапиши дилам афзун гашт.

Ҳарчанд худам пинҳонӣ ҳарф мезанам, албатта, шумо кайҳо фаҳмидед, ки ман кистам. Ҳайрон нашавед, анъанаи устодони пешини Ҳиротро идома медиҳам: онҳо корҳои худро на барои он имзо намегузоштанд, ки намехостанд ягон кас онҳоро донад, балки ба сабаби он ки ба устодони худ ва анъанаҳо эҳтиром меварзиданд. Бо як ҳаяҷони қалбӣ шамъ дар даст, бо ҳамроҳии сояи худ дар хонаҳои торик роҳ мегаштам. Пеши чашмонам аллакай пардаи торикӣ мефаромад, ё шояд хона ва даҳлезҳоро торикии мудҳиш фаро гирифта буд? Чӣ қадар вақт мондааст, баъди чанд рӯз ё ҳафта пурра оҷиз мешавам? Ману сояам шабаҳҳоро тарсонда, ба ошхона

даромадем, аз як кунҷи тозаи ҷевони чанголуд коғазеро баровардем ва зуд баргаштем. Кара ба ҳар эҳтимол то ошхона моро ҳамроҳӣ кард, аммо дар дасташ ханҷар набуд. Аз дилам гузашт, оё намехоҳам, ханҷарро ба даст оварда, пеш аз он ки худам кӯр шавам, ӯро кӯр кунам.

– Шодам, ки як бори дигар ин муъҷизаро чашмонам кӯр нашуда мебинам, –бо ифтихор ба забон овардам. – Мехоҳам шумо ҳам бинед. Нигаред!

Расми охиринро, ки дар рӯзи куштанам аз хонаи Эниште гирифта будам, дар рӯшноии чароғ ба онҳо нишон додам. Аввал мушоҳида мекардам, ки чӣ тавр онҳо бо кунҷкобӣ ва тарс ба расми дусаҳифагӣ менигаранд. Баъд якҷоя бо онҳо ба расм нигоҳ карда, оҳиста-оҳиста баданам ба ларза даромад. Ё аз он ки ба чашмонам сӯзан халиданд ё аз эҳсосот.

Ҳамаи он чизеро, ки давоми як сол дар ин ду саҳифа кашида будем: дарахт, асп, шайтон, марг, саг, занро Эниште бо истифодаи усули нав, ҳарчанд на он қадар устокорона, чунон бо тартиб гузоштааст, ки бо тазҳиб ва ҷадвали кашидаи марҳум Зариф-афандӣ ба назарамон на чун як саҳифаи китоб, балки чунон менамуд, ки аз панҷараи тиреза ба тамоми олам менигарӣ. Дар маркази ин олам, дар он ҷойе, ки бояд портрети подшоҳ бошад, як расми боғурури ман, ки худам кашида будам, менамуд. Мутаассифона, ҳарчанд рӯзҳои зиёд саъю кӯшиш кардам, ба оина хеле нигоҳ карда кашидам, пок кардам, аз нав кашидам, монандии на он қадар зиёд ба вуҷуд омадааст; аммо, ба ҳар ҳол, на барои он ки дар расм, саҳифа, маркази тамоми олам тасвир шудаам, балки аз он ки бо кадом як сабаби ба ман номаълум, албатта, бе васвасаи шайтон набудагист, худи мавҷудияти ин наққошӣ маро ба шахсияти амиқ, мураккаб ва пурасрор табдил медод, маро як ҳаяҷони шодиовар фаро гирифт. Мехостам, бародарони наққошам ин ҳаяҷонамро бинанд, фаҳманд

ва ба хурсандиам шарик шаванд. Чун подшоҳ ва корол дар маркази ҳама чиз қарор доштам, худи худам будам. Аз ин ҳам ғурур ва ҳам як эҳсоси шарм доштам. Ин ду эҳсосот ҳамдигарро дар мувозинат нигоҳ дошта, ба ман ҳисси қаноатмандӣ мебахшиданд ва ҳеч чиз барои ба даст овардани завқ халал намерасонд. Аммо барои чун ҳунари расмкашии фарангиҳо завқи комил ҳосил кардан зарур буд, ки ҳар чини рухсору сару либос, ҳар доғи нағзак, холҳои бари рӯй, ҳар як тори риш, ҳамаи рангҳо, хуллас, тамоми ҷузъиёти хурди чеҳраам ба таври ҳақиқӣ кашида шаванд.

Дар чеҳраи дӯстони куҳанам аломати тарсу ҳайрат, инчунин, эҳсоси ҳамешагии тамоми рассомон – ҳасадро мушоҳида кардам. Бале, чун як гунаҳкори ашадӣ ва ислоҳнопазир ғазаби онҳоро меовардам, аммо ба ман ҳасад мебурданд, метарсиданд ва рашк мекарданд.

– Дар рӯшноии чароғ шабона ба ин расм нигариста, бори аввал эҳсос кардам, ки Худованд маро тарк кардааст ва аз танҳоӣ фақат дӯстӣ бо шайтон маро раҳо карда метавонад, –гуфтам. –Ҳарчанд дар маркази олам ҷой гирифтаам (ҳар қадар ба расм менигаристам, инро бештар мехостам), новобаста ба он ки маро танҳо чизҳои дӯстдоштаам иҳота кардаанд, ҳатто як зани зебо монанди Шакура ва дӯстони дарвешам ва бартарии ранги зебои сурх боз ҳам худро танҳо эҳсос мекардам. Аз шахсият будан ва ба ягон кас монанд набудан наметарсам, аз он ки дигарон ба ман саҷда мекунанд, намеҳаросам, баръакс, инро мехоҳам.

– Яъне, ту тавба намекунӣ? –пурсид Лаклак ба монанди касе, ки нав аз мавъизаи ҷумъа баромадааст.

– Аз куштани ду одам не, балки аз он ки худамро ба ин расм даровардам, пушаймонам, худамро монанди шайтон ҳис мекунам. Фикр мекунам, ки он ду касро барои он куштам, ки ба кашидани ин расм имкон пайдо

кунам. Аммо танҳоии имрӯза маро боз метарсонад. Наққоше, ки ба устодони фарангӣ бе доштани малакаю ҳунари онҳо тақлид мекунад, монанди ғулом аст. Аз ин ҳолат гурехтан мехоҳам. Шумо, албатта, фаҳмидед, ки он ду танро аслан барои он куштам, ки дар наққошхона ҳама чиз чун пешина монданашро мехоҳам, албатта, Худованд низ инро фаҳмид.

– Аммо ҳамаи ин ба мо дарди сар шуд, –бо ҳарос эрод гирифт Парвонаи ҷон.

Караи аҳмақ ҳоло ҳам аз расм чашм намеканд, лаҳзаи қулайро аз даст надода, зуд аз банди дасташ дошта, бо тамоми қувват нохунҳоямро ба кор дароварда, дасташро тоб додам. Ханҷаре, ки ин лаҳза андак суст нигоҳ медошт, аз дасташ афтид. Онро аз замин бардоштам.

– Илова ба дарде, ки доред, маро ба шиканҷа супорида, акнун ҷони худро халос карда наметавонед, – гуфтам. Нӯги ханҷарро ба чашмони Кара наздик бурда гуфтам: –Сӯзанро деҳ!

Бо дасти чап дароз кард, ба миёнбандам халидам. Ба чашмони мешиаш нигаристам.

– Ба Шакураи зебо дилам месӯзад, дигар чорае наёфта, ниҳоят ба ту ба шавҳар баромад, –гуфтам. – Барои шуморо аз бало раҳонидан агар Зариф-афандиро намекуштам, мегирифтамаш ва хушбахт мекардам. Масалу маърифати устодони фарангиро, ки падараш ба ҳамаамон мехонд, аз шумо беҳтар мефаҳмам. Аз ин рӯ, ба ин ҳарфҳоям бодиққат гӯш кунед: Дар ин ҷо барои мо, устодони рассом, ки бо ҳунар ва шарафи худ зиндагӣ карданием, дигар ҷой нест, инро аз шумо пеш фаҳмидам. Агар мо ҳамон тавре ки раҳматӣ Эниште ва подшоҳамон мехоҳанд, ба устодони фарангӣ тақлид кунем, Зариф-афандӣ баринҳо ва эрзурумиҳо не, балки ҳисси тарсуии хушақле, ки дар ботини ҳар яки мост, пеши роҳамонро мегирад, дар ҳар сурат, то охир бо ин роҳ рафта

наметавонем. Агар ба гапи шайтон даромада, ба гузаштаамон иҳонат карда, дар услуб ва тарзи фарангӣ нотакрор шудан хоҳем, моро ҳамеша бадбахтӣ ва нокомӣ дар пеш аст, ҳамон тавре ки ман бе доштани малака ва дониши даркорӣ расми худамро кашиданӣ шудам. Расмам содалаҳона баромад, симои ба худ монандро кашида натавонистам ва ин бори дигар чашми маро кушод, ки рости гап, бе ин ҳам ба ҳамаамон маълум аст, танҳо онро эътироф намекунем, яъне, барои он ки ҳунари рассомони фарангиро аз бар кунем, садҳо сол лозим аст. Агар Эниште-афандӣ китобашро ба охир мерасонд ва онро ба Рум мефиристод, рассомони он ҷо ва қайсар ба расмҳои мо механдиданд, ҳамааш ҳамин. Усмониҳо акнун усмонӣ будан намехоҳанд, гуфта фикр мекарданд ва аз мо наметарсиданд. Аз роҳи устодони куҳан берун нашудан чӣ хуб мебуд! Аммо ҳама, ҳам ҳазрати подшоҳамон, ҳам Караи маҳзун, ки портрети Шакура нест гуфта мегардад, инро намехоҳанд. Ин тавр бошад, нишинед ва ба усулҳои фарангӣ тақлид кардан гиред. Дар зери расмҳои тақлидиатон бо ифтихор имзо гузоред! Устодони куҳани ҳиротӣ, ки мехостанд оламро ҳамон тавре ки Худованд мебинад, тасвир кунанд, барои он ки шахсияташонро маълум насозанд, ба расмашон имзо намегузоштанд. Шумо бошед, барои он ки шахсият надоштанатонро пинҳон доред, имзо мегузоред. Аммо илоҷи дигар ҳаст, балки дарҳои шуморо ҳам кӯфта, ба суроғатон омадаанд, аммо шумо инро пинҳон медоред. Подшоҳи Ҳиндустон Акбар пулу тиллоро дареғ надошта, аз тамоми ҷаҳон наққошони ҳунармандро ба дарбораш даъват карда, бо муҳаббату ғамхорӣ фаро гирифтанист. Ин аллакай маълум: на дар ин ҷо – Истанбул, балки дар наққошхонаи Агра кори китоб бахшида ба ҳазорсолагии ислом ба охир расонда мешавад.

– Аҷиб, барои он ки чун ту донову мутаккабир шавӣ, зарур аст чанд касро куштан? –гуфта пурсид Лаклак.

– Аз ҳама ҳунарманд ва боистеъдод будан басанда аст, –зуд ҷавоб додам.

Аз дуриҳо як хурӯси мағрур ду маротиба ҷеғ зад. Анҷомҳо, тиллоҳоямро ғундошта, дафтари намунаву расмҳоро ба ҷузвдон гузоштам. Аз дил гузарондам, ки кори Кара ва ин бародаронро бо ханҷар тамом кунам, аммо ҳис кардам, ки рафиқони даврони ҷавониамро дӯст медорам, ҳатто ин Лаклакро, ки ба чашмонам сӯзан халонд.

Ба сари Парвонаи дӯстдоштаам, ки аз ҷояш хестанӣ буд, дод задам, тарсида ба ҷояш нишаст. Ин ба дилам қувват бахшид, ки сиҳату саломат аз хонақоҳ метавонам бадар равам, аҷала кардам, танҳо дар остона ҳарфҳои бодабдабаи тайёркардаамро ба забон овардам:

– Рафтанам аз Истанбул ба рафтани Ибни Шокир аз Бағдоди ба дасти муғулҳо афтода монанд аст.

– Ин тавр бошад, туро ба шарқ не, ба ғарб рафтан лозим меояд, –истеҳзо кард Лаклаки ҳасуд.

–«Машриқу мағриб аз они Худост»,[141] –гуфтам чун Эништеи марҳум ба забони арабӣ.

– Аммо ба ҳар ҳол, Шарқ дар шарқ аст, Ғарб дар ғарб, –луқма партофт Кара.

– Наққош беҳтараш аз кибру ғурур дур бошад, –гуфт Парвона. –Барои ӯ шарқу ғарб чӣ аҳамият дорад?! Ӯ бояд чӣ тавре ки дилаш мехоҳад, расм кашад.

– Оҳ, чӣ ҳарфҳои дуруст! –хитоб кардам ба ҷониби Парвонаи дӯстдоштаам. –Мехоҳам, ки туро бибӯсам.

Аммо ҳамон лаҳзае, ки ҷониби вай ду қадам гузоштам, Кара ҳуҷум овард. Дар як дастам буғчаи либос ва тиллоҳо, зери бағалам ҷузвдони расмҳо, қариб

[141] Қуръони карим, сураи Бақара, ояи 115

ғофилгир шуда будам, ки Кара имкон ёфт аз банди дасти рости ханҷардоштаам бигирад. Аммо толеъаш[142] мадад накард, ба рафи китобҳо бархӯрда, мувозинатро аз даст дод ва дар банди дастам овезон монд. Бо тамоми қувват лагаде зада, аз худ дур кардам, ангушташро сахт газидам. Ҷонҳавлак дод зад. Дасти латхӯрдаашро сахттар зер кардам ва ба ду нафари дигар бо ханҷар таҳдид кардам:

– Шинед ба ҷоятон!

Нишастанд. Нӯги ханҷарро чуноне ки дар афсонаи Кайковус кашида шудааст, ба сӯрохи бинии Кара рост кардам. Хун ҷорӣ гашт, аз чашмони илтиҷомезашаш ашк равон шуд.

– Акнун ба ман бигӯй, –гуфтам, –кӯр мешавам ё не?

– Дар ривоятҳо омадааст, ки дар баъзеҳо хун ба чашм мезанад, дар баъзеҳо не. Агар Худованд аз корат мамнун бошад, туро барои ба худ наздик кардан торикии муҳташам мебахшад. Он замон ин дунёи сафил не, балки манзараҳои аҷибе, ки Ӯ мебинад, дар пеши назарат ҳувайдо мегарданд. Агар аз наққошиат розӣ набошад, биноии ҳозираат идома меёбад.

– Наққошиҳои асосиамро дар диёри Ҳиндустон хоҳам кашид, –гуфтам. –Расмеро, ки Худованд аз рӯйи он ба ҳунарам баҳо медиҳад, ҳанӯз накашидаам.

– Аз усулҳои фарангӣ мегурезам гуфта, умедвор нашав, –гуфт Кара. –Акбаршоҳ наққошонро ташвиқ кардааст, ки расмҳояшонро имзо гузоранд, ту инро медонӣ? Попҳои португалӣ бо расм ва усули фарангӣ онҳоро кайҳо ошно кардаанд. Аз ин ҷойи гурез нест.

– Касе, ки пок будан мехоҳад, ҳамеша роҳ ва ҷойи гурез дорад, –ҷавоб додам.

–Аҷоиб, кӯр шавию ба кишвари мавҷуд набуда гурезӣ, –гап партофт Лаклак.

---

[142] *Толеъ* – дар асли туркӣ низ толеъ.

–Чаро дар он ҷо пок шудан мехоҳӣ?– пурсид Кара.– Монанди мо дар ҳамин ҷо бош.

– Инҳо тамоми умр услуби шахсӣ гуфта, ба фарангиён тақлид мекунанд, –ҷавоб додам. –Бо тақлид ба фарангиҳо ҳеч гоҳ соҳиби услуби шахсӣ шуда наметавонанд.

– Дигар роҳ нест, –гуфт Кара бешарафона.

Наққошӣ не, Шакураи зебо ягона мутаккои хушбахтии ӯст. Нӯги хунолуди ханҷарро аз сӯрохии бинии Кара бароварда, ба болои сараш, чуноне ки як ҷаллод ҳозир аст бо шамшер касеро сар занад, бардоштам.

– Ҳозир метавонам туро кушам, –эълон кардам, ҳарчанд ин ошкор буд. –Аммо барои хушбахтии Шакура ва фарзандонаш метавонам бубахшам. Бо ӯ хуб муносибат кун, на монанди ҳайвоне ва ҷоҳиле. Ваъда бидеҳ.

– Ваъда медиҳам, –ҷавоб дод.

– Шакурарро ба ту бахшидам! –эълон кардам.

Аммо дастонам ҳарфҳои маро нашуниданд. Бо тамоми қувват ханҷарро ба тани Кара задам.

Дар лаҳзаи охирин аз он ки ӯ тани худро канор гирифт ва шояд ман ҳам тавонистам самти ҳаракати ханҷарро тағйир диҳам, он на ба гардан, балки ба китфаш бархӯрд. Ба натиҷаи кори беихтиёри дастонам бо ҳарос нигаристам. Ханҷарро, ки кашида гирифтам, аз ҷояш хуни тозаи сурх заҳида баромад. Ҳам метарсидам, ҳам шарм маро фаро гирифта буд. Аммо аз тарафи дигар, мефаҳмидам, ки агар дар роҳ, дар баҳри Араб дар киштӣ нобино шавам, бародарони наққошам дастнорас гашта, наметавонам қасосамро аз онҳо ситонам.

Лаклак, ки шояд расидани навбати худашро фаҳмида буд, парида аз ҷояш хест ва дар яке аз хонаҳои торик пинҳон шуд. Дар дастам чароғ аз паяш давидам, аммо тарсида, қафо гаштам. Охирин коре, ки кардам,

Парвонаро бӯсида, бо ӯ видоъ намудам. Аз сабаби он ки бӯйи хун ҳама ҷоро фаро гирифта буд, ӯро он тавре, ки мехостам, бӯсида натавонистам. Медид, ки чӣ тавр аз чашмонам ашк ҷорӣ шуд.

Дар торикии сокит, ки онро танҳо нолаҳои Кара вайрон мекард, аз хонақоҳ баромадам. Аз боғчаи тару нам ва маҳаллаи торик дав-давон гузаштам. Киштие, ки маро бояд ба наққошхонаи Акбархон барад, сабоҳ, баъди намози бомдод ба роҳ мебарояд, дар ин вақт аз бандари Кадирга заврақи охирин ба ҷониби вай равон мешавад. Медавидам ва аз чашмонам ашк чун дарё мерафт.

Чун роҳзан, бесадо ба Оксарой расида, дидам, ки уфуқ дар шарқ андаке равшан аст. Тангкӯчаву гузаргоҳҳо, ки деворҳои ду тарафашон қариб ба оғӯши ҳамдигар медаромаданд, маро ба лаби чашмае оварданд, ки дар муқобилаш хонаи сангине буд, ин ҷо бисту панҷ сол пеш шаби аввалини ба Истанбул омаданамро рӯз карда будам. Мани он вақт ёздаҳсоларо хеши дурамон хушнудона пешвоз гирифт, ҷойи хобамро тайёр кард ва худи ҳамон шаб ҷогаҳро тар кардам. Аз даричаи нимроғ ба дарун нигариста, чоҳеро дидам, ки аз шарм мехостам худамро ба он партоям. Дар роҳи Боязид аз байни пардаи ашк медидам, ки чӣ тавр шиносҳои пешинаам дастафшонӣ мекунанд: ана, дӯкони соат, ки ҳар вақт ба он ҷо корафтода мешудам; дӯкони шишафурӯшӣ, ки аз он ҷо чароғи лампа, зарфҳо барои шарбат ва шиша мехаридам ва баъд, онҳоро нақшу нигор карда, пинҳонӣ ба сарватмандон мефурӯхтам; гармобае, ки як вақтҳо ҷойи доимиам буд – бинобар арзонӣ ва камодамиаш.

Дар атрофи қаҳвахонаи ғоратшуда касе наменамуд, хонаи Шакура ҳам беодам буд. Аз таҳти дил ба ин зебосанам бахт мехоҳам, аммо бад он аст, ки шавҳари наваш ҳозир мемирад, агар то ҳол намурда бошад. Баъди

он ки дастам бо қатли Зариф ба таври махфӣ хунолуд гашт, сағҳои Истанбул, дарахтони бузурги торик, хонаҳои пӯшида, мӯриҳои торик, шабаҳҳо ва мардуми ба намоз шитобандаву меҳнаткаш ба мани дар кӯчаҳо саргардон душманона менигаристанд, акнун, ки ҷиняти худро эътироф кардам ва қарор додам, ки шаҳрамро, ки тамоми умрам ин ҷо гузаштааст, тарк кунам, ҳамаашон ҷонибам дӯстона менигаристанд.

Аз масҷиди Боязид гузашта, ба баландӣ баромадам ва халиҷро дидам. Уфуқ торафт равшан мешуд, аммо ҳоло ҳам торик аст. Ду заврақи моҳигирӣ, киштиҳои тиҷоратӣ бо бодбонҳои фароварда ва як киштии қадимаи бекор рӯйи мавҷҳо оҳиста-оҳиста алвонҷ мехӯрданд, ки аз ин дуриҳо ба чашм дуруст барнахӯранд ҳам, гӯё бо ин ҳаракаташон ба ман «нарав, нарав» мегуфтанд. Шояд барои он ки мардумаки чашмам бо сӯзан сӯрох карда шудааст, ҳоло ҳам аз чашмам ашк равон буд. «Дар бораи корҳои ҳайратоваре, ки дар Ҳиндустон анҷом медиҳӣ ва ҳаёти хуш бояд фикр кард», –гуфтам ба худ.

Аз роҳ баромадам, зуд ду боғчаи аз нам бӯйгирифтаро гузашта, ба назди бинои сангии куҳнае омадам. Ин ҳамон хонае буд, ки дар солҳои шогирдӣ ҳар рӯзи сешанбе ба ин ҷо омада, устод Усмонро пешвоз мегирифтам ва баъд, тарафи наққошхона роҳ мегирифтем. Ду қадам аз паси устод дар дастам халта, ҷувздони расмҳо ва тахтаи расмкашӣ ба роҳ медаромадам. Аз ҳамон вақт ин ҷо чизе тағйир наёфтааст, танҳо чинорҳои кӯча ва боғ чунон калон шудаанд, ки дар назди онҳо иморати куҳна чун дар замони султон Сулаймон бодабдаба, муҳташам ва бошукӯҳ наменамояд.

Фурсат танг буд, аммо ба гапи шайтон даромада, қарор додам, наққошхонаеро, ки бисту панҷ соли ҳаётам гузаштааст, охирин бор зиёрат намоям, зеро аз роҳи ҷониби бандар дур набуд. Бо ҳамон роҳе, ки рӯзҳои

сешанбе бо устод Усмон тай мекардем, равон шудам: аз кӯчаи Окчулар, ки баҳорон гулҳои хушбӯяш зебо мешукуфанд, аз назди нонвойхона, ки устод Усмон аз он ҷо нони гарм ва гӯшт мехарид, бо барозе, ки дар зери дарахтонаш ҳамеша гадоҳо менишастанд, аз паҳлуи тирезаҳои пӯшидаи бозори нав, аз назди сартарошхона, ки устод ҳамеша бо сартарош вохӯрӣ мекард, аз канори полези партове, ки тобистонҳо дорбозҳо ҳунарнамоӣ мекарданд, аз назди хонаҳои шубҳаноке, ки соҳибонаш ҳуҷраҳояшонро ба мардҳои муҷаррад иҷора медиҳанд, аз зери равоқҳои чангзеркардаю намзадаи лӯлаҳои оби даврони румиён, аз паҳлуи қасри Иброҳим-пошо, сутуни мор,[143] ки садҳо маротиба онро кашидаам, чинорҳое, ки онҳоро ҳар бор ба тарзи дигар мекашидем, гузашта, ба Ат-майдон даромадам. Дар дарахтони булут ва тут чун ҳамеша субҳгоҳон гунҷишку аккаҳо чириққос мезаданд.

Дари вазнини наққошхона пӯшида. Дар назди дар, дар боло, равоқҳо касе набуд. Ҳамин ки ба ҷониби тирезаи хурдакаки пӯшида, ки солҳои мактабхонӣ барои раҳоӣ аз яъсу буғз аз он ба дарахтҳо менигаристем, чашм партофтам, яке маро садо дод.

Одаме буд садояш чирросии гӯшхарош. Гуфт, ки ханҷари хунолуди қабзааш ёқутдори дастам аз они ӯст, онро ҷиянаш Шавкат бо дастури модараш аз хонаи ӯ дуздидааст. Аз ин мебарояд, ки ман яке аз он одамони Кара мебошам, ки шабона ба хонаи ӯ ҳуҷум оварда, Шакураро дуздидаанд. Хуб медонад, Кара дӯсти рассомон аст, ба наққошхона хоҳад омад, бо овози чирроси ғазаболуд дод зад он одам. Шамшери дарозеро, ки дар нӯгаш ҷилои аҷиби сурх дошт, дар дастонаш пахшкунон гилаву шикояти зиёде кард ва барои чӣ

---

[143] *Сутуни мор* –ёдгории таърихӣ, сутуни нуқрагин, ки аз Миср бо фармони императори Рум Константини Бузург соли 326 ба Константинопол оварда шудааст.

бошад, аз ман ҷавоб мехост. Иштибоҳ мекунӣ гуфта фаҳмонданӣ будам, ки аз чеҳрааш аломати нобоварӣ ва ғазабро хондам. Ба чеҳраи аз нафрат кажу килебаш нигариста, фаҳмидам, ки ба ҳамла кардан тайёр аст. «Амон деҳ!» –гуфтан хостам.

Аммо ӯ аллакай зарба зада буд.

Ҳатто имкони боло бардоштани ханҷарро пайдо накардам, дасти буғча доштаам ларзиду бас.

Буғчаам ба ҳаво парид. Шамшер дар як мижа задан дастамро бурид, баъд боз боло шуду ба гарданам бархӯрда, сарамро аз тан ҷудо кард.

Бурида шудани сарамро аз он фаҳмидам, ки тани зору низорам ду қадами аҷиби нобоварона гузошт, ханҷарро ба таври бемаънӣ алвонҷ дод, аз гарданам хун фавворазанон ҷорӣ гашт ва ба замин афтодам. Пойҳоям чун аспи бечораи кушташуда ба тапиш даромаданд.

Сарам ба хок афтод, аз ин ҷо на қотилро медидам, на тиллоҳои кам-кам ҷамъовардаам ва на расмҳоро. Барои онҳо афсӯс мехӯрдам, аммо ҳамаашон дар қафо – дар пушти сарам, дар роҳе, ки ба ҷониби баҳр ва ба бандари Кадирга мебарад, ба ҷойе, ки акнун имкони рафтанам нест, ҳатто ҳамту ба он тараф нигоҳ карда наметавонам, монданд. Ҳамаи инро фаромӯш кардам ва тамоми қувваамро ба фикр кардан сарф намудам.

Пеш аз он ки шамшер сарамро аз тан ҷудо кард, аз дил мегузарондам: Заврақ аз Кадирга баромадагист, «аҷала кун», –амр медодам ба худ; акнун «аҷала кун», – ҳои дар бачагӣ гуфтаи модарам ба ёдам меомад, гӯё маро наздаш даъват мекард. Очаҷон, гарданам дард мекунад, аз дастам ҳеч кор намеояд.

Ана, чӣ будааст марг?!

Аммо медонистам, ҳоло намурдаам. Мардумаки сӯрохшудаи чашмонам ҳаракат намекарданд, аммо бо чашмони бозам хуб медидам.

Танҳо дар бораи он чизе, ки медидам, метавонистам фикр кунам. Роҳе, ки ба бароз мебарад. Девор, айвон ва боми наққошхона, осмон. Дигар ҳеч.

Он лаҳзаи замоне, ки дар чашмонам акс ёфта буд, идома меёфту идома меёфт, ангор фаҳмидам, ки дидан бароям баробари ба хотир овардан аст. Замоне ба расми зебое соатҳо нигариста, ҳиссиёти зеринро аз сар мегузарондам: Ба расм зиёд нигоҳ кунӣ, хаёлат бо замон баробар хоҳад шуд.

Инак, ҳама чиз ба замон табдил ёфт.

Чунин менамуд, ки маро дигар намеёбанд, сарам солҳо, ҳамин тавр, дар рӯйи чангу хок мемонад ва ин барози ғуссаовар, девори сангӣ ва дарахтони дурро нигоҳ карда, хаёлот дар он оҳиста-оҳиста хомӯш мешавад.

Интизории беохир ногаҳ бароям чунон аламовар намуд, ки аз замон мехостам берун шавам.

59. Ман – Шакура

Дар хонае, ки соҳибонаш хеши дури Кара буданд, шаби бехобиро рӯз кардам. Бо Ҳурия ва бачаҳо дар як рахти хоби танг бо ҳам хобидем, бо вуҷуди хур-хуру сулфа, ки аз хонаҳои дигар меомад, лаҳзае ғанаб мерафтам, аммо асосан хобҳои кобус маро таъқиб доштанд, доим махлуқоти булъаҷаби на ба мард ва на ба зан монандро медидам, ки дасташон мисли пой ва пояшон мисли даст буд. Қариби субҳ хунук хӯрда, бедор шудам ва бо ҷойпӯши ягона рӯйи Шавкату Орҳанро пӯшида, ба онҳо ҷафстар шудам, аз пешониашон бӯсидам ва аз Худованд илтиҷо кардам, ки бароям чун замонҳои зебои кӯдакиам хоби хушбахтонае фиристад, ки дар хонаи падари марҳумам баҳузур хобида медидам.

Аммо хоб рафта натавонистам. Он чизеро, ки ҳар гоҳ дар хобҳои ширинам медидам, баъди намози субҳ дар

хоначаи торик аз роғи чорчӯбаи тиреза ба кӯча нигариста, ногаҳон дида мондам: Як одами дар ҷанг азияткашидаву захмдор, дар дасташ чун шамшер чӯберо дошта, бо гашти шинос тарафам меояд. Он вақтҳо дар рӯъё худро ба оғӯши ин одам партофтанӣ шуда, ашк дар чашмон бедор мешудам. Аммо ҳоло фаҳмидам, ки ин одами хунолуди кӯча Кара аст, дар хобам нашудагӣ кор шуд, аз гулӯям садо баромад.

Давидам, дарро кушодам.

Рухсораш варамидаю пур аз захм буд. Аз бинии ҷароҳатгирифтааш хун мерафт. Дар поёни гардани шавҳарам ҷароҳати калоне ба чашм мерасид. Куртааш суп-сурх ғарқоби хун. Чун дар рӯъё менамуд ҳамаи ин, барои он ки ба ҳар ҳол ба хона баргашт, ба сӯям табассуми малеҳе мекард.

– Ба дарун даро, –гуфтам.

– Бачагонро даъват кун, –ҷавоб дод, –ба хона меравем.

– Ту ҳоло қувваи ба хона рафтан надорӣ.

– Дигар натарс, –гуфт. –Валиҷон-афандии аҷамӣ будааст.

– Зайтун? –пурсидам. –Куштӣ он бечораро?

– Аз бандари Кадирга бо заврақ ба Ҳиндустон гурехта рафт, –гуфт ва барои он ки корро ба охир расонда натавонист, лаҳзае чашмашро гурезонд.

–То хона рафта метавонӣ магар? –пурсидам. –Бароят як асп гирем.

Гумон кардам, ки ба хона нарасида мемирад ва дилам ба ӯ сӯхт. Танҳо барои ин не, барои он ки бечора дар ин зиндагӣ рӯзи хушеро надид. Ба чашмони маъюс ва қатъии ӯ нигариста, пай бурдам, ки намехоҳад дар хонаи бегона ҷон супорад ва зиёда аз ин, касе ӯро дар ин ҷо дар чунин ҳоли даҳшатбор бинад. Бо азоб ба як асп савор кардем.

Дар дастамон бастаҳо бо тангкӯчаҳо равон будем, бачаҳо аввал ба чеҳраи Кара, ки дар болои аспи сустгард алвонҷ мехӯрд, аз нигоҳ кардан метарсиданд. Аммо вақте ки ӯ аз фош кардани қотили номарди бобояшон, шамшерзаниҳояш сухан сар кард, оҳиста-оҳиста тарсашон бознишаст ва баробари асп ба қадамзанӣ даромаданд. Аз Худованд илтиҷо мекардам, ки Караро аз мурдан нигоҳ дорад.

Вақте ки ба хона расидему Орҳан хурсандона: «Ба хона омадем!» гуфта фарёд зад, фаҳмидам, ки Азроил сояшро аз сари мо бардоштааст, Худованд моро нигаҳдор аст. Аммо аз таҷрибаи хеш медонистам, ҳеч кас пешакӣ намедонад, ки Худованди бузург ҷонашро кай мегирад, аз ин рӯ, он қадар ба оянда хушбин набояд буд.

Караро бо азоб аз болои асп фароварда, ба боло баровардем ва дар хонаи дараш кабуди падар хобондем. Ҳурия оби гарм овард. Куртаашро, ки бо хун ба танаш часпида буд, баъзе ҷойҳояшро қайчӣ карда бурида, кашида партофтем, миёнбанд, пойафзол, либоси зерашро баровардем. Сипас тирезаро кушодам ва нурҳои офтоби саҳарии зимистон дар рӯйи кӯза, зарф, банкаи рангу ширеш, рангдон, оина ва кордчаҳои қаламтезкунӣ инъикос ёфта, пӯсти рангпаридаи Кара ва захмҳои рангаш сурхча ва гӯшти намоёнашро равшан карданд.

Дар оби гарм чанд латтачаи тозаро тар кардам ва ба шустани тани Кара даромадам, бодиққат, чуноне ки гилемро тоза мекунанд, бо эҳтиёт чуноне ки фарзандонамро оббозӣ медорондам. Монанди як духтури таҷрибадор бо эҳтиёт, то ягон узваш дард наёбад, захмҳои рухсор, бинии бурида ва захми даҳшатноки китфашро тоза кардам. Дар ин лаҳзаҳо кадом як ҳарфҳои бемаъниеро, ки худам ҳам маънояшро намедонистам, ба забон меовардам, фақат ҳарфҳои навозиш буданаш маълум буд, вақте ки бачагонам хурд буданд, чунин

мекардам. Сари сина ва дастонаш захм бардоштаанд. Ангушти дасти чапаш шояд аз газидан бошад, варам кардаю кабуд гаштааст. Латтачаҳоям хунолуд шуданд. Бо дастонам сари синаашро молидам, нармии шикамашро санҷидам, хеле зиёд ба шармгоҳаш ҳам нигоҳ карда мондам, ки дар ин вақт аз ҳавлӣ садои бачагон шунида мешуд. Як чиз маро ба ҳайрат оварда: чаро шоирон ин чизро ба най ё қалам монанд кардаанд?

Аз ошхона оҳанги хушнудонаи гапзании Эстерро шунидам, садояш ҳамеша чунин аст – агар бо хабари хуш омада бошад, ба поён фаромадам.

Эстер чунон дар ҳаяҷон буд, ки чун пешина оғӯш нагирифта, ба нақл пардохт, ки дар назди дари наққошхона ҷасади Зайтуни сарбурида ва дар ҳамон ҷо расмҳоеро, ки гунаҳгории ӯро собит мекунанд, ёфтаанд. Маълум мешавад, ки ӯ мехостааст ба Ҳиндустон гурезад, аммо охирин бор наққошхонаро диданӣ шудааст.

Шоҳидоне пайдо шуданд, ки дидаанд чӣ тавр Ҳасан шамшерашро аз ғилофи сурх бароварда, бо як зарба сари ӯро аз тан ҷудо кардааст.

Вақте ки Эстер нақл мекард, аз дил мегузарондам, ки ҳоло падари бечораам дар кучо бошад? Хабари нобуд шудани қотил маро аз тарсу ваҳм раҳо намуд. Мефаҳмидам, ки қасос ба рӯҳу тан оромӣ мебахшад. Бисёр мехостам, бидонам, ки оё падарам низ чунин эҳсос пайдо кардааст? Олам ногоҳ ба назарам ба қасри бузурге табдил ёфт, ки аз хоначаҳои зиёди зебо иборат буд. Танҳо ҳофиза ва тасаввурот имкон медиҳад, ки аз хонача ба хоначаи дигар гузаред, аммо аксаран танбалӣ мекунем ва дар як ҷой пой мекӯбем.

– Гиря накун, ҷонам, –маро дилбардорӣ кард Эстер.– Дидӣ, ҳамааш ба хубӣ анҷомид.

Ба ӯ чор тангаи тилло додам. Тикир-тикиркунон ҳар яки онҳоро бо ҳирсу шаҳват бо дандонаш газида дид, аммо ноуҳдабароёна.

– Ин румиҳои кофир сиккаҳои қалбакӣ месозанд, – гуфт табассумкунон.

Ӯ рафту ба Ҳурия гуфтам, ки бачаҳоро ба боло нагузорад. Берун баромадам, дарро қулф кардам, бо эҳтирос тани лучи Кароро ба оғӯш гирифтам ва бо эҳтиёт ва тарсу ҳарос амалеро иҷро кардам, ки ӯ он рӯз дар хонаи яҳудии овехта дар шаби қатли падарам хоҳиш карда буд, на барои он ки зиёд мехостам, бештар аз кунҷковӣ, на бо тарс, балки бо диққат иҷро намудам.

Асрҳо шоирони Аҷам ин сабилмондаро ба қалами аз най (қамиш) сохта монанд карда, даҳони мо, духтаронро рангдон номидаанд, инро чунон гаштаву баргашта такрор мекунанд, ки ба маънии ин ташбеҳ касе коре надорад, чӣ, даҳон хурд аст? Рангдон хомӯшии асроромез дорад? Ё Худованд худ як рассом аст? Ҳар чӣ набошад, ман барин зане, ки ҳамеша дар фикри чӣ тавр ҳимоя кардани худ аст, асрори ишқро дуруст сарфаҳм намеравад, ишқ чизест, ки фикри бомантикро намехоҳад.

Ин тавр бошад, ба шумо як чиз гӯям: вақте ки дар хонае, ки бӯйи мурда мекард, на аз он ки дар даҳонам ин чиз аст, дар ҳаяҷон будам: ҳаяҷонам на аз он ки ҷунбиши тамоми оламро дар даҳонам эҳсос мекардам, балки аз он буд, ки садои хурсандонаи бачагонамро, ки рӯйи боғча харҳаша доштанд, мешунидам.

Он вақт даҳонам ҳарчанд бекор набуданд, чашмонам медиданд, ки Кара бо нигоҳи махсус ба рӯям фурӯ мондааст. Ногоҳ гуфт, ки тамоми умр рӯйи ман, даҳони маро фаромӯш нахоҳад кард. Монанди баъзе китобҳои куҳнаи падарам пӯсташ бӯйи коғази намкашидаро мекард; ба мӯям бошад, бӯйи матоъҳои ҷанголуди хазинаи китобхонаи дарбор нишаст. Вақте ки аз

беэҳтиётӣ ногоҳ ягон ҷоям ба захм, буридаҳои танаш мерасид, ҳамчун бачаи хурдсол нолиш мекард, марг аз ӯ дур шуда буд, ин замон мефаҳмидам, ки минбаъд ба ӯ бештар дилбаста хоҳам шуд. Ҳаракатҳои мо торафт башиддат мешуданд, он моро ба дуриҳои пурмуъҷиза мекашонд, монанди киштие, ки бодбонҳояшро рӯ ба шамол кушода, бо ҷасорат ба дуриҳои баҳри кабуду роҳатбахш меравад.

Аз дидани он ки Кара ҳатто дар бистари марг ин қадар дилпурона амал мекунад, фаҳмидам, ки борҳо ин баҳри лаззатро бо чӣ қадар занҳои бешарм шино кардааст. Намедонистам, ки бо ман чӣ ҳодиса шуда истодааст, дастони киро мебӯсам – дасти худ ё ӯро, дар даҳонам чист – ангушти худам? Ё тамоми ҳаётамро гузоштаам? Аммо ӯ ҳарчанд аз дарду лаззат қариб беҳуш гашта буд, ба ҳар ҳол, худро идора мекард ва ба чеҳраам гоҳ чун наққошии беҳтарин бо ҳайрат ва лаҳзае баъд чун ба яке аз маъшуқаи фоҳишаи мингрелиаш менигарист.

Дар лаҳзаи лаззати ниҳоӣ Кара чунон фарёд баровард, ки ягон нафар аз қаҳрамонони наққошиҳои афсонавии муҳорибаҳои байни Эрону Тӯрон, ки ҳамдигарро бо шамшер пора мекунанд, ба он баробар шуда наметавонад; тарсидам, ки мабодо тамоми маҳалла шунавад. Аммо чун наққоши ҳақиқие, ки ҳатто дар лаҳзаи илҳоми олӣ, ки найи дасти ӯ бо амри Худованд ҳаракат мекунад, мазмун ва аломатҳои ишоратии саҳифаро ба ҳисоб мегирад, Кара низ дар лаҳзаи ҳаяҷони олии хеш олами атрофро аз ёд набурда буд:

– Ба ҷароҳатҳои падаратон марҳам гузоштам, мегӯйӣ, –маслиҳат дод сахт-сахт нафас кашида.

Ин ҳарфҳо на танҳо ба ишқи мо, ки базӯр байни маргу зиндагӣ, манъу иҷозат, тарсу шарм роҳ меёфт, рангу бӯй бахшиданд, балки узри ҳамешагиамон гаштанд. Баъди ин давоми бисту шаш сол, то он пагоҳие,

ки шавҳари дӯстдоштаам Кара дар назди чоҳ афтода, аз задани қалб даргузашт, бо ӯ ҳар рӯз вақти пешин ба хонае, ки аз роғи чорчӯбаҳои тирезааш базӯр нури офтоб медаромад, мебаромадем ва ба бехудӣ дода мешудем, ин ҳарфҳоро такрор мекардем: «ба ҷароҳатҳо марҳам молидан», зеро дар солҳои аввал аз ҳавлӣ, албатта, садои Шавкат ва Орҳан мебаромад. Шабҳо бошад, онҳо то дер бо ман дар як ҷойгаҳ мехобиданд, зеро намехостам бачаҳои бадрашкам аз падари навашон хафа бошанд. Ҳар як зани боақл медонад, ки бо кӯдаконаш оғӯш кашида хоб рафтан беҳтар аст назар бо шавҳари бадқавоқи дар зиндагӣ ҷабркашида.

Ҳамин тавр, мо, яъне, ман ва бачаҳо хушбахт будем, аммо Кара не. Кори ӯ омад накард. Метавон инро чунин шарҳ дод, ки шавҳари меҳрубонам, ҳамон тавре ки он вақтҳо аз забони баъзеҳо садо медод, «сақат» – маъюб буд, китфи росташ аз чап андак паст меистод, гарданаш бошад, ба таври аҷиб кач буд. Аслан, дуруст нигаред, ин маъюбӣ дар зиндагӣ душворие надошт. Ҳатто борҳо шунидам, ки баъзе занҳо ӯро аз дур дида, дилкаш ҳам номидаанд. Баъзан ба гӯшам ин фикрҳо ҳам мерасид, ки зани монанд ба манро шавҳаре мебояд, ки ба ӯ назарбаландона рафтор карда тавонам, аз ин рӯ, маъюбии Кара, албатта, аз як тараф, бадбахтист, аммо аз тарафи дигар, сабаби зиндагонии хушбахтонаи мо будааст.

Бояд гуфт, ки дар ин ғайбатҳо, чун анъана андаке ҳақиқат ҳаст. Аммо баъзан аз зиндагӣ чизи бештар мехоҳам. Баъзан бо ғусса фикр мекардам, ки ҳеч вақт наметавонам дар аспи зебо бо ифтихор нишаста, дар иҳотаи хизматгорон ва канизон дар кӯчаҳои Истанбул гардам, ҳарчанд, ба қавли Эстер, ба ин сазоворам, дар чунин ҳолатҳо зиндагиам нопурра ва ҳақирона менамояд; мешуд ҳолатҳое, ки афсӯс мехӯрдам, ки шавҳарам ба

онҳое, ки ҳамеша сарашонро боло гирифта, ба олам бо чашми ғолиб менигаранд, монанд нест.

Зеро Кара ҳамеша маъюс буд. Дарк мекардам, ки ин ҳолати ӯ ба норасоии ҷисмониаш вобаста нест, балки дар рӯҳи ӯ ҷини ғам хона андохтааст, аз ин рӯ, ҳатто дар лаҳзаҳои ширини қаробатамон изтиробе дошт. Барои ин ки ин ҷинро аз худ ронад ё ором созад, баъзан шароб менӯшид, баъзан китоб мехонд, асосан расмҳояшро аз назар мегузаронд, гоҳо ба назди рассомон мерафт ва бо онҳо, бо наврасони барно вақтхушӣ мекард. Ҳамин тавр, вақти зиёдашро бо наққошон, хаттотон ва шоирон гузаронда, бо онҳо ба суханбозӣ, ишораву шӯхиҳои фаҳш машғул мешуд, аммо лаҳзаҳое мешуд, ки ҳама чизро фаромӯш карда, ба кору хидмат дода мегашт: имкон пайдо шуд, ки ҳамчун котиб ба хидмати Эгри Сулаймон-пошо дарояд, замоне ин гуна вазифаро дар девон ба ҷо овардааст. Баъди чор сол подшоҳамон мурд, ба тахт Султон Маҳмуд нишаст, ки ба санъати наққошии китоб коре надошт. Аз он вақт Кара, ки муҳаббаташро ошкоро ба ҳунари наққошӣ изҳор мекард, инро пинҳон медоштагӣ шуд. Баъзан яке аз китобҳои аз падарам мондаро мекушод ва ба наққошиҳои дар Ҳирот, дар даврони Темуриҳо кашида дурудароз менигарист, бале, ба он манзараи дӯстдоштаи мо - ҳамоне, ки Ширин ба расми Хусрав нигариста, ошиқ мешавад; аз чашмони маъюси шавҳарам ҳувайдо буд, ки ӯ дар ин наққошӣ на истеъдоди баландеро, ки ҳоло ҳам дар дарбор баъзеҳо ба қадраш мерасанд, балки асрори азизу ба дил наздикеро мебинад, ки аз он танҳо хотира боқӣ мондааст.

Дар рӯзи сеюми ба тахт нишастани подшоҳи нав короли англис ба ӯ ба расми туҳфа соати аҷиби мусиқидор фиристод. Аз киштӣ ин соати бузургро дар шакли қисматҳои алоҳида, чарх, расм ва ҳайкалҳо фаровардand, баъд чанд ҳафта аз Англия бо киштӣ

устоҳо омада, қисматҳоро дар боғи дарунии қасри подшоҳ, дар баландӣ, ки ба халиҷ мебарояд, ба ҳам пайваст карданд. Дар рӯзи ба кор даромадани соат дар теппаҳои канори халиҷ одами зиёд ҷамъ шуд, онҳо пиёда ва заврақсавор омаданд; бо ҳайрат ва ҳаяҷон мушоҳида мекарданд, ки чӣ тавр таҳти мусиқии баланди воҳиманок ҳайкали ҳамқади одам ба таври давра ҳаракат мекунад, ҳаракатҳояш зебову нафис, чунонки онҳоро на дасти одамӣ, балки Худованд офаридааст. Соате як бор монанди садои зангӯлаи машҳури Истанбул садои баланди он мебаромад.

Аввал Кара ва Эстер хабар доданд, ки ин соат мақбули мардуми одии Истанбул гашта, ташвиши дурусти аҳли тақво ва подшоҳамонро бедор кардааст. Зеро он далели қувваи бузурги аҳли насоро буд. Баъди чанд сол подшоҳи минбаъда, султон Аҳмад боре шабона аз хоб бедор шуда, бо иродаи Худованд табар ба даст гирифт, ба чаҳорбоғи дохилӣ даромад ва соатҳоро бишкаст, аз ҳама бештар ба вайрон кардани ҳайкалҳо қувва сарф кард. Баъзеҳо мегӯянд, ки подшоҳамон дар хоб чеҳраи Пайғамбари акрам (с)-ро равшан дидааст, он кас ба ӯ гуфтаанд, ки агар подшоҳи давлати усмонӣ ба одамон имкон диҳад, ки барои сохтани одам бо Худованд мусобиқа кунанд, ҳамчунин, ба наққошӣ бо шавқу завқ нигоҳ карданро иҷозат диҳад, Худованд аз ӯ рӯй хоҳад гардонд; баъди ин подшоҳамон ҳамоно даст ба табар бурдааст. Иддае бошанд, бар онанд, ки подшоҳамон ҳамаи ин корро дар хоб анҷом дода, ихтиёр дар дасти худаш набудааст. Аммо чизе, ки муаррихи махсуси дарбор дар китоби «Таърихи салтанати Султон Аҳмад» бо дастури худи подшоҳамон навиштааст, фикри аввал тасдиқ шудааст... Оҳ, бубахшед, акнун ба ёдам омад, намепурсед, ки ин қиссаи соатро аслан барои чӣ нақл кардам?! Ин соат мавзӯи китоби зикршуда буд, китобе, ки

баъдҳо бо номи «Зубдат-ут-таворих» машҳур шуд. Ин китобест, ки хаттотон барои он соҳиби чанд халтача тилло шуданд, аммо дар он саҳифае наққошӣ нашудааст, зеро акнун наққошонро ба ороиши китоб роҳ намедоданд.

Ҳамин тавр, охирин олиҳаи гули сурхи мактаби наққошии усмонӣ, ки садҳо сол пеш аз Аҷамиён гузашта, акнун ба сабки алоҳидае табдил ёфта буд, ношукуфта пажмурд. Баҳсҳо байни тарафдорони услуби устодони куҳани Ҳирот ва сабкҳои нави ҳунармандони фарангӣ боиси ҷанҷолҳои байниҳамдигарии рассомон ва мушкилоти зиёд гашта, натиҷаи мусбат ба бор наовард. Санъати рассомӣ аз байн рафт, аз ҳамон вақт расм намекашанд - на ба шарқӣ, на ба ғарбӣ. Рассомон аз ин ҳама на ба хашм меомаданд, на шӯриш мебардоштанд, ҳамаи инро бо як итоати ғамолуд қабул карданд, зайле, ки мӯйсафедон дардҳоро. Касе акнун на медонист, на донистан мехост, ки устодони бузурги Ҳирот ва Табрез, ки наққошиҳояшон шавқу шӯреро ба миён меовард, ба чӣ кор машғуланд, касе дастовардҳои наққошони фарангиро, ки пеш усулҳояшон баъзан ҳисси нафрат ва гоҳо ҳасадро бедор мекард, донистан намехост. Санъати рассомӣ ба умқи торикӣ фурӯ рафт, ба монанди он ки дарвозаи шаҳрро шабона мепӯшанд, он чиз фаромӯш шуд, ки як вақтҳо оламро ба тарзи дигар дида метавонистем.

Китоби падарам, мутаассифона, нотамом монд. Наққошиҳои охирини партофтаи Ҳасан ба саҳифаи китобҳои дигар ворид карда, дар хазина нигоҳ дошта шуданд, китобдори чобук ва кордон зуд ба амалиёт шурӯъ кард: онҳоро бо бисёр расмҳои камарзиш якҷоя муқова баста, чанд мураққаъ ба вуҷуд овард. Ҳасан аз Истанбул гурехт ва аз ӯ дигар хабаре нашунидем. Шавкат

ва Орҳан ҳам фаромӯш накарданд, ки қотили бобояшонро на Кара, балки амакашон куштааст.

Устод Усмон баъди ду соли худро нобино кардан аз олам гузашт, ба ҷойи ӯ саррассом Лаклак таъин шуд. Парвона, ки ба истеъдодаш падари раҳматиам тан дода буд, солҳои охири умрашро ба рангбандии гилем, матоъ ва хаймаҳо бахшид. Шогирдони ҷавонтари наққошхона низ ба чунин корҳо машғул шуданд. Касе даст кашидан аз рассомиро бохти калон намеҳисобид. Шояд барои ин ки ки ягон нафари онҳо тарҳи рӯйи дар коғаз кашидаашро надидааст.

Тамоми умр пинҳонӣ дар бораи ду расм зиёд орзу мекардам, инро ба касе нагуфтаам.

1.Мехоҳам расмамро кашанд. Аммо медонам, ки бо вуҷуди ғайрати зиёд ин имконнопазир аст, чунки ҳеч як аз рассоми подшоҳамон, ҳатто агар имкони ҳусну ҷамоли ҳақиқиамро дидан пайдо кунад, мутаассифона, ҳеч вақт бовар намекунад, ки то чашму лабонро ба монанди чиниҳо накашанд, рухсори як бону ин қадар зебо мешуда бошад. Агар монанди устодони куҳани ҳиротӣ чун як зебосанами чинӣ кашанд, шояд шиносонам дар паси зебодухтари чинӣ чеҳраи маро пай баранд. Аммо ояндагон, ҳатто дар асл тангчашм набудани маро пай баранд ҳам, чӣ тавр будани чеҳраамро ҳеч вақт нахоҳанд донист. Имрӯз, ки дар бузургсолӣ ягона тасаллоям писаронам мебошанд, чӣ қадар хушбахт мебудам, агар як расм аз симои ҷавониам медоштам!

2.Чизе, ки шоири ранӣ Сари Нозим[144] *дар як маснавиаш ба он тавоҷҷуҳ кардааст: Мехоҳам расми хушбахтиро кашанд. Чӣ тавр шудани онро худам хуб тасаввур мекунам. Расми як модар кашида шавад, бо ду бачааш; хурдӣ дар бағали ӯ хурсандона сина мемакад, нигоҳи*

[144] Шахсияти бофтаи нависанда, ки то андозае Нозим Ҳикмати Ранӣ (1902–1963)-ро пеши назар меорад.

хушбахтонаву хандони модар ва нигоҳи андаке ҳасадомези писари калонӣ ба ҳам бархӯрдааст. Мехоҳам дар ин расм модар ман бошам, ҳамчунин, дар осмон монанд ба усули устодони қадими Ҳирот, ки метавонистанд вақтро нигоҳ доранд, парандаеро кашанд, ки дар як вақт ҳам мепарад ва ҳам дар замони беинтиҳои хушбахтона беҳаракат истодааст. Медонам, ин осон нест.

Писари ман Орҳан, чунон беақл аст, ки мехоҳад ба ҳама чиз тавассути ақли хеш ноил гардад, солҳои дароз маро бовар кунонданӣ мешавад, ки расми фикркардаи хушбахтии маро касе наметавонад кашад, зеро устодони куҳани Ҳирот, ки метавонистанд замонро нигоҳ доранд, ҳеч вақт наметавонанд монандии зоҳирии маро бо модар ба вуҷуд оранд, аммо рассомони фарангӣ, ки танҳо аз дасташон кашидани расми модар бо тифл меояд, замонро боздошта наметавонанд.

Шояд ҳақ бошад. Ба инсон, аслан хандаи хушбахтонаи дар коғаз кашида не, балки хушбахтии ҳақиқӣ лозим аст. Наққошон инро донанд ҳам, расмашро кашида наметавонанд. Аз ин сабаб, ба мо ба ҷойи хушбахтии ҳақиқӣ бахти сохтаро нишон медиҳанд.

Аз ин рӯ, ин қиссаро, ки расмашро кашидан душвор аст, аммо метавон навишт, ба писарам Орҳан нақл кардам. Мактубҳои ба ман навиштаи Ҳасан ва Кара, расми аспи намкашидаи аз ҷайби бечора Зариф-афандӣ пайдошударо бе дудилагӣ ба ӯ додам. Ӯ одами ҳар замон асабӣ, номуросо ва бебахт аст, аз ҳарфи сахт дар ҳаққи касе, ки писандаш нест, наметарсад. Аз ин рӯ, агар Кара нисбатан ноуҳдабаро, ҳаётамон нисбатан душвор, Шавкат бачаи бад ва ман нисбатан зебо ва сабукфикр тасвир шавам, ба Орҳан бовар накунед. Зеро ба хотири аҷоиб баромадани қисса ва боварибахш буданаш ҳар хел дурӯғҳо мебофад.

1990–92, 1994–98

Мундарича

1. Мақтуле ҳастам ман..……...12
2. Номи ман Кара аст……...17
3. Ман– саг……..…23
4. Қотил мененамд маро……..…29
5. Ман– Эниште, язнаи шумо……..…39
6. Ман– Орҳан……47
7. Номи ман Кара аст……..……..…52
8. Номи ман Эстер аст……..…57
9. Ман– Шакура……..……62
10. Ман як дарахтам……74
11. Номи ман Кара аст……80
12. Маро Парвона мененамд……..…99
13. Маро Лаклак мененамд……..……109
14. Маро Зайтун мененамд……118
15. Номи ман Эстер аст……..……128
16. Ман– Шакура……135
17. Ман– язнаи шумо……..……141
18. Қотил мененамд маро……..…149
19. Ман– пул……..……157
20. Номи ман Кара аст……..……163
21. Ман– язнаи шумо……..……169
22. Номи ман Кара аст……..……175
23. Қотил мененамд маро……..……182
24. Номи ман Марг аст……..……188
25. Номи ман Эстер аст……..……194
26. Ман – Шакура……203
27. Номи ман Кара аст……...…223
28. Қотил мененамд маро……232
29. Ман– язнаи шумо……..……249
30. Ман–Шакура……..……267
31. Номи ман Сурх аст……279
32.Ман– Шакура……..……284

33. Номи ман Кара аст……..….292
34. Ман– Шакура……..…310
35. Ман– асп…….326
36. Номи ман Кара аст…….…….330
37. Ман– язнаи шумо……..344
38. Ман– устод Усмон…….350
39. Номи ман Эстер аст…….…….361
40. Номи ман Кара аст…….…….368
41. Ман– устод Усмон…….……..375
42. Номи ман Кара аст……...……397
43. Маро Зайтун меноманд……413
44. Маро Парвона меноманд…….....415
45. Маро Лаклак меноманд…….……417
46. Қотил меноманд маро…….……420
47. Ман– шайтон…….……433
48. Ман– Шакура……..…441
49. Номи ман Кара аст……...…445
50. Мо– ду дарвеш ……..……462
51. Ман– устод Усмон……..…466
52. Номи ман Кара аст……...……487
53. Номи ман Эстер аст……..……508
54. Ман– зан……..…526
55. Маро Парвона меноманд……532
56. Маро Лаклак меноманд……...…548
57. Маро Зайтун меноманд……558
58. Қотил меноманд маро……...…570
59. Ман– Шакура…….602

Орҳан Памук

НОМИ МАН СУРХ АСТ

Тарҷумаи
Муҳаммадшариф РУСТАМЗОДА

БИ № 5750

Китоб бо тамғаи нашриёти
«Ирфон» *чоп шудааст*

Ба чоп 10. 02. 2017 имзо шуд. Андозаи коғаз 60х84 1/16.
Чопи офсетӣ. Коғази офсетӣ. Ҳуруфи Times New Roman Tj.
Ҷузъи чопӣ 36.5 Адади нашр 200 нусха

ҶДММ «Меҳроҷ Граф»
ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126